Мақола ба баррасии масоили ба ҷойи кор таъмин намудани хатлониҳои муҳоҷир дар минтақаҳои Федератсияи Россия бахшида шудааст. Федератсияи Россия барои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити даврони пасошӯравӣ наҷотдиҳанда аз бӯҳрони иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ гардид. Чунки дар солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва баъд аз ин рӯйдоди номатлуб байни ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ Федератсияи Россия ягона ҷумҳурӣ буд, ки дар шароити ногувори он давра халқи тоҷикро дастгирӣ намуд. Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки майлу рағбат нисбати муҳоҷирати меҳнатӣ дар навбати аввал ҷавонони то сини 29-сола зоҳир менамояд, ки ба шумораи онҳо қариб 53% тамоми муҳоҷирон рост меояд, 44,4% муҳоҷиронро дар умум шахсони 30-39-сола ташкил медиҳанд (аз рӯи маълумоти Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон). Аз рӯи маълумоти раисони иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятии тоҷикон диаспораи тоҷикон аллакай аз миёнаи солҳои 1990 басозмондиҳии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оғоз намуд. Ҳамин тариқ, дар Москва дар умум дар соли 2006 қариб 7 чунин иттиҳодия фаъолият дошт, ки 3 – тои он расман дар Бошишгоҳи миллии Москва ба қайд гирифта шудааст. Инчунин қайд мегардад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба талабот ва шароитҳои бозори меҳнати Федератсияи Россия мутобиқ карда шудааст. Шароитҳои иқлимӣ мавсимӣ будани меҳнатро дар Россия, махсусан барои соҳаи сохтмон, саноати иктишоф, кишоварзӣ, савдои чаканаи кӯчагӣ ва хӯроки умумӣ, яъне он бахшҳоеро, ки дар он аксарияти муҳоҷирони Тоҷикистон меҳнат менамоянд, шарҳ медиҳанд.

Калидвожаҳо: муҳоҷирати меҳнатӣ, ба ҷойи кор таъмин намудани хатлониҳои муҳоҷир дар Федератсияи Россия, масоил ва ҳалли онҳо, майл ба муҳоҷирати меҳнатӣ, мавсимӣ будани кор дар Россия.

ПРОБЛЕМА ТРУДОУСТРОЙСТВА ХАТЛОНЦЕВ - МИГРАНТОВ В РЕГИОНАХ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

Статья посвящена рассмотрению проблем трудоустройства хатлонцев - мигрантов в регионах Российской Федерации. Российская Федерация для суверенного Таджикистана в условиях постсоветского периода являлась спасителем таджикского народа от экономического и военно-политического кризиса. Ибо в тяжелые годы гражданской войны в Таджикистане, и после этого нежелательного инцидента среди всех бывших союзных республик, РФ оказалась единственной республикой, которая в условиях страшной беды взяла в свои объятия

таджикский народ. Автор также отмечает, склонность к трудовой миграции проявляет, в первую очередь, молодежь в возрасте до 29 лет, на долю которой приходится около 53% всех мигрантов, 44,4% в общей численности трудовых мигрантов составляют лица в возрасте 30-39 лет (по данным Государственного комитета статистики РТ).По сообщениям председателей различных таджикских общественных объединений, таджикская диаспора еще с середины 1990 года стала создавать свои общественные объединения. Так, всего в Москве в 2006 году действовали около 7 таких объединений, 3 из которых официально зарегистрированы при Московском доме национальностей.Также отмечается, что трудовая миграция из Таджикистана приспособлена к потребностям и условиям рынка труда Российской Федерации. Климатические условия объясняют сезонность труда в России, особенно характерную для строительства, добывающей промышленности, сельского хозяйства, розничной уличной торговли и общественного питания, т.е. секторов, где трудится большинство мигрантов из Таджикистана.

Ключевые слова: трудовая миграция, трудоустройство хатлонцев - мигрантов в регионах Российской Федерации, проблемы и их решение, склонность к трудовой миграции, сезонность труда в России.

THE PROBLEM OF EMPLOYMENT OF KHATLONS - MIGRANTS IN THE REGIONS OF THE RUSSIAN FEDERATION

The article is devoted to the consideration of the problems of employment of Khatlon residents - migrants in the regions of the Russian Federation. The Russian Federation for sovereign Tajikistan in the post-Soviet period was the savior of the Tajik people from the economic and military-political crisis. For during the difficult years of the civil war in Tajikistan, and after this undesirable incident among all the former Soviet republics, the Russian Federation turned out to be the only republic that, in the midst of a terrible disaster, took the Tajik people into its arms. The author also notes that the propensity to labor migration is shown, first of all, by young people under the age of 29, which account for about 53% of all migrants, 44.4% of the total number of labor migrants are persons aged 30-39 (according to According to the chairmen of various Tajik public associations, the Tajik diaspora began to create its own public associations since mid-1990. Thus, in total in Moscow in 2006 there were about 7 such associations, 3 of which are officially registered at the Moscow House of Nationalities. It is also noted that labor migration from Tajikistan is adapted to the needs and conditions of the labor market of the Russian Federation. Climatic conditions explain the seasonality of labor in Russia, which is especially typical for construction, mining, agriculture, street retail and public catering, i.e. sectors where most migrants from Tajikistan work.

Key words: labor migration, employment of Khatlon residents - migrants in the regions of the Russian Federation, problems and their solution, propensity to labor migration, seasonality of labor in Russia.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷалилов Маҳмадулло Шамсиллоевич*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 904-11-02-66.** E-mail**: ktsu 78@ mail. ru**

Алимов Давлаталӣ Халилович. - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Телефон::919-36-35-44

Сведения об авторе: ***Джалилов Махмадулло Шамсиллоевич*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры права и государственного управления. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 904-11-02-66.** E-mail**: ktsu 78@ mail. ru**

Алимов Давлатали Халилович - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой всеобщей истории. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон:**919-36-35-44**

Information about the author: ***Jalilov Makhmadullo Shamsilloevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, lecturer at the Department of Law and Public Administration. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **(+992) 904-11-02-66**. E-mail: **ktsu 78 @ mail. ru**

Alimov Davlatali Khalilovich - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of historical sciences, associate professor, head of the department of general history. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone**: 919-36-35-44**

УДК 66.4 + 66.49 + 66.5(2Тоҷик)

АНЪАНАҲО: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

Нуриддинов Р.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ илми алоҳида буда, таърихи дипломатия, ҳуқуқи байналхалқӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ, стратегияи ҳарбӣ ва бисёр дигар фанҳоро, ки ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи барои онҳо ягонаро меомӯзанд, дар бар мегирад. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ маҷмӯи хулосаҳои бунёдие мебошад, ки аз тарафи мактабҳои назариявӣ пешниҳод мешаванд. Тавре ки С. Хоффманн таъкид менамояд, назарияи муносибатҳои байналхалқӣ», аз як тараф хеле қадим ва аз тарафи дигар, ҷавон мебошад. Ҳанӯз дар даврaҳои қадим фалсафа ва таърихи сиёсӣ сабабҳои низоъҳо ва ҷангҳо,

воситаҳо ва усулҳои таъмини субот ва сулҳ байни халққҳо, қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи онҳо ва ғайраро ба миён мегузоштанд. Аммо омӯзиши системавии падидаҳо ва ошкор намудани моҳияти онҳо дар давраи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ, дар нимаи аввали асри XX оғоз гардид. Фақат дар солҳои 50–60–уми асри XX назарияи муносибатҳои байналхалқӣ аз «буғикунонии» илми таърих ва «фишори» илми ҳуқуқӣ раҳоӣ меёбад [7, с.76]. Дар ҳамин давра шаклгирии сотсиологияи муносибатҳои байналхалқӣ, чун фанни мустақил сурат гирифт. Солҳои 70–уми асри XX боз як самти дигари илми муносибатҳои байналхалқӣ — иқтисоди сиёсии байналхалқӣ зуҳур намуд. Дар доираи назарияи муносибатҳои байналхалқӣ доир ба масъалаҳои асосии он мубоҳисаҳои бузург авҷ гирифтанд [7, с.77]. Олими англис С. Смит дах мубоҳисаро таъкид намудааст, ки асосии онҳоро нуқтаи назари гуногун ба мавзӯъ ва объекти тадқиқот ташкил медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат проблемаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд.

Гурӯҳи якуми донишмандон меъёрҳои ҷуғрофиро ба инобат гирифта, назарияҳои англосаксонӣ, шӯравӣ ва хитоии муносибатҳои байналхалқиро ҷудо мекунанд.

Гурӯҳи дувуми донишмандон тақсимбандии худро ба асоси умумияти назарияҳои баррасишаванда бунёд карда, назарияҳои реализми сиёсӣ, таърихи фалсафа ва мактаби бихевиористиро ҷудо мекунанд. Муҳаққиқи швейтсарӣ Ф. Брайар ба назарияҳои зикргардида, реализми сиёсӣ, сотсиологияи таърихӣ ва консепсияи марксистӣ–ленинии муносибатҳои байналхалқиро дохил мекунад.Ба назарияҳои инфиродӣ — назарияи актарҳои байналхалқӣ (Б. Корани); назарияи алоқамандӣ дар доираи низоми байналхалқӣ (Д. Моделски, С. Амин, К. Кайзер); назарияи стратегия, низоъҳо ва тадқиқоти ҷаҳон (Л. Пуаре, Д. Сингер, Й. Галтун); назарияи ҳамгироӣ (А. Этсиони, К. Дойч) ва назарияи созмонҳои байналхалқиро (И. Клод, Ж. Сиотис, Э. Хаас) дохил мекунанд.

Гурӯҳи севуми донишмандон чунин мешуморанд, ки меъёри асосии тақсим методе мебошад, ки ин ё муҳаққиқ ба кор мебарад.

Гурӯҳи чоруми донишмандон тақсимбандиро аз рӯйи проблемаҳои марказии хосси ин ё он назария анҷом медиҳанд.

Гурӯҳи панҷуми донишмандон ба меъёрҳои комплексӣ такя мекунанд (Б. Корани) ва тақсимбандии назарияи муносибатҳои байналхалқиро ба асоси истифодаи методҳо («классикӣ» ва «модернистӣ») ва дарки консептуалии ҷаҳон («либералӣ–плюралистӣ» ва «материалистӣ–структуралистӣ») анҷом медиҳанд [7, с.78].

Дар маҷмӯъ, аксари донишмандон чунин мактабҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ — реализми сиёсӣ (Г. Моргентау; Р Арон; Х. Бул), бихевиоризм (Д. Сингер; М. Каплан), марксизми классикӣ (К. Маркс; Ф. Энгелс; В.И. Ленин) ва неомарксизмро (И. Валлерстайн; С. Амин; А. Франк; Ф. Кардозо) ҷудо менамоянд.

Д. Коляр назарияҳои классикии реализми сиёсӣ, идеализми сиёсӣ, марксистӣ, ҷараёни англосаксониро ҷудо менамояд. М. Мерл чунин мешуморад, ки самтҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар назарияи суннатгароён — ворисони мактаби классикӣ (Г. Моргентау, С. Хоффманн, Г. Киссинҷер), консепсияҳои сотсиологии англосаксонии бихевиоризм ва функсионализм (Р. Кокс, Д. Сингер, М. Каплан, Д. Истон) ва ҷараёни марксистӣ ва неомарксистӣ (П. Баран, П. Суизи, С. Амин) ифода меёбанд.

Дар таърихи назарияи муносибатҳои байналхалқӣ саҳми Фукидид ва Ситсерон, Э. фон Ваттел ва Т. Гоббс, Ҷ. Локк ва Г. Гротсий, Д. Юм ва И. Кант ва дигар мутафаккирони бузурги таърихи инсоният азим аст. Яке аз нахустин мероси хаттӣ, ки ба таҳлили амиқи муносибатҳои байни воҳидҳои мустақили сиёсӣ бахшида шудааст, «Таърихи ҷанги Пелопоннес дар ҳафт китоб» мебошад, ки бештар аз ду ҳазор сол қабл, аз тарафи Фукидид (солҳои 471–401 то мелод) навишта шудааст. Бисёр нуктаҳо ва хулосаҳои ин таърихнигори Юнони қадим аҳамияти худро то рӯзҳои мо аз даст надодаанд, ва орзуи

ӯро ҷомаи амал пӯшонидааст, ки гуфта буд: «Ин асар то абад боқӣ хоҳад монд ва он барои ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд дар бораи гузашта, ки метавонад аз рӯйи табиати инсонӣ ягон вақт дар оянда ба ҳамон шакл такрор шавад, тасаввуроти равшан дошта бошанд, фоидаовар хоҳад буд» [7, с.78-79]. Сабабҳои ҷанги чандсола ва хастакунандаи байни афинагиҳо ва лакедемониҳоро таҳлил намуда, ин таърихнигори қадим ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки ин халқҳо нисбатан муқтадир ва пешрафта буданд ва ҳар кадоми онҳо бар иттифоқчиёни худ ҳукмрон буданд.

Вай таъкид намудааст, ки: «…аз замони ҷанги Форс ва то ин ҷанг, афинагиҳо ва лакедемониҳо ё байни худ ё бо иттифоқчиёни худ мудом ё иттиҳод мебастанд, ё ки аз онҳо ҷудо мешуданд ва ҷанг мекарданд ва бад-ин тартиб, дар кори ҳарбӣ ва дар байни хатарҳо тақвияту обутоб меёфтанд ва таҷрибаи калон меандӯхтанд. Азбаски ҳарду давлати муқтадир ба як навъ империя табдил ёфта буданд, тақвияти яке, онҳоро водор мекард ин роҳро идома диҳанд, онҳоро барои тобеи худ кардани атрофиён тела медод, то таъсиру нуфузи худро ҳифз намоянд. Дар навбати худ, «империя»–и дигар ва шаҳр–давлатҳои хурд низ дар баробари чунин тақвият тарсу нигарониро эҳсос карда, барои тақвияти қудрати мудофиавии худ чораҳо меандешиданд. Бад-ин тартиб, давлатҳо даргири доираи сарбастаи низоъ мешуданд, ки дар ниҳоят, ногузир ба ҷанг меанҷомид. Барои ҳамин Фукидид аз худи аввал, сабаби ҷанги Пелепоннессро аз баҳонаҳои гуногун барои ҷанг ҷудо мекард: «Ҳақиқатноктарин баҳона, гарчи дар забон ва нисбатан ниҳон буд, ба ақидаи ман, дар он аст, ки афинагиҳо бо тақвияти худ лакедемониҳоро ба ҳарос афканда, ба ин восита онҳоро ба шурӯи ҷанг водор карданд». «Лакедемониҳо эътироф мекарданд, ки сулҳ вайрон шуд ва бояд ҷангро сар кард. Ҷанг на танҳо таҳти таъсири иттифоқчиён, балки аз тарс дар баробари ҳарос аз тақвияти минбаъдаи иқтидори афинагиҳо сар шуд…» [7, с.80]. Таърихнигори Юнони қадим таъкид менамояд, ки далели асосӣ ва бештар эътимодноки танзими низоъ байни ду воҳиди сиёсӣ фақат қувва буда метавонад. Масалан, сафирони Афина аз як тараф лакедемониҳоро ба ҳифзи сулҳ моил сохта, аз тарафи дигар бар он ишора мекарданд, ки давлати онҳо чи қадар муқтадир аст. Онҳо иқтидор ва ҳокимияти худро бар дигар давлатҳо сафед карда, мегуфтанд: «Чунин тартиботро мо ҷорӣ накардаем, он аз азал вуҷуд дорад, яъне заифро неруманд бозмедорад».

Ба ақидаи Фукидид, неру ва иқтидори давлат ягона мақсад нест. Он барои ҳифзи манфиатҳои давлат, шараф ва амнияти он фақат чун василаи асосӣ хизмат мекунад. Афинагиҳо мегуфтанд: «Мо маҷбур будем давлати худро қабл аз ҳама, ба сабаби вазъияти мавҷуда, бештар аз ҳама, ба сабаби тарс дар баробари форсҳо, баъдан ба сабаби эҳсоси шараф ва ниҳоят, ба хотири манфиатҳои мо, ба ҳолати кунунӣ расонем».

Зоҳиран, Фукидид асло ситоишгари зӯроварӣ намебошад, вай фақат бо таассуф ногузирии онро, ки дар табиати худи инсон ниҳон аст ва дар ҳолатҳои фавқулода зуҳур менамояд, таъкид мекунад. Фукидид фоида ва зарурати меъёрҳои ҳуқуқиро дар муносибатҳои байни давлатҳо инкор намекунад, вале таъкид менамояд, ки ҳангоми низоъ дар сурати арзёбии ҳақиқӣ… ҳуқуқ фақат дар сурати баробарии қувваи ҳарду тараф аҳамияти ҳалкунанда дорад; ва агар чунин баробарӣ набошад, неруманд ҳар чиро ки мехоҳад, онро мекунад ва заиф таслим мешавад. Аммо дар робита ба ахлоқ бояд гуфт, ки дар муносибатҳои байнидавлатӣ зуҳури олии ахлоқ метавонад фақат миёнаравӣ дар истифодаи қувва бошад. Бинобар ин, оне, ки таслими ҳамбаробари худ намешавад, оне, ки ба зӯртар хуб муносибат мекунад, оне, ки нисбат ба заифтар миёнаравтар аст, бештар муваффақ мешавад. Воқеъбинӣ ва амиқии таҳлили рӯйдодҳо, пешгӯӣ ва инкишофи бисёр назарияҳои муносибатҳои байналхалқӣ аз тарафи Фукидид боиси он шуд, ки вай сардафтари яке аз анъанаҳои бонуфузи илми муносибатҳои байналхалқӣ гардад.

Минбаъд ин анъана, ки номи классикиро ба худ гирифт, дар осору ақидаҳои Н. Макиавелли (1469–1527), Т. Гоббс (1588–1679), Э. де Ваттел (1714–1767) ва дигар мутафаккирон идома ёфта, дар асри XVIII дар осори генерали германӣ (Пруссия) К. фон Клаузевитса (1780–1831) такмил ёфт. Т. Гоббс чунин ақида дорад, ки инсон табиатан мавҷуди худхоҳ аст. Дар вай хоҳиши доимии ҳукмрон будан ниҳон аст. Аммо азбаски

одамон табиатан аз рӯйи қобилияту истеъдод баробар нестанд, рақобати онҳо, нобоварӣ ба ҳамдигар, тамоюл ба соҳиби неъматҳои моддӣ шудан, майл ба обрӯ ва шараф ҳамеша боиси ҷанги ҳама ба муқобили ҳама ва инсон барои инсон гург аст, мегардад ва ин вазъи табии муносибати байни одамон мебошад. Ба хотири даст кашидан аз нобудии якдигар дар ин ҷанг, одамон зарурати бастани созиши иҷтимоиро эҳсос мекунанд, ки натиҷаи он давлат — Левиафан мебошад. Ин ба воситаи ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба манфиати давлат дар ивази кафолати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳ ва амният амалӣ мешавад. Аммо, агар муносибати байни одамони алоҳида ба маҷрои иҷтимоӣ дарояд ҳам, вале муносибатҳои байнидавлатӣ дар ҳолати табиӣ боқӣ мемонанд. Давлат чун ниҳоди мустақил бо ягон маҳдудият вобастагӣ надорад. Ба ҳар як давлат он чиз тааллуқ дорад, ки вай тавоноии гирифтани онро дорад ва то вақте ки тавонии нигоҳдории ин чизи ғасбкардаро дорад. Ягона «танзимгари» муносибати байни давлатҳо қувва мебошад ва худи иштирокчиёни ин муносибатҳо дар вазъияти гладиатор қарор доранд, ки аслиҳаро тайёр нигоҳ дошта, ҳушёрона рафтори якдигарро мушоҳида мекунанд. Яке аз навъҳои ин анъана назарияи тавозуни сиёсӣ аст, ки мутафаккири голландӣ Б. Спиноза (1632–1677), файласуфи англис Д. Юм (1711–1776) ва ҳуқуқшиноси швейтсарӣ Э. де Ваттел аз он пайравӣ кардаанд. Э. де Ваттел, бар хилофи Т. Гоббс, ба муносибати байни давлатҳо хушбинона нигоҳ мекунад. Вай чунин мешуморад, ки ҷаҳон, ҳадди ақал Аврупо, дигар шудааст: Аврупо акнун аз низоми сиёсӣ то ҳадде ягона аст, ки дар он ҳама чиз бо якдигар ва бо манфиатҳои гуногуни миллатҳои сокини ин қитъа алоқаманд аст. Он мисли пеш, вақте ки ниҳодҳои алоҳидаи он беназм буданд, ҳар кадоми онҳо нисбат ба сарнавишти якдигар беэътино буданд ва ба он чи ки бевосита ба онҳо дахл надошт, кам таваҷҷуҳ мекарданд, нест. Э. де Ваттел қайд мекунад, ки маҳз андешаи баробарии сиёсӣ, баробарии ҳокимиятро ба вуҷуд овард. Яъне, ҳеҷ як давлат дар Аврупо тавоноии онро надорад, ки бар дигарон бартарӣ дошта бошад ва қонунҳои худро ба онҳо таҳмил намояд.

Э. де Ваттел мутобиқи анъанаи классикӣ чунин мешуморид, ки дар муқоиса бо манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои шахсии одамон дуюмдараҷа мебошанд. Вай таъкид мекард, ки агар сухан дар бораи нақоти давлат равад, набояд беш аз ҳад эҳтиёткор буд. Агар хеле зуд ба таҳдиду хатар бовар кард, пас, ҳамсоя айбдор аст, ки қасди худхоҳонаи худро бо аломатҳои гунонун нишон медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҷанги пешгирикунанда ба муқобили ҳамсояи сарбардошта, қонунӣ ва одилона аст.

Аммо чӣ кор бояд кард, агар қувваи ҳамсоя аз қувваи дигар давлатҳо бартарӣ дорад? Дар чунин ҳолат, Э. де Ваттел посух медиҳад, ки беҳтар, дурусттар ин хоҳад буд, ки …бояд иттифоқ баст, то якҷоя бо давлати қудратманд муқобила кард ва барои таҳмил кардани иродаи ин давлати қудратманд ба дигарон монеа кард. Алҳол давлатҳои мустақили Аврупо чунин мекунанд. Онҳо дар рақобати ду абарқудрат, ки рақиби табиӣ мебошанд, бо давлати заиф муттаҳид гашта, таносуби қувваро нигоҳ медоранд. Дар асри XIX анъанаи классикӣ дар ақидаи К. фон Клаузевитс, дар асари ӯ «Дар бораи ҷанг» ифодаи худро ёфт:

1. К. фон Клаузевитс на танҳо тезис дар бораи ин ки муносибатҳои байналхалқӣ моҳияти муносибатҳои байнидавлатӣ мебошанд, ҳақиқати баҳснопазир меҳисобад, балки худи сиёсатро чун муносибати воҳид ва комили стратегии давлат нисбат ба ҷаҳони беруна шарҳу тафсир медиҳад ва такрор ба такрор таъкид менамояд, ки ҷанг фақат аслиҳа, воситаи сиёсат мебошад.

Бо назардошти ин вай таъкид мекунад, ки агар ҳадафи аввалияи ҷанг расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ бошад, пас табиист, ки далели сар задани ҷанг мақсаду ниятҳои олие мебошанд. Ва ҳама вақт дар хотир бояд дошт, ки маҳз нияти сиёсӣ ҳадаф мебошад ва ҷанг фақат восита мебошад ва ҳеҷ гоҳ восита бе ҳадаф буда наметавонад.

2. К. фон Клаузевитс ба душвориҳои баҳсҳои дохилисиёсӣ, ки бартарии вазифаҳои сиёсати хориҷии давлатро таҳти шубҳа қарор намедиҳад, таваҷҷуҳ намекунад. Вай менависад: «Метавон бо ин чиз розӣ шуд, ки ҳадафи сиёсат мутобиқсозии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти вазифаҳои дохилӣ ва арзишҳои маънавӣ мебошад. Табиист, ки

сиёсат ба худии худ ҳеҷ чиз аст. Он фақат ифодаи манфиатҳо дар ҷаҳони беруна мебошад». 3. К. фон Клаузевитс аз анъанаи классикӣ пайравӣ намуда, рушди минбаъда ва ташаккули назарияи реализми сиёсиро ба назар гирифта, чунин мешуморад, ки асоси сиёсатро тағйирнопазирии табиати инсонӣ ташкил медиҳад, бинобар ин, сиёсат метавонад дар асоси қонунҳои муайян ба нақша гирифта шавад. Вазъияти байналхалқӣ дар унсурҳои зерин ифода меёбанд: омилҳои табиӣ, ки зӯрӣ, бадбинӣ ва хусумати табииро дар бар мегиранд; ирода, озодиҳои инсонӣ, ки омилҳои фавқулода муҳим буда, дар доираи қонунҳои табиӣ ва бозиҳои тасодуф маҳдуданд; сиёсат, ҳамчун ифодаи муносибати оқилона нисбат ба ду унсури зикршуда [7, с.83-84].

Бад-ин тартиб, ҷанг «аз сегонаи аҷиб иборат аст: зӯрӣ чун унсури аввалияи он; бадбинӣ ва хусумат, чун ғаризаи кӯр–кӯронаи табиӣ; бозиҳои тасодуфӣ ва эҳтимолӣ, ки ҷангро ба як фаъолияти озод ва рӯҳӣ мубаддал месозанд ва аз тобеияти ҷанг ба сифати аслиҳаи сиёсат, ки ба туфайли он ба ақли солим тобеъ мешавад.

Ҳамзамон бо анъанаи классикӣ, анъанаи дигаре ташаккул меёбад, ки асосгузорони он файласуфи доминиканӣ Ф. де Витория (1480–1546), ҳуқуқшиноси голландӣ Г. Гротсия (1583–1645), намояндаи фалсафаи классикии германӣ И. Кант (1724–1804) ва дигар мутафаккирон мебошанд. Асоси онро андешаҳои ваҳдати ахлоқӣ ва сиёсии инсоният, ҳуқуқи дахлнопазири табиии инсон ташкил медиҳанд. Дар тафсири Ф. де Витория, авлавият дар муносибати инсон бо давлат ба инсон тааллуқ дорад, давлат бошад, фақат як зарурати сода буда, масъалаи ҳастии инсонро осон мекунад. Ваҳдати инсонӣ тақсими инсониятро ба давлатҳои алоҳида дувумдараҷа ва сунъӣ месозад. Ҳуқуқи одӣ ва табиии инсон ҳуқуқи рафтуомади озодонаи вай мебошад. Ба ибораи дигар, Ф. де Витория ҳуқуқи табиии инсонро болотар аз ҳуқуқи давлат мегузорад ва ба ин тартиб, ҳатто аз тафсири муосири либералӣ–демократии масъалаи мазкур пеш мегузарад.

Тарафдорони ин андеша ба таъмини сулҳи абадӣ байни одамон ё тавассути танзими ҳуқуқӣ ва ахлоқии муносибатҳои байналхалқӣ, ё амалисозии зарурати таърихӣ, эътиқод доранд. Ба ақидаи И. Кант, мисли он ки муносибати байни одамони алоҳида ба зиддиятҳою ғараз асос ёфтааст ва ногузир ба барқароршавии ҷомеаи ҳуқуқӣ оварда мерасонад, муносибати байни давлатҳо ҳам бояд дар оянда ба сулҳи абадии танзимшаванда табдил ёбад. Намояндагони ин андеша на танҳо аз моҳият, балки аз зарурат бармеоянд, ба андешаҳои дахлдори фалсафӣ ва далелҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ такя намуда, ҳуқуқи дахлнопазири шахсиятро ҳимоя мекунанд, бинобар ин, равияи мазкур номи мактаби либералӣ–идеалистиро гирифтааст. Дар доираи ин андеша, байни ақидаи И. Кант ва Ф. де Витория аз як тараф ва ақидаи Г. Гротсий аз ҷониби дигар, як фарқияти ҷиддӣ аст. Сухан дар бораи он меравад, ки М. Уайт онро фарқ байни инқилобчиён ва ратсионалистон номидааст. Инқилобчиён ба авлавияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқи дахлонпазиру абадӣ ва табиии инсон исрор меварзанд. И. Кант навиштааст: …Сарфи назар аз ҳар гуна қурбонӣ аз тарафи доираҳои ҳукмрон, ҳуқуқи инсон бояд муқаддас шуморида шавад. Бинобар ин, ба ақидаи вай, дар андешаҳои сиёсӣ, бояд на некуаҳволӣ ва хушбахтии давлат, на мақсадҳое, ки давлатҳо дар назди худ мегузоранд (на аз хоҳиш), чун усули олии (аммо эмпирикӣ) хиради давлатӣ, балки фаҳмиши вазифаи ҳуқуқӣ асос гирифта шавад, ки ***a priori*** **ақли кулл муайян кардааст**.

Тарафдорони ратсионализм ба аҳамияти меъёрҳои ҳуқуқии аз тарафи давлатҳо дар ҷараёни муошират онҳо тарҳрезӣ ва қабулшуда таваҷҷуҳ менамоянд. Ин меъёрҳо ба ҳуқуқу озодиҳои умумиинсонӣ, ахлоқӣ, умумӣ ва дахлнопазир такя карда, дар амалияи муносибатҳои байналхалқӣ масъалаҳои ҷанг ва сулҳро инъикос менамоянд, мавриди таҷдид қарор намегиранд, ба вайрон кардани онҳо бе оқибати ҷиддӣ барои сулҳ ва субот роҳ намедиҳанд. Фарқияти зикршуда дар пасманзари проблемаҳои ба ном мудохилаи башарӣ ва консепсияи амният аҳамияти истисноӣ пайдо мекунад. Ба вуҷуд омадани марксизм дар миёнаи асри XIX боиси ба вуҷуд омадани боз як андешаи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ гардид. Ба ақидаи К. Маркс, таърихи умумиҷаҳонӣ аз капитализм сар мешавад, чунки асоси тарзи истеҳсолоти капиталистиро саноати вазнин

ташкил медиҳад, ки бозори ягонаи ҷаҳониро ба вуҷуд оварда, ба рушди воситаҳои алоқа ва нақлиёт мусоидат мекунад. Буржуазия бо роҳи истисмори бозори ҷаҳонӣ, истеҳсолот ва истеъмоли тамоми кишваҳоро универсалӣ намуда, на танҳо дар давлатҳои алоҳидаи капиталистӣ, балки дар миқёси тамоми ҷаҳон ба синфи ҳукмрон табдил меёбад. Аммо ба он андозае, ки буржуазия, яъне сармоя инкишоф меёбад, ба ҳамон андоза пролетариат низ рушд меёбад. Муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи иқтисодӣ муносибатҳои истисморӣ мегарданд. Аммо аз нигоҳи сиёсӣ онҳо муносибати ҳокимон ва тобеон, муборизаи синфӣ ва инқилоб мегарданд. Бад-ин тартиб, истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои давлатӣ дуюмдараҷа мегарданд, чунки қонунҳои объективӣ ба ташаккули ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, ки дар он иқтисоди капиталистӣ ҳукмрон мешавад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи он муборизаи синфӣ ва рисолати ҷаҳонӣ — таърихии пролетариат мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, ки ҷудоии миллӣ ва зиддияти халқҳо бо рушди буржуазия, тиҷорати озод, бозори умумиҷаҳонӣ, истеҳсолоти саноатии якхела ва шароити зиндагии муносиби он, беш аз пеш аз байн мераванд. В.И. Ленин таъкид намудааст, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX капитализм ба марҳалаи давлатӣ - монополистии рушди худ ворид шуда, ба империализм табдил ёфтааст. Вай дар асараш «Империализм ҳамчун марҳалаи олии капитализм» менависад, ки бо хотимаи давраи тақсими сиёсии ҷаҳон байни давлатҳои империалистӣ, проблемаи тақсимоти иқтисодӣ байни монополияҳо дар радифи аввал қарор мегирад.

Монополияҳо бо проблемаи мунтазам шиддатёфтаи бозор ва зарурати содир намудани сармоя ба кишварҳои кам рушдёфта бо меъёри баландтари фоида, дучор мешаванд. Азбаски онҳо дар айни замон, дар рақобати шадид бо якдигар қарор мегиранд, зарурати зикршуда манбаи буҳронҳои сиёсӣ, ҷанг ва инқилобҳо мегардад. Андешаҳои назариявии баррасишуда дар илми муносибатҳои байналхалқӣ–классикӣ, либералӣ–идеалистӣ ва марксистӣ имрӯз низ то ҳадде аҳамияти худро аз даст надодаанд.

Сарфи назар аз ин ки муаррафӣ кардани назарияи муносибатҳои байналхалқӣ чун соҳаи нисбатан мустақил боиси афзоиши равишу методҳои назариявии омӯзиш, мактабҳои тадқиқотӣ ва самтҳои консептуалӣ гардидааст. Проблемаҳои асосии илми мазкур дар парадигмаҳои он инъикос меёбанд.

АДАБИЁТ

1. Алексеева Т.А. Современная политическая мысль (XX–XXI вв.). Политическая теория и международные отношения. Учебное пособие / Т.А. Алексеева. -М.: Аспект Пресс, 2018. -624 с.
2. Дугин А.Г. Международные отношения (парадигмы, теории, социология): учеб. пособие для вузов / А.Г. Дугин. — М.: Академический Проект, 2016. — 432с.
3. История международных отношений. В 3 томах. Том 1. Учебник / Под редакцией А. Торкунова. -М.: Аспект Пресс, 2017. -400 с.
4. Каримова А. Социология международных отношений. Учебник / А. Каримова. -М.: Юрайт, 2014. -336 с.
5. Международные отношения и мировая политика. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2016. -280 с.
6. Никитина Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. -М.: Аспект Пресс, 2017. 160 с.
7. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР-граф, 2018. -340 с.
8. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: Таъминотчӣ, 2017. -352 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. -Душанбе: ЭР–граф, 2017. -576 с.
10. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ / Китоби дарсӣ. Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. -Душанбе: ЭР–граф, 2018. -496 с.
11. Социология современных войн. Материалы научного семинара. МГУ. -М.: Альфа–М, 2004. -192 с.
12. Талыбов Р. Страны Азии в системе международных отношений. Учебник / Р. Талыбов. -М.: Инсан, 2016. -304 с.
13. Теория международных отношений. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. -М.: Юрайт, 2017. -318 с.
14. Цыганков А.П. Социология международных отношений. Учебник / А.П. Цыганков, П.А. Цыганков. -М.: Аспект Пресс, 2008. -240 с.
15. Чанышев А.А. История политических учений. Западная классическая традиция. Античность — первая четверть XIX в. В 2 частях. Часть 2. Учебное пособие / А.А. Чанышев. -М.: МГИМО (У) МИД России, 2015. -518 с.
16. Шаклеина Т.А. Россия и США в мировой политике. Учебник / Т.А. Шаклеина. -М.: Аспект Пресс, 2017. -336 с.

АНЪАНАҲО: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

Яке аз хусусиятҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат проблемаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд. Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи иқтисодӣ муносибатҳои истисморӣ мегарданд. Аммо аз нигоҳи сиёсӣ онҳо муносибати ҳокимон ва тобеон, муборизаи синфӣ ва инқилоб мегарданд. Бад-ин тартиб, истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои давлатӣ дуюмдараҷа мегарданд, чунки қонунҳои объективӣ ба ташаккули ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, ки дар он иқтисоди капиталистӣ ҳукмрон мешавад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи он муборизаи синфӣ ва рисолати ҷаҳонӣ - таърихии пролетариат мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, ки ҷудоии миллӣ ва зиддияти халқҳо бо рушди буржуазия, тиҷорати озод, бозори умумиҷаҳонӣ, истеҳсолоти саноатии якхела ва шароити зиндагии муносиби он, беш аз пеш аз байн мераванд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки андешаҳои назариявии баррасишуда дар илми муносибатҳои байналхалқӣ – классикӣ, либералӣ–идеалистӣ ва марксистӣ имрӯз низ то ҳадде аҳамияти худро аз даст надодаанд.

Калидвожаҳо: назарияи муносибатҳои байналхалқӣ, мактабҳои илмӣ, анъанаи классикӣ, давлат, низоъ, андешаҳо.

ТРАДИЦИИ: МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ В ИСТОРИИ СОЦИАЛЬНО–ПОЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ

Одной из особенностей науки международных отношений является свойственное ей многообразие концептуальных построений, соперничающих между собой аналитических школ. Такое положение вещей порождает проблему классификации существующих в ее рамках различных теорий международных отношений. Основной причиной является множество классификаций, что объясняется различиями в критериях, которые используются научными школами. По мнению автора, международные отношения в экономическом плане становятся отношениями эксплуатации. В плане же политическом они становятся отношениями господства и подчинения и, как следствие, отношениями классовой борьбы и революций. Тем самым национальный суверенитет, государственные интересы вторичны, ибо объективные законы способствуют становлению всемирного общества, в котором господствует капиталистическая экономика и движущей силой которого является классовая борьба и всемирно–историческая миссия пролетариата. «Национальная обособленность и противоположность народов, – писали К. Маркс и Ф. Энгельс, – все более и более исчезают уже с развитием буржуазии, со свободой торговли, всемирным рынком, с единообразием промышленного производства и соответствующих ему условий жизни». Автор приходит к выводу, что рассмотренные основные теоретические традиции в науке о международных отношениях – классическая, либерально–идеалистическая и марксистская – во многом остаются актуальными и сегодня.

Ключевые слова: теория международных отношений, научные школы, классические традиции, государство, конфликт, мысли и т.п.

TRADITION: INTERNATIONAL RELATIONS IN THE HISTORY OF SOCIO–POLITICAL THOUGHT

One of the features of the science of international relations is its inherent diversity of conceptual constructions, competing with each other analytical schools. This state of Affairs gives rise to the problem of classification of the various theories of international relations existing within its framework. The main reason is the variety of classifications, which is explained by the differences in the criteria used by scientific schools. According to the author, international relations in economic terms become relations of exploitation. In political terms, they become relations of domination and subordination and, as a consequence, relations of class struggle and revolutions. Thus, national sovereignty and state interests are secondary, because objective laws contribute to the formation of a world society dominated by the capitalist economy and the driving force of which is the class struggle and the world–historical mission of the proletariat. “National isolation and the opposite of Nations,” wrote K. Marks and Engels – more and more disappear with the development of the bourgeoisie, with the freedom of trade, the world market, the uniformity of industrial production and the corresponding living conditions. The author comes to the conclusion that the considered basic theoretical traditions in the science of international relations – classical, liberal–idealistic and Marxist – in many ways remain relevant today.

Keywords: theory of international relations, scientific schools, classical traditions, state, conflict, thoughts, etc.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rshn1995@mail.ru.** Телефон: **904-58-50-05**

Сведения об авторе: ***Нуриддинов Рахимали Шахбозович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений,. **Адрес:** Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

Information about the author: ***Nuriddinov Rahimali Shahbozovich*** **-** Tajik National University, Dr. of Science (Political Science), Professor, Head of the Department of International Relations,. **Address:** 17, Prospect Rudaki, Dushanbe, 734025, Tajikistan. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

УДК:334.2(575.3)

ТОҶИКИСТОН-ҲИНДУСТОН: ЗАМИНАҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ (с. 1992-2007)

Турсунов Т.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 равобити иқтисодиро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар заминаи созишномаҳои сиёсӣ ва иқтисодиву тиҷоратии байнидавлатӣ ба роҳ монд. Ҷумҳурии Ҳиндустон дар ин марҳилаи муҳимми таърихӣ барои пайдо кардани бозори муҳимми тиҷорати хориҷӣ пештоз буд ва пас аз барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ 28 августи соли 1992 муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъати тоза бахшид ва ҳавасманди худро барои рушди он иброз дошт.

Дар вохӯрии ҳайати намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон П. В. Нарасимха Рао дар таърихи 15 феврали соли 1993 дар Ҳайдаробод, П.В. Нарасимха Рао иброз намуд, ки Ҳиндустон ба Тоҷикистон дар тараққӣ додани соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, аз ҷумла сохтани корхонаҳои коркарди пахта ва маҳсулоти дигари зироат, технологияи нав, таълими кадрҳо, сохтмони меҳмонхона ва инкишофи саноат ҳамаҷониба кумак расонидан мехоҳад. Ҳамчунин, ҳукумати Ҳиндустон кумаки иқтисодии яқвақта -5 миллион доллари ИМА ҷудо менамояд ва рӯзҳои наздик ба аҳолии офатзадаи Тоҷикистон 8,5 тонна дору ва кампал мефиристад [5].

Раиси Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ дар бораи неруи иқтисодӣ ва сарватҳои табиии Тоҷикистон ибрози андеша намуда, қайд кард, ки ҳамкорӣ дар истифодаи он ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар мебошад. Имкониятҳои ҳамкорӣ дар сектори аграрии Тоҷикистон низ хеле бисёранд, ҳоло 93 фисади пахтаи Тоҷикистон аз қаламрави он бароварда мешавад. Дар худи ҷумҳурӣ истифода бурдани он масъалаи на танҳо иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ низ мебошад. Аз ин рӯ, бо кумаки Ҷумҳурии Ҳиндустон сохтани корхонаҳои коркарди пахта аз самтҳои муҳимтарини ҳамкории ҳарду кишвар маҳсуб меёбад.

Дар эъломияе, ки 15 феврали соли 1993 миёни Тоҷикистон ва Ҳиндустон ба имзо расонида шуда буд, ташкили Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат қайд гардида буд ва дар заминаи он комиссияи муштараки Тоҷикистон ва Ҳиндустон оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ таъсис дода шуд [1].

Сафари расмии вазири давлатии Ҷумҳурии Ҳиндустон С. Хуршед дар соли 1994 ба таҳкими муносибатҳои иқтисодии ду кишвар мусоидат намуд [3, с. 2]. Дар ҷараёни сафари вазири давлатии Ҷумҳурии Ҳиндустон ба Тоҷикистон як қатор уҳдадориҳои муфид, ба монанди бунёди корхонаҳои истеҳсоли маводи доруворӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба имзо расиданд. Дар баробари барномаҳои мутақобилан муфид, дар бораи таъмини Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарзи 5 миллион доллари ИМА созишнома ба имзо расид, ки барои татбиқи нақшаҳои дуҷониба барои рушди соҳибкорӣ, сохтмони иншооти саноатӣ ва хариди таҷҳизоти тиббӣ сарф шудаанд.

Соли 1995 Ҳиндустон аввалин қарзи худро дар ҳаҷми 5 млн доллари америкоӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони корхонаи муштараки истеҳсоли маводи фарматсевтӣ бо ширкати хусусии «Аҷанта Фарма» пешниҳод кард. Сохтмони корхонаи муштараки «Тоҷик Аҷанта Фарма» бо иштироки Вазорати тандурустии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуда буд. 8 сентябри соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар баромдаи худ бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қайд намуд, ки дар давоми се-чор соли охир мо ба сохтмони даҳҳо корхонаҳои истеҳсолӣ оғоз намудем. Дар арафаи ҷашни имрӯза корхонаи дорусозии Тоҷикистон-Ҳиндустон ба истифода дода шуд [7, с. 24]. Аммо аз сабаби таъмин карда натавонистани гардиши сармоя аз тарафи Тоҷикистон ин корхона фаъолият карда натавонист. Рӯйхати пардохти қарз, ки ҷониби Ҳиндустон ба нақша гирифта буд, Ҳукумати Тоҷикистонро қонеъ накард. Фоизи ин қарз 3.37 миллионро ташкил мекард ва ҷониби Тоҷикистон бояд дар маҷмӯъ 8.37 млн. доллар пардохт мекард. Ин маблағ ҳангоми сафари сарвазири Ҳиндустон соли 2003 ба грант табдил дода шуд. Шарикони корхонаи муштарак - Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати Аҷанта-Фарма давра ба давра мулоқот карданд, вале ба усулҳои пешниҳодшуда розӣ шуда натавонистанд. Ҳамин тариқ, корхонаи муштарак фаъолият карда натавонист. Моҳи марти соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон котиби вазири корҳои хориҷии Ҳиндустонро ба ҳузур пазируфт ва ӯ дар бораи қарори ҳукумати Ҳиндустон оид ҷудо кардани маблағи 5 миллион доллари америкоӣ ба Тоҷикистон иттилоъ дод [9, с. 17]. Дар ин робита созишномаи байниҳукуматӣ ба имзо расид. 27 октябри соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва Консули фахрии Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. К. Малхотра мулоқот ва

масъалаҳои ҳамкории ду кишварро матраҳ намуданд ва Л.К.Малхотра афзуд, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоя мегузорад [12, с.62]. Моҳи сентябри соли 1997 дар асоси ҳамкориҳои ҳамаҷониба намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон кушода шуд ва барои иҷроиши созишнома ва ҳимояи маблағгузорӣ се гурӯҳи калони соҳибкорони ҳинд ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Дар натиҷаи ин сафар сохтмони меҳмонхона ва заводи обҳои минералӣ дар шаҳри Панҷакент, азнавсозии заводи вино ва сохмони корхонаи «Кодэ - Амир Хусрав» дар шаҳри Истаравшан, маркази савдо дар шаҳри Хуҷанд, инчунин дар хусуси сохтмони меҳмонхонаи панҷситорадор дар шаҳри Душанбе, ки маблағгузории он 35 млн. доллярро ташкил мекард, гуфтушунид сурат гирифт [2, с. 6]. Ба истиснои сохтмони меҳмонхона дигар лоиҳаҳо бо сабаби маблағгузорӣ нагардидан аз ҷониби Ҷумҳурии Ҳиндустон амалӣ нашуданд.

22 январи соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон А. Б. Ваҷпейи дар Деҳли ворхӯрданд [2, с. 13]. Сарвазири Ҳиндустон А. Б. Ваҷпейи изҳор дошт, ки ҷониби Ҳиндустон ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст. Дар ҷараёни сафари кӯтоҳмуддати корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон як қатор вохӯриҳо ва гуфтушунидҳоро оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо намояндагони ширкатҳои тиҷоратии Ҳиндустон доир намуд [10, с. 80]. 6 сентябри соли 1999 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба меҳмонхонаи ба номи Исмоили Сомонӣ, ки аз ҷониби ширкати «Космополитен Хотелс ЛТД»-и Ҳиндустон бунёд мегашт ва бинои 15 ошёнаи дорои 2 толори президентӣ, 28 толори хурд, 200 утоқи корӣ, толори маҷлис дорои 400 ҷой, 11 тарабхона, маркази тиҷоратӣ, инчунин маркази матбуот, чойхона ва дигар муассисаҳои ёрирасон буд, хишти аввалинро гузошт [12, с. 345]. Аммо ин меҳмонхона бо сабаби аз ҷониби «Космополитен Хотелс ЛТД»-и Ҳиндустон иҷро нагардидани уҳдадориҳо, то имрӯз бунёд нагардидааст. Дар ҳолати бунёд шудани меҳмонхона имкон фароҳам мемомад, ки қариб 2000 нафар одамон ба ҷойи кор таъмин шаванд ва қабули меҳмонон аз хориҷи кишвар ба маротиб осон мегардид.

4 августи соли 2000 дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон Мутҳу Кумар қайд гардид, ки дар марҳилаи рушди муносибатҳои дуҷониба арзёбии пешрафт дар амалисозии санадҳои қаблан имзошуда, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисод зарур аст [9, с. 197]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон татбиқи амалии созишномаву аҳдномаҳо ва истифодаи имкониятҳои имконпазири истифоданашуда барои густариши ҳамкории дуҷониба дар соҳаи иқтисодро саривақтӣ донист.

19 сентябри соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар вохӯрӣ бо сафири фавқулода ва мухтори Ҳиндустон дар Тоҷикистон Й. Кумар захираҳои бузурги ҳамкориҳои иқтисодии мавриди истифодабарӣ қарор доштаро равнақбахши минбаъдаи муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон унвон кард [12, с. 64]. Э. Раҳмон изҳори боварӣ намуд, ки солҳои минбаъда марҳилаҳои тақвияти ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни Тоҷикистон ва Ҳиндустон, асосан дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ ва саноати кимиё, сабук ва дорусозӣ мебошад ва амалишавии он тариқи фаъолияти Комиссияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкории дуҷониба ба роҳ монда мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон қайд кард, ки иқтидори мавҷудаи ҳамкориҳои иқтисодӣ то ҳанӯз ба дараҷаи зарурӣ истифода намешаванд ва мехоҳад, ки Ҷумҳурии Ҳиндустон ҳамчун яке аз муҳимтарин шарикони иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиё бошад.

10 майи соли 2001 дар ҷараёни сафар ба Ҷумҳурии Ҳиндустон ва вохӯрӣ бо сарвазири он А.Б. Ваҷпейи, Э. Раҳмон қайд кард, ки: «Мо дар рафти гуфтушунидҳо ба хулосае омадем, ки Ҷумҳурии Ҳиндустон метавонад бо Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таъсиси корхонаҳои муштарак муносибатҳои мутақобилан судманд дошта бошад. Ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда дар соҳаҳои саноати кӯҳӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, сохтмони роҳҳо ва комплексҳои меҳмонхонаҳо ҷой дорад» [10, с. 81]. Дар ҷараёни гуфтушунид Э. Раҳмон аз ду ҷониб даъват кард, ки фаъолияти комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодиро, ки соли 1995 таъсис ёфтааст, ҷоннок намоянд. Ҷаласаи якуми комиссияи муштараки Тоҷикистон-Ҳиндустон оид ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ аз 12 -13 декабри соли 2001 дар шаҳри Деҳлии Нав доир шуд [6, с.116]. Ҳайати намояндагони Тоҷикистонро вазири иқтисод ва савдо Ҳ.Солиев ва ҳайати намояндагони Ҳиндустонро вазири тиҷорат ва саноат Мурасоли Маран роҳбарӣ карданд [1]. Дар ҷаласа барои ташкили корхонаҳои муштарак ва фаъолияти самарабахши он дар асоси созишномаҳои дуҷониба мувофиқа ҳосил шуда, мавқеи калидии ширкатҳои хусусии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ баён шуд.

Самти дигари ҳамкориҳо ин самти қарзӣ мебошад. 5 миллион доллар қарзи Ҳиндустон, ки барои Тоҷикистон дар асоси мувофиқаи моҳи июни соли 1994 дода мешуд, дар соли 1997 амалӣ карда шуд. Ҷониби Ҳиндустон масъалаи барнагардонидани он аз ҷониби Тоҷикистонро баррасӣ карда, қайд намуд, ки ҷониби Тоҷикистон барои баргардонидани он маротория ва муҳлати иҷрои онро то 20 сол талаб намудааст. Ҷониби Ҳиндустон розӣ шуд, ки ин масъаларо дида барояд.

Ҷумҳурии Ҳиндустон, ҳамзамон, масъалаи ба таъхир мондани лоиҳаи ширкати «Аҷанта Фарма»-ро ки дар доираи қарзи аввала бояд амалӣ мешуд, баррасӣ намуда, аз Тоҷикистон хоҳиш намуд, ки барои амалишавии ин лоиҳа ёрии худро расонад. Ҷониби Тоҷикистон ҳалли ин масъаларо ваъда дод. Ҳамкориҳо дар сектори бонкӣ низ мавриди таваҷҷуҳи тарафҳо қарор гирифтанд. Қайд гардид, ки мавҷуд набудани алоқаҳои бонкӣ ба рушди тиҷорат монеа эҷод мекунад. Кушодани филалҳои бонкӣ дар қаламрави ду кишвар амри зарурӣ дониста шуд. Намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тағйирот дар низоми бонкии Тоҷикистон маълумот дода, розӣ шуд, ки номгӯйи бонкҳоро пешниҳод кунад ва соҳибкорони ҳиндӣ тавассути онҳо амалиётҳои бонкии худро анҷом диҳанд.

“Эксимбонк”-и Ҳиндустон иттилоъ дод, ки бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (EBRD) (ш.Лондон) онҳо барномаҳои нав ҷорӣ намуданд, ки содироти Ҳиндустон ба 27 кишвари олам, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ менамояд. Барнома ба “Эксимбонк” имкон медиҳад, ки ҳуқуқи тасдиқи номаҳои кафолатиро, ки содиркунандагони Ҳиндустон мегиранд, пайдо намояд. Қайд гардид, ки ин чораҳо барои содироти Ҳиндустон дар Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Иқтидори бузурги мавҷудаи ҳамкориҳои саноатӣ ва коркарди маҳсулот, ҷалби соҳибкорони ду кишвар барои сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни ояндадори Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардиданд. Оиди истеҳсоли семент аз ҷониби Тоҷикистон ба Шӯрои миллии маводҳои сохтмонии Ҳиндустон пешниҳод шуд. Самти муносиби ҳамкорӣ доир ба истеҳсоли семент, сохтани корхонаи мухтарак ва азнавсозии технологияи мавҷуда, васеънамоии иқтидори завдои семент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили тайёркунӣ ва омӯзонидани мутахассисони соҳа, ҳифзи муҳити зист муайян карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони Шӯрои миллии маводҳои сохтмонии Ҳиндустонро барои идома додани гуфтушунид дар самти зикршудаи ҳамкорӣ даъват намуд ва ҳамкории натиҷаовар дар доираи барномаи ҳукуматии ITEC - ро эътироф карда, рушди ҳамкорӣ бо онро барои Тоҷикистон хеле судбахш арзёбӣ намуд. Қайд гардид, ки Тоҷикистон ба густариши имкони истифодаи барномаи ITEC ҳавасманд аст. Ҷониби Ҳиндустон тайёр будани худро бо дархости Тоҷикистон дар самти зиёд кардани квотаҳо барои тайёр кардани кадрҳо дар доираи барномаҳои таълимии пешниҳодшуда, ки фарогири соҳаҳои бонкӣ, аудит, технологияи информатсионӣ, тиҷорати электронӣ, соҳибкорӣ ва корхонаҳои хурд мебошад, иброз намуд. Тарафҳо қайд карданд, ки иштирок дар ярмаркаҳои тиҷоратӣ, ки дар қаламрави ду кишвар доир мегардад, ташрифи доираҳои расмӣ ва ташкили семинарҳо омили муҳимми ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ мебошад. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки доир ба баргузории намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо ахборотро барои имкони иштирок пешниҳод мекунанд. Ҷониби Ҳиндустон хабар дод, ки Конфедератсияи саноатчиёни Ҳиндустон (CII) дар чоряки якуми соли 2002 барои муайян кардани самт ва корхонаҳо барои маблағгузорӣ ва ҳамкориҳои дуҷониба ҳайати намояндагони худро ба Тоҷикистон мефиристад. Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҷаласаи навбатӣ соли 2002 дар шаҳри Душанбе доир мешавад.

Дар ҷараёни сафари сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон А. Б. Ваҷпейи, моҳи ноябри соли 2003 ба миқдори 6 миллион доллари ИМА барои таъсиси Маркази технологияҳои иттилоотӣ дар шаҳри Душанбе гранти дигар дода шуд. Маркази рушди технологияи компютерӣ (CDAC) дар Ҳиндустон ва Маркази миллии патенту иттилоот бо дастгирии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон агентиҳои иҷрокунандаи он буданд. Марказ дар кӯчаи Айнӣ 14, шаҳри Душанбе бунёд карда шуд. Ҳашт нафар омӯзгорон, ки NPCI (Иттиҳодияи пардохти миллии Ҳиндустон) интихоб кард, дар давоми шаш моҳ аз 24 октябри соли 2005 то 22 апрели соли 2006 дар Ню-Деҳли таҳсил карданд. Марказ 18 июли соли 2006 кушода шуда, аз моҳи ноябри соли 2006 бо номи Маркази тоҷикӣ-ҳиндии технологияҳои информатсионии ба номи Бедил (BITCIT) ба фаъолият шурӯъ кард. Якумин хатмкунандаҳои он моҳи сентябри соли 2007 соҳиби маълумотнома шуданд. 24 майи соли 2004 Ҳукумати Ҳиндустон ба Ҳукумати шаҳри Душанбе 10 автобуси тамғаи «Тата» тақдим намуд [6, с. 117]. Чунин иқдоми Ҳиндустон аз густариши равобити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон дарак медиҳад.

13 июли соли 2004 дар мулоқот бо фаъолони вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки дар соли 2002 дар заминаи Идораи кӯҳии Олтин-Топкан ва комбинати кӯҳӣ-маъдантозакунии Анзоб корхонаи муштараки тоҷикӣ-ҳиндӣ бунёд карда мешавад [8, с. 440]. Аммо бо сабаби бемасъулиятии Вазорати саноати ҷумҳурӣ ва ҳукумати

вилоят маблағгузории ин лоиҳаҳо амалӣ карда нашуд. 8 майи соли 2005 дар доираи сафари корӣ ба шаҳри Москва, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо сарвазири Ҳиндустон М. Сингҳ вохӯрда, доир ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, аз қабили сохтмони роҳҳо, бунёди корхонаҳои муштараки коркарду истеҳсолӣ, сармоягузорӣ дар соҳаи азхудкунии боигарҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон мубодилаи афкор намуд [11, с. 104].

5 июли соли 2005 дар шаҳри Остона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо сарвазири Ҳиндустон Н. Сингҳ доираи васеи масоили ҳамкории иқтисодиро матраҳ намуданд [11, с. 170]. Дар робита ба ҷаласаи комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон рӯзи 16 июли соли 2005 ҷонибҳо ба масъалаи рушди гуногунҷанбаи алоқаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, вусъат бахшидани мубодилаи мол, ҷалби сармоя ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус зоҳир намуданд.

6 августи соли 2006 дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон М.Сингҳ, қайд гардид, ки сатҳу мазмуну мундариҷаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии ду кишвар ба талаботу имконоти муосир ҷавобгӯ нест ва изҳори умед шуд, ки ин сафари расмии давлатии Э.Раҳмон ва натиҷаҳои он барои баланд бардоштани фаъолияти минбаъдаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ мусоидат менамояд [4]. Дар вохӯрӣ дар доираи васеъ оид ба дурнамои ташкили ҳамкории созандаи иқтисодӣ, аз ҷумла рушди соҳаи нақлиёт, таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи саноати сабук, истихроҷи маъдан, истеҳсоли маводи доруворӣ, коркарди меваю сабзавот, тавсеаи алоқаи ҳавоӣ мубодилаи афкор сурат гирифт. Ҷумҳурии Ҳиндустон бо дарназардошти рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва шароити мусоид барои сармоягузорӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, нақлиёт ва коммуникатсия ба таъсиси корхонаи муштарак барои коркарди алюминий ва ҳамкорӣ дар самти рушди технологияи иттилоотӣ ҳавасмандӣ зоҳир кард. Бинои Маркази технологияи иттилоотии ба номи Бедил, ки як моҳ қабл ба кор оғоз карда буд, инчунин сохтмони меҳмонхонаи панҷситорадор дар шаҳри Душанберо ҳамчун намунаи воқеии рушди муносибатҳои дуҷониба арзёбӣ намуданд. Онҳо пешниҳоди Комиссияи байнидавлатии ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ дар бораи ташкили Форуми соҳибкорони ду кишварро дастгирӣ карданд.

7 августи соли 2006 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар шаҳри Деҳли бо вазири саноати кӯҳии Ҷумҳурии Ҳиндустон Сиш Рам Ола мулоқот кард ва масъалаи ҳамкории мутақобилан судманди Тоҷикистону Ҳиндустон дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳии Тоҷикистон баррасӣ шуд. Э. Раҳмон аз ҳавасмандӣ ва омодагии сохторҳои давлатӣ ва доираҳои иқтисодии Ҷумҳурии Ҳиндустон ба масъалаи саҳмгузорӣ ва рушди ҳамкориҳо дар ин соҳаи хеле сердаромад изҳори қаноатмандӣ намуд.

Дар бораи таъсиси гурӯҳи корӣ барои омӯхтани имкониятҳои васеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи канданиҳои фоиданок ва металлургияи ранга ба мувофиқа расиданд. Таъкид карда шуд, ки ин гурӯҳи корӣ бояд, пеш аз ҳама, имконияти таъсиси корхонаҳои муштаракро баррасӣ кунад.Сарвазири Ҳиндустон доктор Манмохан Сингх дар давоми сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон моҳи августи соли 2006 ваъда дод, ки барои сохтмони «Устохонаи муосири техникии тоҷикӣ-ҳиндӣ» дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон грант ҷудо мекунад. Ширкати Hindustan Machine Tools (International) Банғалор ин лоиҳаро ба уҳда гирифт. Экспертҳои HMT(I) моҳи июли соли 2007 бо мақсади омӯзиши мавқеъ ва муҳокимаи лоиҳа бо ҳокимияти маҳаллӣ ба Душанбе ташриф оварданд. Ҳисоботи лоиҳа ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июли соли 2007 пешниҳод карда шуд. Ин лоиҳа амалӣ карда шуда, фаъолияти босамар дорад. Дар ҷавоб ба муроҷиати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди баромадан аз буҳрон ва сармои зимистон сарвазири Ҳиндустон Манмохан Синг ваъда дод, ки 2 млн доллар, 1 миллиони он ҳамчун ёрӣ ва 1 млн дар шакли молу маҳсулот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мефиристад.

Дар соҳаи сохтмон як қатор ширкатҳои ҳиндӣ дар таъмири майдончаҳои аэропортҳои Хуҷанд ва Душанбе (ширкати сохтмонии Taniya Construction), сохтмони Маркази Исмоилия (Shapoorji ва Pallonji) саҳм гирифтанд. Ба ширкати CHL зери роҳбарии собиқ консули фахрии Тоҷикистон дар Ҳиндустон 2,5 гектар замин дар Душанбе барои сохтмони меҳмонхонаи панҷситорадор ҷудо карда шуд. Бо сабабҳои гуногун сохтмон бисёр суст сурат гирифт. Ҳиндустон 25 млн долларо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Бонки EXIM бо шароити хеле ҷолиб пешниҳод намуд. Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Умумиҷаҳонӣ оид ба қарз дар Тоҷикистон маҳдудият муқаррар кард ва он то 4% -и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медод.

Тоҷикистон изҳор дошт, имкони қабули қарз ба чунин шартҳоро надорад ва дар иҷлосияи сеюми Комиссияи муштараки JCM дар Деҳлии Нав 31 июл – 1 августи 2006, инчунин дар ҷаласаи JCM 4, дар шаҳри Душанбе дар моҳи октябри соли 2007 ин масъала

мавриди баррасии тарафҳо қарор гирифт. Интиқоли қарзи Ҳиндустон барои Тоҷикистон дар муқоиса бо қариб миллиард доллар ба 2% меъёри солона, ки аз Чин барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ мегирифт, хеле гарон буд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон рӯзи 8 августи соли 2006 бо мақсади шиносоӣ бо таҷрибаи рушди истеҳсолот ва дигар соҳаҳои иқтисод аз шаҳри Ҷайпур дидан кард. Дар вохӯрӣ масъалаҳои ташкили робитаҳои мустақими саноатию иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, инчунин ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва сайёҳӣ миёни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон муҳокима шуданд. Мусоҳибон омодагии худро барои густариши ҳамкории мустақими минтақаҳои ду кишвар дар соҳаҳои истеҳсоли пахта, коркарди меваю сабзавот таъкид намуданд. Дар ҷараёни гуфтушунид масъалаҳои минтақавӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

5-8 декабри соли 2006 бо роҳбарии ширкати ҳиндии PHARMEXCIL (Шӯрои мусоидат оид ба содироти масолеҳи фарматсевтӣ) 13 ширкати Ҷумҳурии Ҳиндустон барои омӯхтани имкониятҳои соҳибкорӣ ба шаҳри Душанбе ташриф оварданд ва аз имконот ва шароити мавҷуда огоҳ шуданд. Дар заминаи ҳамкориҳо панҷ нафар аъзоёни Палатаи тиҷорати Тоҷикистон бо сарпарастии Шӯрои Ҳинд доир ба Содироти техникӣ (EEPC) барои иштирок дар Саммит оид ба техникаи Ҳиндустон, ки дар Ноида 22 январи соли 2007 баргузор гардид, ширкат карда, таҷриба андӯхтанд. Инчунин, Шӯрои Ҳинд аз 3 то 6 марти соли 2008 доир ба содироти техникӣ (EEPC) 5 нафар соҳибкоронро барои иштирок дар ҳамоиши фурӯшанда-харидор дар Ҳиндустон ва CHEMEXCIL (Шӯрои мусоидат оид ба содироти маводҳои асосии кимиёвӣ, косметика ва рангҳо) 5 нафар соҳибкоронро барои иштирок дар вохӯрии Ҳиндустон-ИДМ доир ба Химикалия, ки 28-30 марти соли 2008 дар Мумбай баргузор гардид, сарпарастӣ карданд. Бо тақвияти ҳамкориҳо сессияи 4-уми комиссияи муштараки ҳиндӣ-тоҷикӣ доир ба ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ 10-11 октябри соли 2007 доир гардид [6, с. 118]. Раёсати онро муовини якуми вазири тиҷорат ва саноати Ҷумҳурии Ҳиндустон К. Пиллаи ва вазири рушди иқтисод ва савдои ҷониби Тоҷикистон Ғ. Бобозода роҳбарӣ карданд. Дар заминаи он, 12 октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе бизнес-форуми муштараки ҳинду тоҷик бо иштироки 17 нафар соҳибкорони ҳинд ва 40 нафар соҳибкорони тоҷик доир ва дар он имкониятҳои сармоягузории гуногун дар Тоҷикистон баррасӣ гардиданд. Дархостҳо аз ҷониби ширкатҳои Ҳиндустон, ба монанди STC, MMTC ва Goenka Гурӯҳи С ва ғайра аз тарафи сафорат ва Ҳукумати Тоҷикистон таҳия шуда буданд. Имрӯз низ ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон босамар рушд меёбанд. Тоҷикистон ҳавасманди омӯзиш ва татбиқи таҷрибаи бойи Ҳиндустон дар соҳаҳои саноат, сохтмон, бахши бонкӣ, кишоварзӣ, технологияи навин ва инфраструктура мебошад.

Дар маҷмӯъ, ҳамкориҳои босамари иқтисодӣ ба манфиати ду кишвар ва боиси ғанӣ гардидани бозори истеъмолӣ буда, дар беҳдошти накуаҳволии халқҳои ду кишвар, минтақа ва ҷаҳон аҳамияти муҳим доранд.

АДАБИЁТ

1. Бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқӣ. Папкаи Ҳиндустон, № 50, 50 а., 50 б.
2. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи Осиё ва Африқо. Папкаи Ҳиндустон, № 6.- С. 6.
3. Бойгонии шуъбаи Осиё ва Африқои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Папкаи Ҳиндустон, № 6.- С. 2.
4. Встречи Э. Рахмонова в Индии //Народная газета.-2006.- 9 август.-№32 (19534)
5. Гуфтушуниди намояндагони Тоҷикистону Ҳиндустон //Овози тоҷик.- 1993.- 23 феврал.-№23 (118 22).
6. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: Ирфон, 2009. 296 с.-С. 116.
7. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том второй / Э.Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. -С. 24.
8. Рахмонов Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. Том пятый / Э.Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006.-С.440.
9. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе / З. Саидов. - Душанбе, 2006. - С. 197.
10. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / З.Саидов. -Душанбе, 2004.–С.80.
11. Шарипов А. Эмомали Рахмонов: Год культуры мира. (Внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2005 году) / А.Шарипов, З. Сироджов. – Душанбе: Деваштич, 2006. -С.104.
12. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмонов - поягузори Сулҳ ва Ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 - 1999). -Китоби 2 / А.Шарипов, С. Фаттоев. - Душанбе: Деваштич, 2006.-С.62.

ТОҶИКИСТОН-ҲИНДУСТОН: ЗАМИНАҲО ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ (с. 1992-2007)

Дар мақолаи мазкур заминаҳои рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон пас аз барқарор шудани равобити дипломатӣ миёни ду кишвар ба қалам дода шудаанд. Дар ҳаёти ҷомеа яке аз ҷойҳои муҳимро соҳаи иқтисодиёт, яъне ҳама маводи марбут ба истеҳсол, тақсимот,

мубодила ва истеъмоли молҳои бо меҳнати инсонӣ эҷодшуда ишғол мекунад. Иқтисодиёт дар ҷомеа нақши бузург мебозад ва ба одамон шароити моддии зиндагӣ - озуқаворӣ, либос, манзил ва ғайраро фароҳам меорад. Соҳаи иқтисодӣ соҳаи асосии ҷамъият мебошад ва он тамоми равандҳои ин ҷараёнро муайян менамояд. Ба ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Ҳиндустон пас аз сафари расмии ҳайати намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон дар соли 1993, дар шароити нави муносибатҳои байналмилалӣ замина гузошта шуд. Аммо дар ин самт як қатор камбудиҳо ва норасоиҳо мавҷуд мебошанд. Баъзан созишномаҳои баимзорасида то ба охир ҳалли худро пайдо намекунанд. Сабаби ин бошад, мавҷуд набудани роҳҳои бевостаи ҳамлу нақли молу маҳсулот миёни ду кишвар мебошад. Тоҷикистон ва Ҳиндустон сарҳадҳои умумӣ надоранд. Роҳ тариқи кишвари сеюм ва чорум сурат мегирад ва дар тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ монеа эҷод мекунад. Ҳукуматҳои ду кишвар дар ҳалли ин масъала ба мувофиқаҳои зарурӣ омадаанд. Дар сурати амалӣ шудани ин созишномаҳо ҳамкориҳои иқтисодӣ бештар тақвият меёбанд ва ба манфиати халқҳои минтақа ва ҷаҳон хизмат хоҳанд кард. Дар ҷаҳони муосир, ҷаҳонишавӣ ва минтақавикунонии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ махсусан муҳим аст. Дар ин раванд ҳамкориҳои босамари иқтисодӣ байни кишварҳо барои ҳарду ҷониб аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Калидвожаҳо: рушди ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон, соҳаи иқтисодиёт, камбудиҳо ва норасоиҳо, тақвияти ҳамкориҳои иқтисодӣ.

ТАДЖИКИСТАН-ИНДИЯ: ОСНОВЫ И ПРЕИМУЩЕСТВА ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА (1992-2007 гг.)

В данной статье излагаются основы и развитие экономического сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Индия после установления дипломатических отношений между двумя странами. Одно из важнейших мест в жизни общества занимает экономика, то есть все материалы, связанные с производством, распределением, обменом и потреблением товаров, созданных человеческим трудом. Экономика играет важную роль в обществе и обеспечивает людей материальными условиями жизни - едой, одеждой, жильем и так далее. Экономический сектор является основным сектором общества и определяет все процессы этого сектора. Экономическое сотрудничество между Таджикистаном и Индией наладилось в новых условиях международных отношений после официального визита делегации Республики Таджикистан в Республику Индия в 1993 году и сегодня стабильно развивается. Однако в этой области есть ряд недостатков. Иногда подписанные соглашения не завершаются. Причина - отсутствие прямых маршрутов перевозки товаров и продуктов между двумя странами. У Таджикистана и Индии нет общих границ. Дорога проходит через третьи и четвертые страны и мешает укреплению экономического сотрудничества. Правительства двух стран достигли необходимых договоренностей для решения этого вопроса. Если эти договоренности будут реализованы, экономическое сотрудничество будет еще больше укрепляться и будет служить интересам народов региона и мира. В современном мире особенно важны глобализация и регионализация международных экономических отношений. В этом процессе плодотворное экономическое сотрудничество между двумя странами имеет первостепенное значение для обеих сторон.

Ключевые слова: развитие экономического сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Индия, экономическая отрасль, недостатки и упущения, укрепление экономического сотрудничества.

TAJIKISTAN-INDIA: FOUNDATIONS AND ADVANTAGES OF ECONOMIC COOPERATION (1992-2007)

This article sets out the foundations and development of economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of India after the establishment of diplomatic relations between the two countries. One of the most important places in the life of society is occupied by the economy, that is, all materials associated with the production, distribution, exchange and consumption of goods created by human labor. The economy plays an important role in society and provides people with material living conditions - food, clothing, housing, and so on. The economic sector is the main sector of society and determines all processes in this sector. Economic cooperation between Tajikistan and India has improved in the new conditions of international relations after the official visit of the delegation of the Republic of Tajikistan to the Republic of India in 1993 and today is developing steadily. However, there are several disadvantages in this area. Sometimes signed agreements are not completed. The reason is the lack of direct routes for the transportation of goods and products between the two countries. Tajikistan and India have no common borders. The road passes through the third and fourth countries and interferes with the strengthening of economic cooperation. The governments of the two countries have reached the necessary agreements to resolve this issue. If these agreements are implemented, economic cooperation will be further strengthened and will serve the interests of the peoples of the region and the world. In the modern world, globalization and regionalization of international economic relations are especially important. In this process, fruitful economic cooperation between the two countries is of paramount importance to both sides.

Key words: development of economic cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of India, economic sector, shortcomings and omissions, strengthening of economic cooperation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи таърихи нав ва навини мамлакатҳои хориҷии факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992934665581**

Сведения об авторе: ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** **-** Таджикский национальный университет, доцент кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе,проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992934665581**

Information about the author: ***Tursunov Tursunmurod Khudoimurodovich*** - Tajik National University, associate professor of the Department of Modern and Contemporary History of Foreign Countries, Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **+992934665581**

УДК: 342.3 (575.3) (09) +9 (575.3)

ИНъИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ

Мирзоев Ҷ. А., Асомиддини Абдулмумин
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки санаи 9 сентябри соли 1991 эълон дошта шуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон «ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ» [12, с.10-11] ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардида, бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ равобит барқарор намуд. Дар ҳоли имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон узви 51 созмони бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад, ки ногузир мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Вале дар ҳаҷми як мақола таҳқиқи дараҷаи омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кулли созмонҳои байналхалқӣ аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, мо қарор додем, ки таҳқиқи ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо яке аз созмонҳои бонуфуз – Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол афзалият дорад, баррасӣ намоем. Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид, ки аз 2 марти соли 1992 ибтидо мегирад, сол то сол дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад. Чи тавре маълум аст, СММ – бузургтарин ниҳоди ҷаҳонӣ буда, 193 кишвари дунёро муттаҳид месозад ва ба қавли собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ - Рашид Олимов, «дар фаъолияти хеш чор ҳадафро пайгирӣ менамояд: нигоҳдории сулҳ ва амнияти байналмилалӣ, рушди муносибатҳои аҳлона дар байни миллатҳо, татбиқи ҳамкории байналмилалӣ доир ба ҳалли мушкилоти байналхалқӣ ва қарор доштан дар маркази ба мусолиҳат омадани миллатҳо» [6, с.13].

Бояд зикр кард, ки 1 феврали соли 1993 дар шаҳри Душанбе намояндагии СММ ифтитоҳ ёфт ва Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард. Ҳадафи асосии ин ниҳод таъсир гузоштан ба раванди сулҳҳоҳӣ, баҳогузорӣ ба вазъи ҳарбӣ дар кишвар ва бо ин васила вусъат бахшидани раванди сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон буд [31, с. 62-65]. Бо туфайли фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар ҷумҳурӣ (21 январи соли 1993 – моҳи майи соли 2000 – МНСММТ (МНООНТ) муқаррароти асосии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон», ки 27 июни соли 1997 ба имзо расида буд, дар амал татбиқ гардиданд. Таърихнигории сиёсати хориҷӣ, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ-ро инъикос менамояд, фарогири шумораи зиёди мақолаҳои илмӣ ва монографияҳо мебошад. Ғановати асарҳои таърихӣ оид ба ин масъала аз мубрамият ва саривақтӣ будани масоили мазкур гувоҳӣ медиҳад. Дар байни осори илмӣ асарҳои олимон ва ҷомеашиносон, ки ба инъикоси фаъолияти СММ дар ба даст омадани сулҳ ва нақши сулҳофарии ин созмон дар Тоҷикистон бахшида шудаанд, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ба андешаи иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон, нақши СММ дар ҳалли ин муноқиша ниҳоят бузург аст.

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати тадқиқи назариявии ташаккули сиёсати хориҷии кишвар, аз ҷумла ҳамкориҳо бо СММ суханрониҳо, паёмҳои ҳамасола ва осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон [20] манбаи арзишманд маҳсуб меёбанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ ба муносибати ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ доир ба зарурияту аҳамияти пешбурди ҳамкориҳо бо созмонҳои байналхалқӣ дар пешрафти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвари мо чунин ишора карда буд: “Иштироки густурдаи давлати мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии ҷаҳониву минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ аз рӯйи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд; инчунин имкониятҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳнии онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ислоҳоти муваффақона дар дохили кишвар ва такомулу инкишофи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷалб намояд ”[29, с.24].

Дар ҷилди шашуми асари бунёдии “История таджикского народа” олими шинохта В.В.Дубовитский [11] ҳамкориҳои густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои байналхалқӣ, бахусус СММ тавсиф намудааст. Муаллиф бо инъикоси амалиётҳои сулҳофарии СММ иктифо накарда, ба тавсифи амалиётҳои ин ниҳоди ҷаҳонӣ ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ дар Тоҷикистон, ки аз даврае ба имзо расидани “Созишномаи умумии

истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ” то баргузории интихобот (марти с.2000) ба парламенти дупалатагии касбиро фаро мегирад, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. В.В.Дубовитский ҷанбаи сулҳофарии фаъолияти СММ-ро ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ, инчунин талошҳои пайвастаи гуманитарии ин ниҳодро таҳлил намуда, бештар ба фаъолияти Фонди Кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) диққат додааст. Дар ин бахш санадҳои ҷолиб ҷиҳати талошҳои гуманитарии ЮНИСЕФ, ки ҳанӯз дар ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ яке аз аввалинҳо шуда ба Тоҷикистон дасти ёрӣ дароз намуда буд, оварда шудаанд. Ба ақидаи В.В.Дубовитский, ЮНИСЕФ ба ҷумҳурӣ кумаки гуманитарӣ ва техникӣ дар шакли доруворӣ, китобҳои дарсӣ барои хонандагон, кумаки воқеӣ ҷиҳати танзили бемориҳои сироятӣ, ба амсоли варача, тиф, гепатит ва ғ. расонидааст. Мавриди қайд аст, ки маҳз таҳти сарпарастии СММ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокирот миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид. Ба ақидаи муҳаққиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон З. Сайидзода, «бисёре аз сиёсатмадорону таҳлилгарони муътабари дунё таҷрибаи сулҳофариниии тоҷиконро падидаи нодир номида, таъкид кардаанд, ки ин таҷрибаро мешавад барои хомӯш кардани муноқишаҳои дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода кард» [26, с.170]. Дар ҳақиқат таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, нақши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Ҷабҳаҳои алоҳидаи ин масоил нахустин маротиба дар таҳқиқоти муштараки Р.Алимов, М.Лебедев ва Э.Касимов таҳти унвони «Таджикистан - ООН: история взаимоотношений» («Тоҷикистон – СММ: таърихи равобити дутарафа») [5] баррасӣ гардидаанд. Муаллифони ин асари публитсистӣ, дипломатҳои касбианд, ки дар ҳодисаҳои тасвирнамудаи худ бевосита ширкат варзидаанд. Ин ҳолат ба онҳо имкон додааст, ки динамикаи рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СММ амиқан инъикос намоянд ва аз ҳама муҳим – ба як қатор масъалаҳои ҳалталаб баҳои илмӣ диҳанд. Сарфи назар аз он, ки ин асарро таҳқиқоти маҳз ба миссияи сулҳофарии СММ бахшидашуда номидан мумкин нест, бо вуҷуди ин, таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар боби таърихи бонизоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Муҳимтарин таълифот, ки оид ба масъалаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва умуман, ҳамкории Тоҷикистону СММ бахшида шудааст, китоби «Таджикистан – ООН» («Тоҷикистон – СММ») [6] ба ҳисоб меравад. Муаллиф ва мураттиби ин асар низ собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Рашид Олимов буда, дар он маҷмӯи маводҳое, ки фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ниҳоди ҷаҳонӣ аз соли 1992 то соли 2000 инъикос мекунанд, гирд оварда шудаанд. Дар ин таълифот, инчунин баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазири корҳои хориҷӣ ва Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ дар Ассамблеяи Генералӣ ва иҷлосияҳои Шӯрои Амнияти СММ ворид гардидаанд. Махсусан кӯшишу талошҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кумаки ин созмони ҷаҳонӣ баҳри хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат ба анҷом расониданд, дар маркази диққат ва таваҷҷуҳи муаллиф қарор ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки дар таърихнигории сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бюллетени иттилоотии «Дипломатия Таджикистана» («Дипломатияи Тоҷикистон») [9], ки аз ҷониби ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, мавқеи хоссаро ишғол менамояд. Асоси бюллетенро баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири корҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд. Бахусус, инъикоси баъзе ҷанбаҳои ҳамкориҳои СММ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бюллетени иттилоотӣ хеле арзишманданд.

Камбудии ин таълифот дар он аст, ки иттилоот ҷиҳати инъикоси ширкати СММ дар ҳалли масоили байналхалқӣ ва минтақавӣ, ҷанбаҳои гуманитарӣ дар рушди ҳамкориҳо, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир дар он мунтазам нестанд. Дар таърихнигории тоҷик, ки равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ инъикос намудаанд, асарҳои Э.Раҳматуллоев [21] мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Монографияи ӯ «Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии» («Фаъолияти сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва дурнамои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ») [22] ба таҳлили илмии муноқишаи байни тоҷикон – ҳамчун рӯйдоди зиддиятнок ва фоҷиабор дар фазои пасошӯравӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он ба масоили муҳим, ба амсоли заминаҳои зуҳури ихтилофҳо дар байни ҷонибҳои даргир, неруҳои сиёсӣ ва мавқеи ҷойгиршавии тарафҳои муқобил, рушди раванди сулҳофарӣ бо иштироки СММ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст.

Дар монографияи дуюми Э.Раҳматуллоев таҳти унвони «Превентивная дипломатия или мираж» («Дипломатияи пешгирикунанда ё хаёли хом») [23], ки ба муносибати ҷашни 10-солагии имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба табъ расидааст, роҳи тадриҷан ташаккул ёфтани «дипломатияи

пешгирикунанда» таҳқиқ гардидааст. Дар андешаронӣ ва хулосабарориҳои хеш, мавсуф ба санадҳои расмии СММ, инчунин ба санадҳо ва маводҳое, ки ба ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои ин ниҳоди бузурги байналхалқӣ марбутанд, такя намудааст.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши бисёрҷонибаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ба номи ин муҳаққиқ алоқаманд аст. Фазилати бекарон, донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, маҳорати пайвастани маводи санадии зиёд бо гузориши масоили ҳалталаб ба Э. Раҳматуллоев имкон доданд, ки асарҳои бунёдӣ дар боби ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди байналхалқӣ таълиф намояд. Дар баробари таҳлили манбаъҳои тадқиқотие, ки дар дохили кишвар ба анҷом расидаанд, метавон самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибат бо созмонҳои байналхалқӣ муайян намуд. Масалан, дар асарҳои Ҳ. Зарифӣ ва он китобҳое, ки зери назари ӯ нашр шудаанд [35], омилҳои асосие, ки барои ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш бозидаанд, инчунин муносибатҳои ҷумҳурӣ бо дигар кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқӣ, махсусан ЮНЕСКО таҳлил гардидаанд. Инчунин, дар асарҳои дигари ӯ усулҳо ва ҷанбаҳои гуногуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми он дар сиёсати гуногуни муносибатҳои ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Саҳми намояндагони СММ дар ҳалли мусбати муноқишаи байни тоҷикон дар асарҳои Ш.С.Саъдиев [30], С. Давлатов [8] ва И. Абдуллоев [1] низ инъикос гардидааст. Дар онҳо таъкид мешавад, ки ҳамкории СММ ва Тоҷикистон дар истиқрори бебозгашти раванди сулҳ дар кишвар унсури асосии фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст, дастовардҳои ноилгардидаи Тоҷикистон зимни ҳамкорӣ бо СММ мебошад, ки аз ҷониби аксари таҳлилгарони сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол инъикос гардидаанд. Масалан, З. Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо тамоми созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, бахусус СММ батафсил баён намуда, дастовардҳои дар ин самт ноилгардидаи Тоҷикистонро гувоҳи афзоиши обрӯю эътибори кишвар дар арсаи байналхалқӣ арзёбӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ, «дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз ҷониби ин созмони ҷаҳонӣ пазируфта шудани се ибтикори кишвари мо – эълони Соли байналмилалии оби тоза дар соли 2003, тасдиқи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005-2015 ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 – нишонгари обрӯю эътибори афзуни Тоҷикистон дар арсаи сиёсати байналмилалӣ мебошад. Ба шарофати ибтикори Тоҷикистон аст, ки ҳамасола рӯзи 22 март чун Рӯзи байналмилалии об ҷашн гирифта мешавад» [26, с.171].

Дастоварди бузурги дигаре, ки Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо давлатҳои форсизабон ба он ноил гаштааст ва аз ҷониби кулли муҳаққиқон инъикос гардидааст, эълон шудани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз мебошад. Бояд зикр кард, ки роҷеъ ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва созмонҳои ҷаҳонӣ дигар муҳаққиқони ватанӣ низ таҳқиқот бурда, натиҷаҳои онро қаноатбахш ҳисобидаанд. Масалан, доктори илмҳои таърих Ф. Абдурашитов дар китоби «Феномен таджикского суверенитета» [2] ҳамкорӣ ва равобити густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои ҷаҳонӣ, махсусан бо Созмони Милали Муттаҳид хеле арзишманд арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҷамоаи ҷаҳонӣ таҳти сарварии ин ниҳоди байналхалқӣ асосан дар се самт – мубориза алайҳи терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва хатарҳои экологӣ амалӣ мегардад [2, с.108].

Масоили марбут ба фаъолияти СММ дар соҳаи амнияти минтақавӣ дар мақолаи Ш.Алимов [7] таҷассум ёфтаанд. Муаллиф дар мақолаи хеш маҷмӯи чорабиниҳоеро, ки СММ ҷиҳати мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир дар Тоҷикистон анҷом додааст, инъикос кардааст. Мавсуф қайд менамояд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз соли 1996 16 лоиҳаҳои СММ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ ҷиҳати мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир татбиқ гардиданд, 13-тои онҳо бомуваффақият анҷом ёфтанд. Ба андешаи Ш.Алимов, яке аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар соли 1999 бо дастгирии СММ таъсис ёфтани Агентӣ ҷиҳати назорат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар равобити хориҷии Тоҷикистон ин ҳамкорӣ бо ташкилоти махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад. 6 апрели соли 1993 Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони байналмилалии ЮНЕСКО расман аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 1994, таҳти № 305, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 1994 то моҳи ноябри соли 2015 дар ҷаласаҳои Конфронси Генералӣ, ки дар муддати ду сол як маротиба гузаронида мешавад (аз ҷаласаи 27-ум то 38-уми Конфронси Генералии ЮНЕСКО), иштирок кард ва дар ин росто аз нахустин рӯзҳои ба узвият пазируфта шуданаш то инҷониб муносибатҳои ЮНЕСКО бо Тоҷикистони соҳибистиқлол мустаҳкам мегарданд.

Бояд зикр кард, ки масоили мазкур, пеш аз ҳама, дар китоби дуҷилдаи “Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз”, ки зери назари Ҳамрохон Зарифӣ нашр шудааст, амиқ инъикос гардидаанд. Дар китоб марҳалаҳои муҳимтарини ташаккулёбӣ ва рушди дипломатияи тоҷик дар солҳои мавҷудияти идораи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, бахусус дар давраи истиқлолияти давлатӣ, вазъи имрӯзаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва сохторҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО инъикос ёфтаанд [10].

Баъзе ҷанбаҳои назариявии масоили тадқиқшаванда, ки барои муайян кардани усулу равишҳои ҳамкориҳои кишварҳо бо созмонҳои байналхалкӣ мусоидат мекунанд, дар таълифоти муҳаққиқи тоҷик, доктори илмҳои сиёсӣ Р.Ш.Нуриддинов таҷассум ёфтаанд [19]. Бояд қайд намуд, ки маром, ҳадаф, вазифаҳо, механизм ва вижагиҳои фаъолияти ЮНЕСКО дар таълифоти донишманди тоҷик Х. Самиев низ ҳаддалимкон инъикос гардидаанд [28]. Ҳамчунин, дар тадқиқоти илмии доктори илмҳои таърих З. Ш. Саидов [25] масъалаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО васеъ таҳлил гардидаанд. Бояд қайд намуд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ЮНЕСКО дар тадқиқоти Т.Н.Назаров [16], В.В.Дубовитский [11], К.А.Юлдошев [36], А. Шарифзода [34], Р.Қ.Олимов [4], Э.Раҳматуллоев [22], И.К.Усмонов [32] таҳлил шудаанд. Қобили зикр аст, ки дар адабиёти зикргардида, махсусан марҳалаҳои барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳо бо чунин ташкилоти бонуфузи СММ – ЮНЕСКО, самараи сиёсати хориҷии муваффақи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида шудааст.

Тадқиқоти дигар, ки бевосита ба масоили рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва СММ бахшида шудааст, таҳқиқоти лоиҳавии -“Художественно-эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке” («Таҳаввулоти бадеӣ-эстетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва дурнамои рушди истеъдодҳои эҷодӣ дар асри XXI» мебошад, ки ба забони русӣ ва англисӣ нашр гардидааст [33]. Ин маҷмӯа яке аз асарҳои муҳимест, ки дар асоси лоиҳаи ЮНЕСКО ва МФГС (МФГС – Фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии кишварҳои ИДМ) ба табъ расидааст. Маводи таҳлилии мазкур ба таърихи санъати бадеии халқи тоҷик, шаклгирии сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии сохибистиқлоли Тоҷикистон, низоми таҳсилоти санъати бадеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра бахшида шудааст. Бояд қайд кард, ки дар мавриди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ таҳқиқоти диссертатсионӣ низ ба анҷом расидаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳои густурда инъикос гардидаанд. Дар ин самт, махсусан рисолаҳои номзадии Л.К.Мерганов [15], Б.Г.Нодиров [18], У.А.Мансуров [14], Ф.Ф.Идиев [13], Р.Ю.Новиков [17], Б.Алимов [3], З.Х.Сайфуллоева [27], У.М.Рашидова [24] -ро ёдрас шудан бамаврид аст, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои Тоҷикистон ва СММ, ба амсоли нақши сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон, мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир, амнияти минтақавӣ, баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва ғайраҳо таҷассум ёфтаанд.

Ҳамин тавр, баъд аз таҳлили адабиёти мавҷуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони сохибистиқлол бо Созмони Милали Муттаҳид, ки самти дигари афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбад, таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллаев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диалоге / И.Абдуллаев // Учен. зап. ХГУ. Гуманитарные науки. – Худжанд, 2013. -Вып. №1. – С. 100-110.
2. Абдурашитов Ф.М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М.Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.
3. Алимов Б. Социально-экономические и политические процессы в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Б.Алимов. – Худжанд, 2008.
4. Алимов Р. Дипломатия Таджикистана / Р.Алимов, М.Лебедев, Дж.Шарипова. – Душанбе,1994; Алимов Р. Таджикистан- Китай: Сборник основных документов / Р.Алимов. - Пекин, 2008; Алимов Р.К. Таджикистан-Китай: курсом стратегического партнёрства. Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества / Р.К.Алимов. - М., 2014; Алимов Р.К. Таджикистан-ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р.К.Алимов, М.С.Лебедев, Э.С.Касымов. - М., 1995; Таджикистан-ООН: Выступления, документы и материалы. 1993-2000 годы / Автор - составитель: Р.К. Алимов.
5. Алимов Р. Таджикистан - ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р.Алимов, Э.Касымов, М.Лебедев. –М.: Знак, 1995.
6. Алимов Р. Таджикистан – Организация Объединнёных Нации: Выступления, документы и материалы 1993-2000 годы / Р.Алимов. – М.: Международные отношения, 2001. –376 с.
7. Алимов Ш. О наркоситуации и мерах по борьбе с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан / Ш.Алимов // Сотрудничество государств Среднего Востока и Евросоюза: комплексное взаимодействие и перспективы. – Душанбе, 2010. – С. 92-98.
8. Давлатов С. Роль ООН в восстановлении мира в Таджикистане / С.Давлатов // Шоҳроҳи ваҳдат: научно-информационный журнал. – Душанбе, 2003. – С. 34-39; Давлатов С. О национальном примирении / С.Давлатов // Вестник Педагогического университета.- Душанбе, 1997. - №5. – С. 42 - 46.

9. Дипломатия Таджикистана. – Душанбе: МИД Республики Таджикистан, 2007-2010.
10. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / зери таҳрири Ҳамрохон Зарифӣ // Сиёсати хориҷии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 2009.- 296 с.
11. Дубовицкий В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010гг.) / История таджикского народа / зери таҳрири Р.Масов. – Душанбе, 2011. Т. 6. – С. 660-669.
12. Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанбе, 2004. -Ҷ. 1. – С.10-11.
13. Идиев Ф.Ф. Международно-правовые основы участия международных организаций в урегулировании межтаджикского кофликта в Таджикистане: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / Ф.Ф.Идиев. – М., 2011.
14. Мансуров У.А. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с международными межправительственными организациями: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / У.А.Мансуров. – М., 2008.
15. Мерганов Л.К. Урегулирование конфликтов международными организациями на примере Республики Таджикистан: дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / Л.К.Мерганов. - М., 1998.
16. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006.; Назаров Т. Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.
17. Новиков Р.Ю. Социально-экономические и экологические проекты ООН для государств Центральной Азии в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Р.Ю.Новиков. – М., 2001.
18. Нодиров Б.Г. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Евросоюза: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / Б.Г.Нодиров. - М., 2011.
19. Нуриддинов Р.Ш. Основы политологии. Учебник / Р.Ш.Нуриддинов. - Душанбе, 2006; Нуриддинов Р.Ш. История государства и права зарубежных стран / Р.Ш.Нуриддинов. - Новосибирск: СибАГС, 2008.
20. Раҳмон Э. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 15 марти соли 2013. URL:http://www.prezident.tj/. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ.24.12.2017. http://president.tj/.URL:http://www.prezident.tj/. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ.24.02.2011. http://president.tj/ru/node/4960.
21. Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э.Рахматуллаев. – М., 2001; Рахматуллаев Э. Таджикистан и международные организации: реалии перспективы / Э.Рахматуллаев // Интеграция Таджикистана в мировое сообщество: материалы III Международной научно-практической конференции. – Душанбе, 1997.
22. Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э.Рахматуллаев. – М., 2001.
23. Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия или мираж / Э.Рахматуллаев. – М.: КДУ, 2007.
24. Рашидова У.М. Исторический опыт решения проблем беженцев и внутренних переселенцев в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / У.М.Рашидова. – Душанбе, 2011.
25. Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей».Монография / З.Саидов. – Душанбе, 2015; Саидов З. Таджикистан: Внешняя политика и массовая информация (1993-1995гг.) / З.Саидов. – Душанбе, 1998; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З.Саидов. – Душанбе, 2002; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате. Второе, дополненное издание / З.Саидов. - Душанбе: Авасто, 2001. – 112с.; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З.Саидов. – Душанбе: Сарпараст, 2001. – 400 с.; Саидов З. Политика открытых дверей / З.Саидов. – Душанбе: Авасто– Шарки озод, 2003. – 225 с.; Саидов З.Современный Таджикистан:актуальные вопросы национального развития в условиях независимости / З.Саидов. – Душанбе: ЧДММ «Контраст», 2016.– 608 с.; Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А.З.Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 432 с.; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005гг.) / З.Саидов. – Душанбе: Авасто, 2006. – 560 с.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З.Саидов. – Душанбе: Авасто, 2009. – 418 с.
26. Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.170.
27. Сайфуллаева З.Х. Роль международных организаций и стран Содружества в укреплении мира в Таджикистане: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / З.Х.Сайфуллаева. – Душанбе, 2007.
28. Самиев Х. Муқаддимаи фанни равобити байналмилал / Х.Самиев. - Душанбе, 2011. – 176 с.; Самиев Х. Равобити байналмилал. Раҳнамои донишҷӯ / Х.Самиев. –Душанбе, 2012. - 82 с.; Самиев Х. Тақдири таърихии зиёиёни тоҷик / Х.Самиев. - Душанбе , 2014. - 140 с.; Самиев Х. Гуфторҳо дар бораи назарияи равобити байналмилал / Х.Самиев, Т. Муҳитдинов. – Душанбе, 2014. - 251 с.
29. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик / зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе, Ирфон, 2013. – С. 24.
30. Саъдиев Ш.С. Вклад Миссии наблюдателей ООН в Таджикистане в мирном урегулировании межтаджикского конфликта / Ш.С.Саъдиев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «20-солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид». 2-3 марти с. 2012. – Душанбе, 2013, – С. 58-64 (тоҷ.)–С. 204-210 (русӣ), – С. 341-346 (анг.).
31. Сотиров В. Роль ООН в достижении и упрочении мира в Таджикистане / В.Сотиров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №2(3). – С. 62-65.
32. Усмонов И.К. Миростроительство в Таджикистане / И.К.Усмонов. – Душанбе, 2006.
33. Художественно-эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке //Аналитический доклад. Подготовлен в рамках пилотного проекта

ЮНЕСКО и МФГС «Художественное образование в странах СНГ: развитие творческого потенциала в XXI веке».– Душанбе, 2010.–320 с.
34. Шарифзода А. Эмомали Рахмон и мировое сообщество / А.Шарифзода, З. Косими. - Душанбе, 2011.
35. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / зери таҳрири Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе, 2012; Зарифи Х. Республика Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х.Зарифӣ. - Душанбе, 2011.
36. Юлдашев К. Эмомали Рахмонов - основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана / К.Юлдашев. - Душанбе, 2001. - 234 с.

ИНЪИКОСИ ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ

Дар мақола масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо яке аз бонуфузтарин созмонҳои ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид, ки аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар он муаллиф, бахусус нақши сулҳофаринии ин созмонро дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби муҳаққиқони зиёд инъикос гардидааст, баррасӣ намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, нақши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Маҳз таҳти сарпарастии СММ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокирот миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид. Муаллиф, инчунин талошҳои пайвастаи гуманитарии ин ниҳодро таҳлил намуда, бештар ба фаъолияти Фонди Кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) ва ташкилоти махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО), ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҳаддалимкон инъикос гардидаанд, диққати ҷиддӣ додааст. Илова бар ин, дар мақола рисолаҳои номзадии дар ин замина ҳимоягардида, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои Тоҷикистон ва СММ, ба амсоли нақши сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон, муборизаи алайҳи қочоқи маводи мухаддир, амнияти минтақавӣ, баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва ғайраҳо таҷассум ёфтаанд, ёдрас мегарданд.

Калидвожаҳо: Созмони Милали Муттаҳид, Фонди Кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ), ЮНЕСКО, нақши сулҳофаринӣ, истиқлолияти давлатӣ, раванди гуфтушуниди байни тоҷикон, истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ.

ОСВЕЩЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА С ОРГАНИЗАЦИЕЙ ОБЪЕДИНЕННОЙ НАЦИИ В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

В статье рассматриваются вопросы освещения сотрудничества Таджикистана с одной из самых влиятельных международных организаций - Организацией Объединенных Наций, которая является одним из приоритетов внешней политики Республики Таджикистан. В ней автор обсуждает миротворческую роль организации в Таджикистане, которая отражается во многих исследованиях, и в частности, отмечает, что таджикский миротворческий опыт является уникальным явлением и роль ООН в его достижении очень высока и ценна. Именно под эгидой Организации Объединенных Наций и государств-гарантов этого региона были проведены восемь раундов переговоров между таджиками с целью достижения мира и стабильности в Таджикистане, и, наконец, был достигнут долгожданный мир. Автор также анализирует текущие гуманитарные усилия этой организации, уделяя особое внимание деятельности Детского фонда Организации Объединенных Наций (ЮНИСЕФ) и Организации Объединенных Наций по вопросам образования, науки и культуры (ЮНЕСКО), за которой пристально следят отечественные и зарубежные исследователи. Кроме того, в этом контексте автор анализирует кандидатские диссертации, которые защищались по этой теме и охватывают различные аспекты сотрудничества между Таджикистаном и ООН, такие как миротворческая роль ООН в Таджикистане, борьба с незаконным оборотом наркотиков, региональная безопасность и т. д.

Ключевые слова: Организация Объединенной Нации, Детский фонд ООН (ЮНИСЕФ), ЮНЕСКО, миротворческая роль, государственная независимость, процесс диалога между таджиками, установление мира и национального согласия.

REFLECTION OF TAJIKISTAN'S COOPERATION WITH THE UNITED NATIONS IN DOMESTIC HISTORIOGRAPHY

The article discusses the reflection of Tajikistan’s cooperation with one of the most influential international organizations - the United Nations, which is one of the priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. In it, the author discusses the peacekeeping role of the organization in Tajikistan, which is reflected by many researchers, and in particular notes that the Tajik peacekeeping experience is unique and the role of the UN in its achievement is very high and valuable. It was under the auspices of the United Nations and the guarantor states of this region that eight rounds of negotiations were held between Tajiks with the aim of achieving peace and stability in Tajikistan, and finally, the long-awaited peace was achieved. The author also analyzes the current humanitarian efforts of this organization, paying particular attention to the activities of the United Nations Children's Fund (UNICEF) and the United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO), which are closely follow by domestic and foreign researchers. In addition, in this context, the author analyzes candidate dissertations, which were defended on this topic and cover various aspects of cooperation between Tajikistan and the UN, such as the UN peacekeeping role in Tajikistan, the fight against drug trafficking, regional security, etc.

Keywords: United Nations Organization, United Nations Children's Fund (UNICEF), UNESCO, peacekeeping role, state independence, the process of dialogue between Tajiks, the establishment of peace and national harmony.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Мирзоев Ҷурабек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷиистон, омӯзгори калони кафедраи , минтақашиносии хориҷӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru**
Асомиддини Абдулмумин – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ. ных дисциплин. **Суроға:** 734061,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3. Телефон: **988281877**

Сведения об авторах: ***Мирзоев Джурабек*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры «зарубежное регионоведение». Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru**
Асомиддини Абдулмумин – Технологический университет Таджикистана, ассистент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, город Душанбе, район Фирдоуси, улица Н. Карабаева, 63/3. Телефон: **988281877**

Information about the author: ***Mirzoev Jurabek*** - Senior Lecturer, Department of Foreign Regional Studies, Tajik National University. Phone: 2217210; E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru
Asomiddini Abdulmumin - Technological University of Tajikistan, assistant of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Firdousi district, N. Karabaev street, 63/3.
Phone: **988281877**

УДК:327.3(575.3:403.2)

МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН ДАР РУШДИ СОҲАИ ИЛМ

Қаландаров Ф.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муносибатҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз оғози барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ оғоз гардида, 22 августи соли 1997 ба имзо расонидани Созишномаи байнидавлатӣ оид ба муносибатҳои илмӣ-фарҳангӣ қувваи эътибор пайдо намуданд [6, с.3]. Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Олмон ҳамкориҳо бештар дар самти омӯзиши забонҳои олмонӣ ва тоҷикӣ рушд намуда, ҳамкориҳо бо донишгоҳҳо ва мактабҳои миёна низ аз соли 2003 ба роҳ монда шудаанд. Аз ин лиҳоз робитаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар сатҳи байнидавлатӣ, байни муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда, ба роҳ монда шудаанд. Воситаи иловагии самарабахши таҳкими ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон, ёддошти тафоҳум байни Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Олмон мебошад, ки 5 декабри соли 2002 ба имзо расидааст [8, с. 168]. Тибқи ин санад, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳои илмию техникиро дар соҳаи илмҳои табиӣ-риёзӣ (математика, физика, химия, биология, астрономия ва ғайра), технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, муҳандисии генетикӣ ва биотехнология, ҳифзи муҳити зист ва энергетика, илмҳои тиббӣ ва ғайраҳо таҳким бахшанд. Ҳамчунин, ду санади дар боло зикргардида, барои марҳилаи навбатии ҳамкориҳо байни муассисаҳои илмии Тоҷикистону Олмон асос гузоштаанд.

Бояд қайд кард, ки аз ибтидои асри XXI муносибатҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон вусъати тоза пайдо намуданд. Зеро барои ҷумҳурии тозаистиқлол лозим омад, ки ҳамкориҳоро бо кишварҳои тараққикардаи Аврупо дар мисоли Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар тамоми самтҳо, бахусус илмӣ таҳким бахшад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди вусъат додани ҳамкориҳо дар соҳаи илм борҳо таъкид намудаанд. Марбут ба мавзӯи мазкур Файзов Некрӯз Наврӯзович дар диссертатсияи худ “Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият” қайд намудааст, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, дар баробари риоя намудани меъёрҳои байналмилалӣ, таъмини амният, волоияти ҳуқуқи инсон, демократикунонӣ, маориф, илм, фарҳанг ва тайёр намудани кадрҳо соҳаҳои калидӣ мебошанд, ки барои татбиқи онҳо бояд ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба роҳ монда шаванд” [9, с. 43].

Созишномаҳои мухталифе, ки Ҷумҳурии Олмон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидаанд, ба ташкил ва таҳкими ҳамкориҳо миёни ду кишвар мусоидат менамоянд. Ҳамин тариқ, Ҳукумати Олмон ва Тоҷикистон моҳи декабри соли 2002 созишномаеро дар самти илм ба имзо расониданд. Созишномаи мазкур муносибатҳои Олмон ва Тоҷикистонро дар самти рушди ҳамкориҳои муассисаҳои илмӣ ва гурӯҳҳо, аз ҷумла

муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар заминаи мутақобилан судманд инъикос мекунанд [2]. Бо ин мақсад, Олмон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои кумаки тарафайнро дар самтҳои зерин тасдиқ кардаанд: ҳамкорӣ дар соҳаи илм дар байни пажӯҳишгоҳҳо ва муассисаҳои илмии ду кишвар; ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи иттилоот, аз ҷумла нашрияҳои илмӣ; сафарҳои кории тӯлонии олимон (номзадон ё докторони илм); таъйини олимони ду кишвар ба ҳайси роҳбарони аспирантҳо; мубодилаи кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ; ба роҳ мондани робитаҳои мустақим байни пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва марказҳои таҳқиқотӣ;- ташкили муштараки чорабиниҳои гуногуни илмӣ (конференсияҳо, симпозиумҳо, семинарҳо ва ғайра), ки дар онҳо намояндагони ҳарду кишвар иштирок мекунанд ва мавзӯъҳои маърӯзаҳои илмӣ барои кишварҳо умумӣ мебошанд ва манфиатҳои умумии кишварҳоро ифода мекунанд;- ҳифзи моликияти зеҳнӣ.

Тибқи ин созишнома, дар солҳои истиқлолият, ҳамкориҳои илмии Тоҷикистону Олмон ба таври назаррас рушд намуданд. Лозим ба ёдоварист, ки барномаи Erasmus+, ки аз тарафи фонди муассисаҳои шарики Тоҷикистон, Чехия, Эстония ва Олмон идора карда мешавад, муносибатҳоро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушд ва таҳкими соҳаи илм ҷоннок намуд. Яке аз ҳадафҳои барномаи Erasmus+ мусоидат ба донишҷӯёни кишвар баҳри омӯзиши илмҳои гуманитарӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар раванди фаъолияти барномаи Erasmus+, ки шурӯъ аз соли 2016 то 2020 амалӣ гардид, олимон ва профессорони зиёде барои дарс гузарондан ба Тоҷикистон омадаанд [5].

Моҳи ноябри соли 2016 профессор Фрошлет аз Донишгоҳи техникии Дрезден ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф овард. Дар тӯли сафари худ ӯ бо шарикон ва коршиносон вохӯрд ва инчунин ба донишҷӯён дар бораи муҳиммияти фанни геополитика лексияҳо хонд. Аз 27 август то 30 сентябр донишҷӯён ба Донишгоҳи Тарту (Эстония) ташриф оварданд. Он ҷо онҳо имконият доштанд, ки дар лексияҳои гуногун дар мавзӯъҳои сиёсат, иқтисод, ҳуқуқ ва фарҳанги Аврупо, инчунин таҳқиқоти мустақилона иштирок кунанд. Донишҷӯён, инчунин, бо шаҳр ва ҳаёти фарҳангии он шинос шуданд.

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6 то 8 феврали соли 2018 дар мавзӯи "Аккредитатсияи байналмилалӣ - минтақавии барномаҳои таълимии донишгоҳ: стандартҳо, критерияҳо, тартибот" семинари омӯзишӣ баргузор гардид. Нуқтаҳои муҳокима стандартҳои аврупоиро оид ба таъмини сифат дар таҳсилоти олӣ, арзёбии системаи таъмини сифати таҳсилоти олии Тоҷикистон ва робитаи мутақобила бо системаҳои дохилӣ ва берунии сифати таҳсилотро дар бар гирифтанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои зиёде амал менамоянд, ки дар рушд ва таҳкими илм саҳми назаррас мегузоранд.

ҶФО яке аз кишварҳое дониста мешавад, ки ба муваффақиятҳои зиёде дар соҳаи илм ноил гаштааст. Робитаҳо бо Ҷумҳурии Олмон барои ҷумҳурии мо дар рушди илм ва омода намудани кадрҳои соҳибтаҷриба мусоидат менамояд. Равобит дар соҳаи илм яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Олмон ба шумор меравад. Ҷумҳурии Федеративии Олмон миёни кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ягона кишваре дониста мешавад, ки дар рушди соҳаи илм ва маорифи ҷумҳурӣ кумаки бештар мерасонад. Ҳамкориҳо бо кишварҳои бонуфузи дунё дар мисоли ҶФО, метавонанд заминаи низоми нави таҳсилотро фароҳам орад. Зеро рушди пешрафти кишвар аз рушди соҳаи илм ва маориф вобастагӣ дорад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: “рушди ягон кишвар, таҳаввулоти маънавии ҷомеа ва тарбияи наслҳои нави дорои тафаккури андархӯри асри илму технологияҳои тозатарин бидуни такя ба неруи зеҳнии кишвар, аҳли илму зиё номумкин аст” [10, с.8].

Тайи солҳои охир таваҷҷуҳ ба рушди илмҳои дақиқ афзуда истодааст. Вусъат бахшидани ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ барои дастгирӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи илмҳои дақиқ, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, муҳайё кардани шароити мусоид барои тарбияи кадрҳои илмӣ, нақши назаррас мебозад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳким ва рушди соҳаи илм дар

мамлакат, инчунин ҷалби барномаҳои хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Инчунин, мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо дар ҷумҳурӣ дар қатори омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои томактабӣ, макотиби таҳсилоти умумиву касбӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳуриамон новобаста аз ихтисос ба омӯзиши забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ ва фаронсавӣ мароқи хосса зоҳир карда истодаанд. Барои такмил ва ташаккул додани ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар соҳаи илм чунин тавсеаҳо муфид ба назар мерасанд: - табодул ва паҳн намудани иттилооти илмӣ; Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кард, ки оғоз аз соли 2020 донишҷӯёну устодон барои таҳкими иқтисодиёти кишвар бештар ба илмҳои дақиқ рӯ оваранд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ҳамкориҳоро бо кишварҳои бонуфуз дар ин самт бояд ба роҳ монд. Ҷумҳурии Олмон ягона кишваре ба ҳисоб меравад, ки дар ҳамкори ба ҷумҳурии Тоҷикистон ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст. Мавриди зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Олмон метавонад дар самти табодули иттилоот, маводи илмӣ, аз ҷумла, маводе, ки дар тадқиқотҳои бунёдӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва тиб истифода мешаванд, ҳамкориҳои судманд ба роҳ монад. Марбут ба ин нуқта Бузургмеҳри Баҳодур дар мақолаи худ оид ба мавзӯи рушди соҳаи илму маориф қайд кардааст, ки “бе мавҷудияти озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазу замонавӣ, пояи устувори моддиву техникӣ ва кадрӣ пешрафти илмҳои техникиву табиӣ ва хусусан илмҳои таҷрибавӣ (экспременталӣ) ғайриимкон аст” [1, с. 3]. Маҳз бо ҳамин сабаб аксари муассисаҳои илмиву тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳои соҳаи тандурустӣ ва дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиву олӣ наметавонанд ба таври зарурӣ таҳқиқоти самаранок ва ташхиси дақиқу саривақтиро ба анҷом расонанд. Барои тақвият додани самтҳои мазкур мебояд чунин корҳоро ба анҷом расонид:

1. ба роҳ мондани ҳамкориҳо байни муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо;
2. мусоидат намудан ба рушдин робитаҳои мустақим миёни донишгоҳҳо, муассисаҳои илмӣ, ҷамъиятҳои илмӣ миёни олимон ва кормандони илмӣ, инчунин табодули олимон ва кормандони илмӣ, даъвати ҷаласаҳои муштарак ё гурӯҳҳои корӣ оид ба банақшагирии мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотӣ [7, с.16];
3. бунёди гурӯҳҳои муштараки олимон барои амалисозии лоиҳаҳои тадқиқотӣ дар асоси тавофуқномаҳо миёни пажӯҳишгоҳҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Олмон;
4. мусоидат намудан ба донишҷӯёну устодоне, ки бо корҳои тадқиқотӣ машғул хастанд, инчунин омодасозӣ ва гузаронидани конфронс ва семинарҳои байналмилалӣ оиди мавзӯъҳои гуногун ва иштироки олимон ва кормандони илмии Ҷумҳурии Федеративии Олмон;
5. даъват намудани ходимони пешбари илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Олмон барои иштирок ва муҳокима кардани маҷмӯи масъалаҳое, ки дар рушди соҳаи илм мавриди таваҷҷӯҳи умум қарор доранд ва минбаъд мусоидат намудан ба тавсеаи робитаҳо, алоқаҳо ва табодули иттилоот миёни муассисаҳои илмӣ ва миёни олимон вомехӯранд;
6. тақвият додани ҳамкориҳо дар соҳаи тадқиқотҳои илмӣ, ҳамоҳангсозии барномаҳо;
7. ҳамкориҳо дар самти рушди илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, аз ҷумла, тадқиқотҳои бунёдӣ дар самти математика, физика, физикаи назариявӣ, геофизика, кимиё, биология, экология ва астрономия.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон сарфи назар аз дастовардҳои қаблӣ, муносибати ҷиддитар ва назари фарохтарро дар таҳким ва рушди босуботи соҳаи илм тақозо доранд. Мо бояд иқтидори бузурги ин кишварҳоро ба эътибор гирифта, низоми самараноки ҳамкорию ҳамёриро дар ин самт ҷиддитар ба роҳ монем.

АДАБИЁТ

1. Бузургмеҳри Б. Маориф // Ҷумҳурият. – 2016. – 16 феврал, 3 с.

2. Гоибназарова Т. Германия подписала договор о сотрудничестве с национальной консерваторией Таджикистана. [Электроный ресурс]. НИАТ «Ховар» www.khovar.ru (дата обращения: 20.08.2020 г.)
3. Комилова Х.Г. История взаимоотношений между Республикой Таджикистан и Федеративной Республикой Германия (1991-2009 г.): дис. ... канд. полит. наук / Х.Г. Комилова. - Душанбе, 2010. – 104 с.
4. Научная лекция Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в честь дня знаний в Таджикском аграрном университете. *[Электронный ресурс]. URL:* http//www.prezident.tj (дата обращения: 23.08.2020 г.)
5. [Манбаи электронӣ] www.botschaft-tadschikistan.de (санаи мурочиат: 11.08.2020 г.)
6. [Манбаи электронӣ www.botschaft-tadschikistan.de; (санаи мурочиат: 17.08.2020 г.)
7. Стабильность. Рост. Развитие. Таджикско-германское сотрудничество.- Издание Посольства Федеративной Республики Германия, 2007.С.16;
8. Талбак Назаров. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография / Т.Назаров, А.Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. - 168 с.
9. Файзов Н.Н. Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият. Монография / Файзов Н.Н. - 43 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон. Забон нигаҳбони ҳувияти миллист. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Адиб, 2006 –*С.*8.

МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ ФЕДЕРАТИВИИ ОЛМОН ДАР РУШДИ СОҲАИ ИЛМ

Дар мақолаи мазкур таҳким ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Олмон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷумҳурии Олмон ягона кишваре ба ҳисоб меравад, ки баҳри устувор мондани равобити дуҷониба ва таъсиси барномаҳои доимамалкунанда барои рушди соҳаи маорифи кишвари мо саҳмгузор мебошад. Дар партави рушди илм муносибатҳо инкишофу такомул ёфта, ба як қатор дастоварду натиҷаҳои муҳим ноил мегарданд. Муносибатҳои Тоҷикистону Олмон дар соҳаи илм фаъолона рушд мекунанд, ки инро бисёр далелҳо тасдиқ мекунанд. Муносибатҳои комили дуҷонибаро бе чунин ҳамкорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Инкишофи робитаҳои илмӣ имкон медиҳад, ки созишномаҳое, ки миёни ду кишвар ва муассисаҳои илмии онҳо ба имзо расидаанд, ба пуррагӣ татбиқ шаванд. Дар давраи ташаккули робитаҳои илмӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Олмон, лоиҳаҳо, созишномаҳо амалӣ мегарданд, ташаббусҳои нав дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ, бахусус дар таҳким ва рушди соҳаи илм, вусъат меёбанд ва бояд дастгирӣ карда шаванд.Ҳамкориҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон боз як воситаи боэътимоди наздикшавии халқҳои ду кишвари дӯст маҳсуб меёбанд.

Калидвожаҳо: робита, илм, созишнома, муассиса, давра, ташаккул, гуманитарӣ, муштарак, чорабинӣ, ҳамкориҳои илмӣ, маърифатнокӣ.

ОТНОШЕНИЯ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И ФЕДЕРАТИВНОЙ РЕСПУБЛИКОЙ ГЕРМАНИЯ В УКРЕПЛЕНИИ СФЕРЫ НАУКИ

В статье анализируется укрепление и развитие отношений между Республикой Таджикистан и Германией. Республика Германия - единственная страна, которая ежегодно считает полезным укреплять двусторонние отношения и устанавливать текущие программы по развитию образования в нашей стране. В свете развития науки отношения развиваются и улучшаются, достигается ряд важных достижений и результатов.Отношения между Таджикистаном и Федеративной Республикой Германия в научной и культурной сфере активно развиваются, подтверждением чему служит множество фактов. Без подобного сотрудничества невозможно представить полноценные двусторонние отношения. Активизация научных связей позволяет в полной мере реализовать те договоренности, которые отражены в подписанных между двумя странами и их научными учреждениями соглашениях. Научное сотрудничество между Таджикистаном и Германией является ещё одним надежным инструментом сближения народов двух дружественных стран, наряду с его политическими, торгово-экономическими и культурно-образовательными составляющими. Когда период становления научных связей успешно будет пройден, учёным двух стран необходимо подкрепить достигнутый уровень сотрудничества и его результаты новыми проектами, договорённостями и инициативами в различных областях научного взаимодействия.

Ключевые слова: сфера, договоренность, сотрудничество, отношения, взаимодействие, культура, наука.

THE RELATION OF TAJIKISTAN WITH THE FEDERAL REPUBLIC OF GERMANY IN STRENGTHENING THE FIELD OF SCIENCE

This article analyzes the strengthening and development of relations between the Republic of Tajikistan and Germany. The Republic of Germany is the only country that annually finds it useful to strengthen bilateral relations and establish ongoing programs for the development of education in our country. In the light of the improving of science, relations are developing and improving, and a number of important achievements and results are being obtained. The relations between Tajikistan and the Federal Republic of Germany in the scientific and cultural spheres are actively developing, which is confirmed by many facts. It is impossible to imagine full-fledged bilateral relations without such cooperation. The intensification of scientific ties makes it possible to fully implement the agreements that are reflected in the agreements signed between two countries and their scientific institutions. Scientific cooperation between Tajikistan and Germany is another reliable tool for bringing the peoples of two friendly countries closer together, along with its political, trade, economic, cultural and educational components. When the period of formation of scientific ties is successfully passed, scientists of the two countries need to reinforce the achieved level of cooperation and its results with new projects, agreements and initiatives in various fields of scientific interaction.

Key words: Science, institution, interaction, reliable, relation, culture, education, component, initiative, achievement.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каландаров Фирӯз Ҷумахонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **firuz.kalandarov.1994@mail.ru** Телефон: **907886937**

Сведения об авторе ***Каландаров Фируз Джумахонович*** **–** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D факультета международных отношений. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе, 734025 Проспект Рудаки, 33. E-mail: **firuz.kalandarov.1994@mail.ru** Телефон: **907886937**

Information about the author: ***Kalandarov Firuz Djumakhonovich*** - Tajik National University, Ph.D. doctoral student of the Faculty of International Relations. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, 734025 Rudaki Avenue, 33. E-mail: **firuz.kalandarov.1994@mail.ru** Phone: **907886937.**

УДК:930 (575.3) (470)

ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ҲАРБӢ-СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ЧОРЧӮБАИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВӢ

Меъроҷиддини Насридин, Воҳидов Н.Ҳ.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шароити баамаломадаи ҷаҳонишавӣ дар таҳаввули равобити байналхалқӣ ва муносибатҳои бисёрҷониба яке аз шохаҳои рушддиҳандаи сиёсати хориҷии ҳар кишвари мустақил ба шумор меравад. Бо ин далел сиёсатшиносон дар саросари олам дипломатияи муосирро зимни ҳамгироиҳои «бисёрҷониба» бештар мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додаанд. Дар ҳамаи давру замонҳо давлатҳои алоҳида ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои худ ва расидан ба ҳадафҳои умумибашариву ҳалли проблемаҳои глобалӣ ба як навъ ҳамгироиву иттиҳод ва эътимоду боварӣ ниёз доранд. Воқеан, дар асри XXI ногузирии тавсеаи созмонҳо зиёд ба назар мерасад, зеро ин аср, аз як тараф, ҳамқадами равандҳои ҷаҳонишавӣ, минтақагароӣ, ҳамгироӣ ва ташаккули созмонҳои гуногун гашта, аз тарафи дигар, хатарҳои ғайрианъанавӣ ва падидаҳои номатлуб, ба монанди терроризм, экстремизм, сепаратизм, радикализм, қочоқи маводи мухаддир барои ин аср ҳамқадам гардид. Дар асри XXI таҳаввулоти сиёсӣ ва дигаргуниҳои вазъи геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ боиси муҳимтар гаштани ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ гаштаанд. Зуҳури падидаҳои номатлуб, хатарҳои ғайрианъанавӣ ва таҳдиди онҳо ба амнияти Осиёи Марказӣ кишварҳои минтақаро водор намудааст, ки дар пешгирии таҳдидҳои номбаршуда ҷиддитар бошанд ва ҳамкориҳои густурдаро ҷиҳати танзими хатарҳо ба роҳ монанд. Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар он имрӯзҳо асоситарин таҳдидҳои амниятӣ ба назар мерасанд. Ҳодисаи Афғонистон ва дар ҳудудҳои он пайдо шудани лонаи терроризми байналхалқӣ мисоли равшани он аст.

Доири масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи сарони узви СҲШ дар шаҳри Остона 8-уми июни соли 2017 суханронӣ намуда, чунин иброз доштанд: “Имрӯз ҷаҳон бо мавҷи хушунат рӯ ба рӯ шудааст. Таҳдидҳо ва хатарҳо ба амният гӯшаҳои гуногуни сайёраро фаро гирифта, ҷуғрофияи паҳншавии худро васеъ мекунанд ва бештар хусусияти муташаккилона мегиранд. Тадбирҳои тайи ду даҳсола андешудашуда дар ин самт натиҷаи дилхоҳ надоданд. Дар робита ба ин, зарур аст, ки дар доираи СҲШ ба масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ диққати зарурӣ дода шавад. Имрӯз мушкилоти муҳимми байналхалқӣ дар соҳаи амният вазъ дар Афғонистон ва Шарқи Наздик мебошад. Расонидани ёрии ҳамаҷонибаро ба талошҳои Ҳукумати Афғонистон дар роҳи истиқрори сулҳ ва субот дар кишвар, инчунин ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии он ва ҷустуҷӯи роҳҳои оштии миллӣ муҳим меҳисобем. Дар ин росто мо СҲШ-ро майдони боэътимоди ҳамгироӣ мешуморем” [1]. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар доираи ИДМ, СААД ва СҲШ хусусияти умумии хавфу хатар, фазои ягонаи геостратегӣ, таърихи гузаштаи умумӣ дорад, ки алоқаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои дигарро ҳифз намудаанд. Онҳо дар худ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар соҳаҳои омодасозӣ ва истифодабарии қувваҳои мусаллаҳ дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ таҷассум намуда, ҳамкориҳоро, пеш аз ҳама, дар соҳаҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, инчунин дар ҳифзи амнияти сарҳади кишварҳо дар

чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ ба роҳ мондаанд. Ширкати ҳамаҷониба дар фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва таҳкиму тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои аъзои он дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолият мавқеи афзалиятнокро ишғол менамояд. Дар ин қарина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Э. Раҳмон 29 сентябри соли 1993 зимни нахустин суханронии худ аз минбари Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид иброз намуд, ки «дар хусуси иштироки мо дар ИДМ сухан ронда, бояд таъкид кунам, ки Тоҷикистон … барои таҳкими ин Иттиҳод саъю кӯшиш мекунад» [2, с.87].

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар самти таъмини амнияти сарҳадӣ дар доираи ИДМ дар сиёсати хориҷии ҷонибҳо муҳиммияти хосаро касб намудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки дар қиёс бо дигар давлатҳои аъзои ИДМ системаи таъмини манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар самти амнияти сарҳадӣ имкониятҳои пурраи истодагариро бар зидди таҳдиду хатарҳои амнияти сарҳадӣ доро мебошанд. Ҳамзамон, таҳлилҳои гузаронидаи муаллифон аз он шаҳодат медиҳанд, ки иқтидор ва таҳдидҳои воқеии амнияти сарҳадӣ хислатҳои миқёсӣ, системавӣ, динамикӣ ва баъзан пешгӯинашавандаро доро мебошад. Дар ҳоли ҳозир метавон гуфт, ки бо вуҷуди ҳамаи мушкилиҳо оид ба масъалаи ҳамгироӣ дар чорчӯбаи ИДМ, Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия бо назардошти ҳадафҳои геополитикӣ ва қоидаҳои сангини бунёдии низоми нави ҷаҳонӣ, кӯшиши ҳифзи манфиатҳои миллии муштарак дар самти амнияти сарҳадиро доранд [2, с.13]. Мавқеи ҷонибҳоро дар робита бо фаъолияти ИДМ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳоро дар чорчӯбаи ниҳоди мазкур ба назар гирифта, бояд дар назар дошт, ки дар масъалаи таъмини амнияти сарҳадии минтақа Федератсияи Россия саҳми бориз дорад. Ҳамин тавр, бо мақсади таҳкими суботу устуворӣ дар сарҳадоти бурунмарзӣ давлатҳои иштирокчии ИДМ, хусусан Тоҷикистону Россияро лозим аст, ки ҳаддал имкон ҳамкориҳоро дар самти амнияти сарҳадӣ дар чорчӯбаи ШФҚС ИДМ тавсеа бахшанд [4, с.29]. Дар муқовимат ҷиҳати безараргардонии манбаъҳои хатари ҳарбӣ ва таҳдид барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар чорчӯбаи ИДМ аз ҳама роҳи афзалиятдошта ин роҳҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои сулҳомез маҳсуб меёбад. Ин ба рӯҳияи замона мувофиқ аст ва дар таълимоти ҳарбии кишварҳо дар доираи ИДМ инъикос меёбад.

Таъмини амнияти миллӣ ва сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи ИДМ тавассути кӯшишҳои дастаҷамъона ҷалб гардида, ҳамчун самти муассир ва ояндабинонаи рушди ҳамкорӣ боқӣ хоҳад монд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия ҳамкориҳои ҳарбии худро дар доираи СААД бо якчанд самтҳои асосӣ фаъолона ба роҳ мондаанд: фаъолияти сиёсати хориҷӣ, ки вазифаи асосиаш муайян кардани мавқеи ҷонибҳо оид ба масъалаи амнияти умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад; вокуниш ба таҳдиду хатарҳо мебошад. Дар навбати аввал, сухан оид ба ҳамоҳангсозии қуввaҳои дастаҷамъона дар доираи СААД ҷиҳати муборизa бар зидди терроризм ва экстремизми динӣ, тиҷорати маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ҷиноятҳои муташаккилона меравад; қисмати низомӣ, аз ҷумла ташаккул ва такмили фаъолияти гурӯҳҳои ҷангӣ: россиягӣ-белорусиягӣ-дар самти ғарбӣ, россиягӣ-арманӣ дар Қафқоз, ҳамчунин Қуввaҳои дастаҷамъии вокуниши фаврии минтақаи Осиёи Марказӣ. Қабули чунин санадҳо дар доираи СААД, ба монанди «Муқаррароти асосии стратегияи эътилоф», «Моделҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар минтақа» имкон дод, то мантиқи ташаккули амнияти дастаҷамъӣ дар фазои пасошӯравӣ муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои назариявӣ-методологӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки амнияти сарҳади ҷонибҳо (хусусан сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон) ва масъалаи таъмини амнияти он чун пештара мубрам боқӣ монда, коркард ва амалинамоии тадбирҳои консептуалиро тақозо менамояд. Тадбирҳои мазкур бояд ҷавобгӯи воқеоти муосир ва тавони муқовимат бо тамоми навъҳои таҳдиду хатарҳои амниятиро дошта бошад, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ шиддат гирифтаанд. Пешравиҳои ташаккули системаи амниятӣ дар доираи СААД ҳамгироии тадриҷии кофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россияро дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ ва ҳарбӣ-техникӣ дар бар мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар таъмини амният ва устувории минтақа дар доираи СҲШ нақши муассир доранд. Таҳлили ҳамкориҳои мутақобилан судманди

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ сабаби омилҳои зерин гардид: махсусиятҳои геополитикии минтақаро ба назар гирифта, ба масъалаҳои умумӣ диққати ҷиддӣ диҳанд: дар алоҳидагӣ бар зидди терроризму экстремизм ва зидди тиҷорати маводи мухаддир муқобилият намоянд. Ин омил ба таҳкими муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи СААД мусоидат намуда, фаъолиятро дар алоқамандӣ бо манфиатҳои миллии тарафайн ба роҳ мемонад: давлатҳои иштирокчии СААД бо мақсади таъмини амният ва манфиатҳои миллии худ масири сиёсати хориҷиеро ба роҳ мемонанд, ки на танҳо ҳама вақт ба манфиати аъзои дигари созмон мувофиқ нест, балки қисман зидди онҳо нигаронида шудааст. Чунин масири бисёрсамтаи сиёсати хориҷии давлатҳои иштирокчии СААД, ки бо мақсади ба даст овардани даромади ҳаҷман бузург аз ҳамкорӣ бо бозигарони минтақавӣ ва фароминтақавӣ ба роҳ мондаанд, аксаран мушкилоти мубрамеро дар робита бо ҳамсоягон ба вуҷуд меорад. Омили мазкур қисман принсипи дастаҷамъии созмонро зери суол қарор дода, дар таҳкимёбии ҳамкориҳои фаъол халал эҷод мекунад; мубориза бар зидди гардиши маводи мухаддир, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз хатар ва таҳдидҳои амниятӣ пазируфта шудааст, аз нуқтаҳои муҳимми ҳамкориҳои мутақобилан судманд миёни Душанбе ва Москва дар чорчӯбаи СААД ба шумор меравад. Ҳарчанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лабораторияе вуҷуд надорад, ки маводи мухаддирро коркард намояд, аммо ҳудуди ҷумҳурӣ яке аз нуқтаҳои интиқоли маводи мухаддири Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба Федератсия Россия мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати мубориза зидди гардиши маводи мухаддир ҳам дар сатҳи байналхалқӣ ва ҳам минтақавӣ ҷонибдорӣ намуда, яке аз муборизони асосӣ дар ин самт маҳсуб меёбад. Омилҳои мазкур далели онанд, ки СААД дар таъмини амният ва ҳифзи манофеи миллии давлатҳои иштирокчӣ, алалхусус дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистону Федератсияи Россия нақши бориз дорад. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳадафҳои худро ба назар гирифта, мувоффакиятҳоро дар дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар чорчӯбаи СААД мебинанд. Умуман, ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар чорчӯбаи СААД миқёсан хислати устуворро доро мебошад. Ҳолат то он даме чунин боқӣ хоҳад монд, ки созмон бо ҳадафҳои давлат мувофиқ бошад ва ҳамчунин, то он даме ки ягон шарики беҳтаре дар арсаи бозиҳои байналхалқӣ ёфт шавад.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи СҲШ ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ мувофиқат менамояд. Бо дарназардошти иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар фаъолияти СҲШ ҷонибҳо масъалаҳое, ки ба барқароршавии ниҳод ба ҳайси созмони фаъоли байналхалқӣ, ки самти афзалиятноки он дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир равона шудааст, баррасӣ мекунанд. Дар доираи Сохтори минтақавии зиддитеррористии Созмони Ҳамкории Шанхай Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия бо мақсади таъмини амнияти дастаҷамъонаи минтақавӣ ва рушди равандҳои ҳамгироии минтақавӣ масъалаи ҳамоҳангсозии кӯшиши ҷонибҳоро баррасӣ менамоянд. Диққати муҳимро ҷонибҳо ба масъалаи барқарорсозии сулҳу субот дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар чорчӯбаи кӯшишҳои умумии ҷомеаи ҷаҳонӣ равона сохтаанд [5]. Ҳадафҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи СҲШ амалинамоии вазифаҳо ва созишҳои бадастомада, ҳамчунин ба таври ҳаддалимкон мусоидат намудан ба рушди ҳамкориҳои судманди сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ маҳсуб меёбад. Ҷонибҳо дар доираи СҲШ муосир будани масъалаҳою хатарҳоро ба назар гирифта, чун пештара таъмини амният ва субот, мубориза бар зидди “се бадӣ”-терроризм, экстремизм, сепаратизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро баҳогузорӣ намуда, дар ин самт чораҳои зарурӣ меандешанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон амалан дар маркази Осиё ҷойгир шудааст ва сарҳади тӯлоние бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дорад, ки ин хатар ҳам ба амнияти Осиёи Марказӣ ва ҳам ба Осиёи Ҷанубӣ таҳдид менамояд. Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия манфиатдоранд, ки ҳамкориҳои ҳарбиро дар доираи СҲШ ҷиҳати пешгирӣ ва танзими чунин хатар ба роҳ монанд, ки ба минтақа аз сарҳадоти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳдид менамояд.

Ҳамкории мазкур ба таҳкимбахшии имконоти мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ба сифати ҳамкориҳои мутақобилан судманди ҷонибҳо дар доираи СҲШ фаъолияти зерини ҷонибҳо дар самти таъмини амният ва суботи минтақавӣ баромад менамоянд:

- ҳалли баҳсҳои сарҳадӣ миёни давлатҳои иштирокчии СҲШ;
- мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва сепаратизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, ҷиноятҳкории муташаккилонаи фаромиллӣ;
- ҳалли масъалаҳои минтақавии хислати ҳарбӣ-сиёсӣ дошта.

Муаллиф чунин мешуморад, ки барои ташаккули стратегияи ҷонибҳо дар чорчӯбаи СҲШ, ки метавонад имкониятҳои афзалиятнокро барои расидан ба ҳадафҳои асосӣ фароҳам созад, бояд чораҳои зер андешида шаванд:

- баргузориии сиёсати ҳамоҳангшуда дар робита ба хатарҳои мавҷуда, тавассути табодули иттилоот ва ҳамоҳангсозии мақомоти дахлдори ҷонибҳо дар чорчӯбаи СҲШ;
- коркарди механизмҳои амалӣ ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои зиддитеррористӣ ва зиддимухаддиротӣ дар доираи СМЗТ СҲШ. Лозим аст, ки фаъолияти қуввахои дастаҷамъии минтақавии зиддитеррористиро ҷиҳати вокуниши амалӣ бар зидди ҳама намуди зуҳуроти террористию экстремистӣ беҳтар созанд;
- коркарди механизмҳои ҳамкориҳои муштараки ҷонибҳо бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар доираи СҲШ ва ҳамчунин шароити мусоид фароҳам овардан барои рафтуомад дар дохили фазои масъулияти СҲШ ба шаҳрвандони ҷонибҳо ва шаҳрвандони дигар кишварҳои аъзои СҲШ;
- коркарди механизмҳои самарабахш ҷиҳати рушди фаъолияти ҷузъҳои таркибии фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилии ҷонибҳо дар чорчӯбаи созмон, тавассути ташкили фазои ягонаи иттилоотӣ, ки он дар натиҷа ба муқовимати иттилоотӣ ба таҳдиду хатарҳои муосир, табодули фаврии иттилоот, манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Россия ва дигар аъзои созмон мусоидат кунад;
- Лозим аст, ки ҷонибҳо дар доираи СҲШ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалӣ-конструкториро дар самтҳои алоҳидаи мусаллаҳсозӣ ва техникаҳои ҳарбӣ гузаронанд. Ба омодасозии кадрҳои ҳарбӣ, муҳандисӣ-техникӣ ва мутахассисони ҷавон Замина фароҳам созанд.

Бояд пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъсис додани сохтори дигари доимамалкунанда- Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ, бо марказаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имкони таъмини “хатти” амниятии маводи мухаддирро аз ҳудуди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таъмин карда тавонад, мавриди амал қарор дода шавад.

Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ, ба монанди ИДМ, СААД ва СҲШ қисми таркибии шарикии стратегии ҷонибҳо маҳсуб меёбад.

Принсипи ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии дуҷонибаи байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россияро таҳлил намуда, метавон принсипҳои асосии зерро дар алоқамандӣ ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии ҷонибҳо ҷудо намуд: афзалиятнокии манфиатҳои давлатии ҷонибҳо ҳангоми амалисозии ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии байналхалқӣ дар шароити қобили қабули тарафайн; риояи уҳдадориҳои байналхалқӣ-ҳуқуқии ҳарду давлат дар соҳаҳои ҳамкории байналхалқӣ ва байниминтақавии ҳарбӣ-сиёсӣ; таъмини шароити баробар ҷиҳати иштирок дар амалисозии ҳамкориҳои байналхалқӣ ва байниминтақавии ҳарбӣ-сиёсӣ;ҳифз ва нигоҳдошти манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ ҳангоми ба роҳ мондани ҳамкориҳо.

Ба ақидаи мо, ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар доираи сохторҳои минтақавӣ дурнамои дарозмуддат дорад. Аммо новобаста аз ин, масъалаҳои ҳалношуда низ мавҷуданд. Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия бо назардошти воқеияти ҷомеаи муосир устуворона ва давра ба давра тамоюл ба таъмиқу тавсеа доранд. Тоҷикистону Россия дар баробари пешбурди робитаҳои хуби сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, ҳамчунин дар ҳалли умдатарин масоили глобалӣ ҳамкории неку созанда доранд. Имрӯз ин ду кишвар дар сафи пеши мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи

мухаддир қарор дошта, дар раванди пойдории сулҳу оромӣ ва амнияту бехатарии минтақа саҳми арзанда мегузоранд. Дар натиҷаи таҳлилу баррасии муносибатҳо, ки давра ба давра анҷом дода шуд, ба натиҷае мерасем, ки ҳарчанд фарозу нишебҳое дар равобит вуҷуд доштааст, дастовардҳое низ қобили таваҷҷуҳ ҳастанд. Бо зикри мисолу намунаҳо дар ҳар кадом аз марҳилаҳои ҳамкорӣ дар се даҳаи охир барои ояндаи равобити ин ду кишвар чунин ояндабинӣ кардан мумкин аст:

1. Азми таҳкими ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, яроқу аслиҳа ва дигар таҳдиду чолишҳо баҳри таъмини амнияти миллӣ ва пойдории суботи минтақавӣ бояд дар меҳвари муносибатҳои ҷонибҳо қарор дошта бошад.
2. Ба масоили амниятӣ ва пешгирии хатарҳои муосир (густариши идеологияи террористию экстремистӣ) диққати асосӣ дода шавад.
3. Аҳамияти пешгирӣ аз паҳншавии идеологияи террористию экстремистӣ, дастгирии молӣ ва моддию техникии терроризм, инчунин амалкарди фаъоли ҷангиёни террористӣ хеле муҳим буда, ҷиҳати танзими чунин зуҳурот кишваҳои мазкур мунтазам чораҳо андешанд.
4. Лозим аст, ки ҷонибҳо ба рушди амалии ҳамкориҳои мутақобила оид ба самтҳои мазкур, хам дар сатҳи сиёсӣ ва хам миёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси ҳарду ҷониб таваҷҷуҳи хос зоҳир кунанд.
5. Стандартикунонӣ ва ҳамоҳангсозии таъминоти топогеодезӣ ва навигатсияи қувваҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қӯшунҳои 201-уми Федератсияи Россия.
6. Таҳким ва тавсеа додани ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии бисёрҷониба дар ҳама самтҳо ва дар ҳама шаклҳо (ИДМ, СААД, СҲШ).
7. Ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳои мудофиа ва ситодҳои марказии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҳангоми коркард ва қабули қарор оид ба масъалаи амнияти дастаҷамъӣ дар ҳудуди кишварҳои аъзои ИДМ, СААД ва СҲШ;
8. Ташкили такягоҳи асосӣ баҳри ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо терроризми байналхалқӣ, экстремизм ва сепаратизми миллӣ дар доираи сохторҳои минтақавӣ.
9. Амалисозӣ ва тавсеаи заминаи қорордодию ҳуқуқии ҳамкории ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар доираи сохторҳои минтақавӣ.
10. Саривақт ба тасвиб расонидани созишномаю аҳдномаҳои имзошудае, ки ба самти ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ равона шудаанд, ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар чорчӯбаи ИДМ, СААД ва СҲШ.

Ҳамин тавр, ба назари мо, шаклҳои рушди меъёрӣ-ҳуқуқии зикршуда, дар дурнамо ба амалинамоии ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ мусоидат менамоянд. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар доираи сохторҳои минтақавӣ унсури муҳимми муносибатҳои ҳарду ҷониб буд ва бокӣ хоҳад монд. Онҳо бояд бо принсипҳои зер ташаккул ёбанд: эътироф ва эҳтироми муштараки истиқлолияти давлатӣ дар муносибатҳои байни кишварҳо; афзалиятнокии қарорҳо ва тадбирҳои дастаҷамъӣ оид ба таъмини амнияти ҳарбӣ; мусоидат намудани ҷонибҳо дар таҳкимбахшии низоми амнияти миллӣ ва байналхалқӣ; баробарӣ, эҳтироми мутақобила, шарикии стратегӣ ва ниҳоятан, фавран амалӣ намудани қарорҳои қабулшуда.

АДАБИЁТ

1. Бюллетень Координационной службы СКПВ по материалам 71-го заседания Совета командующих Пограничными войсками. – М.: Координационная служба СКПВ. -2014.
2. Взаимодействие России и Таджикистана в рамках ШОС, ОДКБ и ЕВРАЗЭС укрепляет региональную безопасность. [Электронный ресурс]. www.tajik.gateway.org/wp/vzaimodejstvie-rossii-i-tadzhikistan/. (санаи муроҷиат: 10.02.2020).
3. Региональная безопасность: геополитические и геоэкономические аспекты (теория и практика): монография / Под общ. ред. А.В. Возженникова. -М.: Изд-во РАГС, 2006.
4. Саидов З. Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков / З. Ш. Саидов. — Душанбе: ООО «Контраст», 2011. – 625 с.
5. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства / З. Ш. Саидов. –Душанбе, 2010. – 560 с.
6. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации / З.Ш. Саидов. – Душанбе: Авасто, 2004. – 592 с.

7. Самиев Х. Д. Проблема стабильного равновесия в таджикско-российских отношениях (1999- 2009). Самиев Х. Д. // Масъалаҳои мубрами муносибати Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя. – Душанбе: 2012. - С. 24 – 40.
8. Собиров Махмуджон. Содружество Независимых Государств - организационное становление, состояние и перспективы развития / Собиров Махмуджон, Саидов Зоир // Маҷаллаи Сиёсати хориҷӣ. -2011. - №1. - С. 46-58.
9. Суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар ҳайати васеъ. (Қазоқистон, 09.06.2017с.). [Электронный ресурс]. http://president.tj/node/15526. (санаи мурочиат: 05.09.2018).
10. Уткин Е.А. СНГ в стратегическом курсе Москвы // Международная жизнь - 1995. -№11-12. – С. 88-100.
11. Шарипов А.Н. Бархӯрди манфиати геополитикии кишварҳои абарқудрат дар Осиёи Марказӣ. // Илм ва фановарӣ № 1) 2013. – С. 236-241.
12. Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Ҳайати таълиф: Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров. – Душанбе: «Ирфон», 2012. -272 с.

ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ҲАРБӢ-СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ЧОРЧӮБАИ СОХТОРҲОИ МИНТАҚАВӢ

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ ба таҳкими амнияти минтақавӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар доираи сохторҳои минтақавӣ дар таъмини манфиатҳои миллӣ ва давлатии ҳарду ҷониб нақши бориз доранд. Бо вуҷуди ин муташаккилӣ, он ба рушди доимӣ ниёз дошта, таъмини ҳуқуқии фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии онҳо дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ ба диққат ва такомули мудовим ниёз дорад. Ҳамкориҳои наздики ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар сатҳи дуҷониба ва ҳам дар сатҳи бисёрҷониба дар доираи сохторҳои минтақавӣ аз ҷониби роҳбарони ҳарду кишвар ҳамчун омилҳои муҳимми ҳамкориҳои мутақобилан судманд арзёбӣ мегарданд. Дар мақола дурнамои ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Тоҷикистон ва Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ инъикос гаштааст. Ҷонибҳо дар доираи сохторҳои минтақавӣ муосир будани мушкилоту хатарҳоро ба назар гирифта, чун пештара таъмини амният ва субот, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм, сепаратизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро баҳодиҳӣ намуда, муштаракан дар ин самт чораҳои ҳалкунандаро дар доираи ИДМ, СААД ва СҲШ меандешанд. Муаллиф ба хислати шарикии стратегии ҷонибҳо дар доираи ин ниҳодҳои минтақавӣ таъкид намудааст. Ҳамзамон, дар мақола марҳилаҳои ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии ҷонибҳо, хусусияти муносибати ду кишвар ва дурнамои ҳамкориҳои онҳо дар доираи сохторҳои минтақавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: ҳарбӣ-сиёсӣ, мутақобила, амният, сарҳад, сулҳ, тадбир, дурнамо, мубориза, хатар, мудофиа, ҳамкорӣ, ИДМ, СААД, СҲШ.

ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ВОЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИЕЙ В РАМКАХ РЕГИОНАЛЬНЫХ СТРУКТУР

Сотрудничество Республики Таджикистан с Российской Федерацией в рамках региональных структур соответствует укреплению региональной безопасности и экономической интеграции. Военно-политическое сотрудничество Республики Таджикистан с Российской Федерацией в рамках региональных структур сыграло значительную роль в обеспечении национальных и государственных интересов обеих сторон. Однако его организация нуждается в постоянном развитии, а правовое обеспечение их военно-политической деятельности в рамках региональных структур требует постоянного внимания и совершенствования. Тесное военно-политическое сотрудничество между Республикой Таджикистан, как на двусторонней, так и на многосторонней основе в рамках региональных структур, рассматривается лидерами обеих стран как важный фактор взаимовыгодного сотрудничества. В статье отражены перспективы военно-политического сотрудничества Таджикистана и России в рамках региональных структур. Учитывая современность проблем и угроз внутри региональных структур, стороны, как и прежде, высоко оценили безопасность и стабильность, борьбу с терроризмом, экстремизмом, сепаратизмом и наркотрафиком и совместно приняли решительные меры в этом направлении в рамках СНГ, ОДКБ и ОДКБ. они думают. Автор подчеркивает характер стратегического партнера сторон в рамках этих региональных институтов. В то же время в статье анализируются и обсуждаются этапы военно-политического сотрудничества между двумя странами, характер отношений между двумя странами и перспективы их сотрудничества в рамках региональных структур.

Ключевые слово: военно-политический, взаимодействия, безопасность, граница, мир, мера, перспектива, борьба, угроза, оборона, сотрудничества, СНГ, ОДКБ, ШОС.

PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF MILITARY-POLITICAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE RUSSIAN FEDERATION IN THE FRAMEWORK OF REGIONAL STRUCTURES

Cooperation of the Republic of Tajikistan with the Russian Federation in the framework of regional structures is consistent with the strengthening of regional security and economic integration. Military-political cooperation of the Republic of Tajikistan with the Russian Federation in the framework of regional structures has played a significant role in ensuring the national and state interests of both sides. Nevertheless, its organization needs constant development, and the legal support of their military-political activities within the framework of regional structures needs constant attention and improvement. Close military-political cooperation between the Republic of Tajikistan, both bilaterally and multilaterally within the framework of regional structures, is considered by the leaders of both countries as an important factor in mutually beneficial cooperation. The article reflects the prospects of military-political cooperation between Tajikistan and Russia in the framework of regional structures. Taking into account the modernity of issues and threats within the regional structures, the parties, as before, praised the security and stability, the fight against terrorism, extremism, separatism and drug trafficking, and jointly took decisive measures in this direction within the CIS, CSTO and CSTO. they think. The author emphasizes the nature of the strategic partner of the parties in the framework of these regional institutions. At the

same time, the article analyzes and discusses the stages of military-political cooperation between the two countries, the nature of relations between the two countries and the prospects for their cooperation within regional structures.
Keywords: military-political, intercommunion, security, border, peace, safety, perspective, struggle, threat, defense, cooperation, CIS, CSTO, SCO.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Меъроҷиддини Насридин*** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, и.в. мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.Телефон: **938-14-44-48;** e-mail: **muborak.a@mail.ru**
Воҳидов Насридин Ҳизбуллоевич - Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳр и Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.Телефон: **(+992) 555-555-147**; E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Меъроджиддини Насридин*** – Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, и.о. заведующего кафедрой дипломатии и международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33. E-mail: **muborak.a@mail.ru** Телефон: **938-14-44-48;**
Вохидов Насридин Хизбуллоевич Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, ассистент кафедры дипломатия и международных отношений. **Адрес: 734025,** Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33.Телефон: **(+992) 555-555-147**; E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

Information about the authors: ***Merrojiddini Nasridin*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Acting Head of the Department of Diplomacy and International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosira street, 33. E-mail: **muborak.a@mail.ru** Phone: **938-14-44-48**;
Vohidov Nasridin Khizbulloevich - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Assistant of the Department of Diplomacy and International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosira street, 33. Phone: **(+992) 555-555-147**; E-mail: **vokhidzoda.nasriddin@mail.ru**

УДК: 008(575.3)-(549)

ГУСТАРИШИ РАВОБИТИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН (1992-2003)

Ҷумаева П.А.
Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фарҳанг дар ҳаёти ҳар ҷомеа нақшу мақоми шоиста дорад. Ташаккули равобити фарҳангӣ ба ғанӣ гардидан ва натиҷабахш гардидани онҳо дар тӯли таърих сабаб шудааст. Халқи тоҷик ва халқҳои Покистон таърих ва урфу одати ба ҳам монанд доранд. Муштаракоти забонӣ, фарҳангӣ ва диниву суннатии ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ худ далели сукунати муштараки тӯлонии ин мардумон дар як сарзамини воҳид мебошад. Пас аз муҳоҷирати мардумони ориёии ҳиндӣ тақрибан дар оғози дуҳазорсолаи пеш аз мелод ба Ҳинд замони ҷудоии қавмҳои ориёии эронӣ ва ҳиндӣ оғоз мегардад [4, с.54].

Донишмандони аврупоӣ фарҳанги тоисломии мардуми тоҷикро ба қатори фарҳангҳои меҳварие ворид намудаанд, ки он дар ташаккул ва рушди фарҳанги халқҳои дигар таъсири амиқ гузошта, дар пешрафти фарҳанги исломӣ низ нақши арзанда бозидааст. Бузургони илми сиёсат беҳуда нагуфтаанд: «Барои он ки миллатро нест кунӣ, бояд ӯро аз решаҳои таърихиаш, аз ҷумла забону фарҳангаш ҷудо созӣ». Аз ин рӯ, муносибат ба таърихи фарҳанг, ба таърихи тафаккури динии миллат ва расму оинҳои милливу динӣ низ ҷузъи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин буда, бояд дар чаҳорчӯбаи илм ва асли дунявият ҳақиқатнигорона арзёбӣ гардад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар яке аз баромадҳояшон чунин қайд карданд: «Ҳар як фарҳанг арзиши нотакрор дорад, онро бояд эҳтиром ва ҳифз намуд, инчунин инкишоф додани фарҳанги худ ҳуқуқ ва вазифаи ҳар халқ аст. Фарҳанги миллии тоҷикон дар ҳамбастагӣ бо арзишҳои динии мо дар тӯли ҳазору чорсад соли охир ташаккул ёфтааст ва давлати дунявии мо ба ин даврони таърихӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии таърихи фарҳанги миллӣ муносибат мекунад» [6].

Фарҳанги миллии тоҷикон дар натиҷаи омӯзишу пажӯҳиш ва табодули таҷрибаи фарҳанги ҷаҳонӣ ғаниву оламшумул гардидааст. Дар ғанӣ гардидани фарҳангҳо ҳамкориҳои фарҳангӣ мақоми шоиста доранд. Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари кишварҳо равобити фарҳангиро ба роҳ монд, ки Ҷумҳурии Исломии Покистон аз зумраи онҳост.Ҷиҳати вусъати муносибатҳои фарҳангӣ саҳми Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаҳои мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва дигар мақомату идораҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон назаррас аст. Хотиррасон кардан бамаврид

аст, ки моҳи феврали соли 1995 дар арафаи ҷашни Рӯзи Миллӣ Сафорати Покистон ба бинои нав - воқеъ дар шафати хонаи матбуот кӯчид. Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон Ҷ. Ҳафиз дар солҳои таҳсил дар донишгоҳ забони форсиро аз худ карда, аз шеъру адаб ва фарҳанги форсиву мардуми форсизабон маълумоти комил дошт. Маҳз дар ҳамин давра равобити фарҳангии Покистону Тоҷикистон ба марҳилаи нав ворид шуд. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон дар инкишофи муносибатҳои фарҳангӣ саҳми назаррас дорад. Кормандони сафорат дар гузаронидани конференсияҳои илмӣ, нашри китобҳо, таҷлили ҷашнҳои миллии Покистон, гузаронидани маҳфилҳои адабӣ ба солгарди ин ё он адиби урдузабон ва “Рӯзи Иқбол” ба шуъбаи урдуи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ёрии беғаразонаи худро мерасонанд.

Бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дастгирии ҳамаҷонибаи Сафорати Покистон дар Душанбе «Анҷумани Иқбол» таъсис ёфт. Консули Покистон Саид Ҳасани Ҷовид ва олими шинохтаи тоҷик, профессор Расул Ҳодизода ҳамраисони ин анҷуман интихоб гардиданд. Солҳои 1995-1996 ба шарафи рӯзи таваллуди шоири шуҳратёри Машриқзамин Муҳаммад Иқбол конфронсҳои илмӣ баргузор гардиданд. Фаъолияти «Анҷумани Иқбол» аз ҳар ҷиҳат боиси дастгирӣ ва сазовори таҳсин аст, зеро он дар рушду инкишофи равобити фарҳангии ду кишвар саҳми арзанда мегузорад. Ҳадафи аслии он на танҳо омӯзиш, таҳия ва табъу нашри осори Иқбол, балки ошно сохтани мардуми тоҷик бо симоҳои барҷастаи адабиёти Покистон, тарҷума ва табъу нашри осори онҳо, гузаронидани ҳар гуна шабнишиниҳо ва чорабиниҳои дигари илмиву фарҳангӣ мебошад.Доир кардани рӯнамоии «Куллиёти форсӣ»-и сухансарои бузурги Машриқзамин ва мутафаккири маъруфи ҷаҳони муосир аллома Муҳаммад Иқбол дар таърихи 10 июни соли 2013 дар толори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чун рӯйдоди муҳимми ҳаёти фарҳангиву сиёсӣ падид омад, нақши фаъолони Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ (ҶДРФТ) калон аст. Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Покистон, ки дар доираи ҶДРФТ фаъолият дорад, бо роҳбарии К. Олимов, маъракаи мазкурро ба нақшаи кории солонаи хеш ворид карда буд, ки он инак бо ҳамдастии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон ва Вазорати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуд. Асар бо дастгирии молиявии Намояндагии Бонки роҳнамои тиҷоратии давлати Покистон дар Душанбе ба табъ расидааст.

Маросими рӯнамоиро, ки дар он донишмандон, аҳли зиё ва намояндагони корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон иштирок доштанд, узви вобастаи АИ ҶТ, раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Покистон» К. Олимов ҳусни ифтитоҳ бахшида, барандагӣ кард. Дар суханронӣ Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Тоҷикистон Ҳ.Б. Сиал, вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Асрорӣ, олимони дигар, ғайри баҳо додан ба эҷодиёти нотакрори М.Иқбол, нақши ӯ дар рушди тамаддуни башар, мавзӯи дӯстиву ҳамбастагӣ зиёд садо медод ва дар партави ин арзишҳо доир шудани чорабинӣ фаъолони ҷамъияти дӯстиро мутафохир мекард. Ҷолиб он аст, ки таҳияи матн ва таҳқиқи илмии куллиёти мазкурро олимон Ш. Пӯлодова – собиқ раиси Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Покистон ва узви ҳамин ҷамъият А.М. Хуросонӣ, таҳрирашро бошад, раиси Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Ҳиндустон Ҳ. Раҷабов анҷом додаанд. Нашри муҷаддади «Куллиёти форсӣ» ғайри падидаи неки фарҳангӣ ва армуғони арзанда барои дӯстдорони шеъри форсӣ будан, чун рамзи дӯстии ду кишвар низ зоҳир шуд ва иқтибос аз пешгуфторҳои асар тасдиқи ин иддаост.

Б. Сиал зимни дигар гуфтаниҳо иброз кард: «Сафорати Покистон дар Тоҷикистон аз рӯзи ташкилёбӣ барои рушди муносибатҳои фарҳангию дӯстона бо Тоҷикистон кӯшиш карда истодааст. Рӯз ба рӯз муносибатҳои мардуми ду давлат ба ҳам наздик мешаванд. Аз ин рӯ, Маркази омӯзиши Покистон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Покистон таҳти роҳбарии Карорматулло Олимов дар рушди муносибатҳо саҳми арзанда мегузоранд» [1, с.69].Пешгуфтори К. Олимов дар асар бо чунин суханҳо ҷамъбаст гардидааст: «Баъд аз истиқлолияти Тоҷикистон аз кишварҳое, ки бо мо равобиту дӯстии ҳасана дорад, Ҷумҳурии Исломии Покистон мебошад. Ҳамкориҳои мо гуногунбахш буда, яке аз паҳлуҳои он ҳамкории илмиву фарҳангист. Дар ин росто Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Покистон корҳои зиёдеро анҷом додаст, ки аз ҷумлаи онҳо таҳияи нави «Куллиёти форсӣ»-и Муҳаммад Иқбол барои хонандаи тоҷик мебошад».

Чуноне қайд гардид, дар ташаккули равобити фарҳангӣ Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, бахусус ҷамъияти дӯстии Тоҷикистон-Покистон мақоми сазовор дорад. Бо ташаббуси ҷамъият рӯзи 11 ноябри соли 1996 дар хонаи дӯстӣ вохӯрии Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷовид Ҳафиз бо кормандони Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Покистон» баргузор гардид [1, с.79]. Пас аз марҳилаи қабули консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон (с. 2002) рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ба марҳилаи нав ворид гардида, моҳи августи соли 2003 дар

ҳамкорӣ бо Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаҳои мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Душанбе, дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ намоиши китобҳо ва тасвирҳо бахшида ба адабиёт, фарҳанг ва санъати Покистон ташкил карда шуд. Дар ин ҳамоиши фарҳангӣ дӯсторони китоб бо дастовардҳои адабӣ ва фарҳангиву санъати Покистон ошно гардида, таассуроти тоза бардоштанд. Дар ин замина, бо дастгирии Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ва сарвари бунёди «Ҳафт пайкар» М. Қаюмова косибони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 7-14 сентябри соли 2003 дар Фестивали байналмилалии ҳунармандон «Роҳи Абрешим», ки дар шаҳри Ислом ободи Ҷумҳурии Исломии Покистон доир шуд, ширкат карданд [2, с.45]. Дар ин фестивал косибони тоҷик молу маҳсулоти истеҳсоли худро ба намоиш гузоштанд, ки аз ҷониби иштирокдорони фестивал баҳои баландро соҳиб гардид.

5 марти соли 2003 вохӯрии аъзои Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Покистон». М. Калонова, Ш. Пӯлодова, А. Ҳамдам, Қ. Восеъ, А. Алимардонов, С. Ҳалимшо, Р. Ҳодизода, Д. Назриев, А. Баҳорӣ, А. Самадова Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Раб Навозхон доир гардид. Ҳамкориҳои фарҳангии ду кишвар баррасӣ гардида, дурнамои он мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. 23 майи соли 2003 бо ибтикори Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Покистон» дар Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ намоиши «Маҳсулоти ҳунарҳои халқии Покистон» баргузор гардид.

Дар маросими кушодашавӣ Сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Раб Навозхон, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Карокатулло Олимов, раиси Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ Майсара Калонова, мудири шуъбаи фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонов, раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Покистон» Ш. Пӯлодова, директори Китобхонаи миллии ба номи Фирдавсӣ Ш. Тошев, инчунин, кормандони ташкилоту муассисаҳо, олимону зиёиён ва дигарон иштирок доштанд. Дар намоиш маҳсули ҳунари дастии мардуми Покистон гузошта шуда буд. 11 ноябри соли 2003 бо ташаббуси Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон – Покистон» бахшида ба 126-солагии шоир ва мутафаккири Машриқзамин аллома Муҳаммад Иқбол маҳфили илмӣ-адабӣ баргузор шуд. Дар маҳфил раиси Ҷамъияти мазкур Ш. Пулодова дар мавзӯъҳои «Муҳаммад Иқбол ва давраи нави адабиёти урду», Ҳ. Раҷабов «Ғазалиёти урдуи М. Иқбол», А.Хуросонӣ «Таъсири ашъори М. Иқбол ба адибони Моваруннаҳр» ва дигарон рочеъ ба ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти Иқбол маърӯзаҳои илмӣ карданд.

Хулоса, ба андешаи мо, захираю имкониятҳои истифоданагардида ҷиҳати рушду такомули ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Покистон хеле фаровонанд. Бешубҳа, ташкил намудани сафарҳои гурӯҳҳои ҳунарӣ, театрҳо, рассомону наққошон, ба роҳ мондани тарҷума осори адибону мутафаккирони ҳарду кишвар, омӯзиш ва таҷдиду тармими ёдгориҳои гаронбаҳои таърихӣ ва фарҳангии тарафайн ба афзоиши захираҳои маънавӣ, мустаҳкам ва васеъ шудани робитаҳои дӯстонаи халқҳои Тоҷикистону Покистон мусоидат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистонро фарҳанги исломӣ низ ба ҳам наздик сохтааст. Фарҳанги исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ бисёр ҷиҳатҳои арзишманд ва зиндагисоз дорад, ки истифодаи дурусту оқилонаи онҳо метавонад барои эъмори ҷомеаи адолатпарвар ва ҳифзу таҳкими сулҳу амнияти умумӣ ва суботи сиёсии мамлакат хизмат намояд [6].

Соҳибихтиёрии давлатӣ дар баробари бунёди давлати миллӣ, эҳёи фарҳанги миллӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ба эҳёи арзишҳои динӣ ва ормонҳои таърихии миллат мусоидат кард. Чорабиниҳои фарҳангӣ ва таърихиву мазҳабӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир менамояд, ҳамчун омили муассири бунёди давлати миллӣ имкон медиҳад, ки ба ниёзҳои мухталифи ҷомеаи муосир ҳамчун миллати куҳанбунёди дорои фарҳанги асили сиёсиву динӣ ва адабиву ахлоқӣ ҷавоб гардонида, ба ташаккули худшиносии миллии халқи Тоҷикистон ғизои маънавӣ бахшида шавад.

Мояи ифтихор аст, ки миллати куҳанбунёди тоҷик дар баробари дигар халқҳои мусулмон дар рушди фарҳанг ва тамаддуни исломӣ саҳми арзанда ва барҷаста гузоштааст. Хоҷа Муҳаммад Исмоили Бухорӣ дар олами ислом ҳамчун поягузори илми ҳадис эътироф гардида, асари ӯ “Саҳеҳи Имом Бухорӣ” чун бузургтарин китоби динӣ баъд аз Қуръони карим шинохта шудааст. Фарзандони фарзонаи халқи тоҷик, аз ҷумла Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, Замахшарӣ, Мотурудӣ, Қозӣ Абӯлайс, Абӯҳафси Кабир, Умари Хайём, Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Наҷмуддини Кубро ва Баҳоваддини Нақшбанд дар рушди илму фарҳанг ва тамаддуни исломӣ нақши бузург гузоштаанд.Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии

Покистон бо дарназардошти манфиати халқҳои ду кишвар ва минтақаву ҷаҳон ба роҳ монда шуда, дар оянда дар асоси ҳамин меъёр рушд менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Бойгонии ҷории Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ. Папкаи Покистон. -С.69.
2. Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Папкаи Покистон. -С.45.
3. Бойгонии ҷории АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Папкаи Покистон. -С.59.
4. Дубовицкий В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) //История таджикского народа: в 6 т./ В.В. Дубовицкий. – Душанбе, 1998-2011. – Т. 6. – С. 615-669.
5. Зарифи Х. 20 лет независимости и внешняя политика Республики Таджикистан // ИБ Внешняя политика. - Душанбе: УИ МИД РТ, 2001. -№1.
6. Раҷабов Ҳ. Тоҷикистон - Покистон: Ҳамкориҳо вусъат меёбад /Ҳ.Раҷабов //Ҷумҳурият.-2002.-14 авг. -№ 68(112).
7. Раҷабов Ҳ. Ҳамкориҳои ду кишвари дӯст / Ҳ. Раҷабов //Рӯзномаи «Маориф ва маданият». 15.08. 77.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. (китоби сеюм) / Э.Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006.
9. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. Душанбе: Ирфон, 2006. - С. 372.
10. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат 4 июли соли 2013 ҳангоми суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеаи мамлакат. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ 2.04.2018).

ГУСТАРИШИ РАВОБИТИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ПОКИСТОН (1992-2003)

Бо таъсиси давлати Покистон ва соҳибистиқлол гардидани он равобити фарҳангӣ миёни Покистону Тоҷикистон ба давраи нав ворид гардид. Тоҷикистону Покистон робитаҳои устувори қадимиву дӯстона доранд. Шаҳрвандони ҳарду мамлакат бо посдорию ифтихор аз гузаштагони оламшумули адабиёту фарҳанги пурғановат, ба мисли Мирзо Абдулқодири Бедил, Мирзо Ғолиб, аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ва бо пайравӣ аз суннатҳои неку арзишманди ҳамкориҳои академик Бобоҷон Ғаффуров, Файз Аҳмади Файз, Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ ва Аҳмад Ҳасани Донӣ фазои боэътимоди муносиботи дуҷонибаро тақвият мебахшанд. Номбурдаҳо ифтихори адабиёти урду буда, инкишофи ин адабиётро дар сатҳи баланд таъмин кардаанд. Эҷодиёти гаронбаҳои онҳо табиист, ки диққати садҳо муҳаққиқони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Боиси хушнудист, ки муҳаққиқони тоҷик рисолаҳо оиди омӯзиши фарҳанг, тамаддун, таҳрих, забон ва адабиёти мамлакатҳои Шарқ, аз ҷумла Ҳиндустон ва Покистон омода намудаанд. Бояд қайд намуд, ки чунин асарҳо барои таҳким ёфтани робитаҳои дӯстии Тоҷикистону Покистон ва боз ҳам наздиктар шудани фарҳанги ғании ҳарду кишвар мусоидат менамоянд. Тоҷикистон ва Покистон инчунин дар доираи созмони байналмилалии минтақавии Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамкориҳоро вусъат дода истодаанд. Дар доираи ин созмон ҳамкориҳои тиҷоратӣ – иқтисодӣ ва илмиву фарҳангии ин ду кишвар ривоҷу равнақ хоҳанд ёфт, ки ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар мебошад.

Калидвожаҳо: ҳамкории илмӣ-фарҳангӣ, муносибатҳои фарҳангӣ – таҳсилотӣ, дипломатия, сиёсат, Тоҷикистон ва Покистан, ташаббусҳои дипломатии Тоҷикистон, ҷумҳурӣ, муносибат, мамлакат, муносибатҳои дуҷониба, ҳамкориҳои доимӣ, таҳкими муносибатҳои дуҷониба.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ КУЛЬТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ПАКИСТАН (1992-2003)

С созданием пакистанского государства культурные отношения между Пакистаном и Таджикистаном вступили в новую эру.Таджикистан и Пакистан имеют крепкие, древние, дружественные связи. Граждане обеих стран гордятся своей всемирной богатой литературой и культурой такими писателями как Мирзо Абдулкодири Бедил, Мирзо Голиб, учёный-богослов Мухаммад Икболи Лохурии уважительно относятся к ценным традициям сотрудничества с академиком Б. Гафуровым, Файз Ахмади Файзом, Мирзо Турсунзода, Мухаммад Осими и Ахмад Хасани Дони, которые укрепляли двусторонние отношения. Они являются гордостью литературы урду, так как они обеспечили высокое развитие литературы. Естественно, что их бесценные произведения заинтересовали и привлекли сотни отечественных и зарубежных исследователей. Приятно, что таджикские исследователи подготовили и издали монографии об изучении культуры, цивилизации, истории, языка и литературы стран Востока, в том числе Индии и Пакистана, которые развивались в Советском периоде. Необходимо отметить, что такие произведения укрепляют дружеские отношения между гражданами Таджикистана и Пакистана и ещё сильнее сблизят богатую культуру обеих стран. Таджикистан и Пакистан сотрудничают в рамках международной региональной Шанхайской организации сотрудничества (ШОС). В рамках этой организации расширяются торгово-экономические, научно-культурные отношения между двумя странами в интересах обеих стран.

Ключевые слова: научно- культурное сотрудничество, культурно-образовательное отношение, дипломатия, политика, Таджикистан и Пакистан, дипломатические инициативы Таджикистана, республика, отношение, страна, двусторонние отношения, регулярные контакты, сотрудничество, установление и укрепление двусторонних отношений.

IMPROVEMENT OF CULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE ISLAMIC REPUBLIC OF PAKISTAN (1992-2003)

With the establishment of the Pakistani state and its independence, the cultural relationship between Pakistan and Tajikistan entered a new era.Tajikistan and Pakistan have strong, ancient, friendly ties. Citizens of both countries are proud of their ancestors of the world's rich literature and culture, like Mirzo Abdulkodiri Bedil, Mirzo Golib, the scholar-theologian Muhammad Ikboli Lokhurii respectful valuable traditions of cooperation with acad emician B. Gafurov, Fayz Ahmadi Fayz, Mirzo imohnadnemyonidnemi of Nagorny Dumyodnadym and Akhmadino Dunyadmuni of Nagorny They are the pride of Urdu literature, as they have ensured the high development of literature. Naturally, their invaluable works have interested and attracted hundreds of domestic and foreign researchers. It is pleasant that Tajik researchers have prepared and published monographs on the study of culture, civilization, history, language and literature of the countries of

the East, including India and Pakistan, which developed in the Soviet period. It should be noted that such works strengthen the friendly relations between citizens of Tajikistan and Pakistan and further bring together the rich culture of both countries.Tajikistan and Pakistan cooperate in the framework of the Shanghai International Cooperation Organization (SCO). Within this organization, trade, economic, scientific and cultural cooperation between the two countries is expanding in the interests of both countries.

Keywords: Keywords: scientific and cultural cooperation, cultural and educational relations, diplomacy, politics, Tajikistan and Pakistan, diplomatic initiatives of Tajikistan, Republic, attitude, country, bilateral relations regular contacts, cooperation, and the establishment and strengthening of bilateral relations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷумаева Парвона Абдувоҳидовна*** **–** Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ходими калони илмии шуъбаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва гуманитарӣ**. Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 985394000**.

Сведения об авторе: ***Джумаева Парвона Абдувохидовна*** **–** Научно-исследовательский институт Таджикского национального университета, старший научный сотрудник отдела социально- экономических и гуманитарных наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 985394000**.

Information about the author: ***Dzhumaeva Parvona Abduvokhidovna*** - Research Institute of the Tajik National University, senior researcher of the department of social, economic and humanitarian sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **985394000**.

УДК:321(575.3)

ИҶЛОСИЯИ САРНАВИШТСОЗИ XVI – ЗАМИНАИ АСЛИИ ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

Ғаффорзода Фарзона
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Даҳсолаи охири асри бистум дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавии халқи тоҷик нақши ниҳоят муҳим ва сарнавиштсозро бозид. Метавон гуфт, ки рӯйдодҳои ҳамин даҳсола боиси тағйирот ва таҳаввулоти бунёдии ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва тарзи зиндагии мардуми кишварамон гардиданд. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон, ки 29 сол муқаддам дар Қасри Арбоби Хуҷанди бостонӣ баргузор гардида буд, аз ҷумлаи он рӯйдодҳои таърихӣ мебошад, ки дар тақдири давлатдории миллии тоҷикон ва таърихи навини Тоҷикистон марҳилаи сифатан навро бунёд гузошта, хатари ҳамчун давлати мустақил барҳам хӯрдани Тоҷикистон ва ҳамчун миллат аз миён рафтани тоҷиконро пешгирӣ кард. Ба ёд овардани ин санаи муҳимми таърихӣ, ки воқеан оғози раҳоӣ аз вартаи ҳалокатбори ҷанги шаҳрвандӣ ва тадриҷан ба остонаи сулҳу ваҳдат, ризоияти миллӣ ва созандагию бунёдкорӣ расидани миллати мо гардид, қарзи инсонии ҳар фарди солимфикри ҷомеа мебошад. Истиқлолияти давлатӣ ба Тоҷикистон имконияти дарёфти ҷойгоҳи хешро дар ҷомеаи байналмилалӣ фароҳам овард. Дар назди кишвари соҳибистиқлол вазифаҳои зерин меистоданд: а) эътирофи ҷомеаи байналхалқиро ба даст орад, ба узвияти созмонҳои байналхалқӣ пазируфта шавад; б) бо кишварҳои дунё равобити дипломатӣ барқарор намуда, робитаҳои ҳамаҷонибаи судмандро ба роҳ монад; в) сиёсати муваффақонаи хориҷиро пеш бурда, барои инкишофои озодона ва соҳибихтиёронаи кишвар ва иқтисод шароити мусоиди фароҳам орад. Аммо ҳодисаҳои дар баҳори соли 1992 баамаломада ба раванди ба субъекти комилҳуқуқи байналхалхалқӣ табдил ёфтани кишвари тозабунёд халал ворид карданд. Бояд гуфт, ки раванди дастёбӣ ба соҳибихтиёрӣ ва рӯйдодҳои ба он алоқаманд дар Тоҷикистон вижагиҳои худро дошт ва таҳти таъсири неруҳои дохилӣ ва берунӣ мураккаб гардид. Роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ зери таъсири қувваҳои сиёсӣ аз берун ва аз дохил ноуҳдабароии худро нишон дод. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандии дар моҳи майи соли 1992 оғоз шуда маҳрумиятҳои зиёд, марги мардуми бегуноҳ ва аз байн бурдани теъдоди бузурги арзишҳои моддиро ба бор овард. Тамоми кӯшишҳои ҳукумат баҳри хотима бахшидан ба даргириҳои низомӣ дар самтҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб натиҷае надоданд. Тамоми шохаҳои ҳокимият - аз мақомоти марказӣ сар карда то зинаҳои маҳаллӣ аз фаъолият бозмонда, бисёр роҳбарон дар чунин шароити ҳассос дурандешӣ, сабру таҳаммул, иродаи сиёсӣ ва азму ҷасорати раҳнамоӣ кардани мардумро зоҳир накарданд; як қисми зиёиён ва неруҳои солимфикри ҷомеа дар назди ин селоби пурдаҳшат ҳайратзада монда, қарзи шаҳрвандии худро дар назди аҳли ҷомеа, бахусус дар назди ҷавонони бетаҷриба иҷро карда натавонистанд. Дар натиҷа, эътиқоду эътимоди мардум ба роҳбарони сиёсӣ ва ҳукумат шадидан коҳиш ёфт, зеро мамлакат дар чунин вазъи мураккаби сиёсиву ҷамъиятӣ амалан бе роҳбаладу раҳнамо монда буд. Ҳамаи ин боис гардид, ки татбиқи равандҳои нави сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ки баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва гузаштан ба

иқтисоди бозаргонӣ оғоз гардида буданд, яъне масъалаи таъмини воқеии соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ва рушди мустақилонаи он бо назардошти талаботи замони нав ба таъхир андохта шуд. Мамлакат дар вазъияте қарор дошт, ки аз як сӯ сохтору мақомоти давлатӣ аз ҳудаи пешгирӣ кардани оташи ҷанги бародаркуш ва аз вартаи бӯҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ раҳо бахшидани ҷомеа баромада наметавонистанд ва аз сӯйи дигар, ба таъхир гузоштани ташкили мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла интихоби конститутсионии роҳбарияти нав ғайриимкон буд.

Бо дарназардошти чунин вазъи пурфоҷиа ва ба хотири наҷоти давлату миллат як гурӯҳ вакилони мардумӣ ва намояндагони неруҳои огоҳи ҷомеа, ки хавфи фанои давлат ва парешонии миллатамонро дарк карда буданд, масъалаи даъвати фаврии иҷлосияи Шӯрои Олиро ба миён гузоштанд. Ҳарчанд ки оид ба зарурати даъвати иҷлосия ризоияти умумии намояндагони халқ ҳосил шуда буд, вале дар масъалаи ҷойи баргузории он ихтилоф зиёд гардид, зеро пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе дар он давра таҳти тасарруфи гурӯҳҳои мухталифи даргир ва дастаҳои ҷиноятпеша қарор дошт ва ягон сохтор ва мақомоти давлатӣ кафолати таъмини амнияти намояндагони мардумӣ ва кори муътадили иҷлосияро дода наметавонист. Аз ин рӯ, шаҳри Хуҷанд ҳамчун маҳалли баргузории иҷлосия интихоб ва 16 ноябри соли 1992 ин чорабинии муҳимми сиёсӣ оғоз гардид.[*]Таврe дар муроҷиатномаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 2 декабри соли 1992 ба халқи шарифи Тоҷикистон омада буд: “Соли 1992 дар сарнавишти халқи тоҷик замони пурфоҷиа ёд мешавад. Зеро дар он даврае, ки ҳамсояҳои дар гузашта ҳамтақдири мо дар роҳи рушди мустақили сиёсиву иқтисодӣ қарор доштанд, мо бо гуноҳи баъзе ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба чанголи ҷанг гирифтор шудем. Онҳое, ки мехостанд бо роҳи ғайридемократӣ ва зӯрӣ соҳиби ҳукумат шаванд, бо ин амали ноҷавонмардонаи худ сабабгори куштори ваҳшиёнаи халқи худ–падару модар, хоҳару додар ва фарзандонамон гардиданд”[6,с.42].

Ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рафти иҷлосияи Хуҷанд назорат мекард ва эътироф карда буд, ки намояндагони қонунии мардум ба парокандагии кишвар роҳ нахоҳанд дод ва ба идеяҳои озодӣ, сулҳ ва адолат содиқ хоҳанд монд. Дар иҷлосияи Хуҷанд идеяи созиши миллӣ, ҳалли мушкилот танҳо дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва гузашт кардан ба якдигар дар авлавият қарор доштанд. Мафҳумҳои пешниҳодкардаи раҳбарияти ҳукумат дар иҷлосияи Хуҷанд – «сулҳ» ва «созиши миллӣ» ба сиёсати расмӣ ҳамчун зарурияти объективӣ ва тақозои замон табдил ёфтанд. Маҳз созиши миллӣ дар Тоҷикистон дар таҷрибаи сулҳофарӣ саҳми муассир дошт.

Бесабаб нест, ки дабири кулли СММ Кофи Аннан ба натиҷаҳои раванди сулҳи кишвари мо баҳои баланд дода, чунин гуфта буд: «Тоҷикистон ба дигар кишварҳо намунаи нодири ҳалли муноқишаҳои дохилиро дод». Дид ё консепсияи созиши миллӣ аз рӯзҳои аввали бунёди сохтори конститутсионӣ ба сифати василаи танзими сиёсии шароити кишвар истифода шуд. Ва ягона роҳи дуруст қабули қарорҳои созишкорона, роҳи сулҳ ва ваҳдати миллӣ буд. Чунин сиёсат ҷавобгӯи ниёзҳо ва ормонҳои тамоми тоҷикистониён буд. Роҳбарияти нави Тоҷикистон, пас аз омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ба мақсади раҳоии кишвар аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кори мақсадноку самароварро оғоз кард. Дар пеш вазифҳои зерин гузошта шуда буданд, аз ҷумла хотима бахшидан ба ҷанги хонумонсӯз, бозгардондани гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан, эҳёи сохтори фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ аз поён то боло, такмили қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, таъсиси артиши миллӣ, таъмини ҳифзи сарҳад, ташкили кори корхонаҳо ва хоҷагиҳо, эҷоди механизмҳои иқтисоди бозаргонӣ, шомил гардидан ба созмонҳои байналмилалӣ ба сифати давлати соҳибистиқлол, устувор кардани робитаҳо бо кишварҳои дигар. Иҷлосияи Хуҷанд дар таърихи халқи тоҷик ҳамчун гардиши куллӣ ба сӯйи хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, пойдории миллати тоҷик, шаклдиҳии давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон. Дар ин самт муҳимтарин санадҳои қабулкардаи иҷлосия инҳо буданд: Қарор дар бораи «Муроҷиати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳизбҳо,

---

[*] Ниг.: История таджикского народа. Т. 6. Новейшая история (1941-2010 гг.). Под общей ред. Акад. Р.М.Масова. – Душанбе, 2011. – с. 447-449.;Сангинов Д.Ш. Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ ва сарнавишти Тоҷикистон. http:// javonon. tj/ news/social/i-losiyai-16-umi-sh-roi-ol-va-sarnavishti-to-ikiston/. ;Судьбоносное заседание: что дала Таджикистану сессия Верховного совета – 92 . https:// ti. sputniknews.ru/ opinion/20171116 /1023900378 /sessiya-verhovnogo-soveta-vovna-peremirie-tadzhikistan.html; XVI сессия Верховного Совета Таджикистана. Как Рахмон пришел к власти (история). https://centrasia.org/newsA.php?st=1384752420; **Б.Алимов.** Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини тоҷикон http: //hakikati-sugd.tj/index.php/politics/6143-na-shi-i-losiyai-xvi-sh-roi-olii-um-urii-tochikiston-dar-ta-rikhi-navini-tochikon. 10.11.2017. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйдоди беназир.https://www.tvt.tj/ichlosiyai-xvi-shuroi-olii-chumkhurii-tochikiston-ruydodi-benazir. 15.11.2017.

ҷунбишҳо ва иттиҳодҳои сиёсӣ, ба ҳамаи шаҳрвандони мамлакат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи 26 ноябри соли 1992 эълон кардани Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Дар рӯзҳои иҷлосия заминаи аслии таҳкими ризоияти шаҳрвандӣ фаҳмиш ва дарки зарурияти раҳоии кишвар аз фалокати сарзада буд. Дастёбӣ ба сулҳ, ризоияти миллӣ ва шаҳрвандӣ дар кишвар ҳамчун падидаи нодир дар ҳаёти сиёсиву ҳуқуқӣ бо шарофати шаклгирии чунин фишанг ва механизмҳои босамар, аз қабили Комиссияи оштии миллӣ, ки аз намояндагони Ҳукумат ва иттиҳоди мухолифин иборат буд ва Аҳдномаи ризоияти ҷамъиятӣ имконпазир гардид. Вазифа аз он иборат буд, ки аҳолии кишвар, аҳзоби сиёсӣ, ҷунбишҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ кӯшишҳои Шӯрои Олӣ ва Ҳукуматро баҳри устувории сулҳ ва амнияти миллӣ дастгирӣ намоянд. Маҳз чунин дастгирӣ ба Ҳукумат ва парламент кумак расонд, то чораҳои зарурӣ ва босамарро баҳри баромадани кишвар аз буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қабул намояд ва роҳи генералии пешрафти Тоҷикистонро дар шароити нави иҷтимоиву иқтисодӣ муайян намояд. Рӯзи 19-уми ноябр раисикунандаи иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ пешниҳод кард, ки бояд Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байни депутатҳои дар ҷаласа ширкатдошта интихоб гардад. Ба ин мансаби баландмақом депутат Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов интихоб шуд. Гуфтанист, ки вакилон Эмомалӣ Раҳмонро интихоб карданд ва иштибоҳ накарданд. “Замона, - навиштааст муҳаққиқ- ҳуқуқшиноси шинохта Абдураҳим Холиқзода, - бо гузашти ҳодисот, вақт бо муборизаҳои бешумор, таърих бо амалҳои зиёди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ собит сохт, ки интихоб саривақтӣ ва дуруст буд” [8,с.15]. Аввалин суханони Эмомалӣ Рахмон дар мақоми Раиси Шурои Олӣ ва Сарвари давлати Тоҷикистон «Ман ба Шумо сулҳ меоварам… Мо ҳама бояд ёру бародар бошем», паёме рӯшан аз хираду заковати халқ буд, ки дар фитрат ва дилу нияти поки фарзанди арҷманди баргузидааш таҷассум ёфта буд. Дар ин иборoти софу сода, ки дар фазои ғуборолуди яъсу ноумедиҳо бо ихлосу муҳаббат, бо имону эътиқод садо дод, як ҷаҳон маънӣ ва калиди кушоиши ҳама мушкилот нуҳуфта буд. Гардиши айём нишон дод, ки фарҳанги сулҳ дар ниҳоди маънавӣ, ҷаҳоншиносӣ ва иродати ахлоқиву инсонии Эмомалӣ Раҳмон асли зиндагисозест, ки дар рисолат ва сиёсати давлатдории ӯ мувозинату оромишро дар вуҷуди ҳар инсон, дар ҳастии ҷомеа ва дар муносиботу муомилот бо қавму миллатҳои дигар меҳвари ҳама пирӯзиҳо ва пиндорҳои нек ба шумор меоварад. Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон мақсад ва ҳадафи асосии худро чунин баён карда буд: «Ба хотири истиқрори сулҳи пойдор ва бозгашти ҳамаи фирориён ба Ватан ман тайёр ҳастам, ки ҷонамро қурбон созам». Баъдтар ӯ ин андешаи худро тақвият бахшида таъкид намуд: «Азму иродаи мо дар роҳи барпо кардани давлати демократии ҳуқуқбунёд комилан қатъист. Ҳарчанд ки натиҷаҳои дилхоҳи он на ба таври оҷил, балки бо гузашти вақт падид меояд, дар баробари ин сулҳу субот бароямон муҳимтарин арзиш ҳисоб меёбад».

Бар асоси тасмимгириҳои Роҳбари давлат дар нимаи аввали соли 1993 бо ҳадафи қатъи ҷанги шаҳрвандӣ дар мамлакат, бозгардондани гурезаҳо ва муҳоҷирини иҷборӣ ба макони зист, барқарор сохтани бозорҳо, манзили харобгашта, пешгирии раванди таназзули иқтисод ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба хотири рушди Тоҷикистон масъалаи ба ҳам овардани неруҳои мухолиф музокироти сулҳи тоҷикон оғоз шуд, ки давраи аввали он дар шаҳри Москва аз 5 то 19 апрели соли 1994 ҷараён гирифт. Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба таври возеҳ марҳилаи тозаеро дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва маънавию фарҳангӣ оғоз кард. Пайрезии ин сулҳи деринтизор аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз замоне ибтидо гирифт, ки роҳбари тозаинтихоби мамлакат дар ин иҷлосия бо қатъият ва имону эътиқоди комил гуфта буд: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат намоям» [6,с.37].

Низоми нави давлатдорӣ, ки Президенти мамлакат дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ ва низоми қонунгузорӣ тарҳрезӣ намуд, барои озодии инсон ва ҷомеа муҳит ва заминаҳои воқеӣ муҳайё карданд. Ҳамзамон бо озодии андеша, виҷдон ва раъю иродат, озодии фаъолиятҳои иқтисод барои ҳар як шаҳрванд фароҳам оварда шуд. Рӯзномаи кори иҷлосия бо назардошти масъалаҳои муҳимтарини рӯз таҳия шуда, дар навбати аввал ба қатъи хунрезӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои бартарафсозии бенизомиҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар нигаронида шуда буд.Иҷлосия ҳамзамон бо ин, ба тақозои вазъи мавҷуда як қатор мақомоту сохторҳои дигари сиёсиро таъсис дод ва минбаъд худи ҳаёти ҷомеа собит кард, ки раванди мушкили қатъи ҷанг ва хунрезӣ, поягузорӣ ва устувор намудани рукнҳои давлатдории навин ва мавқеъгирии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ бевосита аз фаъолияти онҳо вобаста мебошад. Дар марҳалаи ниҳоят ҳассос Иҷлосияи XVI-ум як воқеияти ҷомеаи моро исбот кард: дар кишвари тозаистиқлоли Тоҷикистон ва дар миёни

намояндагони интихобкардаи халқ неруҳои солиму тавоное ҳастанд, ки ба гирифтани пеши роҳи ҳама гуна моҷароҷӯиву дасисабозӣ ва аз парокандагиву хориву зорӣ раҳо додани халқи тоҷик қодиранд. Бо дарки аҳамияти ҳаётии тақвияти асосҳои сиёсии истиқлолияти кишвар дар он рӯзҳо ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб мерафт. Чунки бе истиқрори сулҳ ҳалли самарабахши масъалаҳои дар назди давлату ҷомеа истода ғайриимкон буд. Бо ҳамин мақсад иҷлосия "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд", қонун қабул кард. Яъне, ин аввалин санади авфи гуноҳи шахсоне буд, ки дар муқовиматҳои сиёсӣ ва мусаллаҳона иштирок доштанд. Ҳамчунин, Қонун "Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26 ноябри соли 1992" қабул гардид. Ҳадафи аслии ин қонунҳо, қабл аз ҳама, қатъи хунрезӣ ва муқовимати мусаллаҳона, сипас фароҳам овардани шароити мусоид ва заминаи ҳуқуқӣ барои сарҷамъ кардани мардуми кишвар ва таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон буд. Ин ҳама самараи талошҳое буд, ки дар Иҷлосияи XVI-ум бо мақсади ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ оғоз гардида буданд.

Ногуфта намонад, ки вакилон хуб дарк мекарданд, ки баргузории ин иҷлосия дар тақдири минбаъдаи тоҷикон нақши ҳалкунанда дорад ва онҳо бо як мақсад - аз хатари парокандагиву азбайнравӣ раҳо сохтани миллат ва давлати тозаистиқлоли тоҷикон гирд омадаанд. «Ман дар ёд дорам, ки - изҳор дошта буд Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - дар он рӯзҳои душвор, яъне рӯзҳое, ки Ҳукумати мусолиҳаи миллиро касе эътироф намекард ва Президенти бо роҳи қонунӣ интихобшудаи кишварро дар фурудгоҳи пойтахт ба истеъфо маҷбур карданд, қисме аз вакилони мардумӣ зери фишори қувваҳои алоҳида ва аз тарсу ҳароси ҷон наметавонистанд мавқеи худро барои иштирок дар кори иҷлосия равшан изҳор намоянд. Бо вуҷуди ин, аксарияти вакилони мардумӣ ба иҷлосия ҳозир шуданд, зеро ҳама ба хубӣ дарк мекарданд, ки ягона роҳи хотима гузоштан ба бесарусомонӣ дар мамлакат баргузории иҷлосия мебошад. Ҳамин буд, ки дар иҷлосия аз 230 нафар вакилони халқ 193 нафар иштирок доштанд». Вакилони мардумӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар кори Иҷлосияи XVI фаъолона ширкат варзида буданд, хуб дарк мекарданд, ки зимни фаъолияти мақомоти мавҷудаи ҳокимияти давлатӣ ҳалли масъалаи муҳимтарини он рӯзҳо - таъмини сулҳу вахдати миллӣ ғайриимкон аст. Ҳанӯз дар муроҷиатномаи худ аз 12 декабри соли 1992 раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти вазъи воқеии онрӯзаи Тоҷикистон таъкид дошта буд, ки халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин даврахои таърихи хешро аз сар мегузаронад. Масъалаи будан ё набудани ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо зери хатар монда, даххо ҳазор одами бегуноҳ шаҳиду маҷрӯҳ шуд. Фоҷиаи падарон, модарон ва хоҳарону бародарони мо фоҷиаи миллат аст.

Вакилони мардумӣ дар ҷараёни иҷлосия бо ҳисси баланди ватандӯстӣ манфиатҳои миллиро дар мадди аввал гузошта, барои ҳимояи онҳо талош меварзиданд. Ҳамин буд, ки дар маҷмӯъ 74 санади ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 қонун, 52 қарор, 6 фармон ва як изҳорот қабул гардид, ки нақши онхо чихати ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар дар он солхо хеле бузург аст. Дар он рӯзҳо, ки мардуми тоҷик ба тозагӣ ба истиқлол расида буд ва акнун нахустин пояҳои давлатдории навинро мегузошт, доираҳои муайяни хориҷӣ бо истифода аз саргумиву рахгумии сиёсиву идеологӣ мехостанд ҷомеаи моро тахти таъсири мафкураи бегона қарор дода, ғаразхои сиёсии худро дар кишвари мо пардапӯшона роҳандозӣ кунанд. Баъзе неруҳои аз нигоҳи сиёсӣ бетаҷриба ва фирефташудаи андешаи бегона зери таъсири онҳо эъмори як давлати дорои идеологияи дигарро дастгирӣ намуданд. «Аммо ин неруҳо, - гуфта буд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, -воқеиятеро ба назар нагирифтанд, ки низоми сиёсиву идеологии дарназардоштаи онхо на ба шароити Тоҷикистони пасошӯравӣ, на ба анъанаҳу тафаккур ва мазҳаби мардуми кишвар ва на ба хусусияти равандҳои сиёсиву геополитикӣ ҳеҷ гуна созгорӣ надошт. Ҳамин тариқ, дар иҷлосия, аз як тараф, фароҳам овардани шароит барои асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат, таъмини волоияти қонун, эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, аз тарафи дигар риояи усул ва шароити эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ чун ҳадафхои стратегӣ ва самтхои муҳимми сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон эълон шуданд.Дар ин иҷлосия давлати Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон намуд, ки ҷонибдори роҳи қонунии инкишофи минбаъдаи ҷомеа, арзишҳои волои ҳуқуқӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои тарафайн бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон дар асоси принсипҳои пазирүфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Ин иқдоми нек аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ, парламентҳо ва мақомоти дигари давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои байналмилалӣ пазирүфта шуд. Дар он самтхои нави сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мутобиқи талабот ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эълон гардида, бори

дигар собит гардид, ки халқи Тоҷикистон ҷонибдори сулҳ, пойдории тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳамкориҳои байналхалқӣ зимни риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад.

Ин иҷлосияи тақдирсоз аз лаҳзаҳои аввали фаъолияташ манфиатҳои умумимиллӣ ва умумидавлатиро аз ғаразу манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ, ҳизбӣ, маҳаллӣ ва минтақавӣ афзалтар дониста, ба волоияти қонун ва бо роҳи қонунӣ ҳаллу фасл намудани тамоми мушкилоти ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ ибтидо гузошт. Дар раванди таъмини сулҳу субот, ки нишонаи равшани ризоияти саросарии ҷомеа ва ваҳдату ягонагӣ мебошад, ба вусъати худогоҳиву худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва иттиҳод даъват кардани мардум нақши муассир дошт, ки ин кори бузург низ аз Иҷлосияи таърихии XVI-ум ибтидо гирифт ва дар ҳамин замина минбаъд ташаккули андешаи созанда ва муосири миллии мо тадриҷан шурӯъ гардид. Қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ барои таъмини ризоияти милли, бозгашти муҳоҷирон ба Ватан, авфи иштирокчиёни даргириҳои мусаллаҳона, дастёбӣ ба созиш байни неруҳои мухталифи ҷомеа – аҳзоби сиёсии дорои барномаҳо, стратегияҳо ва тактикаи хос, ҷунбишҳои мардумӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ имконият ва шароити мусоид фароҳам оварданд ва заминаҳои устувори эҷоди сулҳи миллӣ, ваҳдати миллии тоҷикон ва шаҳрвандони Тоҷикистонро устувор карданд [4,с.8]. Бо таъбири Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ бо тақозои таърих на танҳо тифли дар гаҳвора будаи истиқлолиятро наҷот дод, балки тақдири ояндаи ӯро муайян сохт ва Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба сӯйи ҷомеаи мутамаддин ва арзишҳои волои башарӣ ҳидоят намуд». Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фарзанди барӯманди халқи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ваколати роҳбарӣ ба ҷомеаи Тоҷикистонро дод, ҳамзамон ба дӯши ӯ вазифаи мураккаб, вале муқаддаси бунёди давлати воқеан соҳибистиқлол ва демократиро вогузошт. Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сармеъморе баргузида шуд, ки мебоист на фақат иморати аз ҷанг вайроншудаи давлати тоҷиконро тармим кунад, балки сохтмони онро бар пояҳои устувору қавии сифатан нав барпо намояд. Агар ҳамаи дастовардҳои усулии аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ сарчашма гирифтаро ҷамъбаст намоем, пас метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати ин санаи таърихӣ давлату миллатамон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфта, тамомияти арзии он ҳамчун давлати ягона ҳифз ва аркони асосии сиёсиву идорӣ ва давлатдории миллии тоҷикон эҳё шуд. Имрӯз комилан мусаллам аст, ки ҳар қадар вақт моро аз иҷлосияи тақдирсоз дур барад, ҳамон андоза аҳамияти бузурги таърихӣ ва сарнавиштсози он барои давлату миллати мо бештар аён мегардад.

Аз ин рӯ, омӯхтан ва пос доштани иқдому пайомадҳои таърихии Иҷлосияи XVI барои ҷомеаи имрӯзу ояндаи кишвари сохибистиқлоли мо бисёр муҳиму ибратомӯз ва дар маҷмӯъ қарзи фарзандиву рисолати шаҳрвандӣ маҳсуб мешавад.

АДАБИЁТ

1. Абдулов К. Иҷлосияи сарнавиштсоз / К. Абдулов. -Хуҷанд: Ношир, 2002. 4. Акрамӣ З. Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мантиқи таърих. –Душанбе, 2017. – 80 с.
2. Алимов Б. Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи навини тоҷикон. [Манбаи электронӣ]. http. //hakikati-sugd.tj/index.php/politics/6143-na-shi-i-losiyai-xvi-sh-roi-olii-um-urii-tochikiston-dar-ta-rikhi-navini-tochikon. 10.11.2017.
3. Блищенко В.И. Кризисы и конфликты на постсоветском пространстве / В.И.Блищенко, М.М. Солнцева. - М.: Аспект Пресс, 2015. – 304 с.
4. Набиев В.М. Древний Худжанд – колыбель миротворчество таджиков / В.М. Набиев // Ученые записки. - 2018. -№2(55). -С. 8.
5. Сангинов Д.Ш. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ ва сарнавишти Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. http://javonon.tj/news/social/i-losiyai-16-umi-sh-roi-ol-va-sarnavishti-to-ikiston/16.
6. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон - наҷотбахши миллат (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992-1995) / А.Шарифзода, С.Фаттоев. - Китоби 1. Нашри дуюм. –Душанбе: Ирфон, 2011. –С.42 (372 с.)
7. Шарифзода А. Наҷотбахши миллат / А.Шарифзода, А.Ғафуров. – Душанбе, 2012. – С.37.
8. Холиқзода А. Бунёдгузори давлати миллӣ. – Пешвои миллат. – Душанбе, 2015. – С.15.
9. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории. – Душанбе: Ирфон, 2002.
10. Эмомали Рахмон: XVI сессия Верховного совета спасла таджикскую нацию. [Манбаи электронӣ]. http://inozpress.kg/news/view/id/37869

ИҶЛОСИЯИ САРНАВИШТСОЗИ XVI – ЗАМИНАИ АСЛИИ УСТУВОР ВА ТАҲКИМИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ ТОҶИКОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф лаҳзаҳои асосии таърихнигории Сессияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар Хуҷанд баргузор гардида буд, баррасӣ намудааст, ки он вазифаи таърихии худро иҷро намуда, самтҳои асосии рушди ҷомеаи тоҷикистониро дар ояндаи наздик муайян намуд. Аҳамияти таърихии сессия аз он иборат буд, ки дар лаҳзаҳои душворатирин барои мамлакат ва халқи тоҷик он тақдири миллатро муайян намуда, истиқлолият ва ягонагии қаламрави Тоҷикистонро нигоҳдошта, барномаи амалиётҳои коркард намуда, заминаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқии наҷоти ҷомеаи тоҷикистониро аз шикасти миллӣ бунёд намуда, асосоҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистониро пурзӯр намуд. Муаллиф

ба истеъдоди ташкилотчигӣ ва дипломатии Сарвари давлат ва асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон диққати махсус зоҳир намудааст. Махсусият ва хусусиятҳои хосси гуфтушунидҳо дар рафти кори сессия, консенсуси бадастомада байни ҷонибҳои мухолиф, инчунин аҳамияти қарор ва қонунҳои дар рафти кори сессия қабулнамуда ҷудогона шарҳ дода шудаанд.

Калидвожаҳо: иҷлосияи тақдирсоз, ҷанги шаҳрвандӣ, сулҳ, амният, ваҳдат, истиқлолият, Пешвои миллат, гуфтушунид, музокирот, мухолифин, сабақҳо, арзишҳои миллӣ.

XVI –Я СУДЬБНОНОСНАЯ СЕССИЯ– ГЛАВНАЯ ПРЕДПОСЫЛКА СОЗДАНИЯ И УКРЕПЛЕНИЯ НОВОЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

В настоящей статье автор рассматривает основные моменты историографии 16-й Ходжентской сессии Верховного Совета Республики Таджикистан , которая успешно выполнив свою историческую задачу, определила основные направления в развитии и поступательном движении таджикского общества в ближайшем будущем. Историческое значение сессии заключалось в том, что в самое трудное, кризисное для нашей страны и народа время она определила судьбу нации, сохранила независимость и территориальную целостность государства, разработала программу будущих действий, заложила законодательную и правовую основу спасения таджикского общества от национальной катастрофы и укрепила политические, экономические и социальные основы таджикского общества. Автор особое внимание уделил организаторскому и дипломатическому таланту Лидера нации и Основателя мира и национального согласия Эмомали Рахмона. Отдельно раскрывается специфика и отличительные черты переговоров во время сессии, достигнутый консенсус между противоборствующими сторонами, а также значимость принятых в исторической сессии решений и законов.

Ключевые слова :XVI –я сессия, межтаджикская война, переговоры, национальное согласие, национальное единство, оппозиция, национальные ценности, государственный суверенитет.

THE 16TH HISTORIC SESSION - THE MAIN PRECONDITIONS FOR THE CREATION AND STRENGTHENING OF THE NEW TAJIK STATEHOOD

In this article, the author examines the highlights of the historiography of the 16th Khodjent session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, which has successfully fulfilled its historical task, identified the main directions in the development and progressive movement of the Tajik community in the near future. The historical significance of the session was that in the most difficult time for our country and people, it determined the fate of the nation, preserved the independence and territorial integrity of the state, developed a program of future actions, laid the legislative and legal basisssssss of tajik society's rescue from national catastrophe and strengthened the political, economic and social foundations of Tajik society. The author paid special attention to the organizational and diplomatic talent of the leader of the nation and the founder of peace and national harmony Emomali Rahmon. Separately, the specifics and distinctive features of the negotiations during the session, the consensus reached between the warring parties, and the significance of the decisions and laws adopted in the historical session are revealed.Designing on the premise of numerous sources, questionnaire materials, great number of published works, periodical press, the author effectuated a complex analysis of certain issues concerned with the XVI-th Khujand session of the Supreme Council of Tajikistan Republic. Normative law instruments aimed at attainment of peace and national concordance of the peoples of Tajikistan, advocacy of human rights, people`s freedom, preservation and strengthening of the state independence of Tajikistan Republic are looked upon as the problems of the first priority.

Keywords:the 16th historic session**,** conflict, negotiations, mediation, national consent, national reconciliation, national unity.the XVI-th session of Tajikistan Republic Supreme Council, inter-Tajik reconcialiation, peace-making process, normative law instruments;

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гаффорзода Фарзона*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқӣ.**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Гаффорзода Фарзона*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры зарубежного регионоведения факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the author: ***Gafforzoda Farzona*** - Tajik National University, applicant for the Department of Foreign Regional Studies, Faculty of International Relations.iences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

УДК:061.3 (575.3)

НАҚШИ ДМТ ДАР ГУЗАРОНИДАНИ ҲАМОИШҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Салимзода Марворид
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъсисёбии Тоҷикистони соҳибистиқлол заминаи мусоидеро дар роҳи рушди босуботи ҷомеа гузошт. Махсусан баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон ба як қатор созмону ташкилотҳои байналхалқие пайваст, ки омили густариши муносибатҳо бо мамолики мухталифи ҷаҳон гардид. Ҳамчунин, Тоҷикистон чун кишвари ташаббускор дар баробари дигар кишварҳо он санаду ҳуҷҷатҳои байналхалқиро, ки омили танзимоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва аз лиҳози ҳуқуқию маърифатӣ омили ба ҳам овардани миллатҳо мегардад, дастгирӣ намуда, аз пайи амалӣ намудани онҳо чораандешӣ менамояд. Истиқлолияти давлатӣ дар умум заминаи меъёрӣ – ҳуқуқии муносибатҳоро дар

сатҳи байналмилалӣ гузошт. Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ дар тамоми самтҳо ба муваффақият ноил гардида, заминаи рушди босуботи соҳаҳои ҷамъиятӣ гузошта шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари дигар соҳаҳои афзалиятноки ҷомеа Ҳукумати Тоҷикистон, чи дар самти сиёсати дохилӣ ва чи дар самти сиёсати хориҷӣ, нисбат ба соҳаи маориф диққати хосса зоҳир намуда истодааст. Махсусан бо ташаббусҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бахши маориф таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён омад. Чи хеле ки Пешвои миллат таъкид намудааст: “Ман дар сиёсати худ маорифро дар ҷойи аввал мегузорам” [4, с.187]. Равобити байналмилалӣ дар донишгоҳ тибқи қонунҳои ҷории ҶТ, санаду меъёрҳои ҳуқуқии дар соҳаи муносибатҳои хориҷӣ мавҷудбудаи Ҳукумати ҶТ, Оиннномаи донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии донишгоҳ, Низомномаи шуъбаи равобити байналмилалӣ ба роҳ монда мешаванд. Мавриди зикр аст, ки барқарорсозӣ ва густариши ҳамкориҳои илмӣ, омӯзишӣ ва фарҳангӣ бо донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои илмӣ, пажӯҳишӣ ва таълимии кишварҳои хориҷӣ самти афзалиятноки ҳамкориҳои донишгоҳ мебошад. Тавассути ҳамгироии донишгоҳ ба фазои байналмилалии илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳсилотӣ, аз як тараф муаррифии илм, забон ва фарҳанги тоҷик сурат гирад, аз тарафи дигар, донишҷӯён, муҳаққиқон ва устодони донишгоҳ аз дастовардҳои муосири илму таҳсилоти ҷаҳонӣ ошноӣ пайдо мекунанд. Саҳми Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро имрӯз метавон дар тамоми ҷабҳаҳои маорифи кишвар баланд арзёбӣ намуд. Мақоми донишгоҳ бо гузаронидани ҳамоишҳои байналмилалӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ боз ҳам баланд гардида истодааст. Дар айни ҳол ДМТ яке аз марказҳои асосии гузаронидаи нишасту ҳамоишҳои илмию фарҳангӣ чи дар кишвар ва чи дар минтақа ба ҳисоб меравад. Дар ин самт ҳамкориҳои ДМТ бо донишгоҳҳои кишварҳои ИДМ ва хориҷи наздик барҷаста аст. Бояд қайд намуд, ки 30–юми сентябри соли 2009 дар донишгоҳ конференсияи байналмилалӣ бахшида ба мавлуди яке аз чеҳраҳои барҷастаи илму ирфони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик – Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва ректори Донишгоҳи омӯзгории Москва ширкат намуданд. Дар конфоронс ҳайати меҳмонон ва олимони кишвар доир ба саҳми ин чеҳраи мондагори халқи тоҷик дар тамаддуни башарӣ, махсусан дар рушди илму ирфони минтақа, суханронӣ намуда, нақши ӯро баланд арзёбӣ намуданд [7, с.46].

Ҳамчунин, соли 2009 дар кишвар Соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон гардида буд. Бахшида ба бузургдошти ин фарзанди фарзонаи миллати тоҷик рӯзҳои 5–6 – уми октябр дар шаҳри Душанбе симпозиуми байналмилалии “Мероси Абӯҳанифа ва аҳамияти он дар гуфтугӯи тамаддунҳо” баргузор гардид, ки дар рафти он аз 50 кишвари хориҷӣ намояндагон ширкат доштанд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон яке аз ташкилкунандагони ин ҳамоиш буд. Меҳмонон аз Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Мисрии Араб, Қатар ҷиҳати шиносоӣ ба факултети забонҳои Осиё ва Аврупои донишгоҳ ташриф оварданд. Махсусан диққати онҳоро вазъи омӯзиш ва тадриси забони арабӣ ҷалб намуд. Аз 5 то 8–уми октябри соли 2009 дар донишгоҳ фестивали суханварони адабиёти рус баргузор гардида буд, ки дар рафти он 10 нафар меҳмонон аз Россия ширкат карданд. Меҳмонон дар факултети филологияи рус бо устодон ва донишҷӯён вохӯрӣ гузарониданд. Дар рафти фестивал профессори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов Т.Е. Владимирова намояндагони Академияи давлатии фарҳанги славянӣ театри “Тереза Дурова” ва ширкати “Залатуост” ҳузур доштанд. Дар асоси нақшаи гузаронидани конференсияҳои илмии донишгоҳ 22– юми декабри соли 2010 конференсияи илмии байналхалқӣ бахшида ба 30 солагии кафедраи филологияи Ҳинд дар мавзӯи “Масоили мубрами забон ва адабиёти Ҳиндустону Покистон” дар факултети забонҳои Осиё ва Аврупо гузаронида шуд. Дар кори конференсия сафири Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳатарм Усмон Қайсар ва сафири Ҷумҳурии Ҳиндустон Аситҳ Бҳаттарҷи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат намуданд.

Бояд тазаккур дод, ки аз соли 2009 сар карда, дар донишгоҳ конфронсу ҳамоишҳои байналмилалӣ зиёд доир мегаштанд. То соли 2015 дар донишгоҳ зиёда аз даҳҳо конфронсҳои илмии байналмилалӣ дар мавзӯъҳои мубрам гузаронида шуд, ки пояҳои ҳамкориҳоро бо донишгоҳҳои кишварҳои ИДМ ва хориҷи наздик боз ҳам мустаҳкам намуд [3, с.622].19–22 апрели соли 2013 дар кафедраи экологияи факултети биологияи ДМТ семинари байналмилалӣ гузаронида шуд. Дар кори ин чорабинии бонуфуз 16 нафар олимону муҳаққиқон аз донишгоҳҳои аъзои консортсиум, аз ҷумла аз Қазоқистон, Ӯзбекистон, Гурҷистон, Қирғизистон, Полша ва Булғория иштирок карданд. Соли 2013–ро метавон соли муваффақиятҳои байналмилалии донишгоҳ номид. Дар ин сол ДМТ дар баробари ба имзо расонидани шартномаву қарордодҳои ҳамкорӣ, табодули устодону донишҷӯён дар асоси шартномаҳои басташуда, баргузории чорабиниҳои фарҳангиву илмӣ, ҳамчунин якумин маротиба чорабинии сатҳи баланд – Форуми байналмилалии

“Гӯфтугӯи забонҳо ва фарҳанги ИДМ ва СҲШ дар асри ХХ1”–ро дар доираи муносиботу ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии лингвистии Москва баргузор намуд. Дар формуми мазкур 53 нафар арбобони давлатӣ, олимон, ходимони дин ва дигар соҳибназарон аз давлатҳои СҲШ ва ИДМ, аз ҷумла ректорони донишгоҳҳо, вакилони парлумон, намояндагони ҳукумат ва олимони маъруф, дар умум дар кори конфронс зиёда аз 120 нафар иштирок намуданд. Дар баробари ин, дар заминаи донишгоҳ фонди “Русский мир” ва дар доираи ҳамкориҳо бо намояндагии “Россотруднечество” дар Тоҷикистон форуми байналмилалии “Забони русӣ дар кишварҳои форсизабон дар сатҳи баланд баргузор гардид. Соли 2014 донишгоҳ дар сатҳи байналмилалӣ мизбони як қатор конфронсҳои илмӣ буд. Баргузории конференсияҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, аз ҷумла конференсия бахшида ба 20-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон”, конференсия бахшида ба 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ таҳти унвони “Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва марҳилаи классикии рушди забон ва адабиёти форсӣ – тоҷикӣ”, конференсия бахшида ба 10–солагии ба имзо расидани Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар мавзӯи “Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон: авлавиятҳо ва пешомадҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба ва конференсияи “Нақши забони русӣ дар муносибатҳои фарҳангӣ: Россия ва давлатҳои форсизабони ҷаҳон (Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон)”–ро метавон махсус зикр намуд. Бояд гуфт, ки дар ин ҳамоишҳои илмӣ олимон ва мутахассисон аз 10 мамлакат ва бештар аз 20 сафирону намояндагони сатҳи баланди корпусҳои дипломатии муқими Душанбе иштирок ва маърӯзаҳои илмӣ намуданд [3, с.621]. Дар баробари ин ДМТ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи техникии алоқа ва информатикаи Москва ва Хадамоти алоқаи электронии кишварҳои ИДМ ва ҷаласаи 25 –уми Комиссияи Шӯрои минтақавии алоқа оид ба рушди захираҳои инсонӣ семинари “Бартариятҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи рушди телекоммуникатсияҳо” баргузор намуд. Дар сатҳи баланд баргузор намудани ҳамоишҳо аз рушду эътирофи илму маорифи Тоҷикистон хабар дода, мақому нуфузи донишгоҳро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам боло гардониданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки соли 2015 ДМТ бо мақсади рушди илму маориф муносибатҳои байналмилалиро густариш дода, маркази баргузор гардидани чорабиниҳои зиёди сатҳи байналмилалӣ гардид. Аз ҷумла XI – умин ҳамоиши ҷаҳонии “Муколамаи забон ва фарҳангҳои ИДМ ва СҲШ дар асри ХХI” ва VI–умин мактаби байналмилалии “Тарҷумонҳои ҷавони адабиёти бадеӣ”, даҳҳо конференсияҳои илмии байналмилалии дигар дар ДМТ баргузор гардиданд [3, с.623].

Ҳамчунин, дар соли 2015 ҷиҳати боз ҳам тақвият ёфтани ҳамкориҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ як қатор чорабиниҳо гузаронида шуданд. Дар ин сол ДМТ ба ғайр аз ба имзо расонидани қарордоду шартномаҳои ҳамкорӣ, табодули устодону донишҷӯён дар асоси шартномаҳои басташуда, инчунин маркази баргузории чандин ҳамоишҳои байналмилалӣ ва чорабиниҳои илмию фарҳангии сатҳи баланди ҷаҳонӣ маҳсуб меёфт. Дар рафти кори чорабиниҳо ва ҳамоишҳои илмию фарҳангӣ олимон ва мутахассисон аз 15 кишвари хориҷӣ ва зиёда аз 20 сафирон ва намояндагони корпусҳои дипломатии дар Душанбе буда иштирок ва маърӯза карданд. Баргузор гардидани чунин ҳамоишҳои сатҳи баланд бевосита далели пешрафт ва эътироф гаштани соҳаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, эътибору мақоми ДМТ–ро дар арсаи ҷаҳонӣ боло мебардоранд.

АДАБИЁТ

1. Абдуқаҳор Х. Эмомалӣ Раҳмон – асосгузори давлатдории муосири тоҷик / Х. Абдуқаҳор, С. Зафар. – Душанбе, 2017.
2. Вахдат ва гуфтгӯи тамаддунҳо. /Дар партави асарҳо, мақолаҳо ва суханронихои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Адиб, 2015.
3. Имомзода М. Аз остон то камолот / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён, Ҳ. Раҳмон, С. Қосимов. – Душанбе: ЭР–граф, 2018. – 692 с.
4. Набиева Р. Тоҷикистон дар асри ХХ ва ибтидои асри ХХ1 / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе, 2008.
5. Набиева Р. Таърихи халқи тоҷик / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Сарпараст, 2008. – 234 с.
6. Пажӯҳишҳои илмӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: таҳлил ва дурнамо. – Душанбе, 2012. – С. 40 – 51.
7. Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе, 2017. -Ҷилди 6. – С. 122-123.
8. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 578-579.
9. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довудӣ, М. Исоматов, С. Муллоҷонов. – Душанбе: Эр – граф, 2012. – С. 634-636.
10. Шарифзода А. Тоҷикистон 20. Бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А Шарифзода. -Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 210.

НАҚШИ ДМТ ДАР ГУЗАРОНИДАНИ ҲАМОИШҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси маводи бойгонӣ ва таҳлили ададбиёти мавҷуда оид ба саҳми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар гузаронидани ҳамоишҳои байналмилалӣ маълумот додааст. Таҳлили

маводи бадастомада нишон медиҳад, ки ДМТ ҳамчун муассисаи таълимӣ бо мақоми худ дар ҷумҳурӣ нақши барҷаста дошта, дар айни ҳол дар хориҷи кишвар низ ҳамчун яке аз донишгоҳҳои бузург эътироф гардидааст. Баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ соҳаи маориф ва илм чун соҳаи афзалиятнок мақоми назаррасро соҳиб шуд. ДМТ ҳамчун яке аз марказҳои бузурги тайёр намудани мутахассион дар дар кишвар мақоми намоёнро соҳиб аст. Имрӯз ДМТ бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар махсусан донишгоҳҳои ИДМ ва хориҷи наздик ҳамкориҳоро ба роҳ монда, дар ин самт ба муваффақиятҳои бузург ноил гаштааст. Бо ташаббуси ДМТ ва иштикроки намояндагиҳои донишгоҳҳои хориҷи кишвар дар тӯли даҳсолаҳои охир ҳамоишҳои зиёди илмию фарҳангӣ доир гардида истодаанд. Дар айни ҳол метавон ДМТ–ро дар баробари Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон яке аз марказҳои бузурги илмию маърифатии кишварамон номид. Пайвасти донишгоҳ бо шабакаҳои мухталиф ва донишгоҳҳои хориҷӣ, омили асосии муҳайё гардидани заминаи хуби илмӣ аст.

Калидвожаҳо: нақш, ДМТ, ҳамоиш, ташкил, муассиса, ҳамкорӣ, хориҷӣ, донишгоҳ, илм, фарҳанг, марказ.

РОЛЬ ТНУ В ОРГАНИЗАЦИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ФОРУМОВ

В этой статье автор предоставляет информацию о вкладе Таджикского национального университета в международные конференции на основе архивных материалов и анализа существующей литературы. Анализ полученных материалов показывает, что ТНУ, как учебное заведение с его статусом в стране, играет значительную роль и в то же время признан за рубежом одним из крупнейших университетов. Наряду с обретением государственной независимости сфера образования и науки приобрела значительный статус приоритетного сектора. ТНУ занимает видное место в стране как один из крупнейших учебных центров страны. Сегодня ТНУ установил отношения с зарубежными университетами, особенно в странах СНГ и за рубежом, и добился больших успехов в этой области. По инициативе ТНУ и при участии представителей зарубежных университетов в последние десятилетия было проведено множество научных и культурных конференций, которые представляют науку и культуру нации.В то же время, наряду с Национальной академией наук, ТНУ можно назвать одним из крупнейших научных и образовательных центров страны. Связь университета с различными сетями и зарубежными университетами является ключевым фактором в создании хорошей научной базы.

Ключевые слова: роль, ТНУ, ассоциация, организация, институт, кооперация, зарубежные, университет, наука, культура, центр.

ROLE OF TNU IN THE ORGANIZATION OF INTERNATIONAL FORUMS

In this article, the author provides information on the contribution of the Tajik National University to international conferences based on archival materials and analysis of existing literature. An analysis of the materials obtained shows that TNU, as an educational institution with its status in the country, plays a significant role and at the same time is recognized abroad as one of the largest universities. Along with gaining state independence, the field of education and science has acquired significant status as a priority sector. TNU holds a prominent place in the country as one of the largest training centers in the country. Today TNU has established relations with foreign universities, especially in the CIS countries and abroad, and has achieved great success in this area. On the initiative of TNU and with the participation of representatives of foreign universities in recent decades, many scientific and cultural conferences have been held that represent the science and culture of the nation.

At the same time, along with the National Academy of Sciences, TNU can be called one of the largest scientific and educational centers of the country. The university's connection with various networks and foreign universities is a key factor in creating a good scientific base.

Keywords: role, TNU, association, organization, institute, cooperation, foreign, university, science, culture, center.

Маълумот дар бораи муаллиф: Салимзода Марворид – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **msalimzoda@inbox.ru** Телефон. **989161881**

Сведения об авторе: ***Салимзода Марворид*** **-** Таджикскийнационалный университет, старший преподаватель кафедры истории таджикского народа,. **Адрес:** 734025, РеспубликаТаджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **msalimzoda@inbox.ru** Телефон**. 989161881**

Information about the author*: Salimzoda Marvorid* - Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of History of the Tajik People. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **msalimzoda@inbox.ru** Phone. **9891618811**

УДК: 321.01(560+575.3)

ОМИЛИ ГУМАНИТАРӢ ДАР РОБИТАҲОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ТУРКИЯ ВА ТОҶИКИСТОН

Иброҳимзода Ф.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Туркия давлати пешсафу пешоҳанг эътироф шудааст. Ҳамчунин, бо мамлакати мо ҳам равобити сиёсию иқтисодии васеъ дорад. Ҷумҳурии Туркия истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро 29 январи соли 1992 ба расмият шинохт. Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар шаҳри Душанбе 22 марти соли 1992 ба фаъолият шурӯъ намуд. Ҷумҳурии Туркия аз шумори давлатҳои нахустини дунёст, ки истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуд ва яке аз аввалинҳо шуда дари сафоратхонаи

худро боз намуд. Шурӯъ аз ҳамон давра ҳамкориҳои гуногунҷанба миёни давлатҳои мо дар ҳоли рушд ҳастанд [1, с.105]. Ҷумҳурии Туркия ба қатори даҳ иқтисодиёти босуръат рушдёбандаи ҷаҳон дохил мешавад. Дар мавриди сармоягузорӣ, фаъолияти ширкатҳои гуногуни истеҳсолӣ ва сохтмонии туркӣ дар қитъаи Авруосиё ва дигар манотиқи олам фаъол мебошанд. Ҷумҳурии Туркия муносибатҳои худро бо давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ бо назардошти иқтисодиёти мунтазам тараққиёбанда доштани ин давлатҳо ва дар он андухта шудани манбаъҳои бузурги молиявӣ, ки метавонанд шароити мусоидро барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд, қабл аз ҳама, дар соҳаи сармоягузорӣ фароҳам оранд, ба роҳ мемонад. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Туркия бо давлатҳо дар соҳаи гуманитарӣ назаррас мебошад. Масалан, лоиҳаҳои зеринро метавон ном бурд: лоиҳаҳо барои дастгирии рушди ҷомеаи шарвандӣ дар давлатҳои ҷаҳон, лоиҳаҳо барои эҷод намудани имкониятҳои худтаъминнамоии аҳолӣ, лоиҳаҳо барои инкишофи бахши кишоварзӣ ва пеш аз ҳама, барои амалӣ гардонидани Стратегияи миллии паст намудани сатҳи камбизоатӣ. Муомилаи савдои берунаи Ҷумҳурии Туркия бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон зиёд шуда истодааст. Робитаҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Туркия бо давлатҳои ҷаҳон тавсеа ёфта истодаанд. Муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Туркия бо давлатҳои хориҷӣ пайваста васеъ гардида, мустаҳкам ва сермаҳсул мегарданд. Ҷумҳурии Туркия дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ мақоми хоссаи худро соҳиб шуда, аз манфиатҳои миллиаш муваффақона ҳимоят менамояд. Заминаи пешрафти ҳар давлату миллат, аслан на захираҳои моддиву табиӣ, балки захираҳои зеҳниву интеллектуалии он аст. Имрӯз дар Ҷумҳурии Туркия сафоратҳои Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, ИМА, Ҷумҳурии Белорус, Озарбойҷон, Олмон, Покистон, Тоҷикистон, Эрон, Чин, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Туркманистон, Фаронса, Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Афғонистон, Ҳиндустон, Қазоқистон ва Қирғизистон ва ғайраҳо фаъолият мекунанд.

Имкониятҳои табииву демографӣ ва мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Туркия, инчунин сатҳи тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии он пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, воқеъбинона ва муътадилро тақозо менамоянд [2, с.25]. Ҷумҳурии Туркия кӯшиши қатъии таъмини фазои демократии кишвар, истифодаи фаъолонаи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, таъсиси иқтисоди бозоргонӣ, таъмини реҷаи мусоиди равобити иқтисодӣ бо давлатҳои ҷаҳон ва соҳиб гаштани узвияти комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳониро дорад. Ҷумҳурии Туркия давлати дорои мавқеи муҳимми стратегӣ ва геополитикӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Пешравиҳои ин ё он давлат вобаста ба риояи таносуби ҳадафҳои миллӣ ва имкониятҳои воқеии он мамлакат мебошад.

Сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии мо бо Ҷумҳурии Туркия аз ҳар ҷиҳат фарқ мекунанд. Мардуми тоҷик ба Ҷумҳурии Туркия ҳамеша таваҷҷуҳи махсус доштанд. Барои он ки Ҷумҳурии Туркия таърихан ба ҳайси яке аз марказҳои асосии сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ дар Шарқ эътироф гардида буд. Махсусан дар ибтидои асри XX амирону амирзодагон, тоҷирон, адибон, олимон ва сайёҳони ҳисорию хуҷандӣ, самарқандию бухороӣ маъмулан аз роҳи Туркия ба давлатҳои Осиё ва Аврупо сафар намуда, аз ҳамон роҳ бармегаштанд ва бо худ ба сарзамини мо моли тоза, ахбори тоза ва афкори тозаро меовардаанд. Дар шаҳри Анқараи Ҷумҳурии Туркия соли 2006 Ҷаласаи навбатии Шурои Вазорати маорифи Ҷумҳурии Туркия баргузор гардида буд. Дар ҷаласаи мазкур аз ҳамаи вазоратҳои маорифи давлатҳои Осиёи Марказӣ намояндагон даъват шуда буданд.

Дар шаҳрҳои Истанбул ва Кония аз 8 то 12 май соли 2007 Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ баргузор гардида буд. Дар ин Симпозиум 240 нафар олимон зиёда аз 30 давлатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла аз Тоҷикистон ҳам иштирок намуданд. Худи ҳамин сол дар шаҳри Истанбул Олимпиадаи байналмилалии забони туркӣ баргузор гардида буд, ки дар он хонандагони зиёда аз 104 давлатҳои ҷаҳон иштирок намуданд.

Дар шаҳри Анталия 16-25 апрели соли 2007 Фестивали байналхалқии Кумитаи радио ва телевизиони Ҷумҳурии Туркия (TRT) бахшида ба Рӯзи истиқлолияти миллӣ ва иди кӯдакони Ҷумҳурии Туркия баргузор гардид. Дар ин ҷашни бошукуҳи кӯдакон қариб 58 давлати ҷаҳон, аз ҷумла аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи рақсии «Падида» иштирок намуд. Президенти Ҷумҳурии Туркия А.Н. Сезер ва сарвазири он Р.Т. Эрдоган пеш аз саршавии Фестивал кӯдакони тоҷикро назди худ пазируфтанд. Ба воситаи каналҳои телевизионӣ барои давлатҳои Аврупо ва Осиё баромади рақсии ин гурӯҳ мустақиман пахш карда шуданд ва он аз ҷониби тамошобинон бо як таваҷҷуҳи хосса қабул гардид [4, с.32]. Яке аз шарикони наздики Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Туркия мебошад. Муносибатҳои дуҷониба ва чандҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар давраи соҳибистиқлолӣ оғоз гардидаанд. Ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия далели рӯшани алоқамандии дуҷониба ва ҷиҳати тавсеаи робитаҳои

минбаъда мебошад. Ҷонибҳо ба рушди робитаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ мароқ манфиатдоранд. Густариши ҳамкориҳои судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия аз оғози истиқлолият собиқаи ғанӣ дошта, ба таъмини амнияти минтақавӣ кумаки назаррас мерасонад [6, с.23]. Хатсайри ҳавоии Душанбе-Чорлу-Мюнхен соли 1999 фаъол гардид. Ҷаласаи якуми Комиссияи муштараки иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия 19-25 сентябри соли 2000 баргузор гардид ва 3 санад: Созишнома дар бораи ҳамкории дарозмуддати тиҷоратию иқтисодӣ, Протокол дар бораи ҳамкории техникӣ ва Протоколи нишасти якуми Комиссияи муштараки иқтисодии Тоҷикистон ва Туркия ба имзо расиданд [7, с.107]. Сарони ҳар ду давлат соҳаҳои афзалиятнок ва судовари иқтисоди Тоҷикистон, чун гидроэнергетика, саноати маъдани кӯҳӣ, коркарди амиқи нахи пахта, меваю сабзавот, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз алюминийро таъкид намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15-уми декабри соли 2012 ба Ҷумҳурии Туркия сафар намуд. Тайи ин сафар Сарвази Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул, Сарвазири он Реҷеп Тайип Эрдоган, раиси Парлумони Ҷумҳурии Туркия Ҷемил Чичек ва дигар намояндагони воломақоми ин давлат мулоқотҳо анҷом дода, масоили ҳамкориҳои бисёрҷанбаи ду кишварро мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҳангоми ин мулоқоту музокироти расмӣ як зумра санадҳои нави ҳамкорӣ дар бахшҳои гуногуни муносиботи ин кишвар ба имзо расиданд. Баъд аз анҷоми мулоқоту музокирот дар ҳузури сарони ин ду давлат 9 санади ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Изҳори боварӣ карда шуд, ки ин сафар ба рушди муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судбахши ду кишвар такони ҷиддӣ мебахшад. Аз густариши робитаҳои сиёсӣ, рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии ду давлат изҳори қаноатмандӣ шуд. Барои боз ҳам афзун намудани нишондиҳандаҳои ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ истифодаи имкону захираҳои фаровони ҳамгироӣ дар бахшҳои гидроэнергетика ва ҳамчунин густариши робитаҳои нақлиётию транзитӣ зарур шуморда шуд [8, с.2].

Тавлидоти саноатӣ ва маҳсулоти ғизоии Туркия дар бозорҳои Тоҷикистон дар баробари тавлидоти кишвари Чин ва Эрон ҷойгоҳи хосеро ишғол мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоле ки барои берун рафтан аз буҳрони шадиди иқтисодӣ, ба вижа рафъи камбуди неруи барқ ба кумаку ҳамкорӣ бо ҷамоҳири мусулмоннишини собиқ Шӯравӣ ва афзоиши нуфуз рӯйи ин кишварҳои ҷавон яке аз масъалаҳои авлавиятноки Туркия дар солҳои пасошӯравӣ арзёбӣ мешавад. Чумҳурии Туркия дар солҳои навадум саъю кӯшиши зиёд намуд, ки кишварҳои туркзабони собиқ Шӯравиро ба ҳам наздик кунад. Зоҳиран Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар ҳамон ҳалқаи мавриди таваҷҷуҳи Туркия қарор дошт [9].

Ҳамкории Ҷумҳурии Туркия бо Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле васеъ ва густурда аст. Масалан, якчанд соҳаҳои муҳимро мисол меорем. Дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ҳамкориҳо бо соҳибкорони Ҷумҳурии Туркия дар самти таҳвили хатҳои технологии истеҳсоли орд, коркарди мева ба роҳ монда шуда, аксарияти корхонаҳои соҳаи номбурда бо таҷҳизоти истеҳсоли Ҷумҳурии Туркия муҷаҳҳаз гардидаанд. Технологияҳои воридшуда аз лиҳози истеҳсоли маҳсулот ва арзиши он ҷавобгӯи талабот буда, истифодаи онҳо имконият фароҳам овард, ки ҳаҷми истеҳсоли орд дар ҷумҳурӣ афзун гардида, воридоти он тадриҷан коҳиш ёфта, имконияти пурраи қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо орди ватанӣ муҳайё гашт.Лоиҳаи азиме, ки дар солҳои охир бо ҷалби сармоягузорони туркӣ амалӣ гашт, ин бунёди корхонаи муосири истеҳсоли нӯшокиҳои ғайриспиртии “Кока-Кола - нӯшокиҳои Тоҷикистон” бо иқтидори истеҳсоли 100 млн литр дар як сол ба ҳисоб меравад. Сармоягузории лоиҳаи мазкур аз ҷониби ширкати ‘’Кока-Кола Ичачек А.С» амалӣ гардида, барои татбиқи лоиҳа зиёда аз 46 миллион доллари ИМА аз худ карда шуд. Корхонаи мазкур яке аз корхонаҳои азими соҳа ба ҳисоб рафта, дар моҳҳои январ-июни соли 2019 дар ҳаҷми 442,5 ҳазор декалитр ва ё маблағи 43,9 миллион сомонӣ нӯшокиҳои беспирт истеҳсол намудааст, ки ин ба 9%-и маҷмӯи нӯшокиҳои беспирти ҷумҳурӣ баробар мебошад. Дар соҳаи мошинсозӣ, саноати мудофиа ва химия дар самти ба роҳ мондани истеҳсоли трансформаторҳо бо иқтидори 1000 квт, таҷҳизоти электрикӣ - маишӣ, маводҳои шӯстушӯй, чиниворӣ ва пластмасса пешниҳод гардида буд, аммо то ҳол аз ҷониби соҳибкорони Ҷумҳурии Туркия доир ба роҳ мондани ҳамкориҳо ягон мароқ зоҳир нагардидааст.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби ҶММММ ‘’Спитамен -Текстайл”,ҶДММ ‘’Файзи Истиқлол-2011’’, ҶДММ ‘’Ресандаи Хатлон’’, ҶДММ ‘’Ваҳдат’’ риштаи пахтагин ва рангкардашуда ва аз ҷониби ҶДММ ‘’Матин Чарм’’ пӯсти коркардшуда ба Ҷумҳурии Туркия содирот карда мешаванд. Айни замон Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси лоиҳаи Созишнома оид ба ҳамкорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия дар соҳаи захираҳои об дар марҳилаи омӯзиш ва ташхиси вазорату идораҳои дахлдори кишвар қарор дорад. Дар таърихи 30 октябри

соли 2017 роҳи оҳани (Боку -Озарбойҷон)- Тифлис (Гурҷистон)-Карс (Туркия) ифтитоҳ гардид, ки имкони баҳрабардорӣ ва ба роҳ мондани содироту воридоти мол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркияро фароҳам меоварад. Аз ин лиҳоз, барои КВД ‘’Роҳи оҳани Тоҷикистон’’ имконият фароҳам омадааст, ки дар ҳолати пешниҳод гардидани муроҷиат аз ҷониби борфиристодагон ва боркабулкунандагон интиқоли борро тавассути роҳи оҳани ‘’Боку-Тифлис-Қарс’’ ба роҳ монад.

Баррасии масъалаҳои дигари ҷойдошта, аз ҷумла имкониятҳои рушди ҳамлу нақли байналмилалӣ ва таъмини ҳаракати озодона аз ҳудуди тарафҳо дар доираи Комиссияи муштарак оид ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, ки баргузории он дар моҳи ноябри соли 2019 дар шаҳри Анқара ба нақша гирифта шудааст, амалӣ хоҳад гашт.

АДАБИЁТ

1. Ҳамрохон Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. -Душанбе: Ирфон, 2009. -296 с.
2. Ҳамрохон Зарифӣ. Саҳифаҳои нави дипломатияи тоҷик. –Душанбе, 2013. -160с.
3. Журнал Ватан, Август 2007, саҳ 35, tajikpatriot g\mail\com
4. Журнал Ватан, Август 2007, саҳ 32,tajikpatriot@g\mail\com
5. Гул Пулҳан. World Heritace in Tyrkey. - Истанбул, 2009. - 2000 с.
6. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик. –Д.,2013. -С.23, 48-49.
7. Ҳамрохон Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. -Душанбе: Ирфон, 2009. 296 с.
8. Қонун ва ҷомеа. 21.12.2012.- 5.-С.2.
9. Равобити Тоҷикистон ва Туркия. [Манбаи электронӣ]. URL: http:/www.ozodi.org…

ОМИЛИ ГУМАНИТАРӢ ДАР РОБИТАҲОИ БАЙНИДАВЛАТИИ ТУРКИЯ ВА ТОҶИКИСТОН

Мақолаи пешниҳодшуда фарогири мавзӯи омили гуманитарӣ дар робитаҳои Ҷумҳурии Туркия ва Тоҷикистон мебошад. Дар ҷаҳони муосир аксарият халқияту миллатҳо даъвои саҳмгузорӣ ба инкишофи тамаддуни ҷаҳониро дар таърихи худ доранд. Яъне, бо кадом роҳе ки набошад, онҳо кӯшиш менамоянд, ки таърихи хешро ба сифати яке аз саҳифаҳои тиллоии таърихи умумиҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд. Аммо ҳақиқати таърихӣ барои аксарият намоён аст. Ҳар давлат анъанаи худро дорад.Ҷумҳурии Туркия ҳам анъанаҳои худро дорад. Муаллиф якчанд анъанаи Ҷумҳурии Туркияро мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки омӯзиши вазъ ва эҳёсозии анъанаву расму оинҳо зарур аст, чунки бо ин роҳ интиқоли арзишҳои миллӣ имконпазир мегардад.

Калидвожаҳо: анъана, сиёсӣ, иқтисодӣ, таърих, фарҳанг, арзишҳои миллӣ, тамаддун, миллат.

ГУМАНИТАРНЫЙ ФАКТОР В МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЯХ ТУРЦИИ И ТАДЖИКИСТАНА

В статье анализируются опубликованные брошюры, монографии, учебные пособия, материалы, где освещаются вопросы современного образования Республики Турция, проведение политических, социально-экономических и культурных реформ. всегда почитали историю. Основной целью исторических деятелей являлось ознакомление мирового сообщества с историей и цивилизацией своего народа. В современном мире многие народы и нации претендуют на определенный вклад в развитие мировой цивилизации. Следовательно, они стараются представить свое прошлое как яркие страницы в мировой истории. Но историческая правда очевидна большинству. Автор пришел к выводу о том, что необходимо изучение состояния и возрождения традиций, обычаев, народно-художественного творчества, ремесленничества и промыслов, ибо таким способом возможна передача национальных ценностей из поколения в поколение.

Ключевые слова: королевский, традиция, политический, экономический, история, культура, национальные ценности, цивилизация, народ.

LIBERAL FACTOR AT THE INTERGOVERNMENTAL RELATION TAJIKISTAN AND TURKEY

The article analyzes published brochures, monographs, textbooks, published material, which covers the issues of education of the new century Republic of Turkey, carrying out political, social, economic and cultural reforms. Historical personalities always honored the history. Their main purpose was familiarization today’s and the following generation, as world community with history civilization of their nation. In modern world many nations pretend about their past as the brightest pages of world’s civilization. Consequently, they in every way try to show their past as the brightest pages of world’s history. But historical try the is obvious to the majority. Every states has own customs. The Republic of Turkey has own customs too. Republic of Turkey one of the queen states. Author representation more than one of customs Republic of Turkey. We all know about rich natural and beautiful of states. The author came to the conclusion that it is necessary to study the and revival of traditions customs, folk art, handicraft and crafts, because this way it is possible to transfer national values from generation to generation.

Key words: customs, political, economical, historical, culture, national values, civilization, people.

Сведения об авторе: ***Иброҳимзода Фарзона Иброҳим*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аспиранти кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985-20-90-09**

Сведения об авторе: ***Иброхимзода Фарзона Иброхим*** **–** Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **985-20-90-09**

Information about the author*: Ibrohimzoda Farzona Ibrohim* - Tajik National University, postgraduate student of the Department of International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Pone: **985-20-90-09**

УДК:355 (575.3)

НАҚШИ САРФАРМОНДЕҲИ ОЛИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛИ АРТИШ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪСИСИ ҚӮШУНҲОИ САРҲАДӢ

Эгамбердиев С.Л.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ

Дар таърихи давлатдории ҳар як кишвар шахсиятҳои таърихиву барҷаста ва номбардору муваффақе вомехӯранд, ки онҳо дар марҳалаву вазъиятҳои барои кишварашон мураккабу ҳассос ба арсаи сиёсат омада, суботу осоиштагӣ ва роҳи рушди минбаъдаи мамлакати худро муайян намуда, дар болоравии обрӯву мақоми давлаташон нақши бориз гузоштаанд. Аз ҷумлаи ин гуна шахсиятҳои барҷаста Ҷорҷ Вашингтон Президенти Амрико, ки то имрӯз мардуми Амрико ба эҳтироми ӯ зодрӯзашро ҳамчун Рӯзи Президент ҷашн мегиранд, ё худ сарвари мамлакати Хитой Мао Сзе Дун, сарвари Туркия Мустафо Камол Отатурк ва дигарон, ки дар пешрафти кишварҳои худ саҳми арзишманд доранд. Дар Тоҷикистон низ баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марди олиму оқил, фозилу хирадманд, дар вазъияти душвори таърихӣ роҳбарии давлатро ба зиммаи худ гирифта, онро аз фаноёбӣ наҷот дод ва ҷомеаро бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуд.Ба андешаи мо, асоси рушду тараққиёт, пешравию муваффақиятҳои ҳар як кишвар аз тинҷию оромии он вобастагӣ дорад. Дар ин самт мо метавонем нақши барҷастаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани тинҷию оромӣ ва таъсиси неруҳои марзбонӣ гуфта гузарем. Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз нишонаҳои давлат доштани ҳудуди муайян ва артиш мебошад. Дар солҳои 1991-1992 кишвари мо иқтидори мудофиавии сарҳадро надошт ва яке аз сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, дурудароз давом кардани он ба набудани артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадӣ рабт дорад. Мавҷуд набудани чунин сохтор, яъне Қӯшунҳои алоҳидаи сарҳадӣ дар раванди барқарор кардани сулҳу субот таъсири манфии худро расонид. Сарҳади ба истилоҳ беруна (ҷумҳуриҳои Афғонистон ва Чин), ки аз ҷониби сарҳадбонони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳимоя мегардид, нақши буферро иҷро мекард, ки он на танҳо сарҳади Тоҷикистон, балки сарҳади ИДМ қисман ҳифз мекард. Бо дарназардошти вазъияти солҳои 1991-1992 таъсиси Қувваҳои мусаллаҳ яке аз масъалаҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар буд. Барои таъмини истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи якпорчагӣ ва ҳимояи марзи он аз роҳбарияти кишвар масъулияти баланд талаб карда мешуд, ки ҳарчи зудтар нишонаҳои давлат, аз қабили артиш, пули миллӣ, забони давлатӣ ва ҳудуди онро таъсис ва расмӣ намояд.

Аз ин рӯ, бо мақсади ҷорӣ намудани тартибот ва гирифтани пеши роҳи ҷанги шаҳрвандӣ дар шаҳри Душанбе, аввалин маротиба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.1991, дар бораи таъсиси “Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳайати 700 нафар ба тавсиб мерасад [9]. Баъдан, санаи 17.09.1992, № ФП-188, дар бораи таъсиси Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармони и.в. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршо Искандаров бо мазмуни зайл ба тавсиб расид: *“Бо мақсади ҳифзи Истиқлолияти давлативу тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷрои қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9.09.1991, №387 “Дар бораи чораҳои таҳия намудани консепсияи мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунам: 1. Дар сохтори Девони вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Кумитаи мудофиа, Комиссариати ҳарбӣ ва Штаби мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад”.*

Аз ҷониби дигар, дар ҳамон лаҳзаҳо зарурияти таъсиси як сохтори мутамаркази мақомоти қудратӣ ба миён омада буд. Чунки ба ғайр аз вазъияти сарҳад ҳамарӯза дар дохили кишвар даҳҳо ҷиноятҳои вазнин ба амал меомаданд, ки фаъолияти душвори мақомоти корҳои дохила, прокуратура, амният ва дигар мақомотро боз ҳам мушкилтар мекарданд. Вазъияти мазкур роҳбарияти кишвари навтаъсисро водор мекард, ки барои ҳарчи тезтар ба эътидол овардани вазъият ва мутамарказ гардонидани фаъолияти сохторҳои қудратӣ чора андешад. Аз ин рӯ, санаи 17.10.1992 Фармони иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбаршоҳ Искандаров “Дар бораи таъсиси Шӯрои амнияти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба имзо расид. Мақсади асосии сохтори мазкур таҳким ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон буд. Яке аз вазифаҳои асосии Шӯрои амният таъмини амният ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти қудратӣ буд. Раиси Шӯрои амният Президенти кишвар буда, роҳбари ҳайати коллегиалӣ оид ба масъалаҳои мудофиа ва амният дар кишвар мебошад. Масъалаи дигаре, ки кулли мардуми кишварро дар ҳамон

давр бетараф намегузошт, ин ҳарчи зудтар қабул намудани Конститутсия буд. Аз нав таҳия намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйир додани ҳайати гурӯҳи корӣ дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд имконият фароҳам овард ва баъдан он дар Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.1993 аз нав таҷдиди назар гардида, раиси комиссия Раҳмонов Э.Ш. интихоб гардид.

16.11.1992 Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид ва заминаи аслии сулҳу суботро муҳайё намуд. 19.11.1992 мувофиқи моддаи 109-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расид" ва мувофиқи қарори он Эмомалӣ Раҳмонов Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд. Худи ҳамон рӯз Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба саронии давлатҳои Федератсияи Россия Б.Н.Елсин, Қазоқистон Н.А.Назарбоев, Қирғизистон А.А. Акаев ва Ӯзбекистон И.А Каримов муроҷиатнома ба тариқи зайл ирсол намуд: *"Вазъи ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тадбирҳои андешида шуда нигоҳ накарда, торафт муташанниҷ мегардад. Задухӯрдҳои мусаллаҳонаи тарафҳои муқобил давом доранд. Хуни одамони бегуноҳ мерезад. Шумораи гурезагон рӯз то рӯз меафзояд. Хавфи ҳамчун давлати мустақил барҳам хӯрдани Тоҷикистон ва ҳамчун миллат нобуд шудани тоҷикон ба миён омадааст. Дар ин рӯзҳои душвор қисмҳои дивизияи 201-уми пиёданизоми Федератсияи Россия бо хоҳиши ҳукумати ҷумҳурӣ баъзе корхонаву муассисаҳоро ҳимоя карда, ба таъмини режими фавқулода дар шаҳри Душанбе ҳамкорӣ мекунад.*

Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъият ба раисони мамлакатҳои ИДМ, иштироккунандагони мулоқоти шаҳри Алмаато муроҷиат карда, хоҳиш менамояд, ки дивизияи 201-уми пиёданизом асоси қувваҳои дастаҷамъии ҳомии сулҳ гардад ва ҷумҳуриҳои Қазоқистону Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар ин масъала ба Ҷумҳурии Тоҷикистон кумаки худро дареғ надоранд" [2, с.27].

Ин аввалин иқдоме буд, ки аз ҷониби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба эътидол овардани вазъияти Тоҷикистон ба анҷом расонида шуда буд.

Дар ҷаласаҳои Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани мушкилиҳо ва ҷустуҷӯ намудани роҳҳои ҳалли бухрони сиёсӣ ҳар як роҳбари сохтори қудратӣ асосан Кумитаи амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохила ба вакилон ҳисобот медоданд. Дар ин ҷо метавон аз гузориши фишурдаи собиқ раиси Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳбоев А.А., ки аризаи аз раиси КАМ озод шуданашро ба ҷаласаи XVI Шӯрои Олӣ пешниҳод карда буд, мисол орем. Номбурда чунин иброз медорад: "*... як далелро ҳамзамон хотиррасон кардан будам: дар муддати як сол зиёдтар ҳоло мову шумо раиси ҳаштумини КАМ-ро таъйин карда истодаем.... мавридҳое буданд, ки мо ба Раиси ҷумҳур итоат мекардем, гоҳо тобеъ ба Девони вазирон будем, чанд муддат моро ба ихтиёри муовини сарвазир ҳам доданд, ҳатто як вақтҳо дар маҷмӯъ ба ҳамаашон итоатгар будем. Шумо моро дуруст фаҳмед оё ин хадамот мешавад?....*"[10].

Баъдан дар ҳамон иҷлосия раиси нуҳуми Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковник Сайдамир Зуҳуров интихоб мегардад.

Халқи тоҷик дар таърихи мавҷудияти худ баъди ҳазор сол соҳиби неруҳои сарҳадӣ гардид, ки асосгузори он Раиси онвақтаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов ва собиқ вазири амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Зуҳуров буданд.

Масъалаи тинҷию оромӣ ва ба даст овардани сулҳу субот танҳо аз мақомоти қудратӣ ва роҳбарон вобастагӣ надошт. Дар ин ҷо ҳамчун қувваи асосӣ ва ҳалкунандаи тақдири минбаъдаи худ халқ бояд бетарафӣ накунад. Аз ин рӯ барои гирифтани тасмими ниҳоӣ ва роҳ надодан ба ҳар гуна иғво, санаи 12.12.1992 Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ба халқи Тоҷикистон муроҷиат карда чунин гуфт: *"Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраҳои таърихи хешро аз сар мегузаронад. Ҳақиқат талх аст, вале мо бояд иқрор шавем, ки қувваҳои муайян сабабгори фоҷиаи миллат гардиданд. Дар натиҷа будан ё набудани ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо зери хатар монд"* [1, с.4].

Дар он ҳолатҳо ба ғайр аз истифодаи қувваи ҳарбиву ҷисмонӣ боз истифодаи неруи солиму созанда, нақши асосӣ дошт. Чунки мардум ва аҳолии кишвар ба неруи солиму созанда ниёз доштанд. Дар ҳамин ҳол муроҷиатномаи мазкур айни муддао ва саривақтӣ буд. Вазъияти мураккаб, фаъолияти пурмашаққат ва сатҳи печидаи ҷинояту ҷиноятқориро ба инобат гирифта, роҳбарияти кишвар танҳо моҳи декабри соли 1992 санадҳои зеринро ба тавсиб мерасонанд, ки барои ҳарчи зудтар ба эътидол омадани вазъият мусоидат мекарданд, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд" (3.12.1992), фармонҳо "Дар бораи

ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон ва лавозимоти ҷангӣ" (18.12.1992), фармон "Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани ҳифзи марзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (18.12.1992). Бояд қайд намуд, ки ин ду фармон барои ба эътидол овардани ҳам вазъияти дохилӣ ва ҳам дар сарҳад кишвар нақши муассир калон бозиданд. Чунки аз моҳи май то санаи ба тавсиб расидани фармони мазкур танҳо аз вайронкунандагони сарҳади давлатӣ 425 адад яроқи оташфишон, беш аз 128 ҳазор лавозимоти ҷангӣ ва зиёда аз 7 кг моддаҳои нашъаовар мусодира мегардад [11].

Баъдан фармони дигари Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов аз санаи 18.12.1992 ба тавсиб расид, ки он аввалин санади тақдирсоз дар роҳи таъсиси Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Дар фармони мазкур омадааст: **"**Дар асоси қисмҳои Ҷабҳаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дигар дастаҳои мусаллаҳе, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгирӣ менамоянд, ҳамчунин аз ҳисоби даъват кардани ҷавонон ба хизмати ҳақиқии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад". Албатта, таъсис додани Қувваҳои мусаллаҳи кишвар дар он рӯзҳои сахту сангин барои мардуми тоҷик, аъзоёни раёсати Шӯрои Олӣ, инчунин сарбозону афсарон ва роҳбарони ҷузъу томҳои ҳарбӣ кори осону саҳл набуд. Аз ҷониби дигар, набудани мутахассисони соҳавӣ, ҷойи хоб, камбудии ғизо, сарулибос ва шароити корӣ мушкилоти асосии сарбозону афсарони он давра ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳақиқат кишвари мо Артиши миллии худро аз сифр оғоз намуд, ҳамчун меросхӯр аз собиқ ИҶШС ягон техника ва инфрасохтори ҷавобгӯ ба талабот ба худ нагирифтааст. Ҳолати онвақтаро ба хотир оварда, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои мусаллаҳи кишвар, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ бахшида ба 20 - солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМҶТ чунин таъкид мекунанд: *"Ман неруҳои мусаллаҳро дар таги хайма таъсис додам ва ҳатто вазирро аз хориҷи кишвар оварда таъйин кардам..."* [13].

Оре, дар ҳақиқат таъсиси Қувваҳои мусаллаҳи кишвар кори саҳлу осон набуд ва Президенти кишвар Э.Раҳмон асосгузори Артиши миллӣ эътироф гардидааст. Ҳанӯз соли 1994 аз ҷониби собиқ Президенти Федератсияи Россия Б.Н.Елсин, бобати хизматҳои шоён дар самти ҳифзи сарҳади давлатӣ бо медали "Барои хизмати шоён дар ҳифзи сарҳади давлатӣ" қадрдонӣ гардида буд.

Чунонки дар боло ишора гардид, мақсади асосии роҳбарияти кишвар хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ буд ва барои ноил гардидан ба он якчанд ҳадафҳои асосӣ дар пеш меистод, аз ҷумла мустаҳкам намудани сарҳади давлатӣ. Бо ин мақсад санаи 18.12.1992 тибқи қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 981 дар назди Кумитаи амнияти миллӣ "Бригадаи таъйиноти махсус" аз ҳисоби аъзоёни Фронти халқӣ иборат аз 1200 нафар таъсис ёфт [12] . Аввалин командири бригада полковник (баъдтар генерал) Сафаралӣ Сайфуллоев таъйин мегардад. Бригада фаъолияти худро дар 4 гурӯҳ асосан дар минтақаҳои осебпазири сарҳад ноҳияҳои Шаҳритус, Қумсангир, (ҳозира Ҷайҳун) Фархор ва Шӯрообод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин)-и вилояти Хатлон роҳандозӣ менамояд. Тавре ки дар боло ишора гардид, мақсади асосии гурӯҳҳои мазкур асосан барқарор намудани сохти конститутсионӣ, таъмини амнияти минтақаҳои назди сарҳадӣ ва мустаҳкам намудани хатти марз бо Ҷумҳурии Афғонистон ба ҳисоб мерафт. Пас аз даҳ рӯз Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми декабри соли 1992 таҳти № 989 қарор "Дар бораи ташкили Раёсат (Управления) оид ба муҳофизати Сарҳади давлатии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро дар сохтори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таъсис дод. Ин ду санад дар таъсиси яке аз Қӯшунҳои Қувваҳои мусаллаҳи кишвар минбаъд нақши асосиро бозиданд ва ҳамчун таҳкурсии Қӯшунҳои сарҳадии кишвар эътироф мешаванд. Дар системаи Қувваҳои мусаллаҳ ҳалқаи аз ҳама ҳассостаринро Қӯшунҳои сарҳадӣ ташкил медиҳанд. Таъсиси ҳар як сохтор ва зерсохтори ҳарбӣ ба мустаҳкамшавии Қувваҳои мусаллаҳи кишвар асос мегузошт. То ин муддат ҳимояи самти ҷанубу шарқии сарҳади кишварро Қӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия ба зимма доштанд.

Барои ташкил намудани Қӯшунҳои сарҳадӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо биною иншоот, техникаи ҳарбӣ, аслиҳаи ҳозиразамон ва ғайра вақт ва маблағ лозим буд, ки он бо дастгирии бевосита ва ҳамаҷонибаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳала ба марҳала ташкил ва муҷаҳҳаз гардонида шуд. Қӯшунҳои сарҳадӣ бо ҷузъу томҳояш аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш бо дастгириҳои Сарвари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастуру супоришҳои ӯ дар тамоми самтҳои сарҳади давлатӣ фаъолияти худро пурзӯр намуда, амният, якпорчагӣ ва тамомияти арзии онро таъмин менамояд, ки ин боиси оромӣ ва осоиштагии мардуми Тоҷикистон мебошад. Масъалаи ҳифзу ҳимояи марзу буми кишвар, дахлнопазирии ҳудуд дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тағйиру иловаҳо аз 22 майи соли 2016 дақиқан дар бобҳои якум "Асосҳои Сохтори Конститутсионӣ", моддаи 7 "Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир

мебошад” ва боби дуюм “Ҳуқуқ, озодӣ**,** вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд” моддаи 43 “Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст” дарҷ гардидааст. Аз ин рӯ, хотиррасон бояд намуд, ки ҳимояи манфиатҳои давлат на танҳо вазифаи кормандони мақомоти қудратӣ, балки шаҳрвандон низ мебошад. Ҷиҳати мустаҳкамии ҳифзи сарҳади давлатӣ ва муҳайё намудани шароити корӣ, маишӣ ва фарҳангиву фароғатии сарбозону афсарони ин ниҳод аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор иншоот навсозӣ ва бунёд гардиданд, аз ҷумла 3 раёсати минтақавӣ, 17 отряди сарҳадӣ, ду отряди таъйиноти махсус, Донишкадаи сарҳадӣ, эскадрилияи алоҳидаи ҳавоӣ, 7 комендатураи сарҳадӣ, 158 дидбонгоҳи сарҳадӣ, 34 нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ, 4 маркази таълимӣ, 3 госпитали ҳарбӣ ва 5 қисми ҳарбии таъминоти техникӣ таъсис ва бунёд карда шуданд [6, с.14]. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин радиф таҳдиду хатарҳои муосир, аз ҷумла, терроризму экстремизмро, ки ба мушкилоти ҷиддии ҷомеаи башарӣ табдил ёфтаанд, барои Тоҷикистон истисно намедонад ва дар кулли суханрониҳои худ рисолату масъулияти неруҳои марзбониро ҳамчун вазифаи умда ҳисобида, изҳор медорад, ки *«Сарҳад ҳамчун рамзи муқаддас ва тамомияти арзӣ яке аз нишонаҳои давлати соҳибихтиёр буда, ҳимояи онро фарзандони бонангу номус таъмин мекунанд».* Бешакку шубҳа, ин суханон ба қаҳрамонони ҷасуру шуҷоъ - сарбозону афсарони Қӯшунҳои сарҳадӣ нигаронида шудааст.

Ҳангоми таҳлили заминаҳои таъсисёбии танҳо як сохтори мақомоти қудратӣ, яъне Қӯшунҳои сарҳадии КДАМҶТ маълум гардид, ки асосан дар ду марҳила ҳамчун сохтори мукаммал арзи ҳастӣ намудааст: Якум аз оғози соли 1991 то соли 2010 он санаду ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки дар ин сохтор рӯйи кор омаданд, бо мақсади таъсис қабул гардидаанд. Ин солҳои 1991-2010-ро дар бар мегирад ва тӯли ин солҳо зиёда аз 46 санаду ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, аз ҷумла: 17 - қонун, 16 - фармон, 7 - қарор, 4 - созишнома, 1 стратегия “Стратегияи миллии идора намудани сарҳад ва Нақшаи иҷрои он”, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 202 аз 29.04.2010) ва «Барномаи давлатӣ оид ба рушди Қӯшунҳои сарҳадӣ» ба тасвиб расидааст, ки ҳамаи онҳо барои тақвият бахшидан дар фаъолияти Қӯшунҳои сарҳадӣ ва муштарак бо дигар сохторҳои қудратӣ равона гардидаанд, қабул гардидааст. Марҳилаи дуюм аз оғози соли 2010 то инҷониб бо мақсади ташаккули Қӯшунҳои сарҳадӣ таҷдиди назар гардидаанд.Ҳамаи ин рақамҳо гувоҳи онанд, ки роҳбарияти кишвар, пайваста дар беҳтар намудани шарту шароити хизмат ва ободу осудагии мардум саъю кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Чунки хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ дар сафи пеши ҳифзи арзишҳои миллӣ ва суботу оромии сокинони Ватани маҳбубамон қарор доранд.Новобаста аз корҳои баанҷомрасида моро зарур аст, ки дар ҳифзу ҳимояи сарҳади давлатӣ ҷиддан аҳамият дода, иҷрои корҳои зеринро дар ин самт ҷоннок намоем:

- мунтазам ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ бо иштироки мутахассисони соҳавӣ ва собиқадорони ҷузъу томҳои Қӯшунҳои сарҳадӣ ва таъсис додани барномаи телевизионии “Марзбон”;
- ҷалби омӯзгорони ихтисосманди фанни “Омодагии дифои ҳарбӣ” дар МТМУ;
- ба таври доимӣ ташкил ва ҷоннок намудани фаъолияти гурӯҳҳои дружиначиёни ихтиёрӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои наздисарҳадӣ;
- тақвият додани ҳамкории мутақобила байни хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ бо сокинони ноҳияҳои наздимарзӣ.

Бо ҳамин тартиб нақши муассиру сарнавиштсози Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафҳаҳои равшани таърихи халқи тоҷик ҳамчун як марҳилаи сарнавиштсоз сабт гардидааст ва он як мактаби ибрати давлатдорию давлатсозӣ ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмон. Наҷотбахши миллат. Китоби 1. -Душанбе: Ирфон, 2011. -С.4.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Наҷотбахши миллат. Китоби 1. -Душанбе: Ирфон, 2011. -С.27.
3. Бойгонии марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фонди № 297, феҳристи № 40, протоколҳои 115, саҳифаи 16 ва 184 саҳифаи 8.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”.
6. Марз ҷабҳаи садоқат, (Чоряк асри фаъолияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе,-2019). Ҳайати таҳририя: Одинаев Ҳ., Суяров З., С.Эгамбердиев.
7. Қурбонзода Х. Нақши Қӯшунҳои сарҳадӣ дар таҳкими амнияти миллӣ / Х. Қурбонзода, С. Эгамбердиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе 2020. -№2. -С.-175-179.
8. Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи сарҳадбонон, “Ҳифзи амнияти кишвар вазифаи ифтихорист” // Нашрияи “Омӯзгор”, №23 (12247) 4.06.2020;
9. Рӯзномаи Ҷумҳурият аз 24.12.1991, № 245 (18545);
10. Рӯзномаи Садои мардум, № 225 (475) аз 15.12.1992;
11. Рӯзномаи Ҷумҳурият. 24.12.1992, № 217;

12. Рӯзномаи “Паёми Душанбе”, № 191 аз 29.12.1992;
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 20 - солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ 27.05.2014.
14. Суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 25-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ //Рӯзномаи “Садои мардум”. - №62 (4012) 30.05.2019.

НАҚШИ САРФАРМОНДЕҲИ ОЛИИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ГЕНЕРАЛИ АРТИШ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪСИСИ ҚӮШУНҲОИ САРҲАДӢ

Масъалаи омӯзиши давраҳои таърихии ҳифзу ҳимояи давлат барои ҳар як халқу миллат муҳим ба ҳисоб меравад. Соҳиби марзу бум ё ҳудуди муайян будан дар қатори миллат, забон ва артиш яке аз нишонаҳои муҳимтарини соҳибистиқлолии давлат мебошад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ ба миён омад. Барои дар заминаи холӣ ташкил намудани Қӯшунҳои сарҳадӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани он бо биною иншоот, техникаи ҳарбӣ, аслиҳаи ҳозиразамон ва ғайра вақт ва маблағ лозим буд, ки марҳила ба марҳила ба сомон расонидашуд. Дар таъсис додани Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми мондагори Сарфармондеҳи Олии Қуввaҳои Мусаллаҳи кишвар, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят калон аст.

Калидвожаҳо: Қӯшунҳои сарҳадӣ, марзбон, ватандӯстӣ, ҳимояи сарҳад, Президент, Сарфармондеҳ, артиш.

РОЛЬ ВЕРХОВНОГО ГЛАВНОКОМАНДУЮЩЕГО ВООРУЖЁННЫХ СИЛ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОН В ФОРМИРОВАНИИ ПОГРАНИЧНЫХ ВОЙСК

Вопрос изучения исторических периодов зашиты государства для каждого народа и национальности является одним из сложнейших вопросов. Являясь ответственным за безопасность границы или определённой территории наряду с нацией, вооруженные силы считаются одним из ключевых факторов независимости государства. После получения независимости Республики Таджикистан возник вопрос о необходимости формирования пограничных войск. Для организации Пограничных войск в пустом месте и её обеспечения зданием, сооружением, обеспечением военной техники, новейшим вооружением и успешным личным составом нужно было время и финансирование, которые поэтапно были организованы и внедрены. Для организации Пограничных войск Государственный Комитет Национальной Безопасности Республики Таджикистан, безусловно, велика роль Верховного Главнокомандующего Вооруженных Сил Республики Таджикистан, генерал армии Эмомали Рахмон.

Ключевые слова: Пограничные войска, пограничник, любовь к родине, защита границы, Президент, Главнокомандующий, Армия.

THE SUPREME COMMANDER-IN-CHIEF OF TAJIKISTAN'S ARMED FORCES, HIS EXCELLENCY EMOMALI RAHMON IN THE ESTABLISHMENT OF BORDER GUARDS

The problem of studying the historical events on the defense of the country security is considered to be the most urgent task of every nation and nationalities of the world. Indeed, having the ownership of border, the army is the most important symbols of independence of the country. There was a real necessity for establishing Border Guards after having gained the independence of the Tajik state. The organization of Border Guards needed a quantity of time and finance for its equipment with buildings, military technique and as well as modern tools (like arms) that was done in the periods of time. Factually, it was the great contribution of the brave son, Supreme Commander-**in**-Chief of Tajikistan's Armed Forces, Emomali Rahmon made towards the establishment of Border Guards of the State Committee for National Security (SCNS) in Tajikistan.

Key words: State, border guard’s troops, border guard, love for the country, defense of the border, President, Commander-in-Chief and the Army

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Эгамбердиев Сино Лутфуллоевич*** **-** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, унвончӯй, , сардори раёсати илм ва иноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. **Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 15. Телефон: **+(992) 918-90-77-37**, E-mail: **somonjon-2014@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Эгамбердиев Сино Лутфуллоевич*** **–** Институт истории археологии и этнографии имени А.Дониша Национальной академии наук Таджикистана, соискатель, начальник управления науки и инновации Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования. **Адрес:** 734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Нисормухаммад,15 Телефон: **+(992) 918-90-77-37**, E-mail: **somonjon-2014@mail.ru**

Information about the author: ***Egamberdiev Sino Lutfulloevich*** –Institute of the History of Archeology and Ethnography named after Ahmad Donish of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant, head of the Department of Science and Innovation of the Republican Institute for Advanced Studies and Retraining of Education Workers. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nisormuhammad street, 15 Phone: **+ (992) 918-90-77-37**, E-mail**: somonjon-2014@mail.ru**

УДК:93 (575.3)

МУАРРИХИ АСИЛ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ

Давлатшоев Р.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мулло Эркаев яке аз муаррихони маъруф, ходими хизматнишондода ва устоди соҳибмактаб, корманди мақомотҳои ҳизбию давлатӣ, мудири кафедраи таърихи ҲҚИШ (КПСС)-и ДДТ ба номи В.И.Ленин (айни ҳол Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), устоди кафедраи таърихи ҲКИШ (КПСС)-и Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон (айни ҳол ДДОТ ба номи С.Айнӣ), доктори илми таърих, профессор, аввалин академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС 9-уми майи соли 1910 дар деҳаи Сайроби ноҳияи Бойсуни Аморати Бухоро (ҶШС Ӯзбекистон) дар оилаи деҳқони камбағал ба дунё омадааст [9,Б.340,В.1.]. Таъсири ғалабаи Инқилоби сотсиалистӣ (25-уми октябри соли 1917), минтақаи Осиёи Миёнаро дар канор нагузошта, низоми амириро аз байн бурд. Ва ҳокимияти шӯроҳоро дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна ташкил намуд, ки ин бешак табаддулоти ҷиддие дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб меёфт, махсусан, дар соҳаи илму маориф. Бештари мардуми минтақа аз банди асорат хаёлҳои амирӣ озод гардида, рӯй ба илм оварданд. Аммо мушкилот ва маҳрумиятҳои зиёде дар ин роҳ мавҷуд буданд, алалхусус, на дар ҳама минтақа мавҷуд будани мактабҳо, дар мактабҳои мавҷудбуда таъмин набудани шароити хуби моддию таълимӣ, норасоии омӯзгорон ва чандин норасоиҳои дигарро номбар намудан мумкин аст. Лекин ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, талош баҳри донишандӯзӣ ва гирифтани таълим дар байни мардум бештар буд.

Мо инро дар мисоли як писарбачаи тоҷики бойсунӣ Мулло Эркаев, ки бо мақсади илмомӯзӣ соли 1924 ба пойтахти навбунёди Тоҷикистон-Душанбе омада буд, дида метавонем. Мулло Эркаев ҳамроҳи ҳамсолонаш пайваста кӯшиши аз худ намудани донишҳоро мекард. Ин ҳама боиси пешсафии ӯ нисбат ба дигар ҳамсолонаш гардид. Дониши аъло ва иштироки ӯ дар корҳои ҷамъиятӣ сабаби ба сафи комсомолон дохил гардиданаш дар соли 1927 ва сардори комсомолони хонаи кӯдакона интихоб намуданаш шуданд. Ҳамин тавр, соли 1927 Мулло имтиҳонҳои хатмро бо баҳои аъло супорида, аз ҷониби комиссияи имтиҳоноти хатм соҳиби роҳхати идомаи таҳсил дар Донишкадаи муаллимтаёркунии тоҷик дар Тошканд гардид. Аз соли 1927 то соли 1929 дар ин донишкада таҳсил намуда соҳиби дониши зарурӣ гардиду яке аз донишҷӯёни фаъол ба шумор мерафт. Донишкада, ки ба омоданомии кадрҳои омӯзгорӣ барои минтақа, махсусан, ҶШС Тоҷикистон машғул буд, дархости ҶШС Тоҷикистонро дар хусуси норасоии омӯзгорон қабул намуда, якчанд донишҷӯи худро, ки аз ҶШС Тоҷикистон омада буданд, хост сафарбар намояд. Дар ин рӯйхат номи Мулло Эркаев низ сабт гардида буд. Аз ин лиҳоз, мӯҳлати таҳсил барои Мулло Эркаев пеш аз мӯҳлати муайяншуда ба итмом расид ва имтиҳонҳои хатмро супорида, соҳиби диплом гардид ва ба ҶШС Тоҷикистон фиристода шуд. Мулло, ки нисбат ба касби омӯзгорӣ дар лаҳзаҳои дар мактаби кӯдакона таҳсил карданаш муҳаббат пайдо намуда буд, соли 1929 худ ба ин касби пурмасъулият қадам ниҳод. Сараввал аз 29-уми ноябри соли 1929 то 1 августи соли 1934 ба ҳайси омӯзгори курсҳои кӯтоҳмуддат дар назди Комиссариати халқии маориф дар Сталинобод [9,Б.340,В.3.], аз 1 сентябри соли 1934 то 10 августи 1935 ба ҳайси омӯзгори омоданамоии мутахассисони корҳои пионерӣ дар назди Кумитаи марказии комсомоли ҷумҳурӣ, аз 1 сентябри 1935 то 5 июли 1937 омӯзгори техникуми муаллимтайёркунии Сталинобод; аз 1 сентябри соли 1937 то 1 августи соли 1938 бо супориши Комисариати халқии замин (Наркомзем) дар Шаҳринав чун омӯзгори фанҳои ҷамъиятии курсҳои кӯтоҳмуддати кормандони чорводорӣ ва аз 1 сентябри соли 1938 боз дубора аз тарафи Комиссариати халқи маориф даъват шуда, ба ҳайси муаллими Омӯзишгоҳи омӯзгории Сталинобод ба кор таъмин гардида, дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ва вобаста ба арзишҳои назариявии асосҳои марксистӣ-ленинӣ тарбия намудани кормандони хоҷагии қишлоқ саҳми назарраси худро гузоштааст [9,Б.340,В.3].

Ҳамзамон, баробари фаъолияти омӯзгорӣ, инчунин, аз соли 1932 дар бахши ғоибонаи ихтисоси таърихи Донишкадаи омӯзгории Сталинобод (Душанбе аз соли 1929 то 1961 Сталинобод ном дошт) ҳуҷҷат супорида сазовори номи донишҷӯи аввалин Донишкада дар Тоҷикистон гардид. Мулло бо фосилаҳои гуногун баробари фаъолияти омӯзгорӣ таҳсилро дар ин боргоҳи илм идома медод. Аз ин лиҳоз, таҳсил нисбат ба вақти муайяншуда каме зиёдтар давом карду соли 1939 бомуваффақият ва бо баҳои аъло имтиҳонҳои давлатии хатмро супорида, сазовори дипломи аъло гардид. Донишу лаёқат ва маҳорати Мулло Эркаевро роҳбарият ва устодони донишкада ба инобат гирифта, ӯро дар худи донишкада ба кор қабул намуданд. Дар корҳои ҷамъиятии ҳизбию давлатӣ ва маҳфилҳои илмии донишкада фаъолона иштирок мекард. соли 1940 аъзои ҳизб интихоб гардиду дар баробари таълим дар пешбуриди корҳои ҷамъиятии донишкада саҳм мегузошт. Соли 1941 М. Эркаев бо таклифи мақомотҳои ҳизбию давлатӣ ба иҷрои корҳои сиёсии давлатдорӣ пайваст ва бо ҳамин тӯли чанд сол аз донишкада рафт. Аз соли 1941 то соли 1950 дар мақомотҳои ҳизбию давлатӣ дар вазифаҳои гуногун: лектор, сарвари шуъбаи таблиғоти шифоҳӣ (сектор), котиби Кумитаи вилояти Кӯлоби ҲК(б) ва котиби Кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод бо ҷиддият ва ба нафъи халқу давлат то соли 1950 фаъолияти софдилона намудааст [9, Б.340,В.1-2.]. Ҳамзамон, баробари ташкилёбии аввалин Донишгоҳи давлатӣ дар Тоҷикистон дар соли 1948 бо таклифи бевоситаи аввалин ректори донишгоҳ З.Раҷабов, устод Мулло Эркаев ҳамчун омӯзгор ба ин муассисаи олӣ даъват гардид [1,с.23] ва новобаста аз серкории худ, ки вазифаи котиби ҳизбии вилояти Сталинободро бар уҳда дошт, ба шогирдони ин боргоҳи илм аз рӯйи фанҳои таърихи ИҶШС ва асосҳои назариявии марксизм-ленинизм дарс мегуфт. Фаъолияти ҳамкории устод дар донишгоҳ пас аз ду сол ӯро аз ҷанбаи фаъолиятҳои сиёсӣ-давлатдорӣ озод намуда, аз соли 1950 то соли 1975 вазифаи пурмасъулияти роҳбарии мудири кафедраи таърихи ҲКИШ бар уҳда дошт [9, Б.340,В.3.] ва ин имкон дод, ки дар зарфи солҳои фаъолияташ дар ин макони илм баҳри пешрафти маънавиёти ҷомеа, махсусан, рушди илми таърихшиносии кишвар чандин мақолаҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, маколаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, китобҳои дарсӣ ва монографияҳои зиёдеро ба табъ расонад. Ибтидои фаъолияти илмии устод Мулло Эркаев аз тадқиқоти дақиқназаронааш дар мавзӯи «Торумор намудани гумоштаи империализми англо-амрикоӣ Иброҳимбеки моҷароҷӯй» ҳамчун рисолаи илмӣ зери роҳбарии устод З. Раҷабов маншаъ мегирад [11, Б.739, В.121–123]. Мавзӯи зери пажӯҳиш қарордодаи худро соли 1953 ба итмом расонида, бо кушода шудани аввалин шӯроҳои илмӣ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин аз факултети таърихи донишгоҳ аввалин шуда рисолаи худро ба ҳимоя пешниҳод намуд [2,с.21]. Рӯзи 20-уми марти соли 1953 дар толори Шӯрои илмии донишгоҳ дифои рисолаи илмии устод Мулло Эркаев баргузор гардид. Ҳайати доварон рисоларо дар сатҳи баланд пазирофӣ намуда, хулоса ва дастоварди илмиро ба Комиссияи аттестатсионии Вазорати фарҳанги ИҶШС фиристоданд ва рисола аз ҷониби ин комиссия баҳои баланд гирифта, 31-уми августи соли 1953 ба устод Мулло Эркаев унвони илмии номзади илми таърихро сазовор донистанд [9,Б.342,В.2], ки ин аввалин муваффақияти устод дар роҳи илм маҳсуб меёфт. Ин ҳама гувоҳи он буд, ки ба арсаи таърихшиносии муосири тоҷик, тадқиқотчии нуқтасанҷ устуворона ворид гардидааст. Хизмати Мулло Эркаев дар пажӯҳиши ин мавзӯъ дар он буд, ки ӯ аввалин шуда, фаъолияти ин гумоштаи сармоядорони хориҷиро бо тамоми паҳлуҳояш ҳадафи таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст. Инчунин, Мулло Эркаев, ки ба ҳайси мудири кафедра дар донишгоҳ фаъолият менамуд, нақшаҳои дурнамои илмӣ-тадқиқотӣ ва таълимии худ ва дигар аъзоёни кафедраашро низ муайян намуда, барои ҳарчи зудтар амалӣ гашти онҳо кушиш ба харҷ медод. Иҷрои нақшаҳои пешбинигардидаи ӯ буд, ки кафедраи таърихи ҲКИШ-и донишгоҳ дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун маркази муҳимтарини тадқиқотии таърихи халқи тоҷик ва таърихи ҳизбии ҷумҳурӣ дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна машҳур гардид.

Дар амалӣ гардидани ин нақшаҳо худи Мулло Эркаев намунаи ибрати дигар аъзоёни кафедрааш буд. Мулло Эркаев дар ҳам муаллифӣ бо дигар тадқиқотчиён корҳо анҷом

додааст, ба монанди “Дар бораи тарбияи интернатсионалии меҳнаткашон”(1954), “Аҳамияти таърихии Революътсияи солҳои 1905-1907”(1955), “Мубориза барои Тоҷикистони советӣ” (ҳаммуаллиф бо Ю.Николаев, 1956), “Революътсияи Октябр ва комёбиҳои бузурги халқи тоҷик” (1957), “Дар набард барои Тоҷикистони Шӯравӣ (1917-1957)” (ҳаммуаллифӣ бо Ю.Николаев ва Я.Шарипов,1957), “Материалҳо оид ба таърихи халқи тоҷик (давраи советӣ)”(1957), “Барои Ҳокимияти советӣ дар Тоҷикистон. Хотираҳои иштирокчиёни инқилоб ва муборизаи зидди босмачигарӣ” (1958), “Ба Русия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳамияти таърихии он барои халқи тоҷик”(1959) ва боз даҳҳо мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавиро дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмӣ ва рӯзномаҳои дохилию минтақавӣ ба табъ расонидааст, ки гувоҳи дониши мукаммалу маҳорати баланди тадқиқотчигии устод Мулло Эркаев маҳсуб меёбад [9, Б.343,В.8-11].

Маҳз бо сабаби чунин дастовардҳои илмӣ, устод Мулло Эркаев чун муаррихи асил ва нуқтасанҷ на фақат дар доираи илмии ҷумҳурӣ, балки тамоми Осиёи Марказӣ ва умумиттифоқӣ эътирофу эътибори хосса пайдо намуд. Аз рӯйи ҷамъбасти дастовардҳои илмӣ, ки дар боло зикрашон рафт ва боз даҳо корҳои илмии дигареро то соли 1963 анҷом додааст, худи ҳамин сол (1963) бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии ИҶШС ба устод Мулло Эркаев унвони профессориро лоиқ донистанд, ки ин эътирофи расмии дастовардҳои илмию таълимии ӯ буд. 13-уми феврали соли 1964 рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Таърихи ҷанги граждани дар Тоҷикистон» бомуваффақият дифоъ намуд. 31-уми марти ҳамон сол (соли 1966) дараҷаи докториро соҳиб гардид. Устод аввалин шахсияте маҳсуб меёбад, ки рисолаи доктории худро дар шӯрои Комиссияи аттестатсионии ҶШС Тоҷикистон дар дохили кишвар дифоъ намудаасту дар таърихи шӯрои доктории кишвар саҳифаи наверо боз намудааст. Соли 1967 унвони илмии академики Академияи илмҳои педагогии ИҶШС-ро соҳиб шудааст ва устод Мулло Эркаев аввалин шахсе маҳсуб меёбад, ки дар самти илмҳои педагогии ИҶШС ба чунин унвони баланди илмӣ қадрдонӣ гардидааст, ки на фақат ифтихори олим, балки ифтихори тамоми ҷумҳурӣ маҳсуб меёфт [1, с.17]. Устод пас аз ин ҳам, тадқиқотҳои дақиқсанҷонаи худро дар мазӯъҳои гуногуни таҳқиқнагардидаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна бомаром идома додааст.

Заҳмату талошҳои устод дар роҳи таълиму тарбия, тадқиқотҳои барҷаста ва доманадор мавриди эътибору эҳтироми на фақат ҳамкасбону шогирдон, ҳатто кормандони ҳизбию давлатии ҳам Тоҷикистон ва ҳам ИҶШС қарор гирифта буд. Фаъолияти пурсамари ӯро дар даврaҳои гуногун бо нишон, орден ва унвонҳои фахрӣ: «Барои меҳнати шоён дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945» (аз 6 июни соли 1945), «Нишони фахрӣ» (аз 29 декабри соли 1946), «Байрақи сурхи меҳнат» (аз 24 ноябри соли 1948), бори дуюм «Байрақи сурхи меҳнат» (аз 18 декабри соли 1949),«Омӯзгори хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» (аз 4 августи соли 1960), «Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон» (аз 27 феврали соли 1964) қадршиносӣ намудаанд [7, с.393]. Устод то соли 1975 ба ҳайси мудири кафедраи таърихи ҲКИШ-и факултети таърихи донишгоҳ фаъолият намудааст, ки бешак ин давраро давраи авҷи фаъолияти илмию эҷодии устод Мулло Эркаев номидан мумкин аст.

Бешак, устод Мулло Эркаев дар роҳи илм, махсусан, таърихшиносии халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна чандин тадқиқотҳои муҳим ва заруриро аввалин шуда, новобаста аз серталабӣ ва нозукиҳои раванди сиёсии давлатӣ дар асоси беҳтарин сарчашмаҳо: суханони бевоситаи иштирокчиён ва ҳуҷҷатҳои аз бойгониҳо дастрасгардида навиштааст. Асарҳои навиштаи устод, аз ҷумла “Ба Русия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳамияти таърихии он барои халқи тоҷик”, “Таърихи ҷанги граждани дар Тоҷикистон”, “Торумор намудани гумоштаи империализми англо-амрикоӣ Иброҳимбеки моҷароҷӯй” аҳамияти зиёди илмӣ доранд. Мулло Эркаев аз худ зиёда аз 170 китобу рисола ва мақолаи илмӣ ва илмию мерос гузоштааст [7, с.393]. Аслан, таълифоташ масъалаҳои барпо намудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон, ҷанги граждани дар Тоҷикистон, торумори босмачигарӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Заҳмату талош ва фаъолияти

пурсамари устод Мулло Эркаев дар роҳи таълиму тарбияи ҷавонон, тадқиқотҳои нуқтасанҷона дар мавзӯъҳои таҳқиқногардидаи таърихи халқи тоҷику дигар халқҳои минтақа аз беҳтарин дастовардҳои илми таърихшиносӣ маҳсуб меёбанд.

АДАБИЁТ

1. М.Бобохонов. Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (марҳилаҳои асосии таърихи: 1948-2008) / М.Бобохонов, Р.Комилов, З.Акрамов. –Душанбе: Эр-граф, 2008. -352с.
2. М.Имомзода. Аз остон то камолот. Монография/М.Имомзода, С.Сафармамадов, Қ.Расулиён ва диг. -Душанбе: Эр-граф, 2018. -692с.
3. Пирумшоев Ҳ. Ҷовидон дар ёдҳо. Монография/ Ҳ.Пирумшоев. -Душанбе: Ирфон, 2000. -168с.
4. Пирумшоев Ҳ. Нахустин маркази илму таълими таърих. Монография/ Ҳ. Пирумшоев, Н.Убайдуллоев, А.Муродов. -Душанбе: Ирфон, 2012. -352с.
5. Фузайлов А. Описание жизнедеятельности и библиография трудов ученого. Монография/ А. Фузайлов, Д.Кабутов, Мулло Иркаев. –Душанбе: Ирфон, 1990. –38с.
6. Шарипов А.А. Таърихи мактаби олии Тоҷикистон / А.А. Шарипов. -Хуҷанд: Хуросон, 2002. -235с.
7. Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (Ба ҷашни 60-солагии ДДМТ бахшида мешавад). Монография. –Душанбе, 2008.

ҲУҶҶАТҲОИ БОЙГОНӢ

8. Маводҳо оиди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон(айни ҳол ДМТ) БМД ҶТ. Ф.1461. Н.5. Б.189.В.1-160.
9. Маводҳо оиди ҳаёту фаъолияти илмиву эҷодии М.Эркаев// БМД ҶТ. Ф.1915. Н.1. Б.341. В.2.
10. Маводҳо оиди вазъи Донишкадаи омӯзгории пойтахт// БИТС КМ ҲКТ Ф.71. Н.1. Б.263. В.26.
11. Ҳуҷҷатҳо оиди илму маориф// БМД ҶТ. Ф.360. Н.1. Б.739. В.121–123.

МУАРРИХИ АСИЛ АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ

Дар мақола роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти яке аз олимони шинохтаи ҷумҳурӣ устоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (айни ҳол ДМТ) Мулло Эркаев сухан меравад. М. Эркаев дар роҳи таълиму тарбия, омоданамоии мутахассисони соҳаи илм ва баланд бардоштани нуфузи донишгоҳ дар байни муассисаҳои таълимии ҷумҳуриву умумииттифоқӣ хизмати бузурге намудааст.Инчунин, дар рушди илми таърихшиносии давраи нави халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна тадқиқотҳои доманадору назаррасеро ба анҷом расонидааст. Ӯ бо заҳмату талош ва дастовардҳои илмии худ, на фақат дар байни доираҳои илмии ҷумҳурӣ, балки дар сатҳи умумиттифоқӣ мақому манзалати хосаеро доро буд. Ҳамзамон, садҳо ҳазор нафар донишҷӯён аз донишу хирад ва истеъдоди баланди омӯзгории устод баҳравар гардида, чун мутахассисони касбӣ ба камол расида, дар муассисаҳои соҳаи маориф ва дигар мақомотҳои ҳизбиву давлатии ҷумҳурӣ ва минтақавӣ кору фаъолият намудаанд. Аз мактаби илмии устод Мулло Эркаев бошад, наздики 60 нафар гузашта, ба унвонҳои номзадию докторӣ мушарраф шудаанд.Устод Мулло Эркаев бо унвонҳои баланди илмӣ, фахрӣ ва нишону орденҳо сарфароз гардонида шудааст.

Калидвожаҳо: ИҶШС, Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, устод Мулло Эркаев, муассисаҳои олӣ, таълиму тарбия, профессор, академия, таърихнигор, дастовардҳои илмӣ, фанҳои гуманитарӣ.

ПОДЛИННЫЙ ИСТОРИК - АКАДЕМИК МУЛЛО ЭРКАЕВ

В статье рассказывается о жизни и творчестве одного из ученых республики, преподавателя Таджикского государственного университета (ныне ТНУ) Мулло Эркаева. Несмотря на то, что он родился в селе Сайроб Байсунского района Бухарского эмирата (территория Узбекской ССР), он получил знания в центре Таджикистана, Душанбе, и прожил в нем до конца своей жизни, внес большой вклад в престиж университета среди республиканских и всесоюзных учебных заведений. Также в развитии историографии нового периода таджикского народа и других народов Центральной Азии он успешно завершил обширное и значительное исследование по темам, необходимым для совершенствования исторической науки. В связи с этим вклад мастера в образование и науку республики можно считать значительным. Потому что благодаря своим усилиям и научным достижениям он имел особый статус не только среди научных кругов республики, но и на уровне Всесоюзном. В то же время сотни тысяч других студентов воспользовались историческими знаниями, мудростью и высоким педагогическим талантом мастера, а зрелые специалисты работали в подведомственных учебных заведениях и других партийных и государственных органах республики и области. Около 60 человек окончили научную школу Устада Мулло Эркаева, преуспели на нелегком пути науки и были удостоены степени кандидата и доктора наук. Признание и уважение личности Устада Мулло Эркаева можно почувствовать в совокупности высоких научных, почетных званий и орденов, присуждаемых партийными и государственными органами республики и Всесоюзными, поскольку такие достижения были доступны не каждому ученому.

Ключевые слова: СССР, Таджикистан, Таджикский государственный университет, преподаватель Мулло Эркаев, ВУЗы, образование и обучение, исторические исследования, профессор, академик, историк, научные достижения, гуманитарные дисциплины.

THE REAL HISTORIAN IS ACADEMICIAN MULLO ERKAEV

The article tells about the life and work of one of the scientists of the republic, a teacher at the Tajik State University (now TNU) Mullo Erkaev. Despite the fact that he was born in the village of Sairob, Baysun district, Bukhara emirate (territory of the Uzbek SSR), he received science and knowledge in the center of Tajikistan, Dushanbe, and lived until the end of his life. made a great contribution to the prestige of the university among republican and all-Union educational institutions. Also, in the development of the historiography of the new period of the Tajik people and other peoples of Central Asia, he successfully completed an extensive and significant study on uncharted topics necessary for the

improvement of historical science. In this regard, the contribution of the master in the field of education and science of the republic can be considered significant. Because thanks to his efforts and scientific achievements, he had a special status not only among the scientific circles of the republic, but also at the All-Union level. At the same time, hundreds of thousands of other students used the historical knowledge, wisdom and high pedagogical talent of the master, and mature specialists worked in subordinate educational institutions and other party and state bodies of the republic and region. About 60 people graduated from the scientific school of Ustad Mullo Erkaev, succeeded in the difficult path of science and were awarded the degree of candidate and doctor of sciences.The recognition and respect of the personality of Ustad Mullo Erkaev can be felt in the aggregate of high scientific, honorary titles and orders awarded by the party and state bodies of the republic and the All-Union, since such achievements were not available to every scientist. personality paths of science that must be divorced from the gaze.

Key words: USSR, Tajikistan, Tajik State University, the teacher Mullo Erkaev, Higher education institutions, education and training, historical research, professor, academic, historian, scientific achievements, the humanities subjects.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Давлатшоев Раҳматшо Ҳиммаматшоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторант Ph.D-и кафедраи таърихи нав ва навтарини мамлакатҳои хориҷаи факултети таърих.
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **rakhmatsho92@mfil.com**; Телефон: 988948222.

Сведения об авторе: ***Давлатшоев Рахматшо Химмашоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант PhD кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе ,проспект Рудаки, 17. E-mail: **rakhmatsho92@mfil.com.**
Телефон: **988948222.**

Information about the author: ***Davlatshoev Rahmatsho Himmatshoevich*** - Tajik National University, doctoral candidate in the PhD department of modern and recent history of foreign countries of the Faculty of History. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **rakhmatsho92@mfil.com.**Phone: **988948222.**

УДК:93 (559.3)

ВУЗАРОИ МАЪРУФИ ХУРОСОНӢ ДАР АҲДИ САЛҶУҚИЁН

Шикебо Соҳибзода
Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Вазорат, ки имрӯз низ дар давлатҳо ва низомҳои сиёсӣ ҷойгоҳи баланде дорад, дар таърихи Хуросон рукни муҳиими низоми девонсолорӣ буда, сарпарасти он, яъне вазир, ақли кулли ҳукумату маншаи ҳикмату хирадмандӣ дониста мешуд, ба вижа он ки ин вижагӣ дар манобеъ, дар муқоиса бо ниҳоди иморат, барҷастатар нишон дода шудааст. Дар Хуросони қадим вазорат ҳамвора дар тақобул бо аморат қарор доштааст. Кордорони ниҳодии вазорат, умуман аз миёни хуросонён интихоб мешуданд, ки дар арсаи фарҳангӣ, дабирӣ ва идорӣ аз тадбиру кифояти лозим бархӯрдор буданд. Дар ҳоле ки ниҳоди аморатро амироне идора мекарданд, ки муҳимтарин вижагиҳои онҳо таввақуҳ ба умури низомӣ будааст.

Яке аз муҳимтарин давлатҳо ва силсилаҳои ҳукуматӣ, ки дар Хуросони бузург тавассути ақвоми турк ташкил шуд, давлати Салҷуқӣ аст. Салҷуқиён бо он ки худ бо забони дарӣ-форсӣ ва русуми зиндагии хуросониён чандон ошноӣ надоштанд, аммо тавонистанд давлате бузургиро дар Хуросон ташкил диҳанд ва дар таҳвили фарҳанг ва тамаддуни хуросонӣ – исломӣ нақши барозандаро ифи намоянд. Қудрати туркони салҷуқӣ дар Хуросони исломӣ то ба он ҷойгоҳ густариш ёфт, ки тавонистанд хилофати Бағдод (Аббосиён)-ро аз хатароти фотимиёни Миср ҳифз кунанд ва бузургтарин душманони ононро шикаст диҳанд. Рӯйи ҳамин мулоҳизот буд, ки ба фармони хулафои аббосӣ номи подшоҳони салҷуқиро болои минбар ва дар хутбаҳои намоз ёд мекарданд, ҳатто рӯйи сиккаҳои дирҳаму динор номи онон нақш мегардид. Таърих нишон додааст, ки ҳамаи ин авомил, ки боиси пирӯзии давлатҳои салҷуқӣ шуда буд, вобаста ба кифоят ва кордонии вазирони машҳури хуросонии ин давлатҳо будааст. Ҳукуматҳои маҳаллӣ, ки то пеш аз ба қудрат расидани Салҷуқиён дар Хуросон шакл гирифта буданд, гарчи ба зоҳир кӯчак буданд, аммо тавонистанд дар ростои қуваратёбӣ ва ҳукумат таҷрибаи хуберо дар ташкили сохтори сиёсӣ касб кунанд ва онро ба ояндаҳояшан ба армуғон бигузоранд. Силсилаи Салҷуқиён низ бо истифода аз ҳамин таҷрибаи арзишманд роҳи нотамоми дигар ҳукуматҳоро барои табдил шудан ба империяи васеъ ва бузург идома доданд ва то ҳудуде ба ин муҳим муваффақ гардиданд. Сохтори сиёсии қудрат, ки тавассути ҳамин силсилаҳои кӯчак ба вуҷуд омада буд, заминаҳоеро фароҳам сохт, ки Салҷуқиён бо истифода аз шароити хосси замони худашон битавонанд бо ислоҳи ин сохтор як империяи қудратмандаро эҷоду фароҳам созанд. Яке аз масоили муҳимме, ки то андозае тавонист қудрати Салҷуқиёнро назар ба қудратҳои қаблии қавитар созад, ҳамоно масъалаи тақсими

қудрат тавассути амирони турки салҷуқӣ ба соир дастандаркорони ниҳоди давлат, хосатан Хуросонён буд.

Ҳадаф ва зарурати таҳқиқ. Зарурати аслӣ аз навиштори ин мақола ин аст, то собит гардад, ки дар низомҳои куҳани Хуросон, махсусан дар ҳукумати салҷуқӣ ба ниҳоди вазорат ҷиҳати пешбурди аҳдофи аслии ҳукумат нисбат ба ҳукумати қаблӣ арзиши фаровон дода шуда, Салҷуқиён ҷиҳати густариши қалamрави салтанаташон вузарои кордону бокифоятро таъйин мекарданд.

Маъруфтарин вазирони оли Салҷуқӣ. Қабл аз ин ки ба муаррифии вазирони маъруфи ин давра пардохта шавад, лозим медонем, то мунҳайси пешдаромад ба чигунагии равобит миёни салтанату вузаро дар ин давра ба сурати муъҷаз зикр сурат гирад:

Равобити салтанат бо вазорат дар асри Салҷуқиён. «Салотини салҷуқӣ аз ҳамон ибтидо саъй карданд бо истифода аз ном ва эътбори хуросонӣ ба мавҷудияти худ машрӯият бахшанд, то роҳи наздик ба қулуби муслиминро боз кунанд. Салҷуқиён аз афсонаи куҳани хуросонии марбут ба Турону таҳаввул ва татаввуре, ки дар давраи Сосонӣ ва исломӣ ёфта буд, истифода карданду худро ҷонишинони шоҳони қадими Турон ва аз насли Афросиёби туронӣ шумурданду оли Афросиёбӣ номиданд. Бо сипарӣ шудани даврони ҷаҳонгирӣ ва густариши қалamрав даврони тасбиту таҳкими бунёдҳои империя фаро расиду дар ин миён вузаро ва коргузорони хуросонӣ ба унвони меъмори сохтори сиёсии давлати Салҷуқӣ кори худро аз сар гирифтанд. Вазир, ки дар раъси девонсолорӣ буд, намояндаи шахсӣ ва расмии султон ба шумор мерафт ва зимнан яке аз олитарин аъзои даргоҳ ҳам буд [8, с.37]. «Қудратманд шудани давлати салҷуқӣ боис шуд, ки салотини бузурги ин хонадон барои идораи беҳтари умур, мардони бокифоятро аз саросари Хуросон ба дарборашон даъват кунанд ва бо истифода аз тадобир ва таҷрибаҳои мудирияти онон тағйиротро дар шеваҳои кории империя эҷод кунанд. Империяи салҷуқӣ бо истифода аз дониши ин мардони нухба гомҳои маҳкамеро дар таҳкими бунёдҳои ҳукуматашон бардоранд. Вазир дар давлатҳои салҷуқӣ илова бар вазоифи худ дар девони олӣ, ағлаб вақт дар девони мазолим ҳам ҳузур меёфт ва низ равобити султон бо умарои вилоёт, хулафо ва ҳуккоми дигари билодро ҳидоят мекард. Мизони қудрати вузаро дар азлу насби маъмурини девони олӣ низ баршумурд. Агарчи фармони азл ва насб аз сӯйи султон содир мешуд, аммо бе шуди ин амри муҳим ба ишораи вазир низ будааст» [8, с.45].

Бузургтарин вазирони асри Салҷуқӣ. Гарчи дар ростои густаришу эътилои давлатҳои салҷуқӣ вазирони маъруфе аз Хуросони бузург нақши умда доштаанд, аммо муҳимтарини онон қарори зайл ном бурда мешаванд:

Амидулмулики Кундарӣ. Абӯнаср Мансур ибни Муҳаммад ё Муҳаммад ибни Мансур мулаққаб ба Амидулмулк маъруф ба Амидулмулк Кундарӣ (мақтул 456 ҳ. қ.) аз нахустин вазирони машҳури Салҷуқиён аст. Вай марди донишманде буд ва ба фармони вай девонҳо ва идороти давлатӣ мулзам шуданд, то тамоми мукотибот ва муросилоти расмиро ба забони форсӣ бинависанд. Вай ҳатто туркони салҷуқиро низ ба омӯхтани забони форсӣ ташвиқ мекард. «Амидулмулк мазҳаби ҳанафӣ дошт ва ба ҳамин ҷиҳат вазирони худро аз миёни ҳанафиён бармегузид. Вай дар мазҳаби хеш мутаассиб буд. Лекин баъдан аз таассуб даст бардошту нисбат ба ҳанафиёну шофеин ба як чашм нигарист [5, с.453].

«Кундарӣ аввалин касест, ки ба унвони вазорат дар хизмати Салҷуқиён дохил шуд ва ин қавлро муаррихи махсуси Салҷуқиён, яъне Имодуддин котиби исфаҳонии муаллифи муътабартарин таворихи оли салҷуқӣ дар китоби худу Ибни Халкон дар шарҳи ҳоли Амидулмулк зикр кардаанд» [12, с.380].

Амидулмулк Кундарӣ баъд аз даргузашти Туғралбек ба ҳимоят аз Сулаймон бародари кӯчактари Алп-Арслон пардохт ва дар шаҳри Рай ба ном ӯ хутба хонд. Аз тарафи дигар, Хоҷа Низомулмулк, ки дар хизмати Алп-Арсалон буд, дар Нишопуру Қазвин дастур дод ба номи Алп-Арслон хутба хонда шавад. Ин амр боиси шиддат ёфтани кинаву мухолифати Алп-Арслон нисбат ба Амидулмулк гардид. Пас аз он ки Амидулмулк дар робта ба қаҳри султон Алп-Арсалон ва туҳмати Хоҷа Низомулмулк шунид, оҳанги хизмати Низомулмулк карду панҷсад динор тақдим дошт ва пӯзиш хосту бозгардид. Мавқеи бозгашт, бисёре аз мардум низ бо ӯ ҳамроҳ шуданд. Ин амал муҷиби хашми султон гардид, дастур дод, то ӯро дар банд намоянду ба Марврӯд фиристанд» [1, с.53]. Амидулмулк муддате дар зиндон буд, сипас дар ҳамон сол дастури қатли ӯ содир шуд.

Хоҷа Низомулмулк ва вазорати Салҷуқиён. Абулҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, мулаққаб ба «Саидулвузаро» ва «Низомулмулки Тӯсӣ», донишманд ва нависандаи қарни панҷуми ва вазири номдори давраи салҷуқӣ аст. Вай дар соли 408 ҳ.қ. дар Тӯси Хуросон дида ба ҷаҳон кушод. Аз он ки хоҷа дар ҳамин шаҳр (Тӯс) ба таҳсили илм пардохт, ба ҳамин ном шуҳрат дорад. Вай сипас ба Ғазна рафту дар хизмати Абӯалӣ ибни Шозон вазири Алп-Арслон даромад, то ба унвони котиб назди вай хизмат кунад. Ибни Шозон ба ҳангоми вафоташ ба хоҷа васият кард, ки ба хизмати султон Алп-Арслон дарояд ва низ

чунин кард. Алп-Арслон хоҷаро ҳангоме, ки 32 сол дош, ба унвони вазири хеш баргузид ва тамоми корҳои мамлакатро ба вай супурд ва султон ҳеҷ амреро бидуни машварати вай анҷом намедод [14, с.16]. Аз манобеи таърихӣ чунин бармеояд, ки хоҷа дар тамоми лашкаркашиҳои Алп-Арслон бо вай ҳамроҳ буд ва султон аз назариёти ӯ истифодаи кофӣ мекардааст. «Аз иқдомоти дигари хоҷа дар замони Алп-Арслон, таъсиси мадорис барои таълиму тарбият ва парвариши нухбагон ҷиҳати умури девонӣ будааст, ки бад-ин манзур, дар ақсои нуқоти мамлакати таҳти султаи давлати салҷуқӣ дастури сохти мадориси ба номи Низомияро додааст» [6, с.3].«Баъд аз қатли Алп-Арслон, Ҷалолуддин Маликшоҳи писараш дар соли 465 ҳ.қ. ба подшоҳӣ расиди. Хоҷа бори дигар дар замони ин подшоҳ барои муддати бисти соли дигар бар курсии вазорат боқӣ монд» [4, с.54].

Аз иқдомоти муфиди Хоҷа дар замони подшоҳии Маликшоҳ, ҷамъоварии теъдоде аз мунаҷҷимину риёзидонон барои ислоҳи тақвим ба амри султон буд. Ин тақвим ба унвони дақиқтарин тақвими ҷаҳон дар ҳоли ҳозир ҳам мавриди эътибор буда, ба тақвими ҷалолӣ ё тақвими хайёмӣ машҳур мебошад ва тақвими феълии Эрон ва Афғонистону Тоҷикистон низ бар пояи ҳамин тақвим қарор дорад» [2, с.507]. Хоҷа Низомулмулк дар замони садорataш аз қудрату нуфузи бузурге дар дарбори Салҷуқиён бархӯрдор буд. Ин масъала боис шуда буд, ки бархе аз авомили даст ба дасти ҳам диҳанд ва заминаҳои ба зер кашида шудани хоҷаро аз мансаби вазорат ба миён оранд ва ихтилофот миёни Хоҷа ва султонро фароҳам созанд. Яке аз корсозтарин авомиле, ки боиси азли хоҷаи бузург аз мансаби вазорат шуд, ҳамоно ҳасодати малика Турконхотун - аз занони бонуфузи ҳарами султон Маликшоҳ буд.

Ӯ нуфузи зиёде дар назди султону дарбор дошт. Султон саранҷом суханони Турконхотунро боварӣ намуд ва касеро назди Хоҷа фиристоду пайғом дод: «Ту бо ман дар маликӣ шарикӣ ва бе машварати ман ҳар тасарруф ки мехоҳӣ мекунӣ ва вилояту ақтоъ ба фарзандони худ медиҳӣ . Бибинӣ, ки бифармоям, то дастор аз сарат бардоранд. Хоҷа ҷавоб дод:«Он ки туро тоҷ дод, дастор бар сари ман ниҳод, ки ҳарду ба ҳам бастаанду бо ҳам пайвастаанд. Хоҷа дар ҳолати нороҳатӣ ин суханонро баён карду баъд аз муддате аз пайке хост, ки ин суханонро ба гӯши султон нарасонад. Аммо атрофиён бар хилофи қавл суханоне бар он афзуданду ба султон расонданд, ки боиси хашму ғазаби султону азли хоҷа гардид» [4, с.76].Масъалаи дигаре, ки на танҳо мухолифати султонро бо Хоҷа, балки ҳатто тавонист ба қатли ин вазири донишманду муқтадир бианҷомад, масъалаи мухолифати идеологии Хоҷа бо исмоилиён Хуросон буд. Хоҷа, ки бинобар доштани мазҳаби шофеӣ бо исмоилиён муносибати хубе надошт ба хори чашм барои роҳбарони ин даста мубаддал шуда буду онон низ бо ҳамдастии душманони хоҷа, ки дар дохили дарбор фаъолият доштанд, ба сарнагунии иқтидори ин вазири бузурги аз ҳеҷ навъи амале фурӯгузошт намекарданд. Онон мунтазири фурсат буданд, то ин ки дар ниҳоят дар соли 584 ҳ.қ. замоне ки Хоҷа баъд аз азли худаш аз мансаби вазорат қасди сафар ба Бағдод намуд, аз хоҷа интиқом гиранд. Саранҷом яке аз мухолифони Хоҷа аз исмоилён ба номи Тоҳири Аронӣ дар Наҳованд бо зарби корди заҳролуде ӯро ба қатл расонид. Низомулмулк дар паҳлуи ин ки вазири кордону мудаббир будааст, аз нависандагони маъруф низ ба шумор меравад. «Машҳуртарин китоби Хоҷа «Сиёсатнома» аст.

Тоҷулмалик Абулғаноим. манобеи таърихӣ ӯро чунин муаррифӣ кардаанд: «Соҳиби манзару мунҷар ба фазлу илму кифояту ҳиммати олии маъруф ва низ кадхудои ҷомаи хонаи султон буд» [10, с.23].Тоҷулмалик Абулғаноим чунон тобеи дастуроти Турконхотун буд, баъд аз азли Хоҷа, ба вазорат расид. Дар сафари охири Маликшоҳ ба Бағдод ҳамроҳи ӯ буд. Хилъат барои Тоҷулмалик Абулғаноим омода шуд, аммо марги султон муҳлати пӯшидани хилъат ба вазири ҷадид надод. Аз он ҷо ки ихтилоф бар сари ҷонишинӣ байни Турконхотун барои ба тахт нишондани фарзандаш Маҳмуд, бо тарафдорони ӯ буд, лизо вазорати Тоҷулмалик бо даргирӣ ва кашмакаш оғоз шуд ва саранҷом тавассути ғуломони Хоҷа дастгиру қитъа-қитъа гардид 16, с.493].

Шарофиддин Қумӣ. Ваҷҳулмалик Шарафиддин Абӯтоҳир Саъдӣ ибни Алӣ ибни Исои Қумӣ аз вазирони дастгоҳи Салҷуқӣ ва дарбори Султон Санҷар буд. Дар ҷавонӣ аз Қум ба Бағдод рафт ва ба хотири шоистагиҳои сиёсӣ, ҷойгоҳи вижае назди Маликшоҳ ёфт. Дар соли 481 ҳ.қ. Хоҷа Низомулмулк ӯро ба ҳукмронии Марв баргузид ва чиҳил сол дар Марв ҳукумат кард. Пас аз даргузашти Шаҳобулислом, вазири Султон Санҷар дар соли 515 ҳ.қ. аз сӯйи султон ба вазорат расид, аммо баъд аз се моҳ даргузашт [9, с.31-46].

Қутбиддин Муҳаммад ибни Атобак Базқаш яке аз вазирон ва атобакони маъруфу машҳури Салҷуқиён аст, ки дар замони ҷангҳои дохилии байни писарони Туғралшоҳ ба ҷониби Арсалоншоҳ рафту вазири вай шуд [14, с.31].

Қиёмуддин Абулқосими Даргузинӣ дар замони Маҳмуди ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳу Султон Санҷар самти вазорат дошт. Вай аз аҳолии Даргузин буд. Марди

фозил, сахӣ ва пурмоя буд. Дар замони қудрат дар тамоми мамлакат ҳукми вай бисёр нофиз буд. Аз тарафи дигар, аз назари ахлоқӣ бисёр тундхӯ ва дар хун рехтан бепарво буд. Чунонки ба туҳмати ҳасудону фатвои уламои замон фармон дод, то айниулқузот Ҳамадониро, ки олими уламои вақт буд, бар дари мадрасаи худаш бар дор заданду пӯст аз танаши баркананд. Оқибати худ низ дар замони Султон Санҷар аз вазорат маъзул шуд ва дар соли 526 ҳ.қ ба ба қатл расид [7, с.274].

Муайуддин Абӯнаср Кошонӣ вазири Султон Санҷар Салҷуқӣ буд, ки оқибат бо кинаиҷӯии исмоилён дар соли 521 ҳ.қ кушта шуд [12, с.266].

Хуллас, аз маъруфтарин ҳукумати туркнажод дар Хуросон яке ҳам давлати Салҷуқиён буд, ки бо кумаки идорӣ ва сиёсии вазирони хуросониашон империяи густардаро дар қаламрави ин ҷуғрофиёии бузург таъсис доданд.

АДАБИЁТ

1. Амин, Амиралӣ. Таърихи арабу ислом. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Тақии Фахри Доъӣ. – Теҳрони: Амир Кабир, 1385.
2. Баёт, Азизуллоҳ. Куллиёти таърихи Эрон. – Теҳрон: Муассисаи мутолиоту интишороти таърихӣ, 1365.
3. Бофақӣ, Муҳаммад Муфиди Мастуфӣ. Ҷомеаи Муфидӣ. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор. – Теҳрон: Асадӣ, 1385.
4. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Фирор аз мадраса. – Теҳрон: Амир Кабир, 1353.
5. Иттиҳод, Ҳушанг. Пажӯҳишгарони муосири эронӣ. – Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1381. – Ҷ. 4.
6. Кисоӣ, Нуруллоҳ. Мадориси Низомия ва таъсири илмӣ ва иҷтимоии он. – Теҳрон: Амир Кабир, 1383.
7. Қирогузлу, Ғуломҳусайн. Ҳагматона то Ҳамадон. – Теҳрон: Иқбол, 1373.
8. Ламбутин. Сайре дар таърихи Эрони баъд аз ислом. Тарҷумаи Ёқуби Ожанд. – Теҳрон: Амир Кабир, 1363.
9. Мутаҳҳирӣ, Ҳамидризо. Коргузорони шиа дар дастгоҳи ҳукуматии Салҷуқиён. – Теҳрон: Сухан, 1394.
10. Нишопурӣ Зуҳуруддин. Салҷуқинома. – Теҳрон, 1382.
11. Оқосароӣ, Маҳмуд. Таърихи Салҷуқа. Бо тасҳеҳу иҳтимоми Усмони Туронӣ. – Теҳрон: Асотир, 1362.
12. Отифӣ, Афшин. Бузургони Кошон. – Теҳрон, 1388. – Ҷ.2.
13. Оштиёнӣ, Аббоси Иқбол. Мақолот. Тадвини Сайид Муҳаммади Дабирсиёқӣ. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1369.
14. Рӯсто, Ҷамшед Маҳмудободӣ Маҳдия. Чигунагии мансаби вазорат дар давлати Салоҷуқа. – Кирмон: Пажӯҳиш, 1392.
15. Таботабоӣ, Саидҷавод. Хоҷа Низомулмулк. – Теҳрон: Тарҳи нав, 1375.
16. Хондамир, Ғиёсиддин. Таърихи ҳабиб-ус-сияр фии ахбори афроди башар. – Теҳрон: Хайём, 1373. – Ҷ. 2.
17. Ҳалабӣ, Алӣ Асғар. Таърих ва тамаддуни исломӣ. – Теҳрон: Асотир, 1372.

ВУЗАРОИ МАЪРУФИ ХУРОСОНӢ ДАР АҲДИ САЛҶУҚИЁН

Мақола ба баррасии таърихи ҳукмфармоии вузарои маъруфи хуросонӣ дар аҳди Салҷуқиён бахшида шудааст. Салҷуқиён аз муҳимтарин давлатҳои турктабори Хуросон буданд, ки бо қудрат бар қисмати азиме аз Хуросони бузург ҳукумат карданд ва қудраташон ба ҷое расида буд, ки хулафои бузурги Аббосӣ аз ситраи қудрати онон ба ҳарос афтода буданд. Ин дирояти сиёсии онон иртиботи наздике бо вузарои хуросонии онон дошт ва салотини салҷуқӣ, ки аз ҳунари хуросониён дар умур матлаъ буданд, ҳамвора ашхоси кордону бокифояти хуросониро барои пешбурди шуғли вазорат бармегузиданд, то бо истифода аз таҷриби онон дар таҳкими пояҳои салтанаташон судҷӯӣ намоянд. Абулҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, мулаққаб ба Низомулмулки Тӯсӣ, донишманд ва нависандаи қарни панҷуми ва вазири номдори давраи салҷуқӣ аст. Хоҷа Низомулмулк дар замони садораташ аз қудрату нуфузи бузурге дар дарбори Салҷуқиён бархӯрдор буд. Ӯ нуфузи зиёде дар назди султону дарбор дошт. Низомулмулк дар паҳлуи ин ки вазири кордону мудаббир будааст, аз нависандагони маъруф низ ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: даврони садорати Салҷуқиён, иқтидори сиёсии давлати Салҷуқиён, вузарои маъруфи салҷуқӣ, таърихи фаъолияти вазирони номвари хуросонӣ, .

ВЫДАЩИЕСЯ ХОРАСАНСКИЕ ВЕЗИРИ В ПЕРИОД ПРАВЛЕНИЯ СЕЛЬДЖУКИДОВ

В статье автором подвергнута рассмотрению и изучению история деятельности выдающихся хорансанских везирей в период правления Сельджукидов. Сельджукиды, мусульманская династия, созданная племенной конфедерацией огузов, получивших название сельджуков (по имени предводителя этого племенного объединения Сельджука ибн Тугака). Наибольшего политического могущества государство Сельджукидов достигло при султане Малик-шахе I, везир которого Низам ал-Мулк выступил инициатором реформ административного управления и упорядочения системы аграрных отношений. Должность везира была самой высокой в империи Сельджукидов. Везир играл большую роль не только в делах внутреннего управления, но и проведении внешней политики государства. Самым выдающимся сельджукским везиром был Абу Али Хасан ибн Али ат-Туси, носивший почётный титул Низам ал-Мульк («Устроитель державы»). Эту важнейшую государственную должность в течение двадцати лет он занимал и в царствование Маликшаха. Низам ал-Мульк многое сделал для упорядочения и стабилизации бюрократического аппарата империи. К концу его почти тридцатилетней государственной деятельности завершился в основном процесс формирования сложной и разветвлённой системы управления огромной империей.

Ключевые слова: период правления Сельджукидов, политическое могущество государство Сельджукидов, выдающиеся сельджукские везири, история деятельности выдающихся хорансанских везирей, Низам ал-Мульк.

OUTSTANDING KHORASAN VESIRIES DURING THE RULE OF THE SELJUKID

In the article, the author examines and studies the history of the activities of prominent Khoransan viziers during the reign of the Seljukids. Seljukids, a Muslim dynasty created by a tribal confederation of the Oghuz, called the Seljuk (after

the leader of this tribal association, Seljuk ibn Tugak). The Seljuk state achieved its greatest political power under Sultan Malik Shah I, whose vizier Nizam al-Mulk initiated reforms in administrative management and streamlining the system of agrarian relations. The position of vizier was the highest in the Seljuk empire. Vezir played an important role not only in the affairs of internal government, but also in the conduct of the state's foreign policy. The most prominent Seljuk vizier was Abu Ali Hasan ibn Ali at-Tusi, who bore the honorary title of Nizam al-Mulk ("Organizer of the Power"). For twenty years he held this most important state position during the reign of Malikshah. Nizam al-Mulk did a lot to streamline and stabilize the bureaucratic apparatus of the empire. By the end of his almost thirty years of state activity, the process of formation of a complex and ramified system of government of a huge empire was completed.

Key words: period of Seljuk rule, political power of the Seljuk state, outstanding Seljuk viziri, history of the activities of prominent Khoransan vizieri, Nizam al-Mulk.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шикебо Соҳибзода*** **-** Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, омӯзгори факултети таърих. **Суроға:** Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, вилояти Балх, Мазори Шариф.

Сведения об авторе*: Шикебо Сохибзода* - Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель исторического факультета. **Адрес:** Исламская Республика Афганистан, Провинция Балх, Мазар Шариф.

Information about the author*: Shikebo Sohibzoda* - Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, lecturer at the Faculty of History. **Address:** Islamic Republic of Afghanistan, Balkh Province, Mazar Sharif.

УДК:323.327

ВАЗЪИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЗАМОНИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА

Самадов С.Б.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Замони дунёи қадим ва асрҳои миёна даврае буд, ки ҳунармандӣ аз хоҷагии қишлоқ аллакай ҷудо гардида ба як соҳаи махсус табдил ёфт.Дар ин давра шаҳрҳои калон пайдо шуда, ба марказҳои бузурги тиҷорат ва ҳунармандӣ табдил меёфтанд.Пешаварӣ аслан шуғли сокинони шаҳрҳо буд, вале дар робитаи ногусастанӣ бо кишоварзӣ ва чорводорӣ пеш мерафт. Зеро маҳсулоти аввалия аз самараи дасти кишоварзону чорводорон дастрас мегардид. Сарчашмаҳои хаттӣ аз рушду равнақи соҳаҳои мухталифи ҳунармандӣ, хусусан чармгарӣ, дар сарзамини Осиёи Марказӣ ва мусоидат намудани он дар пешрафти тиҷорати байналхалқӣ дарак медиҳанд. Дар ҷомеаи ибтидоӣ одамон пӯсти ҳайвонотро дар шакли хом бо мақсадҳои муайян истифода мекарданд, дар давраи дунёи қадим ва оғози асрҳои миёна тарзи коркарди он аз тарафи инсон кашф шуда, тадриҷан такмил ёфт ва ба соҳаи махсуси ҳунармандӣ табдил ёфт. Аз ин рӯ чармгарӣ аз қадимтарин навъҳои ҳунармандӣ ба шумор меравад, ки ҳамқадам бо таърихи тамаддуни башарӣ мебошад.

Бостоншиносиро модари таърих меоманд. Дар натиҷаи заҳматҳои бостоншиносон намунаҳои зиёди маҳсулоти чармии мансуб ба даврaҳои гуногуни таърих дастрас гардидаанд, ки намунаҳои зиёди он имрӯз дар осорхонаҳо мавҷуданд. Навъҳои истеҳсолоти чармӣ фавқулода зиёд буданд. Пойафзоли навъҳои гуногун, афзори асп, сандуқҳои нақшкӯбишуда, ороишот бо порчаҳои фулузӣ ва сангҳои қиматбаҳо ва инчунин нақшкӯбии ҷилдҳои чармӣ барои китобҳои дастнавис, машкҳои гуногун, ғилофҳо ва қаламдони нақшкӯбишуда, халтача, ҷузвдон, ғилоф барои ханҷар ва корд, зинҳои нақшин, либосу аслиҳаи ҷангӣ, сару либос. Рӯйпӯшҳои чармӣ барои ороиши либос, ҷилдҳо, дастурхон ва дигар намуди маснуот васеъ истифода мегардиданд” [7, с.37].

Имрӯз дар замони истиқлолият низ бостоншиносони тоҷик, ба мисли Ёқубов Ю.,Филимонова Т. Г., Азизов М., Муродов Б. ва дигарон дар гӯшаву канори Тоҷикистон ҳафриётҳо гузаронида, осоре аз он намунаи санъату ҳунари ниёгонро аз синаи хок берун карда, мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, ки ҳар яке аз он рӯшангари саҳифае аз таърихи миллат мебошанд.Ба шарофати таъсис ёфтани аввалин империяи ҷаҳонӣ (Ҳахоманишиҳо), синтези байниҳамдигарии санъат ва ҳунари халқҳо ба вуҷуд омада, дар натиҷа комёбиҳои бузург ба даст оварда шуданд. Тавре ки академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби безаволи худ “Тоҷикон” қайд намудааст: ”Устодон ва ҳунармандоне, ки дар қаламрави Ҳахоманишиҳо кор мекарданд, анъанаҳои мадании гузаштагони худ ва халқҳои ҳамсояро эҷодкорона давом ва такмил медоданд“ [1,с.113]. Дар ин давра робитаҳои тиҷоратӣ бо сокинони даштҳо хеле мустаҳкам гардида, маҳсулоти чорво (пӯст, пашм ва ғайра) аз он ҷо

бештар ворид мешуд, ки ин дар рушду афзоиши истеҳсолоти ҳунармандӣ бетаъсир наемонд. Дар навбати худ маҳсули кори ҳунарварони шаҳрҳо низ ба макони зисти чорводорон рафта мерасид. Маснуоти косибону пешаварони ҳахоманишӣ на фақат ба Осиёи Миёна,балки дуртар ба тӯли даштҳо, то ба маҳалли иқомати савроматҳо роҳ ёфта, дар навбати худ ба маданият ва санъати онҳо таъсири худро мегузоштанд. Бозёфтҳои ҳафриёти қӯрғонҳои мансуб ба асрҳои 6-4 пеш аз милоди Олтой, ки ашё ва сару либоси аз пӯст, пашм ва намад сохташуда дар шароити яхбандии доимӣ ба хубӣ маҳфуз мондаанд, дар бораи робитаҳои маданӣ ва тиҷоратии Эрони ҳахоманишӣ ва Осиёи Миёна шаҳодат медиҳанд" [1,с.114].

"Халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон дар бобати либос ҳам умумият доштанд, хусусан либоси хоразмиҳо, бохтариҳо ва дигар халқҳои Осиёи Миёна хеле монанд буданд, зимнан саккоиҳои тиграхӯд бештар бо кулоҳи худ фарқ мекарданд. Либоси онҳо аз нимтанаи тасмакалон ва шалвори кӯтоҳ иборат буд. Намояндагони халқҳои Осиёи Миёна дар нақшҳои барҷастаи Бесутун,Тахти Ҷамшед ва Нақши Рустам тасвир ёфтаанд" [1,с.114].

Академик Юсуфшоҳ Ёқубов либоси ҳар яке аз намояндагони халқиятҳои сокини империяи Ҳахоманишиҳоро, ки дар баромадгоҳи Персеполис тасвир ёфтаанд, таҳқиқ карда, тамоми ҷузъиёти онро барои хонанда рӯшан месозад: "Дар девори баромадгоҳи Персиполис туҳфабарони сатрапҳои империя, бо сару либоси хосси худ тасвир шудаанд. Масалан, бохтариҳо мӯйсари дарози дар китф овезон, дар гирди сар мӯйҳо бо тасма печида, курта ва камзӯл ё ҷомаи то зону, куштии зардуштии ба миён баста, бо се пӯпаки овезон, шалвори почаҷинҷи дар болои мӯзаҳо рехта доранд. Суғдиҳо бошанд, дар сар кулоҳи намадини нӯгакаш ба пеш, гӯшакдор, курта, шалвори дарози то пушти по, попӯши бе соқ ва камзӯли пеши бар ба сӯйи паҳлу шамшерзахм бурида ва дар миён куштӣ ба монанди бохтариён доранд.

Саккоиҳои тиграхуд бошанд, бо кулоҳи намадини гӯшакдори тиграхуд, мӯйи дарози ба монанди бохтариҳо дар китф резон, курта, шалвори то пушти по ва мӯкиҳои кӯтоҳсоқ ва камзули то зону ва куштӣ доранд" [4, с.38]. Дар тан, камзӯл,шалвор ва пойафзоли чармӣ, дар сар кулоҳи намадӣ гувоҳи он аст, ки маҳсулоти чорво дар ҷомеаи онвақта ба таври васеъ истифода мегардидааст. Инчунин, навишта шудани ду нусха китоби "Авасто" дар дувоздаҳ ҳазор пӯсти барзагов, истифодаи чарм дар тайёр намудани либоси ҷангӣ, сохтани камон ва дигар намуди яроқу аслиҳа, афзори асп, дӯхтани халтаҳо ва ғайра аз ин гувоҳӣ медиҳанд.Пеш аз ҳуҷуми Крез шоҳи Лидия ба империяи Форс як марди лидиёӣ бо номи Санданис мехоҳад ӯро аз ин тасмимаш боздорад ва далелашро ҳамин гуна иброз мекунад. "Ту эй подшоҳ омодагӣ мебинӣ барои ҳуҷум ба мардуме, ки шалворҳои чармӣ мепӯшанд ва ҳама либосашон аз чарм аст" [2, с.41]. Дар ин ҷо ин марди ҳаким мехоҳад бо ин гуфтаи худ фақру нодории форсҳоро ба шоҳи Лидия собит созад, то ӯро аз ин роҳ боздорад. Мегӯяд, ки дар сурати пирӯзӣ чизи арзишманде наметавон ба даст овард, вале дар сурати бохт кишвари пурсарвати Лидияро метавон аз даст дод. Албатта, ин суханон як тадбире буданд барои пешгирии ҷанг, вале васеъ истифода гардидани чармро дар пӯшиши аҳли ин кишвар нишон медиҳад.

Кашфи қалъаи кӯҳи Муғ дар водии Зарафшон дар соли 1936 дар кори омӯзиши таърихи ин соҳа барои мутахассисон дари наверо боз кард. Олимони Шӯравӣ Лившитс В.А., Ставитский Б.Я., Ёқубов Ю., Смирнов О.И. ва дигарон ба омӯзиши он машғул гардида, оид ба рушду нумӯи ҳунармандӣ, хусусан чармгарӣ дар Суғди аввали асрҳои миёна маълумоти муфид ба даст оварданд. Дар ҳуҷҷатҳои аз кӯҳи Мӯғ дарёфтшуда аз деҳаи Мадрушкат ёдоварӣ мешавад, ҳамон деҳае, ки дар он чарм истеҳсол мегардид. Дар миёни бозёфтҳои кӯҳи Муғ (на он қадар дур аз Панҷакент) намунаҳои маҳсулоти қимматбаҳо аз чарм: сарпӯши сабад ва ҳуққа, рӯйпӯши тунуки чармини ранги сиёҳ ва олуболугӣ, пойафзол бо пошнаи на он қадар баланд мавҷуданд. Дар ин ҷо сипаре ёфт шуда буд бо тасвири савора, ки қолаби чӯбинеро ифода мекард, ки бо чарм рӯйпӯш карда шуда буд. Аксар қисми бойгонӣ бо забони суғдӣ дар болои чарми ошдодашуда бо ранги сиёҳ навишта шудааст [7, с.37]. Дар ҳуҷҷатҳои кӯҳи Муғ фақат доир ба қабул ва супурдани чармҳои тайёр ва нотайёр гуфта мешавад. Доир ба коркард ва ранг кардани он бошад

фақат академик Ёқубов Ю. дар натиҷаи омӯзиши минбаъдаи худ, ки дар водии Зарафшон гузаронид, дар алоқамандӣ ва муқоиса бо тарзу усули имрӯзаи рангкунии чарм дар ин минтақа маълумот додааст. Аз асрҳои VII-VIII сар карда, дар Шарқ фарҳанги тозае бо номи фарҳанги исломӣ ташаккул меёбад, ки он минбаъд ҳамчун инъикосгари хостаҳои аксари кулли аҳли ҷомеа тавонист бештари мардумони кишварҳои Осиё, Африқо ва Аврупоро ба ҳам орад. Дар натиҷаи бавуҷудоии ягонагии фарҳангӣ комёбию дастовардҳои қавмҳои гуногун дар як муҳити созгор барои пешрафт якдигарро комил намуда, ба гуфтаи муаррих ва шарқшиноси тоҷик Давлаталӣ Давлатзода, дар ин давра пояҳои донишҳое гузошта шуданд, ки баъдтар барои тараққиёти илму фан дар Аврупо мусоидат намуданд. Ва, албатта, фарзандони барӯманди миллати тоҷик аз оғоз ҳама риштаҳои илмҳои ҳам динӣ ва ҳам дунявиро ба даст гирифта, сухани Пайёмбарро (с), ки гуфта буданд ” Агар илм дар гардани осмон даровезад қавме аз мардуми форс бад-он ноил меоянд ва онро ба даст меоранд” [5, с.71], ба исбот расониданд.

Дар ин замон вобаста ба вазъи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа касбу ҳунарҳои мардумӣ низ рушду равнақ меёфтанд. Халқҳои Осиёи Марказӣ ба туфайли Роҳи бузурги Абрешим, аз ҳамаи комёбию дастовардҳои тамаддунҳои пешрафтаи даврони худ огоҳӣ пайдо мекарданд. Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи санъати ҳунармандии Осиёи Марказӣ бо Византия, Эрон,Чин, Ҳиндустон дар ин минтақа касбу пешаҳои гуногун хеле рушд мекарданд. Дар замони ҳукуматҳои Тоҳириён у Саффориён ва Сомониён, ки ҷараёни ташаккулёбии халқ ва забони адабии тоҷикӣ-форсӣ сурат гирифт, истилоҳоти марбут ба санъат ва ҳунармандӣ ба вуҷуд меоянд, ки онро дигар халқҳои Осиёи Марказӣ низ баъдан қабул карда,то имрӯз мавриди истифода қарор медиҳанд. Дар Осиёи Миёна дар асрҳои IX-XII шаҳрҳо чун марказҳои сиёсӣ нисбат ба ноҳияҳои кишоварзӣ мавқеи ҳукмронро ишғол мекарданд. Онҳо на танҳо марказҳои маъмурӣ, балки иқтисодӣ низ буданд, чунки қисми зиёди заминдорони калон дар шаҳрҳо зиндагӣ карда, бо тиҷорат низ машғул буданд. Афзоиши маснуоти ҳунармандӣ ва тиҷорат боиси дар дасти ашрофони шаҳр ҷамъ шудани сарватҳои калон ва пайдо шудани табақаи сершумори ҳунармандон ва табақаи нави иҷтимоӣ-коргарони кироя мегардад [7, с.6]. Аз ин рӯ, дар ин давра аҳолии шаҳрҳо хеле афзуда, шумораи одамони ба кори тиҷорат ва ҳунармандӣ машғул буда боз ҳам зиёд мегардад. Бинобар ин саҳми косибону ҳунармандон дар истеҳсоли умумии маҳсулот бисёр ҳам назаррас гардид.

Шаҳрҳои асримиёнагӣ аз маҳаллаҳо ва гузарҳо иборат буданд. Дар ин ҷузъҳои маъмурӣ-маишии шаҳр аз насл ба насл намояндагони як касбу ҳунар зиндагӣ мекарданд. Дар аксар мавриd сокиншавӣ дар гузарҳо аз рӯйи касбу кор сурат мегирифт ва ин чиз дар номи онҳо инъикос ёфтааст: заргарон, кулолон,чармгарон ва ғайра [7, с.6]. Дар шаҳрҳои қадимаи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ имрӯз ҳам гузару маҳаллаҳоеро зиёд вомехӯрем, ки номи аҳли ягон касбу ҳунарро дар худ ҳифз кардаанд. Ҳарчанд дар баъзе аз ин маҳаллаҳо ин замон қариб дигар аз он касбу ҳунар асаре боқӣ намондааст, лекин аз гузаштаи дури он шаҳр хабар медиҳад. Дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Ҳисор, Кӯлоб ва ғайра инро дидан мумкин аст. Хусусан дар шаҳри Кӯлоб мавҷуд будани маҳаллаҳое бо номи Чармгарони боло ва Чармгарони поён аз ба таври васеъ ривоҷ доштани коркарди чарм дар ин шаҳр дар замонҳои пештар хабар медиҳад. Аммо дар асри XIII дар натиҷаи истилои муғул ҳунармандию косибӣ низ ба монанди тамоми соҳаҳо рӯ ба таназзул ниҳод, ки якчанд сабабҳо дошт. Аввал ин ки пешаварӣ аслан шуғли сокинони шаҳр буд ва дар ин давра шаҳрҳои обод қариб пурра хароб гардиданд. Дигар ин ки аксари кулли ҳунармандон ё нобуд гардиданд ё ба асорат бурда шуданд. Давлаталӣ Давлатзод таъсири ҳалокатбори истилои муғулро ба раванди тараққиёти ҷаҳони ислом махсус қайд намуда, менигорад, ки “тақдири мардуми шаҳрҳои истилошударо таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки баъд аз ишғол намудани ҳар шаҳр муғулҳо аҳолии онро ба якчанд гурӯҳ ҷудо мекарданд: аввал ҳунармандон, яъне косибон, наҷҷорон, оҳангарон, бофандагон, дӯзандагон, таббоҳон ва ғайра соҳибони касбу ҳунар, ки ба Муғулистон фиристода мешуданд. Дуюм, рӯҳониёну донишмандон яъне зиёиён, ки пурра қатл

мешуданд.Сеюм як қисми сарватмандон, ки ба ивази сарваташон ба Муғулистон фиристода мешуданд. Чорум, занону духтарони зебо, ки онҳо низ ба Муғулистон фиристода мешуданд. Панҷум, ҷавонон ва мардони боқувват, ки барои ишғол намудани шаҳрҳои нави мусулмонон истифода мешуданд. Боқимонда ҳама пиру барно ҳамчун бори нолозим ба қатл расонида мешуданд. Чингизхон ҳамроҳаш садҳо ҳазор нафар ҳунармандону косибонро аз Бухорою Самарқанд ва Марву Урганҷ ба Муғулистон бурд. Ҳоло ҳам дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, ба навиштаи Жан Пол Ру, халқи мусулмоне ҳаст бо номи дунганҳо, ки ватани аслиашонро Урганҷ меноманд” [3, с.300-301]. Аз охири қарни XIV сар карда вазъи сиёсӣ дар кишварҳои шарқи мусулмонӣ тадриҷан рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, боиси пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёт гардид. Баъзе амирони темурӣ, аз қабили Шоҳрух Мирзо, Мирзо Улуғбек, Бойсанғур Мирзо, Султон Ҳусайн Бойқаро ва ғайра дар пешрафти илму фарҳанг мусоидат намуданд. Дар китобхонаҳои он замон, ки марказҳои бузурги фарҳангӣ ба шумор мерафтанд, адабиёти илмӣ ва динӣ на танҳо ҷамъоварӣ ва нигаҳдорӣ карда мешуданд, балки шумораи зиёди котибон ба китобати асарҳои илмӣ ва саҳҳофон ба ҷилдбандӣ кардани онҳо машғул буданд. Дар кори муқовабандии китобҳо дар ин давра асосан аз чарм истифода мебурданд. Дар шаҳрҳои Ҳироту Самарқанд китобхонаҳои зиёде бунёд ёфта буданд, ки дар онҳо устоҳои моҳиру забардаст машғули кор буданд. Дар ин давра як зумра ҳунармандони Сурия ва Мисрро ба Самарқанд даъват карданд. Махсусан дар дарбори Шоҳрух (1404-1447), дар китобхонаи дарбории Ҳирот ба рушду камоли ҳунармандони ин соҳа диққати ҷиддӣ дода мешуд. Ба ақидаи академик Семёнов А. А., сохт ва таркиби ҷилдҳои сохташудаи саҳҳофони ин шаҳрҳо такрорнаёбанда буданд. Ҷилдҳоро бештар аз пӯсти ҳайвоноти гуногун (аз ҷумла пӯсти ошдодаи гӯсфанд, ки “мешӣ”, меномиданд ва пӯсти буз, ки “сахтиён” низ мегуфтанду ранги онҳо сурх, ҷигарӣ, сиёҳ, қаҳвагӣ ва қаҳвагии рӯшан мешуд) месохтанд. Инчунин, барои дар рӯйи ҷилдҳо гузоштани нақшҳои барҷастаю рӯшан аз чарми сиёҳранг, аз пӯстҳои аспу хар, ки ”сағрӣ” ё “кемухт” меномиданд, истифода мебурданд. Ҳамин тариқ, дар асрҳои миёна дар сарзамини Осиёи Миёна ва Хуросон чарм аз маводи асосии ҷилдсозӣ ҳисоб меёфт. Аксари ҷилдсозон дар қисмати охири боло ва поини ҷилдҳо аз чарм забончае мегузоштанд, ки онро ,,лахтак” мегуфтанд. ,,Лахтак” имкон медод, ки шахс китобҳоро аз рафи китобмонӣ ба осонӣ гирад ва ин яке аз тафовутҳои ҷилдсозии саҳҳофони Шарқи исломӣ аз саҳҳофони Ғарб ба шумор мерафт [10,с. 489-490].

То замони пайдоиши чопхонаҳо санъати ҷилдсозӣ дар ҳоли рушду нумӯ қарор дошт ва дар тайёр намудани он асосан аз чарм истифода мекарданд. Баъдан масолеҳи дигар, хусусан қоғаз, барои ин кор мавриди истифода қарор гирифт, ки ҳарчанд сифатан паст бошад ҳам, вале бо сабаби арзонии худ то ҷое мавқеи маҳсулотҳои чармиро танг кард.То асри XVIII муқоваи китобҳои дастнавис асосан аз чарми сифати баланд тайёр карда мешуд. Минбаъд онҳо бештар аз картон сохта мешуданд. Аз охири асри XVII ба Осиёи Марказӣ маҳсулоти чопи сангии гуногун аз кишварҳои мухталиф ворид шудан гирифтанд. Баъдан ин ҷо чопхонаҳо кушода шудан гирифтанд, ки оқибат тақдири минбаъдаи китобҳои дастнависро муайян карданд ва онҳоро танг карда баровардан [7, с.38-42]. Аз оғози асри XVI дар Осиёи Марказӣ ҳокимият ба дасти Шайбониён гузашт. Ин давраи бисёр ҳам тақдирсоз буд, барои минтақаи Осиёи Марказӣ. Дар ин аср кишварҳои Аврупо дар соҳаи баҳрнавардӣ пешрафти назаррасе намуда, робитаҳои тиҷоратии худро бо Ҳиндустону Чин ба воситаи роҳҳои обӣ оғоз намуданд. Аз ин рӯ Моваруннаҳру Хуросон, ки баъд аз истилои муғул акнун қомат рост мекард, боз ба мушкили дигар рӯ ба рӯ шуд. Бо сабаби мавҷуд набудани сарҳадҳои баҳрӣ ин сарзамин аз савдои бузурги байналхалқӣ дур монд. Дигар мушкил ин ба сари ҳокимият омадани Сафавиён дар Эрон ва ихтилофи онҳо бо Шайбониён буд. Муносибатҳои душманона байни Шайбониён ва Сафавиён дар савдои хориҷии миёни ин давлатҳо инъикос ёфтанд ва дар охир муносибатҳои тиҷоратӣ ба таври намоён маҳдуд гардиданд. Инчунин, дар натиҷаи кушодашавии робитаҳои баҳрӣ бо Ҳиндустон роҳҳои ҷаҳонии савдо ба воситаи Моваруннаҳр иваз гардид ва он аз нақши нуқтаи савдои транзитии байни Шарқу Ғарб маҳрум гашт. Маҷмӯи савдои хориҷии

Мовароуннаҳр аз самти ҷанубу шарқӣ ва ҷанубу ғарбӣ ба таври намоён кам гардид [6, с.295-296]. Ва ин монеаи бузурге гардид барои пешрафти иқтисодиёт ва илму фарҳанг дар ин минтақа, ки аз таъсири истилои муғул шояд камтар набошад. Аз миёнаи асри XVI сар карда, робитаҳои тиҷоратии Осиёи Марказӣ бо давлати Русия наздиктар шудан мегиранд. “Равобити мунтазами Мовароуннаҳр бо давлати Рус аз миёнаҳои асри XVI баъди ба Россия ҳамроҳ карда шудани Қазон (1552) ва хонигариҳои Сибир (1582), вақте роҳи савдоии Камск ба самти Сибир ва дашти Қазоқ ташкил карда шуд мустаҳкам шудан гирифтанд. Маркази асосии савдои озод дар ин давра шаҳри Аштархон буд. Аз Аштархон пӯстин аз пӯсти самур ва санҷоб, камонҳои сахт, тирҳо аз чӯби дарахти тӯси сафед, матоъҳои абрешимӣ ва ғайра дастрас мекарданд. Ба ин шаҳрҳо (шаҳрҳои Сибир) матоъҳои пахтагӣ абрешим ва ғайра мебурданд, аз Сибир бошад, мӯина, ревоҷ (чукрӣ) ва ғайра меоварданд [6, с.293-294].

Ҳамин тавр, дар роҳи рушди ҳунари чармгарӣ дар даврaҳои муайяни таърихӣ монеаҳои гуногун, аз ҷумла монеаҳои сунъӣ эҷод мешуданд. Аз миёнаи асри XIX сар карда Россияи подшоҳӣ дар баробари ишғоли Осиёи Миёна ин сарзаминро на танҳо ба базаи ашёи хом, балки инчунин ба бозори фурӯши маҳсулоти саноатии худ табдил дод. Ба миқдори зиёд ворид гардидани маҳсулоти саноатии кишвари ғосиб монеаи бузурге гардид барои соҳаи ҳунармандӣ, аз ҷумла чармгарӣ дар Осиёи Миёна. Аксари шаҳрҳои бузург, ба монанди Тошканд, Самарқанд, Хуҷанд ва ғайра, ки бевосита ба ҳайати Россияи подшоҳӣ дохил мешуданд, таъсири ин омилро амиқтар ҳис мекарданд. Дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ, ки шаҳрҳо қариб вуҷуд надоштанд, мардум аксаран дар деҳот зиндагӣ мекарданд ва вобаста ба машғулияти сокинон фақат намудҳои муайяни маҳсулоти чармӣ, аз қабили зину афзори аспу хар, арғамчин ва амсоли инҳо истеҳсол мегардиданд. Дар давраи барқарор гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ зарбаи дигаре ба соҳаи ҳунарҳои мардумӣ зада шуд. Ҳунармандонро ҳамчун соҳиби корхона душмани сохти Шӯравӣ ҳисобида, таъқиб мекарданд ва ба ҷазоҳои сахти маъмурӣ мекашиданд. Инчунин, қисме аз онҳоро ба Қазоқистону Сибир бадарға мекарданд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ акнун имконияти аз нав эҳё гардидани касбу ҳунарҳои мардумӣ пайдо гардид. Аммо дар ин давра бозори минтақа аллакай барои маҳсулоти саноатии арзон, вале пастсифати Ҷумҳурии Мардумии Чин боз шуда буд, ки монеаи навбатӣ барои рушду нумӯи ҳунарҳои мардумӣ гашт. Ҳамаи инро Ҳукумати мамлакат дарк намуда, бо таклифу ҳидоятҳои Сарвари давлат соли 2018-ро “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” ва дар пайи он солҳои 2019-2021 ҳамчун “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардиданд.

АДАБИЁТ

1. Ғафуров,Б.Ғ. Тоҷикон /Б.Ғ. Ғафуров. -Душанбе:Ирфон, 1998. -Ҷ.1. -416 с.
2. Геродот. История /Перевод и примечания Стратановского Г.А. -Москва: ООО”Издательство АСТ”, 2006. -414с.
3. Давлатзода, Д. Мусулмонон:таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. Д.Давлатзода. -Душанбе: Эр-граф, 2017. -520 с.
4. Ёқубов,Ю. Бостоншиносӣ: сарчашмаи эҳёи ҳунарҳои мардумӣ / Ю. Ёқубов //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии “Мавқеъ ва нақши ёдгориҳои таърихӣ дар рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (Бахшида ба “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”). -Душанбе: ДМТ, 2018. - С.38-62.
5. Ибни Қурбон. Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим. -Душанбе: Эр-граф, 2007. -480с.
6. Камолов, Х. История вторжения кочевых племён дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан (XVI в.) /Х. Камолов. -Душанбе: Дониш, 2012. -408 с.
7. Масов Р. ва диг. Санъати мардумии Тоҷикистон /Р.Масов. -Душанбе, 2011. -318 с.
8. Энсиклопедияи советии тоҷик.-Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. -1988–592 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -Москва: Советская Энциклопедия, 1969. -Ҷ. 2. – 952 с.
10. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.–Душанбе: Ватанпарвар, 2004. -Ҷ. 3. -524с.
11. Якубов, Ю. Паргар в VII вв.н.э. - Душанбе: Дониш, 1979. – 220 с.

ВАЗЪИ ҲУНАРМАНДӢ ДАР ЗАМОНИ ҚАДИМ ВА АСРҲОИ МИЁНА

Муаллиф дар мақола вазъи касбу ҳунарҳои мардумӣ, хусусан чармгариро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ баррасӣ карда, робитаи зичи онро бо соҳаи хоҷагии деҳот, махсусан чорводорӣ, нишон додааст. Ҳеҷ як касбу ҳунар дар алоҳидагӣ наметавонист ба таври комил рушд кунад. Аз ин рӯ дар дунёи қадим ва

тӯли асрҳои миёна робитаҳои мустаҳками савдоӣ миёни шаҳру навоҳии мухталифи минтақаи Осиёи Марказӣ мавҷуд буданд ва дар навбати худ, он ба Шоҳроҳи бузурги абрешим пайваст мегардид, ки ба як тиҷорати бузурги байналхалқӣ мубаддал мегашт. Самти асосии ин роҳи ҳаётан муҳимми давр ба воситаи ватани таърихии тоҷикон гузашта, имкон медод аз пешрафту дастовардҳои мардуми манотиқи дигари дунё огаҳӣ ёбанд. Сокинони шаҳрҳои хурду бузурги сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр, бо истифода аз тамаддунҳои бузурги ҷаҳонӣ санъату ҳунари волову дунёгир меофариданд. Вале дар натиҷаи ҳодисоти номатлуб, махсусан ҳамлаи муғулҳо ба сарзамини Осиёи Марказӣ, аксари шаҳрҳои обод ба харобазор табдил ёфта, шумораи зиёди косибону пешаварон ба асорат бурда шуданд. Аз ин рӯ, як замон санъату ҳунар дар кишвар рӯ ба таназзул ниҳод, ки аз тарафи муаллиф бо далелу мадракҳои рӯшан баррасӣ ва ифшо гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳимоя ва дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати кишвар зери роҳбарии Пешвои миллат мардуми меҳнатдӯст ва бунёдкори тоҷик метавонад аз нав ҳама гуна навъҳои касбу ҳунарҳои мардумиро зинда намуда, бо роҳи созандагию эҷодкорӣ мавқеи пешинаи худро дар арсаи ҷаҳонӣ ба даст орад.

Калидвожаҳо: Роҳи бузурги Абрешим, ҷилдсозӣ, дастовардҳои тамаддунҳои пешрафта, санъати ҳунармандии халққои Осиёи Марказӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, рушди ҳунармандӣ дар шаҳрҳо.

СОСТОЯНИЕ РЕМЕСЛЕННИЧЕСТВА В ДРЕВНОСТИ И СРЕДНЕВЕКОВЬЕ

Автор в статье отмечает, что в средние века население всех городов Средней Азии посредством Великого шёлкого пути имело сведения обо всех достижениях передовых цивилизаций своего времени. В результате взаимовлияния ремесленного искусства народов Центральной Азии с Византией, Ираном, Китаем, Индией в данном регионе получили развитые различные ремесла. На пути развития народных ремесел возникали различные препятствия в определённые исторические периоды. Но, несмотря на это, народ не забывал своё искусство и ремесло. Во всех уголках страны, во всех регионах находились люди, которые следовали традициям ремесленничества и не забывали свое искусство. Жители Хорасана и Мавераннахра с использованием достижений великих цивилизаций создавали великие шедевры искусства, но в результате негативных явлений, таких как нашествие монголов на земли Центральной Азии, множество процветающих городов были превращены в руины и большое количество ремесленников и мастеровых были захвачены в рабство. Поэтому, некоторое время искусство и ремесленничество пришло в упадок, о чем свидетельствуют сведения, приведенные в статье автором. Автор также отмечает, что Правительство страны, руководствуясь наставлениями Лидера нации, осознало важность развития данного направления и всячески поддерживает развитие данной отрасли.

Ключевые слова: Великий шёлковый путь, достижения передовых цивилизаций, ремесленное искусство народов Центральной Азии, возрождение народных ремесел, развитие ремесел в городах.

STATE OF CRAFTSMENGING IN ANCIENT AND MEDIEVAL AGES

In the middle Ages, the peoples of Central Asia through the Great Silk Road had information about all the achievements of the advanced civilizations of their time. As a result of the mutual influence of the handicraft art of the peoples of Central Asia with Byzantium, Iran, China, and India, various crafts were developed in this region. On the way to the development of folk crafts various obstacles arose in certain historical periods. But despite this, the people did not forget their art and craft. In all corners of the country, in all regions there were people who followed the traditions of handicraft and did not forget their art. Historical science is the main means of studying the period of revival and development of arts and crafts in all historical periods of human life. Since folk crafts are the expression of the rich ancient history and culture of the people, their attractive attractiveness can attract the attention of tourists and guests of the country, contribute to the development of the tourism industry and become the main activity of the villagers. The author also notes that the Government of the country, guided by the instructions of the Leader of the Nation, realized the importance of developing this direction and strongly supports the development of this industry..

Key words: Great Silk Road, achievements of advanced civilizations, handicraft art of the peoples of Central Asia, the revival of folk crafts, the development of crafts.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Самадов Субҳонқул Бобоқулович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, ассистенти кафедраи идораи давлатӣ ва таърихи умумӣ**. Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. E-mail: **Komil.1975 @ list.ru**. Телефон: **:93-308-83-01.**

Сведения об авторе: ***Самадов Субхонкул Бобокулович*** - Дангаринский государственный университет, ассистент кафедры системы государственного управления и общей истории.. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, город Дангара, Центральная улица, 25. E-mail: **Komil.1975 @ list.ru**. Телефон:**93-308-83-01**.

Information about the author: ***Samadov Subhonkul Bobokulovich*** **–** Dangara State University, Assistant of the Department of Public Administration and General History. **Address:** 735320,Republic of Tajikistan, Dangara city, Centralnaya street 25. E-mail: **Komil.1975 @ list.ru**. Phone **: 93-308-83-01.**

УДК: 631.145(575.3)

ТАШКИЛЁБИИ АВВАЛИН ХОҶАГИҲОИ АГРАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

Ҳомидзода Ф.М.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Масъалаи омӯзиши дигаргунсозиҳои аграрӣ дар солҳои аввали мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ аҳамияти илмӣ доранд. Аввалин хоҷагиҳои коллективӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ дар заминҳои собиқ мулкҳои калони феодалӣ ба вуҷуд омаданд ва чоряккорони собиқ, ки дар заминҳои феодалон кор мекарданд, аввалин колхозчиён шуданд. Яке аз нахустин колхози кооперативии кишоварзӣ ва обёрии «Парчаюз» буд, ки моҳи апрели соли 1918 дар деҳаи ҳамноми волости Урали ноҳияи Хуҷанд ташкил шудааст. Он 175 хоҷагиҳои деҳқониро муттаҳид кард, ки дар ихтиёри онҳо 40-50 десятина заминҳои корам ва тақрибан ду ҳазор десятина заминҳои корамнашуда мавҷуд буданд [6]. Дар оинномаи кооператив идоракунии муштарак дар асоси принсипҳои коммунистӣ бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва васеъ намудани майдони кишт тавассути азхудкунии заминҳои нав пешбинӣ шуда буд. Он дар назди кооператив ҳадафҳои зеринро гузошт:а) таъмин намудани аъзоёни худ бо молҳои истеъмолӣ, инчунин мавод, мошинҳо ва асбобҳое, ки дар савдо ва иқтисод заруранд;б) мусоидат ба пасандозҳои аъзо тавассути қабули саҳмияҳо аз онҳо аз фоидаи фаъолияти кооператив; в) саҳм гузоштан барои баланд бардоштани некуаҳволӣ ва рушди маънавии аъзоёни он [8].

Дар ҳисоботи Кумитаи замин ва оби ноҳияи Хуҷанд ба комиссари халқии кишоварзии Туркистон, аз 10 майи соли 1918 қайд карда шудааст, ки таъсиси "Парчаюз" "ҳам нисбати ҳалли мусбати буҳрони шадиди озуқаворӣ ва ҳам ҳамчун намунаи равшани татбиқи принсипҳои коммунистӣ дар соҳаи кишоварзӣ далели матлуб аст" [9].

Тақрибан дар ҳамин вақт, дар Сари Туқайи ноҳияи Хуҷанд як коммунаи намунавии кишоварзӣ ташкил карда шуд, ки он 1160 нафар аъзо дошт. Он 1200 гектар замин, се пойгоҳи обкашии механиконидашуда, асбобҳои гуногуни кишоварзӣ ва чорпоён ба миқдори 7 асп ва 15 барзагов низ дошт. Бо қарори раёсати идораи заминсозии Шӯрои Хуҷанд моҳи июни соли 1918 ба коммунаи Сари-Туқай дар ҳаҷми 2,5 ҳазор рубл қарзи пулӣ дода шуд [10]. Баъдтар, мувофиқи фармони Комиссариати Халқии Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Туркистон, колхоз барои чорво оғил сохт, фермаи чорвои зоти - ширӣ ташкил кард [2]. Дар моҳи декабри 1918 Шӯрои волости Қистакуз дар бораи мусодираи замин аз якчанд бойҳои калон қарор қабул кард [11]. 14 феврал аз ҷониби Кумитаи иҷроияи марказии умумирусиягӣ Низомнома дар бораи заминсозии сотсиалистӣ ва чораҳои гузариш ба кишоварзии аграрии сотсиалистӣ қабул ва нашр гардид. Дар он гуфта мешуд: "Барои қатъиян барҳам додани ҳама гуна истисмори одам аз ҷониби одам, барои ташкили хоҷагиҳои кишоварзӣ дар заминаи сотсиализм, истифодаи тамоми дастовардҳои илм ва техника, тарбияи меҳнаткашон дар рӯҳи сотсиализм, инчунин барои муттаҳид сохтани пролетариат ва камбизоатони деҳот дар мубориза бо капитал, гузариш аз шаклҳои ягонаи истифодаи замин ба шакли рафиқона гузаштан лозим аст. Хоҷагиҳои калони шӯравӣ, коммунаҳои парвариши ҷамъиятии замин ва дигар намудҳои истифодаи замин барои истифодаи дӯстона воситаи беҳтарин барои расидан ба ин ҳадаф мебошанд, бинобар ин, ҳамаи намудҳои истифодаи замин яксон бояд баррасӣ шаванд» [1].

Дар баҳори соли 1919. дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон як қатор колхозҳои нав таъсис ёфтанд. Дар Хуҷанд ва деҳаи наздики Исписар як коммунаи ягонаи кишоварзӣ ва тиҷоратӣ ташкил карда шуд, ки 50 таноб замини корам ва 20 сар чорвои калони шохдор дошт. Дар наздикии Хуҷанд, дар мавзеи Сандҷак-Арал, дар замини бойҳои калони Хуҷанд Пӯлодҷон Қосимбоев, кооперативи истеҳсолии кишоварзӣ ва обёрӣ таъсис дода шуд. Дар деҳаи Деҳмоии волости Ғулакандоз, дар замине, ки аз бой Валомбек Атабоев мусодира шуда буд, коммунаи кишоварзӣ таъсис дода шуда [7].Дар ин замон артелҳои кишоварзӣ махсусан васеъ паҳн шуда буданд, ки онҳо дар заминаи истифодаи якҷояи

воситаҳои истеҳсолот аз ҷониби хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ, вале аксар вақт дар натиҷаи мусодираи хоҷагиҳои бойҳо ва ба деҳқононе, ки дар ин ҷо ҳамчун чоряккор кор мекарданд, замин ва дигар воситаҳои истеҳсолот ба онҳо дода шуд. Дар охири соли 1919 дар ноҳияи Хуҷанд 18 артел мавҷуд буд [12]. Дар Тоҷикистони Шимолӣ дар ибтидо хоҷагиҳои деҳқонӣ асосан дар ноҳияи Хуҷанд таъсис дода шуданд. Соли 1919 дар натиҷаи амалиёти бомуваффақияти ҳарбӣ бар зидди босмачиён ва мустаҳкам кардани Ҳокимияти Шӯравӣ дар маҳалҳо, дар ноҳияи Ӯротеппа низ колхозҳо ташкил карда шуданд.

Дар ин робита қарорҳои Съезди I Советҳои ноҳияи Ӯротеппа (апрели 1919) оид ба баҳисобгирии моликияти миллӣ, ташкили колхозҳо, парвариши ҷамъиятии саҳроҳо, боғҳо ва токзорҳо [13], ва Съезди II Уезди Советҳо (августи 1919) дар бораи расонидани кумак ба хоҷагиҳои коллективӣ дар харидории чорво ва асбобҳои кишоварзӣ аҳамияти зиёд дошт [14]. Дар давоми соли 1919 дар ноҳияи Ӯротеппа 63 артели хочагии кишлок ташкил карда шуд [4].Дар коммунаҳо ҳама воситаҳои истеҳсолот, манзил, инвентаризатсия ва ҳатто пасандозҳои шахсӣ ҷамъиятӣ карда шуданд. Истеҳсол ва тақсимоти маҳсулот бояд тибқи принсипи «Аз ҳар кас мувофиқи қувваи худ, ба ҳар кас мувофиқи талаботаш» сурат мегирифт. Он замон амалӣ кардани ин принсип имконнопазир буд. Рад кардани принсипи ленинии ҳавасмандии моддӣ ва ҷорӣ намудани баробарӣ асосҳои ташкилӣ ва моддии коммунаҳоро вайрон кард. Дар артелҳо воситаҳои истеҳсолот ба моликияти ҷамъиятӣ табдил наёфтанд, балки муштарак истифода бурда мешуданд. Хар як аъзои артел хоҷагии шахсии худро дошт ва аз он даромади мувофиқ мегирифт. Артелҳо бештар барои коркарди якҷояи замин хизмат мекарданд. Бо вуҷуди ин, онҳо ҳам қобили қабул нагардиданд. Базаи сусти моддию техникӣ, ташкили карда натавонистани иқтисодиёти ҷамъиятӣ, психологияи моликияти хусусии деҳқонон, мушкилоти иловагии иқтисодӣ ва сиёсӣ, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайвастанд, ин ҳама ба таназзули босуръати хоҷагиҳои деҳқонӣ оварда расонид.Ҳукумати Туркистони Шӯравӣ дар аввал кӯшиш кард, ки хоҷагиҳои деҳқониро бо ёрии дотатсияҳо дастгирӣ кунад, аммо ин натиҷаи дилхоҳ надод. Масъалаи хоҷагидории деҳқонӣ дар Съезди VII фавқулодаи Советҳои Туркистон дар моҳи марти соли 1919 ва Съезди III Ҳизби коммунистии ҷумҳурӣ дар моҳи июли соли 1919 муҳокима карда шуд.

Сексияи ислоҳоти замин дар сеъзд, дар қарори худ қайд кард, ки ташкил ва рушди нодурусти коммунаҳо, ки танҳо ба шарофати дастгирии давлати худ зиндагӣ мекунанд, метавонанд ғояи олии шаклҳои коммунистии хоҷагиро комилан бадном кунанд [15]. Съезди III Партияи Коммунистии Туркистон дар қарорҳои худ ба тарафдории он сухан гуфт, ки дар шароити ҷумҳурӣ бояд "на сотсиализатсия, на коммунаҳои кишоварзӣ, балки хоҷагиҳои Шӯравӣ ҳамчун шакли гузариш аз капитализм ба коммунизм" эътироф карда шаванд [5]. Дар Тоҷикистони Шимолӣ як қатор колхозҳои калонтарин ва аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувват, аз ҷумла Сари-Туқай, Дилварзин, Дашти-Амин ба совхозҳо табдил дода шуданд. Баъзе колхозҳо, чунонки дар вақти тафтиш маълум шуд, сохтакорона ташкил карда шуда буданд. Онҳоро бойҳо – заминдорони калон бо мақсади пешгирӣ аз мусодираи заминҳояшон, инчунин авантюристҳои гуногун бо мақсади ба даст овардан ва мувофиқат кардани қарзҳои давлатӣ сохтаанд. Чунин колхозҳо барҳам дода шуда, заминҳои онҳо ба ихтиёри деҳқонон дода шуданд [16]. Аксарияти колхозҳои хурд ва зиёновар, ки ба озмоиши замон тоб оварда натавонистанд, тадриҷан пароканда шуданд.

Ҳамин тариқ, аз миёнаҳои соли 1919 сар карда, совхозҳо шакли афзалиятноки хоҷагии ҷамъиятӣ гардиданд. Онҳо корхонаҳои давлатии навъи доимии сотсиалистӣ буда, дар заминҳои милликунонидашуда, заминҳои нав обёришаванда, инчунин дар заминаи баъзе колхозҳои собиқ сохта шуда буданд. Совхозҳо мебоист истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқро зиёд менамуданд, зеро онҳо дар ихтиёри давлат буда, ҳамчун маркази паҳн намудани таҷрибаи пешқадами хоҷагии қишлоқ ва расондани ёрии амалӣ дар байни оммаи деҳқонон амал менамуданд.Аҳамияти совхозҳоро дар азнавсозии хоҷагии қишлоқ, В.И.Ленин дар баромади худ кайд кардааст [3]. Аммо, ташкили хоҷагиҳои шӯравӣ дар Туркистон дар ин замон хусусиятҳои хосси худро дошт. Мувофиқи қарори Съезди III

Партияи коммунистии Туркистон, меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ дар онҳо ба принсипҳои чоряккоронаи давлатӣ асос ёфта буд, вақте ки давлат замин ва дигар воситаҳои истеҳсолотро таъмин мекард ва коргар ҳиссаи муайяни ҳосилро ҳамчун музди меҳнати худ мегирифт.

Шартҳои музди меҳнат дар ҳар як совхози алоҳида (бо мувофиқаи байни роҳбар ва коргарони он), вобаста ба намуди фаъолияти иқтисодӣ, таносуби воситаҳои истеҳсолоти давлат ва коргарони инфиродӣ, ҳаҷми қарзҳои давлатӣ ва як қатор омилҳои дигар муқаррар карда мешуд. Истифодаи чоряккорон дар совхозҳо бештар аз анъанаҳои муқарраршуда ба рушди сусти меҳнати кироя дар кишоварзӣ ба амал омадааст. Аммо азбаски дар ин ҳолат муносибатҳои истеҳсолӣ байни Ҳукумати Шӯравӣ ва коргарони совхозҳо, ки контингенти асосии онҳо деҳқонон, асосан камбизоатон буданд, ташаккул ёфт, худи табиати чоряккорон ба куллӣ тағйир ёфт. Аз воситаи бойшавӣ барои бойҳо ва рӯҳониён, чоряккорон ба манбаи тақвияти иқтисодиёти сотсиалистӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми меҳнаткаши деҳа табдил ёфтанд. Дар Тоҷикистони Шимолӣ то охири 1920, 9 совхоз таъсис ёфт, ки масоҳати умумии онҳо тақрибан 1,5 ҳазорро ташкил медод, калонтарини онҳо хоҷагиҳои "Сари Туқай" (800 десс.) ва "Дашти-Амин" (200 десс.) дар ноҳияи Хуҷанд буданд. Боқимондаи совхозҳо аз 25 то 100 дессятина заминҳои корам доштанд [17].Ҳамаи онҳо ба истеҳсоли зироатҳои хӯрокворӣ ва хӯроки чорво машғул буданд, аммо минбаъд вазифаҳои таъминкунандагони тухмии навъи баландро хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ иҷро карданд. Дар совхозҳои дигар низ соҳаҳои кишоварзӣ низ то андозае рушд карданд, ки асосан аҳамияти дуюмдараҷа доштанд. Инак, дар совхози «Сари-Туқай», ки дар он ҷо чарогоҳҳои калон мавҷуд буданд, як фермаи ширӣ ташкил карда шуд ва барои он чорвои ширдеҳ харида шуд. Дар совхози «Дашти-Амин» фермаи калони парандапарварӣ ташкил карда шуд. Дар ҳарду совхоз иншооти истеҳсолӣ: говхонаҳо, оғилхонаҳо, осиёбҳои равған, анборҳои нигоҳдории ғалладона сохта шуданд [18]. Ташкили самарабахши истеҳсолоти кишоварзӣ дар совхозҳо дар асоси меҳнати дастаҷамъона ва ҷамъиятӣ, татбиқи навтарин комёбиҳои илми агротехникӣ, тадриҷан ҷорӣ намудани технологияи муосир деҳқононро ба афзалиятҳои иқтисоди сотсиалистӣ нисбат ба як хоҷагии хурд бовар кунонд. Солҳои аввали пас аз инқилоб, совхозҳо аз сабаби хурд будан ва заифӣ, ташкилотчигӣ ва иқтисодӣ ва таҷрибаи кофӣ надоштан вазифаҳои худро пурра иҷро карда натавонистанд. Аввалин тағйиротҳои аграрӣ ва кишоварзӣ дар Туркистони Шӯравӣ, аз ҷумла минтақаҳои шимолии Тоҷикистони муосир, дар системаи умумии тадбирҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Шӯравӣ ба амал омада, ба барҳам додани системаи куҳнаи иҷтимоӣ дар асоси шакли феодалӣ ва капиталистии истисмори коргарон нигаронида шуда буданд. Аммо, натиҷаҳои сиёсати аграрии Ҳукумати Шӯравӣ дар муқоиса бо дигаргуниҳои инқилобие, ки дар дигар соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ шуда амал омада буданд, хеле хоксорона ба назар мерасиданд. Шароит ва имкониятҳои татбиқи минбаъдаи барномаи аграрии Партияи коммунистӣ ва Ҳокимияти Шӯравӣ ба таври воқеӣ арзёбӣ карда мешуд.

Дар натиҷаи ислоҳоти аввалини аграрӣ мавқеи Ҳукумати Шӯравӣ дар деҳа мустаҳкамтар гардид. Оммаи деҳқонони меҳнаткаш тавонистанд бубинанд, ки ҳокимияти навтаъсис манфиатҳои онҳоро ифода ва ҳимоя мекунад. Аммо, фаъолияти сиёсии деҳқонони камбағал ҳанӯз хеле ҳам паст буд. Онҳо дар бораи ҳадафҳо ва вазифаҳои Ҳокимияти Шӯравӣ тасаввуроти равшан надоштанд, бинобар ин аксар вақт ба феодалон ва рӯҳониён пайравӣ карда, ба ташвиқоти зиддишӯравӣ дода мешуданд.Феодалон - заминдорони калони деҳот, ба тадбирҳои Ҳокимияти Шӯравӣ муқовимат мекарданд ва дар деҳқонон ҳиссиёти динӣ ва миллӣ бозӣ мекарданд. Ташкилотҳои маҳаллии ҳизбӣ ва шӯроҳо қодир набуданд, ки деҳқононро пурра зери таъсири худ қарор диҳанд. Корҳои фаҳмонидадиҳии сиёсати Ҳокимияти Шӯравӣ дар масъалаҳои аграрӣ дигаргунии шуури сиёсии синфҳои заҳматкаш ва ба роҳ мондани корҳои заруриро талаб мекард.Маҳдудиятҳо ва мусодираи заминҳои азиме, ки Ҳокимияти Шӯравӣ амалӣ намудааст, натавонистанд мавқеъҳои иқтисодии бойҳо, яъне заминдорони калонро ба

таври ҷиддӣ вайрон кунанд. Кумитаҳои замин ва об масъули тақсими фонди нисбатан хурди замин буданд, дар ҳоле ки заминдорони калон нигоҳ доштани миқдори зиёди заминҳои ҳосилхезро идома медоданд. Илова бар ин, Ҳукумати Шӯравӣ дар вазъияти душвори пасазинқилобӣ имконият надошт, ки ба деҳқонон кумаки моддию техникӣ расонад. Дар вазъи душвори иқтисодӣ дар Туркистон, ки дар натиҷаи ҷангҳои империалистӣ ва шаҳрвандӣ ба амал омада буд, хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ хароб шуданд.

Ҳамин тариқ, сустии заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ва набудани зиракӣ ва нотавонии деҳқонон дар идоракунии хоҷагии деҳқонӣ имкони тағйироти куллии муносибатҳои истеҳсолиро дар деҳа истисно мекард.

АДАБИЁТ

1. Директивы КПСС и Советского правительства по хозяйственным вопросам. Сб. докум. -М., 1957. -Т. 1. -С. 97.
2. Каримов Т.Р. Победа Великой Октябрьской социалистической революции и решение аграрного вопроса в Таджикистане / Т.Р. Каримов. – Душанбе, 1968. -Том 1. -С. 297-300.
3. Ленин В.И. Полн. собр. соч.. -Т. 38. -С. 29.
4. Очерк истории колхозного строительства в Таджикистане (1917-1965 гг.). -Душанбе, 1968. -С.14.
5. Труды III съезда КП Туркестанской республики. -Ташкент, 1919. -С.154.
6. Хайдаров Г.Х. Борьба за установление и упрочение Советской власти в Северном Таджикистане (1917-1923гг) / Г.Х. Хайдаров. - Душанбе, 1966. -С.97.
7. Хайдаров Г.Х. Борьба за установление и упрочение Советской власти в Северном Таджикистане (1917-1923гг) / Г.Х. Хайдаров. -Душанбе, 1966. С.97-98.

МАВОДИ БОЙГОНӢ

8. ГА Согдийской обл., ф. 51. оп. 1, д. 52, л. 6-14.
9. ГА Согдийской обл., д. 57, л. 4.
10. ГА Согдийской обл., ф. 370, оп. 2, д. 53, л. 2.
11. ГА Согдийской обл., ф. 51, оп. 1, д. 112, л. 37.
12. ГА Согдийской обл., ф. 51, оп. 1, д. 112, л. 37.
13. УТФ ГА Согдийской обл., ф. Р-1, оп. 4, д. 48, л. 45.
14. УТФ ГА Согдийской обл., л. 82.
15. ЦГА РУз, ф. 29, оп. 3, д. 1351, л. 354.
16. ГАРФ, ф. 1252, оп. 1, д. 156, л. 101.
17. ЦГАНХ РФ, ф. 3108, оп. 1, д. 197, л. 72.
18. ЦГАНХ РФ, ф. 3108, оп. 1, д. 197, л.65.

ТАШКИЛЁБИИ АВВАЛИН ХОҶАГИҲОИ АГРАРӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ ШӮРАВӢ

Дар мақолаи мазкур аввалин чорабиниҳои Ҳукумати шӯравӣ оид ба ташкилёбии нахустин колхозҳо ва совхозҳо дар Тоҷикистон дар солҳои 1918 то 1920 маълумоти муфассал дода шудааст. Дар мисоли нахустин колхози кооперативи кишоварзӣ ва обёрии «Парчаюз» ва оинномаи он, идоракунии муштарак дар асоси принсипҳои коммунистӣ, масъалаҳои таъмин намудани аъзоён бо молҳои истеъмолӣ, техника ва асбобҳои зарурӣ, мусоидат ба пасандозҳои аъзоён тавассути қабули саҳмияҳо аз фоидаи фаъолияти кооператив, саҳм гузоштан барои баланд бардоштани некуаҳволӣ ва рушди маънавии аъзоён нишон дода шудааст. Маҳз дар ҳамин давра аввалин колхозҳо ва совхозҳои ҷумҳурӣ, ташкил ёфтанд. Дар он давра ба масъалаи равнақ додан ва дарёфти роҳҳои нави пешбурди хоҷагидорӣ, таъсиси хоҷагиҳои кооперативии кишоварзӣ, колхозҳо ва совхозҳои навбунёд, фаъолияти мақомотҳои Ҳукумати Шӯравӣ дар ин ҷода, мушкилоти зиёди соҳа диққати махсус дода мешуд.

Калидвожаҳо: Барномаи аграрии ҳизби коммунистӣ, Комиссариати Халқии АССР Туркистон, кумитаи замину об, коммунаи хоҷагии қишлоқ, артелҳои хоҷагии қишлоқ, дигаргунсозии аграрӣ, хоҷагии коллективӣ, дар Тоҷикистони Шимолӣ, сиёсати аграрӣ.

СОЗДАНИЕ ПЕРВЫХ АГРАРНЫХ ХОЗЯЙСТВ В СОВЕТСКОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В этой статье приводится подробная информация о первых мерах, принятых Советским правительством по созданию первых колхозов и совхозов в Таджикистане в 1918-1920 годах, а также о возникновении первых колхозов и совхозов в республике. В примере первого сельскохозяйственного и ирригационного кооперативного колхоза «Парчаюз», устав которого на основе коммунистических принципов предусматривают совместное управление, при котором обеспечение членов колхоза потребительскими товарами, необходимое оборудование и инструменты, содействие сбережению членов за счет принятия паев от деятельности кооператива, вклад в улучшение благосостояния и духовное развитие членов. Именно в этот период образование и создание первых колхозов и совхозов в республике заложили реальную основу советской сельскохозяйственной политики. В этот период особое внимание было уделено развитию и открытию новых способов ведения сельского хозяйства, созданию сельскохозяйственных кооперативов, вновь созданных колхозов и совхозов, деятельности советских властей в этой области и множеству задач, стоящих перед отраслью.

Ключевые слова: Аграрная программа Коммунистической партии, Наркомат Туркестанской АССР, земельно-водные комитеты, сельскохозяйственная коммуна, сельскохозяйственные артели, аграрные преобразования, коллективные хозяйства, Северный Таджикистан, аграрная политика.

ESTABLISHMENT OF THE FIRST AGRICULTURAL FARMS SOVIET TAJIKISTAN

This article provides detailed information about the first measures taken by the Soviet government to create the first collective and state farms in Tajikistan in 1918-1920, as well as the emergence of the first collective and state farms in the Republic. The main example of the agricultural and irrigation cooperative collective farm "Parchayuz", the charter of which, on the basis of communist principles, provides for joint management, in which the provision of collective farm members with consumer goods, the necessary equipment and tools, promoting the savings of members by accepting shares from the cooperative's activities, contributing to improving the welfare and the spiritual development of the members. It was during this period that the formation and creation of the first collective and state farms of the Republic formed the real basis of Soviet agricultural policy. During this period, special attention was paid to the development and discovery of new methods of farming, the creation of agricultural cooperatives, newly created collective and state farms, the activities of the Soviet authorities in this area and the many tasks facing the industry.

Keywords: The agrarian program of the Communist Party, people's Commissariat of the Turkestan ASSR, land and water committees, agricultural commune, agricultural artels, collective farms, in Northern Tajikistan, agrarian policy.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳомидзода Фурқат Муқим – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1. Телефон: **+992 92-788-98-19**и

Сведения об авторе: ***Хомидзода Фуркат Муким*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор исторических наук, профессор, заведующий кафедрой истории таджикского народа. **Адрес: Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **+992 92-788-98-19**

Information about the author: ***Khomidzoda Furkat Mukim*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of History of the Tajik People. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, Building 1. Phone: **+992 92-788-98-19**.

УДК:630(09) (575.3)

ТАЪРИХ ВА СОХТОРИ ХОҶАГИҲОИ ҶАНГАЛИ ТОҶИКИСТОН

Файззода Рамазон Хурсанд, Баротова С.Ҷ., Абдуназаров Хушбахт
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Боғу токпарварӣ яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии ҷангали ҷумҳурӣ ба шумор рафта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзунгардонии имкониятҳои содиротии ҷумҳурӣ ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи муайянеро ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди минтақа имконият фароҳам меорад, ки майдони боғҳо, токзорҳо ва хоҷагии ҷангали писта аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва интенсивӣ сол аз сол зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҷот пурра таъмин ва қисми зиёди он содирот карда шавад.

Соҳаи ҷангалпарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳар як давраи таърихии фаъолияташ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Таърихи ҷангали Тоҷикистон аз давраҳои ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия оғоз мегардад. Аввалин хоҷагиҳои ҷангал дар шимоли Тоҷикистон ҳанӯз охирҳои асри XIX ташкил шудаанд. Омӯзиши ҷангалзорҳои ҷумҳурӣ дар ҳамин давра аз тарафи олимони барҷастаи рус А.П. Федченко ва М.Г. Попов анҷом дода шудааст. Хоҷагиҳои ҷангал дар Тоҷикистон солҳои 30-юм таъсис ёфтаанд. Аввалин хоҷагиҳои ҷангалпарварии Тоҷикистон ин хоҷагиҳои ҷангали Долиёни Боло, Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Сарихосор ва Шаҳристон буданд. Масоҳати онвақтаи заминҳои хоҷагиҳои ҷангали Тоҷикистон маълум набуд, аммо аниқаш он аст, ки дар ҳамон давра 23%-и қаламрави ҷумҳурӣ зери ҷангал қарор дошт. То соли 1946 мақомоти хоҷагии ҷангал ҳамчун Сарраёсат дар ҳайати Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон ва соли 1947 ҳамчун Вазорати хоҷагии ҷангали ҶШС Тоҷикистон фаъолият кардааст. Масоҳати умумии Фонди давлатии заминҳои ҷангал дар ин давра аллакай ба 2 млн га расида буд. Дар ин давра аҳамияти экологии ҷангалзорҳо он қадар ба назар гирифта намешуд. Натиҷааш ҳамин буд, ки соли 1953 Вазорати хоҷагии ҷангали ҶШС Тоҷикистон боз ба Сарраёсати хоҷагии ҷангал дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд. Дар солҳои 80-ум дар ҳайати Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал 22 - хоҷагии ҷангал, 3 – мамнуъгоҳ, 2 – сарраёсат, 1 – Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали вилоятӣ фаъолият доштанд. Дар ин давра 3 – минтақаи ҷангалпарварии таҷрибавӣ оид ба омӯзиши писта дар хоҷагии ҷангали Данғара, оид ба омӯзиши чормағз дар хоҷагии ҷангали Орҷеникидзеобод (Ваҳдат) ва Варзоб, оид ба

омӯзиши арча дар хоҷагии ҷангали Шаҳристон ташкил карда шуданд. Бо ташкил шудани Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал аввалин маротиба ҳуҷҷатҳои сохтори ҷангал (лесоустройство) гузаронида шуд, ки нақшаи дарозмуддати бунёду истифодаи ҷангалро дар ҳудуди кишвар муайян мекард. Барои бо мутахассисон таъмин намудани хоҷагиҳои ҷангал соли 1964 дар назди техникуми Политехникии шаҳри Душанбе факултаи хоҷагии ҷангал ташкил карда шуд. Корҳои илмӣ дар асоси барномаҳои махсус иҷро мегардиданд. Дар рушди соҳа дастовардҳои илмии олимони соҳаи ҷангалпарварӣ Т. Холдоров, Г. Сапожников, Ю. Малатковский, У. Чернова, В.И. Запрягаева, Н. Овчинников, И. Маҳмудов ва И. Канунов нақши муассир доштанд [5, с.2].

Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангали ҶШС Тоҷикистон то моҳи феврали соли 1989 фаъолият кард. Моҳи июли соли 1990 аввалин Анҷумани ҷангалпарварони ҶШС Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар он 152 нафар намояндагони хоҷагиҳои ҷангал иштирок намуданд. Бо мустақил гардидани ҷумҳуриамон, гарчанде ки соҳа ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ гашт, кормандони соҳаи ҷангалпарварӣ фаъолияти худро қатъ накарда, меҳнати софдилона карданд [1, с.15]. Дар ин давра як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа, аз қабили Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1993), Низомномаи шикор (соли 1997), Низомномаи Умури давлатии ҳифзи ҷангал (соли 1999) ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа қабул гардиданд. Дар баробари ин, соли 1998 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳодияҳои истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотӣ ва ҷустуҷӯии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Барои пешрафти соҳа солҳои 1997-1998 ҳафт хоҷагии ҷангали нав ташкил карда шуд, ки инҳо хоҷагиҳои ҷангали Кӯҳистони Мастчоҳ, Ӯротеппа, Норак, Роғун, Даштиҷум, Сарихосор ва Балҷувон мебошанд. Соли 2000 дар ҳайати Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон чорумин мамнуъгоҳи давлатӣ, мамнуъгоҳи «Зоркӯл» дар базаи парваришгоҳи «Зоркӯл» таъсис дода шуд. Дар марҳилаи нави тараққиёти иқтисодии ҷумҳурӣ дар раванди таҳлили идоракунии давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори таҳти №68 аз 17 феврал соли 2004 Иттиҳодияи истеҳсолии хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистонро барҳам дода, дар заминаи он мувофиқи қарори худ таҳти №70 аз 1 марти соли 2004 дар ҳайати Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Агентии хоҷагии ҷангал ва шикор»- ро таъсис дод. Баҳри беҳдошти ҳифзи муҳити зист, рушди соҳаи ҷангалапарварӣ, таъсис додани плантатсияҳои дарахтони зудамалкунанда, ба танзим даровардани заминҳои фонди давлатии ҷангал ва афзунгардонии маҳсулотҳои худрӯйи ҷангал, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №396 аз 31 октябри соли 2005 Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2015 қабул гардид, ки сиёсати ҷангали ҷумҳуриро барои 10 соли оянда муайян сохт [3]. Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №428 аз 27- уми феврали соли 2008 «Дар бораи такмили минбаъдаи сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №188 аз 24 апрели соли 2008 «Дар бораи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили минбаъдаи сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хоҷагии ҷангал ва шикори Вазорати кишоварзӣ ва ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Дар мавзеи Сайёди ноҳияи Данғара дар майдони 818 га ҷангалзори намунавӣ бунёд карда шуд [5, с.4].

Саҳми сарҷангалпарварони соҳа низ дар пешрафти соҳа назаррас аст. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти амаликунандаи сиёсати давлатии ҷангалпарварӣ фаъолият дорад. Дар сохтори агентӣ 42 хоҷагии ҷангал, 5 хоҷагии ниҳолпарварӣ ва 13 парваришгоҳои табиии давлатӣ фаъолият мекунад. Шумораи умумии кормандони соҳа 4360 нафарро ташкил медиҳад, ки 800 нафари онҳо шомили Умури давлатии ҳифзи ҷангал мебошад. Дар иҷрои вазифаҳои ба уҳдадоштааш

муассисаи мазкур қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, нақшаҳои истеҳсолиашро муайян ва амалӣ месозад [7, с. 52]. Дар доираи «Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» дар майдони 2078 га корҳои бунёду барқарорсозии ҷангалзорҳо ба анҷом расонида шуданд, ки 100,5 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад. Аз ин 784,3 га бо усули кишти тухми дарахтон ва 1293,7 га бо тарзи шинонидани ниҳолҳои дарахтону буттаҳои гуногун мебошад. Инчунин, баҳори соли 2011 аз тарафи хоҷагиҳои ҷангал дар мавзеи Сайёди ноҳияи Данғара ба миқдори 2230 бех ниҳолҳои дарахту буттаҳо шинонида шуд. Талаботи сол аз сол афзудаистодаи хоҷагиҳои ҷангал ва дигар ташкилоту корхонаҳоро ба ниҳолҳои дарахтону буттаҳои гуногун ба назар гирифта, муассиса ба масъалаи зиёд намудани намуд ва миқодори ниҳолҳои хушсифат аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Дар хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ ва ниҳолхонаҳои хурди хоҷагиҳои ҷангал баҳори соли 2011 ба миқдори 5 тонна тухмиҳои дарахтони гуногун кишт карда шуданд. Ҷамъ ба миқдори 431,3 ҳазор бех қаламчаҳо ва кӯчати дарахтони ангур, анор, санҷит, хуч, ангат, сафедор, гули садбарг, сановбар, туя, арча, кипарис ва ғайраҳо парванда карда шуд [2, с.129].

Хуллас, баъди ба тавсиб расидани барономаҳову қонунҳои дар боло зикршуда соҳаи ҷангалпарварӣ рушду нумӯъ карда истодааст. Парвариши дарахтони пистаро чунон ба роҳ мондан даркор аст, ки на танҳо талаботи дохилии мамлакатро таъмин кунад, балки ҷумҳуриро ба истеҳсолкунандаи асосии писта дар бозори ҷаҳонӣ табдил диҳад.

АДАБИЁТ

1. Енъкова А. П. Писта / А. П. Енъкова. – Душанбе: Ирфон, 1978. -60 с.
2. Запрягаева В.И. Дикорастущие плодовые Таджикистана. Фисташка / В.И. Запрягаева. -Л.: Наука, 1964. – С.129-196.
3. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июни соли 1993, №770 қабул карда шудааст.
4. Попов К. П. Фисташка в Среднеи Азии / К. П. Попов. – Ашхабад: Ылым, 1979. -160 с.
5. Попов К.П. Биоморфологические и экологические особености Pistacia vera L.//Бот.ж.-Т.61.- №2. – С.177-186.
6. Рыбаков А.А. Плодоводство Узбекистана / А.А. Рыбаков, С.А. Остроухова. - Ташкент: Укитувчи, 1972.
7. Савченко А.Д. Проблемы сохранения генофонда фисташки в Таджикистане / А.Д.Савченко, З.А.Имамкулова, К. Нимаджанова //Науч.-произв. ж. «Кишоварз». -2005. -№2. – С.163.
8. Чернова Г.М. Опыт создания промышленных плантаций фисташки настоящей в Южном Таджикистане на селекционной основе / Г.М.Чернова, Г.С. Олехнович //Обз.инф.Тадж НИИТИ. – Душанбе, 1985. – 170с.
9. Чернова Г.М. Рекомендации по созданию промышленных плантаций фисташки на селекционной основе / Г.М. Чернова. - Ташкент, 1983.

ТАЪРИХ ВА СОХТОРИ ХОҶАГИҲОИ ҶАНГАЛИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур дар бораи инкишофи хоҷагии ҷангал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Соҳаи ҷангал яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Вазифаи аввалиндараҷаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони он бунёд ва барқароркунии ҷангал, муҳофизати он, ба ҳисоб меравад. Тавре дар моддаи 36 Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Мақсади бунёд ва барқарор кардани ҷангал аз нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии ҷангалҳо, афзун гардонидани гуногунии биологӣ, инчунин мусоидат намудан ба паст кардани таъсири гармшавии иқлим ва дигар падидаҳои табиӣ иборат мебошад”. Як нуқтаро мехоҳем таъкид намоем, ки кормандони Агентии хоҷагии ҷангал ниҳолҳоро бештари вақт мутобиқ ба минтақа парвариш менамоянд то ин ки ин дарахтон хуб нашъунамо карда, ҳосили фаровон ба бор оранд. Агар дар хоҷагиҳои ҷангали дигар давлатҳо бештар дарахтони арча, сафедор ва сояафкану ороишӣ рӯянд, дар ҷангалҳои Тоҷикистон аксаран дарахтони худрӯ ва мевадиҳанда, аз қабили писта, санҷид, дулона, настаран ва чормағз мерӯянд. Хуллас, Агентии хоҷагии ҷангал дар оянда низ ҷиҳати зиёд ва барқарор намудани ҷангалҳо, пурзӯр намудани муҳофизати он, кам кардани қонунвайронкуниҳо дар ин самт аз тарафи сокинони мамлакат, таъсиси боғҳои интенсивии мутобиқ ба ҳар минтақа, ташкил намудани коргоҳи хурд барои коркарди мева ва гиёҳҳои шифобахш тадбирҳои муассир меандешад.

Калидвожаҳо: Боғ ва хоҷагиҳои ҷангал, дарахти писта, хоҷагиҳои ҷангали Тоҷикистон, боғу токпарварӣ, Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал, Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотӣ.

ИСТОРИЯ И СТРУКТУРА ЛЕСНОГО ХОЗЯЙСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье исследуется развитие сектора фисташкового лесного хозяйства в Республике Таджикистан, где приводятся данные, основанные на надежных источниках. Агентство лесного хозяйства при Правительстве Республики Таджикистан - одна из основных отраслей национальной экономики. Основная задача Агентства и его сотрудников - создание и восстановление лесов, их защита, а также уход за дикими лесными продуктами и

лекарственными растениями. Согласно статье 36 Лесного кодекса Республики Таджикистан, целью облесения и восстановления является сохранение и улучшение экологического состояния лесов, увеличение биоразнообразия, а также уменьшение последствий глобального потепления и других природных явлений. Следует отметить, что сотрудники Агентства лесного хозяйства часто выращивают растения в соответствии с регионом, чтобы эти деревья хорошо росли и давали хороший урожай. В то время как в лесах других стран преобладают можжевельник, тополь, тенистые и декоративные деревья, в лесах Таджикистана преобладают одомашненные и фруктовые деревья, такие как фисташка, санджид, боярышник, настурция и грецкий орех. Агентство лесного хозяйства продолжит принимать эффективные меры по увеличению и восстановлению лесов, усилению их защиты, сокращению нарушений со стороны местных жителей, созданию интенсивных садов в каждом регионе и созданию небольшого цеха по переработке фруктов и лекарственных растений.

Ключевые слова: фисташковые сады и фисташковые леса, фисташковые деревья, лесхозы Таджикистана, исследователи в области фисташек, садоводство, Государственный комитет лесного хозяйства, НИИ, фисташковое лесоводство.

HISTORY AND STRUCTURE OF FORESTRY IN TAJIKISTAN

This article examines the development of the pistachio forestry sector in the Republic of Tajikistan, which provides data based on reliable sources. The Forestry Agency under the Government of the Republic of Tajikistan is one of the main sectors of the national economy. The primary task of the Agency and its staff is the establishment and restoration of forests, their protection, as well as the care of wild forest products and medicinal plants. According to Article 36 of the Forest Code of the Republic of Tajikistan, the purpose of afforestation and restoration is to preserve and improve the ecological condition of forests, increase biodiversity, as well as to reduce the effects of global warming and other natural phenomena. I would like to emphasize that the staff of the Forestry Agency often grows plants in accordance with the region. So that these trees can grow well and produce a good harvest. While forests in other countries are dominated by juniper, poplar, shade and ornamental trees, Tajikistan's forests are mostly domesticated and fruit trees such as pistachio, sanjid, hawthorn, nasturtium and walnut. In conclusion, the Forestry Agency will continue to take effective measures to increase and restore forests, strengthen its protection, reduce violations by local residents, establish intensive orchards in each region, and establish a small workshop for processing fruits and medicinal plants. thinks.

Keywords: pistachio orchards and pistachio forests, pistachio trees, forestry enterprises of Tajikistan, pistachio researchers, horticulture, State Forestry Committee, research institute, pistachio forestry.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Файззода Рамазон Хурсанд*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:**735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар. кӯчаи Айнӣ, 67.Телефон: **987 37 37 13,**

Баротова Сарвиноз Ҷаъфаровна **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:**735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар. кӯчаи Айнӣ, 67.

Абдуназаров Хушбахт **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумии факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға:**735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар. кӯчаи Айнӣ, 67.

Сведения об авторах: ***Файззода Рамазон Хурсанд*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент кафедры общей истории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **987 37 37 13**

Баротова Сарвиноз Джаъфаровна **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент кафедры общей истории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67.

Абдуназаров Хушбахт **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доктор исторических наук, профессор кафедры бщей истории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67.

Information about the authors: ***Fayzoda Ramazon Khursand*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant of the Department of General History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **987 37 37 13**

Barotova Sarvinoz Dzhafarovna - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, assistant of the Department of General History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67.

Abdunazarov Khushbakht - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of General History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67.2

Ф А Л С А Ф А – Ф И Л О СО Ф И Я

УДК 316.334.4:316.7 – 053.81(575.3)

СОЦИОКУЛЬТУРНЫЕ ПОЗИЦИИ ТАДЖИКСКОЙ МОЛОДЕЖИ: СОЦИОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПОЛИТИЧЕСКОЙ И ПРАВОЙ КУЛЬТУРЫ

Холматова Л.Ю.
Российско-Таджикский (славянский) университет

Молодёжь характеризуется теми общественными отношениями и общественными формами, которые определяют её как самостоятельную социально-демографическую группу. Молодёжь имеет ряд особенностей, вытекающих, прежде всего, из самой её объективной сущности. Социальные особенности молодёжи определяются специфической позицией, которую она занимает в процессе воспроизводства социальной структуры, а также способностью не только наследовать, но и преобразовывать сложившиеся общественные отношения. Противоречия, возникающие внутри этого процесса, лежат в основе целого комплекса специфических молодёжных проблем, в частности в формировании политической и правовой культуры.

Дастгирии ҳамбастагиҳои муносиб байни гурӯҳҳои этникӣ дар Тоҷикистон дар ҷараёни ташаккул ва институтсозии давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳоло низ нақши муҳим мебозад. Он асоси коркарди механизмҳои мувофиқсозии манфиатҳои давлат, гурӯҳҳои этникӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии миллӣ-фарҳангӣ бо мақсади ҳифзи устувории сиёсӣ ва муттаҳидсозии халққо мебошад. Ин барои дастгирии ҳамбастагиҳои самараноки этникию фарҳангии гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият бо мақсади ба даст овардани ҷараёни аз тарафи ҳама қабулшудае, ки дар рафти он гурӯҳҳои субэтникӣ байни худ робитаҳои мусбии рафтор, маърифатӣ ва эҳсосотӣ, якдигарфаҳмӣ ва таҳаммулпазириро муқаррар менамоянд, он низоми мавҷударо дар ҳолати мувозинаи устувор нигоҳ медорад.

Дар баробари ин, ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ яке аз асосҳои муҳимми дастгирии фаъолияти созандаи инсон дар ҷамъият мебошад. Он ба инсон имкон медиҳад, ки аз фазои маҳдуди худ берун барояд ва асоси инъикоси хосси воқеияти объективӣ гардад. Бояд қайд кард, ки маданияти миллии ҷамъиятҳои муосири бисёрэтникӣ ба пуррагӣ берун аз чунин ҳамбастагиҳо вуҷуд дошта наметавонад. Дастгирии асосҳои созандаи ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ ба афзоиши таҷрибаи на танҳо маданияти умумимиллӣ, балки маданиятҳои дигари субэтникӣ оварда мерасонад. Чи тавре ки В.С. Ерасов мунсифона қайд мекунад, «дар ҳамбастагии фарҳангҳои ин тип тамоюлҳои духела зуҳур меёбанд. Дарки дуҷонибаи унсурҳои маданият, аз як тараф, ба равандҳои ҳамгироӣ, ба такомули ҳамдигарғанигардонӣ, мубодила ва ҳ.к., мусоидат менамояд, аз тарафи дигар боиси тақвияти худогоҳии этникӣ, майл ба устувории махсусияти этникӣ мегардад. Худ ба худ муошират этникӣ, ки дар тақвияти робитаҳо, дузабонӣ, афзоиши миқдори никоҳҳои омехта ва ҳ.к. ифода меёбад, ҳанӯз ба ташаккули умумият оварда намерасонад. Чи тавре ки маълум аст, фарҳанги этнос на танҳо ҳамгироӣ ва устувории онро чун система таъмин мекунад. Унсурҳои ин фарҳанг умри дубора низ доранд, зеро ки вазифаҳои этнос барои фарқияти «мо» ва «онҳо» чун асос хизмат менамоянд» [4].

Барои дарки мазмуни гуфтаҳои боло бояд дар назар дошт, ки асоси ташаккул ва рушди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангиро ҳам шароитҳои объективӣ ва ҳам омилҳои субъективӣ ташкил медиҳанд ва ахиран дар ин раванд омилҳои объективӣ нақши асосиро мебозанд. Маҳз омилҳои объективӣ ташаккул, рушд, самти умумӣ ва таҳарруки онҳоро муайян мекунанд. Ҳол он ки дар ҳолатҳои муайян лаҳзаҳои субъективӣ низ дар ба роҳ мондании ҳамбастагиҳои лоқайдонаи этникию фарҳангӣ нақши ҳалкунанда бозида метавонанд ва ин нуқтаи назар аҳамияти асосии омилҳои объективиро дар ин ҷараён камтар намекунад. Ин шароитҳо дар робитаи байниҳамдигарӣ доираи таҷассумсозии падидаҳои иҷтимоӣ ва аҳамияти онҳоро дар низоми мушаххаси ҷамъиятӣ муайян менамоянд. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо кӯшиш ба харҷ додем, ки аҳамияти ин шароитҳоро дар доираи зоҳиршавии ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ дар мисоли ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон нишон диҳем. Қобили қайд аст, ки ба шароитҳои объективии ташаккул ва рушди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ саъю кӯшиш дар роҳи баробарсозии дастрасии гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ба захираҳои рушд ва соҳаи татбиқи фаъолияти худ мансуб аст. Муваффақ гардидан ба ин мақсадҳо аксаран аз ҳалли масъалаҳое вобаста аст, ки онҳо дар доираи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ қарор доранд, чунки онҳо меъёрҳои асосии ташаккулдиҳанда буда, тарафҳои дигари ҳамбастагиҳои гурӯҳҳои хурдқавмиро дар ҳудудҳои давлати миллӣ муайян менамоянд. Шаффофияти дастрасӣ ба ин захираҳо имкон медиҳад, ки дар асоси маданияти миллати асосӣ маданияти маънавии умумимиллӣ ташаккул ёбад, ки сатҳи он хусусиятҳои давлат ва дараҷаи зоҳиршавии дастгирии шаҳрвандон аз онро тавсиф менамояд. Яъне, аз бисёр ҷиҳат мавҷудият ва ҷорӣ намудани ин шохисҳо аз шаффофияти комгории иҷтимоии шаҳрвандон дар доираи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Дар ин ҷода

мо бо В.А.Тишков ҳамфикрем, ки қайд мекунад: «Давлатҳои муосир мисли давлатҳои пешина сусту заифанд. Ва носозгориҳои асосӣ нисбат ба давлат дар дохили худи иттиҳоди сиёсӣ қарор доранд. Лаҳзаи муҳимтарин барои одоби шаҳрвандӣ (ба ибораи одитар «муҳаббат ба ватан») шароитҳои ҳамзистии иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҷониби ин давлат созмон дода мешаванд ва барои ин одамон давлати худро ташаккул медиҳанд, қабул ва ҳифз менамояд» [7, с. 200]. Дар самти баробарии шароитҳои аввалия барои комгории иҷтимоии аъзоёни ҷамъият новобаста аз мансубияти этникии онҳо дар Тоҷикистон корҳои зиёде ба сомон расонида шудаанд. Ҳамгироии онҳо ба ҳаёти иқтисодии мамлакат ҳам дар доираи ҳуқуқӣ ва ҳам воқеӣ маҳдуд намегардад. Конститутсияи мамлакат ва санадҳои мувофиқи ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқҳои асосии онҳоро кафолат медиҳад ва онҳо дар асоси баробарӣ дар ҳаёти иқтисодӣ иштирок мекунанд, моликияти худро ихтиёрдорӣ менамоянд, дар ҳудуди мамлакат ва берун аз он озодона ҳаракат мекунанд ва ғайра.

Яке аз чунин асосҳои объективии ба роҳ мондани ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ дар ҷомеа зимни идоракунии равандҳои демократии ҷамъиятӣ пойдории баробарии расмӣ-ҳуқуқии намояндагони гурӯҳҳои гуногуни этникӣ, ки дар ҷомеа зиндагӣ мекунанд ва дар онҳо парваридани рӯҳияи ҳамватанӣ ва ҳамфикрӣ мебошад. Ин имкон медиҳад, ки онҳо ба равандҳои ҷамъиятӣ ворид шаванд ва дар рушди ҷомеа саҳми худро гузоранд. Дар ин маврид лоиҳаҳои сохташавандаи умумимиллӣ, мисли сохтмони НБО Роғун, метавонад чун майдони муҳимми ҳамкории байни қавмҳо ва ташаккули ҳувияти шаҳрвандӣ бошад. Шароитҳои объективӣ, чун қоида, тавассути омилҳои субъективӣ ва фаъолияти амалии одамон, ки ин шароитҳоро дарк кардаанд, татбиқ меёбанд. Диалектикаи субъективӣ чунин аст, ки мабдаи субъективӣ, дар навбати худ, ба ҷараёни рушд ва такомули шароитҳои объективӣ таъсир мерасонад [8]. Ҳамин тариқ, вобастагии тарафайн, ягонагии ҷанбаҳои объективӣ ва субъективиро дар назар дорад, ки дар раванди таъсири фарҳангҳои якҷоя амалкунанда ба ҳамдигар омилҳои субъективӣ низ, ки тавассути онҳо воридшавии унсурҳои як фарҳанг ба фарҳанги дигар рӯй медиҳад, нақши муассир мебозанд. Танҳо омили субъективӣ татбиқи имкониятҳое мебошад, ки онҳоро имкониятҳои объективӣ ба вуҷуд овардаанд. Он метавонад нақши ҳалкунанда дошта бошад, агар барои ташаккули ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ шароитҳои объективӣ ба вуҷуд омада бошанд. Асоси иҷтимоии омилҳои субъективӣ, умуман, аз падидаҳое ташаккул меёбанд, ки ба худогоҳии этникӣ, ҳаммонандсозии онҳо, хотираи таърихӣ ва вижагиҳои шаклҳои зуҳури онҳо дар доираи давлатҳои муосири миллӣ алоқаманд мебошанд. Дар раванди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ мақоми муҳимро худогоҳии этникӣ мебозад, ки дар он низоми арзишҳои ин ва ё он гурӯҳи субэтникӣ ва фазои ягонаи ташаккулдиҳандаи робитаву қоидаҳои онҳо мутамарказонида шудаанд. Он дар ҷараёни инкишофи таърихии ин гурӯҳҳо ба вуҷуд меояд ва бо анъанаҳои рушди маданияти онҳо қаблан муайян гардидааст [1]. Ин на танҳо ифодаи мансубияти одамон ба ин ё он умумият, балки падидаи мураккаби иҷтимоӣ мебошад, ки дар худ ҳам қолабҳои этникӣ ва ҳам тасаввуротро дар бораи ҳудуд, маданият, забон, гузаштаи таърихӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар худогоҳии этникӣ на танҳо ҷанбаи маърифатӣ, балки эҳсосотӣ низ ҳузур дорад, ки ин муносибат ба арзишҳои маданӣ ва таърихии қавми худ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар ин сатҳи ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ дар муносибати тарафҳои бо ҳам таъсиркунанда образи маданияти «дигар» ташаккул меёбад. Ҳамзамон, кӯшиши дарки вижагиҳои фарҳанги дигар, пеш аз ҳама, ба бойшавии маданият оварда мерасонад. Дарки ҳамбастагиҳо раванди тафовути «худи»-ҳо аз «ғайр (дигарон)» гардида, дар дохили он маданияте, ки субъекти дарккунанда ба он мансуб аст, амалӣ мешавад. Илова бар ин, кӯшиши дарки «дигар» худҳаммонандсозӣ мебошад, чунки «аз ҷониби як шахсият дарки шахсияти дигар, аз ҷониби намояндагони як фарҳанг дарки вижагиҳои фарҳанги дигар, ки аз фарҳанги худӣ фарқ мекунад, маънои пурра ғӯтавар шудан ба сохтори арзиши бегона ва маҷмӯи муносибату ақоиди худро ба дигарон зӯран бор кардан намебошад. Дарку фаҳм

натиҷаи бархӯрдҳо, муколама амали якҷоя мебошад. Дилхоҳ муошрати инсонӣ ва инчунин идрок аз рӯйи табиати худ муколама мебошанд» [2, с. 68].

Ҳоло, вақте ки мо дар вазъияти зуҳури фаъоли ҳиссиёти этникӣ қарор дорем, мебинем, ки чи тавр ин категорияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар сатҳи шуури оммавӣ фаъолона зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, бояд дарк намуд, ки унсури эҳсосотӣ, танзимкунандаи худогоҳии этникӣ ҷанбаи иттилоотӣ-маърифатии худогоҳии этникиро фаъол мегардонад. Хусусияти муколамавии ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ дар сатҳи маънавӣ-иттилоотӣ майлу рағбатро ба гузаштаи таърихӣ ва дар баробари ин, ба арзишҳои мадании гурӯҳҳои дигари этникӣ зиёд менамояд. Пас, ташаккули худогоҳии этникӣ аксаран бо мавҷудияти ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ, ташаккули баъзе тасаввурот дар бораи тавсифи этникии на танҳо гурӯҳи худӣ, балки гурӯҳҳои дигари этникӣ низ мегардад. И.С. Кон дуруст қайд мекунад, ки «худогоҳии этникӣ ҳамеша даркшуда ё даркнашуда, таносуби сифатҳоро бо сифатҳои шахси дигар дар назар дорад» [6, с. 148]. Зимни чунин таносуб, аз як тараф, фарқият муқаррар ва, аз ҷониби дигар, дарк карда мешавад. Эҳтимол, дар чунин маврид, диққати асосӣ ба «худӣ», ки ба «бегона» монанд нест, равона мегардад. Дар чунин раванди идрок диққати асосӣ ба этносентризм дода мешавад.

Ҷанбаи дигари омили субъективӣ дар зоҳирёбии ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ муошрати байнишахсӣ мебошад. Он чун омили муҳимми бартарафсозии тафаккури қолабишуда ва ҳамзамон барои ғанӣ гардидани симои маънавии инсон мусоидат менамояд. Дар ин давраи ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ бо такя ба мантиқи муҳокимаи қаблӣ азхудкунӣ ё радкунии ин ё он унсури маданияти гурӯҳи этникии бартаридошта (доноршаванда) ба вуҷуд меояд, ҳол он ки дар ин маврид ҳамбастагии фарҳангҳо дида мешавад. Тағйирёбии унсурҳои фарҳанги ақаллиятҳои этникӣ (ретсипиент) дар натиҷаи робитаҳо бо фарҳанги гурӯҳи этникии бартаридошта рӯй медиҳад. Нақши омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар раванди ҳамбастагҳои этникию фарҳангӣ хусусияти баҳамгузарандаро дорад. Аммо, умуман шароитҳои объективӣ тавассути омилҳои субъективӣ, тавассути фаъолияти амалии одамон, ки ин шароитҳоро дарк кардаанд, татбиқ мешаванд. Диалектикаи субъективӣ дар ҷараёни зуҳури ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ чунин аст, ки мабдаи субъективӣ дуюмдараҷа, яъне вобаста буда, аммо ба ҷараёни рушд ва такомули шароитҳои объективӣ таъсир мерасонад. Дар ҷараёни зуҳури ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ нақш ва аҳамияти омилҳои субъективӣ дар давлатҳои муосири миллӣ, вақте ки онҳо мекӯшанд, ки мазмуни худогоҳии субэтникиро бо усулҳои сохтмони давлати миллӣ мувофиқ созанд, бузург мегардад ва ягонагии субъективию объективӣ устувортар ва аз ҳамдигар вобаста мешаванд. Омили субъективӣ, чи тавре ки гуфта шуд, таъмини татбиқи имкониятҳое мебошад, ки шароитҳои объективӣ ба вуҷуд овардаанд ва онҳо дар зуҳури ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ, агар барои зуҳури чунин ҳамбастагиҳо шароитҳои объективӣ ба вуҷуд омада бошанд, нақши ҳалкунанда мебозанд. Таҳлили ташаккули ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ нишон медиҳад, ки байни шароитҳои объективӣ ва омилҳои субъективии ин ҷараён ягонагӣ мавҷуд аст, ки яке аз манбаъҳои бобарори ташаккули сохтори нави арзишҳои одамон, дарёфти шаклҳои нави тақвияти устувори ҳамбастагиҳо бо муҳит, бо ҳамдигар, бо гурӯҳ ва ғайра мебошад. Ин ягонагӣ ба ҷавҳари моҳиятии ҳаёти иҷтимоии ҷамъият дахл мекунад ва ниҳодҳои иҷтимоиро ба ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба саволҳои зерин равона менамояд: 1) Асоси тағйирёбии муносибати байни одамонро чӣ ташкил медиҳад? 2) Дар доираи ҷустуҷӯи ҳалли кадом масъалаҳо ҳамгироии манфиатҳо, самтҳои рафтори одамон рӯй медиҳад? 3) Моро бо одамони гурӯҳҳои дигар дар ҷомеа, маҳалла, ноҳия ва ғайраҳо чӣ муттаҳид месозад ва чӣ ҷудо мекунад? 4) Сабаби фарқиятҳои байни анъанаҳо, меъёрҳо ва арзишҳо, рафтори гурӯҳҳо, умумиятҳо, афрод ва ғ. дар чист? Ҷустуҷӯи ҷавоб ба ин саволҳо ба дараҷаи муайян дар доираи интегратсияи фарҳангҳои субэтникӣ дар фазои фарҳанги умумимиллӣ бо нигоҳдории вижагиҳои онҳо қарор дорад. Чи тавре ки муҳаққиқи рус Н.В. Захарова қайд мекунад, «махсусияти халқ ин фарҳанги этникии ӯ, ин қабати поёнии фарҳанги миллӣ буда, дар маҷмӯи меъёрҳои рафтор ва усулҳои ҷаҳонбинӣ,

ки дар умқи шуури одамон ниҳон аст, ба шумор меравад. Маданияти этникӣ на тамоми фарҳанг, балки қисми хосси он, ки махсусият дорад ва маҷмӯи танҳо ҳамон унсурҳо ва сохторҳои фарҳангӣ мебошад, ки дар назари намояндагони дилхоҳ этнос ва дар баъзе ҳолатҳо дар назари атрофиёни ӯ низ дар доираи «худӣ-бегона» вазифаи фарқкунандаи этникиро иҷро мекунанд» [5, с. 261].

Шароитҳои объективӣ ва унсурҳои омили субъективии ташаккули ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ на танҳо ягонагӣ, балки муборизаи ба ҳам зидҳо, низоъро низ ифода менамоянд. Ҳузури ин лаҳзаҳо пурра лаҳзаҳои манфӣ набуда, он, инчунин, сарчашмаи муҳимтарини идораи самараноки рушди этникию фарҳангӣ ва ташаккули иттиҳоди этникию сиёсии халқҳои Тоҷикистон мебошад. Мухолифат байни шароитҳои объективӣ ва омилҳои субъективӣ метавонад хусусияти умумӣ дошта бошад ва ё асосан вижагиҳои рушди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангиро ифода намояд. Зиддият байни шароитҳои объективӣ ва унсурҳои омили субъективии ташаккули ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ қобилияти тарафҳоро дар дарки ҷанбаҳои умумӣ ва вижагиҳо дар байни фарҳангҳои гуногун рушд медиҳад. Ин раванд маърифату фаъолияти инсонро пурмаҳсул месозад, ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ ҳавасманд мегардонад, таҷрибаи муносибати дуҷонибаи лоқайдонаро бой гардонида, одамонро ба рафъсозии хатоҳо зимни татбиқи талаботи объективии қонунҳои рушди ҷомеа сафарбар менамояд. Ҳамин тариқ, шароитҳои объективии ташаккули ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ робитаи диалектикиро байни равандҳои иҷтимоӣ ва этникӣ ифода мекунанд.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, метавон гуфт, ки дар шароити рушди давлатҳои муосири миллӣ ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ таҳарруки ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва маданӣ, ки саъю кӯшишро барои ба даст овардани тавофуқ дар ҷомеа, ҷустуҷӯи роҳҳои ба сохторҳои ҳаммонандсози гурӯҳҳои этникӣ дохил намудани намодҳои ҳувияти умумишаҳрвандӣ тавсиф месозанд, ифода мекунанд. Бе омӯзиши мунтазами ин ҷараён, дарки омилҳои объективӣ ва субъективӣ ва тамоилҳои равандҳои тағйирёбандаи рушди устувору ҳаматарафаи мамлакат ва демократисозии ҳаёти ҷамъиятӣ онро интизор шудан мушкил аст. Омӯзиши масъалаҳое, ки ба таъмини устувории иҷтимоӣ ва рушди босуботи ҷомеаи муосири тоҷик алоқаманданд, бе санҷиши сифати ҳамбастагиҳои этникию фарҳангии дар он рӯйдиҳанда номумкин аст. Бояд дар назар дошт, ки тағйири мазмуни ин ҳамбастагиҳо ба тағйирёбии худи ҷамъият оварда мерасонад. Ба даст овардани сатҳи мувофиқи ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ ба фароҳам овардани шароит барои роҳ ёфтан ба фаъолнокии иҷтимоӣ ва ҳисси масъулиятшиносии фард берун аз ҳудуди ҷамоа ва гурӯҳи худ бо мақсади нигоҳдории афзалияту манфиатҳои умумимиллӣ имконият медиҳад. Маҳз дар ин ҷо мавқеи шаҳрвандии фард нисбат ба ҷамъият ва манфиатҳои рушди он зоҳир мегарданд. Ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ дар ин самт метавонанд вазифаи ҳалқаи пайвасткунандаро байни мазмуни манфиатҳои умумимиллӣ ва шакли зуҳури фаъолнокии иҷтимоии шаҳрвандон иҷро намоянд.

АДАБИЁТ

1. Боронеев А.О. Нравственно-психологическое единство образа жизни советского народа / А.О.Боронеев. – Л., 1978.
2. Гусев С.С. Проблема понимания в философии / С.С. Гусев., Г.Л. Тулчинский. – М., 1985. – 68 с.
3. Джононов С. Общее и особенное в формировании и развитии социалистических национальных отношений / С. Джононов. – Душанбе.: Дониш, 1987. - 47-48 с.
4. Ерасов Б.С. Социальная культурология / Б.С. Ерасов. - М.: Аспект Пресс, 1996. - 76 с.
5. Захарова Н.Ф. Современная этнокультурная картина Нижегородской области // Сборник: Национальная идентичность России и демографический кризис / Н.Ф. Захарова. – М.: Научный эксперт, 2008. – 261 с.
6. Кон И.С. К проблеме национального характера // История и психология / И.С. Кон. – М., 1971. - 148 с.
7. Тишков В.А. Этнос и политика: статьи 1989 – 2004 гг. / В.А. Тишков. – М.: Наука, 2005. – 200 с.
8. Федосеев П.Н. Диалектика современной эпохи / П.Н. Федосеев. – М., 1973.

ТАНОСУБИ ОМИЛҲОИ ОБЪЕКТИВӢ ВА СУБЪЕКТИВӢ ДАР РАВАНДИ АМАЛҲОИ МУШТАРАКИ ЭТНИКИЮ ФАРҲАНГӢ

Дар мақола таҳлили фалсафии таносуби омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар раванди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ дар шароити давлатҳои миллии таркиби бисёрэтникии аҳолӣ дошта анҷом дода шудааст. Таъкид карда мешавад, ки ин раванд ба Тоҷикистон низ дахл дорад, зеро ки дар он ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ асосан байни қавмҳои маҳаллӣ амалӣ мегарданд. Муаллиф таъкид

менамояд, ки асоси ташаккул ва рушди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангиро ҳам шароитҳои объективӣ ва ҳам омилҳои субъективӣ ташкил медиҳанд ва ахиран дар ин раванд омилҳои объективӣ нақши асосиро мебозанд. Бамаврид қайд карда шудааст, ки ба шароитҳои объективии ташаккул ва рушди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ саъю кӯшиш дар роҳи баробарсозии дастрасии гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ба захираҳои рушд ва соҳаи татбиқи фаъолияти худ мансуб аст. Қайд карда мешавад, ки шаффофияти дастрасӣ ба ин захираҳо имкон медиҳад, ки дар асоси маданияти миллати асосӣ маданияти маънавии умумимиллӣ ташаккул ёбад, ки хусусиятҳои давлат ва дараҷаи зоҳиршавии дастгирии шаҳрвандонро аз он инъикос менамояд. Шароитҳои объективӣ ва унсурҳои омили субъективии ташаккули ҳамбастагиҳои этникию фарҳангӣ на танҳо ягонагӣ, балки муборизаи ба ҳам зидҳо, низоъро низ ифода менамояд.Мухолифат байни шароитҳои объективӣ ва омилҳои субъективӣ метавонад хусусияти умумӣ дошта бошад ва ё асосан вижагиҳои рушди ҳамбастагиҳои этникию фарҳангиро ифода намояд.

Калидвожаҳо: объективӣ, субъективӣ, этникӣ, фарҳанг, қавм, субэтнос, ҳамбастагӣ, байналмилалӣ, миллат, маданият, маърифат.

СООТНОШЕНИЕ ОБЪЕКТИВНЫХ И СУБЪЕКТИВНЫХ ФАКТОРОВ В ПРОЦЕССЕ ЭТНОКУЛЬТУРНЫХ ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ

В статье производится философский анализ соотношения объективных и субъективных факторов в процессе этнокультурных взаимодействий в границах современных национальных государств, которые имеют полиэтничный состав населения. Отмечается, что этот процесс можно отнести и к Таджикистану, где этнокультурные взаимодействия внутри в основном осуществляются между локальными этносами. Автор отмечает, что формирование и развитие этнокультурных взаимодействий обусловлено как объективными условиями, так и субъективными факторами, причём первым из них принадлежит в конечном итоге ведущая роль. Уместно отмечается, что к объективным условиям формирования и развития этнокультурных взаимодействий относится приложение усилий на пути выравнивания доступа различных этнических групп, общностей к ресурсам развития и сфере реализации своей активности. Прозрачность доступа к этим ресурсам позволяет, чтобы на основе культуры основной нации создавалась общенациональная духовная культура, уровень которой характеризует специфику государства и степень проявления лояльности граждан к ней. Объективные условия и элементы субъективного фактора формирования этнокультурных взаимодействий выражают не только единство, но борьбу противоположностей, конфликтность. Противоречия между объективными условиями и субъективными факторами могут носить общий характер или выражать главным образом специфику развития этнокультурных взаимодействий.

Ключевые слова: объективный, субъективный, этнический, цивилизация, этнос, субэтнос, взаимодействие, межнациональный, нация, культура, познание.

THE RATIO OF OBJECTIVE AND SUBJECTIVE FACTORS IN THE PROCESS OF ETHNOCULTURAL INTERACTIONS

The article provides a philosophical analysis of the ratio of objective and subjective factors in the process of ethnocultural interactions within the borders of modern nation states that have a multi-ethnic composition of the population. It is to noted that this process can also be attributed to Tajikistan, where ethnic and cultural interactions within are mainly carried out between local ethnic groups. The author notes that the formation and development of ethnocultural interactions is due to both objective conditions and subjective factors, the first of which ultimately plays the leading role. It is appropriately noted that the objective conditions for the formation and development of ethnocultural interactions include the application of efforts towards equalizing the access of various ethnic groups, communities to development resources and the sphere of realization of their activity. Transparency of access to these resources allows for the creation of a nationwide spiritual culture based on the culture of the main nation, the level of which characterizes the specificity of the state and the degree of manifestation of citizens' loyalty to it. The objective conditions and elements of the subjective factor in the formation of ethnocultural interactions express not only unity, but the struggle of opposites, conflict. The contradictions between objective conditions and subjective factors can be of a general nature or express mainly the specifics of the development of ethnocultural interactions.

Keywords: objective, subjective, ethnic, civilization, ethnos, subethnos, interaction, interethnic, nation, culture, knowledge.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Пиров Аламшо Каримович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои фалсафа. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Телефон: **904353622**, E-mail**:** **pirov.alamsho@mail.ru**,

Сведения об авторе: ***Пиров Аламшо Каримович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат философских наук. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, ул. Айни, 67. Телефон: **904353622**, E-mail**:** **pirov.alamsho@mail.ru**,

Information about author: ***Pirov Alamsho Karimovich*** – Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Ph.D candidate on philosophy. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, st. Aini, 67. Tel: 904353622, E-mail: pirov.alamsho@mail.ru

УДК:173 (575.3)

АҚИДАҲОИ ИРФОНИЮ АХЛОҚИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР "БАҲОРИСТОН"

Амонатова Ф.Қ.
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи донишомӯзӣ, китобхонӣ ва забонҳои гуногунро аз худ намудани ҷавонону наврасон ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар суханрониҳои худ муҳим будани ин масъаларо таъкид месозанд. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки ҳангоми тарбияи насли ҷавону наврас таъкиду ҳидоятҳои Сарвари давлатро сармашқи кори худ қарор диҳем. Ҳавасманд намудани онҳо ба китобхонӣ, омӯхтани илму дониш, ёд гирифтани касбу ҳунар, ҳидоят намудани онҳо ба ростқавливу росткорӣ, самимияту адолатпешагӣ, хоксорию фурӯтанӣ ва дигар хислатҳои неки инсонӣ вазифаи ҳар яки мост. Аз ин лиҳоз мо бояд дар ҷараёни таълиму тарбияи насли ояндасози кишвар аз осори гаронбаҳои гузаштагонамон фаровон ва самаранок истифода барем, аз ҷумла аз эҷодиёти пурмуҳтавои мутафаккири бузурги тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ, ки асари барҷастаи ӯ "Баҳористон", бешубҳа, барои тарбияи ҷавонону наврасон дастурамали арзандаю сазовор аст.

"Баҳористон" дар миёни дигар асарҳои Абдураҳмони Ҷомӣ мақому мартабаи хос дошта, ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Ба андешаи шоир, мақсади асосии тарбия ба камол расонидани инсони комил аст. Ҷомӣ фарзандро беҳтарин неъмати рӯйи ҷаҳон дониста, таълиму тарбияи ӯро вазифаи муқаддаси падару модар меҳисобад. Барои камолоти фарзанд тарбия дар оила, мактаб ва мадрасаро тавсия медиҳад. Шоир мефармояд, ки баъди тарбия дар оила кӯдакро ба мактаб фиристодан лозим аст, зеро маҳз мактаб бояд ба ӯ илм омӯзонад. Ҷомӣ ҳамчун муаллими соҳибтаҷриба тавсия медиҳад, ки омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарро аз хурдсолӣ оғоз намудан лозим аст [9, с.66].

Зимнан, масъалаҳои тарбия ва ахлоқу одоб дар гузашта муҳимтарин унсурҳои зиндагии инсонӣ шинохта шуда, аз рӯйи қавли донишмандон, ба сифати фалсафаи амалӣ дар танзими фарҳанг ва маънавиёти башар нақши калидӣ доранд [6, с.9]. Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи инсон ва мавқеи ӯ дар зиндагӣ сухан ронда, ҳамеша муҳим будани дӯстию рафоқати байниҳамдигарии одамонро таъкид мекард ва чунин мешуморид, ки унсурҳое чун миллат, қавму нажод ва дину мазҳаб ба ҳамзистии аҳли башар набояд халал расонанд. Ҷомӣ дӯстони ҷонӣ ва содиқу вафодорро, ки ҳамеша ва дар ҳама шароит аҳди дӯстиро пойдору устувор нигоҳ медоранд, васф намуда, мефармояд, ки одам бояд дар талаби ёрони содиқ ва рафиқони мувофиқ бошад. Ба ақидаи ӯ, дӯст бояд дар роҳи дӯстӣ ҷоннисор бошад ва дӯстро аз душман ҷудо кунад:

Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
Валекин дӯст аз душман ҷудо кун.

Дар ақидаҳои педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ тарбияи инсондӯстӣ ҷойи намоёнро ишғол мекунад. Накукорӣ ва некномӣ беҳтарин сифатҳои инсон ва ҷавҳари одамиянд. Ӯ одамонро ба номи нек доштан даъват намуда, гуфтааст, ки баъди мурдан танҳо номи нек зинда хоҳад монд. Масалан, беозориро яке аз хислатҳои шоистаи инсон шуморидааст. Ростӣ ва ростқавлиро низ хислатҳои шоистаи инсон медонад. Аз ҷумла ба мақоми муаллим дар ҷамъият баҳои баланд дода, фармудааст:

Агар дар ҷаҳон набувад омӯзгор,
Шавад тира аз бехиради рӯзгор.

Мутафаккири бузург ба таълиму тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода, нақши муҳим доштани муаллимро қайд менамояд ва мефармояд, ки таъсири муаллим ба инсон бениҳоят бузург аст. Зеро:

Қадри устод аз падар беш аст,
В-аз падар устод дар пеш аст.

Агар падар аз ҳаёт баҳра диҳад,
Устод аз нақот баҳра диҳад.

Масъалаи ахлоқ ҳама вақт дар мадди назари ниҳодҳои фарҳангию маърифатӣ ва донишмандону адибони ҷаҳон қарор дошт, зеро арзиши воқеии зиндагӣ дар ҳикмати амалӣ, ки ҷавҳари он ахлоқ аст, ифода меёбад. Беҳуда нест, ки файласуфи маъруфи олмонӣ Карл Ясперс ахлоқро татбиқи фалсафаи қавму миллат дар арсаи зиндагӣ арзёбӣ кардааст [8, с.48]. Дар тадқиқоти худ мо кӯшиш намудем, ки нигоҳи худро ба таълимоти ахлоқии Ҷомӣ ва муайян намудани таъсири он ба фаъолияти эҷодии мутафаккирони ояндаи тоҷику форс пешниҳод намоем. Аз натиҷаи таҳлили мунаққидии осори мутафаккир ва андешаҳои иҷтимоию ахлоқии ӯ гуфтан мумкин аст, ки Ҷомӣ дар чорчӯбаи ахлоқи прагматикӣ қариб ҳамаи принсипҳо, масъалаҳо ва категорияҳои асосии ахлоқро баррасӣ намудааст. Принсипҳои мазкур ва меъёрҳои ахлоқиро Ҷомӣ чун андозаи зебоии ахлоқӣ ва ҳолати рӯҳӣ маънидод менамояд [5, с.67]. Бештари ақидаҳои иҷтимоию этикӣ ва ахлоқии Ҷомӣ то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд ва на танҳо барои тарбияи насли наврас, инчунин барои ташаккули маданияти сиёсии ҷамъияти муосири Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд. Абдураҳмони Ҷомӣ, тавре муҳаққиқи барҷастаи аҳволу осораш А.Афсаҳзод гуфтааст, муаллими ахлоқи писандидаи замони худ буда, дар ахлоқшиносии асрҳои миёна нақши бориз дорад. Ҳарчанд Мавлоно Ҷомӣ дар эҷод ва таълифу таснифи асарҳояш аз бузургони илму адаби гузашта фаровон истифода бурда бошад ҳам, дар онҳо дид ва назари шахсии худро вобаста ба мушкилот ва масоили давру замон инъикос намудааст [2, с.125]. Мавлоно Ҷомӣ «Баҳористон»-ро дар синни 73-солагӣ навиштааст ва ин нукта муҳим аст, ки ӯ аз назари таҷриба ва андӯхти рӯзгор ба дараҷаи камолот расида, дар партави андухтаву таҷрибаю омӯзаҳои рӯзгор масоили ахлоқиро мавриди назар қарор дода, маҳсули санҷишҳои зиндагиро рӯйи коғаз овардааст [10, с.64]. Ба андешаи шарқшиноси маъруфи шӯравӣ Е. Э. Бертелс, дар доираи насри бадеӣ Мавлоно Ҷомӣ танҳо як китоб навишта бошад ҳам (“Баҳористон” дар назар аст), он фавқулода асари арзишманд буда, бо забони сода ва рӯшан нигошта шудааст, ки аз забони насри асри понздаҳум мутафовит аст, дар ҳоле ки забони ин аср бештар рӯйи лафзпардозӣ ва ҳунарнамоӣ такя мекард [4, с. 117].

Гумони ғолиб ин аст, ки Ҷомӣ дар эҷоди ин асар ба «Гулистон»-и Саъдӣ пайравӣ кардааст, аммо дар «Баҳористон» масоили ахлоқӣ ва иҷтимоии замонашро матраҳ ва як навъ ҷамъбаст намудааст. «Баҳористон» намунаи беҳтарини насри иҷтимоӣ ва ахлоқист. Дар он Мавлоно ба масъалаҳои муҳимтарини ахлоқӣ таваҷҷуҳ намуда, ба масобаи ҳаким ва донишманд мушкилоти ахлоқӣ ва иҷтимоии замонашро ҳаллу фасл намудааст. Он масъалаҳоеро, ки Саъдӣ дар асарҳои худ «Гулистон» ва «Бӯстон» матраҳ кардааст, Ҷомӣ дар «Баҳористон», дақиқтараш дар 8 равзаи он мавриди баррасӣ қарор дода, ҳусну қубҳи ахлоқи замонашро ифшо сохта, бо истифода аз донишу биниш ва малакаи эҷодӣ аз бофту танишҳои ахлоқию иҷтимоии замон сухан дар миён овардааст. Коҳиши ахлоқӣ ва буҳрони иҷтимоии замон Ҷомиро водор сохт, ки чунин як китоби ахлоқиро таҳти унвони «Баҳористон» иншо намояд ва дар он масъалаҳои ахлоқиву иҷтимоиро ҷо диҳад. «Баҳористон» аз 8 боб, ки «равза» унвон шудаанд, иборат буда, ҳамагӣ матолиби ахлоқиро дар бар гирифтаанд: саргузашти орифон; ҳикмати бузургон; саргузашти подшоҳон; адолат ва ахлоқи неки онҳо; тарғиби саховатмандӣ; ҳикоятҳои шавқангези ишқӣ; мутоябаҳои сафобахш; зикри шуаро, таърифи шеър, пайдоиш ва ҳусну қубҳи он.

Гароиш ба тасаввуф, ки дар асрҳои миёна мутадовилтарин ҷараёни фикрию иҷтимоӣ маҳсуб меёфт, ба суннати асримиёнагӣ бадал шуда буд ва Ҷомӣ ҳанӯз дар айёми донишҷӯӣ дар бозгашт аз Самарқанд ба Ҳирот шавқе ба тасаввуф ёфт ва минбаъд орифи Ҷом лақаб гирифта, дар ҳақиқат «Султони маънавии Ҳирот» ба шумор меомад [6, с. 217-218]. Тасаввуф як шуъбаи ахлоқ дар асрҳои миёна талаққӣ мешуд ва ахлоқи мутасаввифини бузург ҳамеша мавриди писанд ва алоқаю истиқболу истинбот ва пайравии дигар табақоти иҷтимоии замон қарор гирифта, намунаи беҳтарини ахлоқу тарбия маҳсуб мешуд. Ин аст, ки Мавлоно Ҷомӣ аз ин василаи муассир – овардани мисолу

масалҳои тасаввуфӣ моҳирона корбаст намуда, беҳтарин намунаи ахлоқ ва тарбияро барои омӯзиши насли башар манзур намудааст. Дигар нукта ин аст, ки тибқи таъкиди муҳаққиқон, нуфузи тасаввуф дар замони Темуриён хеле афзуда буд [3, с. 27]. Ин буд, ки Мавлоно Ҷомӣ сарсуханашро дар «Баҳористон» бо равзаи «Дар нашри раёҳини чида аз басотини дурбинони роҳи ҳидоят ва садрнишинони боргоҳи вилоят» ифтитоҳ бахшида, дар ин замина аз кору рӯзгори ибратбахши сӯфиёну орифон сухан дар миён оварда, муқтазиёти ахлоқиро ба василаи пораҳои назмӣ мудаллал сохтааст. Каломи самимона ва олимонаи бузургони сӯфия, мисли Ҷунайди Бағдодӣ, Шиблӣ, Боязид, Абӯҳошими Сӯфӣ, Маъруфи Кархӣ, Пири Ҳирот (Абдуллоҳи Ансорӣ), Саҳли Тустарӣ, Абӯсаиди Абулхайр «ҷони ахлоқи асримиёнагӣ» маҳсуб меёфт ва дар ин замина Мавлоно Ҷомӣ, ки дар ҳавзаи тасаввуфи исломӣ тарбият ёфта буд, афъолу афкори он бузургонро ба сифати дастури зиндагӣ манзур сохтааст. Масалан, ба ин намуна таваҷҷуҳ мекунем: «Шайх Абӯсаиди Абулхайрро пурсиданд, ки тасаввуф чист? Гуфт: Он чӣ дар сар дорӣ, биниҳӣ ва он чӣ дар каф дорӣ, бидиҳӣ ва аз он чӣ бар ту ояд, наҷаҳӣ» [1, с.39].

Бо овардани ҳикояти мазкур Ҷомӣ аз забони Шайх тасаввуфро аз осмон ба замин фуровард ва онро назария дар амалия унвон кард. Бо меҳнати ҳалол зистан ва орӣ будан аз ҳирсу тамаъ меъёри зиндагии инсони ахлоқист ва Ҷомӣ, бо таваҷҷуҳ ба ин масъала, аз забони Абӯбакри Варроқ (аз машоихи машҳури Моваруннаҳр) чунин қисса пардохтааст: «Абӯбакри Варроқ гуфтааст: Агар тамаъро пурсанд, ки падарат кист, гӯяд: шак дар мукаддароти кирдигорӣ. Ва агар гӯянд: пешаи ту чист, гӯяд: иктисоби мазаллату хорӣ. Ва агар гӯянд: ғояти ту чист, гӯяд: ба меҳнати ҳирмон гирифторӣ» [1, с.41]. Мавлоно Ҷомӣ дар равзаи дувум доманаи баҳси ахлоқиро густурда, ба баёни мушаххасоти ахлоқӣ пардохта, аз хулқи наку, ҳирсу ҳасудӣ, зӯрию зӯрдастӣ, пастию сифлагӣ, инсондӯстию тавозуъ, нодонию фузулӣ ва амсоли инҳо тариқи ҳикоёти зебо суҳбат мекунад ва асароти манфии хасоили бад, ҳамчунин манофеи афъоли некро ба намоиш мегузорад. Ба фишурдаи ҳикояти зайл таваҷҷуҳ мекунем: «Ҳар киро хулқ бо халқ на накуст, бар бадан зиндони ӯст… Ҳасуд ҳамеша дар ранҷ аст ва бо парвардигори хеш ситезасанҷ, ҳар чӣ дигаронро диҳад, вай написандад ва ҳар чӣ на насиби вай, дил дар он бандад» [1, с. 45].

Дар равзаи савум ба муҳимтарин масъала – ахлоқи сиёсӣ ва хулқи «элитаи сиёсии замон» – шоҳону ҳокимон таваққуф намуда, одобу ахлоқи накуи сиёсатмадорро дар симои шоҳону ҳокимон инъикос кардааст. Ахлоқи намунавии сиёсӣ, ба назари Ҷомӣ, адлу дод аст, ки аз он мулку мамлакат обод мегардад. Гузашта аз ин, Мавлоно аз ахлоқи элитаи сиёсии пешиниёни худ –шоҳони Аҷам ёдовар шуда, пиндору кирдори ононро намунаи ибрат донистааст. Дар оғози ин қисмати «Баҳористон» сухан аз нухбагони сиёсии фарҳанги бостонии аҷам- Нӯшервон, Қубод, Ардашер ва амсоли онҳо дармеоварад ва ононро дар адлу ростӣ намунаи башар меҳисобад, минҷумла Нӯшервонро дар ростию адолат ягона талаққӣ мекунад: «Нӯшервон бо он ки аз дин бегона буд, дар адлу ростӣ ягона. Лоҷарам, сарвари коинот, алайҳи афзал-ус-салавот, тафохуркунон мегуфт: Вулидту фӣ замани-с-султони-л-одил» [1, с.61]. Ҳамин тавр, дар равзаи ҳаштум, ки инсоҷоми матолиби «Баҳористон» буда, «Дар ҳикояте чанд аз забони аҳволи безабонон, хирадмандону нуктадонон амсоли он вазъ кардаанд, то ба ҷиҳати ғаробату нудрат табиат бар он иқбол намояд ва бар вай абвоби фаҳми ҳикам ва масолеҳ бикушояд» унвон дорад, Мавлоно Ҷомӣ аз забони ҳайвонот, парандагону хазандагон тамсил зада, ҳикоёти ҷолибу муассири ахлоқӣ оварда, бо ин роҳ муҳтавиёти «Калила ва Димна»-и маъруфро такмил додааст ва мазомини тамсилии ахлоқии асримиёнагиро хулосабандӣ намудааст. Ин тарзи биниш, ки дар асрҳои миёна мутадовил буд, имкон медод, ки шарофату наҷобати инсонӣ ва камбуду навоқиси ахлоқӣ дар қолаби тамсилоти динию фалсафӣ дар сатҳи зарурӣ ошкор гарданд ва бо забони вуҳушу туюр таваҷҷуҳбарангез шаванд. Дар ин равза аз забони ҳайвоноту паранда ҳикоёти ҷолибу тарбиятӣ оварда шудааст, ки ҳамагӣ ибратбахшу ибратомӯзанд. Дар ҳикоёти ин равза ҳам аз тавозуъ, хоксорӣ, ҳиммatбаландӣ, ризоият ва қаноатмандӣ, некукорӣ, ҳирсу оз, тамаъварзӣ ва амсоли инҳо суҳбат шуда, Мавлоно Ҷомӣ ба василаи тамсилзаниҳо разоили ахлоқиро мазаммат ва

маҳосини ахлоқро васф намуда, мардуми солимақлро мухотаб қарор додааст ва ба сӯйи некию накукорӣ, ки тариқи асосии зиндагии инсон маҳсуб меёбад, даъват кардааст. Ба ин тамсил таваҷҷуҳ мекунем, ки дар он 600 сол қабл масъалаи танзими оила матраҳ гардидааст:

Кабӯтарро гуфтанд:

- *Чун аст, ки ту ду бача беш дарнаёрӣ, чун мурғи хонагӣ бар бештар аз он қудрат надорӣ?*

Гуфт:

- *Бачаи кабӯтар ғизо аз ҳавсалаи модару падар мехӯрад ва чӯҷаи мурғи хонагӣ аз мазбала (пасафкандаҳо) бар ҳар роҳгузар. Аз як ҳавсала ғизои ду бача беш натавон дод ва аз ним мазбала дари рӯзии ҳазор чӯҷа тавон кушод.*

Қитъа

Хоҳӣ, ки шавӣ ҳалолрӯзӣ,
Ҳамхона макун аёли бисёр.
Донӣ, ки дар ин сарочаи танг,
Ҳосил нашавад ҳалоли бисёр [1, с.191].

Ахлоқ, аз назари Ҷомӣ, маҷмӯи рафторҳои инсон аст. Мафҳум ва мақулаҳои ахлоқӣ: некию накукорӣ, адлу адолат, ишқу муҳаббат, ёрию мададгорӣ ва хасоили разилаи ахлоқӣ, мисли ҷабру ҷафо, бадию бадандешӣ, зулму золимӣ, дуруғгӯиву хабосат ва амсоли инҳо дар осори назмию насрии Ҷомӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Барои Ҷомӣ адлу инсоф дар муносибатҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва бозорӣ меъёри асосӣ маҳсуб меёбад, ки риояи ин меъёр ҷомеаро аз бунбастҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ берун мекашад. Ҷомӣ ба сифати мутафаккир симои ахлоқи асримиёнагии тоҷику форс буда, тамоми осори ӯ ба масоили ахлоқӣ иртибот гирифта, ба такмилу таҳкими ахлоқи наку ва парҳез аз амалҳои бад равона шудааст. Осори Мавлоно Ҷомӣ, аз девон шурӯъ карда, то хурдтарин таълифаш, дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ чарх мезанад ва сархати ашъору афкораш инсон ва рафтору кирдори намунавии ӯст. Дар ин миён, «Баҳористон»-и ӯро, ҳарчанд аз лиҳози ҳаҷм хурд аст, метавон дар баробари асарҳои барҷастаи ахлоқии асримиёнагӣ қарор дод, ба ин далел ки дар он фишурдаи масоили ахлоқии асримиёнагӣ бо тафсиру ташреҳи иҷтимоию фалсафӣ бозгӯ шудаанд.

Ҳамин тариқ, Мавлоно Ҷомӣ таҷассуми фарҳанги ахлоқии асримиёнагии тоҷику форс маҳсуб ёфта, «Баҳористон»-и ӯ як навъ ҷамъбасти диди ахлоқии асримиёнагӣ буда метавонад. Омӯзишу таҳқиқи «Баҳористон»-и Ҷомӣ ва осори дигари ӯ дар шинохту ташхиси ақидаҳои равонию ахлоқӣ ва иҷтимоию фарҳангии дирӯзу имрӯз мусоидат мекунад. Дар замон ва шароити имрӯз, ки насли ҷавони ҷомеаи тоҷик, ҳар чи амиқтар ба гирдоби буҳрони ахлоқию маънавӣ ғӯтавар шудааст, омӯзиш ва корбасти осори Мавлоно Ҷомӣ, бахусус «Баҳористон»-и ӯ, аз ҳар ҷиҳат ба манфиати кор аст [8, с.81]. Нигорандаи «Баҳористон»-и бехазон ва бисёр осори дигари мондагор Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ адибест, ки тамоми эҷодиёти худро ба нафъи мардум бахшида, дар осори бо санъати баланду забони сода навиштааш афкори ҳакимонаи адабиёти панҷсадсолаи тоҷику форсро ҷамъбаст намудааст.

АДАБИЁТ

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – С.39.
2. Афсаҳзод Аълохон. Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Дониш, 1981.
3. Афсаҳзод Аълохон. Ҷомӣ – адиб ва мутафаккир. – Душанбе: Ирфон, 1989.
4. Бертельс Е.Э. Джами (эпоха, жизнь, творчество) / Е.Э. Бертельс. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1949.
5. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литератур / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1972.
6. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла. Маҷмӯаи нақди адабӣ. Таҳия ва тавзеҳи Шодӣ Шокирзодаи Нуъмонпур, Райҳон Мамадазимзодаи Соҳибназар. – Душанбе: Пайванд, 2004.
7. Мораль и нравственность. – Москва, 2001.
8. Нурзода Н. Руҳӯи Ҷамшед. – Душанбе: Истеъдод, 2011.
9. Раджабов М. Абдуррахман Джами и таджикская философия XV века / М. Раджабов. - Душанбе, 1965.
10. Хашим Рахим. Имя, прославленное в веках. – Душанбе: Ирфон, 1964.

АҚИДАҲОИ ИРФОНИЮ АХЛОҚИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР "БАҲОРИСТОН"

Дар мақола муаллиф таълимоти ахлоқии Абдураҳмони Ҷомиро баррасӣ намуда, дар бораи таъсири ин таълимот ба фаъолияти эҷодии мутафаккирони ояндаи тоҷику форс мулоҳизаҳояшро баён доштааст. Аз натиҷаи таҳлили мунаққидии осори мутафаккир ва андешаҳои иҷтимоию ахлоқии ӯ гуфтан мумкин аст, ки Ҷомӣ дар чорчӯбаи ахлоқи прагматикӣ қариб ҳамаи принсипҳо, масъалаҳо ва категорияҳои асосии ахлоқро баррасӣ намудааст. Принсипҳои мазкур ва меъёрҳои ахлоқиро Ҷомӣ чун андозаи зебоии ахлоқӣ ва ҳолати руҳӣ маънидод менамояд. Бисёрии ақидаҳои иҷтимоию этикӣ ва ахлоқии Ҷомӣ то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд ва на танҳо барои тарбияи насли наврас, инчунин барои ташаккули маданияти сиёсии ҷамъияти муосири Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.Тамоми осори Ҷомӣ ба масоили ахлоқӣ иртибот дошта, ба такмилу таҳкими ахлоқи наку ва парҳез аз амалҳои бад равона шудааст. Нигорандаи «Баҳористон»-и бехазон ва бисёр осори дигари мондагор Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ адибест, ки тамоми эҷодиёти худро ба нафъи мардум бахшида, дар осори бо санъати баланду забони сода навиштааш афкори ҳакимонаи адабиёти панҷсадсолаи тоҷику форсро ҷамъбаст намудааст.

Калидвожаҳо: Абдураҳмони Ҷомӣ, Баҳористон, ахлоқ, тарбия, некӣ, дӯстӣ, мактаб, омӯзгор, наврасону ҷавонон, адабиёти тоҷику форс.

ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫЕ ИДЕИ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ В "БАХОРИСТОН"

В статье автор обсуждает нравственные учения Абдуррахмана Джами и комментирует влияние этих учений на творчество будущих таджикских и персидских мыслителей. По результатам критического анализа творчества мыслителя и его социально-этических представлений можно сказать, что в рамках прагматической этики Джами рассматривал практически все основные принципы, вопросы и категории этики. Джами интерпретирует эти принципы и моральные стандарты как меру нравственной красоты и душевного состояния. Многие социально-этические и моральные идеи Джами не утратили своей актуальности и могут быть использованы не только для воспитания подрастающего поколения, но и для формирования политической культуры современного общества в Таджикистане.Как мыслитель Джами олицетворяет средневековую таджикскую и персидскую мораль, и все его произведения связаны с моральными проблемами и направлены на улучшение и укрепление доброй морали и воздержание от злых дел. Автор «Бахористон» и многих ценных произведений Мавлоно Нуриддин Абдуррахман Джами – писатель, посвятивший все свое творчество на благо народа и обобщивший мудрые мысли пятисотлетней таджикской и персидской литературы в своих произведениях, написанных высоким искусством и простым языком.

Ключевые слова: Абдуррахман Джами, Бахористон, нравственность, образование, доброта, дружба, школа, учитель, подростки и молодежь, таджикская и персидская литература.

SPIRITUAL AND MORAL IDEAS OF ABDUL RAHMAN JAMI IN "BAHORISTON"

In the article, the author discusses the moral teachings of Abdul Rahman Jami and comments on the influence of these teachings on the work of future Tajik and Persian thinkers. Based on the results of a critical analysis of the thinker's creativity and his socio-ethical ideas, we can say that, within the framework of pragmatic ethics, Jami considered almost all the basic principles, issues and categories of ethics. Jami interprets these principles and moral standards as a measure of moral beauty and state of mind. Many socio-ethical and moral ideas of Jami have not lost their relevance and can be used not only to educate the younger generation, but also to form the political culture of modern society in Tajikistan. As a thinker, Jami personifies medieval Tajik and Persian morality, and all his works are associated with moral problems and are aimed at improving and strengthening good morality and refraining from evil deeds. The author of "Bahoriston" and many valuable works of Maulana Nuriddin Abdul Rahman Jami is a writer who devoted all his work for the good of the people and summarized the wise thoughts of five hundred years of Tajik and Persian literature in his works written in high art and simple language.

Keywords: Abdul Rahman Jami, Bahoriston, morality, education, kindness, friendship, school, teacher, adolescents and youth, Tajik and Persian literature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Амонатова Фирӯза Қудратуллоевна*** – Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвончӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **917335922; 931159669**,
E-mail: **firuzaamonatova-71@yandex.ru**

Сведения об авторе: ***Амонатова Фируза Кудратуллоевна*** – Институт философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33.ю Телефон: **917335922; 931159669**, E-mail: **firuzaamonatova-71@yandex.ru**

Information about the author: ***Amonatova Firuza Kudratulloevna*** – Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 33.u Phone: **917335922; 931159669**, E-mail: **firuzaamonatova-71@yandex.ru**

УДК: 1 (091):355 (575.3)

ҚОБИЛИЯТ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Муминов А.И., Наврузов И.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳалли фалсафии дилхоҳ масъалаҳои иҷтимоии замони муосир ногузир ба масъалаи инсон оварда мерасонад. Назарияи фалсафии яклухтии инсон мақсад дорад, ки инсонро бо тамоми шаклҳои фаъолияти ҳаётӣ ва сифатҳои он баррасӣ намуда, онро аз нигоҳи ҳастии махсус ва фаъолияти он фаҳмонад. Тарҳи офаридаи он тасдиқи ягонаи меъёри муайяни моҳияти инсонро пешниҳод менамояд, ки ифодаи худро на механикӣ, балки ба таври табиӣ, хосиятҳо, имкониятҳо ва қобилияти гуногуни инсонро дарёфт мекунад.

Он чи ки «масъалаи инсон» номида шудааст, дар ҳақиқат проблемаҳои зиёди маҷмӯиро дар назар дорад ва яке аз онҳо «проблемаи қобилияти инсон» ном дорад. Бахшида ба ин проблема асарҳои зиёди илмӣ таълиф шудаанд, вале хосиятҳои сифатии инсон, ки таҳти мафҳуми «қобилият» маънидод шудаанд, дар ин тадқиқот на ҳамеша ба воқеият мувофиқат мекунанд.

Муносибатҳои гуногун оид ба қобилияти инсон – биологӣ-телеологӣ, паралелизми биоиҷтимоӣ, спиритуалӣ, субъективӣ-идеалӣ, натуралистӣ ва ғайраҳо дар садҳо асарҳои илмӣ баррасӣ шудаанд. Инсон ҳамчун объекти тадқиқоти илмӣ системаи мураккаби хусусиятҳо ва сифатҳои гуногунро доро мебошад. Онҳоро ба сифатҳо ва хосиятҳои моддӣ-сохторӣ ҷудо кардан мумкин аст, ки дар сохти организми инсон вуҷуд доранд.Қобилият хосияти фаъолнокии шахс буда, ҳангоми иҷрои ин ва ё он намуди фаъолият барои инсон аҳамияти беандоза зиёд дорад. Ба ибораи дигар, қобилият мувофиқати хосиятҳои физиологии инсон ба талаботест, ки дар намудҳои гуногуни фаъолияти моҳиятӣ, меҳнатӣ, таълимӣ, бозӣ ва ғайраҳо зоҳир мешавад. Қобилият ба фаъолияти муайян, дар худ сохти мураккаби қобилиятнокии нисбатан муайяни инсонро фаро мегирад.

Ба андешаи профессор Наврузов С.Н., механизми психологӣ мустақилу худмухтор, берун аз табиати дуюм»-и инсон қарор надошта, айни замон шароитҳои ҳаётӣ муайянияти иҷтимоии инсон аст, ки мундариҷаи он ба низоми алоқаю робитаҳои иҷтимоӣ вобаста буда, дар ҳадди охир асли ботину психикаи инсон, мундариҷа ва самти қобилияти инсонро муайян менамояд [5, с.15].

Мусаллам аст, ки одамон умуман қобилу ноқобил ба дунё намеоянд. Онҳо дорои аломатҳо ва ё нишонаҳо, яъне дорои заминаҳои муайяни қобилиятанд. Одамон бо ин ва ё он хусусиятҳои анатомию физиологии организм ба дунё меоянд, ки дар байни онҳо аз ҳама аҳамияти зиёдро хусусиятҳои асаб ва узвҳои ҳиссӣ доро мебошанд. Вале дар асоси ин аломатҳо қобилиятҳои мувофиқ ба шакл медарояд ва ё не, аз шароити ҳаёт ва фаъолияти инсон вобастагӣ дорад. Аломатҳои қобилият хосиятҳои ояндаи рӯҳиро пешбинӣ намекунанд. Онҳо мазмуни гуногун доранд. Ҳар кадоме аз ин аломатҳо мумкин аст замина ва оғози бисёре аз қобилиятҳо бошад. Ин ҳолат аз он вобастагӣ дорад, ки инсон бо чӣ машғул аст ва чӣ гуна зиндагӣ мекунад, шароити ҳаёт ва тарбияи вай чӣ гуна аст? Ҳангоми бартарии аломатҳои якхела дар инсон мумкин аст қобилиятҳои гуногун инкишоф ёбанд.Механизми пайдоиши нобаробарӣ, гуногунӣ ва хусусияти қобилияти инсонӣ ба ҳамон андоза иҷтимоӣ аст, ки ҳамон андоза ҷиҳати биологӣ меросӣ нест. Тарафдорони биологӣ будани қобилият барои исботи ақидаҳои худашон ба андешаҳои В.И. Ленин такя менамуданд. Ӯ қайд намуда буд, ки баробарии қуввaҳо ва қобилияти одамонро дар ҷомеаи сотсиалистӣ интизор шудан мумкин нест [5, с.26].

Маҳз ҷомеа умуман, ҳамчун субъекти фаъолияти коллективӣ, муносибат ва қобилияти одамон баромад мекунад. Ба андешаи Ковалев А.М., инсон дар алоқамандиаш бо олоти меҳнат нақши фаъол мебозад. Ба ақидаи ӯ, ин нақш ба инсон на танҳо барои он тааллуқ дорад, ки маҳсули меҳнатро аз худ намуда, олоти гуногуни бозистеҳсолкунии қувваи табиатан амалиро мемонад, инчунин барои он ки нисбат ба мавҷудоти дигари зинда, ғайр аз олот, инсон қобилияти дохилии афзоиши талаботу қобилияти худро дорад [3, с.302]. Афзоиши талаботу қобилияти одамон дар рафти истеҳсоли олоти меҳнат, дар рафти фаъолияти амалӣ қонуни ҳаёти онҳоро ҳамчун ҳаёти мавҷуди иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Вале профессор Наврузов С. мавҷудияти чунин қонунро дар ҳақиқат эътироф карда бошад ҳам, андешаи худро чунин иброз менамояд: якум, «инсон – мошини дигаргунсозанда» буданро қабул надорад; дуюм, қувваи табиӣ худ ба худ амалӣ намешавад, бигзор дар замири инсон ин қувва бошад, вале вай танҳо дар ҷомеа ҷойи худро дорад; сеюм, инсони замони муосир аз рӯйи табиати худ, яъне талаботу қобилияти намудӣ ҳамонест, ки гузаштаи дури ӯ буд; чаҳорум, азнавистеҳсолкунӣ бо роҳи табиӣ дар ҳайвонҳо мешавад ва онро аз истеҳсоли қуввaҳою қобилияти инсонӣ фарқ кардан лозим аст [5, с.239].Ҳамин тариқ, бо нигоҳи тез инсон метавонад дар санъати амалию рассомӣ ба

нишондодҳои баланд соҳиб гардад, дар хизмати ҳарбӣ нишонгирӣ моҳир бошад. Зиёда аз ин, инкишофи сусти ягон нишонаи инсон дар рафти фаъолият ба тарафҳои дигари он таъсири худро мерасонад. Бо вуҷуди ин, як шарт ҳатмист: инсон ҳатто бо аломат ва ё нишонаи хос ҳам бояд дар соҳаи касби худ бисёр меҳнат кунад, вагарна қобилияти ӯ ташаккул намеёбад. Қобилият дар зуд аз худ намудан ва дуруст истифода намудани донишҳои гирифташуда, малака ва маҳорат, инчунин дар аслӣ будани истифодаи он ифода меёбад. Аз рӯйи моҳияти ҷамъиятии қобилияти пайдошаванда, ки дар натиҷаи меҳнат зоҳир мегардад, одамони қобил, худодод ва фавқулодаро фарқ мекунанд.

Дар натиҷаи фаъолияти муайян дар зери таъсири таълиму тарбия қобилияти инсон метавонад ба қуллаҳои баланди инкишофи расад. Истеъдод маҷмӯи қобилиятҳои инсон аст, ки дар ягон намуди фаъолият имкон медиҳад ба муваффақият ноил гардад. Нишонаҳои асосии истеъдод инҳоянд: зуҳуроти барвақти қобилият, суръати баланди азхудкунии дониш, малака ва маҳорат дар ягон намуди фаъолият, майлу рағбат ба он.Дар баробари истеъдоди баланд на танҳо барои он муҳокима намудан мумкин аст, ки чӣ гуна қобилияти инсон барвақт ташаккул меёбад, ба донишу малакаҳо соҳиб мешавад, инчунин, оё он дар шароити душвор ба комёбӣ ноил мегардад ё не? Оё бо замони куҳна муқовимат карда метавонад ё не, мубориза бурда метавонад ё не? Оё бо роҳи наву прогрессивӣ вобаста ба замон қадам мезанад ё не?

Истеъдоди ин ва ё он инсон ба дараҷаи баландтарин расиданаш мумкин аст. Дар ин ҳолат сухан дар хусуси истеъдоди табиии ӯ меравад. Мутаассифона, то ҳол ақидаҳое вуҷуд доранд, ки гӯё истеъдод ин доди қувваи фавқуттабиӣ, осмонӣ буда, танҳо баъзе инсонҳо ба он соҳиб мешаванд. Ҳанӯз муҳаққиқ Рубинштейн С.Л. қайд намуда буд, ки то он вақте инсон ба таври табиӣ дар худ системаи мутобиқи коркарди амалҳои ҷамъиятӣ надошта бошад, ягон хел қобилият мубрам шуда наметавонад, чунки қобилияти одамон на танҳо дар раванди азхудкунии маҳсулоти офаридаи инсон дар рафти инкишофи таърихӣ ташаккул меёбад, он инчунин дар рафти ба вуҷуд овардани он низ ташаккул меёбад [6, с.14]. Дар адабиёти таълимии равоншиносӣ дар даврaҳои Шӯравӣ истеъдодро муҳтавои қобилият мегуфтанд, ки ба инсон имкон медиҳад меҳнат кунад ва дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла дар соҳаи ҳарбӣ саҳми худро гузорад. Истеъдод маҳсули аслӣ будани меҳнати олим, ихтироъкор, сарлашкар ва намояндаи касбҳои дигар мебошад, ки ҳалли эҷодкоронаи масъалаҳоро талаб мекунад. Истеъдоди инсон дар дараҷаи баланди афкори эҷодӣ, дар амиқӣ ва паҳноии муошират, равшании хаёл, равшании баён, нозукии хирад, зеҳнияти баланд, дар ҷустуҷӯи устуворонаи роҳҳои мақсадноки манфиатовар ошкор мешавад.Бисёр сарлашкарони боистеъдод дар солҳои ҶБВ дар инкишофи минбаъдаи санъати ҳарбӣ, саҳми худро гузоштанд, лоиҳакашони машҳури яроқ ва техникаи ҳарбӣ афкори илмию техникиро баланд бардоштанд.

Шахси боистеъдод нисбати дигарон ояндаро хубтару зудтар мебинад ва нисбати дигарон аз сидқи дил меҳнат мекунад. Инкишофи баланди қобилият дар нобиғагии он зоҳир мешавад. Нобиғагӣ дар эҷодиёт дар ҳаёти ҷомеа аҳамияти таърихӣ дорад ва онҳо дар соҳаи худ давраи навро мекушоянд. Масалан, И.П. Павлов, дар биолгия ва равоншиносӣ, А.В. Суворов ва М.И. Кутузов дар амалия ва назарияи ҳарбӣ тағйирот даровардаанд. Эҷодиёти нобиғагон бисёр вақт на танҳо як соҳа, балки якчанд соҳаро фаро мегирад. Пайдоиши нобиғагонро олимон ба таври гуногун таҳлил намуданд. Аз нуқтаи назари материалистон, инсон ҳамчун маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ дида мешуду халос. Нобиғагӣ, ба ақидаи онҳо, фақат ҳамчун истеъдоди намоёни шахсӣ фаҳмида намешуд. Инсони нобиға бевосита бо халқ робита дорад ва ҳамеша пешрафти ҷамъиятиро ифода мекунад.Аз классикони олмонӣ танҳо дар таълимоти Г.Гегел ва К.Маркс қобилияти инсонӣ нуқтаи баланди фаҳмиши фаъолиятию предметиро соҳиб шудааст. Инчунин, талаботи ҳаётӣ ва зарурати таърихӣ низ омили муҳимми инкишофи қобилияту неруҳои моҳиятии инсон баён гашта, тарзи истеҳсолоти моддию маънавӣ ва фаъолияти ҳаётӣ пешбарандаи қобилияти инсонӣ ба шумор меравад [4, с.177]. Ҳанӯз Ф.Энгелс дар асараш «Диалектикаи табиат» қайд намуда буд, ки фаъолияти аз ҳама муҳимми таърихии одамон, ҳамон фаъолиятест, ки онҳоро аз ҳолати ҳайвонӣ ба ҳолати инсонӣ бардошта, асоси моддии ҳама гуна намудҳои дигари фаъолият - истеҳсолотро ба вуҷуд овардааст, ки ба қаноатманд кунонидани талаботи ҳаётии одамон нигаронида шудааст [8, с.30]. Фаъолият раванди яктарафаи дар он амалишавии қобилиятҳо набуда, раванди мураккабу ҳамаҷонибаи субъективию объективӣ мебошад, ки доимо ҳудудҳои нав ба нави он ҳам дар худи фаъолият ва ҳам дар қобилият ошкор мегарданд [3, с.33]. Яке аз сарчашмаҳои муҳимми инкишофи он низ дар ҳамин аст. Аз ин нуқтаи назар ба ақидаи Платонов К.К. розӣ шудан мумкин аст, ки чунин иброз медорад: қобилият ин дараҷаи мутобиқати умуман шахсият ба фаъолияти муайян ва талаботи номбаршудаи намудҳои фаъолият мебошад [7, с.87]. Вале ба ақидаи Бережной Н.М. розӣ шудан мумкин нест, ки дар бораи «истеъдоди табиӣ» чун «ченаки боигарии ҷамъиятӣ», чун дар бораи «детерминант»-и он

сухан меронад [1, с.97]. Ҳар як инсон дорои қобилияти муайяне мебошад, ки имкон медиҳад ин ва ё он касбро ба хубӣ аз худ кунад, ин ва ё он корро ба зудӣ ёд гирад. Ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ бо заминаи хуби захираҳои қобилияти муайяне меоянд. Вазифаи командир ҷавононро ба самти дурусти инкишоф равона кардан ва аз қадамҳои аввалини хизмат қобилияти онҳоро дуруст истифода бурдан аст. Дар баҳогузории шахсияти хизматчии ҳарбӣ бисёр муҳим аст, ки ба хатогиҳо роҳ надиҳем, ӯро ба ҳамон ҷузъу томҳо ва соҳаҳои хизмати ҳарбӣ равона кунем, ки тавонад нишонаҳою заминаҳои қобилияти худро ҳарчи хубтар ташаккул диҳад. Таҷрибаи омодагии ҳарбӣ ва сиёсии низомиён нишон медиҳад, ки командирон, муҳандисон ва табибон коршоямии хизматчии ҷавон, ба кадом намуди қӯшунҳо хизмат кардан ва гирифтани кадом касби ҳарбиро аниқ муайян мекунанд ва тавсияҳо медиҳанд.

Якчанд намуди қобилият фарқ карда мешавад. Масалан, вобаста ба сифатҳои равандҳои маърифатии рӯҳӣ ва ҳолати шахсӣ мумкин аст, дорои чунин хосияту равандҳои равонӣ, ба монанди диққат, хотира, идрок, қобилият бошанд. Онҳо то ягон андоза барои намудҳои гуногуни фаъолият зарур мебошад. Қобилиятҳое низ мебошанд, ки ба хосиятҳои шахсият вобастаанд: вобаста ба майлҳо, манфиатҳо, мизоҷҳо ва ғайраҳо. Онҳо аз рӯйи нишонаҳои фаъолият низ фарқ мекунанд (яъне, қобилияти математикӣ, қобилияти лоиҳакашӣ ва ғайраҳо). Дар рафти таҳсилоти ҳарбӣ дар як хизматчии ҳарбӣ равандҳои асабию равонӣ бо қувваи баланд ва дар дигараш нисбатан суст, яке серҳаракат, дигари камҳаракат, камғайрат зоҳир шуданаш мумкин аст. Яке бо инкишофи баланди зеҳнӣ фарқ мекунад, вале аз ҷиҳати эмотсионалӣ, эҳсосӣ ноустувор шуданаш мумкин аст. Яке бомулоҳиза, боқувват, ташаббускор, фаъол, дигаре бемулоҳиза, камқувват, беирода, қобилияти ташкилотчигӣ надошта, тарсончак ва ғайра. Дар яке хотираи садо, овози хубинкишофёфта, дар дигаре хотираи биноӣ ва дар сеюмӣ яке аз инҳо хубу равшан ташаккул наёфтанаш мумкин аст. Яке мушоҳидакор, бодиққат, бомулоҳиза, дигаре бедиққат, сеюмин бошад, диққаташро аз як объект ба объекти дигар зуд равона карда наметавонистагӣ мешавад. Таассуроти яке зуд ва аниқ, аз дигаре оҳиста, суст, ноаниқ ва баръакс, зудтаъсир, чолок ва амиқ буданаш мумкин аст. Яке кӯтоҳандеш ва дигаре дурандеш шуданаш мумкин аст. Дар мавҷудияти чунин зуҳуроти инсонӣ омилҳои модарзодӣ ва тарбия нақши худро доранд.

Ҳамаи ин сифатҳо ва хосиятҳои равонӣ ба як хизматчии ҳарбӣ имкон медиҳанд, ки ягон намуди амал ё фаъолиятро пеш барад. Командир вазифадор аст, ки дар кори худ бо зертобеон ҳамаи инро ба эътибор гирад. Фақат онро дар рафти хизмати ҳарбӣ ёфта, ташаккул додан зарур аст.Ба қобилияти инсон баҳои объективӣ додан осон нест. Баъзан оид ба қобилияти низомиёни ҷудогона муҳокимаи беасос ва манфӣ меронанд. Масалан, командири яке аз ҷузъҳо бо қатъият аз сардор хоҳиш менамуд, ки ду курсантро аз қисми таълимӣ озод кунад. Ӯ исбот менамуд, ки онҳо дар ҳақиқат қобилияти рондану идора кардани танкро надоранд. Дар хизмати ҳарбӣ командир барои асоснок намудани нуқтаи назари худ маълумоти боваринок пешниҳод карда натавонист ва сардор пешниҳод намуд, ки нисбат ба курсантон бодиққат бошад ва сифатҳои шахсию касбии онҳоро омӯзад, барои бартараф намудани хатогиҳои онҳо ёрӣ расонида, нишонаҳои мусбии қобилияти онҳоро ташаккул диҳад. Командири рота аз рӯйи нишондоди сардор амал намуда бо курсантон аз наздик шинос шуд, ба онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Яке аз курсантон нисбати рафиқони худ аз ҳама барвақттар ба идора намудани танк дар ҳолати шабона иҷозат дода шуд, курсанти дуюм бошад, дар охири соли дуюми хизмати ҳарбӣ сазовори дараҷаи механик – ронандаи дараҷаи якум шуд. Агар ин ва ё он хизматчии ҳарбиро «ноқобил» шуморанд, маънии онро дорад, ки командир дар тайёр намудани онҳо ба хатогиҳо роҳ медиҳад ё қобилиятҳои зертобеони худро намебинад, ё ин ки методикаи таълиму тарбияи зертобеонро ба дараҷаи лозимӣ намедонад.

АДАБИЁТ

1. Бережной Н.М. Проблема человека в трудах К.Маркса / Н.М. Бережной. - М.:Высшая школа,1981. - 422 с.
2. Грин Р. 33 стратегии войны. [пер. с анг. Е.Я. Мигуновой] / Р.Грин – М.: РИПОЛ классик, 2016. - 912 с.
3. Ковалев А.М. Общество и законы его развития / А.М. Ковалев. - М., 1975. - 380 с.
4. Наврузов И.С. Қобилияти иҷтимоии инсон дар доираи назарияи теологии қобилият: Ф.В. Шеллинг / И.С. Наврузов // Инсон ва озодии ӯ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ (маҷмӯи мақолаҳо). - Душанбе: Пойтахт, 2018. – 208 с.
5. Наврузов С. Человеческие способности / С.Наврузов. - Душанбе: Адиб, 2001. - 265 с.
6. Рубинштейн С.Л. Проблема способностей и вопросы психологической теории / С.Л.Рубинштейн // Вопросы психологии. – 1960. - № 3. – С. 12-23.
7. На службе Отечеству. Под ред. Золотарева В.А., Черкасова А.В., Дудкина А.С. – М., 1998. - 254 с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 64 с.
9. Платонов К.К. Проблема способностей / К.К. Платонов – М.: Наука, 1972. – 312 с.
10. Энгельс Ф. Диалектика природы / Ф.Энгельс. – М., 1964. - 265 с.

ҚОБИЛИЯТ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ОН ДАР ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ

Андешаҳои ҷамъиятӣ-ҳаётӣ, фаъолиятӣ ва ҳарбии қобилияти инсон дар мақолаи мазкур таҳқиқ шуда, тафсирҳои биологизаторӣ, психологизаторӣ, телеологӣ, табию иҷтимоӣ таҳлил шудаанд. Вобаста ба ин муносибатҳо қобилияти инсон дар алоқамандӣ, муқоиса, муносибати байниҳамдигарӣ бо фаъолияти инсон баррасӣ шудаанд.Назарияи фалсафии мукаммали инсон мақсад дорад, ки инсонро бо тамоми шаклҳои фаъолияти ҳаётӣ ва сифатҳои он баррасӣ намуда, инсонро аз нигоҳи ҳастии махсус ва фаъолияти он шарҳ диҳад. Тарҳи офаридаи он тасдиқи ягонаи меъёри муайяни моҳияти инсонро пешниҳод менамояд, ки ифодаи худро на ба таври механикӣ, балки ба таври табиӣ, хосиятҳо, имкониятҳо ва қобилияти гуногуни инсонро дарёфт мекунад. Маҳз ҷомеа ҳамчун субъекти фаъолияти коллективӣ, муносибат ва қобилияти одамон баромад мекунад. Қобилият мувофиқати хосиятҳои физиологии инсон ба талаботест, ки дар намудҳои гуногуни фаъолият: меҳнатӣ, таълимӣ, бозӣ ва ғайраҳо зоҳир мешавад. Афзоиши талаботу қобилияти одамон дар рафти истеҳсоли олоти меҳнат, дар рафти фаъолияти амалӣ қонуни ҳаёти онҳоро ҳамчун ҳаёти мавҷуди иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Дар натиҷаи фаъолияти муайян дар зери таъсири таълиму тарбия қобилиятҳои инсон инкишоф меёбад. Аз рӯйи моҳияти ҷамъиятӣ одамони қобил, худодод ва фавқулодаро фарқ мекунанд. Ташаккули қобилияти хизматчии ҳарбӣ, яке аз паҳлуҳои қобилияти инсон ба шумор рафта, дар таъмини системаи амнияти миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳадафи мутахассисони ботаҷриба чунин қобилиятҳоро дар хизматчиёни ҳарбӣ ташаккул додан мебошад.

Калидвожаҳо: қобилият, истеъдод, фаъолият, истеъдоди табиӣ, истеъдоди модарзодӣ, омодагии сиёсӣ, қобилияти хизматчии ҳарбӣ, қобилияти инсон, нобиға.

СПОСОБНОСТИ И ПУТИ ИХ РАЗВИТИЯ У ВОЕННОСЛУЖАЩИХ

В данной статье рассматриваются идеи общественно-жизненных, деятельностных и военных способностей человека и анализируются биологизаторские, психологизаторские, телеологические, естественно-социальные интерпретации. В соответствии с этими отношениями способности человека изучаются в связи с взаимосвязанностью, сравнением, взаимоотношением, деятельностью человека.Завершенная философская теория человека имеет целью анализировать человека со стороны всех видов жизненной деятельности и ее качеств, и объясняет человека с точки зрении специфического бытия его деятельности. Созданная модель утверждает определенный единый крите*рий* сушности человека, который заключает свое существование не только на механическом, но и на естетственном уровне, охватывает разные качества, возможности и способности человека.Именно общество выступает как субъект коллективной деятельности, отношений и способностей людей. Способности, как соответствие физиологическим качестам человека, есть потребность, которая проявляется в разных деятельностных видах: трудовой, учебной, игровой и других. Увеличение потребностей и способностей человека в процессе производства орудий труда и в процессе практической деятельности составляет их жизненный закон, социальное жизненное существование. В процессе определенного действия, под влиянием образования и воспитания, способности человека могут достигнуть своей высшей точки развития. В соответствии с сущностью приобретенных общественных способностей в процессе труда, различают людей,обладающих врожденными и гениальными качествами.

Ключевые слова: способность, талант, действие, естественный талант, природный талант, политическая готовность, способности военнослужащих, способности человека, проблема способности, гений.

THE ABILITY AND THE WAYS OF IT'S IMPROVEMENT IN MILITARY SERVICEMAN

The article is discussed the social life, the military activity of human ability and also biological, physiological, geologic, natural, social explanation are analysed here too.According to these terms the human ability in connection, compare and relation with each other in accordance with the human are found out.The philosophy decision of any social problems at present lead to human problems. The philosophy theory ofhuman monolithic is aimed to find out all sides of various kindsof human activities and characters to explain in from the vieus of special property and it's activities.It is represented the created substruction from the only ratification of certain norm of human nature and that it doesn't express the mechanically but naturally find out the positive property, the possibilities,a very different human ability. The ability is the fitness of human physiological positive features to require the various kinds of human activities as: Industrious, educational, game and etc. the ability in definite activity is covered the complex structure of human activity.To improve the military serviceman's ability is one of the sides of human ability, that is very important in providing the system of national security.

Key words: ability, competence, activity, natural skills, political preparation, the military serviceman ability, human ability, abilities problems, genius.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муминов Аҳмад Исматович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 Телефон: **903-20-04-61**. E-mail: **Muminov_Ahmad58@mail.ru**
Наврузов Исфандиёр Сухробович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа Суроға**:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон.: 918-42-47-47. E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Муминов Аҳмад Исматович*** – Таджикский национальный университет, доктор философских наук, профессор кафедры философии. **Адрес:** 734025,Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **903-20-04-61**. E-mail: **Muminov_Ahmad58@mail.ru**
Наврузов Исфандиёр Сухробович – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон.: 918-42-47-47. E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

Information about the authors: ***Muminov Ahmad Ismatovich*** - Tajik National University, Doctor of Philosophy, Professor of the Department of Philosophy. **Address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone:: **903-20-04-61**. E-mail: **Muminov_Ahmad58@mail.ru**
Navruzov Isfandiyor Suhrobovich - Tajik National University, Senior assistant, Department of Philosophy. **Address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **918-42-47-47**. E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

УДК: 338,2

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ ФАРҲАНГИ СОЗАНДАГӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИРИ КАСБӢ

Ғаниев Т.Б., Хоҷаалиев Ф.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташаккули фарҳанги созандагӣ ҳам дар шакли эволютсионӣ ва ҳам дар шакли таъсиррасонии мақсадноки идоракунӣ дар менеҷменти муосири касбӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Бинобар ин, фарҳанги созандагӣ ҳамчун объекти идоракунӣ дар менеҷмент ба ҳисоб рафта, асосан се давра (сикл) ё худ зинаи махсуси ташаккулу таъсиррасонӣ ва тағйирёбандагии худро дорад. Давраи аввал, ҷараёни ташаккули фарҳангиро пурра дар бар гирифта, пеш аз ҳама, барои менеҷмент шинохти субъекти фарҳангӣ ва сарчашмаҳои назариявию амалии пайдоиши усулҳову методҳои рушдёбандагии он мақоми олӣ дорад. Яъне, роҳбарони касбиву ҳунарӣ бояд дорои фарҳанги баланди созандагӣ бошанд. Инчунин, қобилияти баланди пайдо кардану амалӣ кардани ин арзишҳоро дар раванди роҳбарии худ дошта бошанд, то ин ки устувориву рушдёбандагии ин ҷараёнро дар корхонаву ширкатҳо нигоҳ дошта тавонанд. Дар баробари, ин боз ҷараёни тағйирёбандагӣ ва ё навсозии фарҳангиро низ таъмин карда тавонанд.

Ҳуди ҷараёни ташаккулёбиро дар илми менеҷмент мо дар модели илмиву таълимотии сарварсозии худ мувофиқат дар ду паллаи тарозу номидаем, ки дар яке мазмун ва дигаре шаклгирии ин объект пешниҳод гардида, вобаста ба ҳар як фаъолият ин қоидаи муҳим бояд ҳатман риоя карда шавад. Яъне, пешвоёни комили касбӣ ва менеҷерону дигар ҳайати кормандони менеҷменти корхонаву ширкатро зарур аст, ки субъетҳо ва омилҳои асосии дохила ва берунаи таъсиррасонии фарҳангсозиро муайян созанд. Дар баробари ин бояд давра ба давра ва зина ба зина ҷараёни воридсозии арзишҳо ва меъёру нишондиҳандаҳои навини фарҳангии сарватшиносиву созандагиро дар ҳама фаъолиятҳои роҳбарӣ ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода, иҷрои ҳатмии онро аз ҳамаи аъзоёни ширкату корхонаҳо талаб намоянд. Бояд таъкид сохт, ки ин ҳама арзишҳои оливу навини фарҳанги созандагӣ мебошанд, ки барои гузаштан ба сатҳи дигар ва ё худ зинаи болотари рушдёбандагии касбиву ҳунарӣ ҳамчун пойдевор ва ё кодекси фарҳангии рафторӣ барои менеҷменти муосири касбӣ хизмат мерасонанд. Маълум аст, ки ташаккули фарҳанги созандагӣ, ки маҳз аз пешвоёни комили касбӣ, менеҷерон – роҳбарони шоистасолори таърихӣ вобастагӣ дорад, моделу системаи фарқкунандаи худро дорад. Бинобар ин, ҳар яке аз ин роҳбаронро зарур аст, ки моделу система ва ё худ асосҳои назариявӣ – консептуалии фарҳангсозиро биомӯзанд ва модели беҳтаринашро барои корхонаву ширкати худ вобаста ба хусусияти хосси қабул намоянд.

Дар мактуби сарварии муосир дар аксари давлатҳои пасошӯравӣ моделҳои навини фарҳангсозии иқтисоди бозоргонӣ қабул ва амалӣ шуда истодаанд. Яке аз моделҳои беҳтарин модели донишманди амрикоӣ Эдгар Шейн (5-марти 1928) мебошад, ки ҳанӯз солҳои 80- уми асри гузашта пешниҳод карда буд. Э. Шейн, ташаккули фарҳанги созандагиро ба се зинаи дараҷавии ташаккулёбӣ ҷудо менамоянд: рӯякӣ, миёна ва амиқ.

1. Аз рӯйи ин радабандӣ омилҳои рӯякӣ хуфта технология, сарулибос, ҷойи корӣ, меъморӣ, рафторӣ, муҳити эмотсионалии менеҷменти корхона, нишонаҳову ҷаласаву чорабиниҳои фарҳангиро меноманд.

2. Нишонагирӣ ба арзишҳои ахлоқӣ, қоидаҳои этикӣ, стратегия, фалсафаи рушди корхона, кодекси рафтории кормандон, мақсадгузориву барномасозиҳо, миссия ва маромии корхонаву ширкат.

3. Мазмуну шаклгирии истеҳсолоту моли корхона ва ҳаводиси бавуқӯъпайваста, муносибат ба одамон ва фаъолияти касбии онҳо, муносибат ба сарватҳои табиӣ ва истифодабарии онҳо, вақтшиносӣ ва замонашиносиву муҳитсозии олии касбиву ҳунарӣ, боварӣ ва дӯстдорӣ, хислатҳои хосси миллӣ ва дигар унсурҳо.

Вобаста ба омилҳои овардашуда се зинаи ташаккули фарҳанги созандагӣ ба назар мерасад:1. нишондиҳандаҳои аввалаи асосӣ; 2. қабули арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ; 3. нишонаҳои амалии фарҳангӣ [12].

1. Ба нишондиҳандаҳои аввалаи асосӣ дараҷаи саводнокӣ ва фаҳмиши кормандони корхонаву ширкатҳо, роҳбарону пешвоёни комили касбӣ дохил мешаванд, яъне ҳайати кории ширкату корхона, умуман, худашон дар кадом сатҳи фарҳангӣ қарор доранд. Вобаста ба ин, ворид сохтани арзишҳои навини фарҳангӣ барои сатҳҳои гуногун ҳамчун мафҳуми нав ва ё бегонаи ношинос ҳисоб шуда, қабулу амалӣ сохтани он, дар навбати аввал аз дараҷаи саводнокии касбии роҳбарон – пешвоён ва ҳар яке аз аъзоёни корхона вобастагӣ дорад. Инро Э. Шейн асоси ташаккули фарҳанги созандагӣ дар менеҷмент меномад. Ба ақидаи ӯ, вобаста аз он ки одамон дар кадом дараҷаи саводнокии касбиву

ҳунарӣ ва ахлоқии худ қарор доранд, муносибати онҳо нисбат ба сарватҳову созандагӣ куллан фарқкунанда буда, муҳитро дар зинаи худ мешиносанд.

2. Равиши зинаи дувум ин сатҳи ҷаҳонбинии пешвоёну роҳбарон ва кормандони ширкату корпоратсияҳо буда, ки риояи меъёру стандартҳо ва низомҳои мувофиқ ба кодекси фарҳанги созандагӣ дар менеҷмент талаботи зинаи дувуми фарҳангӣ мебошад. Инро ҳамчун модели олии рафтори менеҷмент дар вақти мақсадгузорӣ ва қабули нишондиҳандаҳои барномавии созандагӣ, қабули қарори роҳбарӣ, инчунин иҷроиши талаботи функсионаливу вазифавии ҳар як корманд бояд амалӣ сохт. Ин арзишҳоро бояд чунон қабул намуд, ки на танҳо дар шароити орому мувозинати роҳбарӣ, балки дар ҳолатҳои ногувори буҳронии ширкату корхонаҳо кумакрасону чун воситаи асосии бамақсадрасӣ хизмат расонад.

Арзишҳои олии фарҳангии созандагӣ, пеш аз ҳама, дар шинохти худи инсон ҳамчун арзишмандтарин захираи корпоратсияҳо шинохта ва қадрдонӣ кардани онҳо зуҳур меёбанд.

3. Равиши дигари амалисозии фарҳанги созандагӣ амалисозии нишонаҳои фарҳангӣ дар молу хизматҳо, техникаву технология, либосу муҳити ҷойи кориву воситаҳои иртиботу хизматарсонӣ ба истеъмолкунандагону ҳамкорону ҷомеа мебошад. Вобаста ба даврaҳои рушди худ ва рушди бозори ҷаҳонӣ ҳар як корхонаву ширкат маҷбур аст, ки арзишҳову нишонаҳои навинро ба кодекси фарҳангии худ ворид созад. Дар баробари ин, фарҳангсозии навини моливу хизматрасонӣ, техникиву технологӣ, маркетингиву логистикӣ, сарватшиносиву созандагӣ ва эҷодиву кашфиётии зинаи 4-7-уми креативию когнитивӣ дошта, дар раванди стратегии рушди устувори касбӣ ва шоистасолориву мондагории таърихии худ фарҳангсози таърихӣ бигардад.

4. Равиши чоруми ташаккули фарҳангсозии касбиву ҳунарӣ - ин ташкил ва гузаронидани ҳама гуна конференсияҳои илмиву амалӣ, мизи мудаввару маҳфилҳои илмиву фарҳангӣ, ташкили чорабиниҳои байналмилалии рушди касбӣ, ташкили озмунҳо, намоиши кинофилмҳо, амалисозии шиору овеза ва роликҳои маркетингӣ, ташвиқу тарғиботи баланди имконот ва ихтирооти навини касбиву ҳунарӣ, ташкили дарсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ, ташкили мусобиқаҳои дохилиширкатии рушдёбандагии касбӣ ва муайян кардани ҷоизаҳои фарҳангсозони касбӣ, навоварону ихтироъкорони моҳир ва соҳибистеъдодон мебошад.

Қайд кардани ҷашнвораҳои касбии хислати таърихӣ дошта ва дигар равишҳои барои рушдёбандагии стратегии фарҳанги созандагии корхонаву ширкатҳо ҳамчун пойдевори асосии рақобатпазириву диққатҷалбкунандагӣ хизмат мерасонанд. Вобаста ба ин навовариҳову ихтирооту чеҳраҳои навини корхонаву ширкатҳо арзишҳои навини фарҳангӣ вориди корхонаҳову ширкатҳо мегарданд, ки дар оянда боз пойдевори навини кодекси рафтори фарҳангии корпоратсияҳову ширкатҳо мегарданд. Аз нигоҳи дигар, ин маҳз ҳамон механизми ташаккули фарҳанги созандагӣ дар менеҷменти муосири касбӣ мебошад. Аз мазмуну шаклгирии равишҳои ташаккулёбии фарҳангӣ маълум мегардад, ки дилхоҳ корхонаву ширкатро зарур аст, худро ба меъёрҳову арзишҳои навини фарҳангӣ дар муҳити дохилаву беруна мувофиқ гардонад. Ин равандро дар илми менеҷмент раванди мутобиқат меноманд. Мутобиқсозиву мутобиқшавӣ дар раванди фаъолияти касбии идоракунии менеҷмент, пеш аз ҳама, назар ва ё нигоҳи кормандон ба тарзу усули навини роҳбарии шумо, ба талаботи бозор, истеҳсоли молу хизматрасонии навини корхона, муносибат ба худи кормандону ҳамкорону истеъмолкунандаву харидорон ва дигар равандҳое мебошанд, ки ҳатман вақту замонро талаб доранд. Нақши асосиро дар ин ҷараёни фарҳангсозӣ мақсадгузорӣ ва стратегияи равиш ва натиҷагирии он мебозанд, ки бояд хеле содаву фаҳмо баррасӣ шаванд. Инчунин, тағйирёбӣ ва таъсиррасонӣ, ин худ дигаргуншавии рафторӣ ба фаъолияти ҳар як корманди одӣ, менеҷерону пешвоёни комили касбӣ дар корхонаву ширкатҳо мебошад. Талаботи дигар бо талаботи касбии функсионаливу миссияи корхонаву ташкилот мувофиқ будани ташаккулёбиву амалисозии арзишҳову меъёрҳои навини фарҳангӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, воситаи асосии воридсозии арзишҳои навини фарҳангӣ, пеш аз ҳама, ихтиёрӣ ва дар натиҷаи омӯзиши амиқ ва боваркунонии касбии пешвоёни касбиву ҳунарӣ ба вуқӯъ бипайвандад. Маҷбурсозӣ, кӯр-кӯрона ва ғайрирасмӣ ворид сохтани ҳама гуна тағйирот боиси норозигии кормандон мегардад. Аз ин рӯйй меъёри дигар дар ин фаъолият таъмини ҷараёни иттилоотиву иртиботӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба ҳар як арзишу меъёри навини фарҳангӣ, манфиат ва таъсири он ба фаъолияти касбиву ҳунарӣ, инчунин муайян кардани системаву моделҳои назоратии риояи ин низому арзишҳои навин мебошад. Дар натиҷа агар нуқсоне ва ё норавшание, дар ҷараёни амалисозии ин ва он равиши фарҳангӣ пайдо гардад, ҳатман бояд ислоҳ гардад. Бояд қайд кард, ки вобаста ба дараҷаи фарҳангиву рушдёбандагии креативию когнитивии пешвоёни комили касбӣ ва ҳайати кормандон, ҳатто ду ширкат ва корхонаи якхела метавонанд фарҳанги созандагии гуногун

дошта бошанд. Аслан, қоидаҳои ташаккули фарҳанги созандагиро дар илми менеҷмент ба панҷ гурӯҳи асосӣ тақсим менамоянд:

1. Асосноккунии арзишҳову меъёрҳои навини рафтори фарҳангии касбиву ҳунарии роҳбарӣ дар идоракунии менеҷмент. Арзишҳову меъёрҳои навини фарҳангӣ бояд ҳатман ба талаботи қонунгузории милливу байналмилалӣ мутоқибат дошта, ба арзишҳову меъёрҳои фарҳанги милливу байналмилалӣ муқобил набошанд, инчунин ба талаботи касбиву ҳунарии соҳавию ихтисосӣ пурра мутобиқат намоянд.

2. Умумияти арзишҳои фарҳангӣ ва имконоти истифодабарии он барои ҳамаи аъзоёни ҳайати касбии корхонаву ташкилот. Яъне зарур аст, ки фарҳанги созандагии корпоративиро ҳамаи аъзоёни корпоратсия ва ё аксарият қабул дошта бошанд.

3. Варианти алтернативӣ надоштани арзишҳову меъёрҳои олии фарҳанги созандагӣ. Яъне, мо набояд дар ин равишҳо хотирбиниҳову дурӯягиву беадолатӣ дошта бошем. Ё худ амалисозиву истифодаву риояи ин кодекс боиси баҳсу харҳашаву норизоӣ бошад.

4. Фарҳанги сарватшиносиву созандагиро ҳамчун унсури асосӣ ва захираи бузурги бамақсадрасӣ дар менеҷменти касбиву ҳунарӣ бояд шинохт, ки дар он ҳар як аъзои корпоратсия имконоти воқеии бамақсадрасиро бубинад ва боварии комил дошта бошад.

5. Эҳтирому аҷгузорӣ ба арзишҳои кодекси фарҳангӣ ва муқобил нагузоштани он ба фарҳанги миллии он давлате, ки корпоратсияҳои байналмилалӣ кору фаъолият менамоянд.

Ҳамин тавр, асосҳои назариявӣ – консептуалии ташаккули фарҳанги корпоративии созандагӣ қонунияти диалектикии алоқамандии рушди касбиву ҳунарӣ ва иқтисодӣ, қоида ва талаботи махсусу асосҳои назариявии вижаи худро доранд.

АДАБИЁТ

1. Сорокин А.В. Теория общественная богатства. Курс лекции в 2ч. / А.В.Сорокин. - М.: МГУ, 2013. - 224 с.
2. Балашов А.П. Организационная культура. Уч.пособ. / А.П. Балашов. -М., 2017. - 278с.
3. В. Янь. От великой стены до уолл – стрит / В. Янь. Перевод от англ. -М.: Олимп – Бизнес, 2018. – 448с.
4. Фомичев В.А. Когнитоника. В цифровом веке / В.А. Фомичев, О.С. Фомичева. - М.: МАКСПресс, 2018.-344с.
5. Хурматуллин В.В. Интеллектуальная собственность / В.В. Хурматуллин. -М.: МаксПресс, 2017. -180с.
6. Распопов В.М. Корпоративное управление / В.М. Распопов, В.В. Распопов М. Магистр. -М., 2017.-352с.
7. Зеленная экономика и цели устойчивого развития для Росии. Научная монография. Под.общ.ред С.Н. Бобылева. -М.: МГУ, 2019. -284с.
8. Клаус Шваб. Четвертая промышленная революция. Пер. с англ. -М.: Эксмо, 2019. - 209 с.
9. Культура богатства. Под ред. С.В. Пирогова. -М.: МАКСПресс, 2013. - 168с.
10. Абдикеев Н.М. Управление знаниями корпорации и реинжиринг бизнеса. Учебник / Н.М. Абдикеев, А.Д. Киселев. -М.: Инфра, 2015. – 382с.
11. Бодрунов С. Общая теория ноономика / С. Бодрунов. - Москва- Санкт – Петербрг – Лондон, 2019.-504с.
12. Ғаниев Т.Б. Менеҷмент. Китоби дарсӣ. Иборат аз 14 қисм / Т.Б. Ғаниев. –Душанбе: Ирфон, 2003-2020.
13. Тросби, Д. Экономика и культура. - М.: Высш.шк, 2013. - 256с.
14. Экономические проблемы на рубеже XXI века. Под.редакции К.В. Папенова. –М., 2003. -762с.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ – МЕТОДИИ ИДОРАКУНИИ ФАРҲАНГИ СОЗАНДАГӢ ДАР МЕНЕҶМЕНТИ МУОСИРИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба чараёни фарҳангсозӣ, мақсадгузорӣ ва стратегияи равиш ва натичагирии он маълумот дода шудааст. Дастрасиву фаҳмову мақсаднок барои тамоми он одамоне, ки ба ин чараён пайваст мебошанд. Инчунин тағйирёбӣ ва таъсиррасонӣ худ дигаргуншавии рафторӣ дар фаъолияти ҳар як корманди одӣ, менечерону пешвоёни комили касбӣ дар корхонаву ширкатҳо мебошад. Талаботи дигар ба талаботи касбии функсионаливу миссияи корхонаву ташкилот мувофиқ будани ташаккулёбиву амалисозии арзишҳову меъёрҳои навини фарҳангӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, воситаи асосии воридсозии арзишҳои навини фарҳангӣ, пеш аз ҳама, ихтиёрӣ ва дар натичаи омӯзиши амиқ ба вуқӯъ мепайвандад. Аз ин рӯ, мақоми дигар дар ин фаъолият таъмини чараёни иттилоотиву иртиботӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба ҳар як арзишу меъёри навини фарҳангӣ, манфиат ва таъсири он ба фаъолияти касбиву ҳунарӣ, инчунин муайян кардани системаву моделҳои назоратии риояи ин низому арзишҳои навинро ба уҳда дорад.

Калидвожаҳо: фарҳангсозӣ, мақсадгузорӣ, таълимоти касбӣ, меъёрҳои фарҳангӣ, идоракунии фарҳангӣ, арзишҳо ва меъёрҳои фарҳанги созандагӣ.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНИЯ СОЗИДАТЕЛЬНОЙ КУЛЬТУРОЙ В СОВРЕМЕННОМ ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ МЕНЕДЖМЕНТЕ

Основную роль в данной научной статье играет процесс формирования управленческой культуры созидания, цель и стратегия подхода к его креативных результатам, которые следует рассматривать как культурное развитие. Доступно, понятно и целенаправленне для всех, кто вовлечен в процесс. Это также изменение и влияние на профессиональной поведение каждого рядового сотрудника, штатных профессиональных менеджеров и руководителей предприятий и компаний. Другими требованиями адаптации к профессиональным требованиям функциональности и миссии предприятия и организации являются соответствие формирования и внедрения новых культурных ценностей и норм. Поэтому основные способы внедрения новых культурных ценностей прежде всего, на креативно-когнитивном уровне являются результатом углубленного обучения и профессионального убеждения профессиональных лидеров. Следовательно, другой орган в этой деятельности отвечает за обеспечение информационного и коммуникационного процесса и разъяснительную работу по каждой новой культурной ценности и нормам, их преимуществам и влиянию на профессиональную деятельность, а также за определение систем и моделей контроля для соответствия этим новым системам и ценностям.

Ключевые слова: культурология, культурная постановка целей, профессиональное культурное образование, культурные нормы, менеджмент, творчество и т. д.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS FOR MANAGING CREATIVE CULTURE IN MODERN PROFESSIONAL MANAGEMENT

The main role in this scientific article is played by the process of forming managerial cultural creation, the goal and strategy of approach to its creative results, which should be considered as cultural development. Accessible, understandable and purposeful for everyone involved in the process. It is also a change and influence on the professional behavior of every ordinary employee, full-time professional managers and heads of enterprises and companies. Other requirements for adaptation and adaptation to the professional requirements of the functionality and mission of the enterprise and organization are the conformity of the formation and implementation of new cultural values and norms. Therefore, the main ways of introducing new cultural values should be, first of all, on a creative-cognitive basis, be the result of in-depth training and professional conviction of professional leaders. Consequently, another body in this activity is responsible for ensuring the information and communication process and explanatory work on each new cultural value and norms, their benefits and impact on professional activities, as well as for defining systems and control models to comply with these new systems and values.

Key words: ethnography, cultural studies, cultural goal setting, professional cultural education, cultural ethnography, cultural norms, management, creativity, etc.

Маълумот дар бораи муаллифон*: Ғаниев Таваралӣ Бобоевич* – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**
Хоҷаалиев Файзиддин Ашуралиевич - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвончӯй. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторах: ***Ганиев Таварали Бобоевич*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой управления человеческими ресурсами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-70-40-77.** E-mail: **prof.Ganiev.@mail.ru**
Ходжаалиев Файзиддин Ашуралиевич- Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authors:: *Ganiev Tavarali Boboevich* - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Human Resource Management. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 907-70-40-77**. E-mail: **prof.Ganiev. @ Mail.ru**
Khojaaliev Fayziddin Ashuralievich - Tajik National University, applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

УДК: 1 Ф

ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ФАРҲАНГИ ОИЛАДОРИИ ҶАВОНОН

Мамадҷонова М.Д.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Фарҳанги оиладории ҷавонон ва мустаҳкам нигоҳ доштани пояҳои хонаводагӣ хостор ва эҳтиёҷманди доимии маърифату тарбият аст. Зеро навхонадорон бештар бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба сатҳи маърифат, шароити иқтисодиву иҷтимоӣ ва тарзи муошират вобастагӣ доранд. Аммо дар шароити муосир ҷаҳонишавӣ низ пайомадҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфиро дар оила ба бор оварда метавонад, ки муфассалоти онро метавон чунин баён сохт. Таъсири глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ ба ҷомеаи тоҷик, хусусан ба фарҳанги оиладории ҷавонон имрӯз чӣ гуна аст? Кадом омилҳо бештар ба оила таъсири мусбӣ ва ё манфӣ мерасонанд? Ҷиҳати ба хулосаи амиқи илмӣ расидан байни синну сол ва қишрҳои гуногуни ҷомеаи кишвар тадқиқоти сотсиологӣ зери суоли “Ба фарҳанги оиладории ҷавонон глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) чӣ гуна таъсир мерасонад?” гузаронида шуд. Дар натиҷа, 34% сокинони пурсидашуда зикр доштанд, ки ҷаҳонишавӣ дар мадди аввал ба тақлидкорӣ ва ба анъанаю урфу одатҳои ғайр таъсир мерасонанд. Дар навбати дуюм, 28,5% барои аз байн рафтани урфу одатҳои миллӣ ва боқимонда 20,5% ба тағйири либоспӯшӣ ва 17% риоя нагаштани талаботи динӣ шарҳ дода шуд. Аз тадқиқоти гузаронидашуда аён мегардад, ки ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон бетаъсир нахоҳад монд. Аммо таъсири онро метавон шартан ба ду гурӯҳ – мусбат ва манфӣ ҷудо намуд. Таъсири мусбати ҷаҳонишавӣ: а) забономӯзии ҷавонон ва ҳамқадам гардидан бо набзи ҷомеаи ҷаҳонӣ; б) пешрафти илм ва азхудкунии техникаю технологияи муосир; в) истифодаи васеи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ; г) ҳисси

баланди зебоипарастӣ, дарки маданияти рӯзгордорӣ; ғ) пайдо намудани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҷорӣ намудани ғояҳои нав; д)дарёфти ҷойи кор, беҳтар шудани сатҳи зиндагӣ ва мустаҳкам гардидани иқтисодиёти оила ва ғайраҳо.

Омилҳои таъсиррасонии манфии ҷаҳонишавӣ: бегонапарастӣ, тақлид ба анъана ва урфу одатҳои бегона; дин дар раванди ҷаҳонишавӣ ва пос доштани арзишҳои динӣ; таъсири густариши техникаву технологияҳои муосир; таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ (интернетӣ); таъсири муҳоҷирати шаҳрвандон; таъсири санъати бегона ва ғайра.

Бегонапарастӣ, тақлид ба анъана ва урфу одатҳои бегона. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи риояи расму оинҳои миллӣ, аз ҷумла тарзи либоспӯшӣ ба модарону бонувон зикр медоранд: «Тақлид ба либоспӯшии бегона, яъне бегонапарастӣ, нишонаи возеҳи бефарҳангиву бемаърифатӣ ва, гузашта аз ин, ҷаҳолат аст ва оқибати хуб надорад” [15]. Ин тадбир ҷомеаи моро марҳала ба марҳала ба коҳишёбии фарҳанг ва тамаддуни суннатии миллати куҳанбунёди тоҷик мерасонад. Дар сурати коҳиш ёфтани фарҳангу забон миллатро хатари парокандагӣ таҳдид мекунад, чунки фарҳанг яке аз механизмҳои сарҷамъ намудани халқ мансуб меёбад. Пас, вобаста ба муҳиммияти масъала ва дарки фаҳмиши солими ҳар фард ҷомеаи моро зарур аст, ки аз раванди ҷаҳонишавӣ ҷиҳатҳои мусбии онро пазируфта, амалҳои ғайрро маҳкум намоем. Баръакс, таблиғгари урфу одат ва либосҳои миллӣ бошем, ки он ҳуқуқи зинда нигоҳ доштани анъанаҳои ниёгон мебошад. Ин амал ҷомеаи моро аз бегонапарастӣ, тақлид ба амалҳои ғайр ва дигар падидаҳои манфӣ эмин нигаҳ хоҳад дошт.

Омили дигари таъсиррасонии ҷаҳонишавӣ дин дар раванди ҷаҳонишавӣ ва пос доштани арзишҳои динӣ мебошад. Дин як навъи шуури ҷамъиятӣ буда, дар тарбияи ахлоқии башар нақши созгор ва аввалиндараҷа дорад. Маҳз принсипҳои динӣ инсонро аз бисёр амалҳои зишти ғайриахлоқӣ нигоҳ медоранд ва намегузорад, ки инсон ҳамаи талаботи биологиашро худсарона анҷом диҳад. Пас, ҳар миллатро лозим аст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ арзишҳои мазҳабиву динии худро аз ҳар гуна хатарҳо эмин дорад. Дар асри XXI гурӯҳҳо ва равияҳои террористие арзи вуҷуд карданд, ки ба сулҳу амнияти кишварҳои дунё, алалхусус, минтақаи Осиё таҳдид мекунанд, ки аз номи дини мубини ислом ҳарф мезананд суиистифода мекунанд. Сабабҳои пайдоиши терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ) ва даст задани шаҳрвандон ба он паст будани сатҳи дониши диниву дунявӣ, маърифати ҳуқуқӣ, вазъи моддӣ, мушкилиҳои оилавӣ, дар сатҳи паст қарор доштани фарҳанги иттилоотӣ ва маърифати ҷомеа мебошанд. Амалҳои террористиву экстремистӣ бештар дар давлатҳои Ироқ, Сурия ва Яман дида мешаванд, ки мақсади ягонаи онҳо барпо намудани ҳокимият аз болои ҷаҳони ислом ва сипас ба тамоми ҷаҳон мебошад. Бояд тазаккур дод, ки бузургтарин таҳдид на таҳдиди экстремизм, балки таҳдиди экстремизми динӣ ба ҳисоб меравад. Он бевосита ба мафкураи наврасону ҷавонон таъсир расонида, онҳоро аз омӯхтани илм дур месозад. Мақсади ин гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ вайрон кардану халалдор сохтани сулҳу ваҳдати миллӣ, ноором сохтани зиндагии осоиштаи мардум ва аз таълиму тарбия дур сохтани ҷавонону наврасон мебошад. Аксарияти шахсоне, ки дар амалҳои террористиву экстремистӣ иштирок мекунанд, ҷавонон мебошанд. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ намудани шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна гурӯҳҳои ифротгаро тавассути ВАО ва фаҳмонидани оқибатҳои даҳшатноки ин гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар муассисаҳои таълимӣ муҳим мебошад.

Таъсири техникаву технологияҳои муосир. Автоматизатсиякунонӣ ё компютеркунонӣ, аз як тараф барои истифодаи самараноки вақт, суръати баланди корбарӣ, дарёфт ва таъмини иттилооти фаврӣ, ба ташкилоту муассисаҳо, афроди алоҳида ва ба ташаккулёбии сифатҳои маънавии инсон мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, афзудани фаъолияти марказҳои хизматрасонии компютерӣ (интернет-кафе, бозиҳои ҳархела ва ғайра) боиси дур шудани фарзандон аз раванди таълим ва коҳиш ёфтани ахлоқ мегардад. Масалан, агар ҷавонону наврасон ба бозиҳои компютерӣ роҳ ёфтанд, ин бозиҳо

хоҳу нохоҳ майлу рағбати насли наврасро ба худ ҷалб менамоянд. Бозиҳои пулакӣ марҳала ба марҳала на фардӣ, балки ба гурӯҳӣ табдил меёбанд. Маблағи волидайн, ки ба таҳсилу маводи ғизоии фарзанд ҷудо мегардад, дар ин марказҳои бозӣ сарф мегардад.

Дар ин раванд, барои пешгирии ин амалҳои номатлуб нақши оила, махсусан, падару модар хеле муассир аст. Аъзои оила, волидайн бояд бо фарзандон робитаи доимӣ ва мустаҳкам дошта бошанд. Доир ба ин масъала, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр медоранд: «Муносибати хуби байниҳамдигарии падару модар ба фарзандон ва аҳли оила таъсири мусбат мерасонад ва ба онҳо дарси ибрат мегардад. Яъне, фарзанд тарзи дурусти оиладорӣ ва муносибату муоширатро бевосита аз падару модари худ меомӯзад. Танҳо дар чунин оилаҳо фарзандон падару модари худ ва калонсолонро эҳтиром мекунанд, дастгиру кумакрасони онҳо мешаванд ва ҳамчун шахсони хайрхоҳу савобҷӯ ба камол мерасанд» [15].

Таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ (интернетӣ). Иттилоотонӣ яке аз масъалаҳои меҳварии раванди ҷаҳонишавӣ ба шумор рафта, нақши он дар таъмини фаврӣ ва дастрасии дилхоҳи хабару иттилоот дар ҷомеа тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ муассир аст. Аксари сокинони мамлакат, хосса аъзои ҳар оила ба телефонҳои муосири мобилӣ дастрасӣ дошта, аз вазифаҳои телефон ва фаъолияти он бархӯрдоранд. Масъалаи манфиатбахши он барои истифодабаранда дар он зоҳир мегардад, ки муоширати озоду фаврӣ, ҳалли муаммо, дастрасӣ ба хабар, назорати фарзандон дар хона ва ё мактаб, огоҳ шудан аз раванди ҳодисаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, дастовардҳои ҷаҳон ва хабарҳои ҳамарӯзаи дохиливу хориҷӣ ба миён меояд. Вале, аз ҷониби дигар, ин ба ташаккули фикриву ахлоқии наврасону ҷавонон ва костагии маърифати ҷавонон дар оила таъсири манфӣ мерасонад. Аз истифодаи нодуруст ва ғайримақсадноки он оилаҳои ҷавон барҳам мехӯранд. Дар оила барои солим ба воя расидани фарзанд халал ворид мегардад. Тибқи таҳлилҳои солҳои охир шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ғайриқонунӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ (интернетӣ) бештар сурат мегирад. Шомилшавӣ ба чунин гурӯҳҳо хатар ба амнияти миллӣ ва доғдор кардани оила мебошад. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намудаанд: “Роҳбарон ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд дар иҷрои вазифаву уҳдадориҳои хизматияшон доимо ҳушёру зирак бошанд, барои таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи суботу оромии ҷомеа бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир – терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо қотеона мубориза баранд” [12].

Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ. Ҳамасола ҳазорҳо нафар шаҳрвандон ва оилаҳо муваққатан ба ин ё он кишвар муҳоҷират мекунанд. Дар тарбияи ахлоқии ҷавонон ин масъала баръало мушоҳида мегардад, ки ин ба баъзе оилаҳои ҷавон таъсири манфӣ мерасонад ва сабабгори ҷудошавии оилаҳо мегардад. Масалан, аксари мардоне, ки ба Федератсияи Русия раҳсипор мешаванд, оилаи нав бунёд мекунанд ва зану фарзанди худро гузошта, майли бозгаштан надоранд. Гарчанде сафари оилавӣ дошта бошанд ҳам, аммо фарҳанги кишвари ғайр ба фарзандон бетаъсир нахоҳад монд. Гум кардани забони модарӣ, аз байн рафтани ҳурмату эҳтиром нисбати волидайн, эҳсоси комилҳуқуқӣ ва мустақилӣ пазируфтани фарҳанг ва урфу одатҳои бегона аз ҳамин қабиланд.

Посдории фарҳанги миллӣ ва оиладории ниёкон. Ҳамаи бурду бохт, дарки ҳастиву дӯст доштани Ватан, Модар, рӯ овардан ба фарҳанги миллӣ, эҳтиром ба волидайн ва нақш гузоштан дар рушди ҷомеа маҳз аз тарбияи фарзанд дар оила ташаккул ва сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз, бо такя ба Қуръони карим, тарғиби оиладорӣ, маданияти Шарқ ва зинда нигоҳ доштани урфу одатҳои миллӣ дар оиладорӣ яке аз нишонаҳои аз байн бурдани таъсири манфии ҷаҳонишавӣ дар фарҳанги оиладории ҷавонон мебошад.

Хулоса, агар ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон аз ҷиҳати риояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн, барҳам додани хушунати хонаводагӣ, беҳтар намудани шароити ҳамзистӣ таъсири мусбат расонад, аз ҷониби дигар метавонад омилҳои манфиро чун нодида гирифтани арзишҳои миллӣ ва давлатӣ, тақлиди кӯркӯрона ба одатҳои ғайр ва амсоли инҳоро ба бор орад. Ҳар як миллат дар раванди ҷаҳонишавӣ бо онҳо хоҳу нохоҳ

рӯ ба рӯ хоҳанд шуд ва роҳи ягонаи зарар надидани фарҳанг ва коста нагардидани ахлоқ дар ҷомеа, қабл аз ҳама, омода будан ба ин раванди пуртазод мебошад. Пас, зарур аст, ки аз фарҳанги миллии оиладориро, ки он дар заминаи посдории арзишҳои миллӣ такомул меёбад, дар пойдории оилаҳои ҷавон ва беҳтар намудани вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳамчунин, дар баробари зуҳуроти бегона, ки ба рӯҳияи миллати мо созгор нест, чун сипари боэътимод ҳадафмандона истифода намоем.

АДАБИЁТ

1. Абу Али ибн Сина. Восточная философия. Сочинения. Том второй. – Душанбе: Дониш, 2005.
2. Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.1. – Душанбе, 1980.
3. Абӯали ибни Сино. Фалсафаи Шарқ. Осор. Ҷ. 2. –Душанбе: Дониш.
4. Ал-Фараби Абу Наср Мухаммад. Историко-философские трактаты / Пер. с араб. – Алма-Ата: Наука, 1985. –623 с.
5. Антология мировой философии. В четырёх томах. – Т.1.–Философия древности и средневековья.–Ч. 1 и 2. – М.: Мысль, 1969.–935 с.
6. Гусейнов А. А. Краткая история этики / А. А.Гусейнов, К. Иррлиц. – М.: Мысль, 1987. –589 с.
7. Диноршоев М. Философия Насириддина Туси / М.Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 1968. –157 с.
8. Маҳмадов Абдураҳмон. Муқаддимаи идеяи миллӣ / А. Маҳмадов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013.
9. Муқаддимаи низоъшиносӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2006.
10. Муродова Г. Равандҳои глобализатсионӣ ва ояндаи давлатҳои миллӣ / Г.Муродова, С. Шоҳроҳи. – Душанбе, 2006.
11. Олимов К. Рисолаҳои фалсафӣ, табиатшиносӣ ва тиббии Ибни Сино ва аҳамияти онҳо. –Душанбе: Дониш, 2007.
12. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе 20.01.2016 [Манбаи электронӣ]. www.president.tj. (санаи мурочиат: 24.06.2020).
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, 26.12.2019. [Манбаи электронӣ]. www.president.tj. (санаи мурочиат: 24.06.2020).
14. Соколов К.Б. Глобализация: История, современность и искусство / К.Б. Соколов. – М.: Государственный институт искусствознания, 2012. – 444 с.
15. Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар, шаҳри Душанбе, 7 марти соли 2020. [Манбаи электронӣ]. www.president.tj. (санаи мурочиат: 24.06.2020).

ТАЪСИРИ ҶАҲОНИШАВӢ БА ФАРҲАНГИ ОИЛАДОРИИ ҶАВОНОН

Дар шароити муосир ҷаҳонишавӣ пайомадҳои мусбӣ ва ҳам манфиро дар фарҳанги оиладории ҷавонон ба бор оварда метавонад. Глобализатсия (ҷаҳонишавӣ) падидаи нави иҷтимоӣ буда, инсоният аз охири асри XX бо он рӯ ба рӯ шудааст. Дар мақолаи мазкур мафҳумҳои асосии ҷаҳонишавӣ, таъсири мусбату манфии он ба фарҳанги оиладории ҷавонон, нақши оила дар тарбияи фарзандони солим бо истифода аз маводҳои илмӣ, тадқиқоти сотсиологӣ ва бо далелҳои асоснок рӯйи кор омадаанд. Инчунин, баъзе аз роҳҳои зарар надидани фарҳанг, коста нагардидани ахлоқ дар ҷомеа ва роҳу усулҳои пешгирии зуҳуроти бегона, ки ба рӯҳияи миллати мо созгор нест, таҳлилу таҳқиқ ёфтаанд. Аз ҷумла қайд мегардад, ки ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон бетаъсир нахоҳад монд. Таъсири онро муаллиф шартан ба ду гурӯҳ – мусбат ва манфӣ ҷудо намудааст. Дар Баробари баёни таъсири мусбати ҷаҳонишавӣ омилҳои таъсиррасони манфии ҷаҳонишавӣ чун бегонапарастӣ, тақлид ба анъана ва урфу одатҳои бегона; дин дар раванди ҷаҳонишавӣ ва пос доштани арзишҳои динӣ; таъсири густариши техникаву технологияҳои муосир; таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ (интернетӣ); таъсири муҳоҷирати шаҳрвандон; таъсири санъати бегона ва ғайра зикр шудаанд.

Калидвожаҳо: ҷаҳонишавӣ, фарҳанги оиладорӣ, ҷавонон, арзишҳои миллӣ, урфу одат, тақлидкорӣ, таъсири мусбат ва манфии ҷаҳонишавӣ

ВЛИЯНИЕ ГЛОБАЛИЗАЦИИ НА КУЛЬТУРУ МОЛОДЫХ СЕМЕЙ

В современных условиях глобализация влияет на культуру молодых семей в позитивном и негативном плане. Понятие “глобализация” означает новое социальное явление, с которым человечество столкнулось в конце XX века и в настоящее время находится в русле его развития. В статье в научном, социалогическом и фактологическом аспекте рассмотрены основные понятия глобализации, ее положительное и негативное влияния на культуру молодых семей, роль семьи в воспитании здорового поколения. Также в статье изучены защита семейной культуры, процесс обескультуривания общества, подходы и методы защиты от чуждой таджикскому обществу культуры и ценностей. Из осуществленного исследования исходит, что глобализация оказывает существенное влияние на семейную культуру молодых семей. Однако автор условно разделил данное влияние на две группы - позитивное и негативное влияние. Наряду с описанием позитивного влияния глобализации также исследованы негативные факторы, такие как преклонение перед чуждыми ценностями, подражание чужим традициям и обычаям; изучен вопрос религии в процессе глобализации и религиозных ценностей; рассмотрено влияние технического и технологического прогресса; влияния социальных сетей (интернета); влияния миграции населения; влияния инородной культуры и пр.

Ключевые слова: глобализация, семейная культура, молодежь, национальные ценности, традиции и обычаи, подражание, позитивное и негативное влияние.

THE INFLUENCE OF GLOBALIZATION OVER YOUTH`S FAMALY CULTURE

Under modern conditions the globalization is of its both positive and negative impacts upon youth`s family culture. As far as we are concerned that the notion of globalization is as new social phenomenon the fact that humanity has encountered in the end of the XX-th century aimed at asserting its process comprehensively. The article under consideration dwells on the main notions of globalization, its positive and negative sway over youth`s family culture. Proceeding from scientific materials, social explorations and concrete evidences, the author of the article canvasses the role of family to upbringing healthy generations entirely. Into the bargain, in her article the author carries out certain ways targeted at preserving our family culture and not damaging youth`s morality in the society and the ways of preventing some strange phenomenon those ones in-normal in our national sufficiency being taken into consideration as well. Our conducted consideration testifies that the globalization is of impact on the family culture. However, the author of the article single outs its influence into two groups conditionally, as follows: positive and negative one. Alongside with outlining the positive influence of globalization stresses thefollowing factors, such as ignorance, imitation of national traditions and customs; religion in the global process and promotion of religious values, the influence of development of modern technologies, the impact of social network (online), migration and foreign art being taken into account as well.

Key words: globalization, family culture, youth, national values, traditions and customs, imitation, positive and negative impact of globalization

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мамадҷонова Муҳаббат Дадоҷоновна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, унвонҷӯй. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1 E-mail**:** **m.mamadzhanova1988@mail.ru**, Телефон: **(+992) 92-706-77-11**

Сведения об авторе: ***Мамаджанова Мухаббат Дададжановна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, соискатель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. E-mail: **m.mamadzhanova1988@mail.ru,** Телефон: **(+992) 92-706-77-11**

Information about the author: ***Mamadjonova Muhabbat Dodojonovna*** - Khujand State University named after acad. B. Gafurov,applicant. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.
E-mail: **m.mamadzhanova1988@mail.ru,** Телефон: **(+992) 92-706-77-11**

УДК:2:008

САБАБҲО ВА САТҲИ ХАТАРИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

Давлатов А. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Замечательным примером применения принципов хозяйственного расчета в организации производственно-трудового воспитания учащихся служит опыт учебно-производственных мастерских средней школы № 56 района Сино города Душанбе. С момента их организации школьные мастерские специализируются на выпуске оборудования для лингафонных кабинетов общеобразовательных учреждений. Ещё одним примером отличной организации производственно-трудового воспитания в обычной средней школе является опыт школы №89. В 2012 году там были созданы хорошо оснащенные учебно-производственные мастерские. Вскоре в них было организовано производство товарной продукции. Ребята стали выпускать различные швейные изделия, кухонные гарнитуры из шести предметов и некоторые другие изделия. У этой школы не было и нет шефствующего предприятия. Поэтому учебно-производственные мастерские годами находятся на полном хозяйственном расчете, и по сути дела, представляют собой небольшое промышленное предприятие, имеющее все важнейшие элементы заводской структуры: производство, сбыт, снабжение и другие службы. Все это позволяет учащимся близко знакомиться с основными принципами организации современного производства. Сотрудничество семьи, школы и общества является важной формой всестороннего воспитания подрастающего поколения. Потому что воспитание детей перестанет быть частным делом семьи, её сугубо интересует общество. Принятый Правительством Республики Таджикистан Закон «Об ответственности родителей по воспитанию и обучению детей» является одним из важных шагов в этой области. Анализ работы школы с родителями позволяет сделать вывод, что совместная работа между семьей и школой является важной формой нравственного воспитания школьников. Родительское собрание является одной из важных форм совместной работы семьи и школы (классное и общешкольное). В течение года должно проводиться три-четыре раза общешкольное собрание, и обсуждаться важные вопросы, связанные с жизнью школы. Классные родительские собрания созываются один-два раза в четверть. Обычно на родительском собрании учитель решает два вопроса: успехи школьников в учёбе и их поведение и пропагандирует педагогические знания.

Провести родительское собрание для начинающего учителя трудно, потому что в классе есть недисциплинированные и неуспевающие ученики. Опытные учителя во время родительских собраний и с результатами школьной успеваемости и поведением, как правило, дают объективную характеристику класса, называют и тех, кто не преуспевает и в то же время внушают родителям, что если они будут работать вместе, то быстро смогут исправить положение. Если критика не затрагивает родителей, то учитель должен обратиться за помощью к общественным и государственным организациям. Педагогическое образование родителей также является важной и не менее сложной частью работы учителя. Одним из важных и эффективных средств педагогического просвещения родителей являются индивидуальные беседы. В этом процессе учитель должен чётко и ясно определить задачи родителей в воспитании, вскрыть недостатки, пометить эффективные средства воздействия на ученика с учётом его особенностей и условий жизни семьи.

С целью педагогического просвещения во многих общеобразовательных учреждениях, особенно в №89, 82, 56 города Душанбе и №1, 3 города Вахдат, с большим успехом проводятся родительские конференции, посвященные разным темам по нравственному воспитанию школьников и обмену опытом воспитания в семье, а также обсуждение отдельных вопросов воспитания (дисциплина, дружба старших и младших детей и т. д). На конференциях о формах нравственного воспитания школьников родители рассказывают о своем опыте воспитания, пытаются анализировать его, а главное, убеждают своим примером всех остальных.Педагогическое просвещение родителей строится с учётом возраста детей. Тематика бесед, лекций, конференций разрабатывается отдельно для родителей дошкольников, младших школьников и старшеклассников. Это даёт возможность поставить перед родителями ряд вопросов, специфических для воспитания детей разного возраста.В педагогическом просвещении очень важное место занимают диспуты по вопросам нравственного воспитания. Точкой отправного материала служат статьи в журналах, газетах и др. материалы, которые

посвящаются этим формам воспитания. В данное время во многих общеобразовательных учреждениях нашей республики существуют такие формы педагогического обучения родителей, как родительские лектории, университет родителей, школы матерей и отцов. Работа с родителями проводится не только в общеобразовательном учреждении, а организуется по месту жительства и на предприятиях. Профсоюзная организация совместно со школой создают советы содействия семье и школе. Эти советы проводят беседы с родителями, обсуждают поведение детей на улице и т.д. Опыт в семейной жизни, полученный детьми, определённые знания, полученные в школе, процесс общения с людьми, «ценности» уличного образа жизни и работа, выполняемая детьми, формируют представления о будущем, о порядке достижения или реализации определенных компонентов жизненного самоопределения – учёбы, работы, семьи, места жительства и т.д.

Согласно опросу, проведенному «Центром социологических исследований», наиболее распространённым видом занятий для мальчиков является работа носильщика – 15, 7%, и в основном для тринадцати и шестнадцати лет. А для девочек -мелкая розничная торговля на улице составляет 55, 5%, в основном 13-16 лет. И мальчики, и девочки помогают родителям и родственникам, торгуя на рынке 11, 0% опрощенных мальчиков и девочек. Девочки больше заняты и торгуют руками – 11, 1%, тогда как мальчики моют машины – 8, 6% [49, с.38]. Активная помощь родителей также важна и актуальна для тесного контакта со школой.

Форма связи школы и семьи называется родительским комитетом или родительским активом в классе. Общешкольное собрание избирается родительском комитетом и работает под руководством директора. Функции и содержание его работы определены в положении о родительском комитете. Он проводит большую работу по осуществлению Закона об обучении, привлекает родителей для организации бесплатного питания, обеспечения нуждающихся детей, распределения средств шефствующих предприятий. На тех родителей, которые не уделяют внимания нравственному воспитанию детей, родительский комитет оказывает воздействие, и исправляет их ошибки. Таких родителей привлекают для руководства разнообразными кружками, оказывают им помощь в проведении педагогической пропаганды. В каждом классе в помощь учителю избирается родительский актив. В общеобразовательных школах №56, 77, 76 города Душанбе и №1, 8, 10 района Рудаки, №34, 36 города Вахдата этот актив состоит из трёх-пяти человек. Во многих школах эти – группы актива получили наименование родительских комитетов класса. Родительские комитеты в школах в тесном контакте с учителем работают с членами родительского актива.Члены родительского актива изучают условия жизни учеников дома, на рынке и в других общественных местах, определяют их трудовую деятельность, их способности и условия труда, которые неразрывно связаны с их нравственным воспитанием.

Члены родительского актива, изучая условия жизни учащихся, посещают отдельные семьи, беседуют с родителями, которые не выполняют своих родительских обязанностей, устанавливают контакты с общественными организациями, участвуют в организации досуга детей (прогулки, экскурсии, поездки в театры и кинотеатры), помогают учителю проводить педагогическую пропаганду.

Экскурсия является одной из важнейших форм ознакомления учащихся с организацией производства, технологией, а также с основными профессиями различных промышленных предприятий. Для успешной экскурсии необходимо четко определить её тему, цель и дату обучения, образования и профессиональной ориентации. Есть три этапа: подготовка, проведение и итоги тура. Планирование занимает значительное место в подготовке учителя к экскурсии. Это позволяет проводить ее в соответствии с целями. Планируют экскурсии в начале учебного года. В то же время тщательно изучают школьную программу в соответствии с работой, в которой определяется не только объём знаний, которые должны быть изучены учащимися в каждом классе, но даются инструкции о характере изучаемого предмета во время экскурсии.

Анализ школьной программы помогает учителю определить предприятия, которые станут объектами для изучения в ходе экскурсии. На этих предприятиях школьники знакомятся с организацией и технологией производства, хозяйственно-экономической деятельностью, характером и содержанием труда рабочих массовых профессий. В процессе подготовки к экскурсии учителю целесообразно ознакомиться с некоторыми сведениями по основам техники, технологии и организации труда, со справочной литературой, имеющей отношение к содержанию программного материала предстоящей экскурсии.Для примера мы приведем план подготовки и проведения экскурсии учащихся 9 класса общеобразовательного учреждения №89 на учебно-производственный комбинат.

Учебная цель: Ознакомить учащихся с организацией и работой механического цеха промышленного предприятия, с техникой и технологией изготовления выпускаемой продукции.

Воспитательная цель: способствовать воспитанию у учащихся уважения к людям и любви к труду.

Профориентационная цель: ознакомить учащихся с содержанием труда рабочих – станочников по механической обработке металла и т. д.

Подготовка к экскурсии. В подготовительный период учитель трудового обучения посещает несколько механических цехов промышленных предприятий города, района, знакомится с оборудованием и т.д. Подготовка учащихся к экскурсии проводится на занятиях по техническому труду. Учитель сообщает цель, план предстоящей экскурсии и вопросы, на которые они ответят по результатам экскурсии.

Оказалось, что наиболее привлекательны для подростка производительные виды общественно-полезного труда, а отрицательное отношение в основном вызывает бытовой труд (уборка помещений, двора, мытье полов, посуды и т.д.).

Для уточнения отношения подростков к различным видам общественно-полезной трудовой деятельности нами было проведено в общеобразовательных учреждениях г. Вахдат, района Сино и г. Душанбе исследование, в ходе которого применялись следующие методики: «Оценочные шкалы – для выявления отношения к различным видам общественно-полезной трудовой деятельности. При использовании методики «Оценочные шкалы» каждому подростку давалась карточка, на которой было написано 50 предложений по 10 для каждого вида общественно-полезной трудовой деятельности. Испытуемый должен был оценить каждое предложение по 5 балльной шкале, где 1 балл означал полное несогласие, 5 баллов – полное согласие. По содержанию эти предложения включали как общую оценку деятельности, так и эмоциональное отношение к ней. Для проверки понимания подростками содержания предложений была проведена предварительная апробация их, затем вычислено общее количество баллов, полученных по каждому предложению.

Таким образом, отношение к производительному труду у подростков положительное, так как оценки предложений довольно высокие. Далее учитель составляет перечень вопросов, на которые учащиеся должны получить ответы непосредственно в ходе экскурсии и по которым составляют письменный отчет после экскурсии. Примерная тематика вопросов.

1. Какие профили трудового обучения существуют на комбинате?
2. Какой кабинет, участок или цех комбината понравился больше всего? Почему?
3. Какую профессию вы хотели бы приобрести и что знаете о ней?

В заключении учащимся раздают анкеты о выборе ими будущей профессии или профиля производственно-трудового изучения на комбинате, приглашения на День открытых дверей и праздник – конкурс «Лучший по профессии». Учителя дают индивидуальные задания для углубления знаний по конкретным вопросам учащимся, чтобы повысить их интерес к определенным областям знаний и расширить возможности использования их склонностей и способностей. В этом случае педагог учитывает особые интересы и увлечения учащихся. Система индивидуальных заданий особенно оправдана в процессе технического творчества. При организации этой работы важно, чтобы учащиеся были убеждены в своей способности выполнять задачу по улучшению знаний и навыков в этой сфере деятельности.

Конкурсы «Лучшие по профессии» имеют целью выявить учеников, которые имеют склонности и интересы в определенной профессии. Конкурсы проводятся в звеньях, учебных группах по всей школе, учебно-производственного комплекса, района и области. Такие конкурсы служат массовой демонстрацией достижений учащихся в их трудовом политехническом образовании. Они углубляют знания школьников в классе и вне занятий, совершенствуют умения и навыки как общего технического, так и общего трудового и профессионального характера, развивают их профессиональные интересы и творческое отношение к работе. Во время соревнований учащийся должен продемонстрировать способность выполнять работу, соблюдать правила техники безопасности, пользовать контрольно-измерительные приборы и инструменты, оборудование и экономно использовать материалы. Во время проведения конкурсов каждый школьник имеет возможность на практике попробовать свои силы, сравнить результаты своей работы с результатами работы своих друзей, что приводит к совершенствованию знаний и умений в определенной области деятельности.

Вечера техники могут быть нескольких типов: Вечера, целью которых является расширение, углубление знаний и навыков учащихся. Уроки физики, химии и труда (темы этих Вечеров соответствуют содержанию учебной программы, проводятся в виде конкуров, решения технических задач); Вечера, проводимые с целью развития интереса к технологиям, расширения политехнических горизонтов и Вечера, когда ученики узнают об определенной области техники, её истории и достижениях.

Неделя технологий и труда. За месяц до этого события избирают штаб для организации Недели. Он составляет программу, в которую включает трудовые операции (сбор макулатуры, металлолома, дни общественных работ, как субботники и воскресники); встречи со специалистами, передовиками производства; публикация газет на эту тему и их конкурс; конкурсы на лучшего работника в профессии; школьные вечера, дебаты, ученические выставки и т. д.В качестве примера можно привести работу, проводимую учителем трудового обучения среднего общеобразовательного учреждения имени Резана г. Пенджикента Саримова Г. Он использовал разнообразные формы диспутов, например, по темам: «Как я представляю современного рабочего», «Что ты думаешь о выборе профессии», «Выбор профессии – это дело личное или общественное?», «Что такое творческий труд?» и т. д.

Клубы будущих специалистов. Развитие человека, как известно, проходит в процессе деятельности. Поэтому воспитательная профориентационная работа – это, прежде всего, организация деятельности школьников, их отношения с друзьями и взрослыми. В этом смысле создание клубов будущих профессионалов было бы очень полезно. Их работа должна быть организована таким образом, чтобы каждый учащийся получал определенную информацию о профессии, сталкивался с трудностями, которые были ему интересны, новы и необычны в рабочей среде, на школьных семинарах, на школьных участках.

Кружки технического творчества. В процессе ознакомления учащихся с определенными профессиями в кружках технического творчества они могут сосредоточиться на овладении навыками трудовой и познавательной деятельности и самостоятельности. Это достигается путем организации занятий в соответствии с интересами и желаниями самих учеников.

Летние трудовые объединения старшеклассников. Большие возможности профориентации встроены в деятельность школьных профсоюзов старших классов с использованием современных средств механизации, электрификации и химизации производственных процессов.

Школьники, работающие в производственном коллективе, практически и психологически готовятся к осознанному выбору профессии. Однако, отмечая большие возможности профориентации школьной производственной бригады, школьного лесничества, трудового и оздоровительного лагерей, следует отметить, что они могут эффективно использоваться только при определенных педагогических организационных, экономических и материально-технических условиях, которые способствуют эффективной профориентации.Помимо форм производственного и трудового воспитания учащихся старших классов, также существуют методы подготовки учащихся к производственному и трудовому воспитанию. В школьных условиях используются следующие методы: наблюдение, беседа, опрос, обобщение самостоятельных характеристик, анализ результатов деятельности школьников, педагогический эксперимент.

Разговор (беседа) – это техника и метод понимания психологических явлений в процессе речевого общения в естественной обстановке. Согласно этому методу, предъявляются следующие требования: целеустремленность, планирование, изобретательность, индивидуальный подход, соблюдение этико-педагогического такта. Беседы могут быть общими или индивидуальными.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азаров Ю.П. Семейная педагогика. Педагогика любви и свободы / Ю.П. Азаров. - М.: Аргументы и факты. 2002. – 608с.
2. Арбузов А.Н. Соединение обучения и воспитания с производительным трудом учащихся в сельскохозяйственном производстве / А.Н.Арбузов. -М.: Изд-во АПН РСФСР, 1959. – 304с.
3. Бердиняев Ш.И. Воспитание школьников в труде / Ш.И. Бердиняев. –М.: Просвещение, 1980. – 120с.
4. Болдырев Н. И. Методика работы классного руководителя Н. И. Болдырев. –М.: Просвещение, 1984. – 143с.
5. Измаилов А.Э. Народная педагогика и педагогические воззрения народов Средней Азии и Казахстана / А.Э. Измаилов. – М.: Педагогика, 1991. – 251с.
6. Макаренко А.С. Педагогические статьи, документы, письма и выступления. Соч. в VII томах / А.С. Макаренко. – М., 1958. –Т.VII. – 435с.
7. Макаренко А.С. Избранные педагогические сочинения / А.С. Макаренко. – М.: Учпедгиз, 1946. – 342 с.
8. Рахимов Б.Р. Воспитание навыков и привычек культурного поведения у детей младшего школьного возраста: Автор. дисс. канд. пед. наук / Б.Р. Рахимов. – Ташкент, 1968. – 24с.
9. Сухомлинский В.А. Трудолюбие – элемент духовной и интеллектуальной жизни / В.А. Сухомлинский. – М.: Политиздат, изд. 3, 1979. – 360с.

САМАРАНОКИИ ҲАМКОРИИ МАКТАБ ВА ИСТЕҲСОЛОТ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМИ АХЛОҚӢ ДАР РАВАНДИ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ

Дар мақолаи мазкур оиди самаранокии ҳамкории мактаб ва истеҳсолот дар раванди фаъолияти амалии хонандагони синфҳои болоӣ сухан меравад. Муаллиф қайд мекунад, ки шаклҳои асосии роҳнамоии касбӣ, ки тавассути он маълумоти касбӣ ва таълими касбии донишҷӯён амалӣ карда мешаванд, аз инҳо иборатанд: дарс дар семинарҳои омӯзишӣ, экскурсия ба корхонаҳо, суҳбат оиди интихоби касб, озмуни

"Касби беҳтарин", шоми технологӣ, ҳафтаи технология, меҳнат, омода кардани эссе, нашри албомҳо, фотомонтажҳо дар бораи касбҳо, маҳфилҳои мутахассисони оянда ва ғайра. Ҳамкории байни оила, мактаб ва ҷомеа шакли муҳимми тарбияи ҳамаҷонибаи насли наврас мебошад. Тарбияи фарзандон масъалаи шахсии оила бошад ҳам, дар ҷомеа ҳам ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Яке аз қадамҳои муҳим дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" мебошад. Хонандагони мактаб, ки дар як гурӯҳи истеҳсолӣ кор мекунанд, барои интихоби касб амалан ва фикран омодаанд. Бо вуҷуди имкониятҳои фарогири роҳнамоии касбии дастаи истеҳсолии мактаб, хоҷагии ҷангал, лагерҳои меҳнатӣ ва саломатӣ, бояд қайд кард, ки онҳоро метавон танҳо дар шароити муайяни ташкилӣ, иқтисодӣ ва моддию техникӣ истифода бурд, ки ба роҳнамоии самараноки касбӣ мусоидат кунанд.

Калидвожаҳо: тарбияи ахлоқӣ, хонандагони синфҳои болоӣ, самти касбӣ, мактаб, меҳнат, истеҳсолот, зуҳуроти психологӣ, муносибати инфиродӣ.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ШКОЛЫ И ПРОИЗВОДСТВА ПО НРАВСТВЕННОМУ ВОСПИТАНИЮ В ПРОЦЕССЕ ПРАКТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТАРШЕКЛАССНИКОВ

В настоящей статье автор рассматривает эффективность взаимодействия школы и производства в процессе практической деятельности старшеклассников. Автор отмечает, что основные формы вводного профессионального руководства, посредством которого осуществляется профессиональное образование и профессиональное воспитание учащихся, включают в себя: урок в учебных мастерских, экскурсию на предприятие, профессиональную ориентационную беседу, конкурсы: «Лучший по профессии», Вечера техники, Неделя техники, Неделя техники и труда, подготовку рефератов, выпуск альбомов, фотомонтажей о профессиях, клубы будущих специалистов и т.д. Сотрудничество семьи, школы и общества является важной формой всестороннего воспитания подрастающего поколения. Потому что воспитание детей перестаёт быть частным делом семьи, оно сугубо интересует общество. Принятый Правительством Республики Таджикистан Закон «Об ответственности родителей по воспитанию и обучению детей» является одним из важных шагов в этой области. Школьники, работающие в производственном коллективе, практически и психологически готовятся к осознанному выбору профессии. Однако, отмечая большие возможности профориентации школьной производственной бригады, школьного лесничества, трудового и оздоровительного лагерей, следует отметить, что они могут эффективно использоваться только при определенных педагогических организационных, экономических и материально-технических условиях, которые способствуют эффективной профориентации.

Ключевые слова: нравственное воспитание, старшеклассники, профессиональная ориентация, школа, труд, производство, психологические явления, индивидуальный подход.

EFFECTIVENESS OF INTERACTION BETWEEN SCHOOL AND PRODUCTION ON MORAL EDUCATION IN THE PROCESS OF PRACTICAL ACTIVITY OF HIGH SCHOOL STUDENTS

In this article, the author examines the effectiveness of interaction between school and production in the process of practical activity of high school students. The author notes that the main forms of introductory professional guidance, through which professional education and professional education of students are carried out, include: a lesson in training workshops, an excursion to the enterprise, a professional orientation conversation, competitions: "Best in profession", PM technology week technology week equipment and labor, preparation of papers, albums, photo montages of professions, clubs future professionals, etc. Cooperation between the family, school and society is an important form of comprehensive education of the younger generation. Because the upbringing of children will no longer be a private matter of the family, it is purely interested in society. The Law adopted by the government of the Republic of Tajikistan “on the responsibility of parents for the upbringing and education of children” is one of the important steps in this area. Students working in the production team are practically and psychologically prepared for a conscious choice of profession. However, noting the great opportunities for vocational guidance of the school production team, school forestry, labor and recreation camps, it should be noted that they can be effectively used only under certain pedagogical organizational, economic and material and technical conditions that contribute to effective vocational guidance.

Keywords: moral education, high school students, professional orientation, school, work, production, psychological phenomena, individual approach.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Олимова Гуландом Сафаралиевна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 . Тел: **93-521-96-96.**

Сведения об авторе: ***Олимова Гуландом Сафаралиевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон: **93-521-96-96.**

Information about the author: ***Olimova Gulandom Safaralievna*** – Tajik National University, assistant of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **93-521-96-96.**

УДК 338.48(575.3)

ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ ОМОДА НАМУДАНИ МЕНЕҷЕРОНИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

Азимова М.А.
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат

Тоҷикистон дар рушди соҳаи сайёҳӣ қадамҳои нахустин ва устувори худро мегузорад ва дар ин ҷараён омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тарғибу ташвиқи захираҳои сайёҳии мамлакат басо муҳим аст, зеро туризм ба сифати суръатбахши рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳо баромад намуда, ҳамзамон, худ низ соҳаи зудинкишофёбанда ва ояндадор мебошад. Аҳамияти иқтисодии туризм, пеш аз ҳама, дар талабот ва тақозои туристӣ зоҳир мегардад. Минбаъд дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар кишвар таълим, тарбия ва омодасозии мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ ҷойи муҳимро ишғол хоҳад кард, зеро сайёҳӣ то рафт ба соҳаи баландтехнология табдил ёфта, барои рушди он мутахассисон бояд маълумоти хуб, муошират баланди касбӣ ва бо якчанд забон ҳарф зада тавонанд. Ҳалли масъалаҳои омода кардани мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсади зерин амалӣ карда мешавад: пайдо кардани дониш бо мақсади истифода аз имконоти мавҷудаи сайёҳӣ ва хуб донистани соҳаи сайёҳии кишвар.

Қайд кардан зарур аст, ки педагогикаи сайёҳӣ бо дарназардошти омилҳои миллӣ, ҷуғрофӣ, минтақавӣ ва этнографӣ то ҳол суст рушд ёфтааст. Таълими мутахассисони соҳаи сайёҳӣ оид ба имконот ва иқтидори туристии кишвар бидуни дастовардҳои муосир дар назарияи педагогикаи умумӣ ва таҳлили иҷтимоию таърихии рушди маориф дар Тоҷикистон муваффақиятона ҳал карда намешавад. Таълими менеҷерони сайёҳӣ самаранок ва аз ҷиҳати педагогӣ асоснок хоҳад буд, чунончи:

- талабот ба дониш ва малакаи касбии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ таҳия гардида, вазифаҳои рушди манбаъҳои сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ асоснок карда шаванд;
- принсипҳои ташкили таълими менеҷерони сайёҳӣ дар соҳаи захираҳои табиӣ таҳия гардида, вазифаҳои туризми экологӣ муайян карда шаванд, ки ба рушди муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист дар кишвар мусоидат мекунад, инчунин, ҳангоми таҳияи меъёрҳои самаранокии ташкили омодагии менеҷерони сайёҳӣ ба инобат гирифтани неруи табиии сайёҳӣ зарур аст [1].

Мувофиқи шартҳои дар боло зикршуда вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

1. Дар асоси ошкор намудани талабот ба донишу малакаи касбии мутахассисоне, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият мекунанд, вазифаҳои рушди иқтидори табиии сайёҳии ҷумҳуриро асоснок кардан.
2. Таҳия ва коркарди амсила (модел)-и педагогии таълими менеҷерон дар асоси истифодаи иқтидори табиӣ-туристӣ.
3. Ошкор намудани функсияҳои сайёҳии экологӣ ва таҳия кардани меъёрҳои самаранокии ташкили омодагии касбии менеҷерони соҳаи туризм тавассути имкониятҳои табиию туристӣ.
4. Асоснок кардани шартҳои педагогӣ барои ташкили омодагии касбии менеҷерҳо бо истифода аз захираҳову неруҳои табиию сайёҳӣ.

Тамоюли асосӣ дар ин робита гузариш аз муносибатҳои субъективӣ-объективӣ ба муносибатҳои субъектӣ-субъективӣ, аз намуди репродуктивии муносибатҳои раванди таълимӣ ба эҷодӣ мебошад. Яке аз омилҳои муҳимтарини муваффақият дар таълими касбии донишҷӯён сатҳи донишу салоҳияти омӯзгор мебошад. Омӯзгоре, ки худаш дорои дараҷаи баланди ҳавасмандӣ барои ба даст овардани муваффақият дар фаъолият мебошад, раванди таълимро дар заминаи дониши амиқи методологӣ амалӣ менамояд, раванди таълимро дар соҳаи сайёҳӣ самарабахштар месозад.

Омили низоми ташаккулдиҳандаи амсила (модел) ин сифатҳои шахсии аз ҷиҳати касбӣ муҳимми менеҷери соҳаи сайёҳӣ, монанди санъати муошират, ҷомеапазирӣ, фаъолнокӣ, мустақилият, ирода, ҳатмият, боинтизомӣ, қобилияти корӣ доштан, қобилияти истифода бурдани ҳалли ғайристандартии масъалаҳо дар ҳолатҳои фавқулода ва рафтори экологии оқилона, мебошад. Барои баланд бардоштани сатҳи донишу малака ва омода намудани мутахассисону менеҷерони соҳаи туризм ва системаи кредитӣ яке аз самтҳои нави фаъолияти макотиби олӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад. Ҳадафи ҷорӣ намудани системаи кредитии таълим ҳамгироии низоми миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоми маорифи ҷаҳон ва фароҳам овардани шароит барои конвертатсиякунонии дипломҳое, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯанд ва талаботи онҳо дар бозори меҳнат мавҷуданд, мебошад. Низоми кредитии таълим барои баланд бардоштани сатҳи худомӯзӣ ва азхудкунии эҷодии дониш дар асоси фардикунонӣ, интихоб карда тавонистани роҳи таълимӣ дар доираи танзиму раванди таълим ва ба

ҳисобгирии ҳаҷми дониш дар шакли кредитҳо нигаронида шудааст. Дар бозори байналмилалии сайёҳӣ Тоҷикистон то ҳол ҳамчун кишвари таъйиноти сайёҳӣ қабул карда нашудааст, ба истиснои соҳаи хеле ками махсусгардонидашуда (сайёҳӣ ба баландкӯҳҳо, омӯзишӣ, саёҳати саргузаштӣ, асосан, дар якҷоягӣ бо маҳсулоти туристии кишварҳои ҳамсоя). Бахши хусусӣ тараққӣ накарда, фазои мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ то ҳол ташаккул наёфтааст. Яке аз мушкилоти аввалини фарқиятҳои номуайян дар байни лоиҳаҳо рушду фаъолияти операторони сайёҳӣ –ҳолати бо рақобати нобаробар мебошад. Дар самти рушди туризм надоштани тасаввуроти возеҳ, хатари баланди оғози раванди динамикӣ ба сармоягузории байналмилалӣ, ки аз манфиатҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ боло меистанд, нопурра омода будани бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ҷиҳати рушди туризм инкишофи ин соҳаро бозмедорад. Дар рушди туризм ташкили низоми омода намудани мутахассисон ва такмилу баланд кардани ихтисоси кадрҳо низ нақши муҳим дорад. Норасоии кормандон ё набудани тахассуси корӣ, боиси паст шудани сифати хизматрасонӣ мегардад. Хусусан, сатҳи пасти тахассусии кормандон дар корхонаҳои соҳаҳои хизматрасонӣ ва хӯрокворӣ қайд карда мешавад. Дар аксар корхонаҳои сайёҳӣ роҳбарон ва мутахассисон маълумоти олӣ ё миёнаи махсус надоранд. Айни замон масъалаи муҳим на танҳо қонеъ гардонии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисоси сайёҳӣ аст, балки баланд бардоштани сифати омодакунии кадрҳо мебошад [2].

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014" тасдиқ шуд, инчунин, "Консепсияи рушди соҳаи туризм дар солҳои 2009-2019" низ қабул гардид, дар натиҷаи амалисозии ҳуҷҷатҳои мазкур дар Тоҷикистон 7 муассисаи таҳсилоти олӣ ба тайёр кардану бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи турзим ташкил гардид ва амал мекунад. Барномаҳо имкон доданд, ки равишҳои куллан нави таълими касбӣ дар соҳаи туризм, ки дар асоси ҳамкории мақомоти таълимии давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои саноатӣ татбиқ карда мешаванд, фароҳам оварда шаванд. Барои он ки ин равишҳо натиҷаи дилхоҳ диҳанд, пеш аз ҳама, вазифаҳои зеринро ҳал кардан зарур аст:- омода кардан ва бозомӯзии ҳайати профессорону муаллимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба омода кардани кадрҳои туристӣ машғуланд;- таҳия ва сохтани стандартҳои касбӣ;- ташаккули заминаи таълимию методӣ;- ташкили низоми ягонаи омӯзиши муттасил барои кормандони соҳаи туризм;- истифодаи принсипи таълими пешрафта;- истифодаи шаклҳои рӯзона ва ғоибона ва низоми таҳсилоти фосилавӣ;- ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён;- ҳавасмандкунии корхонаҳое, ки барои хатмкунандагони муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус ҷойҳои корӣ мақсаднок таъсис медиҳанд.

Низоми маориф, ки омӯзиши кадрҳои соҳаи сайёҳиро таъмин менамояд, ҳанӯз ҳам суст инкишоф ёфтааст. Тақрибан ҳар сол муассисаҳои онро миқдори зерини мутахассисон хатм мекунанд: тақрибан 50 нафар бо маълумоти олии заминавӣ (сайёҳӣ); тақрибан 20 нафар бо маълумоти миёна ва зиёда аз 100 нафар бо шаҳодатномаҳои хатмкунии курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос. Мутаассифона, шабакаи мавҷудаи таълимӣ, ки дар як сол 170 мутахассис омода мекунад, талаботи мавҷудаи соҳаро дар кишвар қонеъ карда наметавонад. Айни замон барои Тоҷикистон самти беҳтарини рушди соҳаи сайёҳӣ бояд самтҳои афзалиятноки зерин бошанд:- туризми курортӣ ва рекреатсионӣ, сайёҳии саргузаштии кӯҳӣ ва кӯҳнавардӣ;- туризми экологӣ, зиёратӣ, фарҳангӣ, инчунин, сайёҳии дохилӣ ва сайёҳӣ бо мақсади конфронсу семинарҳо;- ташкили низомҳои нави ҷойгиронии маҷмааҳои истироҳатӣ ва фароғатӣ.

Таҳияи нақшаи нави рушд ва ҷойгиронии маҷмааи фароғатӣ вазифаи муҳим мебошад. Айни замон мушкилии рушди сайёҳӣ дар кишвари мо таҳияи нақшаи нави рушд ва ҷойгиронии маҷмааи фароғатӣ мебошад, зеро рушди хоҷагидории рекреатсионӣ ин вазифаи маҷмӯест, ки дар он бояд муаамоҳои тиббӣ, курортшиносӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, меъморӣ ва ғайра ҳал карда шаванд: [2]- ташкили шабакаи маҷмааҳои осорхонаҳо ва ташкили хатсайрҳои нав дар асоси онҳо; - бунёди иншооти нави фароғатӣ дар мавзеи камаҳолӣ ва беаҳолӣ, вале ҷойҳои боздидшаванда (ҷойҳои манбаъҳои обҳои терминалӣ ва маъданиашон зиёд, регҳои шифобахш ва ғайра);- рушд намудан, намоиш додан ва ба фурӯш баровардани маҳсули ҳунарҳои мардумӣ ва косибии миллӣ, маҳсулоти ғизоии миллӣ, истеҳсол ва фурӯши армуғон барои сайёҳон;- рушди ҳамкориҳои минтақавӣ;- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкориҳои минтақавӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ.

Стандартҳои касбӣ барои корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бори нахуст дар Тоҷикистон бо назардошти сармоягузории мақсадноки хориҷӣ аз ҷониби Фонди Таълимии Аврупо (ФТА) таҳия карда шуданд. Минбаъд стандартҳо такмил дода, пас аз он аз ҷониби Вазорати меҳнат ва рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд.

Бо вуҷуди ин тавсифоти тарифӣ-тахассусии касбҳои коргарон ва вазифаҳои мутахассисону кормандон ҳанӯз эътибор дорад. Чунин номуайянӣ раванди истифодаи стандартҳои касбиро боз медорад.Ба бахши сайёҳӣ ғояҳо, муносибатҳо ва афзалиятҳои фаъолияти идоракунӣ, ки дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт таҳия шудаанд, ворид карда мешаванд. Таҳлили бозори хидматрасонии сайёҳӣ ва маҳсулоти туристӣ имкон фароҳам овард, ки талабот нисбати мутахассисони дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда аз рӯи донишу малакаҳои касбиашон ташаккул дода шавад. Барои фаъолияти бомуваффақият дар бозори воқеӣ мутахассис бояд донишу малакаҳои зеринро дошта бошад: тарзу усулҳои таҳқиқоти таҳлилӣ, асосҳои умумии таҳлили бозори сайёҳӣ, таҳлили пешгӯии муҳити маркетингӣ ва бозори хидматрасониҳои туристӣ, масъалаҳои нархгузорӣ ва таблиғи маҳсулоти туристӣ ва ғайра.

Дар баробари дониши назариявӣ мутахассис бояд малакаҳои амалиро дар соҳаи зерин дошта бошад: этика ва стилистикаи гуфтугӯи корӣ, психологияи муошират, муқаррар кардан ва густариши робитаҳои корӣ, қобилияти тафаккури таҳлилӣ доштан, қобилияти таҳия кардан ва қабули қарорҳо, дар шароити бозор вазъиятро хуб дарк кардан, ба нақшагирӣ, назорат, идоракунии ҳамлу нақл, амалиётҳои моддӣ ва ғайри моддиро, ки дар ҷараёни фаъолияти сайёҳӣ дар раванди истеҳсол ва ба истеъмолкунанда пешниҳод кардани маҳсулоти сайёҳӣ ба вуҷуд меояд, анҷом дода тавонад, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооти мувофиқро бачо орад, малакаи гузаронидани таҳқиқоти бозор ва таблиғ карданро дошта бошад. Чунин сифатҳо, монанди масъулият, диққат, коршоямӣ, фаъолнокии корӣ, қобилияти соҳибкорӣ ва мустақилият, бояд ташаккул дода шаванд. Таснифоти вазифаҳои умумии педагогӣ ва махсуси таълими касбии сайёҳӣ аз омилҳои рушддиҳанда, таълимӣ, тарбиякунанда, ҳамоишкунанда, иҷтимоӣ, ташкилию ба низомдароранда, худомӯзӣ ва ҳамоҳангсозанда иборат аст [3].

Солҳои охир фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон бо суръат рушд карда истодааст ва дар ояндаи наздик афзоиши он низ дар назар аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ мақоми афзалиятнок додааст, зеро ин ба мавҷудияти кофии имкониятҳову неруҳои сайёҳӣ дар кишвар тавсиф дода мешавад, ки ба хусусиятҳои иқлимӣ, фарҳангӣ ва таърихии ҷумҳурӣ вобаста мебошад. Вазифаи таълими касбӣ на танҳо ҷавобгӯи ниёзҳои бозори дохилӣ будани мутахасисон (кадрҳо) аст, балки пеш аз муҳлат омода кардани мутахасисон мебошад, то ки соҳа бо кадрҳои баландихтисос таъмин гардид. Ин вазифаро Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад. Дар Донишкада барномаҳои таълимиро тибқи стандартҳои давлатӣ дар самтҳои «Менеҷменти туризми байналмилалӣ», «Иқтисодиёт ва менеҷмент дар соҳаи туризм», «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои маҷмааи меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо», «Сайёҳат ва меҳмондорӣ» амалӣ мекунанд.

Аз моҳи сентябри соли 2009 Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ба модели аврупоӣ оид ба татбиқи технологияи омӯзиши кредитӣ, аз ҷумла моделҳои муаллифӣ ва усулҳои таҳиягарон, гузаштааст, ки он хусусиятҳои интихоби довталабонро барои гирифтани маълумоти олӣ вобаста ба омодагии психологӣ ва зеҳнии онҳо ба инобат мегирад. Ҳадафи ҷорӣ намудани системаи кредитии таълим дар боло оварда шудааст [3].

Сифати муҳимми касбии шахсияти менеҷер рафтори аз ҷиҳати экологӣ босалоҳият буда, аз баҳодиҳии дурусти ғунҷоиши маҷмааҳои табиӣ: субот, бароҳатӣ ва гуногунрангӣ, иборат аст. Пас аз пешгӯиҳои мусоид, ӯ бояд барои таҳияи барномаҳо оид ба сайёҳии солимгардонӣ, варзиш ва маърифатӣ, қарори дуруст қабул кунад. Дар ин ҳолат ангезаҳо дар ташаккули майлу хоҳиши донишҷӯён барои гирифтани ихтисоси менеҷери сайёҳӣ аҳамияти муҳим доранд. Мавҷуд набудани маҷмӯи стандартҳои таълимӣ оид ба омода кардани мутахассисон аз рӯи тахассуси сайёҳӣ монеаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва фаъолияти сайёҳӣ мегардад [4]. Айни замон дар соҳаи сайёҳӣ норасоии бузурги кадрҳои илмию педагогӣ низ мавҷуд аст.Ҳамин тариқ, барои ҳалли муаммоҳои дар боло зикршуда тавсияҳои зерин дода мешаванд:

- мувофиқ кардани стандартҳои касбии Тоҷикистон бо стандартҳои шабеҳи байналмилалӣ;
- такмили низоми мавҷудаи омода кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ;
- фароҳам овардани замина барои таҳияи стандартҳои муосири таълимӣ ва махсусгардонии онҳо дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин, таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба омода кардан ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи сайёҳӣ.

Дар хотима қайд бояд кард, ки масъалаҳои зеринро дар соҳаи сайёҳӣ таҳқиқ кардан лозим аст:

- асосҳои иҷтимоию педагогии ташаккули сохтори минтақавию кишваршиносии таҳсилоти касбии сайёҳӣ;

- асосҳои ташкилию методии бунёди низоми минтақавии таҳсилоти муттасил ва бисёрсатҳаи соҳаи сайёҳӣ;

- таҳсилоти фосилавии менеҷерҳо бо истифодаи низоми блок-модул (амисла)-и иттилоотӣ;

- асосҳои дидактикии таҳияи маҷмӯи таълимию методӣ оид ба омода кардани мутахассисони касбии соҳаи сайёҳӣ;

- мониторинг кардани сифати таълими донишҷӯёни донишгоҳи сайёҳӣ;

- ташаккули фарҳанги иттилоотии менеҷери сайёҳӣ дар ҷараёни омодагии касбӣ ва ғайра.

Дар такя ба гуфтаҳои боло, зарурати бунёди шароитҳои муосири истифодаи технологияҳои пешқадами педагогии марбут ба рушди бозори сайёҳӣ ва татбиқи ҳамаҷонибаи он дар раванди таҳсилоти тахассусӣ ва такмили ихтисоси кормандон лозим мешавад.

АДАБИЁТ

1. Абдалимов А. Иқтисодиёти туризм / А. Абдалимов, М.И. Кодирова. –Душанбе: Ирфон, 2012. -218 с.
2. Азимова М.А. Ташкили хизматрасонӣ / М.А. Азимова, М.И. Қодирова. –Душанбе: Ирфон, 2014. -240 с.
3. Ашуралиев М.И. Асосҳои меҳмондорӣ / М.И. Ашуралиев, М.И.Қодирова.–Душанбе: Ирфон,2013.-3003 с.
4. Ашуралиев М.И. Ташкили туризми барномавӣ / М.И. Ашуралиев. -Душанбе: Ашуриён, 2018. -168 с.
5. Диловаров Р.Д. Асосҳои туризм / Р.Д. Диловаров, Ҷ.Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев. –Душанбе, 2013. -244 с.
6. Жукова М.А. Индустрия туризма: менеджмент организации / М.А. Жукова. -М.: Финансы и статистика, 2007. -200 с.
7. Зорин И.В. Энциклопедия туризма: Справочник / И.В. Зорин, В.А. Квартальное. -М.: Финансы и статистика, 2007. -363 с.
8. Кабушкин Н.И. Менеджмент гостиниц и ресторанов / Н.И. Кабушкин, Г.А. Бондаренко. -М.: Новое знание, 2002.
9. Кадирова М.И. Перспективы развития туризма в Таджикистане / М.И. Кодирова // Сборник материалов Республиканского научного семинара «Современное состояние и проблемы образования туризма». -Душанбе, 2010. (1 п.л).
10. Карнаухова В.К. Сервизная деятельность / В.К. Карнаухова, Т.А. Краковская. -М.: МарТ, 2006. -256 с.
11. Каурова А.Д. Организация сферы туризма [Текст] / А.Д. Каурова. -М.,С.ПБ: Герда, 2005. -320 с.
12. Подготовка высококвалифицированных туристских кадров - требование времени // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции по проблемам «Развитие образования во время независимости Таджикистан». -Душанбе, 2010. (0,5 п.л).

ШАКЛҲО ВА УСУЛҲОИ ОМОДА НАМУДАНИ МЕНЕҶЕРОНИ САЙЁҲӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола шаклу усулҳои омода намудани менеҷерони сайёҳӣ дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ташкил, омода ва такмили ихтисоси кадрҳо дар рушди сайёҳӣ нақши бузургро мебозад. Барои дар сатҳи баланд омода намудани менеҷерони соҳаи сайёҳӣ низоми кредитӣ самти нав дар фаъолияти системаи донишгоҳ ҷиҳати тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи туризм мебошад. Муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар кишвар таълим, тарбия ва омодасозии мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ ҷойи муҳимро ишғол хоҳад кард, зеро сайёҳӣ то рафт ба соҳаи баланди технология табдил ёфта, барои рушди он мутахассисон бояд дорои маълумоти хуб, муошират баланди касбӣ дошта, бо якчанд забон ҳарф зада тавонанд. Ҳалли масъалаҳои омода кардани мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсади зерин амалӣ карда мешавад: бадастории донишҳо бо мақсади истифода аз имконоти мавҷудаи сайёҳӣ ва хуб донистани соҳаи сайёҳии кишвар. Муаллиф ба он ишора менамояд, ки солҳои охир фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон бо суръат рушд карда истодааст ва дар ояндаи наздик афзоиши он низ дар назар аст.

Калидвожаҳо: салоҳият, сайёҳӣ, стандартҳо, таълим, санъати муошират, маҳорати иртиботӣ, стандартои таълимӣ, тахсилоти фосилавии менеҷерҳо, фаъолнокӣ, мустақилият, ирода, ҳатмият, боинтизомӣ, қобилияти корӣ.

ФОРМЫ И МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ МЕНЕДЖЕРОВ ПО ТУРИЗМУ В УСЛОВИЯХ ТАДЖИКИСТАНА

В статье автор рассматривает на формы и методы обучения менеджеров по туризму в условиях Таджикистана. Создание системы подготовки и повышения квалификации кадров так же играет огромную роль в развитии туризма. Для высокого уровня подготовки менеджеров туризма кредитная система является новым направлением в деятельности вузовской системы подготовки специалистов в области туризма. Автор отмечает, что в условиях развития рыночных отношений в стране будет важное место для обучения, воспитания и подготовки специалистов в туристической сфере, так как туризм пока не будет преобразован в сектор высоких технологий, для его развития специалисты должны иметь хорошее образование, высокое профессиональное общение и иметь возможность говорить на нескольких языках. Решение вопросов подготовки специалистов в области туризма должно осуществляться с целью: получения знаний с целью использования существующих возможностей для туризма и ознакомления с туристической областью страны. Автор указывает на то, что в последние годы туристическая деятельность в Таджикистане развивается ускоренно и в ближайшем будущем ожидается ее увеличение.

Ключевые слова: компетенция, туризм, стандарты, образование, искусство общения, коммуникабельность, образовательные стандарты, дистанционное обучение менеджеров, независимость, воля, принуждение, дисциплина, трудоспособность.

FORMS AND METHODS OF TRAINING FOR TOURISM MANAGERS IN THE CONDITIONS OF TAJIKISTAN

In the article the author examines the forms and methods of training tourism managers in the conditions of Tajikistan. The creation of a system of training and advanced training of personnel also plays a huge role in the development of tourism. For a high level of training of tourism managers, the credit system is a new direction in the activities of the university system for training specialists in the field of tourism. The author notes that in the context of the development of market relations in the country there will be an important place for education, upbringing and training of specialists in the tourism sector, since tourism will not yet be transformed into a high-tech sector, for its development, specialists must have a good education, high professional communication and be able to speak multiple languages. The solution to the issues of training specialists in the field of tourism should be carried out with the aim of: obtaining knowledge in order to use the existing opportunities for tourism and familiarization with the tourist area of the country. The author points out that in recent years, tourist activity in Tajikistan has been developing rapidly and is expected to increase in the near future.

Keywords: competence, tourism, standards, education, the art of communication, communication skills, educational standards, distance learning of managers, independence, will, coercion, discipline, ability to work.

Маълумоти муаллиф: ***Азимова Манзура Ахметовна*** - Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ. **Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Телефон: **(+992) 919-43-03-59.** E-mail: **mavzik63@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Азимова Манзура Ахметовна*** - Институт туризма, предпринимательство и сервиса, кандидат педагогических наук, доцент кафедры туристского бизнеса, рекреация и гостеприимство. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбада 48/5. Телефон: **919-43-03-59.** E-mail: **mavzik63@mail.ru**

Information about the author: ***Azimova Manzura Akhmetovna*** - Institute of Tourism, Entrepreneurship and Service, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Tourism Business, Recreation and Hospitality. **Address**: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbada Avenue 48/5. Phone: **(+992) 919-43-03-59**. E-mail: **mavzik63@mail.ru**

УДК:687.01

ИСТИФОДАИ САНЪАТИ ОРОИШӢ - АМАЛӢ ДАР РУШДИ МАЛАКАҲОИ ЭҶОДӢ ВА ЗАВҚИ ЗЕБОИПАРАСТИИ МУТАХАССИСОНИ ИХТИСОСИ ДИЗАЙНИ МАҲСУЛОТИ ДӮЗАНДАГӢ

Азизов А.А., Таирова М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Вазифаи такмили таълим, ки дар назди омӯзгорони муассисаҳои олӣ меистад ин чиро таълим диҳад ва чӣ гуна таълим диҳад? Ба ибораи дигар, ин мулоҳизаҳоро чунин баён кардан мумкин аст: муайян кардани мундариҷаи омӯзиш ва ҷустуҷӯи усулҳои нави таълим. Афзоиши мунтазами миқдори иттилооти нави илмӣ тағйир додани мундариҷаи курси мавриди тадрисро тақозо мекунад, яъне мундариҷаи таълим дар айни замон бояд ба сатҳи инкишофи санъати ороишӣ - амалӣ мувофиқат кунад. Аз сабаби нарасидани вақт, омӯзгор наметавонад тамоми дастовардҳои нави илмиро ба толибилмон расонад, бинобар ин бидуни ироаи маводи васеи воқеӣ омӯзгор бояд тафаккури донишҷӯёнро тавре рушд диҳад, ки онҳо дар фаъолияти амалӣ вазифа ва саволҳои дар наздашон бамиёномадаро мустақилона ҳал карда тавонад. Имрӯз ин нуқта ба санъати ороишӣ - амалӣ махсусан дахл дорад, зеро рушди босуръати илм ва техника боиси якбора тағйир ёфтани хусусияти фаъолияти мутахассисони ин соҳа ва намудҳои вазифаҳои ҳалнашуда гардид ва талаботҳои нав нисбат ба тайёрии ҷаҳошинохтӣ гузошт.

Истилоҳи “санъати ороишӣ - амалӣ” барои нишон додани густариши мундариҷаи силсилаи фанҳои махсус, ки дар донишгоҳ омӯхта мешаванд, аз ҷумла таърихи либос ва мӯд, санъати ороишӣ - амалӣ, технологияи коркарди матоъ, рангубори матоъ корбаст мегардад. Дар доираи ин силсилаи таълимӣ масъалаҳои мероси фарҳангӣ ва гуногунрангии фарҳангӣ дар санъати ороишӣ - амалии анъанавӣ, имкониятҳои истифодаи анъанаҳои санъати ороишӣ - амалии халқӣ дар таълим ва тарбияи зебоипарастии ҷавонон, рушди анъанаҳои этникӣ дар санъат дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои таълимӣ, ташкили низоми таҳсили касбии муттасил дар соҳаи дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ мавриди таҳқиқ қарор мегирад. “Тарбияи зебоипарастии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба рушди таваҷҷуҳ ва қобилияти эҷодии донишҷӯён, ба

омӯзиши намудҳои эҷодиёт асос ёфтааст, ки ба эҷоди маҳсулоти дорои хосиятҳои барои мардум муҳим ва муфид равона карда шудаанд” [9, с. 247]. Дар айни замон, хусусияти асосии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ бояд мавҷудияти тафаккури эҷодӣ бошад, ки дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ ва зебоипарастӣ ва муносибати низомманд ба таҳияи курсҳои бахши предметии фанҳо (бахусус курси тарроҳии либос) ташаккул ёфтааст. Тарбияи зебоипарастӣ раванди ҳадафмандонаи педагогӣ мебошад, ки дар натиҷаи он муносибати зебопарастии инсон ба олам, табиат, меҳнат, муносибатҳои инсонӣ ва санъат ташаккул меёбад. Аммо ташаккул додани муҳаббат ба зебоӣ, маҳорати дарки зебоӣ дар ҳаёт ва санъат, лаззат бурдан аз он – фақат яке аз вазифаҳои ташаккули дунёи маънавии инсон тариқи воситаҳои тарбияи зебоипарастӣ мебошад. Р.Абдуллоева нишонаи хусусиятеро чун санъати халқӣ, ороишӣ – дастии тоҷикро ҷудо намудааст, ки он мутобиқ ба масъалаҳои бадеии бузурги мутахасисии таълими омӯзгорӣ вобаста мебошад. "Тарбияи зебоипарастӣ раванди мақсадноки ташаккули шахсияти эҷодӣ мебошад, ки қобилияти дарк кардан, ҳис кардан, қадр кардани зебоӣ ва эҷоди арзишҳои бадеиро дорад" [8, с.79].Тарбияи зебоипарастӣ аз нуқтаи назари илми муосир аз ташаккули мақсадноки муносибати эстетикии шахс ба воқеият иборат аст. "Ҳадафи тарбияи зебоипарастӣ аз он иборат аст, ки донишҷӯён дарк кардани ҷаҳон ҳамчун идомаи органикии худ, бо ҳиссиёт ва ҳамдардӣ ҳам ба олами иҷтимоӣ ва ҳам бо олами марбут ба табиат ва ашёи олами моддӣ посух мегӯяд" [8, с. 99]. Ҳисси зебопарастӣ ва зебоӣ омили пешбарандаи қонеъ кардани талаботи эстетикӣ мебошад. Чунонки Е.М. Торшилова ва Т.В. Морозов, "қобилияти дарк кардан, дур кардан ва маънои онро дорад (бо кумаки тахайюл ва маъно ҳамдардӣ шакл медиҳад" [10, с.79].

Омӯхтани соҳаи санъати ороишӣ-амалӣ ва фанни мувофиқ чун як низом, мо бояд як қатор унсурҳои ба ҳам алоқамандро муайян намоем, ки ба онҳо хусусияти маҷмӯӣ диҳанд.

Дар назарияи зебоипарастӣ ҳиссиёт аз ғараз ва талаботи дағали моддӣ озод баррасӣ мегардад. Он дар рафти такмили маънавиёти худи шахс, дар асоси талаботи ботинӣ, талаботи ирсӣ ба рушд ва инкишоф, дар саъю кӯшиши шахс ба худтакмилдиҳӣ инкишоф меёбад. Таълими зебоипарастӣ дар донишҷӯён ташаккул додани завқи баланди бадеиро, ки бо дарк ва эҳсоси зебоӣ алоқаманд аст ва талаботи гуногунҷанбаи зебоипарастиро, ки шарти зарурии ғановати маънавии шахс мебошад, дар бар мегирад. Аз ин рӯ, меъёри то кадом андоза аз лиҳози зебоипарастӣ комил будани шахсият самтияти майли ӯ ба тамоми ҷанбаҳои асосии эстетикии ҳаёт ба ҳисоб меравад.

Аз нуқтаи назари илми муосир, моҳияти тарбияи зебоипарастӣ дар инсон ташаккул додани муносибати зебоипарастӣ воқеият ба ҳисоб меравад. “Ҳадафи тарбияи зебоипарастии ёд додани идроки олам чун идомаи табиии худ, зоҳир намудани ҳиссиёт ва дилсӯзӣ ҳам бо олами иҷтимоӣ, ҳам бо олами марбут бо табиат ва ашёи дунёи моддӣ мебошад” [4, с. 65]. Мо завқи зебоипарастиро чун қобилияти шахс барои баҳодиҳии зебоипарастӣ ба воқеият ва санъати атроф қабул мекунем. Ҳикмати машҳури лотиниро ба ёд оред: “Ҳар кас завқи худро дорад” Румиёни қадим ин масъалро каме тағйир додаанд: “Завқ, агар он бошад, мавриди баҳс нест”. Ин маънои онро дорад, ки қабл аз даврони мо дар империяи Рум парастиши завқи зебоипарастӣ аллакай вуҷуд дошт ва аз он замон баҳс дар бораи завқу салиқа ба поён нарасидааст. Ва гарчанде ки баъзе одамон ба ғизои ширин майл доранд ва баъзеи дигарон ба хӯроки шӯр ва ғайра, ин ҳама ҷанбаҳои ҳаёти инсон аҳамияти ҳалкунандаи иҷтимоӣ надоранд. Масалан, А.К. Дремов таърифи зеринро медиҳад: “Завқи зебоипарастӣ ин қобилияти мустақиман ба воситаи таассурот, бидуни таҳлили махсус ҳис кардани фарқиятҳои воқеии зебо, зебоипарастии зуҳуроти табиӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва санъат мебошад” [5, с. 62].

А.И. Буров зери мафҳуми завқи зебоипарастӣ “хислати нисбатан устувори шахсиятро мефаҳмад, ки дар он меъёрҳо ва афзалиятҳо таҷассум ёфтаанд, ки барои баҳодиҳии зебоипарастии предмет ё зуҳурот ба сифати меъёрҳои шахсӣ хизмат мекунанд” [4, с. 175]. Ба ақидаи Ю.К. Бабанский, “завқи зебоипарастӣ имкон медиҳад, ки афзалиятҳои зебоипарастии объектҳои олами атроф хеле нозук, тафриқавӣ ва

объективона баҳо дода шаванд” [3, с. 158]. Н.И. Кияшенко чунин мешуморад: “Завқ ҷузъи таркибии қобилияти умумии зебоипарастӣ мебошад, ки эҳсоси зебоипарастӣ, дидҳо, таассуроти зебоипарастӣ ва лаззатро дар бар мегирад” [6, с. 89].

Фарҳанги зебоипарастӣ мафҳуми бениҳоят мураккаб ва бисёрҷанба аст. Дар ин самт таҳти мафҳуми фарҳанги зебоипарастӣ тамоми гуногунрангии падидаҳо, мафҳумҳо, хориқаҳо, ҷаҳондарккунӣ ва ҳар чизи дигаре, ки ба фаъолгардонӣ, татбиқ, собит кардани таҷрибаи зебоипарастии ҷомеа ё шахси алоҳида мансуб аст, фаҳмида мешавад.

Фарҳанги зебоипарастиро ҳамчунин ба ҳайси унсури муҳимтарини симои маънавии инсон баррасӣ кардан мумкин аст. Фазилат ва самтгирии эҷодии фаъолият, муносибати инсон ба ҷаҳон ва одамони атроф аз мавҷудият ва дараҷаи рушди завқи зебоипарастӣ вобаста аст. Пешрафти инсон ниятро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, бо сатҳи рушди фарҳанги зебоипарастии шахсият ва ҷомеа алоқаманд мекунанд. Инкишофи фарҳанги зебоипарастии шахсият, ба гуфтаи М.С. Коган, “дар ҷараёни тарбияи зебоипарастӣ ва ҷалби инсон ба ҷаҳони санъат сурат мегирад” [7, с. 132].

Фарҳанги зебоипарастии шахсият ҳамчунин ба ҳайси нишондиҳандаи рушди неруҳои ботинии маънавии инсон зуҳур мекунад. Аз ин рӯ, дар бунёд ва нигоҳдории он хосси фард, ки ҳамзамон талаботашро ба зебоӣ амалӣ мегардонад ва ҳам ҷомеа умуман манфиатдор аст. Фарҳанги зебоипарастии шахсият “мавҷудияти завқи инкишофёфтаи зебоипарастӣ, талабот ва қобилиятро ба эҷодёти эстетикӣ пешбинӣ мекунад” [1, с. 100]. Тадқиқот нишон дод, ки сатҳи дониш ва малакаҳои касбӣ ҳамчун аломати бартарии завқи эстетикии инкишофёфта амал намекунад. Бо таърифи худи донишҷӯён, шахсе, ки завқи эстетикии рушдкарда дорад, пеш аз ҳама, шахси ахлоқист.

Ҳамин тариқ, аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои амалиро таҳия намудем, ки ба беҳтар намудани ташаккули завқи зебоипарастии донишҷӯён дар омӯзиши фанни тахассусии дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ нигаронида шудаанд:

- ба нақшаи таълимӣ дохил намудани маводи дидактикӣ, ки ба ҳамгироии дониш дар ташаккули завқи зебоипарастӣ равона карда шудаанд;

- идомаи таҳқиқот оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар асоси маводҳои назариявии сотсиология, педагогика, психология ва илмҳои дигар, ҷиҳати муайян кардани талаботи фарҳангию зебоипарастии насли наврас.

АДАБИЁТ

1. Агапова Н.Г. Интегрированные уроки художественного - эстетического цикла сущность, предназначение, типология. Учебное пособие/ Н.Г. Агапова. – М., 2006. - 204 с.
2. Аронов В.Р. Художник и предметное творчество. Учебное пособие / В.Р. Аронов. – М., 1987.- 235с.
3. Бабанский Ю.К. Избранные педагогические труды. Книга для студентов/ Ю.К. Бабанский. – М., 1989. - 558с.
4. Буров А.И. Эстетика: проблемы и споры. Методологические основы дискуссии в эстетике / А.И. Буров. – М.: Искусство, 1975. - 175 с.
5. Дремов А.К.- В современном мире проблема ***эстетического*** воспитания, развития личности, становления ***ее эстетической культуры*** одна из главных задач. дисс… д-ра пед. наук / А.К. Дремов. -М., 2007. -366с.
6. Киященко Н.И. Эстетическая культура и эстетическое воспитание. Учебное пособие/ Н.И. Киященко, Н.Л. Лейзеров, М.С. Каган. –М., 1983.-303 с.
7. Коган Л.Н. Социология культуры. Учебное пособие/ Л.Н. Коган. -Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 1992. - 212 с.
8. Петрушин В.И. Психология и педагогика художественного творчества. Учебное пособие для учителей/ В.И. Петрушин. -М., 2008.-108с.
9. Таирова М.М. Эстетическое воспитание специальности «дизайн швейных изделий». Статья / Вестник таджикского национального университета (научный журнал). -Душанбе, 2018. -№8. -С. 247-251.
10. Торшилова Е.М. Развитие эстетических способностей детей 3-7 лет. Методическое пособие/ Е.М. Торшилова, Т.В. Морозова. -М., 2001. -159 с.

ИСТИФОДАИ САНЪАТИ ОРОИШӢ - АМАЛӢ ДАР РУШДИ МАЛАКАҲОИ ЭҶОДӢ ВА ЗАВҚИ ЗЕБОИПАРАСТИИ МУТАХАССИСОНИ ИХТИСОСИ ДИЗАЙНИ МАҲСУЛОТИ ДӯЗАНДАГӢ

Дар тарбияи зебоипарастии донишҷӯён муҳимаш он аст, ки тасаввуроти зебоишиносӣ барои афзун гардидани зебоӣ онҳоро ба шуҷоат, олами маънавӣ ва бунёдкорӣ ҳидоят намояд. Парвариши қобилияти дарк намудан ва дуруст фаҳмидани зебоӣ дар санъату ҳаёти ҷамъиятӣ, дар ҳаёти маишӣ ва табиат, парвариш кардани муҳаббат нисбат ба зебоӣ ва парвариши қобилияти эҷодкорона, дар ҳаёт ҷорӣ намудани тарбияи зебоипарастӣ номида мешавад. Аз ин рӯ, омӯзгор ба воситаи гузаронидани самтҳои тарбиявӣ дар донишҷӯён ҳисси ватанпарастӣ, одобу ахлоқи нек, ҳурмати калонсолону падару модар, зебопарастӣ барин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ташаккул меёбанд. Маҳз дар тарбияи зебоипарастӣ яке аз

қисмҳои асосии тарбия ва инкишофи ҳаматарафаи донишҷӯён ба ҳисоб рафта, шахсро аз ҷиҳати маънавӣ бой мегардонад, дар вай хоҳиши эҷодкорӣ, лутфу марҳамат, шавқи зебогардонии муҳити табиатро бедор мекунад.

Калидвожаҳо: тарбияи зебоипарастӣ, завқи зебоипарастӣ, малакаи касбӣ, маҳорати касбӣ.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ДЕКОРАТИВНО-ПРИКЛАДНОГО В РАЗВИТИИ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ И ЭСТЕТИЧЕСКИХ ВКУСОВ СПЕЦИАЛИСТОВ В ОБЛАСТИ ДИЗАЙНА ШВЕЙНЫХ ИЗДЕЛИЙ

При обучении студентов красоте важно, чтобы концепция эстетики для увеличения их красоты приводила их к смелости, духовности и творчеству. Воспитание способности воспринимать и понимать красоту в искусстве и общественной, в повседневной жизни и на природе, культивирование любви к красоте и развитие творческих способностей. Поэтому педагог путем воспитательной деятельности воспитывает в сознании учеников чувство патриотизма, хороших манер, уважения к взрослым и родителям, красоты. Именно в деятельности учреждений и семей воспитание красоты является одной из основных частей всестороннего образования и развития учеников, обогащает человека духовно, пробуждает в нем тягу к творчеству, доброте, интерес к украшению окружающей среды.

Ключевые слова: эстетическое воспитание, эстетический вкус, профессиональные навыки, профессионализм.

THE USE OF ARTS AND CRAFTS IN THE DEVELOPMENT OF CREATIVE ABILITIES AND AESTHETIC TASTES OF SPECIALISTS IN THE FIELD OF GARMENT DESIGN.

When teaching beauty students, it is important that the concept of aesthetics to enhance their beauty leads them to courage, spirituality, and creativity. Fostering the ability to perceive and understand beauty in art and society, in everyday life and in nature, cultivating a love of beauty and developing creative abilities. Therefore, the teacher through educational activities fosters in the minds of students a sense of patriotism, good manners, respect for adults and parents, beauty. It is in the activities of institutions and families that the education of beauty is one of the main parts of the comprehensive education and development of students, enriches a person spiritually, awakens in him a craving for creativity, kindness, interest in decorating the environment.

Key words: aesthetic education, aesthetic taste, professional skills, professionalism.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои педагогиӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **Abdulatif-azizov.@mail.ru** Телефон: **92-747-41-15**

Таирова Мавлуда Муллоҷоновна - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллимаи кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.

Сведения об авторах: ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжанский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и её методики преподавания факультета изобразительного искусства и технологии, Государственное образовательное учреждение «Худжанский государственный университет имени академика Б.Гафурова» **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: **Abdulatif-azizov.@mail.ru** Телефон: **92-747-41-15**

Таирова Мавлуда Муллоджоновна - Худжандский государственный университета имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1.

Information about the authors: ***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich*** - Khudzhan State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Technology and its Teaching Methods of the Faculty of Fine Arts and Technology, State Educational Institution "Khujon State University named after Academician B. Gafurov" Address: 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage, 1.E-mail: **Abdulatif-azizov. @ Mail.ru** Phone: **92-747-41-15**

Tairova Mavluda Mullodzhonovna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.

УДК:372.875

МУАММО ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ЭҶОДИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ НАҚҚОШӢ - НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛӢ

Масолиев А. С., Азизов А.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ва фарҳанги миллӣ ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро муҳассилон идома медиҳанд. Маҳз дар ҳамин давра барнома ва консепсияҳои муҳимми давлатӣ қабул гардиданд, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина

беҳтар намудани шароити кори олимону омӯзгорон ва сатҳи таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшидааст. Илму фарҳанг дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳимми тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, бахусус ҷавонон ба ҳисоб рафта, метавонад дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад. Солҳои охир дар ин соҳа як қатор тадбирҳои судманд амалӣ гардиданд, ки барои густариши фаъолияти муассисаҳои илмиву фарҳангӣ дар шаҳру деҳоти мамлакат ва ҳамзамон бо ин шиносонидани кишвари соҳибистиқлоли мо дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд. Қобили зикр аст, ки имрӯз аҳли илму фарҳанги тоҷик, чи дар офариниши асарҳои санъат ва таълими он дар омӯзиши ҳувияти миллӣ, инчунин дар офаридани асарҳои мардумии миллӣ, аз он ҷумла нақшу нигори миллӣ бо ҷоизаҳои бонуфузи байналмилалӣ қадр гардида, фарҳангу ҳунари миллии худро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд [10].Ҳунару ҳунармандӣ маҳсули кори дастӣ ва заҳматҳои худи инсон буда, муаррификунандаи миллат, фарҳангу таърих, зебоипарастӣ, ҳастии табиати воқеӣ ва шинохти давлат дар арсаи байналмилалӣ мебошанд. Ҳунарҳои мардумӣ бошанд, дар натиҷаи эҳтиёҷоти шахс дар ҷамъият аз ҷониби устоҳои чирадаст иҷро гардида, лавозимоти асосӣ ба шумор меравад. Баҳри рушди ҳунар ва ҳунармандӣ Ҳукумати кишвар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда истодааст, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” мебошад [10]. Инчунин, Ҳукумати кишвар ба масъалаи таъсиси ҳарчи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ диққати зарурӣ медиҳад.

Ҳоло дар кишвар дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи 97 ихтисос, дар марказҳои таълими калонсолон аз рӯйи 57 ихтисос ва дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 166 ихтисос, дар маҷмӯъ, аз рӯйи 454 ихтисос кадрҳои коргарӣ омода карда мешаванд [11]. Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ доранд, инчунин, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намуда, ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ намоянд. Дар баробари ин, барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2020-2025 таҳия намуда, ҷиҳати иҷрои он тадбирҳои мушаххас андешанд [11]. Ин исботи ғамхории Ҳукумати кишвар махсусан дастгирии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати эҳё ва рушди анъанаҳои қадимаи миллӣ буда, ҳунармандони касбу кори гуногун, ҳаводорони санъати ороишӣ-амалиро рӯҳбаланд гардонид. Ба таърихи инкишофи санъати ороиши амалии Тоҷикистон назар андозем, олимон, таърихнигорон, санъатшиносон ба монанди М.Е. Массон, В.Л. Воронина, Б. Ғафуров, Н. Неъматов, М. Рузиев, А.Н. Беленская, Г.Л. Шевченко, Ҳ. Йӯлдошев ва мисоли инҳо таърихи санъати нақшу нигори Осиёи Марказӣ ва Тоҷикистонро таҳқиқ ва таҳлил намудаанд, ки унсурҳои ба худ хосро дорост.

Эҳёи ҳунари наққошӣ яке аз масъалаҳои мубрами рӯз маҳсуб меёбад. Имкониятҳои зиёде мавҷуданд, ки ба насли ҷавони имрӯза мо ин ё он ҳунарро омӯзонем. Дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, шароити омӯзиши ҳунари нақшу нигори миллиро дар дарсҳои наққошӣ таҳлил намуда, асосҳои зиёд кардани соатҳои наққоширо барои боз ҳам васеъ омӯзонидан дар раванди таълим баррасӣ намоем, ки ин яке аз муаммоҳои асосӣ барои ташаккули шахсияти эҷодии донишҷӯён маҳсуб меёбад. “Дар раванди таҳсил бояд ҳар як фанни таълимӣ ба донишҷӯён дониш ва ҳунари аниқу муайянро омӯзонад. Машғулиятҳои наққошӣ, наққошӣ ва кундалкорӣ имкониятҳоеро дорост, ки ин салоҳиятҳоро наметавон аз омӯзиши дигар фанҳо ба даст овард. Чун дигар соҳаи таълим дар машғулиятҳои омӯзиши наққошӣ низ бояд салоҳиятҳое омӯзонида шаванд, ки ҳам барои беҳбудии ҳаёти шахсӣ ва ҳам барои пешрафти ҷомеаи муосир судманд бошанд” “Ҳатто ба фарзандон аз хурдсолӣ меҳнат карданро одат кунонидан лозим аст. Чаро ки меҳнат сабаби ташаккул ва

инкишофи шахс мебошад” [3,с. 247]. Пеш аз он ки мо дар пешрафти таълими ин ё он фан тадқиқот мегузаронем, ягон методи самарабахшро бояд истифода намоем. Методи “мубоҳиса” дар низоми методҳои интерактивии таълим ҳамчун пойгоҳӣ баромад менамояд. Дар баробари ин, мубоҳиса ҳамчун методи интерактивии таълим муаррифӣ гардидааст [1, с.83]. Дар тарҷума аз забони лотинӣ “discussio”-ин тадқиқот ё муҳокима кардан мебошад. Ба таври дигар гӯем, ин муҳокимаи коллективонаи муаммои мушаххас, саволҳо ё муқоисаи вазъияти гуногун, маълумот, ғоя, нуқтаи назар ва пешниҳод мебошад.Дар вақти мубоҳиса донишҷӯён метавонанд ҳамдигарро пурра кунанд, ё ба якдигар муқобил шаванд. Ҳолати якум бештар ба мубоҳиса хос мебошад. Дар ҳолати дуюм мубоҳиса характери баҳс, низоъро мегирад, яъне ҳимояи ақидаи худ. Чун қоида, дар мубоҳиса ҳар дуи ин унсурҳо ҷой доранд.

Методикаи гузаронидани мубоҳиса. Ҳар як мубоҳиса одатан дар се давра гузаронида мешавад: шиносоӣ, арзёбӣ, муттаҳидкунӣ.

- Дар давраи якум раванди “шиносоӣ” ва одаткунии иштирокчиёни мубоҳиса ба худи муаммо, ба якдигар, муҳити умумӣ ба вуҷуд меояд. Маҳз дар ин давра ҳалли муаммои пешниҳодшуда коркард карда мешавад.
- Давраи “арзёбӣ” вазъияти муқоисакунии маълумот, мавқеъҳои гуногун, пайдокунонии муамморо дар назар дорад.
- Дар давраи охирин “муттаҳидкунӣ”-и коркарди ҳалли ягона ё созишкорона, ақида ва мавқеъ дар назар дошта мешавад [1, с.84].

Фанни наққошӣ дар кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ барои донишҷӯёни курсҳои 3 ё 4 таълим дода мешавад. Дар барномаи таълимии фанни наққошӣ барои донишҷӯён ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ, технологияи омӯзиши нақшу нигор дар соли таҳсили 2017-18 ва ҳатто пеш аз он дар курсҳои 3-4 пешбинӣ шуда буд, ки 3 кредитро ташкил медод. Таълими ҳунари наққошӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои донишҷӯён баҳри бедор сохтани эҳсосоти ифтихори миллӣ, ҳисси меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва зебоипарастӣ мусоидат менамояд.Вале муаммои асосии таълими ҳунарҳои мардумӣ, дар мисоли нақшу нигори миллӣ, дар он зоҳир мегардад, ки барои таълими фанни наққошӣ дар курсҳои 3 ё 4 – и муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ҳамагӣ 3 кредит, аз он ҷумла барои таълими ҳунари наққошӣ барои донишҷӯёни курси 3 ва 4, 72 соати дарсӣ дода шудааст. Албатта, ин барои мувофиқи талабот иҷро гардидани корҳои амалӣ ва пурра аз худ намудани барномаи таълимӣ имкон намедиҳад. Дар ин муддати кӯтоҳ донишҷӯён барои омӯхтани нозукиҳои нақшу нигор имкон надоранд. Чунки дар ин маврид оиди нақшу нигор донишҷӯён танҳо маълумотҳо мегиранд ва бо лавозимот ва марҳилаҳои иҷрои корҳои амалӣ шинос мешаванд, инчунин як композитсияи хурду содаро иҷро менамоянд ва бо ҳамин соатҳои ҷудогардида ба охир мерасанд. Барои мувофиқи мақсад роҳандозӣ гардидани омӯзиши ҳунари наққошӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонем се роҳи ҳалли муаммои баррасинамудаамонро пешниҳод намоем:

1. зиёд намудани соатҳои дарсии фанни наққошӣ дар барномаи таълимӣ;
2. омӯзиши фанни наққошӣ бояд аз курсҳои дуюм то чаҳоррум ба роҳ монда шавад;
3. мусоидат намудан барои ташкили маҳфилҳои наққошӣ барои ташаккули шахсияти эҷодии донишҷӯён ба воситаи нақшу нигори миллӣ.

Ташкил ва гузаронидани маҳфилҳо дар раванди таълими фанни наққошӣ барои омӯзиши ҳунари нақшу нигори миллӣ барои донишҷӯёни курсҳои 2 то 4 пешбинӣ карда мешавад, ки дар натиҷа ташаккули шахсияти эҷодии онҳо барои омӯзгори оянда такмил меёбад. Дар МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”, кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ, барои донишҷӯёни гурӯҳҳои 201-а ва 201-б тавассути фанни наққошӣ ва кундалкорӣ аввал дар ҳамҷоягӣ ва марҳилаи дувум дар алоҳидагӣ (назоратӣ ва озмоишӣ), вазифагузорӣ карда шуд, ки оиди нақши ислимӣ мустақилона композитсия тартиб диҳанд. Дар натиҷа ҳамаи донишҷӯён супориши додашударо иҷро

намуданд. Аммо эҳодиёти онҳо, яъне композитсияи нақши ислимӣ нотамом ва бо сифати паст иҷро шуда, натиҷаи баҳои умумӣ манфӣ гардид (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Натиҷаи тадқиқот оиди ташаккулёбии гурӯҳҳои 201а-201б дар ҳамҷоягӣ (33 нафар), ҳангоми иҷрои нақшу нигори миллӣ

Баҳодиҳӣ	Натиҷа бо адад	Натиҷа бо фоиз
Аъло	0	2,8%
Хуб	12	41,6%
Миёна	21	56,25%
Шумораи умумии донишҷӯён	33-нафар	



Барои донишҷӯёни гурӯҳи 201-а ҳамчун гурӯҳи назоратӣ, вазифагузорӣ карда шуд, ки оиди нақши ислимӣ мустақилона композитсия тартиб диҳанд (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Натиҷаи тадқиқот оиди ташаккулёбии гурӯҳи назоратии 201а ҳамагӣ (18 нафар), ҳангоми иҷрои нақшу нигори миллӣ

Баҳодиҳӣ	Натиҷа бо адад	Натиҷа бо фоиз
Аъло	1	8%
Хуб	4	40%
Миёна	13	52%
Шумораи донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ	18-нафар	



Ҳамчунин, барои донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ низ чунин вазифагузорӣ карда шуд, яъне оиди нақши ислимӣ мустақилона тартиб додани композитсия.

Натиҷа чунин шуд, ки донишҷӯён босалоҳият гардида, дар тартиб додани композитсияи нақши ислимӣ хело фаъол буданд ва баҳои умумии онҳо мусбӣ ҳисобида шуд (ниг. ба ҷадвали 3).Яъне, бо истифода аз методи “мубоҳиса”, ки дар боло шарҳ дода будем, донишҷӯён маҳорат ва малакаи онҳо барои иҷрои нақшу нигори миллӣ такмил ёфт.

Ҷадвали 3. Натиҷаи тадқиқот оиди ташаккулёбии гурӯҳи озмоишии 201б ҳамагӣ (15 нафар), ҳангоми иҷрои нақшу нигори миллӣ

Баҳодиҳӣ	Натиҷа бо адад	Натиҷа бо фоиз
Аъло	3	26,08%
Хуб	7	52,17%
Миёна	5	21,73%
Шумораи донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ	15-нафар	



Мо дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, шароити омӯзиши ҳунари нақшу нигори миллиро дар дарсҳои наққошӣ ва кундалкорӣ таҳлил намуда, асосҳои ташаккули шахсияти эҷодии муаллимони ояндаи санъати тасвириро ба воситаи нақшу нигори миллӣ дар раванди таълим баррасӣ намоем. “Дар раванди таълим бояд ҳар як фанни таълимӣ ба донишҷӯён дониш ва ҳунари аниқу муайянро омӯзонад [4, с. 247].

Дар ин маврид донишҷӯён имкони васеи омӯзиши фанни наққоширо барои иҷро карда тавонистани нақшу нигори миллӣ ба даст меоранд ва шахсияти эҷодии онҳо ташааккул меёбад.

АДАБИЁТ

1. Азизов А.А. Истифодаи методҳои фаъоли раванди таълими босалоҳият дар мактаби олӣ (Дастури таълимӣ-методӣ) / А.А. Азизов, Х.М. Сабуров. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2019.-140 с.
2. Азизов А.А. Методикаи таълими технология (таълими меҳнат) дар низоми муносибати босалоҳият (китоби дарсӣ) / А.А.Азизов, М.Сайфиддинов, М.Ҷӯраев, Ф.Мӯминов. – Хуҷанд: Нури маърифат. 2018. - 506 с.
3. Анъанаҳои ҳунармандӣ ҳамчун тарбия дар педагогикаи халқӣ /А.А. Азизов, Ш.Ю. Азизов //Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.-2016.-№4(49). –С.245-251.
4. Белинская Н.А. Декоративное искусство горного Таджикистана (текстиль) / Н.А. Белинская. – Душанбе: Дониш, 1965. – 90с.
5. Воронина В.Л. Архитектурный орнамент древнего Пенджикента/ В.Л. Воронина. – М.: Гос. изд. лит-ры по строительству, архитектуре и строительным материалам, 1961.-С. 98-99.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон / Б.Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1989. -Ҷилди I. 384 с.
7. Йӯлдошев Ҳ. Нақшу нигорҳои меъморӣ дар Тоҷикистон / Ҳ.Йӯлдошев. - Москва, 1957.
8. Массон М.Е. Из воспоминаний среднеазиатского археолога / М.Е. Массон; О-во охраны памятников истории и культуры Узбекистана. – Ташкент: Изд – во лит. и искусства, 1976.- 176с.: ил.;20см.
9. Негматов Н.Н. История таджикского народа/ Н.Н. Негматов. -Худжанд: Ношир, 2009. – 814с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018 с. шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. http://majmilli.tj/payom/ (санаи истифодабарӣ 28.10.2019).
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2019 с. шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. http://mti.tj/payomi-prezident//majmilli.tj/... (санаи истифодабарӣ 21.01.2020).
12. Рузиев М. Ёдгории кандакории Чоркӯҳ / М.Рузиев. –Душанбе: Дониш, 1974. - 63с.
13. Шевченко Г.Л. Орнамент: Методические рекомендации для преподавателей / Г.Л.Шевченко. - Н.Новгород: ННГАСУ, 2009.

МУАММО ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ЭҶОДИИ МУАЛЛИМОНИ ОЯНДАИ САНЪАТИ ТАСВИРӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ НАҚҚОШӢ - НАҚШУ НИГОРИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур оиди омӯзиши нақшу нигори миллӣ ба воситаи таълими фанни наққошӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ маълумот дода шудааст. Илму фарҳанг дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳимми тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, бахусус ҷавонон ба ҳисоб рафта, метавонад дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши калидӣ дошта бошад. Солҳои охир дар ин соҳа як қатор тадбирҳои судманд амалӣ гардиданд, ки барои густариши фаъолияти муассисаҳои илмиву фарҳангӣ дар шаҳру деҳоти мамлакат ва ҳамзамон бо ин шиносонидани кишвари соҳибистиқлоли мо дар сатҳи ҷаҳонӣ саҳми арзанда доранд. Зикр намудан бамаврид аст, ки санъати ороишӣ-амалӣ ва навъҳои гуногуни он дар ҳаёти шахс ҷойгоҳи махсус дошта, як падидаи муҳимми фарҳанги миллии тоҷикон маҳсуб меёбад. Ҳунару ҳунармандӣ дар асоси анъанаҳои санъати ороишӣ-амалӣ, бахусус нақшу нигори миллӣ, ташаккул ва ривоҷу равнақ ёфтаанд. Мо дар мақолаи мазкур кӯшиш намудем, шароити омӯзиши ҳунари нақшу нигори миллиро дар дарсҳои наққошӣ ва кундалкорӣ таҳлил намуда, асосҳои ташаккули шахсияти эҷодии муаллимони ояндаи санъати тасвириро ба воситаи нақшу нигори миллӣ дар раванди таълим баррасӣ намоем. Дар ин мавриди донишҷӯён имкони васеи омӯзиши фанни наққоширо барои иҷро карда тавонистани нақшу нигори миллӣ ба даст меоранд ва шахсияти эҷодии онҳо ташааккул меёбад.

Калидвожаҳо: таълим, ҳунармандӣ, санъат, нақшунигор, технология, меҳнат, адабиёт, фарҳанг.

ПРОБЛЕМЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКОЙ ЛИЧНОСТИ БУДУЩИХ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОГО ИСКУССТВА ПРИ ПРЕПОДАВАНИИ ПРЕДМЕТА РИСОВАНИЯ - НАРОДНЫХ УЗОРОВ И ОРНАМЕНТОВ

В данной статье приведена информация об изучении народных узоров и орнаментов при помощи преподавания предмета рисования и возрождениЯ народных промыслов. Наука и культура в мировом сообществе являются одними из основных средств воспитания и повышения культурного уровня народа, особенно молодежи, которые смогут играть ключевую роль в формировании нравственных и моральных ценностей общества. В последние годы в данном направлении предпринято ряд мер, направленных на развитие деятельности научно-просветительских учреждений в городах и селах республики, которые служат делу представления нашей суверенной республики на мировом уровне. Нужно отметить, что изобразительное искусство и его различные направления занимают особое место в жизни каждого человека и счиатаются очень важным явлением национальной культуры таджиков. Искусство и ремесленничество формируется и развивается на основе традиций изобразительного искусства, в особенности народных узоров и орнаментов. Мы в данной статье сделали попытку анализа условий обучения искусству национальных узоров и орнаметов на занятиях изобразительного искусства и искусства наведения узоров на ткань (кундалкори) и рассмотрели основы формирования творческой личности будущих преподавателей изобразительного искусства посредством национальных узоров и орнаментов в процессе обучения. За данный период студенты приобретут нужные знания и навыки работы и будет формироваться их творческая личность.

Ключевые слова: обучение, ремесленничество, искусство, орнамент, технология, труд, литература, культура.

PROBLEMS OF FORMATION OF CREATIVE PERSONALITY OF FUTURE TEACHERS OF FINE ARTS IN TEACHING THE SUBJECT OF DRAWING - FOLK PATTERNS AND ORNAMENTS

This article provides information on the study of folk patterns and ornaments by teaching the subject of drawing and the revival of folk crafts. Science and culture in the world community are one of the main means of educating and raising the cultural level of the people, especially young people, who can play a key role in shaping the moral and moral values of society. In recent years, a number of measures have been taken in this direction aimed at developing the activities of scientific and educational institutions in the cities and villages of the republic, which serve to represent our sovereign republic at the world level. It should be noted that fine art and its various directions occupy a special place in the life of every person and are considered a very important phenomenon of the national culture of Tajiks. Arts and crafts are formed and developed on the basis of the traditions of the visual arts, especially folk patterns and ornaments. In this article, we made an attempt to analyze the conditions for teaching the art of national patterns and ornaments in the classes of fine arts and the art of guiding patterns on fabric (kundalkori) and examined the foundations of the formation of a creative personality of future teachers of fine arts through national patterns and ornaments in the learning process. During this period, students will acquire the necessary knowledge and work skills and their creative personality will be formed.

Key words: training, handicraft, art, ornament, technology, labor, literature, culture.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Масолиев Абдулло Садриддинович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, сармуаллими кафедраи санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои халқӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

Азизов Абдулатиф Абдухалимович – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, доктори илмҳои педагогий, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **Abdulatif-azizov.@mail.ru** Телефон: **92-747-41-15**

Сведения об авторах: ***Масолиев Абдулло Садриддинович*** **-** Худжанский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель кафедры изобразительного искусства и народных промыслов" ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжанский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и её методики преподавания факультета изобразительного искусства и технологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: **Abdulatif-azizov.@mail.ru** Телефон: **92-747-41-15**

Information about the authors: ***Masoliev Abdullo Sadriddinovich*** **-** Khudzhan State University named after Academician B. Gafurov,senior lecturer of the department of fine arts and folk crafts. **Address:** 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage, 1.E-mail: **Masolievallo@mail.ru**
Azizov Abdulatif Abdukhalimovich - Khudzhan State University named after Academician B. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Technology and its Teaching Methods of the Faculty of Fine Arts and Technology. **Address:** 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage, 1.E-mail: **Abdulatif-azizov. @ Mail.ru** Phone: **92-747-41-15**

УДК 371.01

ШАРТҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ БА АМАЛИЯ ТАМОЮЛДОШТАИ ХОНАНДАГОН

Маҷидова Б., Мақсудов З.О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Дарки моҳияти таълими ба амалия тамоюлдошта ба воситаи муайян намудани таркиби он кушода мегардад. Ҳарчанд дар айни ҳол муносибати аз ҷиҳати илмӣ асоснокгардида нисбат ба ҷузъиёти таълими баррасишаванда дарёфт нагардидааст, вале қадамҳои аввалин дар ин самт аллакай гузошта шудаанд. Ба назари мо, таълими ба амалия тамоюлдошта ҷараёни ҳамкории муаллим ва хонанда бо мақсади ташаккул додани шахсият мебошад, ки аз як тараф, ба такмил додани хусусиятҳои психологии хонандагон (диққат, тафаккур, ангезанокӣ), аз тарафи дигар, оид ба аз ҷониби хонандагон мустақилона дастрас намудани донишҳои нав, пешбурди таҷрибаи амалии истифодаи онҳо дар воқеияти атроф ҳангоми ҳаллу фасли вазифаҳо ва муаммоҳои муҳим, рушду нумӯи ҷаҳонбинӣ ва имкониятҳои эҷодии хонандагон равона гардидааст.

Муҳаққиқи рус И.Ю.Калугина [6,с.124] қайд менамояд, ки мазмуни таълими ба амалия тамоюлдошта имкон медиҳад, ки омӯзиш ба ҳаёт наздик карда шуда, таҷрибаи ҳаётии хонанда ба инобат гирифта шавад ва шавқи ӯ ба эҷодкорӣ рушд дода шавад. Натиҷаҳои мазкур тавассути қисм ба қисм таҳия намудани маводи таълимӣ ба даст оварда мешаванд. И.Ю.Калугина қисматҳои зеринро ҷудо карда аст:

- ангезавӣ – таъмини муносибати эҳсосотӣ-шахсиятии хонанда нисбат ба мавзӯъ дар асоси рӯй овардан ба ҳодисаҳои воқеӣ аз ҳаёти кӯдакон;
- синектикӣ - пешниҳод ва ҳаллу фасли муаммое, ки ба ҳаёт ва таҷрибаи шахсии хонанда иртибот дорад;
- маъмулнамоӣ – ташаккули таҷрибаи амалии нигаронидан ва истифода бурдани дониш ҳангоми ҳаллу фасли масъалаҳои мушаххас, ки дар ҳаёт вомехӯранд;
- алгоритмӣ – ба маводи баёншуда хислати дастрасӣ додан;
- бинарӣ - ба хонандагон омӯзондани ошкор ва аз худ кардани қонуниятҳое, ки падидаҳои табиӣ ба онҳо тобеъ мебошанд;
- моделсозӣ – ба таври нақшаҳо тасвир намудани иттилоот;
- ворисият – таносуби мазмуни курси мактабии фанни таълимӣ бо фанни мактабҳои олӣ.

Ҳамин тавр, кӯшишҳои муҳаққиқонро, ки дар ин самт анҷом дода шудаанд, тасниф намуда, кӯшиш менамоем, ки онҳоро таҳлил намоем. Чунончи, Н.Ф.Добринин [4], донишҳои амалиро ҳамчун таҳриккунанда муайян намуда, тағйироти минбаъдаи ботинии хонандагонро дар раванди ба даст овардан ва татбиқи онҳоро пешниҳод менамояд.

Ягонагии ақидаҳои Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. [8], дар мантиқи таҳқиқи онҳо ба назар мерасад: соҳаҳое, ки дар онҳо донишҳо татбиқ карда мешаванд ва тарзҳои зарурии анҷом додани ин амал нишон дода шудаанд. Дар ҳақиқат, донишҳои амалӣ ба таври стихиявӣ вуҷуд надоранд ва пайдо шуда наметавонанд. Зарур аст, ки онҳо пешакӣ муайян ва ҳадафмандона ба мазмуни курси фанни таълимӣ ворид карда шаванд, сипас бо истифода аз тарзҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Тадқиқоти И.Ю.Калугина ба кор карда баровардани таркибе равона гардидааст, ки он як қатор усулҳои методӣ ва воситаҳои амалисозии вазифаҳои ошкорнамоии аҳамияти амалии донишҳоро дар бар мегирад. Дар ин хусус ақидаҳои Н.Ф.Добринин, Маркова А.К., Матис Т.А., Орлов А.Б. ҷолиби диққат мебошанд. Ба тадқиқоти онҳо такя намуда, инчунин бо назардошти таҳлилҳои анҷомдода, мо муносибатҳоро нисбат ба баррасии ҷанбаҳои амалии донишҳои таълимӣ муайян намудем. Пеш аз он ки мантиқи интихобшудаи таҳқиқи мавзӯи дахлдор ба таври мукаммал тасниф карда шавад, моҳияти мафҳумҳои «муттасилӣ» ва «пайдарҳамӣ»-ро таҳлил мекунем . Инак, муттасилӣ ва пайдарҳамӣ дар таълим «аз худ кардани донишҳо, малакаю маҳоратро дар робитаи муайяни мантиқӣ дар назар дорад, зеро аломатҳои муҳимми падидаи омӯхташаванда аҳамияти зиёд доранд ва ҳангоме ки дар маҷмӯъ гирифта шудаанд, таълими мукаммал, низомро ифода мекунад» [4, с.35].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки баррасии муттасил ва пайдарҳами ҷанбаҳои амалии донишҳои таълимӣ низомеро ифода мекунанд, ки зернизоми фаъолияти омӯзгор ва зернизоми фаъолияти хонандаро дар бар мегирад. Ҳар кадоме аз ин зернизомҳо метавонанд ҳамчун низоми ҳаракатҳо пешниҳод гарданд. Алоқаи байниҳамдигарии фанҳои таълимӣ яке аз муаммоҳои умдаи дидактикаи муосир мебошад. Аз рӯи ин муаммо як қатор мақолаҳо ба нашр расида, рисолаҳо дифоъ гардидаанд (Ю.К.Бабанский, Ю.В.Василев, М.Н.Верзилин, Г.В.Воробев, Ю.И.Дик, И.Д.Зверев, С.Б.Катс). Моҳияти робитаҳои байнифанниро баррасӣ менамоем. Муҳаққиқон мафҳуми мазкурро дар якчанд вазъ шарҳу эзоҳ медиҳанд. Таърифҳоеро, ки аз ҷониби муаллифони мақолаҳо ва рисолаҳо дода шудаанд, омӯхта, аз онҳоеро интихоб кардем, ки ҷанбаҳои дидактикии онро тасниф мекунанд. Мувофиқи ақидаи В.Н.Максимова [7,с.43], алоқаҳои байнифаннӣ инчунин ба ҳайси шартҳои дидактикӣ, методи инъикос дар шуури фардии хонанда алоқаҳои объективии шаклҳои гуногуни ҳаракати ҷаҳони моддӣ, ягонагии назария ва амалия баромад мекунанд. Муҳаққиқи ин соҳа Б.Қодиров [5] қайд менамояд, ки алоқаҳои байнифаннӣ дар раванди таълим ба сифати шарти дидактикӣ баромад карда, ба пурзӯр шудани шавқмандии хонандагон нисбат ба таълим ва ба доираҳои илмӣ оид ба қонуниятҳои табиат пайванд шудани онҳо мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, ба амал баровардани алоқаҳои байнифаннӣ, ба шарофати қобилияти хонандагон ҷиҳати дар мавридҳои дигар истифода намудани донишҳои гирифташуда ва дар амалия татбиқ намудани онҳо, сатҳи қавигии ин донишҳоро баланд мегардонад. Вобаста ба ин ҳолат бояд тахмин карда шавад, ки алоқаҳои байнифаннӣ ҳамчун шарти дидактикӣ модели алоқаҳоро ифода мекунанд, ки дар байни объектҳои табиат дар натиҷаи ҳаракат ва ҳамкории онҳо ба вуҷуд меоянд. Алоқаҳои пешина барқарор намудани маводи фанҳои ба ҳамдигар наздики омӯхташударо дар назар дорад. Алоқаҳои мафҳумӣ ба ҳамдигар мувофиқа шудани шарҳу эзоҳи мафҳумҳои илмиро ифода менамояд.

Ҳамин тавр, алоқаҳои байнифаннӣ дар атрофи се соҳаи муҳити воқеӣ: табиат, ҳаёт ва истеҳсолот муттаҳид гардида, ба ташаккул ва ғанигардонии дониши хонандагон дар бораи ҳодисаҳои табиат, татбиқи он дар ҳаёт ва истеҳсолот мусоидат менамоянд. Ҳамаи гуфтаҳои болоро дар бораи алоқаҳои байнифаннӣ, ки дар раванди таълими хонандагон истифода мешаванд, ҷамъбаст намуда, бояд қайд намуд, ки ин имкониятҳо таҳкурсии зарурироо барои ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон муҳайё менамоянд. Истифодаи алоқаҳои байнифаннӣ ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдошта ҳам дар мазмуни дарсҳо ва ҳам ҳангоми баргузор намудани корҳои беруназсинфӣ имконпазир мебошад. Шартҳои асосии дидактикӣ, ки дар боло оварда

шуданд, тамоми феҳристи ҳолатҳои имконпазири раванди таълимро, ки ба самаранокии раванди таълими ба амалия тамоюлдошта таъсир мерасонанд, дар бар нагирифта, вале, ба назари мо, шартҳои асосӣ мебошанд. Ин шартҳо дар байни ҳамдигар алоқамандӣ доранд ва ҳангоми ба амал баровардани яке аз онҳо, зарур аст, ки шартҳои дигар низ ба инобат гирифта шаванд. Дар баробари ин, истисно сохтани ақаллан яке аз шартҳо боиси имконнопазирии ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ мегардад. Ҳамин тариқ, асосноккунии назариявии шартҳои асосии дидактикӣ имкон дод ошкор намоем, ки риоя намудани ин шартҳо ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон ба баландшавии самаранокии ин раванд таъсир мерасонад. Ҳангоми ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон он ҳолатҳои ҳамкории таълимии омӯзгор ва хонандаро ба инобат гирифтан лозим аст, ки ҳамчун қоида, онҳоро шартҳои дидактикӣ меноманд. Дар асоси таҳлили назариявии муаммои таҳқиқшаванда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои асосӣ дар соҳаи маориф, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ аз тарафи мо шартҳои зерини дидактикӣ муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок гардидаанд:

- ба таври фаъолнок пешниҳод намудани мазмуни таълим;
- баррасии муттасил ва пайдарҳами ҷанбаҳои амалии донишҳои таълимӣ;
- ба амал баровардани алоқаи байниҳамдигарии фанни таълимӣ бо силсилаи фаннҳои гуманитарӣ.

Методҳои асосии таълими ба амалия тамоюлдоштаро методҳои фаъоли таълим: ба таври муаммо нақл намудани маводи таълим, қисман-ҷустуҷӯӣ, тадқиқотӣ дар бар мегиранд, ҳарчанд принсипҳои фаҳмондадиҳӣ-айёнӣ ва репродуктивиро низ истисно кардан лозим нест. Ба таври зайл ба ҳамдигар алоқаманд кардани методҳои таълим аз тарафи хонандагон аз худ шудани мазмуни донишҳои амалии таълимӣ, истифодаи тарзҳои мустақилона дастрас намудани ин гуна донишҳо ва дар амал татбиқ намудани онҳоро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, ба ҳам омезиш ёфтани шаклҳои кори фардӣ, гурӯҳӣ ва дастаҷамъӣ имкон медиҳад, ки муносибати шахсӣ рушд ёбад, зеро хусусиятҳои фардии хонанда ба инобат гирифташуда, дар онҳо таҷрибаи барпо намудани муносибатҳои коммуникативӣ бо ҳамдигар ташаккул меёбад.

АДАБИЁТ

1. Атутов П.Р. Политехнический аспект межпредметных связей// Межпредметные связи в учебно-воспитательном процессе средней общеобразовательной школы. / П.Р. Атутов. - М.: Просвещение, 1977. - С.91-95.
2. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебного процесса (В вопросах и ответах) / Ю.К.Бабанский, М.М. Поташник. - 2-е изд., перераб, и доп. - Киев: Рад.школа, 1984. - 287 с.
3. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» 04.2012, №200). -Душанбе, 2012-66с.
4. Добрынин Н.Ф. О значимости получаемых учащимися знаний / Н.Ф. Добрынин //Вопросы психологии. - 1960. - №1. - С.42-50.
5. Кадыров Б. Межпредметные связи: инновация и творческое мышление учащихся / Б. Кадыров. - Душанбе, 2004.
6. Калугина И.Ю. Образовательные возможности практико-ориентированного обучения учащихся: дисс. канд. пед. наук / И.Ю. Калугина. - Екатеринбург, 2000. -215 с.
7. Максимова В.Н. Межпредметные связи в учебно-воспитательном процессе современной школы: [Учеб.пособие по спецкурсу для пед. ин-тов]. - М.: Просвещение, 1987. - 157 с.
8. Маркова А.К. Формирование мотивации учения / А.К.Маркова, Т.А.Матис, А.Б. Орлов. - М.: Просвещение, 1990. -192 с.
9. Скаткин М.Н. Проблемы современной дидактики / М.Н. Скаткин. - М.: Педагогика, 1984.-95 с.
10. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012, №334 тасдиқ шудааст). -Душанбе, 2012.

ШАРТҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ БА АМАЛИЯ ТАМОЮЛДОШТАИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола масъалаи ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон ва шартҳои педагогии он баррасӣ шудаанд. Қайд шудааст, ки таълими ба амалия тамоюлдошта ҷараёни ҳамкории муаллим ва хонанда бо мақсади ташаккул додани шахсият мебошад, ки, аз як тараф, ба такмил додани хусусиятҳои психологии хонандагон (диққат, тафаккур, ангезанокӣ), аз тарафи дигар, ба аз ҷониби хонандагон мустақилона аз худ намудани донишҳои нав, пешбурди таҷрибаи амалии истифодаи онҳо дар воқеияти атроф ҳангоми ҳаллу фасли вазифаҳо ва муаммоҳои муҳим, васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва имкониятҳои

эҷодии хонандагон равона гардидааст. Хулоса карда шудааст, ки ба ҳам омезиш ёфтани шаклҳои кори фардӣ, гурӯҳӣ ва дастаҷамъӣ имкон медиҳад, ки муносибати шахсӣ ташаккул ёбад, зеро хусусиятҳои фардии хонанда ба инобат гирифта шуда, дар онҳо таҷрибаи барпо намудани муносибатҳои коммуникативӣ бо ҳамдигар ташаккул меёбад.

Калидвожаҳо: таълими ба амалия тамоюлдошта, раванди таълим, фардӣ, шартҳои дидактикӣ, алоқаи байнифаннӣ, ташаккул, омӯзгор, дониш, малака, муносибати шахсӣ, методҳои фаъоли таълим.

ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ОРГАНИЗАЦИИ ПРАКТИКО-ОРИЕНТИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ СТУДЕНТОВ

В статье рассматриваются практико-ориентированное обучение учащихся и их дидактические условия. Отмечено, что практико-ориентированное обучение - это процесс взаимодействия учителя и ученика с целью развития личности, которое, с одной стороны, улучшает психологические характеристики учеников (внимание, мышление, мотивацию), с другой стороны, самостоятельно доступно ученикам. Оно направлено на приобретение новых знаний, популяризацию практического опыта их использования в реальном мире при решении важных задач развития мировоззрения и творческих возможностей студентов. Сделан вывод о том, что сочетание индивидуальной, групповой и коллективной форм работы позволяет развивать личные отношения, поскольку учитывает индивидуальные особенности студента и развивает опыт построения коммуникативных отношений друг с другом.

Ключевые слова: практико-ориентированное обучение, учебный процесс, индивид, дидактические условия, межпредметные связи, формирование, учитель, знания, навыки, личностный подход, активные методы обучения.

DIDACTIC CONDITIONS FOR THE ORGANIZATION OF PRACTICE-ORIENTED TEACHING OF PUPILS

The article discusses practice-oriented teaching of pupils and their didactic conditions. It is noted that practice-oriented learning is a process of interaction between a teacher and a student with the aim of developing personality, which, on the one hand, improves the psychological characteristics of students (attention, thinking, motivation), on the other hand, is independently available to students. It is aimed at acquiring new knowledge, popularizing the practical experience of using it in the real world when solving important problems and tasks, developing the worldview and creative capabilities of students. It is concluded that the combination of individual, group and collective forms of work allows the development of personal relationships, since it takes into account the individual characteristics of the student and develops the experience of building communicative relationships with each other.

Key words: practice-oriented teaching, educational process, individual, didactic conditions, intersubject connections, formation, teacher, knowledge, skills, personal approach, active teaching methods.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҷидова Бибиҳафиза*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121. Телефон:
Мақсудов Зафар Очилдиевич – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети филология. **Суроға:** 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Панҷакентхиёбони Рӯдакӣ, 108. Телефон: **+99292-7546189**. E-mail**: tou@bk.ru**

Сведения об авторах: ***Маджидова Бибихафиза*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 121.
Максудов Зафар Очилдиевич - Педагогический институт Таджикистана в городе Пенджикент, кандидат педагогических наук, декан филологического факультета. **Адрес**: 734000, Республика Таджикистан, Согдийская область, город Пенджикент, проспект Рудаки 108. Телефон: **+992 92-7546189**. E-mail: **tou@bk.ru**

Information about the authors: ***Madzhidova Bibikhafiza*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education. **Address:** 734003 Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 121.
Maksudov Zafar Ochildievich - Pedagogical Institute of Tajikistan in Penjikent, Candidate of Pedagogical Sciences, Dean of the Philological Faculty. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Sughd region, Penjikent,. Rudaki ave. 108. Tel .: **+99292-7546189**. E-mail**: tou@bk.ru**

УДК:372.87

УСУЛ ВА ВОСИТАҲОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САНЪАТИ ОРОИШӢ – АМАЛӢ

Таирова М.М., Узбекова М.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Сатҳи муосири рушди ҷомеа аз инсон талаб менамояд, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт эҷодкорона кор кунад. Аз ин рӯ, макотиби олии муосир бояд шахсияти эҷодкореро тайёр кунад, ки ба шароити доимо тағйирёбандаи ҳаёт мутобиқ шуда тавонад ва дар бозори меҳнат рақобатпазир бошад. Ин масъала ҳангоми таълими санъати ороишӣ-амалӣ ба донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ҳал карда мешавад, зеро санъати

ороишӣ - амалӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини рушди маҳоратҳои эҷодии шахс мебошад. Инкишофи маҳоратҳои эҷодии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ яке аз вазифаҳоест, ки дар назди муассисаи таҳсилоти олӣ қарор дорад. Имрӯзҳо ба шахсияти омӯзгор талаботи умумифарҳангӣ ва касбӣ пешниҳод карда мешаванд, ки ҳадафи он таъмини ягонагии равандҳои педагогӣ аст, ки мундариҷаи таълимро ба механизми рушди шахсияти эҷодкор табдил медиҳад. Амалия нишон дод, ки ташкили анъанавии таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ ичрои он вазифаҳоеро, ки ҷомеаи муосир дар назди маориф мегузорад, таъмин намекунад.

Таҳлили банақшагирӣ ва ташкили машғулиятҳои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳамчунин адабиёти методӣ ба мо имкон медиҳад муқаррар намоем, ки дар мадди назари онҳо то ҳол танҳо мундариҷаи иттилооти машғулият оид ба мавзӯъҳои маводи таълим қарор дорад, амсилаи низоме, ки ба амсиласозию идоракунии рушди иқтидори эҷодии маърифатӣ ва ахлоқиву зебоипарастии донишҷӯён шароит фароҳам орад, мавҷуд нест. Дар талаботи муосир, ки дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ омадааст, зикр гардидааст, ки мутахассис “дорои маҳоратҳои зарурӣ барои худтаҳлил, рушди қобилиятҳои эҷодии худ мебошад” [2, с. 3]. Аҳли маориф огоҳанд, ки соли таҳсили 2016-2017 дар зинаи ибтидоии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таълими салоҳиятнок ҷорӣ карда шуд. Албатта, ҳар навгонию пешравӣ дар соҳаи маориф боиси дастгирист. Тобистони соли 2017 омӯзгорон аз курси омӯзиши муносибати салоҳиятнок дар таълим гузаштанд [5, с. 2].

Мафҳумҳои “салоҳият” ва “босалоҳият”-ро мутахассисон барои ифодаи мафҳумҳои “компетенция” ва “компетентность”, ки аз забони лотинӣ (competens, competentis) ба русӣ иқтибос шудаанд, истифода мебаранд. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” “мафҳуми салоҳият” чун *“**лоиқ будан, сазовор будан; шоистагӣ,*** сазоворӣ” шарҳ дода шудааст [9, с. 200]. Қобилияти рушд яке аз хусусиятҳои умумии материя ва шуур аст. Ғояи рушд дар замонҳои қадим арзи ҳастӣ кардааст, вале дар асри XVIII онро И. Кант “моҷарои пуртаваккали ақл” номид, зеро бисёр соҳаҳоро, аз қабили коинот, табиати органикӣ ва ғайраро ҳамчун соҳаҳои рушдкунанда тасаввур кардан душвор буд [3, с. 233].

Инкишофи маҳоратҳои эҷодӣ, ки ба иҷрои бомуваффақияти ин ё он фаъолият марбутанд. Ташкилаи мураккаби синтетикии шомили як қатор сифатҳое, ки бидуни онҳо инсон ба ягон намуди фаъолият қобил нест ва хислатҳое, ки танҳо дар раванди фаъолияти ба тарзи муайян ташкил шуда ҳосил мегарданд. Хусусиятҳои инфиродӣ- психологии инсон, ки ба талаботи ин фаъолият ҷавобгӯ ҳастанд ва шарти иҷрои бомуваффақияти он мебошанд. Хусусиятҳои равонии дар раванди таълим рушдёбандаи шахсият, ки, аз як тараф, чун натиҷаи фаъолияти густурдаи таълимӣ ва маърифатии он зуҳур менамоянд, ва, аз тарафи дигар, дараҷаи баланди маҳорат ва муваффақиятро дар ин фаъолият машрут месозанд. Дар амалияи педагогӣ диққати асосӣ бояд маҳз ба рушд ва ташаккули маҳоратҳои эҷодии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дода шавад, зеро иқтидори серҷанбаи ин касб аз бисёр ҷиҳат он дастовардҳои инфиродӣ ва муҳимми ҷамъиятиро, ки шахсияти мутахассиси ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ба онҳо нигаронида шудааст, муайян менамояд. “Муҳокимаронӣ дар бобати маҳорат ҳамеша хусусияти муқоисавӣ дорад, яъне ба муқоисаи сермаҳсулӣ ва маҳорати як шахс бо маҳорати каси дигар асос меёбад. Меъёри маҳоратҳо сатҳ (натиҷа)- и фаъолиятест, ки баъзеҳо ба он ноил мегарданд ва баъзеҳо намегарданд [3, с. 148]. С.Л. Рубинштейн фаъолиятро асоси рушди қобилият медонад. Ба ақидаи ӯ, “маҳоратҳои инсон, пеш аз ҳама, маҳорат ба кор, ба таҳсил мебошанд. Онҳо дар меҳнат ва таълим рушд мекунанд”. Ин талабот, пеш аз ҳама, аз зарурати идроки аҳамияти касбии мутахассис, ки дар ӯ бояд маҳоратҳои фаъолияти эҷодӣ ташаккул ёфта бошанд, шаҳодат медиҳанд. Интиқоли онҳо бошад, бояд ба ташаккули шахсияти донишҷӯён мусоидат кунад [7, с. 312]. Ҳамин тариқ, ҳадафҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳанда ҳангоми амсиласозии рушди маҳоратҳои эҷодӣ хусусиятҳои муҳимтарин дар таълим мебошанд.

Ҳар як мутахассис бояд муносибати мутақобилаи субъект ва объектҳои раванди кориро ба роҳ монда тавонад, иқтидори эҷодии худро аз ҳисоби маҳорати татбиқи

чандири технологияҳои таълиму тарбия зоҳир намуда, дар фаъолияти касбиаш қарорҳоеро қабул ва амалӣ гардонида тавонад, ки ба рушди шахсияти фаъоли эҷодӣ равона шудаанд. Г.С. Алтшуллер боварӣ дошт, ки қобилият ба эҷодиёт истеъдод нест, балки табиати инсон аст. Эҷодиёт дар фаъолияти зеҳнӣ ва маънавӣ татбиқ мегардад. Ҳар як инсон дорои маҳоратҳои эҷодӣ мебошад. Барои кушода шудани онҳо шароити зарурии амалӣ гаштани маҳоратҳои мазкур лозим аст. Аз ҳама муҳиммаш, ба вуҷуд овардани ангезиш ба эҷодиёт ва аз худ кардани технологияи меҳнати эҷодӣ мебошад. Роҳи асосии инкишофи шахсияти эҷодӣ худтакмилдиҳист [1, с. 163]. Зарурати фаъолияти ҳадафмандро оид ба рушди маҳоратҳои эҷодӣ дар таълими донишҷӯён дар шуъбаи дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ он нукта муайян мекунад, ки маҳз дар он ҷо интиқоли таҷрибаи маънавӣ ва эҷодии инсон, ки ба барқарор шудани робитаҳои наслҳо мусоидат мекунад, сурат мегирад; маҳдудияти шарҳи оқилонаи олам идрок карда мешавад, раванди нисбатан мураккаби шинохти олам тавассути воситаҳои бадеӣ ба амал меояд. Яке аз таърифҳои охирини фаъолнокии эҷодиро Л.Н. Шулпина пешниҳод кардааст: “Фаъолияти эҷодӣ сифати устувори интегралии шахсият аст, ки дар ягонагии мақсадноки эҳтиёҷот, ангезаҳо, шавқу рағбат ва амалҳо ифода меёбад, ба он ҷустуҷӯи бошууронаи вазъиятҳои эҷодӣ хос аст”. Дар ин таъриф самтгирӣ ба азхудкунии фаъолияти эҷодӣ аниқ муайян карда шудааст, вале бори дигар омодагӣ ба фаъолияти эҷодӣ сарфи назар гардидааст [10, с. 102].

Пешрафти инсон ба маҳорати дарки устуворӣ ва доимият ҳам дар ашёи атроф ва ҳам дар тағйироте, ки дар ин ашё, яъне зуҳурот ба амал меоянд, асос меёбад.

Дар тадқиқи дилхоҳи илмӣ ғайр аз ҷамъоварии иттилоот мураттабсозӣ ва муқаррарнамоии робитаҳо ва муносибатҳо (миқдорӣ ва сифатӣ) амалӣ мегардад. Ин робитаҳо дар натиҷаи таҳлили пайвастаи иттилооти андухта ва мураттаб кардашаванда ошкор мегарданд. Ин ҳолат бошад, зарурати сохтани амсиларо ҳамчун образи абстрактии воқеият ба миён меорад. Маҳорат маҷмӯи хислатҳои табиӣ ва иктисобӣ мебошад. Хислатҳои табиӣ, ки модарзоданд, дар шароити тарбия ва раванди меҳнат ташаккул ва инкишоф меёбанд. Мафҳуми “маҳорат” ба дониш, малака ё маҳоратҳое, ки дар фард ҳосил шудаанд, айният надорад, вале баъзе маҳоратҳо метавонанд осонӣ ва суръати касби дониш ва малакаро шарҳ диҳанд. Ба ибораи дигар, “маҳоратҳо ҳамчун хусусиятҳои инфиродию психологии инсон муайян карда мешаванд. Хусусиятҳои инфиродию психологӣ бошанд, моҳиятан модарзод буда наметавонанд. Танҳо хусусиятҳои анатомию физиологӣ метавонанд модарзод бошанд, яъне мабдаъҳое, ки асоси рушди қобилиятҳоро ташкил мекунанд, аммо худи маҳоратҳо ҳамеша натиҷаи инкишофанд” [8, с. 100].

“Мафҳуми маҳорат фарқи одамонро дар дастовардҳо дар бар мегирад. Маъмулан дастовардҳои ба ҳама дастрасро бо қобилият алоқаманд намекунанд. Маҷмӯа хислатҳое, ки масъалаҳоро бо натиҷаи тағйирёбанда таъмин менамоянд, чи қадар ба теъдоди ками одамон дастрас бошанд, ҳамон қадар бештар имкон медиҳанд дар бораи маҳорат сухан ронем. Бо вуҷуди маводи хеле зиёди тадқиқот, ба назар чунин мерасад, ки соҳаи мураккаби қобилиятҳо (аз фаъолияти элементарии инсон то дастовардҳои баландтарини он) то ба ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Дар ин ҷо бисёр масоили норавшан мавҷуд аст. Ҳар як қобилият сохтори худро дорад. Дар сохтори маҳоратҳо, хислатҳои муттакоӣ ва пешбаранда, заминаи муайян ё воситаҳои ёрирасонро ҷудо кардан лозим аст” [6, с. 112]. Аз ин рӯ, маҳорати эҷодӣ моҳиятан консепсияи динамикӣ мебошад. Қобилият танҳо дар ҳаракат, танҳо дар рушд вуҷуд дорад. “Аз лиҳози психологӣ дар бораи маҳорат гуфтан мумкин нест, ки он пеш аз саршавии рушди худ мавҷуд аст, мисли ҳамин дар бораи маҳорати ба инкишофи пурра ва мукаммал расида, рушдашро ба итмом расонида низ сухан рондан ғайриимкон аст” [3, с. 93].

А.Н. Леонтев қайд мекунад, ки тибқи “таърифи васеи қабулшудаи қобилият он хислати фардие мебошад, ки маҷмӯи онҳо муваффақияти иҷрои ин ё он фаъолиятро таъмин мекунанд. Хислатҳое дар назаранд, ки онтогенетикӣ дар худи фаъолият ва вобаста аз шароитҳои беруна инкишоф меёбанд” [4, с. 68]. Мо чунин мешуморем, ки маҳоратҳои эҷодӣ танҳо дар фаъолияти касбӣ ва дар муассисаҳои махсус, ки барои ташаккули сифатҳои шахсии ба рассом - ҳунарманд зарурӣ пешбинӣ шудаанд (масалан, алоқаи назария бо амалия дар давоми тамоми фаъолияти тасвирии ӯ), инкишоф меёбанд.

Дар санъати ороишӣ-амалӣ ба ифоданокии худи шакли маҳсулот, ки ҳам таъйиноти функсионалӣ ва ҳам таъйиноти ороиши бадеӣ дорад, диққати зиёд дода мешавад. Дар мавриди санъати ороишӣ бошад, дар ин ҷо диққати асосӣ ба коркарди сюжету композитсия дода мешавад. Вале мавзӯъҳои сюжетӣ, ки дар санъати ороишӣ ба таври васеъ истифода мешаванд, мустақил нестанд, балки бо таъйинот ва хусусияти муҳите, ки мавриди ороиш қарор мегирад, алоқамандии зич доранд.

АДАБИЁТ

1. Алтшуллер Г.С. О психологии изобретательского творчества. Вопросы психологии / Г.С. Алтшуллер, Р.Б. Шапиров. – М., 1956. -№ 6. -236с.
2. Государственный образовательный стандарт высшего профессионального образования. Государственные требования к минимуму содержания и уровню подготовки архитектора по специальности 290200 - Дизайн архитектурной среды. -М., 1995. -70с.
3. Ковалев А. Г. Психологические особенности человека. Воспитание чувств. Учебное пособие/ А. Г. Ковалев, В. Н.Мясищев. - М.: Педагогика, 1971.-360с.
4. Леонтьев А.Н. Формирование способностей. Вопросы психологии. Учебное пособие / А.Н. Леонтьев. – М., 1960. -137 с.
5. Назари Наврӯз. Таълими салоҳиятнокӣ ва мушкилоти омӯзгорон. - Душанбе, 2017.- 8с.
6. Платонов К.К. Вопросы психологии труда. Учебное пособие/ К.К. Платонов. – М.: Медицина, 1970. - 264 с.
7. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. Учебное пособие / С.Л. Рубинштейн. -М.: Педагогика, 1989.- 488 с.
8. Теплов Б. М. Избранные труды. Учебное пособие / Б.М. Теплов. - М.: Педагогика, 1985.-141с.
9. Шукурова Ш. Словарь таджикского языка / Ш. Шукурова, В.А. Капранова, Р. Хашима, Н.А. Масуми. – Душанбе, 1969.-952с.
10. Шульпина Л.Н. Развитие творческой активности детей в процессе дополнительного образования: диссертация канд. пед. наук / Л.Н. Шульпина. –М., 2003. - 142 с.

УСУЛ ВА ВОСИТАҲОИ РУШДИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САНЪАТИ ОРОИШӢ – АМАЛӢ

Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён мақсади асосии таълими ба шахсият нигаронида мебошад, ки сарвати асосии он шахсияти донишҷӯён ва муайян кардани сатҳи таъсири педагогии ба ташаккули қобилияти ӯ мувофиқ аст. Чунин таълим бояд мавзуну тағйирпазир ва вариантнок бошад. Асоси онро, маъмулан, вижагиҳои шахсиятии донишҷӯ бо тамоми мушаххасоти ба он хос муайян мекунанд. Фаъолияти эҷодӣ омехтаи равандҳои психикии барои ташаккули шахсият муҳимтаринро дар бар мегирад. Дар фаъолияти зеҳнӣ, ки бо ғунсурҳои эҷодӣ мегузарад, ҷустуҷӯи фаъолона, дарёфт, муносибати тадқиқӣ, омодагӣ ба ҳалли масъала зоҳир мешаванд. Фаъолияти эҷодӣ бе фикри фаъолона имконнопазир аст, бинобар ин, барои эҷодиёт равандҳои тафаккур хеле муҳимманд, вале он равандҳои тафаккур, ки дар таркибашон ба мантиқи хушк ҷой нагузошта, гӯё таассуроти эҳсосиро дар худ таҷаммӯъ менамоянд.

Калидвожаҳо: қобилият, маҳорат, малака, таълим, салоҳият, муносибати таҳқиқотӣ.

МЕТОДЫ И СРЕДСТВА РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ДЕКОРАТИВНО-ПРИКЛАДНОМУ ИСКУССТВУ

Развитие творческих способностей учащихся - основная цель личностно-ориентированного образования, главной ценностью которого является личность учащихся и определение уровня педагогического влияния на развитие их способностей. Такое обучение должно быть тематическим, гибким и разнообразным. Его основу обычно определяют личностные характеристики студента со всеми его особенностями. Творческая деятельность включает в себя комплекс мыслительных процессов, которые наиболее важны для формирования личности. В интеллектуальной деятельности, которая сопровождается творческими элементами, присутствует активный поиск, открытие, исследовательский подход, готовность решать проблемы. Творческая деятельность невозможна без активного мышления, поэтому процессы мышления очень важны для творчества, но те процессы мышления, в которых нет места сухой логике, как бы аккумулируют эмоциональные впечатления.

Ключевые слова: способность, навык, обучение, компетентность, исследовательский подход.

METHODS AND MEANS OF DEVELOPING STUDENTS' CREATIVE ABILITIES IN THE PROCESS OF TEACHING ARTS AND CRAFTS

The development of students' creative abilities is the main goal of student-centered education, the main value of which is the personality of students and the determination of the level of pedagogical influence on the development of their abilities. Such training should be thematic, flexible and diverse. Its basis is usually determined by the personality characteristics of the student with all his characteristics. Creative activity includes a complex of thought processes that are most important for the formation of a personality. In intellectual activity, which is accompanied by creative elements, there is an active search, discovery, an exploratory approach, a willingness to solve problems. Creative activity is impossible without active thinking, therefore, thinking processes are very important for creativity, but those thinking processes in which there is no place for dry logic, as it were, accumulate emotional impressions.

Key words: ability, skill, training, competence, research approach.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Таирова Мавлуда Муллоҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, омӯзгори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.

Узбекова Мунира Абдушукуровна - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллимаи кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.
Сведения об авторах: ***Таирова Мавлуда Муллоджоновна*** - Худжандский государственный университета имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1.Е
Узбекова Мунира Абдушукуровна - Худжандский государственный университета имени академика Б. Гафурова, преподаватель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1.Е

Information about the authors: ***Tairova Mavluda Mullodzhonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, teacher of the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.
Uzbekova Munira Abdushukurovna - Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.

УДК 371.015

ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ ГУНОГУНИ ХАЛЛОҚИЯТИ ШАХС ДАР ПСИХОЛОГИЯИ МУОСИР

Бобоева С.Б., Луфов М.Т.
Донишгоҳи далатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Суръати баланди ташаккули ҷамъият, ки бо тараққиёти илму техника, воситаҳои муошират, информатсиякунонии оммавии шуур вобаста мебошад, дар раванди иҷтимоишавии шахс талаботҳои такмилёфтаро мегузорад. Дар ин радиф ба ташаккули шахсияте, ки дорои мавқеи фаъоли ҳаётӣ, мундариҷаи шахсӣ, зиндадилӣ, маҳорати нигоҳ доштани фардияти худ дар ҳама гуна вазъиятҳоро соҳиб аст, хеле мубрам мегардад. Барои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, рӯ ба пешравӣ ниҳода муҳим аст, ки шаҳрвандони он ба шароитҳои мураккаби зудивазшавандаи муосири ҳаётӣ на танҳо мутобиқ шаванд, балки имкониятҳои худро татбиқ карда тавонанд, барои қарорҳои қабулкардаашон масъулиятшинос, мустақил бошанд, бо назардошти худ рафтор намоянд ва аз фикру ақидаи дигарон вобаста набошанд. Яке аз омилҳои ҳалкунандае, ки барои роҳандозии чунин мақсадҳо мусоидат мекунад, бешак халлоқият мебошад. Ҳалли муаммоҳои глобалие, ки дар назди насли оянда меистанд, диди инноватсионӣ, ғайриодӣ ва бемислро талаб мекунанд ва маҳз креативнокӣ чунин халлоқият дар бар мегирад. Омӯзиши қобилиятҳои махсуси шахс, ки он бо мафҳуми халлоқият маъмул гаштааст, дар психологияи муосир, дар ҷараёни омӯзиши хусусиятҳои равандҳои зеҳнӣ ва эҷодиёт, ҳамчун равияи алоҳида ба миён омадааст. Мувофиқи ин равия халлоқият аз қобилияти ба шакли гуногун истифода бурдани иттилооти мавҷуда ва бо тарзи ғайриодӣ, ғайримаъмулӣ, бо суръати тез ҳал кардани он вобастагӣ дорад. Халлоқият дар илми психология, ҳамчун қобилияти шахс, ки дар бунёд намудани мафҳумҳои инноватсионӣ ва ташаккули маҳорати нави бо дастовардҳои эҷодӣ алоқаманд инъикос мегардад, тадқиқ карда мешуд. Ҳоло пажӯҳиши ҷанбаҳои гуногуни халлоқият, моҳияти он, шаклҳои зоҳиршавии он дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти одам, робитаи он бо равандҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ ва хусусиятҳои психологии шахс, яке аз масъалаҳои мубрами психологияи муосир маҳсуб меёбад. Пеш аз ҳама, ба мундариҷаи лингвистикии мафҳуми “халлоқият”- рӯ меоварем. Мафҳуми “халлоқият” дар илми психология ба қарибӣ ворид гардидааст. Агар ба тарҷумаи русии он мурочиат намоем, луғати “Психология”, зери таҳрири А. В. Петровский, М. Г. Ярошевский (чопи с.1990) онро пайдо намекунем. Эҳтимол сабаб дар он бошад, ки мундариҷаи мураккаби ин мафҳум дар ҳудуди истилоҳоти анъанавии илмӣ ва ақидаҳои назариявии мавҷуда муайян карда нашуда буд. Дар луғати психологии М.И.Еникеев (чопи с.2012) мафҳуми халлоқият дар шарҳи Э. П. Торренс дода шудааст - /креативность/ - калимаи лотинӣ creatio - офариниш – қобилияти фард, ки дар тафаккури бемисл, ғайриодӣ, бо роҳи нав ва суръати тез ҳал намудани масъалаи эҷодӣ, зоҳир мегардад [10,с.185]. Дар китоби В.Н. Дружинин (Психология

общих способностей) халлоқият ба таври зайл шарҳ дода шудааст: қобилияти умумӣ ба эҷодиёт, ки шахсро дар маҷмӯъ тавсиф медиҳад ва дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти вай зоҳир мегардад, яъне халлоқият ин қобилият аст, қобилият – сифати дар ҷараёни ҳаёту фаъолият инкишофёбанда аст, пас халлоқият бузургии статикӣ нест, балки ташаккулёбанда, дар ҳолати "фаъоли халлоқият" зоҳиршаванда аст [6, с.351].

Дар "Луғати мухтасари истилоҳоти психология ва тавсифи баъзе мафҳумҳо" - и Р.Атохонов мафҳуми креативность – креативнокӣ тарҷума шуда, чунин маънидод карда шудааст – қобилияти умумӣ ба эҷодкорӣ, ки шахсро ба таври том тавсиф медиҳад; дар соҳаҳои гуногуни фаъолӣ зоҳир мешавад ва ҳамчун омили нисбатан новобастаи лаёқат муоина карда мешавад. Ба креативнокӣ аз муносибати танқидӣ ба чизи нав аз мавқеи таҷрибаи мавҷудбуда не, балки аз назари ба фикру таклифҳои нав ҳассос мондан баҳо дода мешавад. Ин ҷо маънои истилоҳи "креатив" низ оварда шудааст – одами эҷодкоре, ки ба тарзҳои қолабии ҳалли масъала майл надорад; қобилият дорад, ки аз амалҳои аҷиб ва ғайриқолабӣ истифода барад, кашфиёти нав кунад, маҳсулоти беҳамто ба вуҷуд оварад [1, с.64]. Пеш аз он ки сохтор ва мундариҷаи халлоқиятро дар ҳамон мазмуне, ки мо таҳқиқ карданӣ ҳастем, муайян намоем, якчанд нуқтаи назарро оиди ин мафҳум дида мебароем. Халлоқият бо вуҷуди маънидодҳои гуногуни он, чунин сифати психикии фард мебошад, ки яке аз унсурҳои муайянкунандаи лаёқатро ташкил медиҳад. Ноил гаштан ба "натиҷаҳои олӣ" дар ягон намуди фаъолият, нигоҳи ғайриодӣ, нав, эҷодиро ба ин намуди фаъолият дар назар дорад, ки дар робита бо дигар омилҳои ташкилкунандаи лаёқат (зеҳн, ваҷҳ ва диг.) чунин "шартҳои дохилии дастовардҳои нодир" - ро ба вуҷуд меорад.

Аз нигоҳи В.Н. Дружинин қобилиятҳои одам, ки муваффақияти фаъолияти эҷодии ӯро муайян мекунанд, бо мафҳуми иқтибос гирифташудаи "креативнокӣ" ифода карда мешаванд, гарчанде ки баъзе муаллифон кӯшиши ба илм ворид намудани мафҳуми "эҷодиётнокӣ" - ро ба амал оварда буданд. Чун ҳама гуна қобилият, халлоқият меъёри зоҳиршавии инфиродиро дорост [6, с.351].Таърифҳои хеле зиёди халлоқият мавҷуданд, вале аксари муаллифон онро на ҳамчун раванд (мисли эҷодиёт ё тафаккури созанда), балки ҳамчун хислати шахсӣ ё қобилияти махсус муаррифӣ кардаанд. Дар психологияи муосири ғарбӣ таърифи маъмултарини халлоқият чунин аст – раванди офаридани маҳсули ғайриодӣ ва мутобиққардашуда (ба талаби вазъият ҷавобгӯ), ин ҷо диққати асосӣ ба хусусияти худи маҳсул, ки "бо истифода аз халлоқият" ба вуҷуд оварда шудааст дода мешавад – ба ном таърифи маҳсулӣ [8]. Назари дигаре ба проблемаи халлоқият мавҷуд аст, ки он ҳамчун ҷоришавии фаъолияти эҷодӣ муайян карда мешавад (назарияҳои ба ном протсессуалӣ) Л.И.Божович, А.В. Брушлинский, И.Б.Калошина, Б.М. Кедров, А.Н.Леонтев, А.М. Матюшкин, Я.А. Пономарев, С.Л. Рубинштейн, Б.М. Теплов, О.К. Тихомиров, М.Г. Ярошевский ва дигарон. Аммо бояд қайд намуд, ки намояндагони ин равия ҳам тахмини худро дар асоси баҳогузории маҳсули фаъолияти эҷодӣ бунёд мекунанд. Аслан, таҳқиқи халлоқият дар илми равоншиносӣ бештар бо ду маҷро ба роҳ монда шудааст:

1. Маҷрои аввал ба омӯзиш ва муайян намудани равандҳои маърифатии бо халлоқият алоқаманд равона аст, яъне вобаста будани он аз зеҳн. Дар ин равия халлоқият чун як ҷанбаи тафаккур дониста шудааст, ки бо тестҳои маъмули интеллект чен кардани он имконнопазир аст. Ин ақида ба натиҷаҳои тадқиқотҳое, ки вобастагии нишондиҳандаҳои халлоқиятро аз таҷрибаи гузашта, хусусиятҳои дониш ва маҳорати бадастовардашуда нишон медиҳанд, асос мегирад.

2. Маҷрои дигари таҳқиқи халлоқият ба он равона шудааст, ки то кадом андоза шахс бо хусусиятҳои психологии худ, омили асосии халлоқият буда метавонад. Ин равия ба хислатҳои инфиродӣ ва ваҷҳиёти фард такя мекунад.

Дар ҷараёни тадқиқи қобилиятҳои гуногуни фикрӣ ба воситаи тестҳои интеллект (IQ) ва омӯзиши халлоқият бо тестҳои махсус, олимон натиҷаҳои мухолифи якдигар ба даст оварданд. Маълум гардид, ки ин нишондодҳо ҷавоби амиқеро оид ба муаммои вобастагии халлоқият аз зеҳн дода наметавонанд. Дар ҳолати муаян намудани халлоқият

бо нишондиҳандаҳои дигар – дараҷаи дастовардҳои эҷодӣ дар намуди муайяни фаъолияте, ки шахс бо он машғул аст, натиҷаҳои мувофиқ ҳосил шуданд, ки аз ҷудо будани халлоқият ва зеҳн далолат медиҳанд. Ба андешаи мо, ду маҷрои асосии омӯзиши муаммои халлоқият якдигарро рад намекунанд, балки яке дигареро пурра менамояд, зеро ҳам намояндагони равияи якум ва ҳам олимоне, ки ҷонибори маҷрои дуюм ҳастанд, нисбати масъалаи халлоқият ақидаи дуруст доранд. Халлоқиятро аз зеҳн ҷудо карда намешавад, ҳамзамон халлоқият чун қобилияти инфироди - психологии шахс баромад мекунад. Дар ин доира пажӯҳишҳои хеле мухталиф ва пуразриш оиди омӯзиши ҳамаҷонибаи халлоқият ба вуҷуд омадаанд. Бархе аз ақидаҳои равоншиносони маъмулро оиди муаммои халлоқият мо мухтасар дар ҷадвали 1 овардаем ва мавриди андешаҳои онҳо истода мегузарем.

Аввалин олиме, ки муҳокимаи халлоқиятро ҳамчун яке аз қобилиятҳои умумии маърифатии эҷодӣ оғоз намудааст, Ҷ. П. Гилфорд ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи вай, қобилият ба тафаккури дивергентӣ барои халлоқият мавқеи муҳим дорад, яъне, дивергенсия дар якҷоягӣ бо амалҳои дигаргунсозӣ ва пайвасткунӣ асоси халлоқият ҳамчун қобилияти умумии эҷодӣ ба ҳисоб меравад. “Зери мафҳуми халлоқият – қобилияти инкор намудани тарзи маъмулии тафаккурро фаҳмидан лозим аст” [5, с.62].

Ба ақидаи мо, дар тадқиқи қобилиятҳои креативӣ ҳам хусусиятҳои инфиродии фаъолияти фикрӣ ва ҳам қобилиятҳои психологии фардии бо халлоқият алоқаманд бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро ҷараёни эҷодиёт, навсозӣ, бунёдкорӣ ин омезиши фаъолияти шуурнок ва унсурҳои бешуурӣ мебошад. Пажӯҳишҳои Гилфордро равоншиноси дигари амрикоӣ -Э.П. Торренс давом дода, халлоқиятро ҳамчун қобилияти идроки ҳассоси норасоиҳо, номувофиқатиҳои дониш муайян намудааст. Торренс дар раванди таҳқиқи худ супоришҳои тестии модели эҷодиётро коркард намудааст, ки бевосита ҷараёни эҷодиёт, ин ки натиҷаи онро инъикос мекунанд. Ӯ бо ин васила дар омӯзиши муаммои халлоқият саҳм гузоштааст. Мувофиқи ақидаи вай, қобилиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла халлоқият аз дараҷаи ташаккули зеҳн вобастагӣ надоранд. Торренс қобилияти эҷодиро омили мустақил, аз интеллект новобаста меҳисобид [12, с.32].

Мо чунин мешуморем, ки истифодаи нишондиҳандаи тафаккури дивергентӣ барои муайян намудани дараҷаи халлоқият баҳснок аст, зеро тафаккури дивергентӣ танҳо яке аз паҳлуҳои қобилияти фикрие, ки барои эҷодиёт зарур аст, ба шумор меравад. Ба ин нигоҳ накарда, натиҷаҳои пажӯҳишҳои Торренс дар таҳқиқи халлоқият қобили қабуланд, зеро онҳо бештар бо хусусиятҳои инфиродии шахс алоқаманд карда мешаванд. Ин нуктаро аксари олимон тарафдорӣ менамоянд, яъне на дар ҳама вазъиятҳои зоҳиршавии халлоқият, онро бо нишондиҳандаи зеҳн /IQ/ алоқаманд кардан мумкин аст.

Андешаи А.В. Брушлинский оиди муаммои халлоқият чунин мебошад – ин хориқа падидаи махсуси психикӣ нест, балки нишонаи ҳама гуна тафаккур аст. Ба тафаккуре, ки бо фаъолияти предметӣ (таълим) вобаста аст. Ӯ мавқеи афзалиятнокро ба раванди эҷодӣ мансуб медонад. Ҳама гуна тафаккур, ҳатто дар дараҷаи камтарин, ҷустуҷӯ ва кашфиёти чизи асосӣ, нав (барои фарди алоҳида, амиқ) мебошад ва ҳамеша то андозае самаранок, эҷодӣ, мустақил аст [4, с. 20]. Дар ҷонибдории гуфтаҳои Брушлинский илова менамоем, ки мавқеи хусусиятҳои психологии шахс, дар зоҳир гардидани халлоқият нақши муассир мебозанд ва ин омилро дар омӯзиши моҳияти иқтидори зеҳнӣ - шахсӣ бояд ба эътибор гирифт. Р.М.Симпсон халлоқиятро ҳамчун “қобилияти вайрон намудани анъана, тартиби маъмулии пайгирии ғояҳо дар раванди тафаккур” муайян кардааст [11]. К. В. Тейлор ба монанди Гилфорд халлоқиятро ҳамчун омили ягона не, балки мувофиқати қобилиятҳои гуногун, ки ҳар яке дар дараҷаи мухталиф ифода мегардад, муаррифӣ кардааст. Ин олим 52 меъёри лаёқатмандиро ҷудо намудааст, аз ҷумла – кӯшиши ҳамеша дар қатори аввалинҳо будан, соҳибихтиёрӣ ва мустақилӣ, фаъолнокӣ, кунҷковӣ, тафаккури ғайриодӣ, истеъдоди пешгӯӣ кардан, саъю кӯшиши дигаргунсозии тартиби мавҷуда, муоширатнокӣ ва монанди инҳо. Ба ақидаи Ф.Баррон, дар маркази тафаккури эҷодӣ раванди тасаввурот ва аломатсозӣ (символизатсия) меистад. Ӯ халлоқиятро ҳамчун

ҷараёни худ ба худ дар дохили амал давомёбанда маънидод мекунад. Халлоқият дар маҷмӯъ раванди марказии ҳамаи манфиатҳои инсонӣ мебошад. Р.Стренберг, П. Ленгли, Т.Ҷонс ин нуктаро дастгирӣ намудаанд ва зарурияти созмон додани маҷозҳои маҳсулнокро қайд кардаанд. Ҳамчунин, муҳиммияти хотирро дар раванди инсайти эҷодӣ таъкид карда, чунин мешумориданд, ки дастрас будани ахбор имконияти ба вуҷуд овардани ассотсиатсияҳои ноаён ва ҳалли ғайримаъмулии проблемаҳоро пайдо мекунад [2]. Психологон А.Маслоу, Эдвард де Боно, М.Чиксентмихайи халлоқиятро бо натиҷаҳои фаъолияти эҷодии шахс вобаста мекунанд ва дар ташаккули он мавқеи махсуси қобилиятҳои инфиродию психологии ӯро таъкид менамоянд ва бар он ақидаанд, ки қабули қарорҳои креативӣ, ҳалли масъалаҳои креативӣ бо ваҷҳиёт ва ҳолатҳои эмотсионалӣ, аз ҷумла зеҳни ҳиссӣ низ алоқамандӣ дорад. Таҳқиқи қобилияти креативӣ ба он равона шудааст, ки то кадом андоза шахс бо хусусиятҳои психологии худ, омили асосии халлоқият буда метавонад [3, с.185, 88, 149].

Дар ҷараёни натиҷагирии таҳқиқотҳо дар ин соҳа, Ф. Баррон ва Д. Харингтон муайян намуданд, ки дар маҷмӯъ, халлоқият чӣ гуна шарҳ дода мешавад [2]:

1. Халлоқият -ин қобилияти аксуламали мутобиқшуда ба зарурияти ақидаҳои нав, натиҷагириҳои нав. Ин қобилият ҳамчунин имконият медиҳад, ки навоварӣ дар ҳастӣ фаҳмида шавад, гарчанде худи ҷараён хусусияти шуурнок ё бешууронаро дошта метавонад.

2. Ба вуҷуд овардани маҳсули наву эҷодӣ бештар аз шахсияти эҷодкор, қувваи ваҷҳиёти дохилии вай вобастагӣ дорад.

Л.Б.Ермолаева-Томина таҷрибаи тадқиқотчиёни ғарбиро оид ба масъалаи эҷодкорӣ ҷамъбаст намуда, халлоқиятро ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои гуногун, ки ҳар яки онҳо дар ин ё он як шахс ба дараҷаҳои гуногун ва ба таври хос ифода мегарданд, муайян намудааст [7, с.256]. Ба андешаи мо, нуқтаи назари Л.Б. Ермолаева-Томина унсурҳои ҳарду маҷрои таҳқиқи креативнокиро дар бар мегирад. Ӯ халлоқиятро ҳамчун махсусияти раванди эҷодӣ, хусусияти сифатҳои тафаккур, қобилияти инфиродӣ - психологии шахс маънидод кардааст ва мо онро ҷонибдорӣ менамоем, чун қайд карда будем, ки ҳарду маҷрои омӯзиши хориқаи халлоқият ба ҳамдигар иртибот доранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар бисёр тадқиқотҳо зери мафҳуми халлоқият маҷмӯи хусусиятҳои фикрронӣ, раванди тафаккур ва хусусиятҳои инфиродӣ - психологӣ дар назар дошта мешаванд, ки ба ташаккул ва зоҳиршавии эҷодиёт мусоидат мекунанд. Дар шароити кунунии рушди психология ва педагогика ин муқаррароти мафҳуми “халлоқият” ва низоми унсурҳои таркибии онро асоснок ва бетағйир шуморидан мумкин нест, зеро ҷараёни таҳқиқи онро ба итмомрасида донистан хато мебуд. Ҳамин тариқ, муаммои ташаккули халлоқият барои тадқиқоти илмӣ хеле мураккаб, аммо ниҳоят мубрам аст ва аз ин лиҳоз омӯзиши ҷанбаҳо, нуқтаи назар, фарзияҳои гуногун оиди ин масъала дар замони муосир басо аҳамиятнок маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ

1. Атохонов Р. Луғати мухтасари истилоҳоти психология ва тавсифи баъзе мафҳумҳо/ Р. Атохонов. – Душанбе: ДДОТ, 2017. -260с.
2. Ф. Баррон и Д. Харингтон. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https//cyberleninka.ru
3. Батлер–Боудон, Т. 50 великих книг по психологии / Т. Батлер–Боудон; пер. с англ.: В. Д. Соколова. – М.: Эксмо, 2012. – 608 с.
4. Брушлинский, А.В. Субъект: мышление, учение, воображение / А. В. Брушлинский. -М.: Воронеж: МОДЭК, 1996. - 387 с.
5. Гилфорд, Дж. Три стороны интеллекта / Дж.Гилфорд// Психология мышления /Под.ред.А.М.Матюшкина. -Москва: Прогресс, 1965. -75с.
6. Дружинин В.Н. Психология общих способностей/ Дружинин В.Н. - СПб: Питер, 2000. - 368 с.
7. Ермолаева-Томина Л.Б. Психология художественного творчества/ Ермолаева-Томина Л.Б. – М.: Академический Проект, 2003. - 304 с.
8. Любарт Т. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https//.pda.litres.ru
9. Маслоу, А. Г. Мотивация и личность / А. Г. Маслоу; пер. с англ. -СПб.: Евразия, 1999. 479 с.
10. Психологический энциклопедический словарь.: справочное издание /М.И.Еникеев. –М.: Проспект,2012. – 560 с.
11. Симпсон Р.М. [Электронный ресурс]. Режим доступа: www.elibrary.ru
12. Туник Е.Е. Тест Торренса. Диагностика креативности. СПб.: Иматон, 1998. 45

ОМӮЗИШИ ҶАНБАҲОИ ГУНОГУНИ ХАЛЛОҚИЯТИ ШАХС ДАР ПСИХОЛОГИЯИ МУОСИР

Дар илми психологияи муосир муаммои инкишофи эҷодии шахсият, алалхусус халлоқият ӯ ба таври хеле мушаххас омӯхта мешаванд. Яке аз омилҳои ҳалкунандае, ки барои роҳандозии чунин мақсадҳо мусоидат мекунад, бешак халлоқият мебошад. Ҳалли муаммоҳои глобалие, ки дар назди насли оянда меистад, диди инноватсионӣ, ғайриодӣ ва бемислро талаб мекунад ва маҳз халлоқият чунин қобилиятҳоро дар бар мегирад. Барои муайян намудани моҳияти халлоқият, сохтори он, тарз ва роҳҳои ҳалли масъалаҳои нав, ғайриодӣ ва бемисл кӯшиши зиёде сарф шуда буд ва дар натиҷа далелҳое ба даст оварда шуданд,ки ба шакли пурра набошад ҳам, раванди ҳалли ин зумра масъалаҳоро маънидод карда тавонанд. Баъзе аз таърифҳои халлоқият – дар мафҳумҳои маҳсул, натиҷаи фаъолият; дигарашон – дар мафҳумҳои протсесс, хусусиятҳои шахсӣ ё шароитҳои зарурии берунӣ ифода гардидаанд. Ба ақидаи мо, дар таҳқиқи халлоқият ҳам хусусиятҳои инфиродии фаъолияти фикрӣ ва ҳам қобилиятҳои психологии фардии бо халлоқият алоқаманд бояд ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро ҷараёни эҷодиёт, навсозӣ, бунёдкорӣ ин омезиши фаъолияти шуурнок ва унсурҳои бешуурӣ мебошад.

Калидвожаҳо: халлоқият, зеҳн, эҷодиёт, қобилият, психика, равандҳои психикӣ, хусусиятҳои инфиродӣ - психикӣ, тафаккур, навгонӣ, чандирии маъноӣ, тафаккури инноватсионӣ, тафаккури дивергентӣ

ИЗУЧЕНИЕ РАЗЛИЧНЫХ АСПЕКТОВ КРЕАТИВНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ЛИЧНОСТИ В СОВРЕМЕННОЙ ПСИХОЛОГИИ

В современной психологии очень подробно изучается проблема творческого развития личности, особенно ее творческих способностей. Несомненно, одним из решающих факторов, способствующих достижению таких целей, является творчество. Способность решать глобальные проблемы, с которыми сталкивается следующее поколение, требует новаторского, необычного и уникального видения, и именно творчество включает в себя такие способности. Было приложено много усилий для определения сущности творчества, его структуры, методов и решений новых, необычных и уникальных проблем, и в результате были получены доказательства, которые, хотя и неполные, могут объяснить процесс решения таких проблем. Некоторые определения творчества - в терминах продукта, результата деятельности; другие выражаются в терминах процесса, личных характеристик или необходимых внешних условий. На наш взгляд, при изучении творческих способностей следует учитывать как индивидуальные особенности интеллектуальной деятельности, так и индивидуальные психологические способности, связанные с творчеством, потому что процесс творчества, обновления представляет собой сочетание сознательной деятельности и бессознательных элементов.

Ключевые слова: креативность, интеллект, способности, психика, психические процессы, индивидуальные характеристики, умственное, мышление, новизна, семантическая гибкость, инновационное мышление, дивергентное мышление.

STUDY OF DIFFERENT ASPECTS OF THE PERSONALITY'S CREATIVE ABILITIES IN MODERN PSYCHOLOGY

In modern psychology, the problem of the creative development of an individual, especially his creative abilities, is studied in great detail. Undoubtedly, one of the decisive factors contributing to the achievement of such goals is creativity. The ability to tackle the global challenges facing the next generation requires an innovative, unconventional and unique vision, and it is creativity that includes such abilities. Much effort has been made to define the nature of creativity, its structure, methods and solutions to new, unusual and unique problems, and the result is evidence that, although incomplete, can explain the process of solving such problems. Some definitions of creativity are in terms of a product, a result of an activity; others are expressed in terms of process, personal characteristics, or necessary external conditions. In our opinion, when studying creative abilities, one should take into account both the individual characteristics of intellectual activity and individual psychological abilities associated with creativity, because the process of creativity, renewal, creativity is a combination of conscious activity and unconscious elements.

Kev words: creativity, intelligence, creativity, abilities, psyche, mental processes, individual characteristics - mental, thinking, novelty, semantic flexibility, innovative thinking, divergent thinking, creative activity, creativity, intellectual ability, intellectual tests, intellectual tests, intellectual tests. , subject, creative talent, individual reality.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Бобоева Сайёра Бобораҷабовна*** –Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ,дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. E-mail: kpntolerans@mail.ru
Луфов Мансурбой Тоймуратович- Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ,номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллими кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1.**Email-** lufov@mail.ruТелефон:**92-812-91-99**

Сведения об авторах: ***Бобоева Сайёра Бобораджабовна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент кафедры социальной и профессиональной психологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1.E-mail: **kpntolerans@mail.ru**
Луфов Мансурбой Таймуратович- Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлонбекова 1. Телефон:**92-812-91-99**

Information about the authors: ***Boboeva Sayora Boborajabovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Associate Professor of the Department of Social and Professional Psychology**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.E-mail: **kpntolerans@mail.ru**
Lufov Mansurboy Taimuratovich - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the Department of Social and Professional Psychology. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov ave. 1. Phone: **92-812-91-99**

УДК:372.862:61

ТЕХНОЛОГИЯИ ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Абдусамадзода Б.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Вақтҳои охир, мавриде равшан гардид, ки тибб на ҳама вақт нисбати пайдоиши патология метавонад мубориза барад, таваҷҷуҳ ба тарзи ҳаёти солим торафт бештар мегардад. Ба ёд овардани масали қадимӣ мувофиқи мақсад аст: санъати тамдиди ҳаёт ин санъати кӯтоҳ кардани он нест. Тарзи ҳаёти солим - тарзи ҳаёти шахс бо мақсади пешгирии беморӣ ва пешрафти саломатӣ аст. Барои муайян кардани тарзи ҳаёти солим равишҳои гуногун вуҷуд доранд. Намояндагони самти фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ (П.А.Виноградов, Б.С.Ерасов, О.А.Милштейн, В.А. Пономарчук, В.И.Столяров ва дигарон) тарзи ҳаёти солимро як мушкили глобалии иҷтимоӣ, умуман ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа меҳисобанд. Дар самти равонӣ ва педагогӣ (Г.П.Аксенов, В.К.Балсевич, М.Я.Виленский, Р.Дитлс, И.О.Мартинюк, Л.С.Кобелянская ва дигарон) тарзи ҳаёти солимро аз нуқтаи назари шуур, психологияи инсон ва ангеза баррасӣ ва арзёбӣ мекунанд. Дигар нуқтаи назарҳо мавҷуданд (масалан, биотиббӣ), аммо байни онҳо хатти қатъӣ мавҷуд нест, зеро онҳо ба ҳалли як мушкилот - пешбурди саломатӣ нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, тарзи ҳаёти солим роҳи ҳаётест, ки ба вижагиҳои генетикии муайяншудаи типологии як шахс, шароити мушаххаси зиндагӣ мутобиқ аст ва барои ташаккул, ҳифз ва тарғиби саломатӣ бо мақсади иҷрои вазифаҳои иҷтимоию биологии шахс равона шудааст. Дар таърифи дар боло зикршудаи тарзи ҳаёти солим диққати махсус ба фардикунонии худи мафҳум дода мешавад, яъне бояд миқдору ҳаҷми тарзи ҳаёти солим низ вуҷуд дошта бошад. Ҳангоми ташаккули тарзи ҳаёти солим барои ҳар як шахс бояд характери типологии он (навъи фаъолияти баландтари асаб, навъи морфофункционалӣ, механизми бартарии танзими вегетативии асаб ва ғайра), ҳамчунин мансубияти синнусолӣ ва муҳити иҷтимоие, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, ба назар гирифта шавад (вазъи оилавӣ, касб, анъана, шароити кор, таъминоти моддӣ, рӯзмарра ва ғайра). Ҷанбаҳои муҳимро дар заминаҳои ибтидоӣ бояд вижагиҳои ҳавасмандгардонии шахсият ва дастурамалҳои ҳаёти ӯ ташкил диҳанд, ки худи онҳо метавонанд ба ташаккули тарзи ҳаёти солим мусоидат кунанд. Мо якчанд консепсияҳоро номбар мекунем, ки бо консепсияи тарзи ҳаёт зич алоқаманданд. Тарзи ҳаёт - намуди муайяни фаъолияти инсон, аз ҷумла маҷмӯи намудҳои гуногуни фаъолият, рафтори одамон дар ҳаёти ҳамарӯза. Шароити зиндагӣ - шароите, ки тарзи ҳаётро муайян мекунад. Онҳо метавонанд моддӣ ва ғайримоддӣ бошанд (меҳнат, ҳаёт, муносибатҳои оилавӣ, таҳсилот, ғизо ва ғайра). Сатҳи зиндагӣ (сатҳи некуаҳволӣ) ҳаҷм ва сохтори эҳтиёҷотро тавсиф мекунад. Инҳо нишондиҳандаҳои миқдории шароити зиндагӣ мебошанд. Сатҳи зиндагӣ аз ҳисоби маҷмӯи маҳсулоти умумӣ, даромади миллӣ, даромади воқеии аҳолӣ, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва нишондиҳандаҳои саломатии аҳолӣ муайян карда мешавад. Тарзи ҳаёт ин тартиб, танзими меҳнат, зиндагӣ, ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, ки дар доираи он ҳаёти одамон ҷой мегирад. Тарзи ҳаёт – вижагиҳои инфиродии рафтор дар ҳаёти ҳаррӯза аст. Сифати зиндагӣ - сифати он шароите, ки дар он ҳаёти ҳаррӯзаи одамон амалӣ карда мешавад (сифати манзил, хӯрокворӣ, таҳсилот, ёрии тиббӣ).

Ҳангоми муайян кардани мафҳуми тарзи ҳаёти солим бояд ду омили ибтидоиро ба назар гирифт - табиати генетикии шахс ва алоқамандии он бо шароити мушаххаси зиндагӣ. Вазифаи корманди иҷтимоӣ дар ниҳояти кор аз он иборат аст, ки ба мизоҷ дар барқарор ё такмил додани робитаи байни ӯ ва ҷомеа бо мақсади беҳтар кардани сифати зиндагии мизоҷ кумак расонад. Вобастагии тарзи ҳаёти солим бо зиёдшавӣ ва тағйирёбии хусусияти фишорҳои организми инсон дар робита бо мураккабии ҳаёти ҷамъиятӣ, афзоиши хавфҳои табиати антропогенӣ, экологӣ, психологӣ, сиёсӣ ва низомӣ, ки боиси тағйирёбии манфии вазъи саломатӣ мегардад. Бемории шахс, асосан, аз тарзи ҳаёт ва рафтори рӯзмарраи ӯ вобаста аст. Дар айни замон, тарзи ҳаёти солим ҳамчун пешгирии

бемориҳо ва фавти бармаҳал, афзоиши давомнокии умр ҳамчун асос ҳисобида мешавад. Тарзи ҳаёти солим бояд ба барномаи генетикии инсон мувофиқат кунад. Ин ҳам барои ҳамбастагии ҳамаҷонибаи инсон бо табиат ва барои рушди ҳамаҷонибаи неруи саломатӣ зарур аст. Барномаи генетикии инсон конститутсия (намуди морфофункционалӣ, намудҳои афзалияти аксуламалҳои асабӣ ва равонӣ), суръати аксуламалҳои биологиро муайян мекунад ва аз ин рӯ мавҷудият ё набудани бемориҳои гуногунро муайян мекунад. Илова ба омилҳои генетикӣ, тарзи ҳаёт ҳамчунин ба синну сол, ҷинс, маълумот, зеҳният, касб, шароити кор, тарбият, анъана ва пояҳои оила, некуаҳволии моддӣ, шароити зиндагӣ, ҳавасмандии шахсӣ таъсир мерасонад [6,с.24]. Интиқолдиҳандаи фаъоли тарзи ҳаёти солим шахси мушаххас ҳамчун субъект ва объекти ҳаёт ва мақоми иҷтимоӣ мебошад. Ҳангоми татбиқи тарзи ҳаёти солим шахс дар ягонагии принсипҳои биологӣ ва иҷтимоии худ амал мекунад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ба муносибатҳои инфиродӣ ва ҳавасмандии инсон ба таҷассум кардани қобилияти иҷтимоӣ, ҷисмонӣ, ақлӣ ва рӯҳии ӯ асос ёфтааст. Тарзи ҳаёти солим яке аз воситаҳо ва усули самараноки таъмини саломатӣ, пешгирии бемориҳои аввалия ва қонеъ сохтани ниёзҳои ҳаётан муҳим мебошад. Барнома ва ташкили тарзи ҳаёти солим барои як шахс дар заминаҳои зерини асосӣ муайян карда мешавад:-омилҳои меросии инфологии инфиродӣ;-шароити объективии иҷтимоӣ ва омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ;-шароити мушаххаси зиндагӣ, ки дар он фаъолияти оилавӣ ва касбӣ анҷом дода мешавад;-омилҳои ҳавасмандгардонии шахсият, ки ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги шахс, дараҷаи тамаркузи онҳо ба саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим муайян карда шудаанд.

Дар бисёр мавридҳо дар таърих имкони нигоҳ доштан ва мустаҳкам кардани саломатӣ тавассути истифодаи ҳар гуна табобат бо хусусиятҳои муъҷиза пешниҳод шудааст (фаъолияти ҷисмонии ин ё он намуди ғизоҳои иловагӣ, омӯзиши равонӣ, тозакунии организм ва ғайра). Аммо, баъзе муаллифон ба унсури ҷисмонӣ (масалан, Гиппократ), баъзеҳо ба маънавӣ (масалан, Демокрит) диққати асосиро ба омилҳои иҷтимоӣ ҷалб мекунанд. Чунин бархӯрдҳо асоснок нестанд. Ҳамон тавре ки барои ҳама бемориҳо дорую давои наҷотбахш мавҷуд нест, унсури асосии тарзи ҳаёти солим вуҷуд надорад. Ин фаҳмо аст, зеро ягон восита ё падида ба организми инсон дар маҷмӯъ таъсир мерасонад, на ба ягон низоми алоҳида. Мониторинги саломатӣ бо истифодаи баъзе нишондиҳандаҳо, ки ифодаи миқдории мушаххас доранд, гузаронида мешавад. Масалан, нишондиҳандаҳои асосии гомеостаз, нишондиҳандаҳои захираҳои бадан дар зери бори равонашуда. Тарзи ҳаёти солим татбиқи маҷмӯи амалҳо дар тамоми самтҳои асосии фаъолияти инсон: меҳнат, иҷтимоӣ, оила-хонавода, истироҳат мебошад. Маънои биотиббии тарзи ҳаёти солим дар қобилияти мутобиқшавии шахс ифода меёбад. Барои фаҳмиши тарзи ҳаёти солим, чунин консепсияҳо бештар сармоягузорӣ карда мешаванд:-таълими одатҳо ва малакаҳои солим аз давраи кӯдакӣ;-муҳити зисти бехатар;-дониш дар бораи таъсири объектҳои гирду атроф ба саломатӣ;-даст кашидан аз одатҳои бад (тамокукашӣ, истеъмоли маводи мухаддир, суиистеъмоли машрубот);-ғизои муътадил ва физиологии мувофиқ;-интихоби маҳсулот;-ҳаёти ҷисмонии фаъол, аз ҷумла машқҳои махсус (масалан, фитнес);-риояи гигиенаи шахсӣ ва ҷамъиятӣ;-донишу малакаҳои кумаки аввалия.Ҳамаи ҷузъҳои тарзи ҳаёти солим бо ҳам алоқаманданд. Ҳолати физиологии инсон ба ҳолати равонӣ-эҳсосии ӯ сахт таъсир мерасонад, ки ин, дар навбати худ, ба рӯҳияи равонии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар назарияҳои биотиббии тарзи ҳаёти солим алоҳида бахшҳои зерини ҷузъҳо ҷудо карда мешаванд: 1)солимии эҳсосӣ: психологӣ-гигиенӣ, қобилияти тоб овардан ба эҳсосоти шахсии худ; 2)беҳбудии зеҳнӣ: қобилияти шахс дар шинохтан ва истифодаи маълумоти нав барои амалҳои мувофиқ дар ҳолатҳои нав. Ҳамзамон, дар бораи неруи рӯҳии шахс, гипноз ва ҳамчунин таъсироти гуногун набояд фаромӯш кард; 3)беҳбудии рӯҳӣ: қобилияти гузоштани ҳадафҳои воқеан созанда ва барои онҳо талош кардан, некбинӣ.

Баъзе муҳаққиқон ба ин рӯйхат беҳбудии иҷтимоӣ - қобилияти ҳамкорӣ бо одамони дигарро илова мекунанд. Ташаккули тарзи ҳаёти солим, ба гуфтаи баъзе муаллифон, дар

се сатҳ сурат мегирад: 1)иҷтимоӣ: тарғибот тавассути васоити ахбори омма; 2)инфрасохтор: шароити мушаххас дар соҳаҳои асосии ҳаёт (мавҷудияти вақти ройгон, воситаҳои моддӣ), муассисаҳои пешгирикунанда, назорати экологӣ; 3)шахсӣ: низоми арзишҳои шахс, меъёрикунонии ҳаёти ҳамарӯза [9,с.82].

Дар Тоҷикистон мушкилоти сатҳи иҷтимоии тарзи ҳаёти солим тавассути чунин хадамот марказҳои саломатии минтақавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, диспансерҳои тиббӣ ва ҷисмонӣ, беморхонаҳои гуногун ва утоқҳои таблиғи тарзи ҳаёти солимро ҳаллу фасл мегарданд. Маркази илмию тадқиқотӣ оид ба пешгирии профилактикӣ кумаки илмию методӣ мерасонанд. Шахсе, ки тарзи ҳаёти солимро пеш мебарад, метавонад тағйиротро дар ҳолати худ эҳсос кунад, ки ин барои талошҳои ӯ подош хоҳад буд: сабр метавонад афзоиш ёбад, қобилияти корӣ афзоиш ёбад, шамолхӯрӣ камтар рух медиҳад, рӯҳия ва беҳбудӣ беҳтар шуда метавонад.Чунин таснифро барои арзёбии параметрҳои арзёбии тарзи ҳаёти солим пешниҳод кардан мумкин аст:-фитнес ва мутобиқшавӣ ба фаъолияти ҷисмонӣ;-тавозуни ҳолати психологӣ; муносибатҳои мутаносиби оилавӣ ва корӣ; ғизои муносиб; риояи гигиенаи шахсӣ; набудани одатҳои бад; таълими мустақилонаи валеологӣ; ҳавасмандгардонӣ барои пешбурди тарзи ҳаёти солим [12,с.186].

Хуллас, ҳар як шахс қодир аст муҳити зисти худро дар дохили хона, ҷойи кор иваз кунад ва ҷойи мувофиқро барои истироҳат интихоб кунад ва ба ин васила таъсири зараровари муҳити атрофро коҳиш диҳад. Тарзи ҳаёти солим ба инсон озодии бештар ва қудратро медиҳад. Барои ноил шудан ба ин, шахс бояд, пеш аз ҳама, ба барандаи ғояи саломатӣ ҳамчун авлавияти асосии ҳаёт мубаддал гардад - ин мушкилот вазифаи муҳимтарини истифодаи технологияҳои иҷтимоӣ дар ин соҳа мебошад.

АДАБИЁТ

1. Назарова, Н.И. Таърихи педагогикаи иҷтимоӣ /Н.И. Назарова. -М.: Академия, 2007. -352с.
2. Раҳимов, Х. Педагогика /Х. Раҳимов, А. Нуров. - Душанбе: Ҳумо, 2007. -447с.
3. Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020. -Душанбе, 2010.
4. Таҳсилоти фарогир (дастури таълимӣ барои донишкадаҳои такмили ихтисос /таҳти назари А.Байзоев. - Душанбе: Ирфон, 2013. -222с.
5. Лутфуллоев, М. Педагогикаи шафқат /М. Лутфуллоев. - Душанбе,1994. -48с.
6. Мустафоқулов. Т. Асосҳои психологияи педагогӣ ва синнусолӣ /Т.Мустафоқулов, М.Назруллоева. - Кӯлоб,1993. -192с.
7. Расулов, Д. Педагогика (назарияи тарбия) / Д. Расулов, Л.Сайидаҳмадов. -Душанбе,2009. -267с.
8. Смирнов, Н.К. Задачи валеологии в контексте проблем общества и системы образования /Н.К.Смирнов //Материалы первой Всероссийской научно-практической конференции «Актуальные проблемы валеологии в образовании» (Москва, 20-22 февр. 1997 г). –М., 1997. -С.16-24.
9. Смирнова, М.А. Деятельность общеобразовательных учреждений по созданию педагогических условий социализации учащихся: дис. на соиск.уч. степ. к.п.н. /М.А.Смирнова. -Самара,1999. -179с.
10. Сухарев, А.Г. Двигательная активность и здоровье детей и подростков / А.Г. Сухарев. -М.: Медицина, 2000. - 321с.
11. Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям /В.А.Сухомлинский. -Киев: Рад. школа, 1988. -271с.
12. Сухомлинский, В.А. Педагогика /В.А.Сухомлинский. -М.,1979. -558с.
13. Теплюк, С. Занятия на прогулках с детьми младшего дошкольного возраста . Пособие для педагогов дошк. Учреждений /С.Теплюк. -М.: Гуманит. Изд. Центр ВЛАДОС, 2009.-160с.
14. Ушинский, К.Д. Педагогические сочинения, в 6-ти т. /К.Д.Ушинский. -М.,1988.

ТЕХНОЛОГИЯИ ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вобаста ба технологияи ташаккули тарзи ҳаёти солим мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, вақтҳои охир, мавриде равшан гардид, ки тибб на ҳама вақт нисбати пайдоиши патология метавонад муборизаи барад, таваҷҷуҳ ба тарзи ҳаёти солим торафт бештар мегардад. Ба ёд овардани масали қадимӣ мувофиқи мақсад аст: санъати тамдиди ҳаёт ин санъати кӯтоҳ кардани он нест. Муаллиф зикр мекунад, ки ҳангоми ташаккули тарзи ҳаёти солим барои ҳар як шахс бояд характери типологии он (навъи фаъолияти баландтари асаб, навъи морфофункционалӣ, механизми бартарии танзими вегетативии асаб ва ғайра), ҳамчунин хусусиятҳои синнусолӣ ва муҳити иҷтимоие, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад, ба назар гирифта шаванд (вазъи оилавӣ, касб, анъана, шароити кор, таъминоти моддӣ, рӯзмарра ва ғайра). Ҷанбаҳои муҳимро дар заминаҳои ибтидоӣ бояд вижагиҳои ҳавасмандгардонии шахсият ва дастурамалҳои ҳаёти ӯ ташкил диҳанд, ки худи онҳо метавонанд ба ташаккули тарзи ҳаёти солим мусоидат кунанд. Дониш дар бораи тарзи ҳаёти солим чунин тарҳрезӣ шудааст, ки ҳаёти инсонро беҳтар созад.

Калидвожаҳо: технология, тарзи ҳаёти солим, технологияҳои иҷтимоӣ, мушкилот, таъсири зараровари муҳит, тарҳрезӣ, генофонд, ҳавасмандгардонии шахсият, вазифаи муҳимтарин, фаъолияти асаб, механизм.

ТЕХНОЛОГИИ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с технологией развития здорового образа жизни. По словам автора, в последнее время стало ясно, что медицина не всегда может справиться с появлением патологии, и все больше внимания уделяется здоровому образу жизни. Стоит вспомнить древнее изречение: искусство продления жизни - это не искусство ее сокращения. Автор отмечает, что формирование здорового образа жизни для каждого человека должно учитывать его типологические особенности (высший тип нервной деятельности, морфофункциональный тип, механизм преобладания вегетативной нервной регуляции и т. д.), а также возраст и социальную среду, в которой он живет необходимо учитывать (семейное положение, профессию, традиции, условия труда, материальную поддержку, повседневную жизнь и т. д.). Важными аспектами в первичном контексте должны стать мотивирующие особенности личности и ориентиры его жизни, которые сами по себе могут способствовать формированию здорового образа жизни, ее содержания и характеристик. Знания о здоровом образе жизни призваны улучшить жизнь человека, создать наилучший и наиболее полный генофонд максимально развить и восстановить связь с миром.

Ключевые слова: технология, здоровый образ жизни, социальные технологии, проблемы, вредное воздействие окружающей среды, дизайн, генофонд, стимулирование личности, важнейшая задача, нервная деятельность, механизм.

TECHNOLOGIES FOR A HEALTHY LIFESTYLE

The article discusses issues related to the technology of developing a healthy lifestyle.According to the author, it has recently become clear that medicine cannot always cope with the appearance of pathology, and more and more attention is paid to a healthy lifestyle. It is worth recalling the ancient dictatorship: the art of prolonging life is not the art of reducing it. The author notes that the formation of a healthy lifestyle for each person should take into account its typological features (the highest type of nervous activity, morphofunctional type, the mechanism of the predominance of autonomic nervous regulation, etc.), as well as the age and social environment in which he lives. that must be taken into account (marital status, profession, traditions, working conditions, material support, everyday life, etc.). Important aspects in the primary context should be motivating personality traits and guidelines for his life, which in themselves can contribute to the formation of a healthy lifestyle and the formation of its content and characteristics. Knowledge of a healthy lifestyle is designed to improve a person's life, create the best and most complete gene pool of harmful genes, and develop and restore communication with the world as much as possible.

Key words: technology, healthy lifestyle, social technologies, problems, harmful effects of the environment, design, gene pool, personal stimulation, the most important task, nervous activity, mechanism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ , унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров,16. Телефон**.: 918313434**

Сведения об авторе: ***Абдусамадзода Бахтулло Абдулмароб*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон**.: 918313434**

Information about the author: ***Abdusamadzoda Bakhtullo Abdulmarob*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone**.: 918313434**.

УДК:372.851

ҲАВАСМАНДИИ ДОНИШҶӮЁН БА ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВӢ

Азимова Ш.Р., Холназаров С., Азимов Р.Р., Назаров А.О.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Айни замон ҳавасмандгардонӣ ба таҳсил талаботи муҳимтарин ба таълими самарабахш маҳсуб меёбад. Марҳилаи ҳавасмандӣ, мутобиқи назарияи ташаккули давра ба давраи амалҳои ақлонӣ, марҳилаи аввали ташаккули дониши нав ҳисобида мешавад. Принсипҳои алоқаҳои байнифаннӣ ва масъалавӣ будан хусусияти возеҳан ифодаёфтаи ҳавасмандиро дар бар мегиранд. Принсипи ҳавасмандӣ аз рӯйи моҳияти худ ба принсипи пасманзари мусбати эҳсосотии таълим наздик аст. Ин принсип эҷоди чунин сифатҳои таълимгирандагонро, ба монанди ташаббускорӣ, дилбастагӣ, талабот ба донишҳо, майлу рағбат ба таҳсил пешбинӣ мекунад.

Аксарияти олимони соҳаи педагогика ба он ишора мекунанд, ки дар таълим усулан манфиатҳои шахсият ва гурӯҳ, дастаҷамъӣ ва хусусиятҳои инфиродии хонандагонро, ки дар принсипҳои пешниҳодшавандаи дастаҷамъӣ ва мустақилияти таълим инъикос меёбанд, омезиш додан зарур аст. Ба принсипи дастаҷамъӣ иҷрои гурӯҳии корҳои озмоишгоҳӣ доир ба химия, муҳокимаи мубоҳисавӣ ва ҳалли вазифаҳои маърифатӣ ҷавобгӯ мебошад – чунин фаъолият сифати низоми тафаккурро ташаккул медиҳад [10, с. 8].Тавре ки таҳлили ҳавасмандии фаъолияти таълимӣ нишон дод, дар донишҷӯён ваҷҳҳои

иҷтимоӣ бартарият доранд. Раванди таълимию тарбиявиро ташкил карда, барои ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ ба принсипҳои зерини ҳавасмандӣ такя кардан зарур аст: фаъолият барои донишҷӯён бояд аз ҷиҳати шахсиятӣ муҳим ва ҷолиб бошад; шароите бояд эҷод карда шаванд, ки татбиқи неруи ҳамаи иштирокчиёни машғулиятро дар рафти фаъолияти муштараки онҳо ва ҳангоми муҳокимаи натиҷаҳо мубрам месозанд; ҳар як донишҷӯ бояд имконияти кашф кардан ва рушди сифатҳои инфиродии худро (худифодакунӣ, худтасдиққунӣ) дошта бошад; фаъолияти муштарак бояд ҷолиб буда, майлу рағбат, фаъолияти маърифатиро тақвият бахшад [12, с. 35-38].

Дар шароити пешрафти бошитоби илмиву техникӣ ва илмиву технологӣ, ки ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон: тандурустӣ, иртиботот, хизматрасонии маишӣ ва ғайра дахл мекунад, мақоми хоссаро сармояи зеҳнӣ касб мекунад, ки дар ҳақиқат ба таҳкурсии «knowledge society» - ҷомеаи донишҳое табдил ёфтааст, ки дар тамоми ҷаҳони мутамаддин, ки бидуни таҳсилоти ҳаматарафа, муттасил, инноватсионӣ имконнопазир аст, ташаккул ёфта истодааст. Бо вуҷуди ин, дар тӯли даҳсолаҳо дар ҳама сатҳҳои соҳаи маориф тамоюли коҳиши таваҷҷуҳ ва сатҳи таълими донишҷӯён доир ба фанҳои табиатшиносӣ ба назар мерасад [1, с. 80-85]. Сатҳи пасти дониш дар бораи принсипҳо, қонунҳо ва назарияҳои бунёдӣ, қодир набудан ба дарки интиқодии иттилооти аз манбаъҳои беэътимод гирифташуда, қобил набудани таълимгирандагон ба истидлоли мантиқии хулосаҳои бадастомада боиси шикоятҳои одилонаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мегарданд [5, с. 95-100]. Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, «мушкилоти марбут ба паст гардидани таваҷҷуҳ ба илмҳои табиатшиносӣ аз доираи муассисаҳои таҳсилот берун баромада, даркро аз ҷониби тамоми ҷомеа, ҳам дар заминаи фарҳангӣ, ҳам сиёсӣ талаб мекунанд” [14, с. 22-29]. С. Сёберг дар мақолаи худ «Илм ва технологияи таҳсилот. Чолишҳои кунунӣ ва ҳалҳои имконпазир” [17, с. 296-307] собит месозад, ки дар аксари кишварҳои аврупоӣ шумораи ҷавононе, ки ба нақша гирифтаанд ҳаёти минбаъдаи худро ба фаъолияти илмӣ бахшанд, коҳиш ёфта истодааст ё бо он суръати тезе, ки онро интизор шудан мумкин аст, афзоиш намеёбад, ки як қатор сабабҳои дорад [17, с. 296-307], ки таҳлили муфассали онҳо аз доираи мақолаи мазкур берун аст. Бояд эътироф кард, ки бе ташвиқи ҳавасмандӣ ҳам ба худи раванди таълим, ҳам омӯзиши фанҳои мушаххаси тамоюли таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ба натиҷаҳои мусбат ҳангоми ташаккули донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои мутахассисони оянда ноил шудан имконнопазир аст. Аз сабабе, ки ҳавасмандии аксари донишҷӯён ба илмҳои табиатшиносӣ бо сабабҳои гуногун хеле паст гаштааст, аз ин рӯ масъалаи баланд бардоштани он аҳамияти фавқулода пайдо карда, дар сафҳаҳои маҷаллаҳои ба технологияҳои муосири педагогӣ бахшидашуда хеле мубрам гардида, мавриди муҳокима қарор гирифта, тавсияҳо пешниҳод мешаванд. Аммо, ҳеҷ яке онҳо сабабҳои универсалӣ эътироф нашудаанд. Аввалан, сухан ғолибан дар бораи ҳавасмандии зоҳирии донишҷӯён (асосан, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ) меравад, ки маънои «ҳавасмандкунии мақсадноки омӯзгор» - холҳои иловагӣ ва дигар намудҳои баҳоҳоро барои супоришҳои иҷрошуда дорад [11, с. 154-158]. Ҳамзамон, ба мавҷудияти ҳавасмандии ботинӣ – “ҳолат ё неруе, ки рафторро барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххас равона мекунад, беэътиноӣ зоҳир карда мешавад» [15, с. 129-144]. Ҳамин тавр, ба саволи: «Чаро ман бояд ин фан ё мавзӯъро омӯзам?» донишҷӯ чунин ҷавобро мешунавад: «Агар шумо ин корро кунед, шумо баҳо мегиред». Яъне, раванди ба даст овардани дониш бо ташвиқ ва ҳавасмандии ҳақиқӣ - бо тасаввурот иваз карда мешавад. Дар ҳамин ҳол, ба ақидаи М. Силверман, «илм танҳо барои он касоне аҳамият дорад, ки онро бо ихтиёри худ ва бомароқ аз худ мекунанд» [16, с. 82-92]. Дувум, аксар вақт баланд бардоштани ҳавасмандӣ ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ тавассути тавзеҳ додани робитаҳои байнифаннӣ байни донишҳои появӣ ва фаъолияти ояндаи касбӣ пешниҳод карда мешавад. Аз ҷумла, Н.И. Ботсиева қайд мекунад, ки донишҷӯёни соли якуми донишгоҳи тиббӣ «ба омӯзиши фанҳои физика ва математика хеле кам таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд», аммо дар курсҳои болоӣ ин тамоюл метавонад бо истифода аз таҷҳизоти

муосири тиббии муосир дар синфҳои озмоишгоҳӣ, ки донишҳои физикиро талаб мекунанд, тағйир ёбад Ҳамин тариқ, масъалаи ҳавасмандгардонӣ ба фанҳои давраи таҳсилоти ҳамагонӣ, ки мустақиман ба фаъолияти касбии оянда робита надоранд, кушода боқӣ мемонад [4, с. 49-53].

Сеюм, аксарияти тавсияҳои пешниҳодшуда ба шунавандагони донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олӣ нигаронида шудаанд, аммо на ба сатҳи тайёрӣ, на дараҷаи камолоти равонии донишҷӯён мувофиқат намекунанд. Зеро, дар аксар ҳолат онҳо на танҳо барои гирифтани дониш, балки инчунин барои кор аз рӯйи ихтисоси мушаххас, ки дар бораи онҳо баъзан тасаввурот надоранд, ҳавасманд нестанд. Дар чунин ҳолат, омӯзгорон аксар вақт танҳо бо ҳавасмандгардонии зоҳирии шунавандагони донишҷӯ барои иштирок дар раванди таълим – супоридани бомуваффақият ва пеш аз муҳлати сессия, баллҳои баландтари имтиҳонҳо ва ғайра маҳдуд мешаванд. Мутаассифона, чунин ҳавасмандгардонӣ барои донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома қабул шудаанд, муассир нест, зеро онҳо стипендия намегиранд ва онҳо мураккабии хориҷкунии чунин гурӯҳи донишҷӯёнро хуб медонанд. Илова бар ин, фанҳои давраи таҳсилоти умумӣ, ки дар курси аввал омӯхта шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ алоқаманд нестанд, ба монанди илмҳои табиатшиносӣ, адабиёт, таърих ва ғайра, аз ҷониби аксарияти донишҷӯён, хусусан барои донишҷӯёни ихтисосҳои “Баҳисобгирии муҳосибӣ”, “Бонкдорӣ” ва “Тиҷорат” зарурӣ шуморида нашуда, барояшон арзиши амалӣ надоранд. Оё дар ин ҳолат умуман омӯзиши фанҳои ғайриравиявӣ аз ҷониби донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олӣ имконпазир аст? Зери “омӯзиши бомуваффақият” дар мавриди мазкур на баҳоҳои хуб ва на сатҳи баланди донишҳое, ки дар амалия истифода бурдан мумкин аст, балки ташаккули тасаввуроти умумии появӣ дар мавриди табиатшиносӣ, дар бораи равандҳо ва қонуниятҳои табиие фаҳмида мешавад, ки дар доираи барномаи таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхта шуда, вале азхуднашуда боқӣ мемонанд.

Мавҷуд набудани салоҳиятҳои касбӣ дар стандартҳои фанни “Табиатшиносӣ” барои муассисаи таҳсилоти олӣ, аз як тараф, ҳавасмандии зоҳириро душвор мегардонад, аз ҷониби дигар – ба омӯзгор як навъ “имкониятро барои зудҳаракатӣ” дар доираи барномаи таълимӣ фароҳам меорад. Тавре маълум аст, тарҳи стандартии омӯзиши мавзӯи мушаххас аз истилоҳотшиносӣ шурӯъ гардида, сипас формулаҳо (масалан, доир ба физика ё химия) баррасӣ гардида, пас аз он ҳалли вазифаҳо ва, ниҳоят, корҳои озмоишгоҳӣ пайиҳам меоянд. Дар шароити пешрафти доимӣ ва босуръати илмиву техникӣ, вақте ки ҳаҷми донишҳои илмӣ оид ба фанҳои равияи илмҳои табиатшиносӣ ва инсоншиносӣ амалан ҳар 10-15 сол ду маротиба меафзояд, талабот ба сифати мутахассисон – хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти муосири олӣ ва миёнаи касбӣ на танҳо баланд мешаванд, балки инчунин ба таври куллӣ аз талаботи анъанавӣ ба маҷмӯи муайяни донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳое, ки бояд донишҷӯ ҳангоми анҷом додани барномаи таълимӣ доро буда, аз худ кунад, тафовут доранд. Афзалиятро на ҳаҷми умумии донишҳои назариявӣ, балки, дар навбати аввал, маҳорати кор кардан бо иттилооте, ки аз манбаъҳои гуногун ба даст меоянд, таҳлил кардани иттилооти мазкур, баровардани хулосаҳои дахлдор ва арзёбии эътимоднокии маълумот, инчунин қобилият ва омодагӣ ба бозомӯзӣ, кушодагӣ ба инноватсияҳо, хоҳиш ва маҳорати кор кардан дар гурӯҳ – малакаҳои иртибототӣ – хуллас, ҳамаи он чизе, ки ба таври ҷамъбастӣ бо мафҳуми “салоҳият” тавсиф мешавад, касб мекунад. Муносибати салоҳиятнок дар таълим, сарфи назар аз таҷрибаи муайяни татбиқи он дар раванди таҳсилот дар тӯли солҳои охир, то ҳанӯз аз ҷониби қисми назарраси намояндагони муҳофизакори ҳайати профессорию омӯзгорӣ мавриди эродгириҳои ҷиддӣ қарор гирифт. Муносибати мазкур, ба монанди тағйироте, ки дар ташкили раванди таълимӣ, дар маҷмӯъ, сурат мегиранд, бо сабаби интиқоли таъкидот аз омодасозии амиқи бунёдии хонандагон ба ташаккули малакаҳои фаъолияти амалӣ мавриди танқид қарор дорад. Дар ҳақиқат, аксарияти намояндагони донишҷӯёни муосир ҳар гуна фанни омӯхташавандаро аз нуқтаи назари фоиданокии

амалӣ ва истифода дар фаъолияти ояндаи касбӣ, ва на ҷолибияти маърифатӣ арзёбӣ мекунанд [7].

Шаклҳои анъанавии ташкили машғулиятҳо, ки дар идроки ғайрифаъоли маводи баёншаванда аз ҷониби хонандагон асос ёфта, иштироки онҳоро дар раванди таҳсилотӣ ба ҳадди ақал расонида, чун пештара дар аксарияти муассисаҳои ватанӣ ва хориҷии таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бартарият доранд, дар адабиёти муосири педагогӣ одилона мавриди танқид қарор мегиранд. Аз ҷумла, қайд карда мешавад, ки дар шароити бозаргонӣ зарурати ҷиддӣ ба ҷорикунии методикаҳои инноватсионии таълим ба раванди таҳсилот бо мақсади таъмини сифати охирӣ мувофиқи дархостҳои воқеии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои таҳсилотӣ – корфармоён, ҷомеа дар маҷмӯъ ва худи донишҷӯён ба вуҷуд меояд [18]. Ба ақидаи Н. Сирики, “ҳаёт дар асри бисту якум аз ҳар як шахсият талаб мекунад, ки ба раванди таҳсилоти муттасил ворид шавад, ки маънои қобилият ва омодагии ҳар як нафарро ба таълими доимӣ, гирифтани донишҳои нав, рушди малакаҳо ва азхудкунии салоҳиятҳои нав дорад” [18]. Истилоҳи аллакай маъмулии «knowledge society» (ҷомеаи донишҳо), ҳамин тариқ, тадриҷан бо ибораи «society that is learning» (ҷомеаи таълимгиранда) иваз мешавад, ки маънои на танҳо бозбинии навбатии мазмуни барномаҳои таълимӣ, балки инчунин дигаргуншавии худи парадигмаи таҳсилотиро дорад: “ҷомеаи таълимгиранда” маънои иштироки фаъол, бошууронаи ҳам педагогҳо, ҳам донишҷӯёнро дар раванди мазкур дорад. Тавре ки А.Ҳ. Зейдан собит месозад, реконесептуализатсияи таҳсилот бо ҷойивазкунии таъкидот аз баёни далеҳо тавассути лексияҳо ва презентатсияҳо ба ҷониби иштироки фаъол ва интерактивии донишҷӯён дар гирифтани донишҳо аз тариқи кашфиёт, эҷодкорӣ, инноватсия ва мусобиқаи илмӣ сурат мегирад [19].

Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ василаи самарабахши баланд бардоштани ҳавасмандгардонии таълим дар дарсҳои табиатшиносӣ маҳсуб меёбад. Истифодаи онҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ имконияти корбасти васеътари василаҳои аудиовизуалиро медиҳад, ки мазмуни маводи мавриди омӯзишро аёнитар, фаҳмотар, ҷолибтар месозад; тестгузаронии босуръат ва самарабахши донишҷӯён иҷро шуда, кори мустақилонаи донишҷӯён ташкил карда шуда, ба онҳо кор кардан бо маводи маълумотӣ омӯзонида мешавад. Технологияҳои компютерӣ ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки фаъолияти таълимӣ бо пурсиши донишҷӯён, навиштан, хондан, гӯш кардан, нақл кардан, аз назар гузаронидани дастурҳои аёнӣ, ҷавобҳо ба саволҳо, ҳалли мисолҳо, вазифаҳо, машғулиятҳои амалӣ ва ғайра гуногунранг карда шавад. Айни замон дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ доираи васеи намудҳо ва шаклҳои гуногуни таълими интерактивӣ – аз лексияҳои масъалавӣ то “ҳуҷуми зеҳнӣ ва бозиҳои нақшофарӣ тавсиф меёбад, ки маънои истифодаи ҳатмии механизмҳои робитаи баръакс байни омӯзгор ва донишҷӯён, дигаргуншавии тадриҷии нақши педагогро аз “дорандаи ҳақиқати мутлақ” ба корманд, ташкилотчӣ, мушовир ва довар дар вазъиятҳои мураккаб дорад [2, с.6]. Хусусиятҳои таълими интерактивӣ, новобаста аз намуди он, аз фаъолнокшавии фаъолияти маърифатӣ, ҷустуҷӯи мустақилонаи ҳалли масъалаи мушаххас ҳангоми воридкунии шумораи ҳадди аксари иштирокчиён, манфиатнокии онҳо ба гирифтани донишҳои воқеӣ ба раванди мазкур иборат мебошад [8, с. 71-75]. Ҳамин тариқ, ҳавасмандии зоҳирии анъанавии хонандагон ба иштирок дар раванди таҳсилотӣ, ки дар низоми холгузорию трейтингӣ асос ёфтааст, бо ҳавасмандии ботиние пурра мешавад, ки бо манфиатнокии шахсии донишҷӯён ба гирифтан маҳз донишҳо, ва на танҳо баҳоҳо, тақвият ёфтааст. Бо вуҷуди ин, тавре як қатор муаллифон қайд мекунанд, сарфи назар аз афзалиятҳои возеҳи шаклҳои интерактивии машғулиятҳо дар назди шаклҳои анъанавӣ, охириҳо бартарияти худро дар раванди таълимии аксарияти коллеҷҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ аз даст намедиҳанд. “Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки лексияи анъанавӣ, ки дар он омӯзгор маводро баён карда, шунавандагон бошанд онро ғайрифаъолона дарк мекунанд, ҳанӯз ҳам бартарӣ дорад” [9, с. 60]. Чунин номвофиқатӣ на танҳо бо муҳофизакории маъруфи тафаккур ва сарбории калони аудитории аксарияти омӯзгорон,

балки инчунин бо мураккабии омодасозии шаклҳои иноватсионии машғулиятҳо дар муқоиса бо шаклҳои анъанавӣ шарҳу тавзеҳ меёбад. Ғайр аз ин, мушкилоти нигоҳдории интизом ва идоракунии тамоми гурӯҳи хонандагон, тафриқаи назарраси онҳо вобаста ба сатҳи донишҳо, инчунин мураккабии арзёбии объективии ҳар як иштирокчӣ дар шароити фаъолияти гурӯҳӣ қайд карда мешаванд [3, с. 59-63; 13, с. 204-206]. Ҳамаи ин эродҳоро, бешак, ҳангоми банақшагирии машғулияти интерактивӣ ба назар гирифтан зарур аст. Аммо, бояд эътироф кард, ки ҳам бозии корӣ, ҳам методи лоиҳаҳо, ҳам "ҳуҷуми зеҳнӣ" аз ҷиҳати назариявӣ қодиранд то дараҷаи хеле бештар донишҷӯёнро барои иштирок дар раванди таълимӣ, назар ба лексияҳои анъанавӣ ва машғулиятҳои семинарӣ, ҳавасманд созанд, хусусан агар ба инобат гирифта шавад, ки дар шароити ҷомеаи муосир омӯзгор на танҳо манбаи ягона, балки баъзан ҳам на манбаиасосии иттилоот ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, ҳавасмандӣ меҳвари шахсият мебошад, ки ба он чунин хосиятҳо, ба монанди самтнокӣ, тамоюлоти арзишӣ, интизороти иҷтимоӣ, эҳсосот ва хусусиятҳои дигари иҷтимоию педагогӣ "кашида мешаванд". Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки фаъолияти таълимии хонандагон ҳам тавассути ваҷҳҳои ботинии марбут бо мазмуни ин фаъолият ва иҷрои он, ҳам ваҷҳҳои марбут бо талабот ба ишғоли мавқеи муайян дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолнок мешавад.

АДАБИЁТ

1. Баранова И.М. Проблема неоднородности знаний и мотиваций студентов в образовательном пространстве высшей школы / И.М.Баранова, Т. А.Мащенко // Дискуссия. -2017. -№ 6. -С. 80-85.
2. Березина С.Л. Формирование профессиональных компетенций студентов технического вуза в процессе обучения химии / С.Л.Березина, В.Н.Горячева, Е.А.Елисеева, Л.Е. Слынько // Современные наукоемкие технологии. -2018. -№ 2. -С. 122-126.
3. Борытко Н.М. Тенденции в использовании инновационных технологий в системе высшего образования России / Н.М. Борытко, Е.В.Зудина // Грани познания. -2016. -№ 2 (45). -С. 59-63.
4. Боциева Н.И. Педагогические технологии формирования профессиональных компетенций при изучении естественнонаучных дисциплин / Н.И. Боциева // Обучение и воспитание: методики и практика. -2013. -№ 10. -С. 49-53.
5. Вощукова Е.А. Опыт использования междисциплинарной интеграции для повышения мотивации к изучению физики / Е.А. Вощукова // Дискуссия. -2017. -№ 6. -С. 95-100.
6. Гайнулина Е.В., Старченко С.А. Становление естественнонаучного мышления обучающихся педагогического колледжа // Современные проблемы науки и образования. 2013. № 5. [Электронный ресурс]. URL: http://science-education.ru/ru/article/view?id=10573 (дата обращения: 12.09.2018).
7. Гордеева И.В. Интерактивные технологии как инструмент повышения мотивации учащихся к изучению естествознания // Современные проблемы науки и образования. – 2018. – № 6; URL: http://science-education.ru/e/view?id=28377 (дата обращения: 28.04.2020).
8. Гризодуб Н.В. Специфика методики преподавания биологии в учебно-воспитательном процессе колледжа технического профиля / Н.В. Гризодуб, Д.А. Чернышев // Проблемы современной науки и образования. -2017. -№ 5 (87). -С. 71-75.
9. Желеева А.В. Диагностика мотивации школьников к изучению физики / А.В. Желеева //Наука и школа. -2015. -№ 4. -С. 155-161.
10. Кузурман, В. А. Методика преподавания химии: учеб. -метод. пособие / В. А. Кузурман, И. В. Задорожный; Владим. гос. ун-т им. А. Г. И Н. Г. Столетовых. – Владимир: Изд-во ВлГУ, 2017. – 89 с.
11. Мамаева Н.А. Новые образовательные технологии и качество подготовки специалистов / Н.А.Мамаева // Вестник Астраханского государственного технического университета. -2011. -№ 2. -С. 154-158.
12. Мирзоев С. С. Активизация познавательного интереса учащихся / С. С. Мирзоев // Биология в школе. – М., 2007. - № 6. -С. 35-38.
13. Рамонова Л.П. Использование современных методик обучения и форм организации учебного процесса в вузе / Л.П.Рамонова, Г.Г. Запрудина, П.П.Бондаренко // Международный журнал экспериментального образования. -2013. -№ 4. -С. 204-206.
14. Bartrom L., Rose W. Student attitude toward science as a function of use and non-use of cell phone apps in high school chemistry classes // International Journal of Secondary Education. 2017. No. 5 (2). P. 22-29.
15. Mubeen S., Reid N. The measurement of motivation with science students // European Journal of Educational Research. 2014. Vol. 3, no. 3. P. 129-144.
16. Silverman M. Motivating students to learn science: a physicist's perspective // Creative Education. 2015. No. 6. P. 82-92.
17. Sjoberg S. Science and technology education. Current challenges and possible solutions // Innovations in Science and Technology Education. 2002. Vol. VIII. P. 296-307.
18. Citric N. Interactive teaching as innovation in quality of didactical methodical organization of academic teaching. Metodicki obzori. 2016. № 11. P. 76-91.
19. Zeidan A.H., Jayosi M.R. Science process skills and attitude toward science among Palestinian secondary school students. World Journal of Education. 2015. Vol.5. No.1. P. 13-24.

ҲАВАСМАНДИИ ДОНИШҶӮЁН БА ОМӮЗИШИ ИЛМҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ТАВАССУТИ ТАЪЛИМИ ИНТЕРАКТИВӢ

Дар мақола мавзӯи ҳавсмандгардонии донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ тавассути таълими интерактивӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳавасмандӣ меҳвари шахсият мебошад, ки ба он чунин хосиятҳо, ба монанди самтнокӣ, тамоюлоти арзишӣ, интизороти иҷтимоӣ, эҳсосот ва хусусиятҳои дигари иҷтимоию педагогӣ “кашида мешаванд”. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки фаъолияти таълимии хонандагон ҳам тавассути ваҷҳҳои ботинии марбут бо мазмуни ин фаъолият ва иҷрои он, ҳам ваҷҳҳои марбут бо талабот ба ишғоли мавқеи муайян дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ фаъолнок мешавад.Дар асоси адабиёти сершумор муаллиф кӯшиш кардааст, ки принсипҳои асосии ҳавасмандиро кушода дода, нуқтаҳои назари муҳаққиқонро оид ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ дар раванди таълим мавриди таҳлил қарор диҳад. Муаллиф муҳиммияти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотию иртиботиро ҳамчун василаи самарабахши баланд бардоштани ҳавасмандии таълим дар дарсҳои табиатшиносӣ таъкид намуда, афзалиятҳои возеҳи шаклҳои интерактивии машғулиятҳо дар назди шаклҳои анъанавӣ ва хусусиятҳои таълими интерактивиро кушода додааст.

Калидвожаҳо: ҳавсмандсозӣ, донишҷӯ, илмҳои табиатшиносӣ, ҳавасмандии ботинӣ, ҳавасмандии зоҳирӣ, салоҳиятҳои касбӣ, технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, таълими интерактивӣ.

МОТИВАЦИЯ СТУДЕНТОВ К ИЗУЧЕНИЮ ЕСТЕСТВОЗНАНИЯ ПОСРЕДСТВОМ ИНТЕРАКТИВНОГО ОБУЧЕНИЯ

В статье рассматривается мотивация студентов к изучению естествознания посредством интерактивного обучения. Мотивация является стержнем личности, которая выявляется такими качествами как направленность, ценностными тенденциями, социальными ожиданиями, эмоциями и другими социальными и педагогическими свойствами. Результаты нашего исследования показывают, что учебная деятельность учащихся активизируется посредством внутренних побуждений связанных с содержанием данной деятельности и ее исполнением, также побуждений связанных с требованиями и заниманием определенной позиции в системе общественных отношений. На основе многочисленных источников автор попытался раскрыть основные принципы мотивации и проанализировать точки зрения исследователей на повышение мотивации в процессе обучения. Автор подчеркивает использование современных информационно – коммуникативных технологий как эффективное средство повышения мотивации обучения на уроках естествознания, раскрывает очевидные преимущества интерактивных форм занятий перед традиционными нормами и особенности интерактивного обучения.

Ключевые слова: мотивация, студент, естествознание, внутренняя мотивация, внешняя мотивация, профессиональные компетенции, информационно-коммуникационные технологии, интерактивное обучение.

MOTIVATION OF STUDENTS TO STUDY NATURAL KNOWLEDGE THROUGH INTERACTIVE LEARNING

The article examines the motivation of students to study natural science through interactive learning. Motivation is the core of the personality, which is revealed by such qualities as orientation, value trends, social expectations, emotions and other social and pedagogical properties. The results of our research show that the learning activity of students is activated through internal motives associated with the content of this activity and its execution, as well as motives associated with the requirements and occupation of a certain position in the system of social relations. Based on numerous sources, the author tried to reveal the basic principles of motivation and analyze the points of view of researchers on increasing motivation in the learning process. The author emphasizes the use of modern information and communication technologies as an effective means of increasing the motivation of learning in natural science lessons, reveals the obvious advantages of interactive forms of classes over traditional norms and features of interactive learning.

Keywords: motivation, student, natural sciences, informational and communicative technologies, interactive teaching.

Маълумот дар бораи муаллифон: : ***Азимова Шабнам Рахматуллоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ассистенти кафедраи химияи умумӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67

Холназаров Санг – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими улуми табиӣ. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67

Азимов Раҳматулло Раҳимович **–** Институти энергетикаи Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи математика ва иқтисод. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кушониён, кӯчаи Носири Хусрав, 73. Телефон: **988-54-50-67**

Назаров Акрамҷон Ободуллоевич **-** Институти энергетикаи Тоҷикистон, ассистенти кафедраи математиква ва иқтисод. **Суроға:** 735162, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Кушониён, кӯчаи Носири Хусрав, 73.

Сведения об авторах: ***Азимова Шабнам Рахматуллоевна*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, ассистент кафедры общей химии. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни 67

Холназаров Санг **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания естественно-научных дисциплин. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни 67

Азимов Рахматулло Рахимович **–** Институт энергетики Таджикистана, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры математики и экономики. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистан, район Кушониён, улица Носира Хусрава, 73. Телефон: **988-54-50-67**

Назаров Акрамджон Ободуллоевич **-** Институт энергетики Таджикистана, ассистент кафедры математики и экономики. **Адрес:** 735162, Республика Таджикистн, район Кушониён, улица Носира Хусрава, 73.

Information about the authors: ***Azimova Shabnam Rakhmatulloevna*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Assistant of the Department of General Chemistry. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67
Kholnazarov Sang **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Methods of Teaching Natural Sciences. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street 67
Azimov Rakhmatullo Rakhimovich **-** Institute of Energy of Tajikistan, Candidate of Pedagogy, Senior Lecturer of the Department of Mathematics and Economics. **Address:** 735162, Republic of Tajikistan, Kushoniyon district, Nosir Khusrav street, 73. Pone: **988-54-50-67**
Nazarov Akramjon Obodulloevich **-** Institute of Energy of Tajikistan, assistant of the Department of Mathematics and Economics. **Address:** 735162, Republic of Tajikistan, Kushoniyon district, Nosira Khusrav street, 73.

УДК:372.8502

ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ МАКТАББАЧАГОН БА МУҲИТИ ЗИСТ БО ВОСИТАИ САЁҲАТИ ТАЪЛИМӢ

Калонова М.Я.
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Омодасозии мактаббачагон ба зиндагӣ ва кор бо иштироки бевоситаи онҳо дар зиндагӣ ва кор сурат мегирад. Яке аз ин фаъолиятҳо иштирок дар чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист мебошад. Яке аз вазифаҳои асосии саёҳатҳои таълимӣ инчунин ҷалби хонандагон ба корҳои экологӣ бояд бошад, ки ин яке аз роҳҳои самараноки ташаккули муносибати фаъоли мактаббачагон ба табиат мебошад.

Саёҳати таълимӣ бояд ба иштироки мактаббачагон дар ин чорабиниҳо такон бахшад. Дар таҷрибаи таърихӣ ва байналмилалии ташкили чорабиниҳои таълимӣ аллакай таҷрибаи ҷалби мактаббачагон ба чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист мавҷуд аст. «Ҳаракати табиатшиносони ҷавон - табиатшиносони ҷавон, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ тарбияи насли наврас беназир аст. Он аз соли 1918 дар мамлакати мо паҳн шудааст.

Муаллимон-ҳаваскорони стансияи марказии ба номи В. К.А.Тимирязев (Москва). Ҳоло чунин иттиҳодияҳои мактаббачагон дар бисёр кишварҳои Аврупо ба таври васеъ таъсис дода шудаанд. Имрӯзҳо ҷавонон дар чанд самт кор мекунанд: занбӯрпарварон, боғбонҳо, сабзаворкорон, ҷангалпарварон, ихтиологҳо, орнитологҳо, аквариантҳо, агрохимикҳо" [8, с.311].

Ҳифзи муҳити зист дар ҷаҳони муосир яке аз вазифаҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Нигоҳ доштани тозагӣ ва тартибот дар чунин унсурҳо дар муҳити табиӣ, ба монанди хок, ҳаво, об, инчунин ҳифз ва афзун намудани сарватҳои табиӣ, алалхусус наботот ва ҳайвонот, дар пешрафти моддӣ ва маънавии ҷомеа нақши муҳим доранд. Иштироки мактаббачагон дар ҷамъоварии ҳосил, кабудизоркунии муҳити зист, иштироки бевоситаи онҳо дар боғдорӣ, сабзаворкорӣ ва дигар чорабиниҳои ба ин монанд барои ташаккули шуур ва рафтори экологии онҳо бевосита кумаки мерасонад. Зеро муҳаббат ба табиат на танҳо бо дониш, балки, пеш аз ҳама, бо амалҳои мустақими амалӣ, ки чораҳои ҳифзи табиат мебошанд, ҷалб карда мешаванд. Дар оила, дар мактаб, дар ҷойи истиқомат мактаббачагон бояд ба чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ҷалб карда шаванд.

Иштироки бошуурона ва фаъоли мактаббачагон дар чорабиниҳои экологӣ на танҳо ба ташаккули сатҳи баланди шуури эстетикӣ ва экологии рафтори мактаббачагон мусоидат мекунад, балки дар ниҳоят, ба ҳифзи муҳити табиӣ низ мусоидат мекунад. Муносибати мусбии мактаббачагон ба табиат дар ҷараёни корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ташаккул меёбад. Бо дарназардошти ин, муаллимони фаннӣ бояд дар якҷоягӣ бо роҳбарони синф кор кунанд. Ин ба банақшагирӣ, ташкил, гузаронидан ва таҳлили саёҳатҳои таълимӣ низ дахл дорад. Ғайр аз ин, ҳар як фанни таълимӣ ҳамчун унсури системаи фаъолияти саёҳати таълимӣ амал мекунад. Мувофиқи ин, ҳар як давра ё ҳар як фанни таълимӣ ба таври алоҳида ба оптимизатсияи гузаронидан ва ҷамъбасти саёҳати таълимӣ мусоидат мекунанд.

Шубҳае нест, ки на танҳо муаллимони фанни забон, балки омӯзгорони фанни расмкашӣ низ метавонанд дар ташаккули муҳаббат ба табиат дар мактаббачагон саҳми

сазовори худро гузоранд. Аз ин ҷиҳат, ягонагӣ ва робитаи саёҳати визуалӣ ва амалии таълимӣ мавҷуд аст, ки суханони зерини В.А.Сухомлинский далели он мебошад: «АВС дониши нақшкошӣ мушоҳидаи мустақими табиат аст. Барои фаҳмидан, таҷриба кардан ва дӯст доштани расмкашӣ ба инсон лозим аст, ки дар ҷаҳони табиӣ мактаби дарозмуддати эҳсосотро тай кунад» [9, с.182].

Баррасӣ ва таҳлили асарҳои санъати тасвирӣ дар ташаккули ҳисси зебоипарастии мактаббачагон муҳим арзёбӣ мегардад. Санҷиш ва таҳлили расмҳо, имкон медиҳад, ки дониши онҳо амиқтар ва ҷаҳонбиниашон васеътар гардад.

АДАБИЁТ

1. Абросимова Е.Г.Пути осуществления экологического подхода в обучении и воспитании / Сборник научных работ аспирантов. - Часть 4. -Ростов-на-Дону, 1997. -С. 3-10.
2. Алексенко В.Н. Культуросообразное экологическое образование школьников: Методическое пособие .- Ростов-на-Дону, 1999.- с.3-5.
3. Бирюкова Н.А. Становление и развитие системы непрерывного экологического образования в России (на примере профессионального медицинского образования): Автореф. дис. д-ра пед. наук. -М., 2006. -40 с.
4. Гершунский Б.С. Фалсафаи таълим / Б.С. Гершунский. -М.: Институти равоншиносӣ ва иҷтимоии Маскав, Флинт, 1998. - 432с.
5. Емельянов И.В., Околелова А.А. Экологическая азбука : Учебное пособие по экологии для школьников.- Волгоград : «Вайланд», 1994. 96 с.
6. Емельянова М.В. Взаимосвязь общего и особенного в экологическом воспитании младших школьников (на примере общеобразовательных учреждений Чувашской Республики): Автореф. дис. . . д-ра пед. наук. М., 2006. - 44 с.
7. Ердаков Л.Н., Чубыкина Н.Л. Экология: Учебное пособие для 1011 классов . -Новосибирск: «Книжица», 1996. 232 с.
8. Луғати мухтасар. Таълими оила. Мураттибон И.В. Гребенников, Л.В. Ковинко. – М.: Политиздат, 1990. – 313с.
9. Сухомлинский В.А. Дар бораи таҳсил / В.А. Сухомлинский /мураттибон ва муаллифони эскизи муқаддимавӣ С. Соховейчик - М.: Политиздат, 1985. – 270с.
10. Шамова Т.И. Барқарорсозии таълими мактаббачагон / Т.И. Шамова. - М.: Дониш, 1979. – 96с.

ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТИ МАКТАББАЧАГОН БА МУҲИТИ ЗИСТ БО ВОСИТАИ САЁҲАТИ ТАЪЛИМӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба ташаккули муносибати мактаббачагон ба табиат маълумот додааст. Омодасозии мактаббачагон ба ҳаёт ва меҳнат яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки бо муҳити зист алоқаманд мебошад. Барои ин нақши экология муҳим аст, зеро дар вақти шиносоӣ бо олами наботот ва муҳити гирду атроф ҳисси муҳаббат ва масъулияташиносӣ дар онҳо ташаккул меёбад. Бо мақсади ташаккули муносибати мактаббачагон ба муҳити зист омӯзгорон дар вақти таълим саёҳат ба табиатро ташкил медиҳанд. Инчунин, дар вақти ташкили саёҳати таълимӣ мактаббачагон худро озод ҳис мекунанд, ки ин барои қабули маълумоти нав ёрӣ мерасонад.

Калидвожаҳо: саёҳати таълимӣ, ҳаёт, табиат, мактаббачагон, ҳифзи муҳити зист, чорабиниҳо, банақшагирӣ, ташкил, гузаронидан ва таҳлили саёҳатҳои таълимӣ.

РАЗВИТИЕ ОТНОШЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ К ПРИРОДНОЙ СРЕДЕ С ПОМОЩЬЮ УЧЕБНОЙ ЭКСКУРСИИ

В этой статье автор рассматривает возраст школьников, нуждающихся в природе и ее созданиях, а без природы жизнь не может быть устойчивой ни в какое время. Подготовка школьников к жизни и труду - один из ключевых вопросов, связанных с окружающей средой. В этом важную роль играет экология, потому что, знакомясь с флорой и окружающей средой, у них развивается чувство любви и ответственности. Чтобы сформировать у школьников бережное отношение к окружающей среде, учителя во время уроков организуют выезды на природу. Также при организации образовательных поездок школьники чувствуют себя свободными и счастливыми, что помогает легко получать новую информацию. Несомненно, в произведениях поэтов и писателей природа очень хорошо описана и останется в памяти школьников на долгие годы.

Ключевые слова: учебная экскурсия, жизнь, природа, школьники, охрана окружающей среды, мероприятие, планирование, организация, проведение и анализ учебных экскурсий.

THE DEVELOPMENT OF THE ATTITUDE OF SCHOOLCHILDREN TO THE NATURAL ENVIRONMENT WITH A HELP AN EXCURSION

In this article, the author considers the age of schoolchildren who need for nature and its creatures, and without nature, life cannot be stable at any time. Preparing schoolchildren for life and work is one of the key environmental issues. The role of ecology is important in this, because, getting acquainted with the flora and the environment, they develop a sense of love and responsibility. To form students' attitude to the environment, teachers organize excursions during the education. Also, when organizing educational excursions, schoolchildren feel free and happy themselves, which helps to receive new information. Undoubtedly, in the works of poets and writers, nature is very well described for schoolchildren and will remain in their memory for many years.

Key words: excursion, life, nature, schoolchildren, environmental protection, event, planning, organizing, conducting and analyzing excursions.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Калонова Матлуба Ёқубовна*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи забонҳои хориҷии. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Худжанд, И.Сомонӣ, 169Телефон: **92-740-0061; 92-770-07-74**
Email: **matlubakhon1982@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Калонова Матлуба Якубовна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони, 169 Телефон: **92-740-0061; 92-770-07-74** Email: **matlubakhon1982@gmail.com**

Information about the author*: Kalonova Matluba Yakubovna*- candidate of pedagogical sciences, the senior teacher of the Department of Foreign Languages, the Institute of Economy and Trade of Tajik State University of Commerce. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, I. Somoni 169 Телефон: **92-740-0061; 92-770-07-74**
Email: **matlubakhon1982@gmail.com**

УДК:314.5:37.018.1

ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БА РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ КӮДАКОН

Саидзода Б.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тадқиқоти зиёд доир ба масъалаи талоқ ва таъсири он ба рӯҳияи аъзои оила дар илми педагогика ва психология гузаронида шудаанд. Ҷудошавии ҳамсарон аз ҳамдигар ба раванди ташаккулёбии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Зеро кӯдакон баъд аз ҷудошавии падару модар ба афсурдагию изтиробнокӣ ва тарс аз давом додани ҳаёт онҳоро ба яъсу ноумедӣ ва ҳатто ба худкушӣ бурда мерасонад. Е.Г. Силяева қайд менамояд, ки "омӯзиши ин масъала аз диди илми психология имконият медиҳад, ки тарафҳои мусбӣ ва манфии онро равшан намоем ва дар оянда барои пойдории муносибати солими ҳамсарон саҳмгузор бошем" [5]. Назарияҳои психологие, ки ба масъалаҳои муносибати оилавӣ ва пойдории он бахшида шудаанд, масъалаи мазкурро бо муносибати шахсӣ вобаста медонанд. Чунки ҷудошавии оилаҳо бештар маврид аз ҳисоби муносибатҳои носолим сурат мегирад. Доир ба муносибатҳои оилавӣ ва сохти оиладорӣ мутафаккирон ва пажӯҳишгарон як қатор масъалаҳоро, аз қабили маромҳои ақди никоҳ, сабабу омилҳои низоъ дар оила, ҷудошавии ҳамсарон, ба роҳ мондани муносибатҳои байнишахсии ҳамсарон ва муносибату муоширати волидайн бо фарзандонро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Мавриди тазаккур аст, ки психолог А. Г. Харчев қайд мекунад, ки "оила нисбат ба никоҳ дида, сохтори нисбатан мураккабтарро доро мебошад, мафҳуми оила на танҳо ҳамсаронро, балки кӯдакони онҳоро низ дар бар мегирад, инчунин наздикони ҳамсаронро" аз ин лиҳоз мафҳуми оила фарох мебошад [6].

Аз рӯйи андешаи А. Г. Харчев оила вазифаҳои муайяне дорад, ки иҷроиши онҳо барои пойдории никоҳи ҳамсарон нақши калидӣ дорад. Психолог Е.Г. Силяева бошад, чунин қайд намудааст: "Никоҳ муносибати муайяни марду занро ба роҳ мемонад, ки оқибаташ ба тавлиди фарзанд ва барои ба воя расонидани аъзоёни оила масъулияту уҳдадориҳои мушаххасеро ба ҳамсарон вогузор мекунад. Никоҳ асоси муносибатҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқии ҳамсаронро ташкил медиҳад ва муносибатҳои оилавиро ба низом медарорад" [5]. Аз рӯйи андешаи дар боло зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ақди никоҳ дар асоси талаботу қоидаҳои муайяни психологию ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ бояд баста шавад, то ин ки никоҳи онҳо побарҷо монад. Аз ин лиҳоз, никоҳшаванда бояд пеш аз бастани ақди никоҳ бо мутахассисон, аз қабили табиб, психолог, ҳуқуқшинос ва инчунин аз шахсони рӯзгордида, машварат намояд. Аммо, мутаассифона, дар маросимҳои ақди никоҳ аз тарафи кормандони хонаи ақди никоҳ талаб карда намешавад, ки оё навхонадорон меъёру талаботҳои вазифавии зану шавҳариро дар раванди зиндагӣ медонанд? Оё аз табиб, психолог, ҳуқуқшинос машварат гирифтаанд? Аз ин рӯ, раванди ҷорӣ, моро қаноатманд карда наметавонад, зеро ба навхонадорон вазифаю уҳдадориҳо ба таври муфассал ва мушаххас фаҳмонида намешаванд. Бинобар ин, масъалаҳои мазкур яке аз мавзӯъҳои доғи рӯз маҳсуб меёбанд. Чунки биёре аз ҷавонон аз рӯйи ҳавою ҳавас издивоҷ мекунанд, ки ба оқибатҳои нохуш меорад. Ба андешаи психологи рус Олейник Ю.Н., "барои бунёд намудани оила издивоҷкунандаҳо бояд, пеш аз ба ҳаёти мустақилона қадам монданашон аз ташхиси психологӣ гузаранд ва муайян намоянд, ки дараҷаи мувофиқати психологии онҳо дар кадом сатҳ аст" [4]. Бузургони илму адаби машҳури форсу тоҷик дар ҷодаи фарҳанги хонаводагӣ суханони наҷиб гуфта, ҷомеаи аҳли башарро ба таҳаммулгароӣ, ростқавлӣ ва поквиҷдонӣ даъват менамуданду менамоянд. Яке аз онҳо фидоӣ дар илми ахлоқ, гуманисти аҳли башар пешвои мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам ба шумор меравад, ки шахсияти эшонро дар ин ҷода ҷаҳониён эътироф мекунанд. Асоси

мазҳаби эшонро таҳаммулпазирӣ ташкил медиҳад. Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзамро тамоми халқу миллатҳо, новобаста аз оне, ки пайрави кадом дину кадом мазҳабанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, дар ҳаёти рӯзмарраашон ба он рӯ меоваранд. «Дар асри XI зери таъсири фиқҳи исломӣ ва тарҷумаи осори ахлоқии даврои бостон мавзӯъҳои ахлоқ тақсимбандӣ шуданд. Аз ҷумла, дар «Ахлоқи Носирӣ»-и Насриддини Тӯсӣ илми ахлоқ ба се тақсим мешавад, ки масъалаи дувумашро одоби оиладорӣ, покии муносибатҳои оилавӣ дар бар мегирад» [8].

Оила ячейкаи мураккаби иҷтимоӣ буда, дар раванди дигаргуншавии ҷомеа ташаккул ёфта истодааст. Бастани ақди никоҳ ба издивоҷкунандаҳо имконият медиҳад, ки баробарии гендерии муносибатҳои оилавии марду зан ба низом дароварда шавад. Аз ин рӯ, ба шакли ҳуқуқӣ ба расмият дароварда мешавад. Яъне, ба воситаи никоҳ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои марду зан ва кӯдакони онҳо муқаррар карда мешаванд. Дар робита ба ин масъала зарур аст, ки ҳар як издивочкунанда аз вазифа, уҳдадорӣ ва ҳуқуқҳои пас аз издивоҷро донад, то ин ки дар раванди зиндагӣ дучори душворию монеаҳои гуногуни субъективию объективӣ нагардад. Мавриди зикр аст, ки дар баробари баланд бардоштани сатҳи маърифати психологӣ ва ҳуқуқии издивоҷкунандаҳо, ба онҳо инчунин оид ба маърифати оиладорӣ маълумот додан ба мақсад мувофиқ аст.

Психолог Е.Б. Шнайдер қайд менамояд, ки “муносибатҳои оилавӣ – падидаи мураккаб, воқеияти мураккаби психикӣ буда, на танҳо асосҳои ҳозиразамонро, балки дар заминаи дараҷаҳои мифологии шуур, дар асоси хусусиятҳои фардӣ, коллективӣ, онтогенетикӣ, сотсиогенетикӣ ва филогенетикӣ ташаккул меёбанд” [7]. Е.Б. Шнайдер бар он назар аст, ки барпо намудани оила як навъ мактаби махсуси психологӣ ба шумор меравад ва ҷавонон бояд барои таҳсил дар ин мактаб, пеш аз ҳама, омодагии махсуси психологиро ба роҳ монанд. Зеро ҳар як аъзои оила дорои психологияи махсус буда, дар сурати донистани хусусиятҳои фардияту шахсияти якдигар ва мувофиқи онҳо ба роҳ мондани муносибату муошират шахсию байнишахсӣ имконият медиҳад, ки дар оила муҳити солими психологӣ ҳукмрон бошад. Ба роҳ мондани чунин тарзи муносибатҳои оилавӣ имконият медиҳад, ки вазъиятҳои низоъангезро дар оила рахна созад.

Дар заминаи низоъҳои оилавӣ пошхӯрии оила ва ҷудошавии ҳамсарон ба миён меояд. Яке аз омилҳое, ки вазъияти низоъангезро ба миён меорад, ин муошират мебошад, яъне вобаста ба он ки шахс дар вазъияти мазкур чӣ гуна муошират мекунад. Физиологи машҳури рус А. А. Ухтомский қайд мекунад, ки “шахс ҳангоми мушоират дар ҳолати қаҳру ғазаб бехабар ҷабрдидаи гуфтаҳои хатои худ мешавад” [1]. Вобаста ба талоқ ё худ пошхӯрии оила чунин масъалаҳои ҳалталаб ба вуҷуд меоянд:

1. Масъалаҳои ҷудошавии ҳамсарон то замони барасмиятдарорӣ дар шароити оила муносибату муошират миёни марду зан бисёр пуршиддату дурушт мегузарад, ки дар ин маврид на танҳо ба худи ҳамсарон, балки ба фарзандон таъсири сахти равонӣ мерасонад;

2. Дар заминаи муноқишаҳои оилавӣ ҳолатҳои гуногуни равонӣ, аз қабили ҳисси тарс, афсурдагӣ, изтиробнокӣ, яъсу ноумедӣ ва ғайра кӯдаконро фаро мегиранд. Волидайн дар ин вазъияти низоъангез хоҳиши муносибат намудан бо кӯдаконро надоранд. Кӯдакон бошанд, дар навбати худ, ҷуръати сухан гуфтан ва ё ба роҳ мондани муносибатро бо волидон намекунанд. Кӯдакон аз ҳисоби хусусиятҳои фардӣ-психологии худ аксуламалҳои гуногун нишон медиҳанд ва махсусан дар кӯдакони ба типи мизоҷи меланхоликӣ мансуб буда, ин ҳолат ташвишовар аст. Онҳо ҳар гуна ангезаи аз ҷониби волидайн равона шударо ба худ қабул мекунанд ва агар ин мунтазам бошад, он гоҳ кӯдак ба бемориҳои вазнини равонӣ гирифтор мешавад.

3. Яке аз омилҳои ба хонандаи сустхон табдил гардидани кӯдакону наврасон муноқишаҳои пайдарпайи оила ва ё ҷудошавии падару модари онҳо аз ҳамдигар ба шумор меравад. Кӯдакону наврасоне, ки волидонашон дар лаҳзаи ҷудошавӣ қарор доранд, парешонхотирӣ, вайроншавии мутамарказияти диққат, ҳолатҳои изтиробу тарс онҳоро ба хонандаи сустхон табдил медиҳанд. Ҳатто дар баъзе маврид ба кӯдакону наврасони кӯчагарду душвортарбия мубаддал мегарданд.

4. Вобаста ба типҳои мизоҷ ва дигар хусусиятҳои фардӣ-психологии кӯдакону наврасоне, ки волидонашон дар лаҳзаи ҷудошавӣ қарор доранд, дар онҳо ҳассосӣ ва рафторҳои гуногуну аҷиб дида мешавад. Масалан, наврасе, ки типи мизоҷи холерикӣ дошта бошад, ӯ зудранҷу тез ба қаҳру ғазаб меоянд. Дар чунин вазъиятҳо рафтори агрессивии ӯ боз бештар мегардад.

5. Дар сурати аз ҳамдигар ҷудо шудани ҳамсарон, кӯдакони онҳо бо дарназардошти синну сол ва ё қарори мақомоти дахлдор, аз меҳру муҳабати падар ё модар маҳрум мешаванд. Дар чунин вазъияти ҳасос кӯдакон дилмондаю ноумед шуда, ба ҳолатҳои вазнини равонӣ гирифтор мешаванд. Ҳатто дар наврасон фикрҳои худкушӣ ба мушоҳида мерасанд. Оиди масъалаи мазкур психолог машваратчӣ Давлатов М. чунин андеша дорад:

“Инсонро аз ҳаёти оила ҷудо сохтан амали ғайримантиқӣ ва ба қоидаҳои табиат муқобил аст” [3].

Масъалаи муҳимми дигаре, ки матраҳ мешавад, оилаҳое, ки кӯдакону наврасони аз падар ё модар маҳрум шударо чӣ гуна ва дар кадом вазъият кабулу сарпарастӣ менамоянд. Бо ворид шудан ба муҳити нав ва ташкили муносибатҳои нави оилавӣ, кӯдакону наврасон вобаста ба синну солашон, инчунин, хусусиятҳои фардӣ-психологии худ дучори ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ мешаванд. Масалан, мутобиқшавии (адаптатсия) онҳо ба муносибату муошират, рафтору кирдор ва хусусиятҳои дигари шахсони нав, ба мисли бародару хоҳарони нав мебошад. Ногуфта намонад, ки ҳангоми ҷудошавии ҳамсарон паҳлуҳои ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд, аммо паҳлуҳои психологию педагогӣ аз назарҳо дур мемонанд, ки масъалаи хатарзои ҷомеа ба шумор меравад. Бо калонсолону аъзоёни оила, пеш аз ҳама, бояд психоллог- педагог машварат намояд, то ин ки раванди мутобиқшавии кӯдакону наврасон ба оилаи нав ҳар чи тезтар сурат гирад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар кӯдакону наврасони ба оилаи нав ворид шуда, дар муносибат бо аъзои ин оила монеаҳои ботинии психологӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, ҳангоми муроҷиат намудан дар истифодаи мафҳумҳои «ака», «хоҳар» ва «апа» мушкилӣ мекашанд. Чунин душворӣ ҳатто ҳангоми муроҷиати калонсолон эҳсос мегардад. Аз ин лиҳоз пешниҳод мегардад, ки барои оилаҳои пошхӯрда, аз тарафи мутахассисон ва мақомотҳои дахлдор барномаи махсуси мутобиқшавиро тартиб додан зарур аст. Инчунин, расонидани кумакҳои психологиро дар ин оилаҳо ба роҳ мондан корест оқилона.

Дар асоси мушоҳидаҳои психологию педагогӣ ҷудо шудани ҳамсарон аз ҳамдигар боз як масъалаи дигари ҳалталабро ба миён меорад. Ин ҳам бошад, тибқи хулосаи мақомоти дахлдор, ҳангоме, ки падар ё модари аз кӯдаконаш ҷудошуда хоҳиши дидори фарзандон дошта бошад. Пас ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавад. Масалан, баъзан ғараз, кинаву адовадҳои шахсии ҳамсарони ҷудошуда имкон намедиҳанд, ки падар ё модар бо фарзандони худ вохӯранд. Ин вазъият шиддати эмотсионалии кӯдакону наврасонро дучанд мегардонад. Чунин вазъият мувозинати психологию педагогиро вайрон месозад ва инкишофи психикии кӯдакону наврасон ба таври бояду шояд сурат намегирад. Умдатан, дар чунин ҳолатҳо ҳамсарони ҷудошуда манфиатҳои шахсии худ ва паҳлуҳои ҳуқуқиро, ки ба онҳо мақомоти дахлдор додааст, ба ҳисоб мегиранд, на манфиатҳои фарзандоро, бахусус ҳолатҳои равонии онҳоро. Бо ҷалби калонсолони оила ва ҳамсарони ҷудошуда, аз тарафи мутахассисон, аз қабили психологҳо, омӯзгорон ва ё мақомотҳои дахлдор, ҳуқуқи маънавӣ ва ҳифзи саломатии равонии кӯдакону наврасони мавриди муҳокима қарор гирифтанаш зарур аст. Мавриди зикр аст, ки дар баробари вохӯрӣ бо фарзандон падар ё модар набояд шахсияти тарафи дигарро айбдор (сиёҳ) намояд. Ба онҳо тавсия дода мешавад, ки ҳангоми дидорбинии фарзандони худ мазмуни суҳбаташон бояд танҳо дар доираи муносибатҳои хайрхоҳона ва эмотсионалӣ сурат гирад. Ҳадаф аз дидорбинии падар ё модар бояд андаке ҳам бошад, қонеъ намудани ташнагии эмотсионалии кӯдакон бошад. «Оила аввалин ҷоест, ки кӯдак дар он рушд ёфта, тарбия мегирад. Ҳар гуна бенизомӣ ва мушкилиҳои ахлоқие, ки дар оила вуҷуд доранд, бевосита ва ё ба восита дар рафти тарбияи кӯдак таъсири худро мегузоранд» [2].

Таҳлили мавзӯи мазкур нишон медиҳад, ки ҷудошавии волидайн оқибатҳои ногувору сахтеро дорад. Пеш аз ҳама, ба саломатии равонӣ ва раванди таълиму тарбияи кӯдакон таъсири бевоситаи худро мегузорад. Аз ин рӯ, ҷомеашиносон, мақомотҳои дахлдор ва умуман ҳар як шаҳрвандро зарур аст, ки барои бартараф намудани муноқишаҳои оилавию садди роҳ шудан ба ҷудошавии ҳамсарон дар ҷомеа саҳмгузор бошанд.

АДАБИЁТ

1. Амонов Н.Қ. Асосҳои психологии муошират педагогӣ / Н.Қ. Амонов. – Д.: Сино, 2003. – 13 с.
2. Амонов Н.Қ Махсусияти кӯдакони мушкилии Равонидошта / Н.Қ. Амонов, Р.Ҷ. Розито // Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. – 2015. - № 3/10. – С. 188-192.
3. Давлатов М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон / М. Давлатов. – Д.: – Ирфон, 2014. – С. 24.
4. Олейник Ю.Н. Психология семейных отношений / Ю.Н.Олейник. – М.: Просвещение, 2000. – С.44.
5. Силяева Е.Г. Психология семейних отношений с основами семейного консультирования / Е.Г.Силяева. - М.: Академия, 2002. – С. 6.
6. Семья. Социально-психологические и этические проблемы. Справочник. – Киев, 1990. – С.12.
7. Шнайдер Л.Б. Психология семейных отношений / Л.Б. Шнайдер. - М.: Апрель-Пресс, 2000. – С.10.
8. Эмомалӣ Р. Чеҳраҳои мондагор. – Д.: ЭР-граф, 2016. – С.172.

ТАЪСИРИ ТАЛОҚ БА РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ ШАХСИЯТИ КӮДАКОН

Пошхӯрии оилаҳо сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода, масъалаи мазкур мушкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Зеро раванди таълиму тарбияи насли наврасро халалдор намуда, боиси косташавии ахлоқи наврасону ҷавонон гардида истодааст. Чуноне ки дар боло зикр намудем, сабабу омилҳои таъсиррасон барои ба вуҷуд омадани муноқишаҳои оилавӣ гуногун буда, дар ин замина пошхӯрии оилаҳо ба миён меояд. Дар мақолаи мазкур дар бораи дуруст ба роҳ мондани муносибатҳои оилавӣ, бартараф намудани муноқишаҳои оилавӣ, таъсири муноқишаҳои оилавӣ ва пошхӯрии оилаҳо ба рӯҳияи кӯдакону наврасон

сухан меравад. Дар заминаи таҳлилу хулосабарориҳо қайд карда мешавад, ки издивоҷкунадаҳо пеш аз сабти ном барои ақди никоҳ ва барпо намудани оила, бояд дар хусуси ҳуқуқ ва вазифаҳои падарӣ ё модарии худ аз мутахассисон ва ё шахсони калонсол маълумоти муфассал гиранд. Инчунин, дар лаҳзаи сар задани низоъ дар оила ба таҳаммулпазирию муносибатҳои маслиҳатомез оташи низоъро хомӯш намоянд. Бояд ёдовар шавем, ки дар ҳама гуна вазъияти баамаломада волидон вазифадоранд, ки ҳуқуқ ва саломатии ҷисмонӣ-равонии фарзандонашонро дар мадди аввал гузоранд.

Калидвожаҳо: оила, волидон, фарзандон, низоъ, муноқишаҳои оилавӣ, талоқ, издивоҷ, яъсу ноумедӣ, муносибат.

ВЛИЯНИЕ РАЗВОДА НА ПРОЦЕСС РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ ДЕТЕЙ

Фактически, распад семей растет из года в год и является большой проблемой для гражданского общества. Потому что это нарушает процесс обучения и воспитания подрастающего поколения и ведет к падению морального духа подростков и молодежи. Как упоминалось выше, причины и факторы, влияющие на возникновение семейных конфликтов, различны, и в этом контексте происходит распад семьи. В этой статье анализируются и делаются выводы о правильном поведении в семейных отношениях, преднамеренном разрешении семейных конфликтов, влиянии семейных конфликтов и распада семей на дух детей и подростков. На основании анализа и выводов отмечается, что перед регистрацией брака и созданием семьи пара должна получить подробную информацию о правах и обязанностях отца или матери от специалистов или взрослых. Вот как погасить конфликт в момент конфликта в семье за счет терпимости и осознанного отношения? Следует отметить, что в любой ситуации родители обязаны отдавать приоритет правам, а также физическому и психическому здоровью своих детей.

Ключевые слова: семья, родители, дети, конфликт, семейные конфликты, развод, брак, отчаяние, отношения.

THE IMPACT OF DIVORCE ON THE DEVELOPMENT OF CHILDREN'S PERSONALITY

In fact, the break-up of families is growing from year to year and is a big problem for civil society. Because it disrupts the process of educating the younger generation and leads to a decline in the morale of adolescents and young people. As mentioned above, the causes and factors influencing the emergence of family conflicts are different, and in this case, family breakdown occurs. This article analyzes and concludes on the proper conduct of family relations, the elimination of family conflicts through counseling, the impact of family conflicts and the breakdown of families on the mentality of children and adolescents. On the basis of the analysis and conclusions, it is noted that before registering for marriage and starting a family, the couple should get detailed information about their parental rights and responsibilities from specialists or adults. Also, in the event of a conflict in the family, tolerance and counsel should be used to extinguish the conflict. It should be noted that in any situation, parents have a duty to give priority to the rights and physical and mental health of their children.

Keywords: family, parents, children, conflict, family conflicts, divorce, marriage, despair, relationship.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидзода Баҳрулло Хол*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **987957070.** E-mail: **bahrullo_90@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Саидзода Бахрулло Хол*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры психологии факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон **987957070**, E-mail**: bahrullo_90@mail.ru**

Information about the authors: ***Saidzoda Bahrullo Khol*** - Assistant of the Department of Psychology, Faculty of Philosophy of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **987957070**, E-mail: **bahrullo_90@mail.ru**

УДК: 681.142.37

УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКИИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ

Шарофов Э.У.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Компютер дар айни замон қисми ҷудонашавандаи таҳсилоти муосир мебошад. Маҷмӯи зиёди маълумоте, ки донишҷӯён бояд аз худ кунанд, ба барномаҳои таълими аз ҳад зиёд оварда мерасонад. Аз ин рӯ, сифати таълим имрӯз аз ташкили дурусти корҳои таълимию тарбиявӣ ва касбият ва салоҳияти омӯзгор вобаста аст. Усулҳои таълим, ки имрӯз дар мактаби муосир истифода мешаванд, гуногунанд: аз педагогикаи анъанавӣ то технологияи муосири компютерӣ. Мактаби муосир бо як вазифаи хеле мушкил рӯ ба рӯ шудааст - ташаккули ҳавасмандии инфиродии донишҷӯён ба гирифтани дониш ва малакаҳо, қобилияти татбиқи онҳо дар ҳаёти ҳамарӯза [2,с.123]. Дарсҳои мултимедиявӣ танҳо ҳадди аксар самараи омӯзиш хоҳанд дошт, агар онҳо слайдҳои тасодуфӣ набошанд ва маҳсулоти пурмаъно бошанд. Дар дарсҳои мултимедиявии худ мо намудҳои гуногуни

визуализатсияро фаъолона истифода мекунем. Аёният яке аз бартариҳои равшани чунин дарсҳо мебошад. Самараи чашмдоштро ба даст овардан мумкин аст, агар дастрасии хонандагон ба мактаб таъмин бошад. Ғайр аз ин, он бояд ба маълумоти хаттӣ ё шифоҳии пешниҳодшуда мувофиқат кунад [3,с. 23]. Вақти намоиш набояд таъхир карда шавад. Аз фаъолияти ягонаи хонандагони мактабҳо бояд канорагирӣ кард. Аммо муҳим аст, ки оқибатҳоро аз мадди назар дурр нагузорем. Дар бораи системаи пайдарпайии тасвирҳо андеша кардан лозим аст. Нигоҳ доштани мантиқ ва пайдарпайии тасвирҳо дар экран муҳим аст, то таъсири таълим ва рушд то ҳадди имкон баланд бошад. Андозаи визуалӣ (хеле хурд ё калон) набояд ба равандҳои таълимӣ таъсири манфӣ расонад. Дар хотир бояд дошт, ки андозаи оптималии тасвир дар экрани монитор ба андозаи тасвири оптималии экрани калон тавассути проектор ба ҳеҷ вақҳ мувофиқат намекунад. Шумораи тасвирҳои дар экран пешниҳодшуда низ бояд кифоя бошад. Шумо набояд слайдҳоро бо намуди зоҳирӣ, аксҳо ва ғайраҳо пурбор кунед. Ин диққати донишҷӯёнро парешон мекунад. Ҳангоми эҷоди як дарси мултимедиа, аксар вақт бо мушкили истифодаи матни чопӣ дучор меоем. Муҳим аст, ки ҳаҷм, сохтор ва формати иттилооти чопшударо ба назар гирем. Мо, одатан, дар экран истилоҳот ё ибораҳои калидиро намоиш медиҳем. Кӯшиш мекунем, ки дар ҷойҳои имконпазир матни чопшударо иваз кунем. Дар асл, ин ҳам маълумот аст, аммо он бо забони дигар пешниҳод шудааст. Таркиши иттилоотӣ мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд овард, ки яке аз онҳо мушкилоти омӯзиш аст. Ин хусусан ба масъалаҳои автоматикунонии таълим дахл дорад, зеро «усулҳои дастӣ» бидуни истифодаи воситаҳои техникӣ кайҳо кӯҳна шудаанд [4,с. 53]. Аз ин рӯ, истифодаи китобҳои дарсии электронӣ бартариҳои зеринро доранд: . автоматикунонии ҷараёни таълим; миқдори зиёди маълумот; ҷараёни таълим фардӣ карда мешавад.Аммо ин амал бо тасмими интиқоли китобҳои таърих ба як модел мувофиқ омад. Аз ин сабаб, таъминоти мактабҳо бо китобҳои дарсӣ бо васоити электронӣ ба таъхир афтодааст. Барои гузаронидани дарсҳо бо васоити электронӣ (китобҳои дарсии электронӣ) инҳо кофӣ нестанд, нармафзор барои муошарати байни муаллим ва донишҷӯ, муаллим-муаллим, экрани донишҷӯён, экрани муаллим, нармафзори марбут ба ТИ лозим аст, яъне ноутбук барои муаллим ва планер [5,с. 32].

Таҳсили фосилавӣ яке аз нуктаҳои муҳим дар истифодаи компютер ва технологияи компютерӣ омӯзиши фосилавӣ мебошад. Имрӯзҳо омӯзиши фосилавӣ ба соҳаи маориф босуръат дохил карда мешавад, ки инро бо як қатор афзалиятҳои ин системаи педагогӣ метавон шарҳ дод. Гузашта аз ин, баъзе коршиносон чунин омӯзишро новобаста аз синну сол (ба назари мо, 65 сол) яке аз намудҳои самараноки таълими инсон ҳисоб мекунанд, зеро воситаҳои таълим дар заминаи васоити ахбори нигоҳдории муосир дар якҷоягӣ бо қарорҳои нави технологӣ ва инчунин дастгирии муосири методикӣ ба таври куллӣ, ба шумо имкон медиҳад, ки усулҳои фаъолияти таълимиро мустақилона аз худ кунед, барои кори мустақил шароит муҳайё кунед. Дар доираи таҳсили фосилавӣ, тадрис инчунин тавассути вебинарҳо сурат мегирад. Вебинар-(калимаи англисии webinar - як намуди конференсияи интернетӣ, ҷаласаҳои онлайн ё презентатсияҳо тавассути Интернет) ин онлайн-семинар, яъне баргузор кардани маҷлисҳо ва чорабиниҳои гуногун дар реҷаи вақти воқеӣ мебошад. Бартарии вебинар дар он аст, ки компютере, ки ба Интернет пайваст шудааст, барои баргузор ва ширкат дар он кифоя аст. Вебинар дар браузери (калимаи англисии browser, барномаи тамошобин) муқаррарии Интернет кор мекунад, насбкунӣ, кормандони IT ва қарорҳои мураккаби нармафзорро талаб намекунад. Бо истифода аз ин хидмат, ба шумо лозим нест, ки ягон барнома зеркашӣ кунед. Барои дар вақти муайяншуда, ба вебинар муроҷиат кардан кифоя аст. Бартарии муҳимми вебинар дар он аст, ки барои иштирок кардан ба масофаҳои дур рафтан лозим нест. Ва ин вақт ва маблағро сарфа мекунад. Ғайр аз ин, шумо бо шунавандагон маҳдуд нестед. Ҳамзамон, садҳо нафар ба вебинар пайваст шуда метавонанд ва ҳамаи онҳо метавонанд дар қисматҳои гуногуни олам бошанд. Вебинар ба шумо имкон медиҳад, ки фикрҳои шунавандагонро ба назар гиред.

Акнун мо бевосита ба интерфейси вебинарии хидмати абрии Webiring мегузарем. Дар равзанаи муаррифӣ ҷойи марказиро ишғол мекунад. Баргузор метавонад муаррифии

гуногун, ҳама гуна ҳуҷҷатҳои дафтари Microsoft ва инчунин ҳуҷҷатҳои PDF-ро нишон диҳад. Ғайр аз ин, нотиқ метавонад лазереро истифода барад, ки бо курсор ҳаракат мекунад. Вақте ки ҳуҷҷат нишон дода мешавад, онро миқёс, кӯчонида ва дар баёния тақсим кардан мумкин аст. Агар шумо ин имкониятҳоро надошта бошед, шумо инчунин метавонед ба панели нақшакашӣ диққат диҳед. Шумо метавонед ғафсӣ ва ранги хатти дилхоҳро интихоб кунед. Агар шумо чизи зиёдатеро кашида бошед, онро осон бартараф кардан мумкин аст. Мактаби муосир бо мушкилоташ моро водор месозад, ки раванди таълимро самараноктар гардонем. Чӣ гуна бояд таълим дод, ки кӯдак ба дониш таваҷҷӯҳ зоҳир намояд, барои мустақилона ба даст овардани онҳо кӯшиш намояд. Вазифаи асосии мо, ба донишҷӯён омӯхтани малакаҳое мебошад, ки дар ҳаёти ояндаи онҳо заруранд: қобилияти омӯзиш, кор бо миқдори зиёди иттилоот, мустақилона қарор қабул кардан ва масъулият барои онҳо, қобилияти кор кардан дар алоҳидагӣ ва дар гурӯҳ, эҷодкор будан [6,с. 102]. Истифодаи технологияҳои нави педагогӣ бидуни истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва технологияҳои компютерӣ ғайриимкон мебошанд. Маҳз онҳо имконият медиҳанд, ки вазифаҳои педагогӣ, дидактикии усулҳои нави таълим пурра муайян карда шаванд, иқтидори ба онҳо хос, амиқтар шудани дониши донишҷӯён, баланд бардоштани сатҳ ва мураккабии вазифаҳои иҷрошуда, баланд бардоштани сатҳи визуалии натиҷаи амалҳои андешидашуда имконпазир гардад. Тавре ки зарбулмасали англисӣ мегӯяд: «Ман шунидам ва фаромӯш кардам, дидам ва ба ёд овардам». Истифодаи компютер дар дарсҳои таърих ва ҷомеашиносӣ акнун экзотикӣ нест. Пешрав дар ин самт муаллими таърих ва ҷомеашиносии Маскав А.Чернов мебошад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ барои муаллими таърих имкониятҳои нав мекушояд. Омӯзиши ҳама гуна фанҳо бо истифодаи ТИ ба кӯдакон дар эҷоди унсурҳои дарс ва таҳияи мақолаҳои илмӣ, тарҳрезии лоиҳаҳо, рушди завқи хонандагон мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияҳои муосир дар соҳаи маориф барои ташаккули шахсияти донишҷӯён шароити мусоид фароҳам меорад ва ҷавобгӯи талаботҳои ҷомеаи муосир мебошад. Технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ба мо имкон медиҳанд, ки як қатор вазифаҳои таълимиро самаранок ҳаллу фасл намоем:

Аввалан, технологияи компютерӣ имкон медиҳад тасвири таърихии даврҳо, рӯйдодҳо, шароити таърихӣ, одамон ва ғ. тариқи визуалӣ, нишон диҳем. Ин аксар вақт бо истифода аз технологияҳои анъанавӣ имконпазир аст. Дуюм, онҳо ангезаро барои омӯхтани мавзӯъ ба вуҷуд меоранд. Муҳити компютерӣ барои бисёре аз донишҷӯён нисбат ба муҳити анъанавии китоб бештар шинос шудааст ва ин нуктаро низ бояд ба назар гирифт.

Сеюм, кор бо харитаҳои аниматсионӣ ба шумо имкон медиҳад, ки мушкилоти нишон додани маҳалли баргузории рӯйдодҳоро дар фазо беҳтар ҳал карда, динамикаи рӯйдодҳои таърихиро аниқтар пайгирӣ кунед.

Чорум, компютер ба шумо имкон медиҳад, ки ҳар гуна "асбобҳои аёниро" - маҷмӯаҳои видео ва аудио, харитаҳои аниматсионӣ ва диаграммаҳо, ҷадвалҳо ва ғ. истифода намоед.

Панҷум, технологияи компютерӣ метавонад машғулиятҳои беруназсинфиро хеле шавқовар гардонад. Масалан, гузаронидани бозиҳои зеҳнӣ.

Шашум, имрӯз мо дар бораи самти нави эҷодиёти кӯдакон - компютер гап зада метавонем. Маҳз тавассути эҷодиёти компютерӣ дар замони муосир метавон сатҳи ҳавасмандии хонандагонро баланд кард. На ҳар як донишҷӯ хоҳиши навиштани эссе дорад. Аммо бисёриҳо мехоҳанд худро дар эҷоди презентатсия исбот кунанд, ки ин бешубҳа барои баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандӣ дар омӯзиши илмҳои иҷтимоӣ кумак хоҳад кард [5,с. 45]. Дар ҷараёни таълим метавон аз воситаҳои мазкур истифода бурд:китобҳои дарсӣ ва дастурҳои электронӣ бо истифода аз проекторҳои компютерӣ ва мултимедиявӣ;б) тахтаи интерактивӣ;в) энсиклопедияҳои электронӣ ва маълумотномаҳое, ки дорои маводи зиёд, маълумоти оморӣ дар шакли диаграммаҳо, ҷадвалҳо мебошанд;г)

тренажерҳо ва барномаҳои озмоишӣ;ғ) захираҳои таълимии Интернет;д) DVD ва CD-ҳои дорои тасвирҳо ва тасвирҳо;е) таҷҳизоти видео ва аудио;ё) корҳои илмӣ ва лоиҳавӣ.

Ҳангоми банақшагирии дарс бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ риояи талаботи дидактикӣ, ки тибқи он ҳадафи педагогии татбиқи технологияҳои иттилоотиро дар раванди таълим дақиқ муайян кунад. Компютер имкониятҳои пешниҳоди маълумоти таълимиро ба таври назаррас васеъ кард. Истифодаи рангҳо, графика, садо, технологияи муосири видеоӣ ба шумо имкон медиҳад, ки ҳолатҳо ва муҳитҳои гуногунро тақлид намоед. Роҳнамо оид ба истифодаи ВТТ дар дарсҳои таърих ба принсипҳои таълими таърих дар мактаб асос ёфтааст, аммо ҳангоми истифодаи ВТТ, тавсияҳои мушаххас оид ба истифодаи компютер дар дарсҳо мавҷуданд. Дар шароити муосир вазифаи асосии таълим на танҳо аз ҷониби донишҷӯён гирифтани як миқдори муайяни дониш, балки ташаккули малака ва мустақилона аз худ кардани донишҳо мебошад. Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯёне, ки бо компютер фаъолона кор мекунанд, малакаҳои мустақилона кор карданро доро мебошанд. Аз ин рӯ, нақши омӯзгор дар кушодани имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълими фанҳои табиӣ ва гуманитарӣ муассир аст. Истифодаи оптималии компютерҳо дар таълими муосири мактаб аз бисёр ҷиҳат аз ҳалли як қатор масъалаҳои ташкилию педагогӣ вобаста аст. Табиист, ки масъалаи асосӣ дар муайян кардани ҷойгоҳи технологияи иттилоотӣ (ТИ) дар дарсҳои таърих ва нақши муаллим ва донишҷӯ дар чунин дарсҳо дар раванди таълими умумӣ мебошад [1,с. 135]. Компютерҳо дар синфҳои мактабӣ имрӯз ҳамчун чизи нодир, экзотикӣ қабул карда намешаванд, аммо то ба ҳол ба абзори хуби устод, ба мисли тахта синфӣ табдил наёфтаанд.

АДАБИЁТ

1. Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании / Наталия Васильевна Апатова. – М.: изд-во РАО, 1994. -228с.
2. Алексеев С.С. Общая теория права / Сергей Семёнович Алексеев: в 2-х т. - т.II -М: Юридическая литература, 1998.
3. Вильямс Р. Компьютер в школе. Дидактические основы компьютерного обучения / Р. Вильямс. – М., 1998. -204с.
4. Гладких А.А. Базовые принципы информационной безопасности вычислительных сетей. Учебное пособие / Аркадий Александрович Гладких, Владимир Ермолинович Дементьев. - Ульяновск: УлГТУ, 2009. - 156 с.
5. Дорожкина Н.И. Современный урок истории: использование мультимедийных презентаций / Н.И. Дорожкина. - М.: ВАКО, 2009. - 176с.
6. Извозчиков В.А. Концепция педагогики информационного общества / В.А Извозчиков // Наука и школа. - 2009. - № 1. - С. 16.
7. Иванов Д.В. Виртуализация общества / Димитрий Васильевич Иванов. - Санкт-Петербург: Петербургское Востоковедение, 2002. -316с.
8. Куликов Л. В. Психологические вопросы компьютеризации обучения. Психолого-педагогические аспекты перестройки образования / Л. В. Куликов. – М., 1992. -85с.
9. Мануйлов В.Г. Power Point в уроках / Виктор Григорьевич Мануйлов – М.: Информатика и образование, 1999. -64с.
10. Поташник М.М. Требования к современному уроку / Марк Максимович Поташник – М.: Центр пед. образования, 2013. - 271с.
11. Ракитов А.И. Информация, наука, технология в глобальных исторических изменениях / Александр Иванович Ракитов. - М., 1998. - 104 с.
12. Трайнев В.А. Информационные коммуникационные педагогические технологии / Владимир Алексеевич Трайнев. – М.: Изд. дом "Обучение-Сервис", ***2005***. - 128с.

УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКИИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ

Мактаби муосир бо як вазифаи хеле мушкил рӯ ба рӯ шудааст - ташаккули ҳавасмандии инфиродии донишҷӯён ба гирифтани дониш ва малакаҳо, қобилияти татбиқи онҳо дар ҳаёти ҳамарӯза. Инро метавон ба даст овард, агар дарсҳои мултимедиявӣ, масалан, ҳамчун “мини-технологияҳо” амал кунанд, яъне ҳамчун коркарди ҳадафҳо ва вазифаҳои муайяни таълимӣ, ки ба натиҷаҳои таълими дуруст нигаронида шудаанд. Чунин дарсҳо дорои маҷмӯи кофии ҷузъҳои иттилоотӣ ва воситаҳои дидактикӣ мебошанд. Дар шароити муосир вазифаи асосии таълим на танҳо аз ҷониби донишҷӯён гирифтани як миқдори муайяни дониш, балки ташаккули малака ва мустақилона аз худ кардани донишҳо мебошад. Таҷрибаи корӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯёне, ки бо компютер фаъолона кор мекунанд, малакаҳои худро инкишоф медиҳанд, аз ҷумла, қобилияти муайян кардани чизи асосӣ, ҷамъбаст кардан, хулоса баровардан.

Калидвожаҳо: фазои глобалии иттилоотӣ, таълими электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҳадамоти иттилоотӣ, технологияҳои телекоммуникатсионӣ, барномаҳои таълимӣ, муҳити электронии иттилоотӣ, технологияҳои компютерӣ, ҷомеаи иттилоотӣ.

МЕТОДЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ ИСТОРИИ

Методы обучения, используемые в современной школе, сегодня разнообразны: от традиционных педагогических до современных компью-терных технологий. Перед современной школой стоит очень непростая задача - создать индивидуальную заинтересованность обучающихся в приобретении знаний и умений, способность применять их в повседневной жизни. Сегодня на уроках гуманитарного цикла, наряду с использованием книги, телевизора, видеомагнитофона, компьютер выступает как самое совершенное информационное средство. Он также становится средством связи ученика с учителем, другими учениками. Актуальным в наше время является вопрос использования информационных технологий на уроках истории, которая оперирует точными понятиями, датами, цифрами, занимается описанием прошлого и настоящего, выявлением взаимосвязей различных событий и явлений, их сравнением и анализом. Опыт работы показывает, что у учащихся, активно работающих с компьютером, формируется более высокий уровень самообразовательных навыков. Умение ориентироваться в бурном потоке информации, умение выделять главное, обобщать, делать выводы. Поэтому очень важна роль учителя в раскрытии возможностей современных информационных технологий в процессе преподавания как естественных, так и гуманитарных дисциплин.

Ключевые слова: информационное общество, информация, знания, информатизация, обучение, электронное обучение, компьютерная техника, программирование, образовательная среда.

METHODS OF USING COMPUTER TECHNOLOGIES IN HISTORY LESSONS

Modern schools face a very difficult task-the formation of individual incentives for students to acquire knowledge and skills, the ability to apply them in everyday life. The ability of a teacher to train a student with their subject, including this is a good way to convey information if the student chooses the material separately. The actual materials or comments on the slide should be displayed in a separate file that you use to tell students how outdated they are. It is very important to insert a screen with text. A large amount of printed information from the screen cannot be accepted quickly enough. This is a variant of creating multimedia presentations when presenting ready-to-use material effectively.This can be done if multimedia lessons, for example, act as "mini-technologies", namely, as processing of certain educational goals and tasks focused on the results of correct learning. Such lessons have a sufficient set of information components and didactic tools.In modern conditions, the main task of education is not only to obtain a certain amount of knowledge for a student, but also to develop skills and self-development of knowledge. Experience shows that students who actively work with computers develop their own level of skill development. The ability to navigate in a fast flow of information, the ability to emphasize the main thing, summarize, draw conclusions.

Keywords: global information space, e-learning, information technologies, information services, telecommunications technologies, educational programs, electronic information environment, computer technologies. information society.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарофов Эраҷбой Умрибоевич*** **–** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10. Телефон**:(+992) 93-767-26-77**,

Сведения об авторе: ***Шарофов Эрадж Умрибаевич*** - Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734042, Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Телефон**:(+992) 93-767-26-77**

Information about the author*: Sharofov Eradzh Umribaevich* **-** Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor.**Address:** 734042, Dushanbe, Academicians Rajabovs Avenue, 10, Phone: **(+ 992) 93-767-26-77**

УДК:37.01

МУҲТАВО ВА МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ ВА ДЕМОКРАТӢ

Абдураҳмони Муҳаммадӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Тағйирот ва таҳаввуллоти ҷиддии иҷтимоию иқтисодие, ки баъди касб кардани мустақилияту соҳибихтиёрӣ ва воридшавии кишвар ба ҷомеаи мутамаддин, хосатан узви комилҳуқуқи СММ гаштани он, ки дар маҷмӯъ тавассути қонунгузориҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда тасдиқ ва тасвиб гаштаанд, шароиту муҳити муносибу мусоиде барои ба тариқи озодонаю шаффоф рушду камол ёфтани шахсиятҳо дар кишвари мо мусоидат намуданду менамоянд. Ба тариқи мувофиқу мусоид ва ҳадафмандона онҳо фақат дар замону муҳите татбиқу таҳаққуқ пайдо карда метавонанд, ки ин рушду таҳаввулот ба ҷанбаю хусусиятҳои ҷомеаи мо, усул ва арзишҳои демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани он мувофиқат мекунанд. Дар робита ба мафҳуми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар баробари дигар масъалаҳо, ки ба ин мавзӯъ алоқаманд аст, аз ҷумла чунин гуфта мешавад: «Ҳуқуқи инсон – яке аз муҳимтарин арзишҳои тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Татбиқ ва ё баръакс халалдор кардани ҳуқуқи инсон ба рушди маънавӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлат ва ҳам ҷомеа дар маҷмӯъ, инчунин ба рушди ҳар як шахсияти муосир таъсир мерасонад” [8, с.5].

Ҳар як инсон-шаҳрванд бояд бо донишу малакаҳои муайяне оиди шаҳрвандият ва ҳуқуқҳои инсон, давлат, интихобот ва чанде дигар мусаллаҳ бошад ва гузашта аз ин, доштани тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлили вазъият, ҳамкорӣ бо дигар инсону ҷамоаҳо талаботи замон буда, арзишу муқаддасотеро, аз қабили эҳтироми ҳуқуқи дигарон, таҳаммулпазирӣ, ба мувофиқа омада тавонистан низ бояд хосси наврасону ҷавонони кишвар гардад. Ҳуди тарбият, маданият ва маълумоту маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ ҳамчун омили тайёру омоданамоии наврасону ҷавонон нисбати ширкати воқифонаю фаъолона ва масъулона дар равандҳои демократӣ, ки аз эҳтироми ҳуқуқҳои инсон, баробарию адолати иҷтимоӣ маншаъ мегирад, биноан ҳадаф ва мақсадҳои таълиму тарбия, ки ба ташаккули арзишҳо ва шаҳрвандияти демкоратӣ нигаронида шудаанд, бо ҳадафҳои аслии маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ мувофиқату мутобиқат мекунанд. Аз ин ҷост, ки маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ раванд ва ҷараёни ташаккули донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои хосаест, ки ба мақсади мутобиқати инсон ба муҳиту фазои атроф ва иҷтимоигардонии он равона шудааст.

Аз ин мавқеъ муҳаққиқон ин донишу малакаҳоро чунин тасниф кардаанд: тафаккури интиқодӣ; дастрасӣ ба иттилооту маълумот бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои мухталиф; таҳлили маълумоту иттилоот, ба тариқи интикодӣ таҳлил ва арзёбӣ карда тавонистани он; дарку фаҳми раванду ҷараёнҳои ҷомеа; ташаккули андешаю ақидаҳои оқилонаю бошуурона оиди масъалаҳои ҷамъиятӣ; ташаккули хулосаю натиҷаҳо, қабули қарорҳои оқилона, масъулият нисбати онҳо доштан; ҳуқуқ ва тааҳҳудоти инфиродӣ ва ҷамъиятиро татбиқ карда тавонистан; аз васоит ва васоили ҳифзи ҳуқуқ дар миқёси маҳаллию миллӣ, давлатӣ ва байналмилалӣ истифода карда тавонистан; бо инсонҳо муносибатҳои созандаю халлоқ барқарор карда тавонистан; дар муҳиту фазои гурӯҳӣ ва дар муҳокимаю мубоҳисаҳо кор карда тавонистан; андешаю ақидаи худро ифода ва ҳимоя карда тавонистан; дигар инсонҳоро шунида тавонистан; қолабҳои куҳнаю хурофотиро фарқ карда тавонистан; андешаю ақидаҳоро бо далелҳо қиёс карда тавонистан.

Маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун истилоҳе низ мустаъмал аст, ки омӯзиши муназзаму мутадовими мафҳум ва арзишу муқаддасотеро, ки мабнӣ бар ҷомеаи демократии сиёсӣ ва сохтори конститутсионӣ мебошанд, фаро мегирад.Ҳамин тариқ, ба маънии васеъ тамоми фанну мазмунҳои мактабӣ насли наврасу ҷавонро ҳамчун инсон-шаҳрванд бояд ташаккул диҳанд, ба маънии маҳдудтар, маърифати шаҳрвандӣ маълумотнокию воқифияти шаҳрвандию ҳуқуқиро ифода мекунад. Гузашта аз ин, маърифати шаҳрвандӣ – маълумоти васеътареро низ ифода мекунад, ки он ҳамоишу ҳамгироии фанну мазмун, мавзӯъ ва масоили мухталифи ҷамъиятиро дар худ таҷассум мекунад. Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа бо роҳи демократӣ маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун раванду ҷараён ва натиҷаи азхуднамоӣ ва интиқоли донишҳо, малакаҳо, ташаккули арзишу муқаддасот, тамоюлҳо, андешаю ақидаҳо ва сифату хислатҳои шахсиятҳо роҳандозӣ шудааст, ки тавассути бархӯрду муносибатҳои мухталифи расмию ғайрирасмӣ нисбати омӯзишу таълим ба мақсади иҷтимоигардонии шахсиятҳо дар амалия татбиқ карда мешаванд. Ин раванду амалҳо, дар навбати худ, иборатанд аз: рушди эҳсосоти меҳру муҳаббат нисбати Ватану кишвар ва давлату миллат; дарку фаҳми бошууронаи ҳифзу ҳимояи манифатҳои Ватан; муносибати эҳтиромона нисбати ҳуқуқ ва қонунҳо; тарбияи эҳсоси масъулият барои сарнавишти худ ва сарнавишти Ватани худ; ташаккули қобилияту тавонмандиҳо нисбати ибтикороту ташаббусҳои шаҳрвандӣ ва фаъолмандиҳои шаҳрвандӣ. Ҳамаи ин раванду амалҳо ба таъмиини рушди босуботи ҷумҳурӣ, ташаккули ҷомеаи муосири шаҳрвандию мутамаддин ва таҳкиму тақвияти бахшу сохторҳои демократӣ равона шудаанд.

Қонуну муқаррарот ва қоидаю талаботҳое, ки ҳаёт ва фаъолияти инсонҳоро ба тартибу танзим медароранд, дар ҳамаи ҷомеаҳои инсонӣ зарурати воқеӣ мебошанд. Донистану дарку фаҳми чунин қонуну муқаррарот, одаткунонии тамоми инсонҳо ва хосатан насли наврас барои риоят ва эҳтироми онҳо дар дилхоҳ ҷомеа муҳиммияту аҳамияти нахустиндараҷа дорад. Донишу малакаҳо ва маърифату маълумотҳо оиди давлат ва ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, оиди қонунҳое, ки ҳаёти ҷомеаро ба тартибу танзим медароранд ва рушди онро ба самту соҳаҳои инкишофёбанда таъмин мекунанд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсонҳо – шаҳрвандонро муайян ва муқаррар мекунанд, на танҳо барои ҳар як шахси соҳибмаърифату соҳибмаълумот заруранд, балки онро дар ҷомеа аллакай аз синну соли мактабӣ рушду такомул додан ва ба ҳаёти мустақилона дар ҷомеаи навин ҳидояту раҳнамоӣ ва тайёру омода намудан аз манфиату арзишҳо орию холӣ буда наметавонанд. Фарҳангу маданияти шаҳрвандию ҳуқуқӣ ба тақвияту таҳкими волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар навбати худ, ба рушди маданияту фарҳанг мусоидат мекунад. Дар ҷараёни рушди таърихии инсоният на танҳо моҳияту мӯҳтаво ва ному номгӯйи қоидаю муқаррарот, ҷанбаи синфии онҳо (урфу одатҳо ва ахлоқу маънавиёти ҷамоаҳои ибтидоӣ, ғуломдорӣ, ҳуқуқи буржуазӣ, ҳуқуқҳои сотсиалистии шӯравӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон) такмилу тағйир ёфтанд, балки худи

муқаррароту қоидаҳо низ вобаста ба тағйироту таҳаввулотҳои ҷомеа такмилу тақвият ёфтанд. Ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон дар садаи бисту якум ва ибтидои ҳазораи сеюм яке аз меъёру талаботҳои тавассути ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшудаи ҳаёти башарият барои тамоми ҷаҳони мутамаддин шуда монд. Биноан, кишвари мо яке аз самтҳои афзалиятноку асосии сиёсати давлатии худро рушди демократия, ташаккул ва таҳаввули давлати дунявӣ ва созмондеҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф кард. Вазъу ҳолати имрӯзаи масъалаи тарбия ва маърифати шаҳрвандию ҳуқуқиро мавриди баррасӣ ва таҳлилу омӯзиш қарор дода, бояд мутазаккир шуд, ки дар муҳиту шароити гуманизатсиякунонӣ ва демократикунонии ҷомеа муҳимтарин сабабу омили арзишмандтарин манфиатмандию шавқмандӣ нисбати фард ва шахсият аст. Ба ҷомеа шахсиятҳои мустақилу озод, ки соҳиби донишу маърифат ва маълумотҳои ҳуқуқӣ, мебошанд, заруранд.

Соҳиб шудан ба истиқлолият, сабаби гардиши азиме дар самти демократикунонӣ, гуманизатсия, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон ҳам дар самту соҳаҳои мухталиф ва умуман низоми маориф гашт. Дарку фаҳми навини он ҳатто дар Сарқонун (Конститутсия)-и ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар қонуну санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар дарҷу сабт гаштаанд. Яке аз усулҳои сиёсати давлатӣ дар самту соҳаҳои маориф усули умумиинсонии башардӯстӣ ва ҳамчунин усули маданияту фарҳангиест, ки мутобиқ ба асосҳои арзишҳою муқаддасот ва меъёрҳои маданияту фарҳанги миллӣ ва суннату анъаноти минтақавӣ мебошад. Шиддати асосӣ ва муҳиммиятро дар замони ҳозир проблемаи маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ ва тарбияи омӯзгорони оянда касб кардааст. Бояд дар муҳасиллину донишҷӯёни макотиби олии ҷанбаи педагогию омӯзгоридошта донишҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ, малакаҳо ва майлу хоҳишҳои истифодаи онҳо дар фаъолияти мактабӣ ташаккул ва рушду тақвият дода шаванд. Дар кори беҳбуду беҳдошти таълиму тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ нақши калидиро омӯзгори мактаб мебозад. Баландбардории талабот нисбати шахсияти омӯзгор ва фаъолияти ӯ дар самти тарбияи ҳуқуқӣ дар назди макотиби таҳсилоти олии ҷанбаи педагогӣ дошта, якчанд вазифаҳои аввалиндараҷаро пеш мегузорад. Ин омӯзиши минбаъдаи моҳияту муҳтаво, шаклҳою методҳои корҳои тарбиявӣ оиди масоил ва маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ, ҳаллу фасл ва иҷроиши масъалаҳои амалии тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқии хонандагон ва муҳассилину мутааллимин ба яке аз умдатарин масоили дар замони муосир мубаддал гаштааст. Мунтаҳо, тайёрию омодагиҳои омӯзгори минбаъда нисбати ташкил ва созмондиҳии корҳои марбут ба тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқии мутааллимину муҳассиллин ба ҳадди зарурӣ мавриди тадқиқу таҳлил қарор дода нашудаанд. Такмил ва таҳкиму тақвияти тайёрию омодагиҳои омӯзгорони минбаъдаи макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ нисбати ташкили тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ, тадқиқу таҳлили таҷрибаомӯзӣ ва амалияи муҳассилину донишҷӯёни макотиби олӣ ҷанбаи педагогӣ дошта ҳамчун омили муҳиммтрини тайёрию омодагиҳои касбии мураббиёни минбаъда – ин масъалаҳое мебошанд, ки марбут ва мансуб ба тадқиқоти назариявӣ ва ҳаллу фаслу иҷроиши амалии онҳо мебошанд. Масалан, муҳаққиқи тоҷик, Маҳмудов Ш. дар робита ба моҳияту муҳтавои маърифати ҳуқуқӣ дар шароити таълиму омӯзиш чунин мулоҳиза рондааст: «Мазмун ва муҳтавои маърифати ҳуқуқӣ дар мактабҳои таҳсилоти олӣ бояд аз ҷиҳати педагогӣ асоснок буда, дар заминаи методологияи илмӣ роҳандозӣ шавад ва дар асоси усулҳои муназзамӣ, ҷомеият, ва таъмини алоқамандии байнипредметӣ сурат гирад. Низоми тарбияи ҳуқуқӣ дар мактабҳои таҳсилоти олӣ бояд ҷанбаи ҳадафмандона дошта бошад, яъне ташаккули рушди гуногунҷиҳатаи омӯзгор ва ташкилотчии тарбияи ҳуқуқии хонандагонро фаро гирад» [12,с. 3]. Камбудии асосии коркардҳои солҳои пешин дар он зоҳир мешавад, ки аксари асару тадқиқот масъалаҳои тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро аз мавқеи дуртар нисбати ҳуқуқҳои имрӯза ва тарзҳои тарбияю таълим ва омӯзиши он баррасӣ ва арзёбӣ кардаанд. Имрӯз, дар маҷмӯъ, дар педагогика як низоми ягонаю воҳиди илмӣ ташаккул ва бунёд наёфтааст; тасвиру тасаввуротҳои асоснок оиди ҳуқуқҳои педагогӣ пурра ташаккул наёфтаанд. Коркарди назариявии проблема ва масъалаи тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқии насли наврас ва ҷавонони замони муосир бинобар сабаби теъдоди зиёди мафҳумҳои тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ ва маърифатнокии шаҳрвандию ҳуқуқӣ мураккабтар гаштааст. Ба тариқи умумӣ ва ягона дарку фаҳми тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ ва маърифату маълумотнокӣ дар таҷрибаю амалия ба истифодаи нодурусту нокифояи сохтору бахшҳои маърифатию маълумотии муосир дар ҷараёни таълиму тарбия мебошад.

Ҳамин тариқ, омили иттилоотию маълумотии маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ марбут ба сохторбандии мантиқию пайгиронаи раванду ҷараёни омӯзишу таълим ва васоиту васоили онҳо мебошад, ки бояд аз коркарди нақшаю барномаҳои таълимии нав; коркарди дастурҳои таълимӣ оиди маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ; манбаъ ва

сарчашмаҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ; нашри хабару мақола ва матлабҳо тавассути васоити ахбори омма оиди маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ, ба тариқи фаъолона ҷалбу ҷазби зарфияту тавонмандиҳои расонаҳои хабарӣ ва матбуот барои дастгирии иттилоотию маълумотӣ; маводи шунавоию тасвирӣ ва васоиту васоли фосилавии омӯзишу таълим; ташкил ва созмондиҳии барномаҳои мавзӯӣ тавассути садою симо оиди мавзӯъ ва масаъалаҳои марбут ба маърифати шаҳрвандию ҳуқуқӣ иборат буданд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи инсон ва ҷомеа. Синфҳои 10 ва 11. –Душанбе: Матбуот, 2002. – 16 с.
2. Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2001.
3. Барномаи системаи давлатии омӯзиши соҳаи ҳуқуқ. –Душанбе: Дониш, 2001. – 150 с.
4. Барномаи фанни сиёсатшиносӣ. -Душанбе, 1999. – 31 с.
5. Гражданское образование. - М., 2000.
6. Гражданское образование: Содержание и активные методы обучения. - М.: Межрегиональная ассоциация «За гражданское образование», 1998.
7. Гражданское образование: Формирование активной жизненной позиции (Текст). - М.: Веди - Принт, 2001.
8. Зиёзода Т.Н. Права человека. 10 класс / Т.Н. Зиёзода, М.А. Махмудов [и др.]. -Душанбе: ИПП «Вергул», 2008. -320 с.
9. Лутфуллоев М. Шарафномаи миллат / М.Лутфуллоев. - Душанбе, 2003.
10. Маҳмудов М. А. Ҳуқуқи инсон: Китоби дарсӣ барои синфи 10 / М. А.Маҳмудов, Т. Н. Зиёев [ва диг.]. – Душанбе: «АВА», 2007. - 320 с.
11. Маҳмудов М. А. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 8 - уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ / М. А. Маҳмудов, М. З.Раҳимов. -Душанбе: Маориф ва фарҳанг, - 2006. - 200 с.
12. Маҳмудов М. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон: Инсон ва ҳуқуқ; / Китоби дарсӣ барои синфи 9 - уми мактаби миёна / М.Маҳмудов, М.Раҳимов [ва диг.]. - Душанбе: Маориф, 1995. – 192 с.
13. Маҳмудов Ш. Нақши ирода дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ / Ш. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, 2003. - № 2. - С. 8.
14. Маҳмудов Ш. Ташаккули ҳисси ватандустӣ дар хонандагони синни калони мактабӣ / Ш. Маҳмудов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2002. - № 4.
15. Махмудов Ш. Педагогические условия подготовки будущих учителей к правовому образованию и воспитанию учащихся (на материалах педагогических вузов Республики Таджикистан) / Ш. Маҳмудов. - Д.: АКД, 2009. -22 с.
16. Барномаи ҳуқуқи инсон барои синфҳои 10 -11 мактабҳои таҳсилоти умумӣ (Матн) / Мурат. Зиёев Т. Н., Менглиев Ш. М. ва диг. - Душанбе, 2006. 84 с.

МУҲТАВО ВА МОҲИЯТИ ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ ВА ДЕМОКРАТӢ

Мақола ба баррасии муҳтаво ва моҳияти тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ бахшида шудааст. Ба арзишҳои умумибашарӣ ҳаёт, озодӣ, хушбахтӣ, инчунин сулҳ, ҳаёти инсонӣ, тасаввурот дар бораи адолат, озодӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои одамон, дӯстӣ ва муҳаббат, робитаҳои хешутаборӣ, арзишҳои худнигоҳдорӣ, арзишҳои худсобиткунӣ ва нисбат дода мешаванд. Рушди арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули шахсияти навъи нав марҳилаҳои асосии рушди инсоният маҳсуб меёбанд, чунки имрӯз ҷомеа ба рушди мояҳои маънавӣ мусоидат менамояд, ки он аз ташаккули ҷомеа ва аз такмили шуури маънавӣ ҷудонопазир мебошад. Демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон масоили сершумори тарбияи маънавӣ ва ахлоқии тарбияро дар баробари дигар масоили педагогӣ мегузорад. Муаллифи мақола паҳлӯҳои мусбии тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқии наврасон ва ҷавононро ҳамчун қисмати асосии ташаккул ва таҳкими ҷомеаи демократӣ ва шаҳрвандӣ мавриди муҳокима қарор додааст. Мақола дар асоси таҳқиқоти чандинсола оид ба тарбияи ҳуқуқӣ-шаҳрвандӣ байни наврасон ва ҷавонони (хонандагон ва донишҷӯёни) Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, коллеҷҳои тиббӣ ва омӯзгорӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Кӯлоб ва Фархор навишта шудааст.

Калидвожаҳо: маърифат, тарбияи шаҳрвандию ҳуқуқӣ, демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ, усулҳо, методҳо, назария, амалия.

СОДЕРЖАНИЕ И СУЩНОСТЬ ВОСПИТАНИЯ ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИХ И ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ

Статья посвящена рассмотрению содержания и сущности воспитания общечеловеческих и демократических ценностей. К общечеловеческим ценностям относятся жизнь, свобода, счастье, а также мир, жизнь человечества, представления о справедливости, свободе, правах и обязанностях людей, дружбе и любви, родственные связи, ценности самосохранения, ценности самоутверждения и др. Основополагающей категорией общечеловеческих ценностей является жизнь. Развитие общечеловеческих ценностей и формирование личности нового типа являются важнейшеми этапами развития человечества, так как сегодня общество способствует развитию моральных устоев, которая неотделима от формирования личности и от совершенствования его морального сознания. Демократизация общественной жизни в Таджикистане ставит многие проблемы нравственного и духовного воспитания наряду с другими педагогическими проблемами. Автор статьи выносит на обсуждение позитивные стороны гражданско - правового воспитания подростков и молодежи как основной и главной части формирования и укрепления демократического и гражданского общества. Статья написана на основе проведенных многолетних работ по гражданско - правовому воспитанию среди подростков и молодежи (учащихся и студентов) Кулябского государственного университета им. А.Рудаки, медицинского и педагогического колледжей, средних общеобразовательных школ Кулябского и Фархорского районов.

Ключевые слова: гражданское и правовое воспитание, демократия, гражданское общество, принципы, методы, теория, практика.

CONTENT AND ESSENCE OF EDUCATION OF GENERAL AND DEMOCRATIC VALUES

The article is devoted to the consideration of the content and essence of the upbringing of universal and democratic values. The universal human values include life, freedom, happiness, as well as peace, the life of mankind, ideas about justice, freedom, rights and obligations of people, friendship and love, family ties, self-preservation values, values of self-affirmation, etc. The fundamental category of universal human values is life. The development of universal values and the formation of a new type of personality are the most important stages in the development of mankind, since today society contributes to the development of moral foundations, which is inseparable from the formation of a personality and from the improvement of his moral consciousness. The democratization of public life in Tajikistan poses many problems of moral and spiritual education along with other pedagogical problems. The author of the article brings up for discussion the positive aspects of civil education of adolescents and youth as the main and main part of the formation and strengthening of a democratic and civil society. The article is written on the basis of many years of work carried out on civil and legal education among adolescents and youth (pupils and students) of the Kulyab State University named after Rudaki, medical and pedagogical colleges, secondary schools of Kulyab and Farkhor districts.

Key words: civil and legal education, democracy, civil society, principles, methods, theory, practice.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдурахмони Муҳаммадӣ*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, омӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров,16. Телефон**: 987672777.**

Сведения об авторе: ***Абдурахмони Мухаммади*** - Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, преподаватель кафедры начального обучения. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова,16. Телефон.: **987672777**

Information about the author: ***Abdurahmoni Muhammadi*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, teacher of the Department of Primary Education. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, Sangak Safarov street, 16. Phone : **987672777**

УДК:37.001.76

ОМӮЗИШИ АМИҚИ ФИЗИКАИ МОЛЕКУЛАВӢ ДАР СИНФҲОИ БОЛОИИ МАКТАБИ МИЁНА

Қодирова Д. Т., Тошматов А.Д.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Олами муосир босуръат тағйир ёфта истодааст, он чизе, ки дах сол пеш нав буд ва ба ҳама маълум набуд, ҳоло ба ҳар як шахс дастрас ва фаҳмо мебошад. Он чизе, ки пештар фақат шахсони алоҳида истифода мебурданд - ҳоло ҳама ва дар ҳама ҷой истифода мебаранд. Дар солҳои охир маводҳои таълимии нав коркард шуда истодаанд. Дар қисми «Физикаи молекулавӣ» назарияи молекулавӣ-кинетикии сохти моддаҳо, ки ҳолатҳои асосии он кайҳо боз дар синфи VII дида баромада шуда буданд, омӯхта мешавад. Физикаро дар синфҳои VII ва VIII омӯхта истода, хонандагон маънидод кардани як қатор ҳодисаҳои физикӣ, хосиятҳои моддаро (хосияти газҳо ва моеъҳо, ҷисми сахт, ҳодисаҳои ҳароратӣ ва ғ.) аз нуқтаи назари сохти дохилии модда омӯхтаанд. Лекин мафҳумҳое, ки мазмуни мавзӯъҳои мувофиқро ташкил медоданд, дар сатҳи тасаввуротҳо омӯхта шуданд. Мо моҳияти ин масъаларо ҳангоми омӯзиши қисми «Физикаи молекулавӣ» дар синфҳои болоӣ, синфи X дида мебароем. Ҳангоми таълими «Физикаи молекулавӣ» дар синфи X донише, ки дар хонандагон мавҷуд аст лозим аст, ки мубрам, амиқтар ва васеътар кунонида шавад Дар физикаи синфи X муодилаи асосии назарияи молекулавӣ-кинетикии газҳо назар ба синфи VII нисбатан амиқтар омӯхта мешавад, дар он хосияти газҳо, моеъҳо ва ҷисмҳои сахт дида баромада мешаванд. Дар ин қисм ҳаракати механикӣ, шакли сифатан нави ҳаракати материя - ҳаракати ҳароратӣ, ки ба қонуниятҳои статистикӣ итоат мекунад ва пештар ба хонандагон номаълум буд, омӯхта мешаванд [1, с. 19].

Ҳангоми омӯзиши қисми «Физикаи молекулавӣ» хонандагон бо мафҳумҳои ибтидоии физикаи статистикӣ шинос мешаванд. Дар ин қисм ҳодисаҳое омӯхта мешаванд, ки чи дар ҳаёти ҳаррӯзаи инсон ва чи дар фаъолияти истеҳсолии ӯ нақши асосӣ мебозанд. Аҳамияти махсусро донишҳо оид ба аз худ намудани ҳодисаҳои ҳароратӣ ҳангоми ҳалли мушкилоти нигоҳдории табиат доро мебошанд. Дар ҳамин вақт, микромеханизми ин ҳодисаҳо аз дарк намудани инсоният пинҳон мондааст ва фақат бо ёрии равандҳои амсиласозӣ дарк карда мешаванд. Барои гузаронидани эксперимент, махсусан мустақилона гузаронидани эксперимент аз тарафи хонандагон аз «Физикаи молекулавӣ», имкониятҳои таҷҳизотҳои таълимии мактабӣ маҳдуд мебошанд. Барои ҳамин ба хонандагон зарурият пайдо мешавад, ки дар асоси он ҳодисаҳои мушоҳидашавандаи "микролам" такя ба донишҳои худ намуда оид ба амсилаҳои объектҳои гуногун ва хушобуранг тасаввур кардани равандҳо, ҳодисаҳо ва таҷрибаҳо хаёлан тасвир карда шаванд. Ҳамаи ин дарк кардани ҳодисаҳои ҳароратӣ ва хосияти моддаҳоро мураккаб мегардонад [1, с. 79]. Қайд намудан лозим аст, ки ба таври мақсаднок татбиқ намудани

маҷмӯи барномаҳо барои сохтани амсилаҳо ҳангоми омӯзиши ҳодисаҳо, ки бевосита барои мушоҳида зарур аст, меафзояд. Ба ин ҳодисаҳо, айнан ҳодисаҳое, ки дар қисми «Физикаи молекулавӣ» омӯхта мешаванд, тааллуқ доранд.Дар мақолаи мазкур методикаи беҳтар аз худ намудани омӯзиши қисми мактабии «Физикаи молекулавӣ», хусусан он қисмҳое, ки бо натиҷаҳои экспериментали муосир (спектроскопия ва дифраксия) ҳамгироӣ доранд, пешниҳод карда мешаванд ва барои дарк кардани хонандагон асбобҳои методологии дастрас (мафҳумҳои мактабии «Физикаи молекулавӣ»), инчунин истифодабарии маҷмӯи барномаҳои аслӣ, ки барои гузаронидани машғулиятҳо, бо хонандагон мувофиқ гардонида шудааст, тавсиф дода мешавад [2, с. 112].

Дар натиҷаи аз худ намудани маводҳои ин фан хонандагон бояд донишҳои амиқ оид ба сохти молекулавии модда ва таъсири мутақобилаи байни онҳо, маҳорати ташаккули хулосаҳои ибтидоӣ оид ба сохти микроскопии моеъҳои одӣ, малакаи истифода бурдани компютерҳои муосир барои ҳалли масъалаҳои хусусии физикаи молекулавӣ дошта бошанд. Яке аз тарзҳои рушди шавқу рағбат ин амсиласозии компютерии равандҳо ва ҳодисаҳои физикӣ мебошад. Мақсади таҳқиқоти мақолаи мазкур рушди татбиқи технологияҳои компютерӣ ва методикаи аслӣ барои амиқ аз худ кардани омӯзиши қисми «Физикаи молекулавӣ» мебошад. Афзалияти методи мазкур дар он аст, ки он дар худ фаъолона истифодабарии компютерҳо, дастгоҳҳои ҳисобкунӣ, инчунин истифодабарии натиҷаҳои экспериментали муосиреро (актуалиеро) пешниҳод менамояд, ки дар натиҷаи он худи хонандагон метавонанд худро дар нақши таҳқиқотчӣ эҳсос намоянд. Муҳиммияти дигараш аз он иборат аст, ки алоқаи байни фанни физика бо химия ба вуҷуд оварда мешавад. Таълим, тарбия ва рушди инсон вазифаҳои асосии мактаб дар давоми ҳамаи таҳсилот дар он ба ҳисоб мераванд.Вазифаҳои аввалини омӯзиши физика дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ дар хонандагон ташаккул додани тасаввурот оид ба физика, ҳамчун қисми маданияти умумиинсонӣ, рушди ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури хонандагон, шинос шудан бо мафҳумҳои бунёдӣ ва қонунҳо физикӣ мебошад. Ҳамаи ин талаботҳо дар минимуми шартии таҳсилот дар Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, мухтасар ифода карда шудаанд [4, с. 219].

Физика – на фақат маҷмӯи натиҷаҳои муайяни илмӣ, ки барои фаровон кардани маводҳои илмии ҳаҷман зиёд, балки барои рушди нуқтаи назари махсус ба табиат, ҷаҳонбинӣ, муносибат ба воқеият, ки дар дигар соҳаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба ӯ монанд вуҷуд надорад, оварда мерасонад. Фаровон будани маводи физикӣ ва амиқии тавсифи он дар ҳақиқат ба ҳамаи хонандагон лозим нест. Омӯзиши физика набояд фақат бо формулаҳо маҳдуд бошад, он барои рушди асосҳои пуразиши ҷаҳонбинӣ ва зеҳнии хонандагон дар таълим ва тарбияи давраи мактабӣ зарур аст. Имкониятҳои таҷҳизотҳои таълимии мактабӣ (проектор, компютерҳо, машинаҳои ҳисоббарорӣ) барои гузаронидани эксперименти намоишдиҳӣ аз физикаи молекулавӣ бисёр маҳдуд аст. Ба ғайр аз ин, ҳатто гузаронидани эксперимент имконият намедиҳад, ки бевосита микромеханизми ҳодисаҳо ва сохти (таркиби) дохилии модда дарк карда шавад. Предмети тадқиқот ин методикаи татбиқ кардани маҷмӯаи барномавӣ ҳангоми омӯзиши қисми «Физикаи молекулавӣ» мебошад.Физикаи молекулавӣ – қисми физикаест, ки хосияти физикии ҷисмҳоро дар асоси дида баромадани сохти молекулавии онҳо меомӯзад. Вазифаи физикаи молекулавӣ бо методҳои механикаи статистикӣ, термодинамика ва кинетикаи физикӣ ҳал карда мешаванд, онҳо бо омӯзиши ҳаракат ва таъсири мутақобилаи заррачаҳо (атомҳо, молекулаҳо, ионҳо), ки ҷисми физикиро ташкил медиҳанд, алоқаманд мебошанд.

Пешакӣ муайян мекунем, ки ҷисми макроскопӣ чист – ин ҷисмест, ки аз адади зиёди заррачаҳо (мисол: сайёраи мо, мошин, инсон, саққои биллярд) ва ҷисми микроскопӣ – ҷисмест, ки аз як, ё ин ки якчанд заррача (Мисол: атом, молекула, электрон) иборат аст.

Якумин маротиба барои омӯзиши қисми физикаи молекулавӣ назарияи кинетикии газҳо ба шакли муайян дароварда шуда буд, дертар дар раванди рушди он бо ёрии корҳои олимони бузург, монанди Ҷеймс Клерк Максвелл, Ҷ. У. Гиббс, Людвиг Болтсман физикаи классикии статистикӣ эҷод карда шуд [3, с. 67]. Тасаввуротҳои сифатӣ оид ба таъсири мутақобилаи молекулаҳо, аниқтараш оид ба қувваҳои молекулавӣ дар назарияи ҳодисаҳои капиллярӣ сарчашма гирифта, рушд ёфтанд. Алекс Клод Клеро (1743), С. Д. Пуассон, Томас Юнг (1805), Пер-Симон Лаплас (1806), Карл Фридрих Гаусс (1830-1831) ва дигарҳо ибтидои назарияи ҳодисаҳои сатҳиро гузоштанд [3, с. 87].

Таъсири мутақобилаи байни молекулаҳо ҳангоми маънидод кардани хосиятҳои физикии моеъҳо ва газҳои реалӣ дар корҳои Й. Д. Ван-дер-Ваалс ба назар гирифта шуда буданд. Дар ибтидои асри ХХ физикаи молекулавӣ ба давраи нави рушд дохил шуд. Дар корҳои Жан Батист Перрен ва Теодор Сведберг (1906), Мариан Смолуховский ва Алберт Эйнштейн (1904—06), ки ба ҳаракати броунии микрозаррачаҳо бахшида шудааст, исботи ҳақиқии мавҷудияти молекулаҳо ҳосил карда шуданд [2, с. 47].

Барои он ки фаҳмида шавад, ки фарқи байни физикаи термодинамикӣ ва молекулавӣ дар чист, ба хотир меорем, ки термодинамика чист. Термодинамика (аз калимаи юнонӣ «ҳарорат» ва «қувва») –қисми физика, ки хосиятҳои умумии системаҳои макроскопӣ ва тарзҳои интиқол ва табдилёбии энергияро дар чунин системаҳо меомӯзад.

Инчунин қайд кардан мумкин аст, ки физикаи молекулавӣ ва термодинамика аз рӯйи моҳият ва муносибати худ ду илми гуногун мебошад, ки байни худ зич алоқаманд мебошанд ва ин илмҳо ҳамон хосиятҳои макроскопии системаҳои физикиро бо методҳои гуногун меомӯзад. Физикаи молекулавӣ назарияи статистикӣ мебошад, яъне назарияе, ки рафтори системаҳое, ки аз ададди бузурги заррачаҳо (атомҳо, молекулаҳо) иборат буда, дар асоси амсилаҳои эътимоднок дида баромада мешаванд. Дар асоси муносибатҳои статистикӣ алоқаи байни бузургиҳо ба таври экспериментлӣ чен карда (ҳарорат, фишор ва ғ.), характеристикаҳои микроскопии заррачаҳоро, ки дар таркиби системаҳо (масса, энергия, импулс ва ғ.) ҷойгиранд, барқарор менамояд.Боз як фарқияти термодинамикаро аз назарияи молекулавӣ-кинетикӣ меорем: термодинамика ҳангоми омӯзиши хосияти системаҳои макроскопӣ ба ягон тасаввуротҳо оид ба сохтори молекулавии моддаҳо такя намекунад. Он дар асоси қонунҳое, ки дар таҷриба барқарор карда шудааст, монанди қонуни бақои энергия, оид ба хосиятҳои моддаҳо, хулосаҳо мебарорад. Термодинамика фақат бо бузургиҳои макроскопӣ (ҳарорат, фишор, ҳаҷм ва м. и.), ки дар асоси экспериментҳои физикӣ дохил карда мешаванд, такя мекунад [2, с. 33]. Якҷоя истифода бурдани термодинамика ва назарияи молекулавӣ-кинетикӣ мумкин аст, ки аз ҳама бештар тасаввуротҳоро оид ба хосияти сисемаҳое, ки аз ададди бузурги заррачаҳо иборат аст, пешнҳод намояд.

Дар мақолаи мазкур масъалаҳое ҳал карда шуданд, ки бо кор карда баромадани методикаи амиқ омӯхтани қисми мактабии «Физикаи молекулавӣ» алоқаманд аст. Маҷмӯаи барномавӣ сохта шуд, ки бо онҳо хонандагон метавонанд мустақилона кор кунанд. Муҳимаш он аст, ки маҷмӯаи барномаи мазкур дар асоси методҳои муосири физикаи статистикӣ кор карда баромада шудааст ва он имконият медиҳад, ки натиҷаҳои экспериментлӣ аз рӯйи дифраксияи нейтронҳо ва нурҳои рентгенӣ дар одитарин системаҳои яз як ташкилдиҳанда иборат буда (махсусан моеъҳои сода) шарҳу эзоҳ дода шаванд. Дар натиҷаи омӯзиши барнома таълимгирандагон бояд дониш ва маҳорате, ки барои ҳалли масъалаҳо ҳосил кардаанд, татбиқ намоянд.

Чи хеле ки қайд намудем, ҳангоми омӯзиши физикаи молекулавӣ дар мактаб мушкилоти муайян вуҷуд доранд, якум ин ки вақти ба ихтиёр гузошташуда нокифоя мебошад ва сабаби дуюм паст будани сатҳи дониш мебошад.

АДАБИЁТ

1. Буховцев Б. Б. Молекулярно - кинетическая теория: Учебник Физика. 9 класс/Б. Б. Буховцев, Ю. Л. Климонтович, Г. Я. Мякишев. -М.: Просвещение, 1982.-272 с.
2. Касьянов В. А. Агрегатные состояния вещества: Учебник по физике 10 класс В. А. Касьянов. - Москва: Дрофа, 2000. - 420 с.
3. Мокшин А. В. Микроскопическая динамика и структурообразование в неупорядоченных конденсированных средах: диссертация на соискание ученой степени док. физ.-мат.наук /А. В. Мокшин. - К.-2014, 257 с.
4. Стандарти давлатии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ташкили усулҳои нави таълим, ҳавасманд сохтани таълимгирандагон барои таҳсилоти босифат. - Душанбе, 2008. - 456 с.
5. Смолянинова, О.Г. Организация компьютерных уроков по физике в системе развивающего обучения: Автореф. дис. .канд. пед. наук / О.Г. Смолянинова.- СПб., 1992. 17 с.
6. Талызина, Н.Ф. Внедрению компьютеров в учебный процесс научную основу / Н.Ф. Талызина // Совет, педагогика - 1985 - №12.- С. 34-38.
7. Физика: Учеб. пособие для 10 кл. школ и классов с углубл. изучением физики / Под ред. А.А. Пинского. М.: Просвещение, 1993 - 420 с.
8. Филимонов, Г.А. Компьютер в учебной физической лаборатории/ Г.А. Филимонов, А.Н. Горленков // Применение новых компьютерных технологий в образовании: Тез. междунар. конф. Троицк, 1991.
9. Харитонов, А.Ю. Формирование информационной культуры учащихся основной школы в процессе обучения физике: Автореф. дис. .канд. пед. наук/ А.Ю. Харитонов Самара, 2000. - 13с.
10. Шахмаев, Н.М. Физика: Учеб. для 10 кл. средней шк. / Н.М. Шахмаев, С.Н. Шахмаев, Д.Ш. Шодиев. М.: Просвещение, 1992.- 240 с.

ОМӮЗИШИ АМИҚИ ФИЗИКАИ МОЛЕКУЛАВӢ ДАР СИНФҲОИ БОЛОИИ МАКТАБИ МИЁНА

Дар мақолаи мазкур мубрамияти масъала ҳангоми омӯзиши қисми «Физикаи молекулавӣ» дар синфҳои болоӣ, дида баромада шудааст. Бо ин мақсад мо методикаи амиқ аз худ намудани омӯзиши қисми мактабии «Физикаи молекулавӣ», хусусан он қисмҳое, ки бо натиҷаҳои экспериментлии муосир ҳамгироӣ доранд, пешниҳод намудем бо ин мақсад ҷанбаи методологии дастрас, инчунин истифодабарии маҷмӯи барномаҳои аслиро, ки барои гузаронидани машғулиятҳо, бо хонандагон мувофиқ гардонида шудаанд, тавсиф додем. Афзалияти методи мазкур дар он аст, ки он дар худ фаъолона истифодабарии компютерҳо, дастгоҳҳои ҳисобкунӣ, инчунин истифодабарии натиҷаҳои экспериментлии муосиреро пешниҳод менамояд, ки дар натиҷаи он худи хонандагон метавонанд худро дар нақши таҳқиқотчӣ эҳсос намоянд. Муҳиммияти

дигараш аз он иборат аст, ки алоқаи байни фанни физика бо химия ба назар мерасад. Инчунин, дар натиҷаи таҳқиқот хонандагон хубтару беҳтар қисми «Физикаи молекулавӣ»- ро аз худ менамоянд.

Калидвожаҳо: физикаи молекулавӣ, термодинамика, назарияи молекулавӣ-кинетикӣ, физикаи статистикӣ, физикаӣ кинетикӣ, дифраксияи нейтронҳо ва нурҳои рентгенӣ, экспериментҳои физикӣ.

УГЛУБЛЕННОЕ ИЗУЧЕНИЕ МОЛЕКУЛЯРНОЙ ФИЗИКИ В СТАРШИХ КЛАССАХ

В данной статье рассмотрена актуальность изучения молекулярной физики в старших классах -10 классах. С этой целью мы предложили методику углубленного изучения школьного раздела молекулярной физики, особенностью которого является сочетание современных экспериментальных данных с доступным для понимания школьников методологическим аппаратом, а также предлагается использование оригинального программного комплекса, адаптированного к проведению занятий со школьниками. Преимуществом данного метода является то, что он предполагает активное использование компьютеров, вычислительных устройств, а также использование современных (актуальных) экспериментальных данных, в результате чего сами учащиеся смогут почувствовать себя в роли исследователей. И второй немаловажный момент заключается в том, что реализуются межпредметные связи физики с химией, нет никакой оторванности от современных результатов. Как еще один плюс можно отметить то, что в результате применения данной методики школьники лучше усваивают раздел молекулярной физики.

Ключевые слова: молекулярная физика, термодинамика, молекулярно-кинетическая теория, статистическая физика, физическая кинетика, нейтронная дифракция и рентгеновское излучение, физический эксперимент.

IN-DEPTH STUDY OF MOLECULAR PHYSICS IN THE HIGH SCHOOL

This article discusses the relevance of studying molecular physics in high school -10 grades. To this end, we proposed a methodology for in-depth study of the school section of molecular physics, a feature of which is the combination of modern experimental data with a methodological apparatus that is understandable for schoolchildren, and we also propose the use of an original software package adapted to conduct classes with schoolchildren. The advantage of this method is that it involves the active use of computers, computing devices, as well as the use of modern (relevant) experimental data, as a result of which the students themselves will be able to feel themselves in the role of researchers. And the second important point is that interdisciplinary connections between physics and chemistry are being realized, there is no isolation from modern results. As another plus, it can be noted that as a result of using this technique, schoolchildren better master the section of molecular physics.

Key words: molecular physics, thermodynamics, molecular kinetic theory, statistical physics, physical kinetics, neutron diffraction and X-ray radiation, physical experiment.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Қодирова Дилафрӯз Толибовна*** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров,16. Телефон**: 987672777.**

Тошматов Абдунаби Давлатович - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои физика, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров,16.

Сведения об авторах: ***Кодирова Дилафруз Толибовна*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой методики преподавания физики и технологии материалов. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова,16.
Телефон:**93-538-00-33**,

Тошматов Абдунаби Давлатович – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, 17, кандидат педагогических наук,старший преподаватель кафедры методики преподавания физики и технологии материалов. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова,16.

Information about the authors: ***Kodirova Dilafruz Tolibovna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, candidate of pedagogical sciences, head of the department of teaching methods of physics and technology of materials. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, Sangak Safarov street, 16. Phone: **93-538-00-33**,

Toshmatov Abdunabi Davlatovich - Kulyab State University named after A. Rudaki, 17, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the Department of Methods of Teaching Physics and Technology of Materials. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, Sangak Safarov street, 16.

УДК 371.012

БАЪЗЕ ПРИНСИПҲОИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН

Рачабова Н.М., Шарипов А.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар ҷомеаи муосир равандҳои дигаргуниҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ рӯй дода, шароити нави иқтисодии фаъолият фароҳам меояд ва муносибатҳои усулан нави иҷтимоӣ шакл мегиранд.Дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа дар солҳои охир рӯй медиҳанд, психология, тамоюлҳои маънавӣ ва рафтору кирдори одамонро тағйир медиҳанд. Ҳамаи ин ба ташаккули арзишҳои маънавии насли ҷавон таъсир мерасонад. Насли ҷавон ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоӣ мавриди таҳқиқоти

доимии психологҳо ва ҷомеашиносон қарор дорад, зеро маҳз ҷавонон нишондиҳандаи дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа мебошанд. Бознигарии арзишҳо, ки имрӯз сурат мегирад, дар шуури ин гурӯҳи иҷтимоӣ бештар зоҳир мегардад. Арзишҳо заминаҳои маънисози ҳастии инсон буда, самтгирӣ ва сабабу ангезаҳои ҳаёт, фаъолият ва рафтору кирдори инсонанд [2,с.36]; арзишҳо - заминаи фаъолияти ҳаафмандонаи инсон, ки ҳастии созгорро дар олам имкон медиҳад [2,с.80]. Ба таҳкурсии арзишии насли наврас ба андозаи бештаре вазъияти ояндаи ҷомеа вобаста мебошад.

Л.С.Виготский [3] бар ин назар аст, ки дар муносибатҳои шахсият бо олам неруи фарҳангӣ-арзишии ҷомеаи инсонӣ ошкор мегардад, бинобар ин, фарҳанг ва мероси фарҳангии ҳама гуна халқ аҳамияти хос касб менамояд. Имрӯз механизми тарбиявиеро бунёд бояд кард, ки ба замони муосир «мувофиқ» бошад. Ин заруратро бекадр гардидани идеалҳои ахлоқӣ дар ҷомеаи мо ба миён овард. Маҳз бо ҳамин сабаб дар марҳалаи муосири рушди ҷомеа нақши иҷтимоии муассисаи таҳсилоти олӣ меафзояд. Мактаби олӣ ба ташаккули шахсият таъсир расонида, барои ҳифз намудан, инкишоф додани мероси маънавӣ имкон медиҳад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «зери мафҳуми таҳсилот раванди мақсадноки таълиму тарбия ба манфиати инсон, ҷомеа, давлат…» фаҳмида мешавад [8,с.5]. Аз ин бармеояд, ки таҳсилот яке аз омилҳои пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад, ки шаҳрванди ботарбия ва соҳибмаълумотро ташаккул дода, ба интихоби мустақилонаи роҳи зиндагӣ, ҳадафҳо, арзишҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва шароити зиндагияш аз ҷониби ӯ мусоидат менамояд. Ба аҳамияти тарбиявии фанҳои гуманитарӣ, аз ҷумла, забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад, зеро омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо мақсади ягона, балки воситаи воридшавӣ ба фарҳанги дигар мебошад.

Забон махзани фарҳанг аст, дар он тамоми таҷрибаи маърифатии халқ, идеалҳои иҷтимоию фарҳангӣ, бадеиву эстетикӣ, тарбиявӣ таҷассум ёфтаанд. Барои он ки дар раванди таълим тарбияи маънавию ахлоқӣ ва эстетикӣ роҳандозӣ гардад, низоми шаклҳо, методикаҳо ва технологияҳои аз лиҳози педагогӣ мувофиқи мақсад заруранд, ки ба назардошти тарзи дигари тафаккур асос ёфтаанд. Аз ин ҷо таълими забони хориҷӣ бештар самаранок мегардад, агар тариқи истифодаи матнҳои бадеии дар доираи фарҳангҳои гуногун офарида амалӣ шавад. Ин ба ташаккули самарабахши коммуникатсияи байнифарҳангӣ мусоидат менамояд. Нақши тарбиявии адабиёти бадеӣ ва назм бузург аст. Онҳо рушди муносибати шахсии донишҷӯёнро ба падидаҳои ахлоқӣ имкон медиҳанд, ки фаҳмиши шахсиятии арзишҳои ҷамъиятиро таъмин менамояд. Тавассути омӯзиши забони хориҷӣ донишҷӯён на танҳо дар бораи анъанаҳо, балки хулқ, урфу одатҳои хосси фарҳангҳои дигар тасаввурот пайдо мекунанд.

Дидгоҳи ҳамгиро (умумифалсафӣ, иҷтимоию психологӣ, психологию педагогӣ) нисбат ба ташаккулу рушди тасаввуроти арзишии донишҷӯён тариқи татбиқи методҳо, тарзу воситаҳои таълими забони хориҷӣ зарур аст. Барои ташаккули асосҳои илмии коммуникатсияи байнифарҳангӣ инкишоф додани назария ва амалияи таълиму тарбия лозим аст, ки ба муайянкунии тамоюлҳои арзишии шахсияти донишҷӯ асос ёфтааст. Ин мутамарказ намудани шахсият ба арзишҳои худӣ ва самтбахшии ӯ ба арзишҳои умумиинсонӣ мебошад. Ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ - фароҳам овардани шароити педагогӣ, фазои зарури психологӣ дар раванди таълим, коркарди барномаҳои махсус, интихоби методҳо, воситаҳо, методикаҳои ташхисӣ.

Ба андешаи мо, методҳои бештар самараноки ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони англисӣ инҳоянд: дидактикӣ, методҳои иҷтимоию психологии тамоюлашон коммуникативӣ, технологияҳои ба шахсият нигаронида шуда. Воситаҳои натиҷабахши ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён - Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, барномаҳои корӣ оид ба забони хориҷӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълим, воситаҳои аудиоӣ (шунавоӣ), захираҳои видеоӣ, иқлими психологӣ, шаклҳои инноватсионии гузаронидани машғулият: видео - дарс, дарс - лоиҳа, дарс - экскурсия, дарс дар шакли лексия бо робитаи мутақобил, дарс - бозӣ. Ба ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ механизами умумии ташаккули онҳо дар шахсият ва тартиби дар ҷомеа ҳукмфармои арзишҳо таъсир мерасонад. Барои ташаккул додани арзишҳои маънавию ахлоқӣ риояи чунин принсипҳои педагогӣ зарур аст: - принсипи системанокии ташаккули маънавию ахлоқии шахсият дар раванди таҳсилоти забони хориҷӣ; - принсипи самтгирӣ ба ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ бо воситаҳои забони хориҷӣ; - принсипи воридшавӣ ба муҳити забонӣ; - принсипи дидгоҳи ба шахсият нигаронидашуда дар раванди таълими забони хориҷӣ.

Ба инсони муосир, ки ба раванди таъсири мутақобил бо намояндагони фарҳангҳои дигар ҷалб шудааст, на танҳо доштани захираи ғании луғавӣ ва талаффузи хуб, донистани грамматикаи забони омӯхташаванда, балки дар худ ташаккул додани салоҳияти байнифарҳангӣ зарур аст. Он имкон медиҳад, ки шахс ҳангоми гуфтугӯ ба вазъияти

ғайриинтизор зуд сарфаҳм равад; тактикаи мувофиқи рафтори гуфториро дар вақти суҳбат муайян намояд; воситаҳои муайянро аз захираи маълум босаводона истифода барад ва ниҳоят, ин воситаҳоро мутобиқи вазъият татбиқ намояд. Ҷиҳатҳои хосси ташаккулёбии арзишҳои маънавию ахлоқӣ инҳоянд: 1) интихоби арзишҳои афзалиятнок; 2) дарки амиқи арзишҳои маънавӣ; 3) фаҳмиши аҳамияти арзишҳои маънавӣ; 4) ифода гардидани арзишҳои маънавӣ дар рафтори инсон. Дар байни вазифаҳои аввалиндараҷаи таҳсилоти олии касбӣ дар замони ҳозира масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва рушди шахсияти мутахассиси ҷавонро таъкид бояд кард.

Хусусияти асосии тарбияи ахлоқӣ, ки онро аз дигар зуҳурот ва равандҳо фарқ мекунонад, дар он ифода меёбад, ки бо соҳиб шудан ба мақсаду вазифаҳои худ вай метавонад муаммоҳои хешро танҳо тавассути мақсад ва вазифаҳо, мундариҷаи моддии ҳамаи намудҳои фаъолият ва муошрати инсон ҳаллу фасл кунад.

Ҳама гуна навъи фаъолият ва муошрати инсон ду ҷанба ё вазифа дорад: моддӣ ва тарбиявӣ. Вазифаи тарбиявӣ метавонад тавассути мундариҷаи тарафи моддии фаъолият ва муошират амалӣ карда шавад. Берун аз мундариҷаи фаъолият ҳаргиз сухан дар мавриди “тарбияи соф”, фаъолияти тарбиявӣ намеравад. Дар ин ҳолат моҳияти моддии фаъолият ва муошрати ахлоқии одамон мундариҷаи тарбияро муайян мекунад, ки хусусияти муҳимми онро ҳамчун ғариза ва раванди иҷтимоӣ фаро мегирад. Тарбияи ғайримоддӣ маънии тарбияи бемундариҷаи моддӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ мебошад ва аз ин ҷост, ки он ҳамчун тахаюли ғайримоддӣ ва тафаккуру шуури маънавӣ баромад мекунад. Раванди тарбияи ахлоқӣ дар худ на танҳо объект ва субъекти таъсиррасонии тарбиявиро дар бар мегирад, балки он воситаи моддии ин таъсиррасониро низ фаро мегирад, ки берун аз он ҳама гуна шаклҳои таъсиррасонии тарбиявии ҷамъиятӣ ва инфиродӣ сурат мегирад. Вазифаи тарбиявӣ дар соҳаи фарҳанги ахлоқии фаъолият маҷмӯаи гуногуншаклии маърифатӣ ва ғоявие мебошад, ки яке аз ҷойҳои муҳимро дар бар мегирад ва танҳо дар асоси вазифаҳои моддии ин фаъолият ба амал бароварда мешавад. Аз ҷумла, таъйиноти асосии вазифаи тарбиявӣ ташаккул ва интишори фарҳанги ахлоқӣ ба шумор меравад. Вазифаи тарбиявӣ дар ин самт метавонад танҳо дар асоси мундариҷаи ахлоқӣ-фарҳангии он мавриди амал қарор бигирад. Хислати тарбиявии таълим ва маълумот, яъне ба вуҷуд омадани фарҳанги умумиинсонӣ, ахлоқ, самтҳои шаҳрвандӣ, рафтори шахсият мебошад, ки мумкин аст танҳо дар асоси фаъолияти махсуси вобаста ба интиқол ва азхудкунии донишҳои ахлоқӣ - фарҳангӣ, маҳорат ва қобилият, усул ва воситаҳои педагогӣ ба амал бароварда шавад.Моҳият ва натиҷаи тарбиявии ҳамаи намудҳои фарҳанги ахлоқии фаъолияти инсон тавассути муошират, муносибатҳои байнишахсӣ ва ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ки усул ва хислати ин фаъолиятро фаро мегиранд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ҳамчун тарафи муҳимми фаъолият ва муошрати инсон на танҳо шаклҳои объективии мушаххасу таърихии муносибатҳои одамон дар истеҳсолот, балки шаклҳои муайяни сохтори иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа низ мебошанд. Онҳо ҳамчунин шакли мавҷудият ва зуҳури сохтори шахсият, моҳияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии афроди ҷомеаро ба вуҷуд меоранд. Муошират ҳамчун шакли мавҷудияти муносибатҳои ахлоқӣ - фарҳангӣ дар ҳаёти воқеӣ онро ифода мекунад, ки ҳар як инсони ҷудогона ба сифати педагоги ғайрирасмӣ, мураббии инсони дигар мебошад. Ин раванди ҳаққонии тарбия ва таълими ҳамдигарии одамон мустақиман муоширатро ба вуҷуд меоварад. Педагогикаи воқеии ҷамъиятӣ бидуни истисно соҳаи ҳаёт ва фаъолияти ахлоқӣ - фарҳангии одамон дар самтҳои иқтисодӣ, ҷамъиятӣ - сиёсӣ, маънавӣ - зебоишиносӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ ба шумор меравад.Муошират чун шакли касбии маҷмӯи муносибатҳои зерини ахлоқӣ- фарҳангӣ дар худ на танҳо афкор, ҳиссиёт ва иродаи одамон ва ҷаҳони маънавии онҳоро дар бар мегирад, балки, дар навбати аввал, ҷаҳони маънавиеро фаро мегирад, ки дар асоси он танҳо мумкин аст, ки тарафҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, фаъолнокии тарбия ба амал бароварда шаванд. Талаботи ҷомеаи муосир ва истеҳсолот - омода намудани мутахассис бо фарҳанги касбии сатҳаш баланд мебошад, ки неруи маънавию эҷодӣ дорад. Ҳалли ин муаммо ба инсонгароёна намудани таҳсилот, яъне бунёди барномаи нави ташаккулу рушди олами маънавии инсон дар шароити тамаддуни фаротехногении асри XXI ва рушди озодонаву ҳаматарафаи шахсият, иштироки фаъолонаи ӯро дар ҳаёти ҷомеа таъмин намудани раванди таҳсилот вобаста мебошад. Дар ин замина забони хориҷӣ нақши муассир дорад, ки ба шарофати он таъсири мутақобили фарҳангҳо рӯй медиҳад ва ин яке аз матлабҳои калидии консепсияи муосири таҳсилот ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 227). – Душанбе, 2011. -93с.
2. Бахтин М.М. Автор и герой: К философским основам гуманитарных наук /М.М. Бахтин. – М.: СПб.: Азбука, 2000. -336 с.

3. Выготский Л.С. Собрание соч.: В 6 т. /Л.С. Выготский. – М., 1982.
4. Гулмадов Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов /Ф. Гулмадов**.** – Душанбе: Ирфон, 2015. – 340 с.
5. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: дисс.докт.пед.наук. /И.Х.Каримова. - Душанбе, 2000. -385с.
6. Каримова И.Х. Учитель-творец добра и прогресса. /И.Х.Каримова Ф.Шарифзода. –Душанбе: Ирфон, 2010. – 179 с.
7. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (бо қарори ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ гардидааст). – Душанбе, 2006. – 26 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». - Душанбе, 2013.
9. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. / М.Лутфуллоев.– Душанбе, 2006.-324с.
10. Шаропов Ш.А. Муошират ва худшиносӣ / Шаропов Ш.А.– Хуҷанд, 2017. -304с.

БАЪЗЕ ПРИНСИПҲОИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола баъзе принсипҳои ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар шароити муосир баррасӣ шудаанд. Қайд мегардад, ки дар марҳалаи муосири инкишофи ҷомеа нақши муассисаҳои таҳсилоти олӣ меафзояд. Дар мақола принсипҳои асосии ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён таҳлил гардида, қайд карда мешавад, ки моҳият ва натиҷаи тарбиявии ҳамаи намудҳои фарҳанги ахлоқии фаъолияти инсон тавассути муошират, муносибатҳои байнишахсӣ ва ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ки усул ва хислати ин фаъолиятро фаро мегиранд. Дар мақола қайд шудааст, ки барои ташаккули асосҳои илмии коммуникатсияи байнифарҳангӣ инкишоф додани назария ва амалияи таълиму тарбия лозим аст, ки ба муайянкунии тамоюлҳои арзишии шахсияти донишҷӯ асос ёфтааст. Дар асоси таҳлили ин масоил муаллиф қайд менамояд, ки хислати тарбиявии таълим ва маълумот, яъне ба вуҷуд омадани фарҳанги умумиинсонӣ, ахлоқ, самтҳои шаҳрвандӣ, рафтори шахсият мебошад, ки мумкин аст танҳо дар асоси фаъолияти махсуси вобаста ба интиқол ва азхудкунии донишҳои ахлоқӣ - фарҳангӣ, маҳорат ва қобилият, усул ва воситаҳои педагогӣ ба амал бароварда шавад. Хулоса мешавад, ки ҷиҳатҳои хосси ташаккулёбии арзишҳои маънавию ахлоқӣ аз интихоби арзишҳои афзалиятнок; дарки амиқи арзишҳои маънавӣ; фаҳмиши аҳамияти арзишҳои маънавӣ; ифода гардидани арзишҳои маънавӣ дар рафтори инсон иборатанд.

Калидвожаҳо: арзишҳои ахлоқӣ, ташаккул, ҷавонони донишҷӯ, принсипҳо, методҳои интерактивӣ, раванди таълиму тарбия, таъсироти мутақобил, шартҳои педагогӣ, омӯзгор.

О НЕКОТОРЫХ ПРИНЦИПАХ ФОРМИРОВАНИЯ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ СТУДЕНТОВ

В статье рассматривается вопрос о некоторых принципах формирования духовно-нравственных ценностей студенческой молодежи в современных условиях. Отмечается, что на современном этапе развития общества возрастает социальная роль вуза. В статье анализируются основные принципы формирования духовно-нравственных ценностей студентов и отмечается, что содержание и результаты воспитания всех видов культуры нравственности осуществляются через общение, личностное и общественные отношения, которые охватывают методы и особенности этой деятельности. В статье отмечается, что для формирования научной основы межкультурной коммуникации необходимо разработать теорию и практику обучения, в основе которой лежит выявление ценностных тенденций личности студента. Основываясь на анализе этих проблем, автор подчеркивает, что образование и знания, т.е. возникновение универсальной культуры, этики, гражданской ориентации, поведения личности может основываться только на специальных действиях, связанных с передачей и приобретением нравственно-культурных знаний навыков и умений, педагогических методов и инструментов. Делается вывод о том, что характерными чертами сформированности духовно-нравственных ценностей являются: выбор приоритетных ценностей; глубокое познание духовных ценностей; понимание важности духовных ценностей; выражение духовных ценностей в поведении человека.

Ключевые слова: духовно-нравственная ценность, формирование, студенческая молодежь, принципы, интерактивные методы, учебно-воспитательный процесс, взаимодействие, педагогические условия, преподаватель

ON SOME PRINCIPLES OF THE FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL VALUES OF STUDENTS

The article considers the question of some principles of the formation of spiritual and moral values of students in modern conditions. It is noted that at the present stage of development of society, the social role of the university is increasing. In the article analyzing the basic principles of the formation of spiritual and moral values of students, it is noted that the content and results of the upbringing of all types of moral culture are carried out through communication, personal and social relations that encompass the methods and characteristics of this activity.The article notes that for the formation of the scientific basis of intercultural communication, it is necessary to develop a theory and practice of teaching, which is based on the identification of value trends of the student's personality. Based on the analysis of these problems, the author emphasizes that the educational nature of education and knowledge, i.e. the emergence of a universal culture, ethics, civic orientation, personality behavior, can only be based on special actions related to the transfer and acquisition of moral and cultural knowledge. skills, pedagogical methods and tools.It is concluded that the characteristic features of the formation of spiritual and moral values are: the choice of priority values; deep knowledge of spiritual values; understanding the importance of spiritual values; expression of spiritual values in human behavior.

Key words: spiritual and moral value, formation, students, principles, interactive methods, educational process, interaction, pedagogical conditions, teacher

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Рачабова Нигора Мирҳакимовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **nigor.m@mail.ru** Телефон: **+992888829600**
Шарипов Абдуҳаким Абдуазизович – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: **918837007**.E-mail:**Sharif_Abdu@ mail.ru**

Сведения об авторах: ***Раджабова Нигора Мирхакимовна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1E-mail:**niqor.m@mail.ru** Телефон: **+992888829600**
Шарипов Абдухаким Абдуазизович – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1Телефон: **918837007**.E-mail**:Sharif_Abdu@ mail.ru**

Information about authors: ***Rajabova Nigora Mirkhakimovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution. **Address:** 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage, E-mail**: niqor.m@mail.ru** Phone:: **+992888829600**
Sharipov Abdukhakim Abduazizovich - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution. **Address:** 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage. Phone: **918837007**.E-mail: **Sharif_Abdu @ mail.ru**

УДК:372.851

МЕТОДИ АЛГОРИТМӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ КУРСИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Бурҳонов Қ.Т.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Алгоритм «Algoritm» аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, аввалин маротиба аз ҷониби олими намоёни осиёимиёнагӣ ал-Хоразмӣ пешниҳод шудааст. Алгоритм, алгорифм ин бо тартиби муайян иҷро намудани системаи амалҳое мебошад, ки дар ҳалли масъалаҳои типӣ истифода мешавад. Дар асрҳои миёна чор қоидаи арифметикиро дар системаи даҳӣ алгоритм меномиданд. Ин амалро бори нахуст дар асри IX олими машҳури хоразмӣ дар асараш «Ҳисоб-ал-ҳинд» ҷорӣ кард. Баъдан дар Аврупо ин қоида бо истилоҳи алгорифм истифода бурда шуд. Минбаъд он ба «алгоритм» табдил ёфт. Дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ ин усулро васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Ал - Хоразмӣ ба он мекӯшид, ки қоидаҳои аз тарафи ӯ пешниҳод-шуда барои ҳама фаҳмо бошанд. Комёб шудан ба ин амал хеле мушкил буд, зеро ҳоло символикаи математикӣ (аломатҳои амалҳо, қавс, ишораи ҳарфӣ ва ғ.) коркард нашуда буданд. Аммо ба ӯ муяссар шуд, ки услуби дақиқи тавсифи шифоҳиро кор карда барояд, вале он ба хонанда имконият намедод, ки аз нишондодҳо берун барояд ва ё ягон амалро партояд.

Қоидаҳо дар асарҳои бо забони лотинӣ тарҷумашудаи ал - Хоразмӣ бо ибораи «алгоризми гуфт... » оғоз мешуданд. Дар тарҷумаҳои дигари лотинии асарҳояш муаллиф ҳамчун адгоритмус ном гирифта шудааст. Бо гузашти вақт ин қоидаву нишондодҳо алгоритм ном бурда шуданд, зеро ки алгоризм (Алгоритмус) – ин номи муаллиф мебошад.

Алгоритм - ҳама гуна системаи ҳисобкунихое мебошад, ки аз рӯйи қоидаҳои муайян иҷро карда мешаванд. Алгоритм - қоидаи амалҳо, пайдарпайии гузаронидани амалиётҳои ҳисобкунӣ, тарзи ёфтани натиҷаи ҷустуҷӯшаванда аст. Алгоритм - қоидаи амалҳо, пайдарпайии гузаронидани амалиётҳои ҳисобкунӣ, тарзи ёфтани натиҷаи ҷустуҷӯшаванда аст [2]. Дар як қатор корҳои илмии Грабар М.Н., Краснянская К.А, Завирикин В.М., Житомирский В.Г., Илина Т.А., Телнова Ж.Н. имкониятҳо ва зарурати баланд бардоштани сифати таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи ташаккул ва инкишоф додани маданияти алгоритмии онҳо ва омодагии мувофиқи муаллимони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ шудаанд. Аммо дар тадқиқотҳои мазкур ба имкониятҳои инкишофёфтаистодаи алгоритмҳо ва нишондодҳои типи алгоритмӣ ба қадри кофӣ диққат дода нашудааст, зеро ки шароитҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба воситаи алгоритмкунонӣ таъминкунанда асоснок карда нашудаанд ва низоми алгоритмҳо, нишондодҳо, технологияи амалигардонии он дар таълими хонандагони хурдсол, хусусан, бо баинобатгирии талаботҳои муосир ба ташкили раванди маълумотгирӣ мавҷуд нестанд. Бинобар ин, муаммо оид ба мақсаднокӣ ва самаранокии алгоритмкунонии фаъолияти таълимӣ дар мактабҳои ибтидоӣ то ҳол баҳсталаб боқӣ мемонад. Таълим додани унсурҳои алгоритмкунонӣ дар синфҳои ибтидоӣ бисёр муҳим аст. Тавсиф тариқи қадам ба қадам, давра ба давра, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дастрас аст. Тартиб додани алгоритм ба хонандагон барои ҳал намудани мисолҳо, инчунин барои назорат намудани амалиётҳои худ имконият медиҳад. Масалан, дар вақти ҳалли масъалаҳо, баъди он ки масъалаҳо аз тарафи муаллим ё хонанда иҷро карда мешаванд, ҳалли онҳо бояд ба таври

зинагӣ ҳал карда шавад, яъне: хониши масъала, ҷустуҷӯи саволи масъала, ҷудо карда тавонистани маълум ва номаълуми он, ҳаллу санҷиш, таҳлил ва ҷамъбасти масъала.

Масалан:

1.Адади 125 ба ададҳои 1,5,2 ва 125 бе бақия тақсим мешавад.

Дар вақти хондани матн ба мафҳумҳои зерин диққати махсус додан зарур аст:

1. ифоданок хондани масъалаҳо;
2. дуруст баён кардани ададҳо;
3. ифоданок хондани муодилаҳо;
4. дуруст хондани амалҳои арифметикӣ;
5. дуруст хондани нобаробариҳо;
6. дуруст хондани бузургиҳои масса, вақт ва дарозӣ.

*Тарзи хондан ва навиштани муодила***.** «Ошкор намудани робитаи амалҳои роставу чаппа, компонентҳо ва натиҷаи мақсади амалҳо асоси барномаро ташкил медиҳанд. Ҳанӯз ҳангоми омӯзиши ҷамъ ва тарҳ дар дар доираи адади 10, бачаҳо бо номи амалҳо, компоненти онҳо ва натиҷаҳояшон шинос мешаванд. Лекин дар айни ҳол ба назар гирифта мешавад, ки бачаҳо истилоҳоти математикиро ҳамчун маводи бароямшон нав (агар ин калимаҳо бештар дучор шуда, дар амалия татбиқ ёбанд) бояд сода ва табиӣ аз худ кунанд».

Хондани муодила, баробарӣ ва ғайраҳо ба омӯзиши вобастагии байни компонентҳо ва натиҷаи амалҳо кумак расонида, нутқи математикии хонандагонро инкишоф медиҳад.

Масалан, хондани муодилаҳои $x - 3 = 7$, $x - 7 = 12$, $19 - x = 10$,

$(580 - a) : 4 = 10$, $40 : a + 70 = 90$, $x: 5 + 12 = 12*10$ ва ғайраҳо, аз рӯйи шарти масъала тартиб додани муодила алоқамандии байни компонентҳоро мустаҳкам намуда, бачаҳоро барои фаҳмо ва дуруст баён кардани фикри худ омода менамояд.

Масалан: Чунин муодиларо бо усули алгорифмӣ мехонем: $x+7=14$

1	Хондан	Суммаи ададҳои х ва 7 ба 14 баробар аст. х+7=14
2	Саволи муодила	Дар муодила ҷамъшавандаи 1 номаълум аст.
3	Қоида	Барои ёфтани ҷамъшавандаи 1 суммаи ҷамъшавандаи 1 аз суммаи ҷамъшавандаи дуюмро тарҳ мекунем.
4	Ҳалли муодила	х=14 – 7
5	Ҷавоб	х=7
6	Санҷиш	7+7=14

Ҳамин тавр, муодилаҳо дар синфҳои ибтидоӣ таълим дода мешаванд. Ҳаминро қайд намудан лозим аст, ки дар вақти хондани мафҳумҳои математикӣ бештар ба мазмуни луғавии мафҳумҳо диққати махсус додан зарур аст.

Аз рӯйи тадқиқотҳои олимон, методистон, муаллимони пешқадами синфҳои ибтидоӣ ва аз рӯйи мушоҳидаи муаллиф ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳангоми омӯзонидани мафҳумҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба чунин зинаҳои махсус диққат додан зарур аст:

1. хониши ифоданок (ададҳо, ифодаҳо, масъалаҳо ва ғайраҳо);
2. баёни нутқ (бо овози форам, нутқи бурро ва ғайраҳо);
3. маданияти нутқ;
4. равиш (суръати хониш);
5. дараҷаи хониш;
6. хондани мақсаднок.

Масалан, дар вақти иҷрои ифодаҳои математикӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ аз методи алгоритмӣ васеъ истифода карда мешавад.

Зарб ва тақсими ғайриҷадвалӣ. Зарб ва тақсими адади дурақама ба якрақама, зарби адади якрақама ба дурақама ва тақсими адади дурақама ба дурақама дар доираи 100 зарб ва тақсими ғайриҷадвалӣ номида мешавад.Барои таълими мавзӯи мазкур хосиятҳои зарби сумма ба адад ва тақсими сумма ба адад ҳамчун асоси ҳисобкунӣ хизмат мекунанд.

Мавзӯъ аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб, бо тартиби зерин таълим дода мешавад: зарби адади яклухт ба якрақама; тақсими адади яклухт ба якрақама;

Мавриди якум, дуюм ва сеюм ба дониши хонандагон оид ба мувофиқати байни воҳид ва даҳӣ (10 в = 1д) диққат дода, инчунин ба ҷадвали бачаҳо маҳорати аз воҳид ба даҳӣ баргардонидани ададҳои яклухтро аз бар кунонидан лозим. Масалан :

30 * 3 =	3 * 30 =	90 : 3 =
3д * 3 = 9д	30 * 3 = 90	9д : 3 = 3д
30 * 3 = 90	3 * 30 =90	90 : 3 = 30

Ҳангоми тақсими адади яклухт ба яклухт ҳосили тақсим дар асоси алоқаи байни компонентҳо ва натиҷаи амали тақсим, бо роҳи интихобкунӣ ёфта мешавад. Масалан:

80 : 20 = 70 : 10 =
20 * 4 = 80 10 * 7 = 70
80 : 20 =4 70 : 10 = 7

Тавассути суҳбат ва муҳокима бачагон ба чунин хулоса меоянд, ки суммаро бо адад бо ду роҳ зарб кардан мумкин аст :

1) Ҳар як ҷамъшавандаро ба адад зарб карда, натиҷаҳоро ҷамъ кардан:

(4 + 3) * 3 = 4 * 3 + 3 + 3 = 12 + 9 = 21

2) Суммаро ҳисоб карда, ҳосили ҷамъро ба адад зарб намудан:

(4 + 3) * 3 = 12+ 9= 21

Минбаъд дар вақти зарби адади дурақама ба адади якрақама адади дурақама ба намуди суммаи ҷамъшавандаҳои разрядӣ ифода карда мешавад :

36 * 2 =(30 + 6) * 2 = 30 * 2 + 6 * 2 = 60 + 12 = 72

Дар ҳалли мисолҳои намуди 2*36 хосияти ҷойивазкуниро истифода бурдан мувофиқи мақсад аст:

2 * 36 = 36 * 2 = (30 + 6) * 2

Тақсими адади дурақама ба адади якрақама дар асоси хосияти тақсим кардани сумма ба адад таълим дода мешавад. Моҳияти хосияти мазкурро низ бо воситаи аёниятҳо кушода дода, минбаъд дар вақти тақсимкунӣ истифода намудани он талаб карда мешавад:

(6 + 4) : 2 = 6 : 2 + 4 : 2 =3 + 2 = 5

(6 + 4) : 2 = 10 : 2 = 5

(7 + 5) : 2 = 12 : 2 = 6

Тавассути иҷрои мисолҳои мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки «на дар ҳама маврид суммаро бо адад бо ду роҳ тақсим кардан имконпазир аст». Дар мавриди ҷамъшавандаҳоро бебақия тақсим намудани сумма ба адад фақат бо як роҳ тақсим кардан имконпазир аст. Агар зарби адади дурақама ба якрақама, адади дурақамаро ба таркиби разрядҳо ҷудо кардан кифоягӣ кунад, ҳангоми тақсими адади дурақама ба якрақама на танҳо ба намуди суммаи ҷамъшавандаҳои қулай ифода кардан лозим меояд. Душвории асосие, ки хонандагон ҳангоми тақсими адади дурақама ба якрақама дучор меоянд, низ дар ҳамин аст:

1) 36 : 3 = (30 + 6) : 3 = 30 : 3 + 6 : 3 = 10 + 2 = 12

2) 30 : 2 = (20 + 10) : 2 = 20 : 2 + 10 : 2 =10 + 5 = 15

Бо мақсади тайёр намудани хонандагон ба омӯзиши мавзӯи мазкур иҷро намудани супоришҳои намуди зерин манфиатноканд: ҷудо намудани ададҳои яклухте, ки ба 2 (20 ,40, 60,80), ба 3 (30, 60, 90) ба 4 (40, 80) тақсим кардан осон аст; бо тарзҳои гуногун ба намуди суммаи ҷамъшавандаҳо ҷудо намудани адад, ки ҳар кадоми он ба адади додашуда бебақия тақсим мешавад. Масъалаҳои сода дар ҳар яке аз чор амалҳои арифметикӣ гуногуншакланд. Бо вуҷуди ин барои ба намуди махсус чудо кардани ҳар як варианти ин масъалҳо асосе мавҷуд нест. Ба намуди мустақил фақат чунин масъалаҳоеро ҷудо кардан кифоя аст, ки онҳо аз дигар масъалаҳо бо амали маълум (додашуда) бо усули муҳокима, ки дар вақти ҳал кардани онҳо истифода бурда мешаванд, фарқ мекунанд.

Масъалаҳо оид ба амали ҷамъ

1. Қодир 5 – то дафтари катак ва 3 –то дафтари якраха дошт. Қодир ҳамагӣ чандто дафтар дошт?

Дода шудааст:

Қ. – 5 – то дафтари катак

Қ. – 3 – то дафтари якраха

Ҳамагӣ - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали ҷамъ мефаҳмонем:

5 + 3 = 8 – ҳамагӣ (дафтари катак ва якраха).

Ҷавоб: Қодир 8 - то дафтар дошт.

2. Ду духтар ба чана савор шуданд. Ду писарча чанаро мекашанд. Ҳамагӣ чанд нафар бозӣ карда истодаанд?

Дода шудааст:

Духтарча - 2- то чана

Писарча - 2 –то чана

Ҳамагӣ - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали ҷамъ мефаҳмонем:

2 + 2 = 4 - ҳамагӣ чана (2 - то духтара ва 2-то писарча).

Ҷавоб: Ҳамагӣ 4 -нафар бозӣ карда истодаанд.

3. Гулбаҳор барои меҳмон дастархон ороста, аз ҷевон 5-то пиёла ва 3-то табақча гирифт. Ӯ ҳамагӣ чандто пиёлаю табақча гирифт?

Дода шудааст:

П. - 5 –то

Т. – 3 –то

Ҳамагӣ - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали ҷамъ мефаҳмонем:

5 + 3 = 8 ҳамагӣ (5 –то пиёла ва 3-то табақча).

Ҷавоб: Гулбаҳор 8-то пиёлаю табақча гирифт.

4. Дар боғ 5 бех ниҳоли себ месабзид. Тирамоҳ боз ҳамон қадар ниҳоли себ шинонданд. Дар боғ ҳамагӣ чанд бех ниҳоли себ шуд?

Дода шудааст:

Б. – 5 то ниҳоли себ

И. – 5 то ниҳоли себ

Ҳамагӣ - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали ҷамъ мефаҳмонем:

5 + 5 = 10 - ҳамагӣ, ниҳоли себ.

Ҷавоб: Дар боғ 10 -то бех ниҳоли себ шуд.

Масъалаҳо оид ба амали тарҳ

1. Дар нондон 8 –то нон буд. Зебо 4-то нонро барои меҳмон гирифт. Дар нондон чандто нон монд?

Дода шудааст:

Буд – 8 –то

Гирифт – 4 –то

Монд - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали тарҳ мефаҳмонем:

8 - 4 = 4

Ҷавоб: Дар нондон 4-то нон монд.

2.Дар рӯйи парта 6 чӯбча гузоред. 5 чӯбчаро гиред. Дар рӯйи парта чанд чӯбча боқӣ монд?

Дода шудааст:

Буд – 6–то

Гирифт – 5 –то

Монд - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали тарҳ мефаҳмонем:

6 - 5 = 1.

Ҷавоб: Дар рӯйи парта 1-то чӯбча боқӣ монд.

3. Дар анбор 10 –то тахта буд. Падарам аз 2-то тахта рафчаи китобмонӣ сохтанд. Дар анбор чандто тахта боқӣ монд?

Дода шудааст:

Буд – 10–то

Гирифт – 2 –то

Монд - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали тарҳ мефаҳмонем.

10 – 2 = 8.

Ҷавоб: Дар анбор 8-то тахта боқӣ монд.

4. Дар рӯйи миз 12 –то зоча буд. Фотима аз рӯйи миз 2-то зочаро гирифт. Дар рӯйи миз чандто зоча монд?

Дода шудааст:

Буд – 12–то

Гирифт – 2 –то

Монд - ?

Ҳал. Барои ҳалли ин масъала ба хонандагон бо ёрии амали тарҳ мефаҳмонем.

12 – 2 = 10.

Ҷавоб: Дар рӯйи миз 10-то зоча монд [2, с. 11-12].

Инак, мушоҳидаҳои олимон, методистон ва таҳлили дарсҳои муаллимони синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳанд, ки дар асоси методи алгоритм хонандагони хурдсол фанни математикаро дуруст дарк мекунанд. Методи мазкур аз омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ маҳорати баланди педагогиро талаб мекунад.

АДАБИЁТ

1. Белошистая А. В. Методика обучения математике в начальной школе. (Курс лекций) / А. В. Белошистая. - М., 2006. - 454 с.
2. Бурҳонов Қ.Т. Курси махсус аз методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ / Қ.Т. Бурҳонов. - Хуҷанд, 2015. - 252с.
3. Бурҳонов Қ.Т. Истифодаи маводи шавқовар ва ашъори ниёгон дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ / Қ.Т. Бурҳонов [ва диг.]. - Хуҷанд, 2001. – 66с.

4. Бурҳонов Қ.Т. Мафҳумҳои асосии ибтидоии курси геометрия дар фанни математика / Қ.Т. Бурҳонов [ва диг.]. – Хуҷанд, 2011. - 72с.
5. Бурҳонов Қ.Т. Ҳалли масъалаҳои типикӣ / Қ.Т. Бурҳонов. – Хуҷанд, 2011. - 52с.
6. Ильясов А. Н. К вопросу о роли и месте программирования в школьной информатике. URL: http://www.rusedu.info/PrintArticle101.html (дата обращения: 1.03.2015).
7. Лапчик М. П. и др. Методика преподавания информатики: учеб. пособие для студентов пед. вузов / под общ. ред. М. П. Лапчика. М., 2003, 624 с.
8. Рабочая программа дисциплины «Алгоритмы и структуры данных». URL: http://tspu.edu.ru/images2/fmf_news/UMKD/426/426_Б.3.В.06_ Алгоритмы_и_структуры_данных^ (дата обращения: 1.03.2015).
9. Стась А. Н., Долганова Н. Ф. Развитие алгоритмического мышления в процессе обучения будущих учителей информатики // Вестн. Томского гос. пед. ун-та (TSPU Bulletin). 2012. Вып. 7 (122). С. 241-244.
10. Якименко О. В., Стась А. Н. Применение обучающих программ-тренажеров в обучении программированию // Вестн. Томского гос. пед. ун-та (TSPU Bulletin). 2009. Вып. 1 (79). С. 54-56.

МЕТОДИ АЛГОРИТМӢ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАЪЛИМИ КУРСИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақола методи алгоритмии таълим ва нақши он ҳангоми таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ баррасӣ мегардад. Имрӯз нақши шахсияти эҷодӣ, фаъол ва муфаккири омӯзгор дар шароити ҷорисозии талаботи нав нисбати таълим меафзояд. Дар даврони муосир вазифаи муҳимми илми педагогӣ мукаммалгардонии банақшагирии раванди таълим ва баландбардории самаранокии идоракунии фаъолияти маърифатии хонандагон мегардад Дар алоқа бо ин, аксари омӯзгорон ояди камчинии усулҳои анъанавии таълим ва зарурияти мукаммалгардонии онҳо дар асоси дастовардҳои илм ва техника ба ҳулосабарорӣ менамоянд. Дар машғулиятҳо аз фанни математика дар мактаби ибтидоӣ алгоритмҳои ҷамъи хаттии ададҳо, тарҳкунӣ, зарб ва таксим истифода бурда мешаванд. Лекин ин намуди ягонаи алгоритмҳо намебошад, ки ба мундариҷаи дарси мактаби ибтидоӣ ворид карда шудааст. Инчунин алгоритмҳои ҳалли масъалаҳо, муодилаҳо, нобаробариҳо, дарёфти масоҳатҳо ва периметрҳои фигураҳои геометрӣ ва ғайра ҷой доранд. Методи алгоритмӣ қисмати ҷудонопазири методикаи таълими математика дар мактаби ибтидоӣ мебошад. Дар мақола қайд карда шудааст, ки методи алгоритмӣ хеле васеъ дар таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ истифода бурда мешавад. Масалан, барои он ки сатҳи дониши хонандагонро дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ дар ҳудуди ададҳои 10, 100, 1000 ва ададҳои бисёрқимата баланд бардорем, омӯзгор методи алгоритмиро истифода мебарад.

Калидвожаҳо: алгоритм, метод, қоида, амалҳои арифметикӣ, ифодаҳо,муодилаҳо, усулҳо, шифоҳӣ, хаттӣ,масъалаҳо.

АЛГОРИТМИЧЕСКИЙ МЕТОД ОБУЧЕНИЯ И ЕГО РОЛЬ ПРИ ОБУЧЕНИИ МАТЕМАТИКЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

В статье автором рассматривается алгоритмический метод обучения и его роль при обучении математике в начальных классах. Так как в настоящее время возрастает роль творческой, активной, мыслящей личности педагога в условиях введения новых требований к образованию. В современный период важнейшей задачей педагогической науки является совершенствование планирования процесса обучения и повышение эффективности управления познавательной деятельностью учащихся. В связи с этим все большее число преподавателей приходит к выводу о недостаточности традиционных способов обучения и необходимости их совершенствования на основе новейших достижений науки и техники. На уроках математики в начальной школе применяются алгоритмы письменного сложения, вычитания, умножения и деления. Однако это не единственный вид алгоритмов, который включается в содержание школьного урока начальной школы. Существуют и алгоритмы решения задач, уравнений, неравенств, нахождения площадей и периметров геометрических фигур и другие Алгоритмической метод является неотделимой частью методики преподавания математики в начальной школе. В статье отмечено,что алгоритмический метод широко используется в преподавании математики в начальных классах. Например, для того чтобы повысить уровень знаний учащихся, во время обучения в начальных классах в пределах чисел 10, 100, 1000 и многозначных чисел, учитель использует алгоритмический метод.

Ключевые слова: алгоритм, метод, правило, арифметические действия, выражения, уравнения, способы, устно, письменно, задачи.

THE ROLE OF THE ALGORITHM METHOD IN TEACHING A MATHEMATICS COURSE IN PRIMARY GRADES

In the article, the author examines the algorithmic teaching method and its role in teaching mathematics in primary grades. Since the role of the creative, active, thinking personality of the teacher is currently increasing in the context of the introduction of new requirements for education. In the modern period, the most important task of pedagogical science is to improve the planning of the learning process and increase the efficiency of managing the cognitive activity of students. In this regard, an increasing number of teachers come to the conclusion about the insufficiency of traditional methods of teaching and the need to improve them on the basis of the latest achievements of science and technology. In math lessons in elementary school, algorithms for written addition, subtraction, multiplication and division are used. However, this is not the only kind of algorithms that are included in the content of a primary school lesson. There are also algorithms for solving problems, equations, inequalities, finding areas and perimeters of geometric shapes, and others. The algorithmic method is an integral part of the methods of teaching mathematics in elementary school. The article notes that the algorithmic method is widely used in teaching mathematics in primary grades. For example, in order to increase the level of knowledge of students, during teaching in primary grades within the numbers 10, 100, 1000 and multidigit numbers, the teacher uses an algorithmic method..

Key words: algorithm, method, rule, arithmetic operations, expressions, equations, methods, orally, in writing, tasks**.**

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Бурҳонов Қурбонбой Турсунрачабович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои табиӣ-риёзӣ, тарбияи

эстетикӣ ва таълими он. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков,1.Телефон**:+992 92 -784-17-71; :+992 918 – 90 – 91- 72** E-mail**: kurbon1953@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Бурханов Курбонбой Турсунраджбович***– Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры естественно –математических дисциплин, эстетического воспитания и его преподавания. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон**:+992 92 -784-17-71; :+992 918 – 90 – 91- 72** E-mail**: kurbon1953@mail.ru**

Information about the author: ***Burhanov Kurbonboi Tursunrajabovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of science in Pedagogy, Associate Professor at Methods of Teaching of Primary Classes. **Address:** 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage, 1. Phone:**:+992 92 -784-17-71; :+992 918 – 90 – 91- 72** E-mail: **kurbon1953@mail.ru**

УДК:37.001

АКМЕОЛОГИЯ ЧУН ШАРТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ МАЪЛУМОТ

Нуралиев М.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Айни замон дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар, пеш аз ҳама, вазифаи таълиму тарбияи хонандагон, омодасозии кӯдакон ба ҳаёти оянда ва ба интихоби бошууронаи касб дар мадди аввал гузошта шудааст. Ҳамзамон, бояд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зарурати ҳифзу мустаҳкамсозии саломатии таълимгирандагонро дар сатҳи таъмин намоянд. Айни замон барои мактаби муосир муносибати акмеологӣ яке аз равияҳои ояндадор маҳсуб меёбад [10, с.60].

Масъалаи рушди касбияти инсон ва дилбастагию муваффақияти он барои акмеология, ки чун фанни мустақили илмӣ дар солҳои 90-уми асри XX ташаккул ёфтааст, асосӣ мебошад. Вобаста ба талаботи давру замон мактаби муосир муносибатро бо илми акмеология яке аз масъалаҳои пешрав ва ояндадор меҳисобад. Моҳият ва аҳамияти акмеология дар шароити имрӯза басо муҳим мебошад. Таълим, талаботи дохилӣ ва азхудкунии эҷодии воқеият масъалаи асосӣ мегардад. Ҳама ба омӯзгор ва технологияи касбии ӯ марбут аст. Ӯст, ки фаъолияти тарафайнро роҳбарӣ ва роҳандозӣ мекунад [6, с.282]. Имрӯзҳо муносибатҳои муайяну пешравиҳои илми акмеология дар ҷараёни иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва идоракунии МТМУ ба назар мерасанд. Ҷомеа аз МТМУ интизор аст, ки барои пешравиҳои назаррасро ба даст овардан нақшаю барномаҳои мушаххасу зарурӣро таҳия намоянд. Дар ҳамаи лаҳзаҳои таълим нигоҳ доштани нақши пешоҳангии муаллим ва мусаллаҳшавии талабагон бо системаи донишҳои мустаҳками илмӣ, азхудкунии маҳоратҳои зарурӣ ба таълим тамоили идеявӣ мебахшид.

Системаҳои дидактикӣ бо гузашти вақт ҳеҷ гоҳ аз байн намераванд. Онҳо ғизои ғоявӣ гирифта, бештар тағйир ёфта, ба талаби прогрессивии давр ҳамоҳанг мегарданд, вале асоси онҳо нигоҳ, дошта мешавад. Масалан, «системаи педагогӣ»-и Гербарг, унсурҳои пешбарикардаи дидактикии Коменскийро, ки бештар системаи гузаштаи догматикӣ ва схолостикиро дар бар мегирифт, аз ғилбол гузаронида буд. Дидатикаи Дюи ҳам, бе такя ба дидактикаи анъанавӣ ё омӯзиши компютерӣ ва дигар системаҳо ҳеҷ аст. Пайдарпайии системаҳои дидактикӣ қонунияти умумии инкишофи назария ва амалияи таълим аст. Ҳар як системаи дидактикӣ дар рафти ҳаёт технологияи навъи нави таълимиро ба вуҷуд меорад. Вале системаҳои пештара ҳеҷ гоҳ рад карда нашуда, балки тадриҷан бештар инкишоф ва такомулот меёбанд, чунки дар ҳамин давра онҳо дар чандин намуди таълим санҷида мешаванд [7, с.226]. Истифодаи онҳоро педагогҳо рад накарда, дар шароити нав аз онҳо самаранок истифода менамоянд: чунки он барои қабули ғояҳои нав шахсро омода менамояд. Зеро дар системаи таълими схоластикӣ ҷиҳатҳои муфид зиёд буданд, ки то ҳол дар мактаб арзи вуҷуд доранд. Як қатор бартариҳо дар системаи таълими анъанавӣ ва дигар системаҳо ҳам ба назар мерасанд.

Дар мактаби муосир се намуди таълим истифода бурда мешавад: 1) таълими эзоҳиву тасвирӣ, ки онро одатан анъанавӣ ё муқаррарӣ низ меноманд; 2) таълими проблемавӣ; 3) таълими барномашуда ва ё ба барнома даровардашуда, ки таълими компютерӣ ё компютеркунонидашударо дар назар дорад. Усулҳои акмеологӣ, акметехнологияҳо ҳалли амалии масъалаи муваффақияти шахсият ва касбиро пешниҳод менамоянд. Акмеология чун шарти баланд бардоштани сифати маълумот ба рағбати махсус дар педагогика ва методика ба масъалаи сифати таҳсилот асоснок мегардад. Солҳои охир ҷустуҷӯи тарзҳои муносибтару самараноктар, ки ба сифати маълумот таъсир мерасонанд, зиёд ба назар мерасад. Технологияҳои нави педагогӣ ба вуҷуд меоянд, технологияҳои аллакай ба ҳама маълум такмил меёбанд. Низоми анъанавии маълумот ба шароити нави иҷтимоӣ- маданӣ ва иқтисодӣ мувофиқ мегардад [1, с.37] . Дар доираи мавзӯи мазкур баррасии масъалаи

балоиҳагирии педагогӣ тибқи муносибати акмеологӣ ташаккул ва рушд меёбад. Маданияти банақшагирифташудаи хонандагон, саломатии хонандагон чун арзиш ва шарти баланд бардоштани сифати маълумот ба миён меояд. Ин масъалаҳо на фақат барои шогирдон, инчунин барои муаллимон ҳам заруранд. Зеро мунтазам такмил додани мафҳумҳо на мақсади ягона, балки зарурати ҳаётӣ мебошад. Мо таълимро фақат ҳамчун интиқол додани азхудкунии донишҳо муайян мекунем, яъне, дар маркази диққати муаллим махсусан ин лаҳзаҳо қарор доранд: омӯзишро фаъолияти якҷояи муаллимон ва талабагон ифода менамоем, пас, муаллим бояд ба фаъолияти асосӣ - ҷустуҷӯ кардани роҳ ва воситаҳои такомулот ва *г.* эътибор диҳад. Зеро, дар шароити муосир мактаб бояд ба хонандагон фикр кардан, ҷустуҷӯ намудан ва ҳамаҷониба инкишофёбиро омӯзонад.

Дар ин раванд Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи давру замон барои баланд бардоштани сатҳу сифати маълумот ба аҳли маорифчиён дастуру супоришҳо дода, аз онҳо маҳорати баланди касбӣ ва санъати волои педагогиро дар ҷодаи фаъолияташон талаб дорад. Аз ин лиҳоз, рӯ овардан ба талаботҳои илми акмеология рӯз ба рӯз афзун гардида, иҷрои принсипҳои он дар раванди таълим бештар мегардад. Бояд қайд кард, ки акмеология ҳамчун илми нав аз илми педагогика ва психология сарчашма гирифта, баҳри баланд бардоштани сифати маълумот хидмат мекунад. Хусусияти байнифаннии акмеология ба ҷустуҷӯи имкониятҳои нав, аз ҷумла ташкилу тавсиби модели мактаби акмеологӣ имкон медиҳад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур - дар мисоли мушаххаси таҷрибаи идоракунии МТМУ нишон додани имконияти истифодаи онҳо дар таҷрибаи МТМУ, омӯзиши минбаъдаи таркибии дигари мафҳуми «сифати маълумот», арзёбии кори МТМУ аз мавқеи муносибати акмеологӣ ва муайянсозии дурнамои имконпазири таълими фаъолияти муассисаи таълимӣ мебошад. Мафҳуми «акмеология», сифати маълумот ва алоқаи байни онҳо объекти ин таҳқиқот мебошанд. Акмеология илмест, ки дар байни фанҳои риёзӣ, табиӣ, ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ ба вуҷуд омада, қонунияти рушди инсонро дар зинаи балоғати ӯ ва хусусан зимни расидан ба сатҳи баландтарини ин рушд меомӯзад [2, с.36]. Ҳоло ғайр аз акмеологияи умумӣ чунин шохаҳои акмеология, мисли акмеологияи идоракунӣ, педагогӣ, ҳарбӣ, варзишӣ ва ғайра ташаккул ёфтаанд. Ҷанбаҳои асосии акмеологияи педагогӣ дар асари В.М. Максимова «Акмеология» баррасӣ ёфтаанд. Акмеология илмест дар бораи сифати инсон ва сифати ҳаёт. Акмеологияи маълумот, дар навбати худ, шарти расидан ба сифати баланди системаҳои маълумотӣ ва рушди субъектҳои ҷараёни таълимро (муаллим ва хонандаро) мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Муносибати акмеологӣ ба маълумот бинобар тезутунд гаштани масъалаи сифати мактаби муосир хеле муҳим мегардад.

Ғояи асоси рушди мактаби муосир сифати маълумот мебошад. «Сифати маълумоти мактабиро чун маҷмӯи хусусиятҳои он, мутобиқшавии он ба татбиқи мақсадҳои иҷтимоӣ доир ба ташаккул ва рушди шахсият дар ҷанбаҳои саводнокӣ, хушахлоқӣ, ифодаёбандагии хусусиятҳои иҷтимоӣ, психикӣ ва ва ҷисмонии ӯ муайян сохтан мумкин аст» [8, с.24]. Асосоҳои консептуалии мактаби акмеологӣ: ҷанбаи илмӣ- методӣ.

Пойгоҳи методологии акмеология ба ташкили мактаби акмеологӣ имкон медиҳад. Мактаби акмеологӣ чунин муассисаи таълимие мебошад, ки дар он барои ташаккул ва рушди тасаввурот дар тамоми субъектҳои маълумот дар бораи муваффақият, дастовардҳои баланд, ки барои рушди шахсият заруранд, шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Дар мактаби акмеологӣ кӯдак чун фард, шахсият рушд меёбад, дар ӯ арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ ташаккул ва қобилиятҳои эҷодӣ, маҳорати ба роҳ мондани муносибат дар коллектив ва ҷомеа рушд меёбанд. Асосҳои консепсияи мактаби акмеологӣ, пеш аз ҳама, дар барномаи рушди муассисаи таълимӣ, дар нақшаи солонаи корҳои илмӣ-методии МТМУ татбиқ ёфта метавонанд.

АДАБИЁТ

1. Акмеология: учебник / Под ред. А.А. Деркача. М.: Издательство РАГС. 2006.
2. Деркач А.А. Акмеология / А.А.Деркач, В.Г. Зазыкин. - С-Пб. 2003.
3. Зобнина Т.В. Акмеологическая система психологической подготовки будущих учителей / Т.В.Зобнина // Педагогика. -2006. -№ 6.
4. Кузьмина Н. В. Акмеологическая теория повышения качества подготовки специалистов образования / Н. В. Кузьмина. -Москва: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2001. -144 с.
5. Кузьмина Н. В. Предмет акмеологии / Н. В. Кузьмина. -Санкт-Петербург: Политехника, 2002. -189 с.
6. Лутфуллозода М. Технологияи таълими интерактивӣ / М.Лутфуллозода, Қ.Абдураҳимов, А. Мирзоев, А. Гулов, З.Ҳалимов. – Душанбе: Ирфон, 2017.
7. Лутфуллоев М. Назарияи таълим / М.Лутфуллоев, Қ.Абдураҳимов. -Қӯрғонтеппа, 2014.
8. Мелик-Пашаев А. А. Акмеология и творчество. К постановке проблемы / А. А. Мелик-Пашаев // Мир психологии. -1999. -№ 2. -С. 23-29.
9. Панасюк В.П. Школа и качество: выбор будущего / В.П. Панасюк. -С- Пб.: КАРО, 2003.
10. Файзулло Шарифзода. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. –Душанбе: Ирфон, 2010.

АКМЕОЛОГИЯ ЧУН ШАРТИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ МАЪЛУМОТ

Муаллиф дар таълифоти хеш қайд кардааст, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар, пеш аз ҳама, вазифаи таълиму тарбияи хонандагон, омодасозии кӯдакон ба ҳаёти оянда ва ба интихоби бошууронаи касб дар мадди аввал гузошта шудааст. Ҳамзамон, бояд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳифзу мустаҳкамсозии саломатии таълимгирандагонро дар сатҳи зарурӣ таъмин намоянд. Айни замон барои мактаби муосир муносибати акмеологӣ яке аз равияҳои ояндадор маҳсуб меёбад. Дар натиҷа сифати таълим хеле баланд мегардад, зеро ки дар тамоми субъектҳои маълумот ҷанбаи маърифатӣ авлавият пайдо мекунад. Таълим, талаботи дохилӣ ва азхудкунии эҷодии воқеият масъалаи асосӣ мегардад. Ҳама ба омӯзгор ва технологияи касбии ӯ марбут аст. Ӯст, ки фаъолияти тарафайнро роҳбарӣ ва роҳандозӣ мекунад. Имрӯзҳо муносибатҳои муайяну пешравиҳои илми акмеология дар ҷараёни иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва идоракунии МТМУ ба назар мерасанд. Ҷомеа аз МТМУ интизор аст, ки барои пешравиҳои назаррасро ба даст овардан нақшаю барномаҳои мушаххасу заруриро таҳия намоянд. Акмеология илмест, ки дар байни фанҳои риёзӣ, табиӣ, ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ ба вуҷуд омада, қонунияти рушди инсонро дар зинаи балоғати ӯ ва хусусан зимни расидан ба сатҳи баландтарини ин рушд меомӯзад. Аз ин лиҳоз, рӯ овардан ба талаботҳои илми акмеология рӯз ба рӯз афзун гардида, принсипҳои он дар раванди таълим бештар татбиқ мегарданд.

Калидвожаҳо: Акмеология, мактаби акмеологӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, технологияҳои таълиму тарбияи хонандагон, вазифаи таълиму тарбияи хонандагон, сифати маълумот, ҷанбаҳои асосии акмеологияи педагогӣ, маҳорати баланди касбӣ.

АКМЕОЛОГИЯ КАК УСЛОВИЕ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ

В данной статье автором отмечается, что перед средними общеобразовательными учреждениями страны стоит задача обучения и воспитания учащихся, подготовки детей к будущей жизни и сознательного выбора профессии. В то же время, средние общеобразовательные учреждения должны на должном уровне защишать и укреплять здоровье обучающихся. Ныне для современных школ акмеология считается перспективным направлением. Суть и значение акмеологии в современных условиях является очень важным и даёт возможность улучшить содержание образования, технологию обучения и воспитания, укрепление СОШ, перевести школу из режима деятельности в развитие. В результате этого повышается качество обучения, так как все субъекты обучения все более приобщаются к познавательному аспекту образованию. Обучение, внутренние требования и творческое усвоение действительности становится основным вопросом. Всё это относится к педагогу и его профессиональной технологии. Он руководит и направляет деятельность сторон. В настоящее время наблюдаются особые подходы к определению и прогрессу акмеологической науки в социально- воспитательном процессе и управлении СОШ. Общество требует от СОШ разработки конкретных программ и планов для дальнейщего развития. Акмеология- это наука возникшая на стыке естественных и общественно – гуманитарных наук, изучает закономерности развития человека на ступенях его зрелости и особенно при достижении наивысшего уровня его развития. Поэтому обращение к акмеологической науке увеличивается с каждым днём, а выполнение её принципов становится необходимым в процессе обучения.

Ключевые слова: акмеология, акмеологическая школа, технологии обучения и воспитания учащихся, задачи обучения и воспитания учащихся, качество обучения, высокие профессиональные умения, основные аспекты педагогической акмеологии.

ACME OLOGY AS A CONDITION OF TEACHING QUALITY DEVELOPMENT

The author in this article notes, that there are teaching task and education students, children preparation to future life and conscious choice of profession facing secondary educational institutions of the country. At the same time secondary educational institutions should in the necessary level protect and strengthen student’s health. At the present time acme ology is a perspective direction for the modern schools. The substance and meaning of the acme ology in modern conditions is very important and gives opportunity to improve the content of education, teaching technology, strengthening of secondary educational institutions, transferring school from activity regime into development. As a result of this the teaching quality increases, as all parties of teaching even more join into cognitive aspect of the education. Teaching, internal demand and creative learning of reality becomes the main issue. All these regard to teacher and his professional technology. He leads and directs the activity of the parties. At the present time it is observed special approaches to the progress of acme logical science if the social and educational process and management of secondary school. The community requires from secondary schools the development of special programs and plans for the further development. Acme ology is a science which appeared in the joint of natural and humanitarian sciences. It studies regularities of human development on the stages of its maturity and especially in getting of the highest level of its development. That is why apply to acme logical science increases every day, and fulfilling its principles become necessary in the educational process.

Key words: acme ology, acme logical, teaching students, teaching tasks, teaching quality, high professional skills, main aspects of the pedagogical acme ology etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуралиев Мансур Исматуллоевич*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, унвонҷӯйи кафедраи педагогика ва психологияи таълими ибтидой. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон:**+992937787545**

Сведения об авторе: ***Нуралиев Мансур Исматуллоевич*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, соискатель кафедры педагогики и психологии начального обучения. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон:**+992937787545**

Information about the author: ***Nuraliev Mansur Ismatulloevich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, applicant for the Department of Pedagogy and Psychology of Primary Education. **Address**: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st. Aini, 67. Phone: **+992937787545**

УДК: 004 (02)

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР МАКТАБИ ИБТИДОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Хуҷаев П.С., Музафаров Н.А.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Инсони муосир бо он қадар иттилооте иҳота шудааст, ки бе кумаки технологияҳои нави иттилоотӣ аз уҳдаи коркард ва истифодаи он баромада наметавонад. Ҳамасола компютер ва бо он технологияҳои иттилоотӣ ҳарчи бештар ба ҳаёти мо ворид мешаванд. Бо назардошти он ки «технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ - ин маҷмӯи усулҳо, дастгоҳҳо ва равандҳои истеҳсолии барои аз ҷониби ҷомеа барои ҷамъоварӣ, ҳифз, коркард ва интишори иттилоот истифодашаванда мебошанд» [1,с.1].

Ҷузъи асосӣ дар фаъолияти амалии омӯзгор фаҳмиши нақши татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим мебошад. Муваффақияти ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба омили инсонӣ: омӯзгор ва касбияти ӯ вобаста аст. Ин сатҳи тахассуси кадрҳои омӯзгорӣ, омодагии онҳо барои истифодаи технологияҳои муосир дар фаъолияти касбӣ, дар раванди мураккаби ба сатҳи талаботи ҷомеаи муосир баровардани маориф нақши муҳим мебозад.

Технологияҳои иттилоотӣ барои рушди на танҳо донишҷӯ, балки барои муаллим низ имконияти беназир фароҳам меоранд. Инкишоф ва ривоҷ ёфтани фазои иттилоотии кӯдакон ва наврасон омӯзгоронро барои машғул шудан бо хонандагон ҳавасманд намуда, фазои нави қаблан омӯхташударо таҳким мебахшад. Вале истифодаи одии технологияи компютерӣ дар дарсҳо баланд шудани сатҳи маҳорати касбии омӯзгор ва баланд шудани сифати таълимро худ ба худ ба вуҷуд намеорад. Нақши муайянкунандаро, пеш аз ҳама, шахсияти муаллим ва ангезаи ӯ мебозад [1,2,6,8]. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар фаъолияти педагогӣ бояд на танҳо як зарурат, балки раванди бошуурона бо таҳсилоти доимӣ ва худомӯзии омӯзгор дар ин соҳа бошад. Самтҳои таҷдиди маориф бояд на бо мавҷудияти таҷҳизоти компютерӣ ва таъминоти барномавӣ дар мактаб, балки бо тайёр будани муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба тағйиротҳои мутобиқи талабот ва мушкилоти ҷомеа муайян карда шаванд. Тибқи маълумотҳои оморӣ, 18% муаллимони синфҳои 1-4 ба истифодаи технологияи компютерӣ дар дарсҳо муносибати манфӣ доранд, ба компютер таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, аз курсҳои омӯзиши саводи компютерӣ канорачӯӣ намуда, кумаки "ҳамкасбони пешрафтаи худро" афзалтар мешуморанд. Таҷрибаи педагогии ин гурӯҳи омӯзгорон аз 20 сол зиёд аст. Зиёда аз нисфи муаллимони синфҳои ибтидоӣ (54%) ба компютерҳо муносибати мусбӣ доранд, ба технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд, онҳоро дар амалия истифода мебаранд, дар байни онҳо ҳам муаллимони ҷавон (таҷрибаи корӣ то 5 сол) ва муаллимони ботаҷриба ҳастанд. Тақрибан сеяки муаллимони синфҳои ибтидоӣ (28%) ба технологияҳои иттилоотӣ муносибати мусбат доранд, ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд, вале дар дарсҳояшон аз он истифода намекунанд. Гурӯҳи мазкур, инчунин, омӯзгорони дорои собиқаи корӣ гуногунро дар бар мегирад. Дар байни муаллимони синфҳои ибтидоӣ, ки технологияи компютериро мефаҳманд, 18% аз онҳо дар синф истифода намебаранд, 27% онро гоҳ-гоҳ истифода мебаранд, аммо 36% онҳо дар як ҳафта 2-3 маротиба ва 19% доимо қариб дар ҳама дарсҳо технологияҳои компютериро истифода мебаранд [1,с.9]. Дар ҷадвали 1 таҳлили як қатор мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ гузаронида шудааст. Маълумотҳо аз нуқтаи назари коҳиш ёфтани аҳамияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Саволнома барои таҳлили дар синфҳои ибтидоӣ истифода гардидани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

	Коркарди электронии ҳуҷҷатҳо
	Истифодаи маҳсулоти мултимедиявии тайёр
	Истифодаи манбаъҳои шабакаи Интернет барои омодагӣ ба дарсҳо ё таҳсили мустақил
	Истифодаи почтаи электронӣ барои мукотиба, иртибот бо ҳамкасбон
	Истифодаи технологияҳои компютерӣ пас аз дарс
	Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар кор бо волидон, дар шӯрои омӯзгорон, ҷаласаҳои Вазорати маориф
	Истифодаи маҳсулоти мултимедиявии худӣ
	Маҳфилҳои касбӣ, барои фаъолият дар ассотсиатсияҳои касбии шабакавӣ
	Истифодаи Интернет барои иштирок дар озмунҳои фосилавӣ, олимпиадаҳо, конфронсҳои сатҳҳои гуногун
0	Таҳсили фосилавӣ (курсҳои такмили ихтисос)

Таҳлил нишон дод, ки муаллимон бештар ба истифодаи маводҳои таълимии тайёр диққати бештар дода, бо андешаи созгор будан аз компютер истифода мебаранд. Онҳо амалан аҳамияти онро барои худомӯзӣ, иртиботи касбӣ, мубодилаи таҷриба ва таҳсили фосилавӣ намебинанд. Имрӯз ба ҳама фаҳмост, ки компютер наметавонад ҷойи муаллимро иваз намояд, аммо ин кумак мекунад, ки кори ӯ осон шавад, кӯдакон шавқ пайдо кунанд, дарки визуалӣ ва тамоман нави мавод таъмин карда шавад. [1,2,6,8, 10,11].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим ба шумо имкон медиҳад:• самаранокии таълим пурзӯр карда шавад;• сифати азхудкунии мавод баланд гардад;траекторияи инфиродии таълимии хонандагон созмон дода шавад;• муносибати фарқкунанда ба хонандагони дорои сатҳи гуногуни омодагӣ барои таълим татбиқ карда шавад;• дар баробари ҳамин ҷалб намудани кӯдакони дорои қобилият ва малакаҳои гуногун.

Яке аз шаклҳои муваффақи таҳия ва пешниҳоди маводи таълимӣ барои дарсҳои мактаби ибтидоӣ эҷоди муаррифии мултимедиявӣ мебошад [1,2,6,10]. Гузашта аз ин, муаррифӣ ба муаллим имкон медиҳад, ки маводи таълимиро дар асоси хусусиятҳои синф, мавзӯъ, мушаххасоти мустақилона тартиб диҳад ва самараи максималии таълимро ба даст орад.

Истифодаи технологияҳои интерактивӣ дар таълим муқаррарӣ шудааст. Таҷҳизоти интерактивӣ, ба монанди тахтаҳои интерактивӣ, барои хонандагон ҳавасмандии устувор барои ба даст овардани донишро фароҳам меорад ва мушкилоти эҷодиро дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ эҷод мекунад ва бо ин роҳ тахаюлоти хонандагонро инкишоф медиҳад. Бо истифодаи тахтаи интерактивӣ шумо метавонед мавзӯотро аёнӣ нишон диҳед, моделҳо эҷод кунед, хонандагонро дар раванди азхудкунии мавод фаъолона ҷалб кунед, суръат ва рафти дарсро беҳтар созед [2]. Тахтаи электронӣ ба кӯдакон кумак мекунад, ки тарс ва хиҷолатро бартараф кунад, ба раванди таълим ба осонӣ ҷалб шаванд. Дар синф бепарвоён аз байн мераванд. Аз ҳисоби аёният истифодаи тахтаи интерактивӣ имкон медиҳад, ки диққати кӯдакон ба раванди таълим зиёд гардад. Ҳама чизҳои дар компютер буда дар тахтаи интерактивӣ намоиш дода мешаванд. Дар он шумо метавонед объектҳо ва навиштаҷотро ҳаракат диҳед, шарҳҳоро ба матнҳо, рақамҳо ва диаграммаҳо илова кунед, соҳаи калидиро ҷудо кунед ва рангҳоро илова кунед. Муаллим имконият пайдо мекунад, ки дарси худро дар якҷоягӣ бо хонандагон дар ҳолати фаъолнокии зиёди мағзи сар гузаронад, маводи таълимиро нишон диҳад, дар болои тасвири экран шарҳҳои хаттӣ, ҳатто акидаҳои хонандагонро нависад ва ба ин васила хулосаи умумиро бо маводи таълимӣ бо хонандагон тартиб диҳад. Ҳамзамон, навиштаҷоти тахтаи интерактивиро ба хонандагон интиқол додан, дар васоити магнитӣ нигоҳ дошта, чоп намудан ва тавассути почтаи электронӣ фиристодан мумкин аст.

Инчунин, дар дарсҳо дастрасӣ ба Интернет имконпазир аст, ки хонандагон мустақилона маълумоти нав мегиранд. Ҳангоми кор дар тахтаҳои интерактивӣ, тамаркузи диққати хонандагон беҳтар мешавад, маводи таълимӣ зудтар аз худ карда мешавад ва дар натиҷа, муваффақияти ҳар як хонанда меафзояд, ки ин сифати таҳсилоти муосирро сифатан баланд мекунад. Бо истифода аз тахтаи интерактивӣ муаллим метавонад на танҳо ранг ва графикаро нишон диҳад ва шарҳ диҳад, балки нақшаи шахсии худро низ эҷод кунад.Таҷриба нишон медиҳад, ки кор бо технологияи иттилооти идроки хонандагон, хусусан хонандагони синфҳои ибтидоиро беҳтар мекунад. Хонандагон чунин меҳисобанд, ки кор бо технологияҳои иттилоотӣ нисбат ба тахтаи маъмулии синф ё варақи чопӣ шавқовартар аст. Онҳо эътироф мекунанд, ки муносибати интерактивӣ барои иштироки фаъолона дар дарс кумак мекунад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки кор бо Интернет эътимодро ба вуҷуд меорад, ба шумо имкон медиҳад, ки хонандагонро барои мутолиаи бештар ҳавасманд кунед, малакаҳои муоширатро рушд диҳед, байни хонандагон рақобати солим эҷод кунед.Дар охир метавон самаранокии корбурд аз технологияҳои муосирро дар таълим чунин хулоса кард:

- афзоиши ҳавасмандии мусбӣ дар дарсҳо бо истифода аз ТИК;
- беҳтар кардани сатҳи истифодаи аёният дар дарс;
- баланд бардоштани самаранокии ҷараёни таълим;
- тағйироти сифатӣ дар муносибат байни иштирокчиёни раванди таълим;
- баланд бардоштани сифати дониш.

АДАБИЁТ

1. Комилов Ф. С. Информатика / Ф. С. Комилов, Ш. М Тоиров. - Душанбе, 2002. -171с
2. Шарипов Ш. А. Дастури методӣ оид ба Access / Ш. А. Шарипов, Р. Д. Турсунов. М. Масъул А. Ш Комилӣ. – Душанбе: ДТТ, 2003. -204с.
3. Мирзоахмедов Ф. Информатика. Дастури таълимӣ / Ф. Мирзоахмедов, У. Воҳидов, Ф. Соҳибов. – Душанбе, 2012. -195с.
4. Комилов Ф. С. Технологияи информатсионӣ / Ф. С. Комилов, Д. С. Шарапов. Синфи 8-9. – Душанбе, 2006. -231с.
5. Комилов Ф. С. Асосҳои техникаи компютерӣ /Ф. С. Комилов, А. Р. Додихудоев, Н. Н Меҳмонов. Синфи 11. – Душанбе, 2005. -329с.
6. Комилов Ф. С. Асосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор Бейсик/ Ф. С Комилов. – Душанбе: ДДМТ, 1994. -450с.
7. Комилов Ф. С. Информатика /Ф. С. Комилов, Ш. М. Тоиров. – Душанбе, 2002. -250с.
8. Стадник М.В. Используйте медиа-уроки для развития мышления молодых учащихся. Общественная библиотека для учителей начальной школы /М.В. Стадник // Образовательный портал сети творческих учителей, 2008. -83ст.
9. Захарова Н.И. Внедрение информационных технологий в учебный процесс журнал / Н.И. Захарова //Начальная школа. -2008. -№ 1. -С.31-35.
10. Захарова Н.И. Учебные материалы: уроки, картинки, виджеты. [Электронный ресурс]. Способ доступа: http://www.smartboard.ru/ (дата обращения: 15 июня 2016 г.) - 189ст.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ВА КОММУНИКАТСИОНӢ ДАР МАКТАБИ ИБТИДОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола роҳҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар мактабҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Мубрамияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ омӯзгорон ва мактаббачагонро барои машғул шудан ҳавасманд намуда, фазои нави қаблан омӯхташударо таҳким мебахшад. Маъмулан, кӯдак дар мактаби ибтидоӣ савод мегирад, дар он ҷо ба ӯ навиштан, хондан ва ҳисоб карданро меомӯзанд. Аммо ҷомеаи муосир ба усулҳои нави кор ниёз дорад, ки аз инсон инкишофи маҷмӯи маҳорату малака - дарёфт кардани иттилооти зарурӣ, коркарди он, пешниҳоди он ба одамони дигар, моделсозии объектҳо ва равандҳои нав, банақшагирии мустақилона ва ташаккули амалҳои худро талаб мекунад. Дар баробари таълими малакаҳои хониш, навиштан ва ҳисобкунӣ, ба кӯдакон аз синфи аввал сар карда, тарзи истифода бурдани технологияҳои рақамиро ҳамчун воситаи корӣ дар таълим ва ҳаёти ҳамарӯза омӯзонидан зарур аст. Инкишоф ва ривоҷ ёфтани фазои иттилоотии кӯдакон ва наврасон омӯзгоронро барои машғул шудан бо хонандагон ҳавасманд намуда, фазои нави қаблан омӯхташударо таҳким мебахшад.

Калидвожаҳо: маҳсулоти мултимедиа, технологияҳои интерактивӣ, самараи таълимӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ривоҷ, фазои иттилоотӣ, омӯзгорон, хонандагон, ҳавасманд, фазо, наврасон, машғул, омӯхташуда, технология, татбиқ.

ИЗМЕРЕНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлены способы внедрения информационных технологий в развитие не только школьников, но и учителей. Развитие и расширение пространства информационных технологий побуждает учителей и школьников вовлекаться в новую среду обучения и укрепляет ее. Традиционно считается, что грамотность ребенок

получает в начальной школе, где его учат писать, читать и считать. Но современному обществу нужны новые способы деятельности, что требует развития у человека целого комплекса умений и навыков — поиска необходимой информации, ее обработки, предоставления другим людям, моделирования новых объектов и процессов, самостоятельного планирования и выстраивания своих действий. Наряду с обучением навыкам чтения, письма и счета важно учить детей использованию цифровой техники в качестве рабочего инструмента в учебе и повседневной жизни, начиная с первого класса. Развитие информационного пространства для детей и подростков побуждает учителей взаимодействовать с учащимися и укрепляет новую среду обучения.

Ключевые слова: мультимедийные продукты, интерактивные технологии, эффективность обучения, информационные и коммуникационные технологии, развитие, информационное пространство, учителя, студенты, мотивация, пространство, подростки, вовлеченные, изученные, технологии, применение

MEASURING THE USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES IN PRIMARY SCHOOLS REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article presents ways of introducing information technologies into the development of not only schoolchildren, but also teachers. The development and expansion of the information technology space encourages teachers and students to be involved in the new learning environment and strengthens it. It is traditionally believed that a child gets literacy in primary school, where they are taught to write, read and count. But modern society needs new ways of working, which requires the development of a whole complex of skills and abilities — searching for the necessary information, processing it, providing it to other people, modeling new objects and processes, independent planning and building their actions. Along with teaching reading, writing and numeracy skills, it is important to teach children how to use digital technology as a working tool in their studies and everyday life, starting in the first grade. The development of an information space for children and adolescents encourages teachers to interact with students and strengthens the new learning environment.

Key words: multimedia products, interactive technologies, learning efficiency, information and communication technologies, development, information space, teachers, students, motivation, space, adolescents, involved, learned, technology, application.

Маълумотнома дар бораи муаллиф: ***Хуҷаев Парвиз Саидгуфронович*** **-** Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, номзади илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи ТГваВ факултети сохтмон ва меъморӣ. **Суроға:** 734042, ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10.Телефон: **985100333.**
Музафаров Ниёзбек Азизович **–** Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии асосҳои технологияи иттилоотӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.

Сведения об авторах: ***Худжаев Парвиз Саидгуфронович*** - Таджикский технический университет им. академика М.С. Осими, кандидат технических наук, доцент кафедры ТГиВ факультета ФСиА. **Адрес:** 734042, Душанбе, проспект академиков Раджабовых, 10. Телефон:**985100333.**
Музафаров Ниёзбек Азизович **-** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, старший преподаватель кафедры основ информиационных технологий. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан ,город Душанбе, проспект Рудаки, 121

Information about the authors: ***Khudjaev Parviz Saidgufronovich*** - Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Candidate of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of TGiV of the Faculty of FSiA. **Address:** 734042, Dushanbe, avenue of Academicians Radjabovs, 10. Phone: **985100333**.
Muzafarov Niyozbek Azizovich - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, senior lecturer at the Department of Information Technologies Fundamentals. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121

УДК:37.0 (575.3)

ТАРБИЯИ БАЧАГОН ДАР ОИЛА, МАКТАБ ВА ҶОМЕА

Манонова Р.А., Раҳимова Г., Ҷӯраева Н.З.
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Фарзандро меваи умри инсон меноманд ва аз ин сабаб таваллуд ёфтани фарзанд дар оила хурсандии бузург аст. Аз ин ҷост, ки шоири бузург Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар бораи фарзанд чунин фармудаанд:

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад коми мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард.

Дар ҳақиқат, фарзандон давомдиҳандагони ному кори волидон ва ояндаи ҷамъияти инсонӣ мебошанд. Тарбия намуда ба воя расонидани фарзанд қарзи муҳим ва вазифаи масъули падару модарон дар назди ҷомеа, миллату Ватан, умуман инсоният мебошад.

Аз ин рӯ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» волидайн ва шахсони ивазкунандаи онҳоро ба тариқи зайл вазифадор мекунад: «Барои сиҳатии ҷисмонӣ ва

равонии бача пайваста ғамхорӣ кунанд, ӯро ба мактаб омода намуда ва барои инкишофи қобилиятҳои вай шароити зарурӣ муҳайё созанд, ҳуқуқ ва қадру қимати бачагонро ҳимоя намоянд, фарзандонро дар рӯҳияи башардӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳисси некукорӣ, раҳмдилӣ, муносибати боэҳтиромона нисбати аҳли хонавода, забони модарӣ, адабиёту таърих, эҳтиром нисбати арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангии дигар халқҳо тарбия намоянд, ба бачаҳо барои гирифтани маълумот дар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ мусоидат намоянд ва ё дар хона шароит муҳайё созанд, ки дар сатҳи талаботи давлатӣ маълумот гиранд, фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба қонун, ҳуқуқ ва озодии инсон, риояи қоидаҳои ҳаётӣ тарбия намоянд» (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» моддаи 35, банди 2). Дар мавзӯи тарбияи фарзандон адибону мутафаккирони форсу тоҷик шоҳасарҳои зиёде эҷод кардаанд. Ҳанӯз дар давраи пешазисломӣ ақидаҳои ахлоқӣ дар китоби «Авесто», «Пирӯзинома»-и Бузургмеҳр, «Панднома»-и Анӯшервон дар шакли панду насиҳат эҷод шуда буданд. Ақидаҳои пандуахлоқӣ дар эҷодиёти Кайковус «Қобуснома», Ибни Сино «Китоб-ул-ахлоқ», Насируддини Тӯсӣ «Ахлоқи Носирӣ», Ҷалолиддини Девонӣ «Ахлоқи Ҷалолӣ», Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Ахлоқи Муҳсинӣ» баён шуда буданд. Донишмандону адибон Шерозӣ, Ҷомӣ, Носири Хисрав, Дониш, Айнӣ ва дигарон дар мавзӯи одобу ахлоқ ва тарбияи фарзанд асарҳо эҷод кардаанд.

Ба мавзӯи ахлоқ ва тарбияи фарзанд дар ҳама давру замон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешуд ва аз асарҳои эҷодкардаи ниёгон то ҳоло истифода мебарем ва баҳраманд мегардем. Дар боби тарбияи бачагон дар «Қобуснома» чунин гуфта мешавад: «Бидон, эй азизи ман, ки агар Худованд туро писаре диҳад, аввал номи хуш ба вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳақҳои падарон яке ин аст, ва чун бузург шавад ба муаллим бидеҳ». Халқи тоҷик дар давоми асрҳо барои тарбияи бачагон аз гуфтаҳои оқилонаи халқ истифода мебаранд. Зарбулмасал ва мақолҳо аввалин воситаҳои педагогикаи мардумианд, ки чун воситаҳои маълум дар хурду калон истифода карда мешаванд. Онҳо гарчанде кӯтоҳ ифода ёбанд ҳам, лекин ҷаҳон – ҷаҳон маънӣ доранд. Вазифаи оила аз он иборат аст, ки дар доираи оила ташкили оқилонаи ҳаёти бачагонро таъмин намояд. Дар оила зери таъсири тамоми хусусияти ҳаёти оилавӣ равиши маънавию ҷамъиятӣ, майлу рағбати ҷабҳаи психологии насли наврас ташаккул меёбад. Ҳамин аст, ки бачагон аз рӯйи марому мақсади худ, кӯшишу муносибатҳои нисбат ба одамон доштаи худ, пеш аз ҳама, хислатҳои падару модаронашонро такрор мекунанд. Дар инкишофи талаботи маънавӣ ва майлу рағбатҳои бачагон мақоми оила бузург аст. Муносибатҳои ҳаррӯзаи калонсолону бачагон барои азхудкунии боигариҳои маънавӣ имконияти хубе фароҳам меорад. А.С.Макаренко шартҳои таъсири оила ба тарбияи бачагонро чунин муайян кардааст: Манбаи асосии ин таъсир аз ягонагии иҷтимоии оила бо ҳаёти халқ, бо мақсадҳои ҷамъиятӣ ва инчунин ба дараҷаи талаботи нисбат ба худ, ба хулқу атвор ва ба меҳнати худ доштаи онҳо иборат аст. Комёбиҳои дар фаъолияти меҳнатӣ ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ бадастовардаи худро ба бачагон гуфта истодану дар айни ҳол аз муваффақиятҳои дар хонишу меҳнат доштаи онҳо огоҳ будан, муҳимтарин талаботи самараноки тарбияи оилавӣ мебошад.

1. Фаъолияти якҷояи меҳнатии падару модарон ва бачагон дар оила, ба меҳнати умумии оилавӣ ҷалб шудани ҳар як аъзои оила, оқилона тақсим кардани меҳнат байни хурдону калонсолон, байни падару модарон, писарону духтарон ва якҷоя кор кардан, назар ба суҳбату насиҳатгӯиҳои махсуси тарбиявӣ пурсамартар мебошад.
2. Оқилона ташкил кардани ҳаёти оилавӣ муҳимтарин шарти самаранокии тарбияи оилавӣ мебошад.
3. Ба роҳ мондани муносибатҳои хуб дар оила: рафоқат, содиқона иштирок кардан дар ҳаёти аъзоёни оила, ҳамдигарфахмӣ дӯстӣ ва ҳамдигарро эҳтиром кардани калонсолону хурдсолон, бародарии ҳақиқии байни бачагон боиси ташаккули ахлоқи онҳо мегарданд.
4. Ба ҳисоб гирифтани синну сол. Бачагӣ, наврасӣ ва ҷавонии инсон дар оила мегузарад. Ин давраҳои инкишофи мактаббача хеле гуногун аст. Дар тарбияи оилавӣ дар баробари тағйироти синнусолии бачагонро ба назар гирифтан, барои муътадил

гузаштани раванди ташаккули шахсияти онҳо ғамхорӣ зоҳир намудан лозим аст. Дар давраи таълими ибтидоӣ ба бачагон ёрӣ додан лозим аст, ки маҳорату малакаҳои меҳнатӣ, фикриву ҷисмониро аз худ кунанд. Инчунин, дар ин давра қобилияти эҷодии бачагонро ба назар гирифта, барои инкишоф ёфтани онҳо ғамхорӣ намудан лозим аст. Дар айёми мураккаби наврасӣ масъалаҳои муомилаи бачагон бо одамон аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Бо киҳо рафиқ будан, дар коллектив чӣ хел мавқеъ доштан ва дар ҳаёти ҷамъиятии синф чӣ гуна иштирок кардани писар ё духтари худро донистан, аҳамияти зиёди тарбиявӣ дорад. Аз ҳар хел муносибатҳои нобоварона тез ранҷидани бачаро дар назар дошта, ҳамеша ӯро ҳурмат намудану ба ӯ бовар кардан дар тарбияи оилавӣ манфиати бисёре меоварад.

Ба мактаббачаи синни калони мактабӣ дар интихоби касб ва интихоби роҳи зиндагӣ ёрӣ расонидан лозим аст. Дар муомила бо бачагони ин синну сол худро наздик гирифтану ба онҳо бовар кардани одамони калонсол дорои аҳамияти муҳимми маънавӣ мебошад. Донистан лозим аст, ки чӣ чизе шахси ҷавонро ба ҳаяҷон меоварад. Ба ӯ ёрӣ додан лозим аст, ки аз вазъияти мураккаб раҳоӣ ёбад. Дӯстӣ ва муҳаббати ҷавонӣ ҳам иштироки падару модарон ва ҳам дахолати онҳоро тақозо дорад. Дар як қисми оилаҳо, бахусус баъзе оилаҳои ҷавон аз сабаби камтаҷрибагии волидайн тарбияи бачагон коста мешавад. Дар чунин вазъият майлу рағбат, озодии онҳо фишор меёбад ва рушду камолоти маънавӣ маҳдуд мегардад. Камбудии дигари тарбияи оилавӣ ин аз ҳад зиёд нозпарвару эрка тарбия кардани бачагон аст. Ин аз он сабаб рӯй медиҳад, ки падару модарон фарзанди худро аз меъёр зиёд дӯстдорӣ мекунанд, ягон чизеро барояш дареғ намедоранд, ҳатто гуноҳҳояшро мебахшанд. Дар баъзе оилаҳо падару модар нисбати фарзанд серталабӣ кунанд, бобою бибӣ тарафгири набера шуда, камбудиҳои онҳоро мепӯшанд, гунаҳҳояшонро мебахшанд, дар чунин ҳолат бачагон дурӯя тарбия меёбанд. Дар тарбияи фарзандон бемасъулиятии волидайн ба нохушиҳои зиёд меоварад. Педагоги машҳур В.А.Сухомлинский таъсири тарбиявии оиларо ба қувваи пурасроре монанд карда буд, ки забонҳои инсониро тавлид месозад. Тарбияи оилавӣ як қисми тарбияи ҷамъиятӣ мебошад. Вазифаи оила дар доираи кору бору хонадон оқилона ташкил кардани ҳаёти бачагон аст, то ки онон таҷрибаҳои муфиди наслҳои калонсолро аз худ кунанд, дар фаъолияти амалии худ истифода бурда тавонанд. Волидайн ва шахсони ивазкунанда, агар садди роҳи маълумотгирии фарзандон шаванд ва ё ба тарбияи онҳо беэътиборӣ зоҳир кунанд, мутобиқи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Азбаски сатҳи зиндагӣ ва маълумотнокии падару модарон гуногунанд, тарбияи бачагон як хел нест. Дар қатори оилаҳои беҳтарин оилаҳое низ ҳастанд, ки ба шароити мусоиди зиндагӣ нигоҳ накарда, дар тарбияи фарзандон ба камбудиҳо роҳ медиҳанд. Ҷараёни пурраву мураттаби тарбия пайваста амал намудани се соҳаи ба ҳам алоқаманди тарбияро, яъне оила мактаб ва ҷомеаро пешбинӣ мекунад. А.С. Макаренко гуфта буд, ки осонтарин усули алоқаи мактаб бо оила худи хонанда мебошад. Афзалияти ин усул на танҳо дар зудамал будани он аст, балки дар он ҳам мебошад, ки бача талаботи муаллимро қабул карда онҳоро дар оила ҳам ҷорӣ менамояд. Гуногун будани мазмун ва шаклҳои фаъолияти якҷояи оила ва мактабро ба назар гирифта, дар адабиёти педагогӣ онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардаанд. Ба гурӯҳи аввал масъалаҳои маром ва мазмуни корҳои таълимию тарбиявӣ бо ҳамкории мактабу оила ба хотири баланд бардоштани мазмуни таълим ва тарбияи талабагон дохил мешаванд.

Ба гурӯҳи дувум водоркунии бачагон баҳри инкишофи шахсияти худи онҳо дохил мешавад, ки масъалаҳои зиёдро фаро мегирад. Аз таҷриба маълум мешавад, ки дар оила он бача бештар инкишоф меёбад, ки падару модараш дар хонадон муҳити солим фароҳам овардаанд ва худашон дар меҳнати содиқона намунаи ибратанд. Фарзандон зимни ёддиҳӣ, машқ, назорат ва ғамхории волидон камол меёбанд. Ба гурӯҳи савум масъалаҳои ҳамкории мактабу оила ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии бачагон, ҳамчунин дигар масъалаҳо шомил мешаванд. Дар тарбияи насли навраси солим ваҳдат, ҳамкорӣ, мадади ғамхоронаи мактаб, оила ва аҳли ҷамоатчигӣ бағоят зарур аст. Баҳри

бунёди чунин такягоҳи боэътимод мактаб эҳтиёҷи зиёд дорад ва маҳз мактаб метавонад барои чунин ҳамкорӣ заминаи устувор гузорад. Ҳамкории муштараки мактабу оила ҳанӯз аз синфҳои ибтидоӣ, аниқтараш қабл аз ба мактаб омадани талабагон сурат мегирад. Баъди ба мактаб омадани бачагон ҳамкориву мададрасонии тарафайни мактабу оила ранги дигар мегирад. Муаллиму волидайн дар фикри таълиму тарбияи бача мешаванд. Онҳо бо маслиҳат шароиту бахши мактабравии бачаро ба инобат гирифта, низоми рӯз тартиб медиҳанд ва риояи онро дар оила ва мактаб назорат мебаранд. Аз рӯзи ба мактаб воридшавии бачагон волидайни онҳо ҳам узви коллективи умумимактабӣ ҳисоб мешаванд. Ва маслиҳату супоришҳоро аз кумитаи волидайни мактаб ва муаллимон мегиранд. Мактаб бо ҳимояву дар ҳамкории оилаҳо ва ҷамоатчигӣ мактаб фаъолияти таълимӣ ва тарбиявии худро мутобиқ бо талаботи замон ба роҳ монда метавонад. Мактаб фарзандони миллатро тарбия мекунад. Бинобар ин аҳли ҷамъият дар тарбияи ояндаи кишвар бетараф буда наметавонад. Барои ба ин масъалаи ниҳоят муҳим, ки поягузори ҷомеа мебошад, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудани ҷамоатчигӣ – аз депутатҳои мардумӣ, иттифоқҳои касаба сар карда то шӯрои занон ва саркорону сардорони ҷойи кори падару модарони бачагон зарур аст. Ҳамкории онҳоро ҳам мактаб созмон медиҳанд. Дар хонаҳои калони серодам, маҳаллаҳо, касаба, деҳот, колхозҳо шӯрои ҷамъиятии мададрасони оила ва мактаб созмон дода мешавад, ки муаллимон бояд вазифаҳои онҳоро хуб донанд ва аз онҳо самарабахш истифода баранд. Ба ҳайати шӯрои мададрасони оила ва мактаб депутатҳои халқ, кумитаи иттифоқи касаба, шӯрои занон, фаъолон ва маъмурияти муассисаҳо дохил мешаванд. Вазифаи муҳимми ин шӯро бо мактаб робитаи наздик доштан аст. Ба корҳои маҳфил дастаҳои варзишӣ, меҳнати истеҳсолии мактаб кумак мекунанд. Яке аз шаклҳои муҳимми ҳамкории педагогии мактаб ва оила тавассути кумитаи ҷамъиятчигии волидайн амалӣ карда мешавад. Кумитаи падару модарони мактаб бо мақсади барқарор намудани алоқаи мустаҳками мактаб ва оила созмон дода мешавад. Кумитаи волидайни синф ва мактаб дар корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ аз қабили худхизматрасонӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ва ғайра ёрии амалии худро мерасонад. Муҳимтарин шакли алоқаву ҳамкории мактаб бо оила аз маҷлисҳои падару модарон иборат аст. Дар ин маҷлисҳо муҳимтарин масъалаҳои таълиму тарбия муҳокима, роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо муайян карда мешаванд. Таҷрибаи беҳтарини ҷомеаҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки ба корҳои тарбияи хонандагон ҷалб карда шудани падару модарон хеле манфиатбахш мебошад. Самаранокии таъсири тарбияи оилавӣ дар ташаккули шахсият аз бисёр ҷиҳат бо ёрии дараҷаи умумӣ ва маданияти педагогии падару модарон муайян карда мешавад.

Ба он муваффақ шудан лозим аст, - навишта буд В.А.Сухомлинский, - ки падару модарон дар симои фарзандони худ, пеш аз ҳама, худашонро дида, асосҳои инкишофи бачаро фаҳмида тавонанд. Барои ин онҳоро бо муҳимтарин қонунияти илми педагогика, психологияи синнусолӣ, физиология, этикаи педагогӣ мусаллаҳ намудан лозим аст. Бо ин мақсад барои падару модарон суҳбатҳои фардӣ, машваратҳо, вохӯриҳо бо муаллимон гузаронида мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Апакаев П.А. Фольклорные традиции народной педагогики /Сб. Фольклор и искусство в современной художественной культуре Марийской АССР / П.А. Апакаев. -Йошкар-Ола, 1991. –С.138-149.
2. Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа / М.Арипов. -Душанбе: Ирфон, 1962. -Часть-1.
3. Ефстифеев А.П. Старые обычаи, новые традиции. Очерки о внедрении новой обрядности / А.П. Ефстифеев. -Ташкент: Ёш гвардия, 1977. -49с.
4. Калонтаров Я.И. Таджикские пословицы и поговорки в аналогии с русскими / Я.И.Калонтаров. -Душанбе: Ирфон, 1965. -536с.
5. Легенды, предания, бывальщины / Сост. Н.А. Криничной. -М.: Современник, 1989. -286с
6. Манонов А. Подготовка студентов педвуза к использованию прогрессивных идей таджикской народной педагогики в нравственном воспитании детей: дисс. ... к.пед.н./ А. Манонов. -М., 1992. -162л.

ТАРБИЯИ БАЧАГОН ДАР ОИЛА, МАКТАБ ВА ҶОМЕА

Мақола ба баррасии нақши мактаб, оила ва ҷомеа дар тарбияи насли наврас бахшида шудааст. Тарбияи насли наврас омили муҳимми рушди ҷомеа ва интиқоли таҷрибаи бисёрсолаи одамони таҷрибадор аз насл ба насл

мебошад, ки дар фарҳанг, илм, санъат, забон, маънавиёт, рафтор, муносибат ва муноссибатҳои ҷамъиятии умумӣ ифода ёфтааст. Ташаккули шахсият, ки дар мактаб ва оила ба вуқӯъ меояд, марҳилаи асосии тайёрии инсон нисбати ҳаёти минбаъдаи ҷомеа мебошад. . Муаллифон қайд менамоянд, ки дар азхудкунии сифатҳои беҳтарини инсонӣ аз ҷониби насли наврас нақши муҳимро волидайн мебозанд, чунки он чизе ки кӯдак дар солҳои аввали рушд мебинад ва ҳис менамояд, дар шуури ӯ нақши амиқ мегузорад ва ошкорсозии иқтидори маънавӣ ва ахлоқии шахсият, рушди ҳаматарафа ва мутаносиби он мақсади олии ҷомеа маҳсуб меёбад. Дар маҷмӯи вазифаҳои аввалиндараҷа, ки дар назди мактаби таҳсилотӣ ва касбӣ мебошад, рушди минбаъдаи ягонагии педагогии амалиётҳо дар тарбияи насли навраси мактаб, оила, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилоҳои ҷамъиятӣ меистад. Аввалин дарси ҳаётро кӯдак дар оила мегузарад. Аввалин омӯзгор ва мурабби ӯ падару модар мебошад. Таҷрибаи оилаҳои хушбахт дар тарбияи кӯдакон арзиши калони иҷтимоӣ дошта, ба ғанигардонии маънавӣ ва ахлоқии тамоми ҷомеаи мо мусоидат хоҳад кард..

Калидвожаҳо: тарбияи оилавӣ, педагогикаи халқӣ дар тарбияи фарзанд, муносибатҳо дар оила, мазмуни тарбияи оилавӣ.

ВОСПИТАНИЕ РЕБЁНКА В СЕМЬЕ, ШКОЛЕ И ОБЩЕСТВЕ

В статье авторами рассматривается роль семьи, школы и общенства в воспитании ребенка. Воспитание подрастающего поколения - важнейший фактор развития общества и передача от поколения к поколению многостороннего опыта людей, выраженного в общей культуре, науке, искусстве, языке, нравственности, поведении, общественных отношениях. Становление личности происходящее в школе и семье является основным этапом подготовки человека к дальнейшей жизни в обществе. Авторы отмечают, что существеннную роль в приобретении детьми лучших человеческих качеств играет личный пример родителей, так как всё, что видит и чувствует ребенок в ранние годы, оставляет в его сознании глубокий неизгладимый след и раскрытие духовного и нравственного потенциала личности, её всестороннее и гармоничное развитие является высшей целью общества. В комплексе главных задач, поставленных перед образовательной и профессиональной школой, является дальнейшее развитие педагогического единства действий в воспитании подрастающего поколения школы, семьи, трудовых коллективов, общественных организаций. Первые жизненные уроки ребёнок получает в семье. Его первые учителя и воспитатели – отец и мать. Опыт счастливых семей в воспитании детей представляет огромную социальную ценность, он способствует духовному и нравственному обогащению всего нашего обществ.

Ключевые слова: семейное воспитание, народная педагогика в воспитании ребёнка, отношения в семье, содержание семейного воспитания.

RAISING A CHILD IN A FAMILY, SCHOOL AND SOCIETY

In the article, the authors examine the role of the family, school and community in the upbringing of a child. The upbringing of the younger generation is the most important factor in the development of society and the transfer from generation to generation of the many-sided experience of people expressed in general culture, science, art, language, morality, behavior, and social relations. The formation of personality that occurs in school and family is the main stage in preparing a person for further life in society. The authors note that the personal example of parents plays a significant role in the acquisition of the best human qualities by children, since everything that the child sees and feels in his early years leaves in his mind a deep indelible mark and the disclosure of the spiritual and moral potential of the individual, its all-round and harmonious development is the highest goal of society. In the complex of the main tasks assigned to the educational and vocational school, is the further development of pedagogical unity of action in the upbringing of the younger generation of the school, family, labor collectives, and public organizations. The child receives the first life lessons in the family. His first teachers and educators were father and mother. The experience of happy families in raising children is of great social value, it contributes to the spiritual and moral enrichment of our entire society.

Key words: family education, folk pedagogy in the upbringing of a child, family relations, the content of family education.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Манонова Р.А.*** – Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Худжанд, И.Сомонӣ 169

Раҳимова Г. - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, дотсенти кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

Ҷӯраева Н.З. - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд,асисстенти кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Худжанд, И.Сомонӣ 169

Сведения об авторах: ***Манонова Р.А.*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, кандидат педагогических наук, доцент кафедры руского и таджикского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони 169

Рахимова Г. - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, доцент кафедры общей педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1

Джураева Нодира Зарифовна - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в Худжанде, асисстент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, И.Сомони 169

Information about the authors: ***Manonova R.A.*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the Department of Russian and Tajik languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni 169

Raimova G. - Khujand State University named after B. Gafurova, assistant professor of general pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1 passage

Juraeva Nodira Zarifovna - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, Assistant at the Department of Foreign Languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, I. Somoni 1691

УДК:37.025

БАРРАСИИ ОСОР ВА ПАЙОМАДҲОИ РАВОНШИНОХТӢ ВА ИҶТИМОИИ ШЕВАҲОИ ТАРБИЯТИ МУСТАБИДОНА ВА ОЗОДМАНИШ

Муҷтабо Маҳфуз
Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Хонавода яке аз ниҳодҳои куҳан ва дорои нуфузи иҷтимоии ҳар ҷомеае ба шумор меояд. Ин ниҳоди иҷтимоӣ дар даврaҳои мухталиф бо тағйироти густурдае дар сохтори худ рӯ ба рӯ будааст [9]. Ироаи таърифи ҷомеъ бар ин пешфарз устувор аст, ки хонаводаро ниҳоди ҷаҳонӣ талаққӣ кунем, дар ҳоле ки бархе донишмандони улуми иҷтимоӣ бо радди ин пешфарз вожаи хонаводаро барои ишора ба вижагии мутамоизи ҳаёти иҷтимоӣ дар баъзе фарҳангҳо ва даврaҳои таърихӣ, ба таври хос фарҳанги ғарбӣ, дар даврaҳои ахир ба кор бурдаанд. Бо чашмпӯшӣ аз ин тафовути дидгоҳҳо, ба баъзе аз муҳимтарин таориф, ки ба василаи донишмандон ироа гардидаанд, ишора менамоем. Хонавода аз гурӯҳи ашхос ташкил мешавад, ки равобиташон бо якдигар бар пояи хешовандӣ ва ҳамхунӣ устувор аст [7]. Хонавода иборат аз гурӯҳе аз афродест, ки аз тариқи хун, зану шавҳарӣ ва ё фарзандпарварӣ бо ҳамдигар иртибот меёбанд ва тайи як давраи замонии номушаххас бо ҳам зиндагӣ мекунанд [6, с.7].

Хонаводаи мустабид. Дар ин навъ хонаводаҳо волидайн ҳастанд, ки тасмим мегиранд ва барои назари фарзандони худ эҳтироме қоил намешаванд, фарзандон фақат ончиро ки волидайн мегӯянд, бояд иҷро кунанд [1, с.15]. Дар ин навъ хонавода қавоид ва қонунҳои зиёде вуҷуд доранд, вале муҳаббат ва таваҷҷуҳ андак аст. Дар асл, ин волидайн ҳастанд, ки барои фарзандони худ барномарезӣ мекунанд ва дар ин барномарезиҳо ба хостаҳо, алоиқ ва салиқаҳои фарзандони худ чандон аҳамияте намедиҳанд. Волидайни мустабид аз фарзандони худ интизороти зиёде доранд, вале маъмулан далел ва мантиқи интизороти худро баён намекунанд. Мантиқ онон ин аст - «Чун ман мегӯям».

Ин волидайн камтар бо фарзандони худ дар мавриди барномаҳое, ки барои онон дар назар доранд, машварат мекунанд. Ибрози муҳаббат ва алоқа ба фарзандон дар ин хонаводаҳо ба шиддат кам аст. Волидайни мустабид ба ниёзҳои фарзандони худ чандон аҳамияте намедиҳанд. Онон фарзандони худро мавҷудоти мустақил аз хонавода намедонанд. Яъне, фарзандони худро ба унвони инсонҳои мустақиле ба расмият намешиносанд, балки фарзандонро ҷузъе аз худ медонанд, ки ҷудонопазир аст. Сабки бархӯрди хонаводаҳои мустабид бо хатоҳои фарзандони худ хашин аст. Волидайн мутаваққеъ ва интиқодгар ҳастанд ва аз стандартҳои мутлақ барои арзёбии фарзанд истифода мекунанд. Агарчи зоҳиран ба назар мерасад, ки фарзандони хонаводаҳои мустабид, дар назм ва ё таҳсил то ҳадде муваффақ ҳастанд, аммо ин зоҳири қазия аст. Ин фарзандон дар даврони рушд ва дар бузургсолӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ ҳастанд. Масалан, фарзандони ин хонаводаҳо гароиш ба бадахлоқӣ доранд, ба зоҳир ғамгин ҳастанд. Таҳрикпазир ва назарашон нисбат ба атрофашон манфӣ аст. Дар ин навъ хонаводаҳо волидайн қавонинро ба таври инъитофнопазирӣ таҳмил мекунанд. Аз назари тарбиятӣ хашин ва танбеҳкунанда ҳастанд. Бо рафтори бад муқобила мекунанд ва кӯдаки бадрафторро танбеҳ мекунанд. Онҳо амёли кӯдаконро дар назар намегиранд ва ақоидашонро чӯё намешаванд. Кӯдакони дорои чунин волидайн суботи равонӣ ва фикрӣ надоранд ва хешро бадбахт мепиндоранд. Онҳо зуд нороҳат мешаванд ва дар баробари фишорҳои равонӣ осебпазир ҳастанд. Волидайни мустабид аз назари дархост кардан ва дастур додан дар сатҳи болое ҳастанд, аммо посухдиҳанда нестанд. Онҳо қудратмадор ва вазъкунандаи қонун ҳастанд, аз фарзандон интизор доранд бидуни ҳеҷ гуна тавзеҳ аз қавонин итоат кунанд ва дар мавриди итоат аз қавонин камтарин тавзеҳ ҳам намедиҳанд [6, с.20]. Дар ин навъ хонаводаҳо танҳо волидайн, ба вежа падар аз истиқлол бархӯрдор аст. Падар дар кӯчактарин амали дигарон дахолат ва арзиши кори онҳоро таъйин менамояд. Он чи ӯ хуб бидонад, хуб аст ва он чи ба назараш бад ҷилва кунад, бад талаққӣ мешавад ва бояд тарк гардад. Ӯ метавонад аз кори дигарон интиқод кунад, вале он чи худ анҷом медиҳанд, бидуни чуну чаро ба таъйиди дигарон мерасад. Танҳо ӯ масолеҳи хонавода ва фарзандонро ташхис медиҳад ва дигарон бояд назари ӯро бипазиранд. Падар дар корҳои хусусии аъзои хонавода дахолат мекунад ва замони кор, тафреҳ, таҳсил, хоб афродро муайян месозад [10, с.126]. Ин волидайн бо ташхиси худ қавоиди мутаносиб бо синни кӯдакон бар онҳо таҳмил мекунанд, барои намуна, сахтгирӣ дар сару садо, покизагӣ, асбоби бозӣ, навъи либос пӯшидан ва ғайра. Волидайни мустабид рафторҳои оқилона, амалкарди хуб дар мадраса, дуруст ғизо хӯрдан, тамизӣ аз кӯдакро таваққӯъ доранд [5, с.445-446]. Ин волидайн рафторҳои ояндаи бачаҳои худро дунбол мекунанд ва дар бораи рақобатҳои иҷтимоӣ ва таомули иҷтимоии ғайримуассири фарзандони худ изтироб доранд.

***Вежагиҳои волидайни мустабид*:**

1. Падари хонавода ҳоким бар рафтор ва аъмоли фарзандон аст ва ҳеҷ як аз аъзои хонавода иҷозаи изҳори назар ё баёни дидгоҳҳои худро надоранд.
2. Волидайн чунон рафтор мекунанд, ки фарзандон меомӯзанд, ҳаққи ҳеҷ гуна ибрози ақидаеро ҳатто дар маворид, ки метавонанд монеъ аз бурузи баъзе мушкилот барои хонавода гардад, надоранд.
3. Агар фарзандон аз фармони волидайн итоат накунанд, дар ин сурат, ба далели ин навъ рафтори фарзандони хеш нороҳат, хашмгин ва озурдахотир мешаванд.
4. Фарзандон ҷуръати савол кардан дар мавриди анҷом додан ва анҷом надодани корҳоро аз волидайн надоранд.
5. Волидайн бар рафтор ва корҳои фарзандони худ назорати шадид доранд ва ҳамаи тасомимро шахсан иттихоз мекунанд.
6. Волидайн далелеро ҷиҳати дастуроте, ки содир мекунанд, барои фарзандони худ ироа намедиҳанд ва аз онон мехоҳанд бидуни чуну чаро аз ин дастурот итоат кунанд.
7. Волидайн нисбат ба риояи назм ва инзибот арзиши ифротӣ қоил ҳастанд ва тавоноии таҳаммули ҳеҷ гуна беназмиро аз тарафи фарзандони худ надоранд.
8. Волидайн ба суханони фарзандони худ гӯш намедиҳанд ва агар ҳам суханеро бишнаванд, барои он аст, ки бо он мухолифате нишон диҳанд.
9. Дар мавориде, ки волидайн фарзандони худро насиҳат ё ононро аз анҷом додани коре манъ мекунанд, далели хосеро ироа намедиҳанд.
10. Дастуроти волидайн бояд бидуни чуну чаро иҷро шавад ва аз саркашӣ аз дастуроти падар ва модар гуноҳи бузурге маҳсуб мешавад.
11. Волидайн барои тасомими фарзандони худ, ҳатто агар ин тасомим маъқул ва мустанад бошад, эҳтиром қоил нестанд.
12. Волидайн муътақиданд, ки чун син, таҷриба ва дониши онон бештар аз фарзандонашон аст, бинобар ин, ҳаққи дахолат дар ҳамаи умур ва ҳатто дар хусуситарин корҳои фарзандони худро доранд.
13. Бархӯрди волидайн бо фарзандон эҳтиромомез нест ва ҳатто аз таҳқири онон дар ҳузури дигарон низ ибое надоранд [8, с.19].

***Осор ва пайомадҳои сабкҳои фарзандпарварии мустабидона*:**

1. Фарзандони ин хонаводаҳо зоҳиран дар ҳолати таслим ва итоат аз падар ва модар ба сар мебаранд, вале дар воқеъ дучори ҳаяҷон ва изтиробанд. Чунин афроде, нохудогоҳ бо волидайни худ ҳамсозӣ мекунанд ва бо дигарон рафтори душманона доранд, дар натиҷа ба бачаҳои ҳамсин ё кӯчактар аз худ озор мерасонанд [11, с.475].
2. Кӯдаконе, ки дар ин хонаводаҳо бузург мешаванд, маъмулан мутеъ ва фармонбардоранд, вале дар бештар маворид рафторашон ҳамроҳ бо пархошгарӣ аст. Онҳо байни ҳамбозиҳои худ маҳбубияти зиёде ба даст намеоваранд, зеро барои ҳуқуқи дигарон эҳтиром қоил намешаванд. Ин кӯдакон дар баробари интиқоди бузургтарҳо бетафовут ҳастанд, аз суботи отифии камтаре бархӯрдоранд ва гароиши бештаре ба инҳироф доранд.
3. Ин кӯдакон истиқлоли кофӣ надоранд ва эҳсоси ноамнӣ дар онҳо шадид аст. Ноамнӣ ва нооромӣ дар хона, ду пайомади асосӣ дорад: нахуст ин ки фарзандон, бавежа пас аз расидан ба навҷавонӣ, аз назари фикрӣ аз волидайн эҳсоси ҷудоӣ ва бегонагӣ мекунанд. Дувум ин ки ҳангоми тасмимгирӣ дар умури асосии зиндагӣ, ба сабаби изтироб ва танише, ки дар асари ноамнӣ падид омадааст. Дар ҳақиқат, фирор аз хона навъе исёнгирӣ бар зидди хонаводаест, ки дар он пархош ва танишҳои отифӣ ҳоким бошанд ва эътирози кӯдакон сахтгирии тарбиятии сарпарасти хонаводаро ба дунбол дошта бошад.

Натоиҷи пажӯҳишҳои мутааддид дар бораи баррасии илали фирори фарзандон аз хона нишон медиҳад, ки яке аз муҳимтарин авомили фирор аз хона, салби оромиши равонӣ ва отифии фарзандон аз сӯйи волидайни сахтгир дар муҳити хона аст. Вақте кӯдак дар мавқеияте қарор гирад, ки эҳсоси амнияти худро ба далели сахтгириҳои бемавриди падар ва модар аз даст бидиҳад, бешак дучори мушкил хоҳад шуд. Пас фирор аз хонаро яке аз беҳтарин роҳҳои иҷтиноб аз ин сахтгириҳо медонад.

4. Кӯдакони хонаводаҳои мустабид маъмулан дар корҳои гурӯҳӣ ширкат намекунанд ва аз қабули масъулият худдорӣ менамоянд. Ба таври куллӣ, ба бузургсолон бадбин ҳастанд ва амалӣ кардани дастуроти онҳоро таҳмилӣ ва ба зарари худ медонанд.
5. Фарзандони хонаводаҳое, ки аз ин шеваи тарбиятӣ истифода мекунанд, камтар ба худ муттакӣ буда, халлоқияти каме доранд ва аз ин ки бихоҳанд дар чунин муҳити хонаводагӣ ва тарбиятӣ иддаои ҳақ кунанд, меҳаросанд.
6. Дар муҳити хонаводаҳои мустабид тарс ва ваҳшат бар аъзои хонавода ғалаба дорад ва ниёзҳои фарзандон таъмин намешаванд ва ба таври куллӣ, ба шахсият, тамоюлот ва эҳтиёҷоти онҳо таваҷҷуҳ намегардад. Фарзандони чунин хонаводаҳо эҳсоси амният намекунанд, ҳадаф аз анҷоми корҳоро намедонанд, маҷбур ба риояи назм ва инзибот

таҳмилӣ аст ва аз ҳама бадтар, ҷуръат намекунанд, ки далели рафторҳоро бипурсанд. Ӯ бояд кӯркӯрона ончиро, ки волидайн таъйин мекунанд, амалӣ созанд. Онҳо аз тарси танбеҳ корҳое анҷом медиҳанд, ки ба ҳеҷ вақҳ тамоюл ба анҷоми он надоранд. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар фарҳангҳое, ки кӯдакон пайваста таҳқир ва танбеҳ мешаванд, тарс ва изтироби бештаре доранд.

7. Фарзандони ин хонаводаҳо чун афкор ва ақоиди хосеро бидуни чунучаро аз падар ё модар дар муҳити хонаводаи хеш пазируфтаанд, муаассиб хоҳанд буд, ки таҳаммули андешаҳои мухолифро нахоҳанд дошт. Ин афрод қудрати эҷоди иртиботи мусбат бо дигаронро надоранд, яъне дар заминаи отифӣ ва иҷтимоӣ ба мизони кофӣ рушд накардаанд. Рушди нокофӣ ҳосил аз сахтгирӣ ва бархӯрдҳои инзиботии шадиди волидайн, батадриҷ, сабаби инзивои иҷтимоӣ ва дар ниҳоят афсурдагии фарзандон хоҳад шуд.

8. Маҳдудияти мутлақ дар хона ва равиши тарбияти мустабидона, боиси шикаста шудан ва аз байн рафтани халлоқият ва монеи буруз ва зуҳури истеъдодҳо мешавад ва ба фарзандон ва аъзои хонавода иҷозаи фаъолиятҳои нав ва шукуфои истеъдодҳояшонро намедиҳад. Дар баъзе маворид маҳдудияти мутлақ, сабаби эҷод ё афзоиши эҳсоси кеҳтарӣ ва худкамбинии фард мешавад. Дар натиҷа, сабаби ҳуҷуми афкори манфӣ дар бораи худ ва норизоӣ аз хештан ва дигар ихтилолоти отифӣ хоҳад шуд. Шеваҳои тарбияти мустабидона дар писарон бештар нисбат ба духтарон натоиҷи манфӣ дар дарозмуддат баҷой мегузорад. Тавоноии шинохтӣ ва иҷтимоии фарзандони писари чунин волидайне дар муқоиса бо ҳамсолонашон камтар аст. Ҳисси ибтикор, раҳбарӣ ва эътимод ба нафс дар ин фарзандон дида намешавад [2, с.7-9].

Хонаводаҳои озодманиш (сабки қотеона ё муқтадирона). Дар ин навъ хонаводаҳо волидайн ҳам аз фарзандони худ интизороте доранд ва ҳам нисбат ба онон таваҷҷуҳ ва муҳаббат нишон медиҳанд. Интизороте, ки волидайни қотеъ аз фарзандони худ доранд, мантиқӣ ва мутаносиб бо синни онон аст. Онон интизороти худро аз фарзандон бо онон дар миён мегузоранд ва дар ин замина бо онон гуфтугӯ мекунанд. Дар чунин хонаводае ба истиқлол ва озодии фикрӣ ташвиқ мешавад, дар ҳоле навъе маҳдудият ва назорат аз сӯйи волидайн низ бар ӯ аъмол мегардад. Дар ин хонавода изҳори назар, суҳбат бо кӯдак ва иртиботи каломии васее дар табодули кӯдак-волидайн вуҷуд дорад. Гармӣ ва самимият асоси барқарории иртибот аст ва ба шеваи мантиқӣ ва ақлонӣ изҳор мешавад [2, с.13].

Дар хонаводаҳои озодманиш қавоид ва қонунҳои хонаводагии равшане барои фарзандон вуҷуд доранд. Хонаводаи оздоманиш фаъолона ба ҳидоят ва роҳнимоии фарзандони худ мепардозад ва ба фаъолиятҳои фарзандони худ назорат мекунад, яъне волидайн ҳар гоҳ кӯдакро аз чизе манъ кунанд ё аз вай интизори хосе дошта бошанд, мавзӯъро барои вай ба хубӣ табйин карда, далели онро ироа медиҳанд. Агар фарзандон дар корҳои худ кӯтоҳӣ кунанд ё бар хилофи он чи хонавода таъйин кардааст, амале анҷом диҳанд, тамоми аъзои хонавода дар таъйини муҷозоти ӯ ширкат мекунанд. Барои ҷилавгирӣ аз бурузи рафторҳои нобаҳинҷор ва нодуруст дар фарзандон, волидайн дар ҳар маврид мекӯшанд, ки фарзандонро мутаваҷҷеҳи осор ва аъмоли худ созанд ва ба онҳо кумак кунанд, ки худашон аъмоли хешро идора намоянд. Бинобар ин, барои иҷрои инзибот дар хона ва иҷтимоъ, худназорат ҷонишини дигари назорат мешавад [10, с.212-215]. Ин волидайн бо ниёзҳои рушди фарзандон созгор ҳастанд ва арзиши зиёде ба рушди худмухторӣ медиҳанд. Дар ин сабк волидайн фурсатҳое ба навҷавонон медиҳанд, ки барои он ки онҳоро дар тасмимгирӣ ва истиқлол неруманд бикунанд. Дар чунин фазое фарзандон метавонанд ақидаҳои худро озодона баён кунанд ва ҳунарҳо ва маҳоратҳои билқувваи хешро буруз диҳанд ва дар натиҷа аз амнияти равонии кофӣ бархӯрдор шаванд. Ба таври хулоса метавон асоси омӯзиш ва парваришро дар хонаводаҳои озодманиш ба тартиби зер баён кард:

1. тамоми афроди хонавода муҳтарам ҳастанд;
2. аъзои хонавода, салоҳияти изҳори назар дар бораи масоил ва мушкилоти марбут ба худро доранд;
3. ҳамаи афроди хонавода ҳақ доранд дар тасмимҳое, ки дар бораи онҳо ё корашон гирифта мешавад, дахолат кунанд ва дар айни ҳол масъулият доранд, ки дар тасмимгириҳо ва анҷоми вазоиф, оқилона, мутобиқ бо масолеҳи хонавода ва тибқи қавонини пазируфташуда амал кунанд;
4. равиши ақлонӣ дар тамоми ҷанбаҳо ва шууни зиндагии ин хонавода дида мешавад;
5. асоси ин навъ зиндагӣ бар ҳамкорӣ ва ҳамёрӣ аст.

Вижагиҳои волидайни озодманиш ё муқтадир:

1. Нисбат ба фарзандони худ ба андозаи кофӣ муҳаббат нишон медиҳанд ва дар ин роҳ ифрот ё тафрит намекунанд.
2. Вақте фарзандони худро насиҳат мекунанд ё ононро аз анҷоми коре манъ мекунанд, далоили қонеъкунандаеро барои онон ироа медиҳанд.

3. Бархӯрди онон бо фарзандонашон эҳтиромомез аст ва дар ин замина тазоҳур намекунанд.

4. Ба суханони фарзандонашон гӯш медиҳанд ва ҳангоми суҳбат кардан бо онон мекӯшанд, то мафҳум ва манзури фарзандонро аз дидгоҳи онон дарк кунанд.

5. Ҳарчанд барои рафтори хуб арзиш қоил ҳастанд, вале далоили рафтори фарзандони худро низ медонанд ва бинобар ин, зуд ба қазоват намешинанд ва фарзанди худро беҳуда танбеҳ намекунанд.

6. Ҳадафҳо ва интизороташон аз зиндагӣ барояшон равшан аст ва дар ин маворид бо фарзандони худ низ суҳбат мекунанд.

7. Аз фарзандони худ дар ҳадди истеъдод, тавонмандиҳо, шароити синнӣ ва маҳдудиятҳои онон интизор доранд ва аз фарзандон интизороти маъқул доранд.

8. Барои фарзандони худ ҳаққи изҳори назар дар ҳар заминаро медиҳанд ва фарзандон бидуни кадом эҳсоси нигаронӣ дидгоҳҳои хешро дар ҳамаи абъоди зиндагӣ матраҳ мекунанд.

9. Рафторашон чунон аст, ки дар фарзандон эҳсоси эътимод, самимият ва оромишро эҷод мекунад.

10. Барои тасомими фарзандонашон арзиш қоил ҳастанд ва ба ҷойи тасмимгирӣ барои онон, ба фарзандони худ шеваҳои тасмимгирии беҳтарро меомӯзанд. Яъне, ба ҷой моҳӣ додан, моҳигириро ба онон меомӯзанд.

11. Дар фурсатҳои муносиб фарзандони худро ташвиқ мекунанд ва медонанд, ки танбеҳи фарзандон муҷиботи рушд ва боландагии ононро фароҳам намеоварад. Зимнан медонанд, ки танбеҳи баданӣ ҳаргиз арзиши тарбиятӣ надорад.

12. Ҳар гоҳ лозим бошад ва бо таваҷҷуҳ ба вежагиҳои шахсиятии ҳар як аз фарзандон, иштибоҳоти ононро ба нармӣ, бо хушхӯӣ ва дар мавқеи муносиб гӯшзад мекунанд.

13. Фарзандони худро ташвиқ мекунанд, то мустақил ва мутаккӣ ба худ бошанд ва зимнан муҷиботеро фароҳам меоваранд, то иззати нафс дар онон тақвият шавад [8, с.20].

Осор ва пайомадҳои сабки фарзандпарварии озодманиш ё қотеона: Ин сабки фарзандпарварӣ осори мусбати фаровоне бар тарбияи фарзандон дорад, ки ба баъзе аз муҳимтарини онҳо ишора мешавад:

- ✓ Ба далели эҳтироме, ки волидайни озодманиш ба кӯдаки худ мегузоранд, рӯҳияи истиқлол ва эътимод ба нафсро дар ӯ тақвият ва ба рушди солими шахсияти вай кумак мекунанд.
- ✓ Бар асоси баррасиҳои равоншиносони иҷтимоӣ, афроде, ки дар даврони кӯдакӣ аз озодии муътадил бархӯрдор будаанд ва ба онҳо эҳтиром гузошта шудааст, дар бузургсолӣ душмани зулму золим ва мухолифи норавоиҳо будаанд ва ба ислоҳоти бузурги иҷтимоӣ тавфиқ ёфтаанд. Офаринандагӣ дар онон неруманд будааст ва аз дунё ва умри худ лаззати бештаре бурдаанд.
- ✓ Вақте фарзандон битавонанд бо волидайн ва дигар аъзои хонаводаи худ, дар фазои отифии мутаодил зиндагӣ кунанд, дар мадраса ва дигар маконҳои омӯзишӣ ва ғайриомӯзишӣ низ хоҳанд тавонист бо муаллим ва масъулони мадраса, ҳамсинфҳо ва дигар афрод иртиботи отифӣ ва иҷтимоии саҳеҳе барқарор созанд.
- ✓ Худдории бачаҳои волидайни муқтадир ё озодманиш аз аъмоли ношоиста, ба сабаби тарс аз волидайн ё тарс аз танбеҳ ва сарзаниш нест, балки сабаби асосии он риояи қавонин ва муқаррароти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ва эҳтиром ба дигарон ва илтизоми амалӣ ба ҳинҷорҳои иҷтимоӣ ва хонаводагӣ аст [2, с.14-15].
- ✓ Фарзандони волидайни озодманиш аз назари отифӣ низ мутаодил ва бидуни ифрот ва тафрит ҳастанд ва бамавқеъ аз муҳаббати волидайн баҳра меҷӯянд. Ба шахсияти онҳо дар хона таваҷҷуҳ шуда, ба онон эҳтиром мегузоранд ва ҷойгоҳашон дар ҷамъи хонавода мушаххас ва маҳфуз аст. Ин кӯдакон ба ҳангоми иштибоҳ дучор ноамнии равонӣ намешаванд, зеро мутмаин ҳастанд, ки роҳнамоӣ ва ҳидояти волидайни озодманиш ба ёриашон мешитобад ва барои рафъи иштибоҳ ба онҳо кумак мекунад, ки бори дигар муртакиби ин хатоҳо нашаванд [10, с.214].
- ✓ Нумароти дарсии кӯдакони ин хонаводаҳо ва ҳатто баҳраи ҳуши онҳо дар муқоиса бо дигар улгуҳои тарбиятӣ пешрафти беҳтар дорад, аз ҳисси кунҷковии бештаре бархӯрдоранд, халлоқ ҳастанд ва дар байни ҳамсолони худ ба ҳадде маҳбубият доранд, ки метавонанд роҳбарии гурӯҳро ба уҳда бигиранд. Дар фарзандони ин хонаводаҳо эътимод ба нафс ва лаёқат барои масъулиятҳои иҷтимоӣ дида мешавад.
- ✓ Кӯдаконе, ки парваришёфтаи волидайни озодманиш ҳастанд, байни рушди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, отифӣ ва шахсиятии онҳо ҳамоҳангии комил вуҷуд дорад ва ин нукта сабаби шаклгирии маниш ва халлоқияти мусбат дар онон мешавад ва ҳамчунин аз худмеҳварӣ ба қонунмеҳварӣ мерасанд.

✓ Эътои озодии мутаодил ва боз гузоштани дасти кӯдак дар интихоб, моидаи шодобӣ ва нишоти кӯдак ва сабаби ризоияти дарунӣ ва хурсандии ӯст. Шодобӣ ва нишот, ки аз вежагиҳои фарзандони волидайни озодманиш аст, муҷиби шуҷоат, ҷуръат, ғалаба бар худхоҳӣ ва худмадорӣ, муқобила бо мушкилот ва душвориҳои зиндагӣ ва дар ниҳоят, омили ҳаракат ва фаъолият ба манзури рушду пешрафт аст.

Яке аз вижагиҳои кӯдаконе, ки бо ин шева тарбият шудаанд, ин аст, ки рафторҳои ҳадафманд ва пешрафтгаро доранд. Ҳамчунин, дар ин кӯдакон, ангезаи пешрафт низ беш аз кӯдаконест, ки ба шеваҳои тарбияти саҳлгирона ё сахтгароёна тарбият шудаанд, яке аз масодиқи равшани рафторҳои ҳадафманд ва пешрафтгаро таҳсил аст [2, с.16-17].

Хонавода ба масобаи аслитарин пойгоҳи рушд ва шукуфоии шахсият ва парвариши истеъдодҳо ва маҳоратҳои иҷтимоии афрод ҳаммонанди ҳалқаҳои занҷири иҷтимоии инсонҳо, асоситарин саҳмро дар саломат ва эътилои ҷавомеи башарӣ бар уҳда дорад. Бинобар ин, саломат ва саодати ҷомеа ба саломат ва пӯёии низоми хонавода вобаста аст. Хонаводаҳо, маъмулан, дар парвариши фарзандони худ аз шеваҳои мутафовити тарбиятӣ баҳра меҷӯянд, ки ҳар шеваи тарбиятӣ осор ва пайомадҳои мусбат ва манфии равонӣ ва иҷтимоии худро болои фарзандон мегузорад. Фарзандони дар хонаводаҳои волидайнашон озодманиш тарбиятёфта маъмулан афроди қонунпазир, халлоқ, мусбатгаро, иҷтимоӣ, самимӣ, дорои ангезаи пешрафти таҳсилии қавӣ, эътимод ба нафси қавӣ, шод мебошанд. Аммо фарзандоне, ки дар хонаводаҳое, ки волидайн аз шева мустабидона кор мегиранд бузург мешаванд, афроди музтариб, дорои эътимод ба нафси заиф, хиҷолатӣ, фоқиди ангезаи пешрафти таҳсилӣ, манфинигар ва заиф дар барқарори равобити иҷтимоӣ, пархошгар мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Амирҳусайнӣ Хусрав. Хонаводаи хушбахт, фарзанди муваффақ. – Теҳрон: Майдони инқилоб, 1395. Чопи нуҳум.
2. Диловари Порезӣ, Маҳбуба ва Сафрои Порезӣ. Шеваҳои тарбияти фарзандон. (бето).
3. Мантиқӣ Муҳсин. Мудирияти хонавода ва кор дар сабки зиндагии ислом // Фаслномаи илмӣ-тахассусии пажӯҳишномаи «Сабки зиндагӣ», 1394. Соли аввал. - №1. – С.80.
4. Маҳкам Ризо. Хонагурезии духтарон. – Қум: Маркази пажӯҳиши садо ва симо, 1382.
5. Мосан ва дигарон. Рушди шахсияти кӯдак. Тарҷумаи М. Ясоӣ. – Теҳрон: Марказ, 1380. Чопи 17.
6. Навобахш Меҳрдод, Фатҳӣ Сурӯш. Шеваҳои фарзандпарварӣ ва созгории иҷтимоии навҷавонон. – С. 20. (бето).
7. Наҷафӣ, Ҳусайн Бостон. Ҷомеашиносии хонавода бо нигоҳе ба манобеи исломӣ. – Қум, 1390.
8. Соатчӣ, Муҳаммад. Равоншиносии корбурдӣ: барои мудирон дар хона, мадраса, созмон ва ҷомеа. – Теҳрон, 1385. Чопи ҳаштум.
9. Султонӣ Маҳдӣ. Улгуи сохтори хонаводаи матлуб аз дидгоҳи ислом // Маърифати фарҳангӣ ва иҷтимоӣ. – 1390. -№3. Соли дувум. – С.144.
10. Шариатмадорӣ Алӣ. Равоншиносии тарбиятӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1377. Чопи ёздаҳум.
11. Шиоринажод, Алиакбар. Равоншиносии рушд. – Теҳрон, 1372. Чопи нуҳум.

БАРРАСИИ ОСОР ВА ПАЙОМАДҲОИ РАВОНШИНОХТӢ ВА ИҶТИМОИИ ШЕВАҲОИ ТАРБИЯТИ МУСТАБИДОНА ВА ОЗОДМАНИШ

Мақола ба баррасии осор ва пайомадҳои равоншинохтӣ ва иҷтимоии шеваҳои тарбияти мустабидона ва озодманиш бахшида шудааст. Хонавода яке аз ниҳодҳои куҳан ва дорои нуфузи иҷтимоии ҳар ҷомеае ба шумор меояд ва ба масобаи аслитарин пойгоҳи рушд ва шукуфоии шахсият ва парвариши истеъдодҳо ва маҳоратҳои иҷтимоии афрод ҳаммонанди ҳалқаҳои занҷири иҷтимоии инсонҳо, асоситарин саҳмро дар саломат ва эътилои ҷавомеи башарӣ бар уҳда дорад. Бинобар ин, саломат ва саодати ҷомеа ба саломат ва пӯёии низоми хонавода вобаста аст. Хонаводаҳо, маъмулан, дар парвариши фарзандони худ аз шеваҳои мутафовити тарбиятӣ баҳра меҷӯянд, ки ҳар шеваи тарбиятӣ осор ва пайомадҳои мусбат ва манфии равонӣ ва иҷтимоии худро болои фарзандон мегузорад. Фарзандони дар хонаводаҳои волидайнашон озодманиш тарбиятёфта маъмулан афроди қонунпазир, халлоқ, мусбатгаро, иҷтимоӣ, самимӣ, дорои ангезаи пешрафти таҳсилии қавӣ, эътимод ба нафси қавӣ, шод мебошанд. Аммо фарзандоне, ки дар хонаводаҳое, ки волидайн аз шева мустабидона кор мегиранд бузург мешаванд, афроди музтариб, дорои эътимод ба нафси заиф, хиҷолатӣ, фоқиди ангезаи пешрафти таҳсилӣ, манфинигар ва заиф дар барқарори равобити иҷтимоӣ, пархошгар мебошанд.

Калидвожаҳо: хонавода, хонаводаи мустабид, хонаводаи озодманиш.

ИССЛЕДОВАНИЕ ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ И СОЦИАЛЬНЫХ ПОСЛЕДСТВИЙ АВТОРИТАРНОГО И СВОБОДНОГО СТИЛЯ ВОСПИТАНИЯ ДЕТЕЙ В СЕМЬЕ

В статье автором рассмотрены психологические и социальные последствия авторитарного и свободного стиля воспитания детей в семье. Семья является первичной ячейкой общества и первой школой жизни для ребенка, а родители являются его первыми учителями и воспитателями. Сила их воздействия на формирующуюся личность исключительно велика и основой их влияния на ребенка является их бескорыстная любовь и забота о ребенка в сочетании с требовательностью. На эту любовь и заботу ребенок отвечает чувством глубокой привязанности и любви к родителям, признанием их превосходства и авторитета, стремлением следовать им, подражать во всем. Сила влияния семьи обусловлена податливостью ребенка воспитательным воздействиям, его подражательностью. Мир семьи разнообразен, многолик. Семья выполняет определенные функции обеспечивая ребенку все условия для физического развития, участвуя в формировании его личности и закладывая основы нравственного поведения, формируя творческие интересы. Все сторонники свободного воспитания заботятся о сохранности психики ребенка, раскрытии и развитии его природных потенциалов, для чего стремятся, создавая для этого необходимые условия,

обеспечить состояние внутреннего комфорта и свободы для детей. Но также есть семьи с авторитарным стилем воспитания, которые оставляют неизгладимый отрицательный след в душе подрастающего ребенка. Авторитарный режим воспитания предусматривает полный контроль ребенка, установление жестких правил и ущемление некоторых прав ребенка.

Ключевые слова: семья, свободное воспитание, авторитатарный стиль воспитания жесткие методы воспитания, свободные методы воспитания.

RESEARCH OF PSYCHOLOGICAL AND SOCIAL CONSEQUENCES OF AUTHORITARY AND FREE STYLE OF UPBRINGING CHILDREN IN THE FAMILY

In the article, the author examines the psychological and social consequences of the authoritarian and free style of raising children in the family. The family is the primary unit of society and the first school of life for the child, and the parents are his first teachers and educators. The power of their influence on the emerging personality is exceptionally great and the basis of their influence on the child is their selfless love and care for the child, combined with exactingness. The child responds to this love and care with a feeling of deep affection and love for parents, recognition of their superiority and authority, the desire to follow them, to imitate them in everything. The strength of the family's influence is due to the child's compliance with educational influences, his imitation. The family world is diverse, many-sided. The family performs certain functions providing the child with all the conditions for physical development, participating in the formation of his personality and laying the foundations of moral behavior, forming creative interests. All supporters of free upbringing take care of the safety of the child's psyche, the disclosure and development of his natural potentials, for which they strive, creating the necessary conditions for this, to ensure a state of inner comfort and freedom for children. But there are also families with an authoritarian parenting style that leave an indelible negative mark on the soul of a growing child. An authoritarian upbringing regime provides for complete control of the child, the establishment of strict rules and the violation of some of the child's rights.

Key words: family, free upbringing, authoritarian style of upbringing, rigid methods of upbringing, free methods of upbringing.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҷтабо Маҳфуз*** - Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, устоди департаменти равоншиносӣ ва улуми тарбиятии факултети таълим ва тарбия. **Суроға:** Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, музофоти Кобул. Телефон: **93797755292.** E-mail:**Mujtaba.Mahfooz@yahoo.com**

Сведения об авторе: ***Муджтабо Махфуз*** – Университет Кабул Исламской Республики Афганистан, преподаватель департамента психологии и воспитания педагогического факультета. **Адрес:** исламская Республика Афганистан, провинция Кабул. Телефон: **93797755292.** E-mail:**Mujtaba.Mahfooz@yahoo.com**

Information about the author: ***Mudjtabo Mahfuz*** - University of Kabul, Islamic Republic of Afghanistan, Lecturer, Department of Psychology and Education, Faculty of Education. Address: Islamic Republic of Afghanistan, Kabul province. Phone: **93797755292.** E-mail: **Mujtaba.Mahfooz@yahoo.com**

УДК:371.01

НАҚШ ВА МАҚОМИ САНЪАТ ДАР ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛИ ҲАЁТӢ ДАР МАКТАББАЧАГОН

Раҳматуллоев Н.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Ташкили фаъолияти ҳаётии инсон тақозо менамояд, ки ҳам ба ҳаёти моддӣ ва ҳам рӯҳонӣ эътибори баробар дода шавад. На танҳо сиёсат ва иқтисодиёт, балки фарҳанг низ муҳим аст. Ҳамаи унсурҳои системаи ҳаёти одам-гурӯҳҳои иҷтимоӣ, сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг бояд аз нуқтаи назари илмию-методӣ баробаразиш ва баробарвазн ҳисобида шаванд. Зеро онҳо бояд аз ҷиҳати илмию-методӣ дар ягонагӣ, алоқамандӣ ва вобастагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Вақте ки ба яке аз меъёр зиёд, ба дигаре тамоман эътибор дода намешавад, ҳар гуна буҳронҳо ба вуҷуд меоянд. Алалхусус ба фарҳанг эътибори кам додан бисёр мутафаккиронро дар бисёр давру замонҳо ба ташвиш меовард. Ташаккули симои маънавии одам, дунёи ботинии ӯ, одамияти ӯ низ дар ҳамаи давру замонҳо муҳим ва мубрам арзёбӣ мешуд.

Б.М.Неменский хеле бамаврид қайд кардааст: “Мо – ҳалқаи як занҷирем. Ҳар як рассом мехоҳад, ки ӯро шунаванд. Аммо оне, ки Репинро, Рембрандтро, Гойуро намешунавад, моро ҳам намешунавад. Ва ба кас бениҳоят аламовар мегардад, вақте ки мебинем, ки ин нони ҷонбахши фарҳанг, ки бо обу арақ ва азобу уқубат парваридашуда ва аз ҷониби наслҳои рассомон ҷамъовардашуда, гоҳ-гоҳ ба хоку туроби дилхушии бемаънӣ табдил дода мешавад” [5, с.7]. Агар нисбати асарҳои снаъату адабиёт чунин муносибат ба назар расад, пас вой бар ҳоли дунёи ботинии одам.

Барои пешгирӣ намудани буҳрони маънавӣ бояд тамоми чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Зеро инсон набояд симои маънавии худро, яъне моҳияти одамии худро гум намояд. Аз ин лиҳоз, муносибати инсон ба фарҳанг, ба адабиёту санъат бояд аз ҷиҳати таълимию тарбиявӣ мусбӣ арзёбӣ гардад. Адабиёту санъат воситаи тавонои ташаккули шуур ва рафтори зебоипарастии одам маҳсуб меёбанд. Адабиёту санъат имкони муттаҳид намудани одамон, ба дӯстию ваҳдат даъват намудани одамонро доро мебошанд. Онҳо ба ташаккули ҳиссиёти зебоипарастӣ мусоидат менамоянд. Агар дар одам ҳиссиёти зебоипарастӣ ташаккул наёбад, ӯ моҳияти одамии худро аз даст медиҳад. Барои ҳамин ҳам ҳиссиёти зебоипарастӣ дар калонсолон бояд ба таври бояду шояд ташаккул ёфта бошад, зеро дар ташаккули ҳисси зебоипарастӣ дар бачагон онҳо намунаи ибрат маҳсуб меёбанд. Дар мактаб омӯзгор бо шавқу завқи эстетикии худ ба бачагон таъсири мусбӣ расонида метавонад. Ҳамаи ин воситаҳо барои бедор гардидани завқи зебоипарастии бачагон мусоидат менамоянд. Вақте ки онҳо зебоипараст мегарданд, даст ба корҳои ношоиста намезананд. Муносибат ба табиат ва ба ҷамъият, ҳамчунин ба меҳнат ташаккули ҳисси зебоипарастиро тақозо менамояд.

Аз лиҳози таърихӣ пайдоиши санъат бо пайдоиши меҳнат алоқаманд аст. Барои ҳамин ҳам меҳнат ҳамчун сарчашмаи пайдоиши санъат ба назар гирифта мешавад. Санъат фаъолияти эстетикӣ маҳсуб меёбад ва ҳамаи соҳаҳои ҳаёт субъекти санъат дар ҷустуҷӯи зебоӣ мебошад. Асоси санъатро инъикоси бадеии воқеият ташкил медиҳад. Зебоии табиат, ҷамъият, шуури инсонӣ, предмету ҳодисаҳои олам, муносибатҳои иҷтимоӣ, лаҳзаҳои гуногуни ҳаёти ҳамчун воқеият ва ҳамчун маҳсули тасаввуроти рассом дар асари ӯ инъикос меёбанд. Аммо на ҳама зебоии офаридаи рассомро дарк карда метавонанд. Зеро барои ин дониш ва таҷрибаи махсус лозим аст. Ба ин на ҳар як кас қодир аст. “Дида” тавонистани ана ҳамин зебоӣ ва маънидод карда тавонистани он ҳунари ниҳоят нозук аст. Талъати бадеӣ аз нуқтаи назари идеали эстетикӣ мавриди назар қарор мегирад. Ҳар як асари бадеӣ алоқамандӣ, пайвастшавии субъект ва объекти фаъолияти эстетикӣ маҳсуб меёбад. Субъекти фаъолияти эстетикӣ ҳамеша дар ҷустутҷӯи зебоӣ объект мебошад, ки онро дар асари худ мавриди инъикос, таҷассум қарор медиҳад. Барои ҳамин ҳам ҳар як асари бадеӣ дорои арзиши эстетикӣ мебошад. Санъаткор тавассути асари худ ба тамошобин ҳақиқати бадеиро мерасонад. Ин ҳақиқат дар он зуҳур меёбад, ки санъаткор ба моҳияти предмету ҳодисаҳои олам аз рӯйи диди худ назар мекунад. Пеш аз ҳама, ӯ ба ҳиссиёти эстетикии тамошобин таъсир расонида, дар ташаккули он ва ташаккули шууру рафтори эстетикии инсон саҳм мегузорад. Аммо ташаккули ҳисси эстетикӣ, шууру рафтори эстетикӣ раванди ниҳоят мураккабу мушкил маҳсуб меёбад. Ҳар як навъ, намуди санъат маводи худро дорад, ки тавассути он талъати бадеӣ офарида мешавад. Барои рассом, ки ба санъати тасвирӣ машғул аст, ба ҳайси чунин мавод ранг, санг, мармар ва диг, дар санъати мусиқӣ маводи асоси оғози мусиқавӣ, дар адабиёт-сухан. Ҳар як асари бадеӣ сохти худро дорад, ки он аз ҷониби рассом, ҳайкалтарош, оҳангсоз, нависанда муҳайё карда шуда, тавассути алоқамандии унсурҳои системаи асари бадеӣ зебоӣ карда кунонида мешавад. Санъат умуман ва ҳар як намуди санъат дар алоҳидагӣ дар ташаккули ҳисси зебоипарастии одам нақш ва мақоми хосса дорад.

Аммо санъат на ҳама вақт дар раванди таълиму тарбияи насли наврас ба таври бояду шояд мавриди истифода қарор дода мешавад. Дар мактабҳои муосир бештар адабиёти бадеӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, аммо дигар намудҳои санъат, аз ҷумла санъати тасвирӣ, санъати мусиқӣ, санъати ҳайкалтарошӣ камтар ё худ тамоман омӯзонида намешавад. Алалхусус дар системаи таҳсилоти умумӣ. Тарбияи бадеӣ дар ташаккули дунёи ботинии одам нақш ва мақоми бузургро ишғол менамояд.

Омӯзгор аввал худаш бояд дорои завқи баланди эстетикӣ, дараҷаи баланди ташаккули шуур ва рафтори эстетикӣ бошад. Зебогии зоҳирӣ ва ботинии инсонро дарк карда тавонад. Танҳо дар чунин ҳолат ӯ метавонад тавассути таҳлили асарҳои бадеӣ дар хонандагон шавқу завқи бадеиро, эстетикиро ташаккули диҳад, арзиши эстетикии асарро мавриди таҳлил қарор дода, инъикоси зебоиро дар асари мазкур нишон дода тавонад.

Санъат умуман ва ҳар як намуди санъат дар алоҳидагӣ ҳаддалимкон на танҳо дар сатҳи таҳсилоти касбӣ, балки дар сатҳи таҳсилоти умумӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Бигзор ҳар як мактаббача худаш тибқи қобилият, шавқу завқ ин ё он намуди санъатро интихоб намояд ва бо он машғул шавад. Барои ин ҳам дар оила ва ҳам дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ шароит фароҳам овардан лозим аст. Зеро дар мундариҷаи таҳсилоти умумӣ илм ва санъат бояд баробар ҷойгир шаванд. Ташаккули баробари ақлу ҳиссиёти одам аз баробар ҷойгиршавии илму санъат дар мундариҷаи таҳсилот вобаста аст. Аллакай аз боғчаи бачагона бо санъат умуман ва намудҳои гуногуни санъат дар алоҳидагӣ бачагонро шинос намуда, дар онҳо ҳисси зебоипарастиро ташаккул додан лозим аст. Тарбияи бадеӣ, тарбияи зебоипарастӣ барои амалӣ намудани дигар намудҳои тарбия бешак хизмат мерасонад. Умуман, ҳамаи намудҳои тарбия бо ҳамдигар алоқаманданд. Тарбияи ҳаматарафаи бачагон тақозо менамояд, ки ҳамин ягонагӣ, боҳамалоқамандии намудҳои тарбия, алалхусус тарбияи бадеӣ, тарбияи эстетикӣ бо дигар намудҳои тарбия мавриди истифодаи васеъ қарор дода шавад. Ҳамаи самтҳои тарбия ки дар “Консепсияи миллии тарбия” омадаанд, ҳамчун намудҳои гуногуни тарбия дар алоқамандӣ бо ҳамдигар эҷодкорона бояд мавриди истифода қарор дода шаванд. Зебогии табиатро тавассути алоқамандии тарбияи эстетикӣ, тарбияи бадеӣ, тарбияи экологӣ, тарбияи тарзи ҳаёти солим мавриди назар намудан мумкин аст, ки ин муносибати талабагонро нисбат ба табиат, ба олами берунӣ мусбӣ ташаккул медиҳад. Нисбати табиат мавқеи созандаю бунёдкорро ишғол намудани мактаббачагон аз дараҷаи тарбияи эстетикӣ, тарбияи бадеӣ ва тарбияи экологии мактаббачагон вобаста аст. Ҳифз ва афзун намудани зебоии табиат, боигариҳои табиат вазифаи муқаддаси инсоният маҳсуб меёбад. Инро танҳо тавассути алоқамандии чунин намудҳои тарбия, амсоли тарбияи экологӣ, тарбияи эстетикӣ, тарбияи меҳнатӣ, амалӣ намудан имконпазир аст. Асарҳои бадеӣ намудҳои гуногуни санъат дар ин маврид ҳамчун воситаи тарбия хизмат расонида метавонанд. Дар ин ҷо ҳам аз асарҳои санъаткорони ватанӣ ва ҳам аз асарҳои санъаткорони хориҷӣ, алалхусус шоирон, нависандагон, рассомони шуҳрати ҷаҳонӣ дошта фаровон истифода бурдан лозим аст. Аллакай аз зинаи боғчаи бачагона оғоз намуда, ба бачагон намудҳои гуногуни санъатро бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва фардӣ омӯзонидан муҳим аст. Таҳсилоти бадеӣ, тарбияи бадеӣ мақсад, вазифаҳо, муҳтаво, принсипҳо, методҳо, техника, технология ва шаклҳои ташкили омӯзонидани худро доро мебошад. Санъатшинос, педагог, олим Б.М.Неменский дар асари худ “Ҳикмати зебоӣ” доир ба як филм, ки дар он доир ба се роҳи таҳсилоти бадеӣ сухан меравад, нақл менамояд. Хонандагони синфи ибтидоӣ ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Ҳар як гурӯҳ дар синфхонаи алоҳида ҷойгир шуда, бо пластилинҳои сурх, зард ва сафед таъмин карда мешаванд. Ба гурӯҳи якум супориш дода мешавад, ки онҳо тухмҳои аз ҷиҳати шакл ва ҳаҷм якхела, яъне тухм созанд. Ба гурӯҳи дуюм супориш дода мешавад, ки аз пластилин ҳар чи хоҳанд созанд. Ба гурӯҳи сеюм, афсона дар бораи харгӯш, санҷоб ва хорпушт нақл карда шуда, супориш дода мешавад, ки аз пластилин қаҳрамонҳои афсона ва олами онҳоро созанд. Дар гурӯҳи якум ва дуюм бачагон бо роҳбарии омӯзгор мустақилона супоришро иҷро менамоянд. Дар гурӯҳи сеюм тавассути суҳбат кори коллективонаи бачагон дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар ташкил карда мешавад. Дар гурӯҳи сеюм вазифаҳои меҳнатӣ, яъне кӣ чиро месозад, байни хонандагон тақсим карда мешавад. Ва ҳамаи чизҳои сохтаи бачагон, яъне қаҳрамонҳои афсона ва олами онҳо мебоист дар асоси як сохти (композитсия) ягона таҳия гардад. Маҳз ҳамин гурӯҳ ғолиб мебарояд. Зеро маҳз дар ҳамин гурӯҳ кори коллективона анҷом дода мешавад, ки ин як нақли комил тавассути пластини маҳсуб меёфт. Ин аз нақши ҳамкорӣ дар раванди таълим гувоҳӣ медиҳад.Омӯзиши санъат аввал ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шавад. Дар зинаи аввали омӯзиши санъат хонандагон бояд бо нақш ва мақоми санъат дар ҳаёти одамон шинос карда шаванд. Дар ҳамин замина моҳият ва шакли зуҳурёбии санъат умуман ва ҳар як намуди санъат дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш бояд қарор дода шавад. Нақш ва мақоми санъат дар беҳтар кардани ҳаёти одамон, дар фаҳмиши маъно ва

моҳияти ҳаёт, дар мавриди фаҳмиши хушбахтии одам дар мадди назар қарор гирифта, дар ҳамин замина зарурати ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ тавассути истифодаи санъат маънидод карда мешавад. Агар мактаббачагон аҳамият ва зарурати санъатро дар ҳаёти одам дарк накунанд, дар онҳо талабот, шавқу завқ нисбат ба омӯзиши санъат бедор намегардад. Ин дар онҳо муносибати бошуурона ва фаъолонаро нисбат ба омӯзиши санъат ташаккул медиҳад. Барои самаранок ташкил намудани раванди омӯзиши санъат, ҳунаромӯзӣ таъмини базаи моддӣ-техникӣ, ташкили устохонаҳо, клубҳо, студияҳо, лабораторияҳо, кабинетҳои таълимии махсус таҷҳизонида шуда ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин самт ҳамкории мактаб бо оила, ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, бо артгалереяҳо, бо филармонияҳо, бо театрҳо, бо киностудияҳо, бо иттифоқи нависандагон, бо иттифоқи рассомон, бо иттифоқи бастакорон ва ғайраҳо лозим аст. Дар зинаи аввал омӯзонидани санъат дар боғчаҳои бачагона, дар зинаи дуюм дар раванди таҳсилоти умумӣ чун предмети таълимӣ, дар синаи сеюм дар маҳфилҳо, клубҳо, академияи хурд, студияҳо ва дигар шаклҳо дар мактаб ва муассисаҳои беруназмактабӣ роҳандозӣ карда мешавад. Дар зинаи чорум санъат ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти касбӣ омӯзонида мешавад, ки тавассути он мутахассисони соҳаи фарҳанг ба воя расонида мешаванд. Дар зинаҳои якум ва дуюм вақте ки санъат ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти умумӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад, дар он ҳамаи бачагон ҷалб карда мешаванд.

Санъат ҳамчун қисми таркибии таҳсилоти умумӣ барои он лозим аст, ки тавассути асарҳои санъати бадеӣ дар хонандагон бадеӣ тахаюли ҳисси зебоипарастӣ ташаккул меёбад. Дар чунин ҳолат дунёи ботинии хонанда тибқи қонуниятҳои илми равоншиносӣ ва педагогӣ ташаккул дода мешавад. Вақте ки бачагон бо навъҳои гуногуни санъат шинос мешаванд ва қобилиятҳои худро сайқал медиҳанд, шавқу завқи бадеӣ-зебоипарастии худро қонеъ менамоянд, дар онҳо талаботҳои гуногуни эстетикӣ пайдо мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Баканова, Елена. Современные родители – Как мы на самом деле учим и воспитываем детей / Елена Баканова. – М.: Форум, 2015. – 136с.
2. Бурова А.И. Современные исследования эстетического воспитания и художественного образования / А.И. Бурова. – М.: Просвещение, 2009. – 291с.
3. Вакуленко, Л.С. Воспитание и обучение детей с нарушениями речи / Л.С.Вакуленко. – М.: Форум, 2018. – 416с.
4. Ванслова Е.Г. Раздвигаем границы эстетического образования / Е.Г.Ванслова // Искусство. – 2008. - №3. - С. 28-29.
5. Зименко В.М. Гуманизм искусства / В.М. Зименко. – Л.: Художник РСФСР, 1971. – 272 с.
6. Коросинас, Ф. Воспитание детей. Всему свое время / Ф.Коросинас. – СПБ.: Питер, 2018. – 352с.
7. Котикова, О.П. Эстетичесое воспитание младших школьников: пособие для учителей; педагогическое внешкольное учреждение / О.П.Котикова, В.Г.Кухаронак //Научно-методический центр учебной книги и средств обучения. – Минск, 2001. – 192с.
8. Кравцова, М. Воспитание детей на примере святых царственных учеников / М. Кравцова. – М.: Вече, Лепта Книга, 2018. – 208с.
9. Лихачёв Б.Т. Теория эстетического воспитания школьников / Б.Т. Лихачёв. – М.: Просвещение, 1985. – 175с.
10. Неменский Б.М. Мудрость красоты / Б.М. Неменский. – М.: Просвещение, 1987 – 255с.
11. Нурутдинова А.Р. Эстетическое воспитание школьников средствами искусства на уроках художественного цикла и во внеучебной деятельности / А.Р. Нурутдинова // Искусство в школе. – 2007. - №1. – С. 64-66
12. Эстетическое воспитание и развитие детей дошкольного возраста / Е.А.Дубровская [и др.]. – М.: Владос, 2002.

НАҚШ ВА МАҚОМИ САНЪАТ ДАР ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ФАЪОЛОНАИ ҲАЁТӢ ДАР МАКТАББАЧАГОН

Нақш ва мақоми санъат умуман ва ҳар як намуди санъат дар алоҳидагӣ дар ташаккули дунёи ботинии одам, дар ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётии онҳо хеле бузург аст. Ин дар он бояд зуҳур ёбад, ки дар баробари илм, санъат низ ҳамчун як унсури муҳимми системаи таҳсилот бояд мавриди назар қарор гирад, зеро дар баробари ақл ҳиссиёти одам низ бояд ба таври бояду шояд ташаккул дода шавад. Дар мақолаи мазкур нақш ва мақоми санъат дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ҳамчун унсури муҳимми он мавриди арзёбӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, муносибати субъекти тарбия ва таълимро нисбати санъат ҳамчун ба воситаи дуюминдариҷаи таълим ва тарбия бояд тағйир дод ва барои дар системаи таҳсилот ҷорӣ намудани он шароити мувофиқ фароҳам овард. Нақш ва мақоми санъат дар беҳтар кардани ҳаёти одамон, дар фаҳмиши маъно ва моҳияти ҳаёт, дар мавриди фаҳмиши хушбахтии одам мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар ҳамин замина зарурати ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ тавассути истифодаи санъат ҳамчун восита

маънидод карда мешавад. Барои самаранок ташкил намудани раванди санъатомӯзӣ, ҳунаромӯзӣ таъмини базаи моддӣ-техникӣ, ташкили устохонаҳо, клубҳо, студияҳо, лабораторияҳо, кабинетҳои таълимии махсус таҷҳизонида шуда ба мақсад мувофиқ аст.

Калидвожаҳо: мавқеи фаъоли ҳаётӣ, санъат, дунёи ботинӣ, зебоипарастӣ, тарбияи эстетикӣ, маърифати бадеӣ, фарҳанг, буҳрони маънавӣ, адабиёт, ҳиссиёт.

РОЛЬ И МЕСТО ИСКУССТВА В ФОРМИРОВАНИИ АКТИВНОЙ ЖИЗНЕННОЙ ПОЗИЦИИ У ШКОЛЬНИКОВ

Роль и место искусства в целом и каждого вида искусства в отдельности в формировании внутреннего мира, духовного мира человека – социальной группы – общества очень велика. Это должно проявиться в том, что наряду с наукой искусство также считается одним из важнейших элементов системы образования, поскольку наряду с сознанием и человеческие эмоции должны формироваться должным образом. Когда человек – социальная группа – общество остаются вне поля рационального влияния искусства, вероятность возникновения духовно-нравственного кризиса радикально возрастает. Поэтому политика-экономика-культура должны быть рассматривается как его важнейший элемент. В связи с этим следует изменить отношение субъектов обучения и воспитания к искусству как к второстепенному средству обучения и воспитания. И создать надлежащие условия в процессе образования для его внедрения. Роль искусства также рассматривается в создании духовного мира людей - социальных групп. Роль и место искусства в улучшении жизни людей, в понимании смысла и сущности жизни, в понимании счастья людей-социальных групп и необходимости формирования активной жизненной позиции посредством использования искусства как инструмента. Для эффективной организации обучения искусству и ремеслу необходимо обустроить материально-техническую базу, организовать мастерские, клубы, мастерские, лаборатории, специально оборудованные классные комнаты, без которых невозможно учить.

Ключевые слова: активная жизненная позиция, искусство, внутренний мир, прекрасное, эстетическое воспитание, художественное познание, культура, духовный кризис, литература, чувство.

THE ROLE AND STATUS OF ART IN THE FORMATION OF AN ACTIVE POSITION IN LIFE AMONG SCHOOLCHILDREN

The role and status of art in general and each type of art individually in the formation of the inner world, the spiritual world of man-social groups, is very great in the formation of their active role in life. This should be reflected in the fact that, along with science and art, it should be considered as an important element of the education system, because along with the mind, human emotions must be properly formed. When people-social groups become more effective from the influence of art, the probability of a spiritual crisis increases. Because politics – economy – culture must be considered in parallel. In this context, the role and status of the arts at all levels of education is valued as an important element. Therefore, the attitude of the subject of education and training to the arts as a secondary means of education and training should be changed and create appropriate conditions for its introduction in the education system. The role of art is also considered in the creation of the spiritual world of people - social groups. The role and status of art in improving people's lives, in understanding the meaning and essence of life, in understanding the happiness of people-social groups, and the need to form an active position in life through the use of art as a tool. For the effective organization of art and craft training, it is necessary to equip the material and technical base, to organize workshops, clubs, studios, laboratories, specially equipped classrooms, without which it is impossible to teach.

Keywords: active position in life, art, inner world, beauty, aesthetic education, artistic education, culture, spiritual crisis, literature, emotion.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳматуллоев Набиҷон Разоқович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров,саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: rahmatulloeva_86@mail.ru

Сведения об авторе: ***Рахматуллаев Набиджан Разакович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры физкультуры. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: **rahmatulloeva_86@mail.ru**

Information about the author: ***Rahmatulloev Nabijonov Razaqovich*** - Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, senior teacher of the All University Department of Physical culture. **Address:** 735700 , Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov's passage, 1. E-mail: **rahmatulloeva_86@mail.ru**

УДК:72.862

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУЛТИМЕДИАВӢ ВА ЗАРУРАТИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Гулова М.Т., Ибрагимов О.К.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрава

Яке аз намудҳои васеъ паҳнгардидаи технологияҳои информатсионӣ, ки дар ҷараёни таълим истифода мешаванд, ин презентатсияҳои мултимедиавӣ мебошанд. Истифодаи технологияҳои мултимедиавӣ дар ҳақиқат ба характери пешниҳоди информатсия, алалхусус ба методикаи таълим таъсир мерасонад [1, с. 4]. Воситаҳои навтарини коммуникатсионии электронии таълим намуди таълимро иваз менамоянд, характери информатсионии он имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои таълими бефосила ва масофагӣ коркард

гарданд [2, с. 1]. Яъне, намоишҳо, дарсҳо, барномаҳо ва тестҳои таълимие, ки бо ёрии воситаҳои мултимедиавӣ сохта мешаванд, боиси бавуҷудоии воситаҳои таълимии фосилавӣ мегарданд. Ин яке аз бартариятҳои технологияҳои мултимедиавӣ мебошад.

Дар ҳақиқат, мултимедиа ҳамчун воситаи дидактикии таълим ва яке аз намудҳои технологияҳои нави информатсионӣ, имкон медиҳад, ки технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар ҷараёни таълим татбиқ ёбанд. Пас, технологияҳои мултимедӣ технологияҳое мебошанд, ки раванди таълимро бо аёнияти таълимӣ таъмин менамоянд. Методҳои аёнии таълим бошанд, назар ба дигар методҳои таълим дар дарс самараи бештаре медиҳанд. Онҳо раванди дарсро шавқовар гардонида, боис мегарданд, ки хонандагон ба дарс бештар ҷалб гарданд. Дилхоҳ технологияи педагогӣ – ин технологияи информатсионист, чун асоси протсесси технологии таълимро қабул ва табодули информатсияро таъмин мекунад [3, с. 199]. Компютери фардӣ ба омӯзгор ёрӣ мерасонад. Компютери фардӣ ҳамчун «омӯзгор» чунин функсияҳо дошта метавонад: сарчашмаи информатсияи таълимӣ; сарчашмаи методӣ; сармашқ; воситаи назорат ва таҳлилу баҳогузорӣ.

Ҳангоми банақшагирӣ ё лоиҳакашии дарс устод метавонад чунин корҳоро анҷом диҳад: истифодаи забонҳои барномасозӣ, ки бо ёрии онҳо барномаҳои гуногунро сохтан мумкин аст; гузоришҳои компютерӣ-таълимӣ; барномаҳои сохтаи омӯзгор, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои фосилавии таълимӣ, саволномаҳои тестӣ-тафтишнамоии дониши хонандагон. Хонандагон аз донишҳои омӯхтаи худ таҷрибаю озмоишҳо мегузаронанд, ки ин завқи хонандаро ба истифодаи ТИК дар таълим баланд мебардорад. Дар замони муосир барои гузаштани дарс истифодаи пакети барномаҳои офисӣ ба мақсад мувофиқ аст. Аз ҳама барномаи васеъ истифодашавандаи ин пакет, ки махсусан барои омода намудани намоишҳо ва пешниҳоди дарсҳо бо ёрии ин намоишҳо истифода мешавад, MS Power Point мебошад. Системаи идоракунии базаи маълумотҳоро аз бар намуда, хонанда дар натиҷа метавонад, системаи ташкили босамари таълимиро ҳосил намояд. Барномаҳои матниронии MS Word ва MS Excel барои коркарди матнҳои гуногуншакл, гузоштани ҷадвалҳо, расмҳо, ҳисоббарориҳои автоматии математикию иқтисодӣ шароитҳо фароҳам меоваранд. Бартариятҳои истифодаи ТИК иборат аз он аст, ки рафти таълимро фардӣ мекунонад, омӯзгор бо сарфаи вақти кам бо ҳар хонанда кори фардӣ мегузаронад. Дар шароити ҳозираи таълими рейтингӣ, ки фаъолнокии хонандагон бештар кунонида шудааст, махсусан аз ҳисоби корҳои мустақилона бо роҳбарӣ ва бе иштироки омӯзгор, истифодаи воситаҳои ТИК саривақтист. Таълими рейтингӣ бо истифодаи васеи ТИК дар таълим алоқамандӣ дорад. Чуноне ки маълум аст, таълими рейтингӣ ба методикаи таълим усулҳои навинро ворид менамояд. Бо он ки фардияти таълим таъмин мегардад, хонанда дар бисёр маврид худ натиҷаи кори худро месанҷад, мустақилият дар рафти азхуднамоии донишҳо дида мешавад. Истифодаи тестҳои санҷишӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки хеле тез хатогии худро ёбад ва ҷавоби дурустро аз ёд намояд. Дар натиҷа мустақилият дар таълим афзун мегардад. Дар ин ҳолат аз омӯзгор санъати назораткунӣ ва дурусту сари вақт ҷобаҷогузории маводи таълимӣ талаб карда мешавад. Дар замони муосир дар алоқамандӣ бо ТИК раванди таълим меҳнатталаб шудааст. Дар ҷараёни таълими муосир талаботҳои зерин ҷой доранд: ҳамаи воситаҳои ТИК бояд таъмин бошанд; барои рафти таълим коркардҳои методӣ бояд тасдиқ ва имконпазир гарданд; стандарти маълумот аз информатика бо истифодаи ТИК дар таълим мувофиқ кунонида шавад.

Камбудиҳое, ки садди роҳи иҷроиши нақшаи таълимӣ мегарданд инҳоянд: норасоии синфхонаҳои компютерӣ; норасоии КФ; вобастагии воситаҳои ТИК аз қувваи барқ;норасоии пайвасти хатти Интернет. Дар протсесси дарс мо аз Интернет бо истифода аз браузерҳои Интернет ба системаҳои ҷустуҷӯӣ ворид гардида, аз китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон китобҳо, хабарҳои тозаро дастрас карда метавонем. Навигариҳо, бозиҳо, дарсҳо, барномаҳои компютерию таълимӣ, информатсияи гуногун, оиди фанҳои гуногун, маълумоти тоза оиди нашрияҳо, конференсияҳо, навидҳо, ихтироот дар соҳаи илму техника ва амсоли инҳо ба дониш ва мафкура ва завқи ҳар яки мо таъсир мерасонад. Методҳои гуногуну печида ба воситаи ТИК хонандагонро завқманд менамоянд.

Маҳз мустақилият дар таълим асоси методи босалоҳияти таълимро ташкил медиҳад. Истифодаи ТИК бошад, мустақилият ва завқи хонандаро ба дарсомӯзӣ даҳчанд мегардонад. Аввалин навиштаҳо оиди татбиқи компютер дар таълим солҳои 50-уми асри XX пайдо гардиданд. Мултимедиа бошад, яке аз шаклҳои пешниҳоди маводи таълимӣ бо ёрии технологияҳои компютерӣ мебошад. Сараввал чунин ҳисобида мешуд, ки барои ҳар воситаи информатсионӣ типи махсуси тасвири информатсия мутааллиқ аст. Барои газета, журнал ва китобҳо – ин матн ва тасвиру суратҳо, барои радиошунавонӣ ва воситаҳои

сабту бавуҷудории овоз – нутқ ва мусиқӣ, барои телевизор ва кинематография – тасвири ҳаракатнок, нутқ ва мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Информатсияи даснавис, чопӣ, сурат, аудио ва видео таърихан ҷудогона мавҷуд буда, дида баромада мешуданд.

Бо инкишофи техникаи компютерӣ дар миёнаҳои солҳои 80-ум имконияти сохтан, нигоҳ доштан ва бавуҷудории ҳуҷҷатҳои комплексӣ, ки матн, овоз, нутқ, графика ва намоишро нигоҳ медорад, пайдо гардид. Чунин ҳуҷҷатҳоро ҳуҷҷатҳои мултимедиавӣ номиданд ва барномаҳое, ки барои коркарди ин ҳуҷҷатҳо истифода мешаванд, барномаҳои мултимедиавӣ номида шуданд. Техникаҳое, ки барои бавуҷудории чунин ҳуҷҷатҳо хизмат мекунанд, воситаҳои мултимедиавӣ номида мешаванд. Дар маънои васеъ мултимедия характеристикаҳои воситаҳои барномавӣ, аппаратӣ ва информатсионист, ки додашудаҳои намуди гуногунро дар муҳити ягонаи интерактивӣ муттаҳид мекунад. Қобилияти истифодагар, ки метавонад ба кори воситаҳои информатсионӣ таъсир расонад, муҳити интерактивиро ташкил медиҳад. Воситаҳои таълимие мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо маводи таълимӣ бо ёрии аудио ва намоиш пешниҳод карда мешаванд, вале ин воситаи мултимедиавии тасвироти информатсия намебошад. Зеро, мо ба рафти намоиш таъсир расонида наметавонем. Воситаҳои информатсионии мултимедиавии техникаи компютерӣ мултимедиавӣ мебошанд.

Дар маънои маҳдуд мафҳуми мултимедиа воситаҳои бавуҷудории овозиро ифода мекунад, ки бо ёрии компакт-дискҳои лазерӣ ҳосил карда мешаванд. Имконияти кор бо овоз ва намоиш бо ҳаҷмҳои калони сатҳи дискӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ дискдонҳои оптикию лазерӣ ва дигар барандагони информатсияҳо - қисми ҷудонашавандаи компютери мултимедиавӣ мебошанд. Мултимедиа – ин ҷамъи ТИ навест, ки ба системаи компютерӣ имкон медиҳад, ки матн, овоз, тасовир ва намоиш, графика ва аниматсия, тасвири беҳаракатро алоқаманд намояд [4,с.8].Мултимедиа маҳз бо мақсади осон намудани ҷараёни таълим бо роҳи таъмини он бо аёният офарида шуда, маводи дарсӣ ба ҳисоб меравад. Мултимедиа на фақат намоиш бо ёрии проектор пешниҳодшаванда аст, балки барномаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳоро барномаҳои ҳамакора меноманд [5, с. 91] . Мултимедия яке аз хизматрасониҳоест, ки онро технологияҳои информатсионӣ – коммуникатсионӣ таъмин менамояд. Он дар замони ҳозира ду самти таълимро фаро гирифтааст: якум ин ки дар дарси информатика ҳамчун воситаи таълим ва барномаи таълимӣ истифода мешавад; дуюм ин ки ҷараёни дилхоҳ фанро бо маводи таълимӣ ва намоишномаҳои таълимӣ таъмин менамояд. Умуман, технологияҳои мултимедиа - ин маҷмӯи шаклҳои гуногуни пешниҳоди иттилоот ба ҳисоб меравад, ки барои боз ҳам аёнтар гаштани дарки онҳо истифода бурда мешавад [6, с. 212]. Яке аз иқдомоти пешбарандаи ҷомеаи информатсионӣ - ин инкишофи ТМ ва татбиқи он дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мебошад[7, с.1]. Барои ин бошад, омӯзиши он дар доираи фанни информатика махсусан бояд дуруст ба роҳ монда шавад. Дар ҳақиқат, имрӯз фанни информатика татбиқи компютерро дар соҳаҳо меомӯзад, дар оянда бошад, омӯзиши татбиқи компютер бар дӯши ҳамаи фанҳои таълимӣ вогузор мешавад. То он замон ҳама аз компютер чун аз воситаи шахсӣ истифода хоханд намуд. Он замон дур нест, ки одамизод дар ҳар қадам ва дар доираи ҳар фан аз компютер истифода хоҳад намуд, яъне компютер дар соҳаҳо аз тарафи мутахассисони ҳамон соҳа омӯзонида мешавад. Тадриҷан талабот ба ташкили маданияти информатсионии хонандагон пайдо шуда истодааст, ки ба татбиқи ТИК дар таълим ва ҳаёту фаъолияти инсонӣ асос ёфтааст. Ин барои он зарур аст, ки акнун мо ҳамаи қувваи худро на ба омӯзонидани барномаҳои компютерӣ, балки ба истифодаи онҳо баҳри расидан ба иттилооти илмию соҳавӣ равона месозем. Чуноне қайд гардид, воситаҳои ТИК ҷараёни таълимро бо аёният ва маводи таълимӣ таъмин менамоянд. Масалан, омӯзгори фанни таърих бо истифода аз Интернет бо кашфиётҳои навин дар соҳаи худ шинос шуда метавонад, аз ин ру ӯ низ вазифадор аст, ки аз воситаҳои ТИК истифода бурда тавонад ё омӯзгори фанни физика бояд бо истифода аз барномаҳои компютерӣ масъалаҳои физикиро ҳал намояд. Истифодаи технологияҳои мултимедиавии таълим, чуноне ки қайд намудем, заминаи таълими фосилавиро ба вуҷуд овард. Раванди созиши воситаҳои электронии таълим вақтгир мебошад. Дар натиҷаи ташкили таълими технологию мултимедиавӣ гуфтан мумкин аст, ки мо ба мафҳуми таълими омехта рӯ меоварем. Таълими омехта - ин технологияи ташкили раванди таълим бо истифода аз таълими электронӣ, технологияҳои фосилавии таълим ва таълими анъанавӣ мебошад [8,с.8].Мо дар замоне қарор гирифтаем, ки бо вориднамоии ТМ дар таълим алоқаманд аст, аз ин ҷиҳат дар назди омӯзгорон масъалаи истифодаи воситаҳои мултимедӣ дар ҷараёни таълим истодааст. Имрӯзҳо мо устодон дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳо ва барномаҳои

компютерие ҳастем, ки равиши дарси моро осон намояд. Истифодаи намоишҳои графикӣ дар таълим имкон фароҳам меорад, то дар шакли нав информатсия ба хонанда пешниҳод гардад. Пас, мо дар замоне қарор дорем, ки методикаи таълимро бояд инноватсионӣ намоем. Дар замоне ки ҳамарӯза технологияҳои раванди таълим иваз мешаванд, дар як ҷо истодани методҳои таълим имконнопазир аст. Вориднамоӣ ва истифодаи методҳои таълим бо истифода аз технологияҳои информатсиякунонии таълим дар назди омӯзгор вазифаи муҳимеро мегузорад, ки он дар натиҷаи таъминоти аппаратию барномавӣ имкон дорад.

АДАБИЁТ

1. Барт Т.В. Использование мультимедийных презентаций в учебном процессе – теория и практика. Методические рекомендации /Т. В. Барт. - Соликамский техн. Колледж, 2010. - 9 с.
2. Супрунов Б. Обучение и медиакультура /Б. Супрунов. – Москва: Высшее образование, 2004. - 1 с.
3. Гулова М. Т. ТИК - воситаи муносибати босалоҳияти таълим // Проблемаҳои тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ва технологияи информатсионӣ / М. Т. Гулова, А. М. Ҳакимов, О. К. Ибрагимов //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ. - Душанбе, 2019. -С. 198-200.
4. Жук Ю. Мультимедийные технологии. [Электронный ресурс]: Уч. Пособие. Самост. учебн. электронное изд./Ю. А. Жук; Сыкт. Лесн. Ин-т. – Электрон. дан.-Сыктывар:СЛИ, 2012.-Режим доступа: http//lib.sfi.koi.com.-Загл.с экрана.
5. Гулова М. Т. Тадбиқи ТИК-и мултимедиавӣ дар таълими имрӯза / М. Т. Гулова // Таҳлили компютерии проблемаҳои илм ва технология : маводи конференсияи XI-уми байналмиллалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 70 - солагии таъсисёбии ДМТ ва 70 – солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Юнусӣ М. Қ. (ш. Душанбе, 27-28. 12. 2018). -Душанбе, 2018. – С. 91-93.
6. Гулова М.Т. Тадбиқи технологияҳои мултимедӣ дар соҳаҳои гуногун / М. Т. Гулова, О. К. Ибрагимов // Низоми босамари омодакунии кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ-асоси рушди устувори ҶТ: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶумҳурииТоҷикистон (ш. Хуҷанд, 18.11. 2017). – Хуҷанд, 2017. – 5 с.
7. Зуюнов А. В., Казакова А. А. Использование мультимедийных технологий в учебном процессе. [Электронный ресурс]:http‖www.multimedijnyh.technologij.
8. Под редакцией Макаровой Н. В. Информатика / Н. В. Макарова.- Москва: Финасы и статистика, 2000. - 636 с.
9. Вайндорф-Сысоева М. Е. Методика дистанционного обучения. Уч. дос. книга доступна в элек. // М. Е. Вайндорф-Сысоева, Т. С. Грязнова, В. А. Шитова. Библиотечной системе biblio-online.ru. Москва: «Юрайт», 2017.
10. Гулова М.Т. Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ /М. Т. Гулова, О. К. Ибрагимов, А. М. Ҳакимов. – Бохтар: Ирфон, 2020. – 98 с.

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУЛТИМЕДИАВӢ ВА ЗАРУРАТИ ИСТИФОДАБАРИИ ОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур оиди мафҳуми мултимедиа, технологияҳои мултимедиавии раванди таълимӣ ва воситаҳои мултимедиавӣ маълумот дода шудааст. Қайд мегардад, ки технологияҳои навини информатсионӣ – телекоммуникатсионӣ, ки дар худ имкониятҳои мултимедиавиро доро мебошанд, имкон доранд, ки раванди таълимро ғанӣ мегардонанд. Мо дар замоне қарор дорем, ки тағйиротҳои куллӣ дар таълим ба вуҷуд омада истодаанд. Дар замоне ки ҳамарӯза технологияҳои раванди таълим иваз мешаванд, дар як ҷо истодани методҳои таълим имконнопазир аст. Вориднамоӣ ва истифодаи методҳои таълим бо истифода аз технологияҳои информатсионӣ-коммуникативӣ таълим дар назди омӯзгор вазифаи муҳимеро мегузорад, ки он дар натиҷаи таъминотҳои аппаратию барномавӣ имкон дорад. Ҳар як давраи информатсиякунонӣ ду шохаро дар бар мегирад: падидаҳои технологӣ ва рафти инноватсиониро, яъне ташкили усулҳои нави идоракунии ин технологияҳоро. Барои омӯзиши технологияҳо ва усулҳои истифодабарии онҳо информатика хизмат менамояд, солҳои охир бошад, дар МТ олӣ фанни методикаи таълими информатика ва методикаи таълими технологияҳои информатсионӣ мавриди омӯзиш қарор ёфтааст. Дар мақола зарурияти истифодаи технологияҳои мултимедиавии таълим асоснок карда шудааст.

Калидвожаҳо: мултимедиа**,** лоиҳаҳои таълими бефосила, таълими масофагӣ, презентатсияҳои мултимедиавӣ, таълими технологӣ, информатсиякунонӣ, падидаҳои технологӣ, рафти инноватсионӣ, аниматсия, муҳити интерактивӣ.

МУЛЬТИМЕДИЙНЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И НЕОБХОДИМОСТЬ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

В статье рассматриваются понятие мультимедиа, мультимедийные технологии в учебном процессе и мультимедийные инструменты. Отмечается, что новые информационные и телекоммуникационные технологии, обладающие мультимедийными возможностями, повышают технологический процесс и уровень наглядности обучения. Мы живем в то время, когда в образовании происходят радикальные изменения. В условиях, когда технология образовательного процесса меняется каждый день, невозможно комбинировать методы обучения. Внедрение и использование методов обучения с использованием информационных технологий в образовании ставит перед учителем важную задачу, которая возможна в результате аппаратного и программного обеспечения. Каждый этап информатизации включает в себя две отрасли: технологические явления и инновационный процесс, т.е. создание новых методов управления этими технологиями. Информатика служит для изучения технологий и методов их использования, и в последние годы в высшем учебном заведении изучается предмет методов обучения

информатике и методов обучения информационным технологиям. В статье обсуждается необходимость использования мультимедийных образовательных технологий.

Ключевые слова: мультимедиа, проекты непрерывного образования, дистанционное обучение, мультимедийные презентации, технологическое образование, информатизация, технологические явления, инновационный процесс, анимация, интерактивная среда.

MULTIMEDIA TECHNOLOGIES AND THE NEED FOR THEIR USE IN THE LEARNING PROCESS

The article deals with the concept of multimedia, multimedia technologies in the educational process and multimedia tools. It is noted that new information and telecommunication technologies with multimedia capabilities increase the technological process and the level of visualization of education. We live at a time when radical changes are taking place in education. In conditions when the technology of the educational process changes every day, it is impossible to combine teaching methods. The introduction and use of teaching methods using information technology in education poses an important task for the teacher, which is possible as a result of hardware and software. Each stage of informatization includes two branches: technological phenomena and the innovation process, i.e. creation of new methods for managing these technologies. Informatics serves to study technologies and methods of their use, and in recent years the subject of teaching methods of informatics and methods of teaching information technologies has been studied at a higher educational institution. The article discusses the need to use multimedia educational technologies.

Key words: multimedia, continuing education projects, distance learning, multimedia presentations, technology education, informatization, technological phenomena, innovation process, animation, interactive environment..

Маълумот оиди муаллифон: ***Гулова Маърифат Табаровна*** **–** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои физикаю математика, дотсент. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 888555395.**

Ибрагимов Одилҷон Комилҷонович - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгор. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 909-95-18-18.**

Сведения об авторах: ***Гулова Марифат Табаровна*** - Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава, кандидат наук, доцент. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **(+992) 888555395.**

Ибрагимов Одилжон Комилжонович - Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава,преподаватель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г. Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **(+992) 909-95-18-18.**

Information about the authors: ***Gulova Marifat Tabarovna*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, candidate of sciences, associate professor. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st. Aini, 67. Phone: **(+992) 888555395.**

Ibragimov Odiljon Komiljonovich - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, lecturer. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, st. Aini, 67. Phone: **(+992) 909-95-18-18.**

УДК 37.013

САЛОҲИЯТНОКИИ МУАЛЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БОЛОРАВИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Марофиев Фирдавс
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳон босуръат пеш меравад ва рӯз аз рӯз истифодабарии дастовардҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба назар мерасад, омода кардани муаллимони салоҳиятноки фанни технологияҳои иттилоотӣ вазифаи аввалиндараҷаи донишгоҳҳо ва аҳли маорифу илм ба шумор меравад. Бесабаб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020 – 2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон накардаанд [5]. Дар шароити кунунӣ боло бардоштани салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни технологияи иттилоотӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ масъалаи мубрам ва мутобиқ ба талаботи замон ба шумор меравад. Доир ба масъалаи салоҳияти касбии омӯзгорони фанни технологияҳои иттилоотӣ олимони ватанияву хориҷӣ таҳқиқоти арзишмандро ба сомон расонидаанд, ки метавонем аз таҳқиқоти В.Г. Шевченко [10], О.Ю.Тимофеева [9], Э. А. Тарамова [8], Н.Абдуллозода [1], С.Сафаров [7] ва дигарон ёдовар гардем. Аксарияти мақолаҳои дар мавзӯи салоҳиятнокии касбии омӯзгорон таълифгашта перомуни истифодабарии технологияи иттилоотӣ ҳангоми гузаштани ин ё он фан мебошанд. Аммо мақолаҳо ва маводҳо доир ба салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни технологияҳои иттилоотӣ миқдоран каманд ва он маводу мақолаҳое, ки дар хориҷа доир ба ин масъала таълиф гаштаанд, мумкин аст, ки дар муҳити кунунии Тоҷикистон то андозае мувофиқат накунанд. Дар масъалаҳои назариявии салоҳиятнокии муаллими фанни технологияи иттилоотӣ умумияти куллӣ ба назар мерасад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ барои таъмини мактабҳои кишвар бо технологияҳои иттилоотӣ чораҳои амалӣ меандешад. Бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 443 аз 20.09. 2017 дар марҳилаи нав «Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гаштааст [4]. Мутобиқи банди 12-и барномаи номбурда баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон бо таҳияи курсҳои бозомӯзӣ ба назар гирифта шудааст [3]. Шароити кунунӣ аз муаллимони фанни технологияи иттилоотӣ талаб мекунад, ки ду маротиба бештар салоҳият дошта бошанд. Якум, дар доираи касби худ технологияҳои иттилоотиро хуб донанд, малакаю маҳорати кор бо онҳоро дошта бошанд, маърифати иттилоотии баландро соҳиб гарданд. Дар баробари ин, методикаи анъанавии гузаштани дарсҳоро аз худ намоянд. Ба андешаи О.Н. Пенкина, шароити рушдёбандаи технологӣ дар назди муаллимони фанни технологияи иттилоотӣ салоҳиятҳои навро гузоштааст, ки аз инҳо иборатанд:

Саводнокии иттилоотӣ – малакаи кор карда тавонистан бо намудҳои гуногуни иттилоот новобаста аз шароити дастрасӣ ба онҳо, коркард ва паҳн карда тавонистани маълумот.

Салоҳияти иттилоотӣ – малакаи истифода бурда тавонистани технологияҳои иттилоотӣ барои гирифтани иттилоъ, идентификатсияи он, коркард, арзёбӣ ва таҳияву интиқоли иттилоот [6].

Ташкил ва гузаронидани дарсҳо бо истифода аз технологияи иттилоотӣ дар шароити кунунӣ барои тарбияи насли навраси замони оянда нигаронида шудааст.

В.Г. Шевченко таъкид мекунад, ки сохтори салоҳияти касбии муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ то кунун пурра муайян нагаштааст. Аммо се самти асосии сохтори салоҳиятнокии касбии муаллими технологияи иттилоотиро ӯ тавзеҳ додааст, ки инҳоянд: фаннӣ, методӣ ва салоҳиятнокии истифодабарии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (минбаъд - ТИК) [10, с.3]. Дар қисмати салоҳиятнокии фаннӣ гуфтан мумкин аст, ки ин муаллиф донистани фанни таълимдодашаванда ва асосҳои онро дар назар дорад. Салоҳиятнокии методӣ бошад, донистани усулҳои муосир ва ба хонандагон фаҳмои омӯзонидани фанни таълимӣ мебошад. Воқеияти замони мо чунин аст, ки ҳар сари чанд муддат моделҳои нав ва ҳам таҷҳизоти нави компютерӣ ва иттилоотӣ ба вуҷуд меоянд. Дар мактабҳо мумкин аст, ки технологияи иттилоотии куҳнатар мавҷуд бошад. Аммо муаллими фанни технологияи иттилоотӣ вазифадор мебошад, ки навгониҳои техникиро омӯзад. Мумкин аст, ки падару модарон ҳамон таҷҳизоти иттилоотиро ба фарзандашон харидорӣ кунанд, ки навтарин аст. Дар ин ҳолат хонандаи мактаб чизеро аз техникаи нав савол диҳад ва муаллими дарсдиҳанда ба он ҷавоб дода натавонад, пас дар назди шогирдонаш эътибораш гум мешавад. Барои ба саволҳои хонандагон посух гардонидан муаллимро зарур аст, ки пайваста дар пайи омӯзиш ва шиносшавӣ бо технологияҳои навбаромади иттилоотӣ бошад. Бо такмил додани чунин салоҳият муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ дар назди шогирдон ва ҳамкасбон соҳиби эътибор мегардад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ муаллимро зарур аст, ки дар такмил додани касби худ, доимӣ дар омӯзиш ва мутолиа бошад.

А.Н.Афзалова дар мақолааш дуруст қайд кардааст, ки барои ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ба таври назаррас технологияҳои иттилоотӣ таъсир мерасонанд. Таносуби вазифаҳои дидактикӣ дар шароити низоми «педагог – ТИК – омӯзанда» тағйир меёбад [2, с. 242]. Барои воқеан салоҳиятнок гаштани муаллимон ӯ чор самти донишҳои заруриро муайян кардааст, ки дар маҷмӯъ онҳо метавонанд салоҳияти касбии муаллимонро ба нуқтаи мантиқии поёнрасӣ оварда расонанд. Дар ин ҷо он нуктаҳоро меорем:

1. **Донишҳои умумидидактикӣ**. Дар ин самт ӯ донистани тарзи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии таълимӣ, навъҳои мухталифи компютерҳо, тарзи дурусти истифодабарии онҳо, ҳолатҳои равонии истифодаи ТИК, мафҳумҳои асосии самаранокии истифодаи ТИК дар раванди таълим, шаклҳои асосии ташкили дарсро дар назар дорад [2, с. 243].

2**. Малака ва маҳорати умумидидактикӣ.** Донистани ҷой ва мақоми истифодабарии ТИК дар раванди таълим, истифодабарии имкониятҳои дидактикии ТИК, дарёфти усулҳои самараноки дарсдиҳӣ бо истифода аз ТИК, ба тариқи шифоҳӣ нақл карда тавонистани муҳтавои маводи таълимӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории мавод ва ғ. [2, с. 243].

3. **Донишҳои махсус.** Маъмулан, муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ доир ба хусусиятҳои техникии ТИК, планшет, воситаҳои пайвасткунӣ ба шабакаи Интернет, дуруст ба роҳ мондани алоқа, истифодабарии проекторҳо ва амсоли инҳоро бояд донад. Муаллими фанни технологияи иттилоотӣ бо донишҳои махсуси соҳавияш метавонад, ба муаллимони дигари мактаб раҳнамоӣ кунад. Тарзи истифодаи ТИК-ро ба ҳамкасбонаш омӯзонад.

4. **Малака ва маҳорати махсус.** Малака ва маҳорати махсус доштани муаллими фанни технологияи иттиллотӣ дар он зоҳир мегардад, ки қоидаҳо ва имкониятҳои

дидактикии истифодабарии ТИК-ро дар дарс медонад. Вай бояд сохта тавонистани барномаҳои махсуси таълимиро фаро гирад, тариқи алгоритмҳо пешниҳод кардани маводи таълимиро коркард кунад, самаранокии дарсҳоро таҳлил карда тавонад [2, с. 243]. Ба андешаи ӯ, танҳо бо фаро гирифтани ин чор чиз муаллим метавонад донишҳояшро дар самти истифодабарии ТИК ва дигар воситаҳои техникии таълим ба таври мантиқӣ мукаммалшуда ҳисоб кунад. Андешаҳои муаллифи мазкурро ҷонибдорӣ карда мегӯем, ки ба ғайр аз ин чор унсур муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ ҳамзамон барои боло бардоштани салоҳияти касбияш донандаи хуби педагогика ва психология буданаш зарур аст. Муҳим аз ҳама, бо равандҳои таъсири манфии психологии бозиҳои компютерӣ ба ташаккули хонандагон вобаста ба синну солашон маълумот дошта бошад.

Дар боло зикр кардем, ки барои баланд бардоштани маҳорату малака ва дониши касбӣ омӯзгори фанни технологияҳои иттилоотӣ бояд пайваста омӯзад. Дар Тоҷикистон гоҳо дар рӯзномаи «Омӯзгор» ва ё маҷаллаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ мақолаҳо ба нашр мерасанд. Дар маҷаллаҳои илмӣ ҳам доир ба масъалаҳои марбут ба таълими фанни технологияи иттилоотӣ мақолаҳо нашр мешаванд. Аммо барои муаллиме, ки дар деҳот дарс мегузарад, дастрасӣ ба чунин маҷаллаҳо душвор аст. Аз ин рӯ, зарурият ба вуҷуд омадааст, ки дар пойгоҳи сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Академияи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон сомона ва ё саҳифаи махсус барои муаллимони фанни технологияҳои иттилоотӣ таъсис дода шавад. Дар ин сурат донишҳои касбӣ ва ҳам салоҳиятнокии муаллимони фанни номбурда боло бурда мешавад. Ба омӯзгорони фанни технологияҳои иттилоотӣ ташаккул додани салоҳиятҳои зерин тавсия дода шудааст:

1. мавҷудияти тасаввуроти умумӣ доир ба имкониятҳои истифодаи ТИК дар раванди таълим;
2. доштани тасаввурот доир ба аҳамият ва вазифаҳои салоҳиятнокии педагог, сохтори шабакаҳои локалии шабакавӣ ва истифодабарии онҳо дар раванди таълим;
3. ташкил карда тавонистани фазои иттилоотӣ барои худ дар интерфейси системаҳои оператсионӣ;
4. истифода карда тавонистани маводи методӣ бо истифода аз технологияҳои идоравӣ;
5. истифодаи дуруст аз шабакаи интернет ва манбаъҳои иттилоотии дар интернет мавҷуда, ташкил карда тавонистани дарс тариқи интернет дар намуди фосилавӣ [6].

Дар барорбари ин, муаллими фанни технологияи иттилоотӣ бояд ба ҳар гуна шароит омода бошад. Масалан, соли 2020 пандемияи Ковид 19 саросари ҷаҳонро фаро гирифт, ки дар бисёр мамлакатҳо барои хонандагони мактабҳо дарсҳои фосилавӣ ташкил гардиданд. Дар ин гуна ҳолат муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ метавонад, ки ба ҳамкасбонаш кумаки беҳтаринро дар ташкили дарсҳои фосилавӣ, таъмини алоқа бо хонандагон ва амсоли инҳо расонад. Дар ин гуна мавридҳо барои он ки омӯзгор ба мушкилӣ дучор нагардад, пеш аз ҳама, бояд ҳамқадами замон бошад.

Дар шароити кунунӣ воситаҳои таълимии нав, ки тавассути ТИК онҳоро дар раванди таълим ҷорӣ кардан талаб мегардад, зиёд гаштаанд. Пойгоҳҳои электронии таълимӣ арзи ҳастӣ мекунанд, маводи аудиоӣ ва видеоии таълимӣ торафт васеъ паҳн гашта истодаанд, ки аз як тараф фаро гирифтани онҳо ба ҳамаи муаллимон зарур аст, аз тарафи дигар, барои боло бардоштани донишҳои махсуси соҳавӣ ба муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ зарур аст, ки дастовардҳои навтарини илмӣ ва техникӣ, методӣ ва дидактикиро дошта бошад. Танҳо муаллиме, ки салоҳиятнокии касбияш дар таълими фанни технологияҳои иттилоотӣ баланд аст, дар ҷомеаи рушдкунанда метавонад, ки мавқеи худро дар фазои таълимӣ пайдо кунанд ва шогирдони ба талаботи замон мувофиқро омода гардонад. Аз ин хотир, новобаста аз он ки дар мактаби хусусӣ ва ё умумӣ, шаҳр ва ё деҳот дарс медиҳад, омӯзгор бояд барои баландбардории салоҳиятнокияш заҳмат кашад. Танҳо муаллими салоҳиятнок метавонад шогирдони босалоҳиятро таълиму тарбия дода, барои рушди минбаъдаи насли наврас заминаи даркориро гузорад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозода Н. Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи асосии ташаккули салоҳияти донишҷӯён / Н.Абдуллозода// Паёми пажӯҳишгоҳи маориф. – 2020. – № 1 (29). -С. 157. – 160.
2. Афзалова А.Н. Новые информационные технологии обучения и профессиональная компетентность педагога / А.Н.Афзалова // Информатизация образования в Республике Татарстан: опыт, проблемы, перспективы. Материалы республиканской научно-практической конференции. Часть 1. – Казань: Таглимат, 2006. – С. 242 – 245.
3. Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» [Манбаи электронӣ]. URL:

https://maorif.tj/storage/Dokument's/0910bed2bc375c5f822831c11ab02708.pdf (Санаи истифодабарӣ: 06.12.2020).
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» аз 29.09.2017 № 443. [Манбаи электронӣ]. URL: https://maorif.tj/storage/Dokument's/0910bed2bc375c5f822831c11ab02708.pdf (Санаи истифодабарӣ: 06.12.2020).
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/21975 (Санаи истифодабарӣ: 05.12.2020).
6. Пенкина О.Н. ИКТ - компетентность учителья информатики как фактор повышения качества образования в соответствии с современным требованиям. [Электронный ресурс]. URL: https://nsportal.ru/shkola/informatika-i-ikt/library/2019/03/18/ikt-kompetentnost-uchitelya-informatiki-kak-faktor (дата обращения: 05.12.2020 г.)
7. Сафаров С. Функсияҳои дидактикии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими геометрия / С.Сафаров // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2020. - № 2 (30). -С.99-96.
8. Тарамова Э. А. Роль информационных технологий в профессиональной подготовке будущих учителей информатики / Э.А. Тарамова //Профессионализм учителя в информационном обществе: проблемы формирования и совершенствования: материалы международной научно-практической конференции 3–4 ноября 2013 года. – Прага : Vědecko vydavatelské centrum «Sociosféra-CZ», 2013. – С. 73 – 75.
9. Тимофеева О.Ю. Профессиональная компетентность педагога в условиях Школы будущего / О.Ю. Тимофеева // Повышение профессиональной компетентности работников образования: актуальные проблемы и перспективные решения. – М., 2010. -С.99 – 103.
10. Шевченко В.Г. Облачные технологии как средство формирования икт-компетентности будущих учителей информатики: автореф.дис. …канд.пед. наук: 13.00.02 / В.Г. Шевченко. – М., 2016. – 26 с.

САЛОҲИЯТНОКИИ МУАЛЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИНФОРМАТСИОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ БОЛОРАВИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар мақола доир ба масъалаҳои салоҳияти касбии муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ сухан ба миён омадааст. Муаллиф доир ба масъалаи салоҳиятнокии муаллими фанни технологияҳои иттилоотӣ таваққуф карда, андешаҳои олимони русро дар ин замина таҳлил мекунад. Вай таъкид мекунад, ки то кунун мафҳуми салоҳиятнокии касбии муаллими технологияҳои иттилоотӣ дар илм комилан муайян нагаштааст. Дар баробари ин гуфта мешавад, ки сохтори салоҳияти касбии муаллимони фанни технологияи иттилоотиро муайян кардаанд. Муаллиф андешаҳои назариявии бехтаринро таҳлил намуда, дар ин замина фикри худро баён кардааст. Дар шароити кунунӣ барои ташаккул додани салоҳияти касбии омӯзгорони фанни технологияҳои иттилоотӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Яке аз салоҳиятҳои касбии омӯзгори фанни технологияҳои иттилоотӣ пайваста омӯхтан ва аз худ кардани маълумоти нави соҳавӣ, методӣ ва дидактикӣ аст. Аз ин хотир, муаллиф пешниҳод мекунад, ки дар заминаи сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар сомонаҳои дигари расмӣ саҳифа барои омӯзгорони фанни технологияҳои иттилоотӣ таъсис дода шавад ва муҳити созгор барои ҳамкориҳои муаллимон дар ҳудуди кишвар фароҳам оварда шавад. Дар мақола муаллиф салоҳияти афзалиятноки касбии омӯзгори фанни технологияҳои иттилоотиро дар пайваста омӯхтан медонад.

Калидвожаҳо: салоҳиятнокии муаллим, технологияҳои иттилоотӣ, ТИК, педагогикаи информатсионӣ, асосҳои дидактикӣ, маҳорати касбӣ, малакаи дидактикӣ, таълими технологияҳои иттилоотӣ, равоншиносии касбӣ, сифати таҳсилот.

КОМПЕТЕНТНОСТЬ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ КАК ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с профессиональной компетентностью учителей информационных технологий. Автор обсуждает компетенцию учителя информационных технологий и анализирует взгляды российских ученых на этот счет. Он подчеркивает, что понятие профессиональной компетентности учителя информационных технологий в естественных науках до сих пор полностью не определено. При этом определена структура профессиональной компетентности учителей информационных технологий. Автор анализирует лучшие теоретические идеи и на их основе высказывает свое мнение. В сложившейся ситуации Правительством Республики Таджикистан приняты необходимые меры для развития профессиональной компетентности учителей информационных технологий. Одна из профессиональных компетенций учителя информационных технологий - постоянное изучение и приобретение новой отраслевой, методической и дидактической информации. В связи с этим автор предлагает создать страницу для учителей информационных технологий в Таджикистане на сайте Министерства образования и науки Республики Таджикистан или на других официальных сайтах и создать благоприятную среду для сотрудничества учителей в стране. В статье автор считает, что учителя информационных технологий постоянно должны работать над собой, повышать свою профессиональную компетентность, потому что день ото дня происходит техническое развитие, без знания которого сложно обучать учеников.

Ключевые слова: компетентность учителя, информационные технологии, ИКТ, информационная педагогика, дидактические основы, профессиональные навыки, дидактические навыки, обучающие информационные технологии, профессиональная психология, качество образования.

COMPETENCE OF INFORMATIONAL TECHNOLOGY TEACHERS AS A FACTOR OF INCREASING THE QUALITY OF EDUCATION UNDER MODERN CONDITIONS

The article under consideration dwells on the issues beset with professional competence of informational technology teachers. The author considers the competence of informational technology teacher and, in reference to it, he analyzes Russian scientists` views. The author lays an emphasis upon the idea that the notion of professional competence aimed at informational technology teachers in exact sciences is still not determined, on the whole. At the same time, the author of the article reveals the structure of professional competence of informational technology teachers. In his article the author conducts an analysis dealing with the best theoretical ideas and expresses his own opinion on their basis. In the relevant

situation, Tajikistan Republic Government has taken the needed measures to develop the latter in question. One of the professional competencies of an informational technology teacher is the constant study and acquisition of new industry, methodological and didactic information. In this regard, the author proposes creation of a page for teachers who teach informational technology in Tajikistan on the website of the Ministry of Education and Science under Tajikistan Republic or on other official websites and creation of a favorable environment for cooperation of teachers in the country. The author considers the priority professional competence of an informational technology teacher to constantly engage, because day by day there is technical development, without the knowledge which it can be difficult to teach students in the given article.

Key-words: teacher competence, informational technology, ICT, informational pedagogy, didactical grounds, professional skills, didactical skills, teaching informational technology, professional psychology, quality of education.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Марофиев Фирдавс Муқимович*** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, ассистенти кафедраи технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт.. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1 E-mail: f**.marofiev@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Марофиев Фирдавс Мукимович*** – Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, ассистент кафедры информационных технологий в экономики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худж анд, 17 микрорайон, дом1. E-mail: **f.marofiev@mail.ru**

Information about the author: ***Marofiev Firdavs Muqimovich*** **-** Tajik State University of Law, Business and Politics, assistant of the department of informational technologies in economy. **Address:** 735700, Tajikistan, Khujand city, 17 microdistrict, building #1. E-mail: **f.marofiev@mail.ru**

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ

Кушматов Абдували Политика российского царизма в вопросах мусульманского учебного заведения - медресе туркестанского края (на материалах Ходжентского уезда)…….……. *5*

Комилова Х.Г. Эволюция внешней политики Республики Таджикистан на рубеже XX-начале XXI век.. *10*

Сулаймонова А.М. Вопросы изучения истории формирования таджикской дипломатии..... *16*

Рахимов К. Х. Вклад Шанхайской Организации Сотрудничества в обеспечение глобальной безопасности и укрепление многополярного миропорядка…….. *20*

Мунавваров М., Ибрагимов М. Кризис западной неолиберальной демократии на современном этапе…. *30*

Джеенбекова С.С. Ментальность и политические реалии постсоветского Кыргызстана…… *39*

Собирова К.Д. Гуманитарная деятельность Фонда Ага Хана в ГБАО в 90-ых годах XX столетия……. *44*

Нурматова М.Р. Развитие средств связи и внедрение новых технологий в работе почтовой службы, телеграфа и телефонной связи периода 50–60 –х годов xx века в северных районах Таджикистана…….. *48*

Ходжибеков Э.Х. Вклад уроженцев ГБАО в развитие науки Таджикской ССР (1981-1991гг.)……..…… *51*

Джалилов М. Ш, Алимов Д.Х. . Проблема трудоустройства хатлонцев - мигрантов в регионах Российской Федерации ……..……... *57*

Нуриддинов Р.Ш. Анъанаҳо: муносибатҳои байналхалқӣ дар таърихи афкори иҷтимоиву сиёсӣ *62*

Турсунов Т.Х. Тоҷикистон-Ҳиндустон: заминаҳо ва афзалиятҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ (с. 1992-2007)…….……. *69*

Мирзоев Ҷ. А., Асомиддини Абдулмумин Инъикоси ҳамкориҳои тоҷикистон бо созмони милали муттаҳид дар таърихнигории ватанӣ…….. *75*

Қаландаров Ф.Ҷ. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар рушди соҳаи илм…… *81*

Меъроҷиддини Насридин, Воҳидов Н.Ҳ. Дурнамои рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар чорчӯбаи сохторҳои минтақавӣ..... *85*

Ҷумаева П.А Густариши равобити фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (1992-2003)..... *91*

Ғаффорзода Фарзона Иҷлосияи сарнавиштсози XVI – заминаи аслии таҳкими давлатдории навини тоҷикон…… *95*

Салимзода Марворид Нақши ДМТ дар гузаронидани ҳамоишҳои байналмилалӣ..... *100*

Иброҳимзода Фарзонаи Иброҳим Омили гуманитарӣ дар робитаҳои байнидавлатии Туркия ва Тоҷикистон…… *103*

Эгамбердиев С.Л. Нақши сарфармондеҳи олии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали Артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсиси қӯшунҳои сарҳадӣ *107*

Давлатшоев Р.Ҳ. Муаррихи асил Академик Мулло Эркаев *112*

Шикебо Соҳибзода Вузарои маъруфи хуросонӣ дар аҳди Салҷуқиён…… *116*

Самадов С.Б. Вазъи ҳунармандӣ дар замони қадим ва асрҳои миёна…….. *120*

Ҳомидзода Ф.М. Ташкилёбии аввалин хоҷагиҳои аграрӣ дар Тоҷикистони шӯравӣ…… *126*

Файззода Рамазон Хурсанд, Баротова С.Ҷ. Таърих ва сохтори хоҷагиҳои ҷангали Тоҷикистон *130*

ФАЛСАФА - ФИЛОСОФИЯ

Холматова Л.Ю. Социокультурные позиции таджикской молодежи: социологический анализ политической и правой культуры……. *134*

Акилова М.М. Проблемы взаимоотношений религиозной и светской культуры в современном Таджикистане……. *143*

Одинаев М.С. Антропологические воззрения Афзалиддина Кашани..... *149*

Джураев М.Б. Сравнительный анализ антропологии Абубакра Рази и Абу Насра Фараби (степень изученности проблемы)…… *155*

Махмаджонова М.Т., Тоиров Э.М. Анализ языковой идентичности коренных таджиков Китая в культурно-философском ракурсе……. *161*

Ходибоева А.А. Религиозная идентичность в современной культурной антропологии *166*

Самадов Х.Х. Эволюция теории социальной девиации в рамках российской, советской и постсоветской криминологии…… *170*

Пиров А.К. Таносуби омилҳои объективӣ ва субъективӣ дар раванди амалҳои муштараки этникию фарҳангӣ..... *175*

Амонатова Ф.Қ. Ақидаҳои ирфонию Ахлоқии Абдураҳмони Ҷомӣ дар "Баҳористон"..... *181*

Муминов А.И., Наврузов И.С. Қобилият ва роҳҳои ташаккули он дар хизматчиёни ҳарбӣ..... *186*

Ғаниев Т.Б., Хоҷаалиев Ф.А. Асосҳои назариявӣ – методии идоракунии фарҳанги созандагӣ дар менеҷменти муосири касбӣ..... *190*

Мамадҷонова М.Д. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон..... *193*

Давлатов А. Ш. Сабабҳо ва сатҳи хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ..... *197*

П Е Д А Г О Г И К А

Шарифзода Файзулло, Хужаев У.Ш. Практика формирования готовности будущего тренера к профессиональной деятельности в условиях личностно-ориентированного подхода…… *203*

Ходжиматова Г.М., Нагзибекова М.Б., Амирова П.Н. Совершенствование русской речи студентов

национальных групп на основе информационно-коммуникационных технологий…….. 209
Файзуллаева М.М., Бобизода Г. М. Лабораторная работа как форма обучения химии в условиях компетентностного подхода…….. 213
Файзуллоев Ф.Р., Мирзоев Р.Р. Историко-педагогические предпосылки компетентностного подхода в профессиональном образовании…….. 217
Курбанова П.М., Рузиева Л.Т. К вопросу о лингвокультурологической направленности образования….. 222
Саидов С. А., Ходжиева Г.Ш. Интернет-ресурсы на уроках русского языка в таджикской школе…….... 226
Каримова И.Х., Пирова С.Н. Еще раз о взаимодействии педагога и учащихся в общеобразовательном учреждении……. 230
Ибрагимова И.А. Использование интерактивных образовательных технологий на занятиях по русскому языку на экономическом факультете…….…. 233
Отаева М.А. Методика организации и проведения мастер-класса преподавателями педагогического вуза……. 239
Ходжаева М.Дж., Ишматова Ш.А. Обучение иностранному языку с помощью интерактивных технологий…… 244
Ашурова Ш.К., Холмуродов Ф.Р. Проблемное обучение как средство мотивации студентов при обучении русскому языку…….. 247
Рахматуллаева М. Н Состояние и основные направления подготовки будущих учителей в умении оперировать методами анализа и синтеза в педагогической деятельности…….…… 251
Олимова Г.С. Эффективность взаимодействия школы и производства по нравственному воспитанию в процессе практической деятельности старшеклассников……..… 257
Азимова М.А. Шаклҳо ва усулҳои омода намудани менеҷерони сайёҳӣ дар шароити Тоҷикистон... 263
Азизов А.А., Таирова М.М. Истифодаи санъати ороишӣ - амалӣ дар рушди малакаҳои эҷодӣ ва завқи зебоипарастии мутахассисони ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ..... 267
Масолиев А.С., Азизов А.А. Муаммо дар ташаккули шахсияти эҷодии муаллимони ояндаи санъати тасвирӣ дар таълими фанни наққошӣ - нақшу нигори миллӣ..... 270
Маҷидова Б., Мақсудов З.О.Шартҳои дидактикии ташкили таълими ба амалия тамоюлдоштаи хонандагон..... 276
Таирова М.М., Узбекова М.А. Усул ва воситаҳои рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими санъати ороишӣ – амалӣ..... 279
Бобоева С.Б., Луфов М.Т. Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни халлоқияти шахс дар психологияи муосир 283
Абдусамадзода Б.А. Технологияи ташаккули тарзи ҳаёти солим..... 288
Азимова Ш.Р., Холназаров С., Азимов Р.Р., Назаров А.О. Ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӢ тавассути таълими интерактивӣ..... 291
Калонова М.Я. Ташаккули муносибати мактаббачагон ба муҳити зист бо воситаи саёҳати таълимӣ 297
Саидзода Б.Х. Таъсири талоқ ба раванди ташаккулёбии шахсияти кӯдакон..... 299
Шарофов Э.У. Усулҳои истифодаи воситаҳои техникии таълим дар дарси таърих……..… 302
Абдураҳмони Муҳаммадӣ Муҳтаво ва моҳияти тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ…. 306
Қодирова Д. Т., Тошматов А.Д. Омӯзиши амиқи физикаи молекулавӣ дар синфҳои болоии мактаби миёна…….. 310
Раҷабова Н.М., Шарипов А.А.Баъзе принсипҳои ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқии донишҷӯён …… 313
Бурҳонов Қ.Т. Методи алгоритмӣ ва мавқеи он дар таълими курси математикаи синфҳои ибтидоӣ 317
Нуралиев М. Акмеология чун шарти баланд бардоштани сифати маълумот…… 322
Хуҷаев П.С., Музафаров Н.А. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар мактаби ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 325
Манонова Р.А., Раҳимова Г., Ҷӯраева Н.З.Тарбияи бачагон дар оила, мактаб ва ҷомеа 328
Муҷтабо Маҳфуз Баррасии осор ва пайомадҳои равоншиноҳтӣ ва иҷтимоии шеваҳои тарбияти мустабидона ва озодманиш……..... 333
Раҳматуллоев Н.Р. Нақш ва мақоми санъат дар ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ дар мактаббачагон..... 338
Гулова М.Т., Ибрагимов О.К. Технологияҳои мултимедиавӣ ва зарурияти истифодабарии он дар ҷараёни таълим..... 342
Марофиев Фирдавс Салоҳиятнокии муаллими технологияи информатсионӣ ҳамчун омили болоравии сифати таҳсилот дар замони муосир……..... 346

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8-10 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

2020. №8

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 44,125 усл. п.л. 44,125
Подписано в печать 29.10.2020 г. Заказ №2020/30-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.